САФАРАЛӢ КЕНҶАЕВ

ТАБАДДУЛОТИ ТОҶИКИСТОН

Китоби дуюм

Тошканд
"Ӯзбекистон"
1994

САФАРАЛӢ КЕНҶАЕВ

ТАБАДДУЛОТИ ТОҶИКИСТОН

Китоби дуюм

Тошканд
"Ўзбекистон"
1994

66.3(2)6
К 45

Муҳаррир Муҳаммад **ФАРЗОД**

К 45 Кенҷаев Сафаралӣ.
Табаддулоти Тоҷикистон: Китоби дуюм. Душанбе, Фонди Кенҷаев, Тошканд, нашриёти "Ўзбекистон", 1994.
496 саҳ.

Китоби Табаддулоти Тоҷикистон бозгўйи идомаи ҳодисаҳои бисёр талху нанги ва қисматсўзи давлату миллати Тоҷикистон аст, ки аз назари собиқ Раиси Шўрои Олӣ ба риштаи тасвир расида. Он парда аз рўйи дасисабозону чоҳхоҳон ва ҳомиёни онҳо, ки Ватанро валангору хуни мардумро ноҳақ резониданд, бармеафканад.

Китоби дуюм шахсияти муаллифро ҳамчун сиёсатмадори варзида, ҳуқуқшиносу чомеашиноси хушсалиқа, зиёёни асил ва дардошнову фаросатманди хушзеҳн бо ҳама ақлу имони тавоно ва шуҷоату тамкини хосааш намоиш медиҳад.

Китоб дастури маҳоқангезест барои сиёсатмадорон ва таърихи арзишмандест дар маърифати худшиносии миллат.

OFFSEINE
TAJI
01577
Kitob 2

К $\frac{0503020912-66}{М\,351\,(04)-94}$ -94

ISBN 5-640-01730-9

© Фонди Кенҷаев, 1994
© Нашриёти "Ўзбекистон", 1994



© Фонды Клочкова,
в коллекции "Узбекистан"

ЭҲДО

Ба шаҳидони ростин, қаҳрамононии ватанпараст ва инсонҳои якрӯву якқавли мардона, ки баҳри дифои давлати қонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хоби абад фурӯ рафтанд.



АЗ МУАЛЛИФ

Номаи дод бар бедод идомаи китоби аввал аст, ки камина ҳодисаҳои талху нангини ба вуқӯъ пайвастаро ба зевари табъ оростам.

Ёдовар мегардам, ки чун дар миёни тамоми ҳодисаҳои пур аз даҳшат қарор доштам, воқеист, ки қиёмҳову ҷунбишҳои хунини ба вуқӯ пайваста аз пеши назарам гузашт. Борҳо бо зиндагӣ падруд гуфтаву чун ашк бар сари мижгони ятимон будаам, вале худованди бузургу тавоно маро маҳфуз дошт. Аз ин рӯ ба даргоҳи яздони пок имондорона шукргузорам, ки зиндаву бедорам.

Медонам, ки ҳодисаҳои сипаришуда мардуми ҷумҳуриро бечораву мусибатзада гардонд ва хуни ҳазорон бегуноҳон рехт, садҳо ҳазор бехонаю дар, фирорӣ аз Ватан шуданд. Табиист, ки ба ифшои ин ҳодисаву воқеаҳо бисьёр адибону муаррихон ва олимони ватаниву хориҷӣ даст хоҳанд зад. Биноан, дар иншои чунин ҳодисаву воқеаҳои талху нангини саргузашти мардуми Тоҷикистон ба ишон имони комил, покии дил аз ғараз ва пиндори нек, андешаи росту гуфтори ҳақро таманно дорам. Омин!

ИФШОГАРИ ҲАВОДИС

Китоби дуюми Сафаралӣ Кенҷаев пеш аз ҳама идомаи мантиқии китоби аввали "Табаддулоти Тоҷикистон" аст. Муаллиф пайваста мӯҷиби нобаробариҳову нобасомониҳои давлати қонуниро бар асари фалаҷ гардидану гуногунзабонии се аркони давлати қонунӣ: Президенту Шӯрои Олӣ ва Шӯрои Вазирон мебинад. Сабабҳои раҳгумзании Раиси Ҷумҳурро то замони саргурезиҳову истеъфои ичбориаш бар асоси далелҳои саҳеҳу муайян ва мушаххас ифшо мегардонад, ки тамоми қабоҳатҳо ва носозгориҳои ба вуқӯъ пайваста, асосан ба таппу талоши гурӯҳи хурди мансабталаб ва ҳаммаромии иддае кӯрдилони норафтароҳи мушовирони пасипардагии Президент амалӣ гардида будаанд.

Муаллиф бар сари қудрат омадани мухолифинро зина ба зина нишон дода, муайян менамояд, ки ҳанӯз аз замони побарҷо будани давлатдории собиқ Шӯравӣ ва Ҳизби абарқудрати коммунист иддае ғаразхоҳон дар чустучӯи роҳҳои барандохтани роҳбарияти асосии Тоҷикистон, ки зодаву парваридаи вилояти Ленинобод буданд, камари номуборак барбастанд. Давву ғеҷи онҳо бар абас нарафт, балки тавассути ғаразхоҳони дохилидарборӣ Ғ. Паллаев ва Г. Бобосодиқова тавонистанд, ки блокҳои марказгурез таъсис намоянд. Биноан тавассути Горбачёв М. С. ибтидо баъди аз сари қудрат дур намудани Набиев Р. шахси бисёр мулоҳизакор ва камҷуръат Қ. Маҳкамов муншии ҳизби коммунист таъин гардид. Дар ин асно маҳз кори мухолифин боло рафт. Воқеан дар дастгоҳҳои давлат теъдоди зиёди одамони нав ворид шуданд, ки аксаран ё аз ҷамъи мухолифин буданд ва ё ҳавохоҳи ин тоифа. Ҳаводиси соли 1991 агарчи зоҳиран ошӯби "мардуми меҳнатӣ" унвон мегирифт, дар воқеъ баёнгари мутлақи таппу талоши мансабталабонаи маҳалгарои мухолифин буд, ки ба кӯрдилиҳои сиёсии ишон ба вуқӯъ пайваст. Ростӣ, ин ошӯб як навъ тамрини ғасб намудани давлат аз ҷониби мухолифин буд, ки соле сипарӣ нагардида аз нав таҷдид ёфт. Ин ҳолат баробари маъракаи интихоботи Раиси Ҷумҳур ба олами воқеъ даст дод. Дар чунин маврид мухолифин агарчи аз нигоҳи сиёсӣ мақсаду маромиҳо надошта бошанд ҳам, вале ба хотири ғасб намудани курсии аввали давлат даст ба дасти ҳам доданд, то дар раъйгирии умумихалқӣ ғолиб омада, ҷилавдори ҷомеа бошанд.

Албатта, ваҳдати онҳо ашки сари мижгони ятимонро ба ёд меовард. Агар ишон ба ғолибият корашон меанҷомид, шояд аввалин қурбонии "навдавлатон" раиси ҷумҳури ба ҷоҳу мансаб нарасидаашон — Давлат Худоназаров мебуд. Модом ки дар амал ин тавр нашуду кори мухолифин ба мағлубияти сиёсӣ анҷомид, ишон на бо роҳи сиёсӣ, балки бо терроррҳову тарсу таҳлукадиҳиҳо дар миёни ҷомеа ба хусус дар шаҳри Душанбеву ноҳияҳои тобеъ ва вилояти Кӯрғонтеппа афтоданд. Аз пайи дарёфтани сабаби ночизу вақти мусоид буданд, то ба коми дил расида бошанд.

Мухолифин хуб медонистанд, ки дар занҷири давлатдории Набиев Р. гиреҳи асосиву нуқтаи пайванд, ки боз намудани он корест сахт мушкилу барандохтанаш амрест камаршикан — Раиси Шӯрои Олӣ С. Кенҷаев мебошад. Биноан тамоми ақлу ҳуши қувваҳои аналитикии дохиливу хориҷии мухолифин ба вораста намудани ин гиреҳ ва шикастани он пайванд равона карда шуд. Дар як муддати кӯтоҳ битавонистанд то Садри Аъзами тасодуфафтода —

Мирзоевро ҷонибдори хеш бинамояд ва баъдан тавассути мушовирини паси пардагӣ аз "одами гурдапур набудани С. Кенҷаев" ва "аз ҷониби ӯ барандохтани Раиси Ҷумҳур" Набиевро тарс диҳанд. Дасисаи мухолифин чун корд ба болои рӯгаи фурӯ хамид. Сабаби андешаҳои мухолифин, ки бо хоҳишу дастури Раиси Ҷумҳур кори Вазорати Дохила ва вазири он Навчувоновро раёсати ШӯроиОлӣ мавриди муҳокима қарор дод, амалӣ гардид.

Дар шоҳидии чанд нафар хоҳиш намудани Кенҷаев аз он ки ҷойҳои ба иззати нафси мардуми Бадахшон мерасида софкорӣ гардида, баъд тавассути телевизион пешкаши тамошобин бошад, ба бадбахтии бузург бар абас рафт...

Майдонишинии мухолифин оғоз гардид. Раиси Ҷумҳур худро ба нодонӣ зад. Раиси Девони вазирон шабистони хешро дар кунҷи бемористони ҳукуматӣ дарёфт. Набарди якка ба яккаи мухолифин бар алайҳи Раиси Шӯрои Олӣ ва раёсати он дарғирифт. Мухолифин тавонист тамоми қувваҳои дохиливу хориҷӣ ва неруҳои аналитикиашро баҳри шикастани девори чиниии давлати Р. Набиев — Раиси Шӯрои Олӣ С. Кенҷаев роҳнамун созад.

Оппозисия тавонист тавассути террору куштор, дуздидани депутатҳову ҷабру ситамҳо сарриштаи қудратро ба даст бирад. Вале амиқан ба тарзи низоми давлатдории "навдавлатӣ" назар афканем, кӯрдиливу ҷоҳилии маҳалгароёнае беш набуд. Биноан, дар ин китоб муаллиф қувваҳои хайрандешу ҷонибдорони ҳукумати ростинро ҳамзамон бар он ҳушдор медиҳад, ки ғофилгиру фирефтаи суханбозону дасисапардозон нагарданд. Аз ҷониби дигар, мансабталошон, ки қанӯз комилан ба мақсади ниҳоии хеш нарасида буданд, дар шаҳри Хоруг мулоқоти зоҳиран сулҳҷӯёна оростанду созишнома қабул намуданд ва ҳамагон баҳри ризоятмандӣ имзо гузоштанд. Бадбахтона ранги имзояшон хушк нагардида, ба ҷои то соати 10 субҳи 3 августи соли 1992 ҷамъ намудани силоҳҳои дар дасти мардум буда, 27 июли 1992 гурди миллии оппозисия бо дастгирии кормандони Вазорати Корҳои Дохилӣ ва ситоди "Начоти Ватан" ба деҳаҳои кӯлобиишини совхоз-техникуми ба номи Куйбишеви ноҳияи Бохтар, ноҳияи Вахш ҳамла оварданд. Яқинан ин ахдшиканӣ ба ҷанги бародаркуш неруи тоза ворид карда, ботинан созишномаро ба бодӣ фано кашид.

Зимни "Мазҳакаи мулоқот" муаллиф саҳнаи қабоҳатбори мухолифиниро, ки коргардони он Акбаршоҳ Искандаров аст, ба риштаи ришхандонаи тасвир баркашида, иддае ичрокунандагони нақшҳои фочиаи миллатро аз қабили В. И. Приписнов, Д. Ашӯров, Ҷ.. Аминов, Акбар Тӯрачонзода бо тамоми тамаллуққову "акочон"— ғӯиҳояшон мавриди тасвир қарор медиҳад. Дар гуф-гӯҳои шахсӣ ҳар кадоми онҳо кӯшиш ба харч медиҳад, ки ӯро зери фишори тарс бигирад, то бори чаҳорум дар рӯйтирии пиҳонии намояндагони мардуми Ҷумҳурӣ ғолиб наояд. Вале кӯшишҳояшон бечораҳолона буд. Пас, Президент баргузор нашудани сессияро "итминон" дод баъди шабона ба Айнӣ баргаштани С. Кенҷаев субҳи рӯзи дигар бо таклифи шахсии ӯ Искандаров А. дар сессия Раиси Шӯрои Олӣ интихоб гардид, ки ин иқдом қонуншиканиии чиноятҳоронае беш набуд.

Муаллиф ба чунин тарз хотима ёфтани корро дар беиродагӣ, ғаправӣ ва дурӯғтӯйии "шоҳ" дида, зимни "иродат надорӣ — саодат мачӯй" тамоми иллатҳои нолоиқи Президент, соҳибчоҳони тасодуфафтодаро ошкор менамояд. Мухолифин дар асоси барномаи ғарҳрезӣ намудаи аналитикҳояш то андозае ба мақсад ноил гардида бошад ҳам, ором нагирифт. Зеро шахсияти маъруфу машҳури дигаре, ки давлати Набиев Р. акнун бар сари ӯ чарх мезад,— Нурулло Ҳувайдуллоев — Додситони кулли Ҷумҳурӣ ифои вазифа дошт. Муаллиф бар асоси далоили мантиқӣ нишон медиҳад, ки мухолифин барои комилан ба амал наёвастани табаддулоти давлатӣ чисман нобуд сохтани Ҳувайдуллоевро тарҳрезӣ намуд. Ин андешаи нангинашонро чокарони зарҳарида мухолифин ба мавриди

ичро расонданд. Дар ин бахш аз ҷониби мухолифин тарзу намуди ба даст даровардани "мурги доно"— ро муаллиф амиқан нишон дода, таҳлилҳову изтироби хешро ба шодравон Н. Ҳувайдуллоев мавридҳои гуфтугӯҳои телефонӣ, ки шоҳидони зиёде дорад, мерасонад. Ҳамин тавр рукни аввал саргурезу рукни сонии пойдории азими давлати Набиев Р. Н. ҷисман нобуд гардид. Дар ҳақиқат занҷири мустаҳками давлатдорияш гусаст. Неруҳои амнияту ҳифзи ҳуқуқ ба якборагӣ пош хӯрданд. Барои мухолифин марҳилаи охири давлатситонӣ фаро расид. Аз ин рӯ тавассути Раиси Шӯрои Олӣ Искандаров А. неруҳои мухолифин таҳти номи "ҷавонони Душанбешаҳр" амал намуда, Президентро дар фурудгоҳи Душанбешаҳр гаравгон гирифтанду ичборан аризаашро ситонида, ӯро ба ҳасби хонагӣ гирифта, дар ду курсии олӣ Искандаровро нишониданд.

Аз ин лаҳза Ҳукумати "муросои миллӣ" комилан бар асоси табаддулоти давлатӣ ба дасти мухолифин гузашт. Террори шахсиятҳои сиёсӣ, аз ҷумла Н. Ҳувайдуллоев, М. Шерализода, С. Сангов ва куштору қатли ом дар вилояти Қӯрғонтеппаву навоҳии ҷануби Тоҷикистон доман паҳн намуд. Биноан, дар назди афроди ҷонсӯзи миллат зарурати таъсиси неруе пеш омад, ки ба чунин харобкориҳову кушторҳо ва бадбахтиҳову бародаркушиҳои воридномудаи мухолифин хотима бахшад. Муаллиф ба ин васила таъсиси Фронти Халқиро, ки дар Искандаркӯл замина гузошта дар шаҳри Турсунзода ба ҳукми қонун расидааст, мавриди таҳлил қарор медиҳад. Далоили муаллиф ҳама воқеиву ҳуҷҷатӣ буда, зимни унвони "Дар ҷустуҷӯи роҳи начот" ва "Оинномаи ФХТ" марому мақсади асосии фронтро мавриди баҳс қарор медиҳад.

Ҷиҳати мароқовари асар он аст, ки муаллиф ҳодисаву воқеаҳоро пайваста аз ҳарду ҷониб дар набарду корзорҳо мебинад, зимни гуфторҳои "Башараҳои сахт нангин", "Гӯрковони Раиси Ҷумҳур", "Кӯрдилон", "Бӯқаламун", "Сари кӯи ту набошад, сари кӯи дигаре", "Хиёнат", қабоҳатандешиҳо ва бародаркушиҳои мухолифинро як-як бармешуморад. Аз ҷониби дигар чораандешиҳову ҷустуҷӯҳои родмардони халқу миллатро баҳри қатъи ҷанги хонумонсӯзи бародаркуш таҳти унвони "Полковник Меркулов Е. А. шоҳиди ҷиноятҳориҳои Искандаров А.", "Набарди родмардон дар Ургутмаҳалла", "Ёрии бедарег", "Гурзкӯбиҳои рустамонаи Фронти халқӣ", "Машварат" ва чанд очерк аз қабили "Дардо, ки рози пинҳон хоҳад шуд ошкоро", "Марги ӯ марги бегуноҳӣ буд", ба шахсияту чораандешиҳои сиёматмадорону шоистамардон чун Н. Ҳувайдуллоев, С. Сангов таваққуф намуда, дар иҷрои вазифаи шаҳрвандӣ ҷонисории ишонро ба риштаи тасвир мекашад. Зимни баёни сифати баргузидаи ӯ муаллиф аз якрӯиву якзабонӣ ва якмаромии ин абармарди ҷовидонаумр сухан меронад, ки чунин шахсият ҷовидона дар дилу дидаи мардум хоҳанд монд.

Дар очерки "Абармарди сиёсат" муаллиф аз марзи Тоҷикистон берун рафта ба хизмати бешоибаву бегаразонаи Президенти давлати дӯсту ҳамсояамон Ӯзбекистон — И. Каримов, ки ҳамшарики халқу миллати тоҷик буда, дар роҳи қатъи ҷанги бародаркуш ҳамчун тавонотарин лидери сиёсатмадори Осиёи Марказӣ кӯшишҳои фаровон ба харҷ додааст, мавриди сипосгузориҳои самимона қарор медиҳад.

Ҳамин тавр китоби сонии "Табаддулоти Тоҷикистон" натиҷаҳои зайлро пеш меоварад:

АВВАЛ. Муаллиф воқеаву ҳодисаҳоро пайваста иброз медорад, ки чунин тарзи нигориш гановати диди таърихнигории ӯро шоиста мегардонад.

ДУЮМ. Мавриди таҳлили ҳодисаву воқеаҳо муаллиф сабаби рухнамоии онҳоро ҷустуҷӯ намуда, неруҳои муқовиматкунандаро дар рӯ ба рӯи ҳам қарор медиҳад, ки ин диди ҷомеашиносиашро ошкору асарашро ҳонданӣ мегардонад.

СЕЮМ. Муаллиф дар таҳлили ҳодисаҳо аз чузъ ба кул ва аз содда ба мураккаб пардохта, ба хулосаҳову натиҷаҳои муҳим даст меёзонад. Яқинан ин

гуна муносибати муаллиф ҷанбаи мантиқӣ ва диди фарохи фалсафии ӯро ошкор мегардонад.

ЧОРУМ. Бар асоси далелу санад пайваста ошкор намудани ҳодисаҳои ба зуҳур омада, ки муаллиф худ иштироккунандаи онҳост, аз фаросати волои олимонаи С. Кенҷаев гувоҳӣ медиҳад.

ПАНҶУМ. Зимни баррасии ҳодисаҳо мурочиати муаллиф ба воқеаву ҳодисаҳои шабеҳи сурат доштаи таърихи ҳазорсолаи халқамон ва марзу буми давлатҳои ҳамҷавор аз паҳнои ҷаҳонбинии мукаммали ӯ хабар мерасонад.

ШАШУМ. Тарзи нигориш ва услуби пешгирифтаи муаллиф хоса аст. Равиши баёну рӯшанӣ каломаш ӯро ҳамчун адиби соҳибзавқ андар миёни аҳли адаб муаррифӣ менамояд.

ҲАФТУМ. Ба сарчашмаҳои мӯътамади давлатдорӣ, аз қабили "Дастур-ул-мулук" "Сиёсатнома", "Ахлоқи мӯҳсинӣ", "Осорул боқия", "Кимиёи Саодат" ва ҳадисҳои Пайғамбар такя задани муаллиф шаҳодат бар онанд, ки ӯ ҳамчун сиёсатмадор мутолиаи пайваста дошта, ҳамчун сиёсатшиноси амиқназар соҳиби фаросати беназир аст. Чунин тарзи муносибати муаллиф ҷавобгӯйи талаботи рӯзгори муосири давлатдории миллии мост.

ҲАШТУМ. Дар гирди С. Кенҷаев ҷам омадани неруҳои адолатхоҳи навоҳии гуногуни ҷумҳурӣ ва аз марзу буми давлатҳои муҳталиф шодихурдагону шефтагони зиёд доштанаш ӯро як тан сиёсатмадори амиқназари тавоно, инсони бебоку дардошно, ҳалолкору боимон ва ҷонсӯзи ростини халқу кишвари азизамон — Тоҷикистон, ки имрӯз шахсияташ беназир аст, муаррифӣ менамояд. Дар ин маврид шахсияти ӯ умумияте ба шахсияти давлатдорону пешгомони ҳаракатҳои ичтимоию сиёсии гузаштагонамон: Яъқубу Лайсу Исмоили Сомонӣ, Абӯмуслиму Муқанна, Бобаки Хуррамдину, Афшини Истаравшанӣ дорад, ки ин мӯҷиби сарфарозии миллати тоҷик хоҳад буд.

Муҳаммад ФАРЗОД,
доктори илмҳои филологӣ,
профессор

Ман дар андеша, ки чун соя кунам бар сари ӯ
Ӯ дар он гам, ки чӣ сон барканад аз бунёдам.

ҲУШДОР

Намедонам, имрӯзу фардо баъди он хиёнатҳо нисбати халқу миллати ҷумҳурӣ, ки солиёни дароз аз хони мубораку муқаддасаш нон хӯрда нондонро шикастаанд, чӣ гуна ва бо кадом рӯ ба чеҳраи ҳузновари мардуми ҷумҳурӣ менигариста бошанду мардум ба онҳо? Худоё, душмани кас аз забони мардум наяфтад... ва шояд иддае бигӯянд: хайр ҳаволаи бад ба худо...

Вале имрӯз касе ҳуқуқи маънавӣ надорад, ки хиёнаткори миллату халқи ҷумҳуриро бишносаду бидонад ва иброз намояд, ки "ҳаволааш ба худо"!

Месазад, ки ҳар як фарди бо ақлу хирад нисбати халқу миллат ва Ҷумҳурии Тоҷикистон оқилонаю дурандешона, ҳақиқатпарастонаю раҳмдилона амал намояд, чунки ҳоло каждумҳои зери бӯрё хело бисёранду дар ҳар гӯшаву канор зери сангу кулӯх хуфта, нигарони онанд, ки чӣ гуна, бо кадом роҳу восита битавонанд неш ба ҷавҳари ҳастии давлат бизананд, миёни ҳамақидагон тухми низоъ коранд, халқро аз давлату роҳбарони сарсупурдаи он дилхунук созанд. Иддаи онҳо кӯтоҳандешии роҳбаронро истифода бурда, ба рӯй, ниқоби дигар кашида, чун мусичаи бегуноҳ дар курсиҳои мансаб нишастаанд, ҳар шому саҳар чун рӯбоҳи маккор дум ҷунбонда, дили роҳбарони ҷумҳуриро нарм намуда, ба худ моил месозанд, ки бори дигар моро ғофилгир сохта, аёну ноаён корҳои таблиғотиву ғайбатгӯйӣ ва хабаркашӣ намуда, миёнамон нифоқ андозанд!

Эй мардум! Ҳушёр будан, ба мунофиқу чоплусу даллагони хабаркаш бовар накардан бояд хислати ҳар яки мо бошад. Зеро мунофиқ (дурӯя) се нишон дорад:

— забону дилаш аз ҳам ҷудост;

— гуфтораш ба кирдораш мухолиф аст;

— ниҳону аёнаш аз ҳам фарқ дорад.

Хулоса, оппозисия дар он рӯзҳо метавонист бо дасти мансабдорони ноустувору чандрӯя ба вазъи ҷумҳурӣ таъсири манфӣ расонида, онро дигаргун созад.

Аз ин рӯ, вазъият дар вилояти Қӯрғонтеппа вазнину тезутунд мешуд, ҷанги хонумонсӯз қатъ намегардид, "ваҳҳобиён" аз амалиётҳои ваҳшиёнаи худ даст намекашиданд, қадру қимати инсон намонда буд. Ҳамаро мекуштанд: тоҷикону

ўзбекон, русзабонону, қазоқу, қирғиз, туркману, тотор, пиру барно, зану мард...

Барои чӣ? Барои ба сари қудрат омадани фундаментализми ислом! Ин мақсади ягонаи онҳо буд. Боре соли 1966, ҳангоми ба қатл расондани яке аз сарварони фундаментализми ислом Саид Қутба дар ҷумҳурии Сурия барои тайёрии содир намудани табаддулоти давлатӣ иброз дошт: "Рехтани хун ин ягона роҳи ба сари қудрат омадани давлати исломӣ мебошад".

Бинобар ин, ба қатл расондани одам аз назари ишон як чизи оддию маъмулӣ буд. Дигар ҷасади мӯъмину мусулмонро касе на кафан мекарду на ҷанозаву гӯру фотиҳа. Бо тележкаҳо, автомашинаҳои боркаш ҷасади одамонро оварда дар чуқуриҳо рехта, болояшро хокпӯш мекарданд. Замин арғувонӣ гашта буд аз хуни шаҳидон. Сагҳои дайду аз гӯшти инсон маст шуда бунданду девона.

Худоё, чӣ бадбахтию бадбинӣ нисбати бандагони мӯъмину мусулмонат офаридӣ?

Чӣ гуноҳе он тифлакони навчашмкушода, ки ҳоло дунёро надида, он пиру барнои поксиришту покдомон, он ҷавонмардони дар дил ҳазору як орзуву ҳавас дошта содир карда буданд, ки тӯфони қаҳру ғазаб, ҷабру ситамро чун жолаборон ба сарашон рехтӣ? Чаро нисбати бандагонат меҳру шафқат зоҳир накардӣ?!

Наузанбиллоҳ! Ин даҳшате буд, ки дар ягон давру замон, ягон халқу миллате, ягон мазҳабе надидаву нашунида буд. Бадбахтиҳои ба сари миллат омада, гиряҳои ҷонгудози модарон ва навҳаҳои то ба фалак расидаи падарону нигоҳҳои маъсуми тифлони бегуноҳи ятиммонда ҳеҷ касро ором наметавонад гузошт. Осудагиву роҳат кайҳо тарки олами ӯ гаштаву бадбахтиву сарсахтиҳои пай дар пай ҳукмрон буд. Дарду мотами кулли инсонҳо, ки дар ин ҷанг ҷигарбандонашонро гум карда бунданд, магар метавонад касеро бетараф гузорад?!

Ин баҳор ба ҷои лолаарӯсакҳои чун чароғакҳо фурӯзон лолаҳои хунин аз захмҳои дили ба армон сар фурӯ бурдаи замин рӯиданд. Чуноне, ки Норинисо гуфтааст:

Хуне, ки рехт дирӯз, хуни ҳазор мард аст,
Пайванди решаи ғам бо нахли доғу дард аст.
Хуни бародарони боору номуси ман,
К-аз баҳри адлу инсоф умрест дар набард аст.

Хуне, ки рехт дирӯз, хун кард қалби моро,
Аз нолаҳои мардум бишкаст санги хоро.

Аз оҳи ҷонгудозу аз сӯзи синаи ман
Мотамсарост имрӯз аз хок то Сурайё.

Дар он шабу рӯз вазъият дар вилояти Кӯлоб хело ором гардида буд. Бинобар ин фарзанди ҷасуру сарсупурдаи миллат Лангарӣ Лангариев, ки сардори ситоди гурди миллии вилояти Кӯлоб буд, роҳбарони гурди миллии ноҳияи Маскав Бӯрихон Ҷобиров, Абдусалом Қурбонов аввалин шуда бо дастаи худ барои дастгирӣ дӯстону ҳамяроқони қӯрғонтеппагӣ Файзалӣ Саидов, Ёқуб Салимов, Абдувоҳид Холиқов, Маҳкамбой Шарифов, Шералӣ Мирзоев, Имомиддин Умаров, аз зулму ситами "ваҳҳобиён" наҷот додани мардуми вилояти Қӯрғонтеппа ба ноҳияи Вахш омаданд. Сангак Сафаров, Рустам Абдураҳимов ба кору бори онҳо маслиҳат медоданд.

Аз он рӯз кору амалиёти якҷоя миёни гурди миллии вилояти Кӯлоб ва ситодҳои Калининобод, Вахш, Бохтар ва шаҳри Қӯрғонтеппа оғоз ёфт. Онҳо яроқу аслиҳаи ночизе доштанд. Дар ҷангҳои пештара як танку ду мошини зирехпӯш ва якчанд силоҳ (автомат) аз гурди миллии оппозисия ва кормандони Вазорати Корҳои Дохилии ҷумҳурӣ ганимат гирифта буданд, ки худ ва мардуми бесилоҳро аз ҳуҷумҳои пайдарҳами гурди миллии оппозисия муҳофизат мекарданд. Сарсупурдагони шаҳру ноҳияҳои вилоят ҳарчӣ ки доштанд, ба даст гирифта, ба онҳо ҳамроҳ мегардиданд, то ки мардуми худро ҳимоя намояндо то ҳадди имкон аз марг наҷот диҳанд.

Мутаассифона, бояд иқрор шуд, ки оппозисия дар тӯли зиёда аз 15 сол на танҳо ҳизб ташкил карда кори таблиготиро андар миёни мардум ба қуллаи баланд бардошт, балки яроқу аслиҳаи бешуморе низ ҷам овардааст. Ҳамин буд, ки мавриди вақти ҷанг онҳо ҳеҷ гоҳ тирро бо ҳисоб намезаданд ва фикре ҳам дар бораи таъмини тиру туфанг намекарданд. Зеро аз як тараф, захираи хубе доштанду давлатҳои ҳамсояи хорича онҳоро бо автоматҳои УЗИ-и истеҳсоли Ҷ[illegible]ҳурии Исроил, силоҳи 14—16-и истеҳсоли Амрико, граната ва гранатамётҳои чинӣ мусаллаҳ мегардонид. Аз тарафи дигар, дар шахсияти қисми зиёди роҳбарияти ҷумҳурӣ такягоҳи боэътимоду зарҳаридро медиданд.

Дар паси Файзалӣ Саидов, Лангарӣ Лангариев, Ҳаким Раҳимов, Абдуваҳҳоб Холиқов, Шералӣ Мирзоев, Маҳкамбой Шарифов, Имомиддин Умаров, Файзулло Қувватов, Азим Ғаниев кӣ истода буд? Бале, худои яккаву ягона ва мардуми ҳаққӯю бесилоҳ! Ба онҳо касе чизе намедод, ҳар тирашон баҳисоб буд. Халқ нони дар даҳонаш бударо дода, барои муҳофизати хеш тир мехарид. Бинобар ин, дар он шабу рӯз

касе аз онҳо ташнаи ҷангу мансаб набуд, ҳамеша ҳаракат мекарданд, ки роҳе ёбанду бо роҳбарони оппозисия ва Ҳукумати "муросои миллӣ" гуфтушунид намуда, пеши роҳи ҷанги бародаркушро бигиранд. Вале давуғеҷи онҳо бенатиҷа мемонд.

Чунки роҳбарони оппозисия аз рӯи нақшаи тартибдодаи мушовиронашон чораҳо меандешиданду амалиётҳо мегузарониданд...

Акнун вазъият боз ҳам муташаннӣҷ гардид, дар ҳар кадом колхозу совхозҳои ноҳия мардум ба гурӯҳҳо тақсим шуда, дар марзу гузаргоҳҳои худ посбонҳо мегузоштанд. Бе ҳуҷҷату иҷозатномаи гурӯҳҳо касе наметавонист барои дидорбинии хешовандон аз як деҳа ба деҳаи дигар биравад. Дар кӯчаву паскӯчаҳо мардуми бегуноҳро гаравгон гирифта, бисёрии онҳоро ба қатл мерасонданд, шабона хонаҳоро ғорат намуда, оташ мезаданд. Ҳукумати вилоят он шабу рӯз пурра амал намекард. Дар бинои боҳашамати сеошёна раиси кумиҷроия Нуралӣ Қурбонов танҳо монда буд, дигарон аз тарсу воҳимаи гурӯҳҳои туфангдор тарки хонаву ҷой карда буданд. Дар ҳар гӯшаву канори вилоят задухӯрдҳо ба амал мепайваст. Ҳар фарди бохирад, ки дилаш ба марзу буми ҷумҳурӣ сидқан месӯхт, ғами ҳарчӣ тезтар ёфтани роҳу воситаҳои орому осоишта кардани мардумро меҷуст.

Ҳама ҳаёти осоишта, ҳимояи ҳуқуқу манфиати инсон, таъмини якпорчагии Тоҷикистонро мехостанд, вале дар асл ҷавонони ғаюру ноинсоф худро "боевик" номида, аз роҳу сари полез ҳосили бо арақи ҷабин, дар тамузи тобистон рӯёндаи марди деҳқонро бо қувваи силоҳ азони худ намуда, ба бозор меоварданд. Дар бозору кӯчаҳо ба тиҷорат шахсоне машғул буданд, ки мафҳуми деҳқонӣ надоштанду дасташон досу белухорканро надида буд. Зоҳиран, ҳама хоҳони ваҳдат, таъмини дӯстию бародарӣ буданд, вале ботинашон ҳамрадифи зоҳирашон набуд. Дар вилояти Қӯрғонтеппа "ворисони миллат"— ҷонишини сарвазири ҷумҳурӣ Давлати Исмон ва раиси комиҷроияи Шӯрои депутатҳои вилояти Қӯрғонтеппа Нуралӣ Қурбонов бо иштироки ҷенерали мардумӣ эшони Қиёмиддини Ғозӣ, қорӣ Муҳаммадҷон, эшони Саидашраф, собиқ ҷонишини сарвазири ҷумҳурӣ Бӯрӣ Каримов, собиқ номзад ба Президенти ҷумҳурӣ Давлат Худойназаров, депутати халқи Тоҷикистон, ҷонишини вазири хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ, ҷонишини ҲДТ, раиси ҷамъияти Ҳисор Аслиддин Соҳибназаров ва чанде дигарон ба болои оташе, ки алангааш абрҳоро месӯзонд, карасин пошида, конфронси тоҷикони кӯҳистонро ташкил намуданд. Ҳол он ки зиёда аз 97 фоизи замини Тоҷикистон кӯҳистон аст, ки бо заҳмати зиёди падару бобоёнамои имрӯз фоизи кӯҳии замини Тоҷикистон ба 93

расидааст, оё ҳоҷат ба тақсим намудани Тоҷикистон ба кӯҳистонию ғайрикӯҳистонӣ буд?!

Баъд аз суханронии нотиқон, ки дар даму нафасашон заҳора мепухт, хулосаи асосии конференцияи кӯҳистониён чунин буд: "Хуҷандиҳо моро ҳафтод сол ғорат карданду шаҳри худро ободу зебо гардониданд, ба мардуми кӯҳистон мансаб надоданд, мо бояд муттаҳид шавему ҳокимиятро ба дасти худ бигирем. Имрӯз он андешаҳое, ки солҳои дароз интизораш будем, фаро расидааст".

МУЛОҚОТ ДАР ХОРУҒ

Бо талабу дархости мардум барои гирифтани пеши роҳи хунрезӣ 26 июли соли 1992 дар шаҳри Хоруғ гуфтушунид баргузор гардид.

Дар ду рӯзе, ки кулли ҳизбу созмонҳои вилояту навоҳии мухталифи силоҳдори Тоҷикистон ва роҳбарияти ҷумҳурӣ, аъзоёни Ҳукумати "муросои миллӣ" дар шаҳри Хоруғ мулоқот доштанд, ҳарду тараф батафсир ақидаороӣ намуданд, битавонистанд, ки якдигарро гӯш намоянду бифаҳманд. Чӣ тавре, ки воситаҳои ахбори умум хабар доданд, сиёсатмадорони тайи моҳҳои охир ба майдон омадаи тоҷик тавонистанд, ки ба мувофиқае бирасанд.

Дар ин ҷо Шодмони Юсуф бо Шодӣ Шабдолов, Саид Абдуллоҳи Нурӣ бо Муллоҳайдар Шарифзода, Сангак Сафаров бо Тоҳири Абдуҷаббор, Аслиддин Соҳибназаров бо Қурбоналӣ Мирзоалиев, Саид Салимов бо Давлати Исмон тавонистанд, ки бо ҳамдигар аз рӯи ахлоқи ҳамида, ақлу хирад, оромона сӯҳбат намоянд. Нисбати беадолатии тарафҳо ва Ҳукумати "муросои миллӣ" далелу бурҳонҳо пешниҳод намоянд. Норозигии худро оиди ин ва ё он банди созиш изҳор намуда, роҳҳои ҳалли онро ҷустуҷӯ мекарданд.

Ба назар чунин менамуд, ки гӯё ҳама аз рехтани хуни ноҳаҚу ҷанги бемазмуни бародаркуш хаста шудаанд. Ва яке дигареро даъват менамуд, ки ба ҷанг хотима диҳанду силоҳро бисупоранд ва аз паи ободу зебо гардондани Тоҷикистони азиз шаванд.

Ҳама боварӣ ба он дошт, ки тӯли ин ду рӯзи гуфтушуниде, ки дар кумиҷроияи вилояти Худмухтори Бадахшони Кӯҳӣ сурат мегирифт, саҳифаи тозае дар таърихи Тоҷикистони навин мегардад. Дар ҳақиқат он рӯзҳо ақидаи тарафҳо бо ҳам мувофиқ омад ва созишнома аз 16 банд тартиб дода шуд, ки

ба ғайр аз қумондонҳои дастаи силоҳдори вилояти Кӯлоб Н. Гураев, М. Сатторов ва ҷонишини сардори Умури дохилаи кумитаҳои иҷроияи шаҳри Душанбе А. Амирқулов дигар ҳама якдилона ба он имзо гузоштанд.

Барои мутолиа ва фикру ақидаронӣ чун ҳуҷҷати таърихӣ созишнома ба шакли пурраш ба хонандаи гиромӣ пешкаш карда мешавад:

СОЗИШНОМАИ МУСОЛИҲАВӢ

Мо, сарварон ва намояндагони ҳизбҳо ва созмонҳои сиёсӣ, намояндагони рӯҳоният, сардорони гурӯҳҳои мусаллаҳ, роҳбарони кумитаҳои иҷроияи вилоятҳои Ленинобод, Қурғонтеппа, Кӯлоб, Ҷумҳурии мухтори Бадахшон, ш. Душанбе, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, федерасияи иттифоқҳои касаба, органҳои ҳифзи ҳуқуқ бо ишироки сарварони ҷумҳурӣ бо ҷиддияти том изҳор менамоем, ки имрӯз вазъияти Ҷумҳурии Тоҷикистон чунон шиддатнок аст, ки хатари аз байн рафтани давлатдории тоҷикон, халқи бофарҳанг ва ботамаддун дар пеш аст.

Инро ҳамагон бо масъулияти комил дарк намуда, эълон менамоем, ки шарту шароити созишномаи зеринро ҳатман баъди ба имзо расидани он иҷро мекунем:

1. Аз соати 10.00 28 июли соли 1992 дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон оташбаси умумӣ эълон мешавад. Тарафҳои даргир кафолат медиҳанд, ки шарту шароити оташбасро ба таври ҳатмӣ иҷро менамоянд.

2. Дастаҳои мусаллаҳ фавран гаравгонгириро қатъ намуда, дар мӯҳлати як шабонарӯз баъд аз ба имзо расидани созишномаи мазкур вазифадоранд, ки гаравгонони гирифташударо озод намуда, онҳоро ба ҷои истиқоматиашон мерасонанд. Дар сурати такрор шудани гаравгонгирӣ шахсони гунаҳкор дар асоси Қонун ба ҷазо кашида мешаванд.

3. Дастаҳои мусаллаҳ то соати 18.00 28 июли соли 1992 таҳти назорати ВКД ва КАМ тамоми постҳои мусаллаҳи худро аз роҳҳои мошингард, муассисаҳои давлатӣ аз байн мебардоранд, ситодҳои мавҷудаи худро барҳам медиҳанд ва биною манзилҳои ишғолкардаашонро озод намуда, нақлиёти гирифтаро ба соҳибонаш бармегардонанд.

4. Роҳбарони ҳизбу созмонҳои сиёсӣ, кумитаҳои иҷроияи вилоятӣ, шаҳри Душанбе, ноҳиявӣ, сардорони дастаҳои силоҳбадаст, идораи қозиёти Ҷумҳурӣ кафолат медиҳанд, ки дастаҳои мусаллаҳи ба онҳо вафодорро баъди имзои созишномаи

мазкур дар муддати 3 рӯз барҳам медиҳанд ва силоҳи онҳоро ба таври муқарраршуда месупоранд.

5. Кумитаҳои иҷроияи ноҳиявӣ, шаҳрӣ, ш. Душанбе ва вилоятӣ баъд аз ба имзо расидани созишномаи мазкур қарорҳои пештар қабулкардаи худро оиди ташкил намудани дастаҳои мусаллаҳ ва ситодҳои роҳбарикунандаи онро бекор мекунанд ва онҳоро барҳам медиҳанд. Органҳои додситонии ҷумҳурӣ аз иҷрои ин созишнома назорат менамоянд.

6. Шахсони алоҳида, гурӯҳҳои худсарона таъсисёфтае, ки дар даст силоҳи оташфишон, тир ва дигар намуди яроқ доранд, бояд ба таври ҳатмӣ онро то соати 10.00 3 августи соли 1992 ба нуқтаҳои силоҳқабулкунии шӯъбаҳои корҳои дохила ва амнияти миллӣ супоранд.

7. Мо, иштирокчиёни гуфтушунид қайд менамоем, ки силоҳ ҳам дар дасти гурӯҳҳои бо амру қарори кумитаҳои иҷроия танзимшуда, ҳам дар дасти шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои худсарона ташкилшуда, ки тобеи ҳеҷ як орган нестанд, мавҷуд аст ва аз ин сабаб супоридани силоҳ дар ду давра ба анҷом расонида шавад:

Давраи аввал: Силоҳе, ки дар ихтиёри дастаҳои мусаллаҳи тобеи кумитаҳои иҷроя мавҷуд буда то 3 августи соли 1992 ба нуқтаҳои муайяншудаи силоҳқабулкунӣ таҳти назорати комиссиюни махсус супорида мешавад ва ин ашхос мувофиқи фармони Раиси Ҷумҳур аз ҷавобгарии ҷиноӣ озод карда мешавад.

Давраи дуюм: Нисбати гурӯҳҳои силоҳбадаст ва ашхоси алоҳидае, ки то давраи муқарраршуда (яъне то 3 августи соли 1992) силоҳи худро насупоранд, қувваи махсус барои зӯран кашида гирифтани силоҳ истифода бурда мешаванд ва онҳо дар асоси Қонун ба ҷавобгарии ҷиноӣ аз тарафи органҳои корҳои дохила, амнияти миллӣ ва додситонӣ кашида мешаванд.

8. Ба хотири аз байн бурдани нобоварӣ нисбати тарафи мухолиф, таъмин намудани баробар супоридани яроқи тарафайн комиссиюни муштарак дар ҷумҳурӣ таъсис шавад ва ғайр аз ин дар тамоми нуқтаҳои муайяншудаи силоҳқабулкунӣ комиссиюни махсус дар ҳайати намояндагони ҳизбҳо ва созмонҳои сиёсӣ, органҳои давлатӣ, рӯҳоният, федерасияи касаба ва созмони ҷавонон аз тарафи ҳукумати Ҷумҳур таъсис мешаванд.

Намояндагони дастаҳои мусаллаҳ метавонанд ба сифати нозирин ширкат намоянд.

9. Барои таъмин намудани бехатарии сокинони вилоятҳои Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва ноҳияи Кофарниҳон аз ҳуҷумҳои ногаҳонӣ бо кӯмаки кормандони КАМ, ВКД бо истифода аз

техникаи ҳарбӣ аз таърихи 30 июли соли 1992 постҳои иловагӣ дар сарҳадҳои вилоятҳои Кӯлоб — Қӯрғонтеппа, Кӯлоб — Душанбе, Қӯрғонтеппа — Душанбе, дар ноҳияҳои сарҳадии Панҷ — Фархор, Қумсангир — Дӯстӣ — Шаҳритус барқарор шаванд.

10. Қувваҳои сарҳадӣ якҷоя бо органҳои ҳукуматӣ ва ҳифзи ҳуқуқ чораҳои заруриро барои мустаҳкам намудани сарҳад андешида, кашидани силоҳро аз хоричи марзи ҷумҳурӣ пешгирӣ мекунанд.

Шахсоне, ки минбаъд берун аз марзи Ҷумҳурӣ силоҳ меоранд, ба ҷавобгарии ҷиной мувофиқи Қонун кашида шуда, авф нахоҳанд шуд.

11. Ба Раиси Ҷумҳур раф. Набиев Р. Н. таклиф пешниҳод карда шавад, ки нисбати ашхосе, ки аз марзи Тоҷикистон фирор кардаанд, барои бозгашти беяроқашон ва аз ҷавобгарӣ онҳоро озод кардан фавран авфнома қабул намояд.

12. Роҳбарони ҳизбҳову созмонҳои сиёси, идораҳои қозиёт, кумиҷроияи вилоятӣ, ш. Душанбе, шаҳрӣ, ноҳиявӣ минбаъд барои ҳалли мубоҳисаҳои сиёсӣ аз қувва истифода нахоҳанд бурд. Онҳо вазифадор ҳастанд, ки сиёсати хешро дар чорчӯбаи демократӣ ва дунявӣ бо назардошти Қонуни Асосии мавҷудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш баранд.

13. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, органҳои ҳифзи ҳуқуқ ба шахсоне, ки маҷбуран ҷои истиқомати хешро дар асари муноқишаҳои низомӣ тарк намудаанд, кафолат медиҳад, ки барои пас овардани онҳо ба ҷои истиқомати пешинаашон фавран кӯмаки маънавӣ ва иқтисодӣ расонад.

Роҳбарони ҳизбҳо ва созмонҳои сиёсӣ ва ҳукумати маҳаллӣ кафолат медиҳанд, ки нисбат ба гурезаҳое, ки ба ҷои истиқоматии пешинаашон баргаштаанд, ҳеҷ гуна таҳдид ва фишорро раво нахоҳанд дид.

14. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи ахбори умум ҷараёни аслиҳасупорӣ ва сулҳу салоҳро инъикос намояд.

15. Аз Ҳукумати Ҷумҳурӣ хоҳиш карда шавад, ки яроқҳои ашхосеро, ки барои таъмини бехатарии худ пайдо кардаанд, бо пешниҳоди комиссиони таъсисёфта бо нархи муайян харида гирад.

16. Дар ҳолати иҷро накардани талаботи созишномаи мазкур аз тарафи ҳизбҳову созмонҳои сиёсӣ, сардорони гурӯҳҳои силоҳбадаст ва ашхоси алоҳида, органҳои идораи маҳаллӣ нисбати онҳо чораҳои қатъӣ дида шавад ва органҳои муҳофизати ҳуқуқ ба муқобили онҳо силоҳ истифода баранд.

Созишнома баъд аз имзои он эътибор пайдо менамояд. Ин созишнома дар шаҳри Хоруғ дар таърихи 27 июли соли 1992 ба имзо расидааст.

И.О. Председателя Верховного Совета Республики Таджикистан — Исканцаров А.И.

Заместитель Премьер-Министра Республик Таджикистан — Исмонов Д.

Министр внутренних дел Республики Таджикистан — Павжувонов М.Н.

Начальник Главного управления МВД — Мирбозхонов Ш.

Председатель Комитета национальной безопасности Республики Таджикистан — Солибаев А.С.

Зам. председателя КНБ Республики Таджикистан — Поиндашоев О.

Председатель комитета обороны Республики Таджикистан — Рахмонов Б.М.

Начальник Штаба КСАПО — Коченов В.В.

Министр внешних сношений — Холикназаров Х.

Председатель комитета Верховного Совета Республики Таджикистан — Хабибов А.

Председатель Коммунистической партии Таджикистана — Шабдолов Ш.Д.

Зам. председателя Коммунистической партии Таджикистана — Турсунов Е.И.

Председатель Демократической партии Таджикистана — Шодмон Юсуф

Председатель движения " Растохез " — Тохир Абдужабор

Председатель движения "Лаъли Бадахшон " — Сулаймонов-К.

Председатель Федерации профсоюзов Республики Таджикистан — Салихов М.

Председатель Президиума Совета ветеранов Таджикистан — Саёрабеков В.

Представитель Русской общины — Юшин В.И.

Представитель Узбекской общины — Фахрутдинов Ж.

Зам. Председателя Демократической партии Таджикистан, раис Созмони демократии — Сохибназаров А.

Председатель Кулябской области — Мирзоалиев К.

Начальник УВД Кулябской области — Хусайнов П.

Зам. председателя ОКНБ Кулябской области — Зухуров С.

Представитель Кулябского областного духовенства — Шарипов Хайдар

Командиры вооруженных формирований — Салимов Саид

Проректор Университета Кулябской области — Азизов

(Зам. командира дивизии Гвардии — Сафаров С.
Начальник Вооруженных Мирзоев
Вилоятй. Кулоб

Член Демократической партии Кулябской области — Фозилов О.

Член партии Исламского возрождения Кулябской области — Холтемуров

Движения независимых молодежи ~~Кулябской~~ области — Рахмонов М.

Председатель Демократической движения Кулябской области — Назаров Р.

Председатель движения " Растохез" Кулябской области (Ховалинского р-на) — Бобораджабов Х.

Представитель беженцев Кулябской области — Мирзоев Г.

Представитель ~~беженцев~~ Кулябской области — Собиров Н.

Команд. вооруженных формирований — Гураев Н.

Команд. вооруженных формирований — Сатторов М.

Представитель беженцев Кулябской области — Шоев Ю.

Зам. председателя исполкома Комсомолабадского райисполкома — Сафоев М.

Начальник ОВД Тавильдаринского райисполкома — Бураков Х.

Председатель Курган-Тюбинский облисполкома — Курбанов Н.Х.

Зам. начальник Кургантюбинской области — Ахмадов З.

Прокурор Курган-Тюбинской области — Сулайманов С.

Председатель Бохтарского райисполкома — Достиев А.

Председатель Вахшского райисполкома — Кувватов Ф.

Председатель Демократической партии — Ятимов О.

Председатель общества "Растохез " — Азизи Хошок

Председатель общества " Лаъли Бадахшон" — Бахтиёри Ширин

Мулло Абдулло

Мирзоев Абдусаттор

Председатель Исполкома АРБ — Шодавлатов Ш.

Начальник УВД ГБАО — Мамадназаров

И.О.Председателя ОННБ ГБАО — Мукаиршоев З.

Прокурор ГБАО — Салимов Д.

Представитель духовенства ГБАО — Мухамадшерзодшоев Ш.

Зам. председатель Ленинобадской облисполкома — Махмудов С.У.

Представитель духовенства Ленинабадской области — Мукарамов М.

Председатель горисполкома г. Душанбе — Мирзоев М.М.

Зам. начальника УВД г. Душанбе — Амиркулов М

Прокурор г. Душанбе — Шаропов С.Ш.

Председатель Гармского райисполкома — Бободжонов О.

Зам. начальника ОВД Гармского района — Махшулов Х.

Председатель Кофарнихонского райисполкома — Болтуев М.

Председатель Тавильдаринского райисполкома — Хакимов Д.

Начальник ОВД Кофарнихонского района	Джамолитдинов М.
Представитель духовенства Кофарнихонского района	Шокиров С.
	Сайфитдинов Р.Б.
	Исматов К.А.
Председатель Яванского райисполкома	Азизов К.
Начальник ОВД Яванского района	Малахов К.
Представитель неформальной группы	Буйдоков Д.
Представитель неформальной группы	Рахмонов И.
Представитель неформальной группы	Нагзибеков Н.
Представитель неформальной группы	Туронов А.
Представитель неформальной группы	Бекназаров А.
Представитель неформальной группы	Давлятов Ш.
Представитель неформальной группы	Махмадалиев И.
Представитель неформальной группы	Сахидинов Р.
Представитель неформальной группы	Миенов С.
Представитель движения "Лаъли Бадахшон"	Навкуванов Ш.
Представитель движения исламского возрождения	Охунов М.
Член народного движения "Ростохез"	Алиев А.
Зам. председателя движения "Лаъли Бадахшон"	Худоиев К.
Председатель движения "Лаъли Бадахшон"	Атобекив Алимурбек
Член Демократической партии Таджикистана	Дустов Д.
Член Демократической партии Рогун	Ключко А.

Народный фронт Бадахшана

Командиры. Группы ниллы

Рахимов М

Рахимов М.

Мувофиқи банди 6 созишнома бояд, ки то соати 10-и 3-юми августи соли 1992 ҳамаи силоҳи дар дасти мардум буда, ихтиёран ба комиссияи махсус супурда мешуду дар Тоҷикистони азиз сулҳу салоҳ ба амал меомад. Ҳини анҷоми мулоқот Ғулом Ҳусейни бадахшонӣ, ки ҳариб сад сол умр дошт, ба ҳама дуо дода гуфт: "Дигар тир накушоед!"

Дар машварати Хоруғ ҳама саргарми муваффақиятҳои ба даст омада буданд ва касе андеша намекард, ки чаро ба ин вохӯрии муҳим, ки гӯё тақдири ҷумҳурӣ ҳал мегардад, сарвари давлат — Раиси Ҷумҳур Р. Набиев ва роҳбари асосии оппозиция — қозикалони мусулмонони ҷумҳурӣ ҳочӣ Акбар Тӯрачонзода наомада буданд. Дар амали онҳо "зери коса нимкосае" набошад?!

Афсӯс, ки забону дили роҳбарони оппозисия бо ҳам мухолиф буд, ваъда дода, ба ҳуҷҷати расмӣ имзо гузошта, тарафи дигарро бовар кунонданд, ки ба ҷанги бародаркуш хотима дода шуд, боз онро шикастанд, ки ин гуна рафтор, фиребу найранг барои онҳо чизи муқаррарӣ шуда буд. Зеро дар замирашон дурӯғ гуфтану фиреб додан ва каси дигарро тӯҳмат намудан маъво дошта. Бинобар ин, 27 июли соли 1992 гурди миллии оппозисия дигаронро дар ғафлат гузошта, бо дастгирии қисми кормандони Вазорати Корҳои дохилаи ҷумҳурӣ ва ситоди "Наҷоти Ватан" ба деҳаҳои кӯлобинишини совхоз — техникуми ба номи Куйбишеви ноҳияи Бохтар, ноҳияи Вахш бо қувваи зиёд, ки бо силоҳи ҳозиразамон, танк ва мошинҳои зиреҳпӯш мусаллаҳ ғардида буданд, ҳуҷум оварданд. Дар натиҷа ҷанги шадид ба миён омад, ки дастаи Файзалӣ Саидов ва дигарон мардонагиву ҷасурӣ зоҳир намуда, бо силоҳи дастӣ, шишаҳои омехтаи моддаҳои тарканда ба муқобили техникаи вазнини ҷангӣ истодагарӣ намуданд. Мардуми деҳа ва совхозро аз ноинсофони девсират маҳфуз доштанд. Дар ин задухӯрди ба вуқӯъ пайваста, ки бародар қасди куштани бародари худ карда буд, садҳо ҷавонмардон, занону пирамардон шаҳиду маҷрӯҳ гардиданд. Ин буд мақсади мухолифин нисбати бастани созишнома дар шаҳри Хоруғ, ки тарафи дигарро ғофил гузошта, ба ҳуҷум гузараду зарбаи марговар бизанад.

Аз ин рӯ, далелҳои мавҷуда ба он шаҳодат медиҳанд, ки созиши мусолиҳавии Хоруғ аз рӯи тарҳрезии мухолифин ташкил шуда буд. Агарчӣ аз ҷиҳати мантиқию сиёсӣ ва иқтисодӣ ягон асосе барои дар шаҳри Хоруғ гузаронидани созиши мусолиҳавӣ набуд. Чунин созишро метавонистанд, ки дар шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, камхароҷот, таҳти роҳбарии Раиси Ҷумҳур гузаронанд, то он ки дигарон ҳам иштирок намоянд...

Вале дастаи Файзалӣ Саидов, Бӯрихон Ҷобиров, Лангарӣ Лангариев, Маҳкамбой Шарифов, Имомиддин Умаров ҳушёриро аз даст надода, ба зарбаи мухолифин ҷасурона ҷавоби сазовор гардониданд. Дар натиҷа мухолифин талафи зиёди ҷисмонӣ дод. 4 автомашин ва як зиреҳпӯш сӯзонда шуд. Сипас оппозисия маҷбур гардид, ки роҳи гурезро пеш гирад...

Дастаи Файзалӣ Саидов ҳеҷ гоҳ рӯзи ба даст даровардани аввалин мошини зиреҳпӯш — БТР—ро фаромӯш нахоҳад кард. Он рӯз кормандони Вазорати корҳои дохила бо ин мошини зиреҳпӯш, ки дар танааш "Саломатшоев" навишта шуда буд, девонавор бо сарварии Саид Абдуллоҳи Нурӣ ба ситоди Файзалӣ Саидов, ки дар совхоз—техникуми ба номи Куйбишев ҷойгир гардида буд, ҳуҷум овард. Дар задухӯрд ҷавонмардони шуҷои Файзалӣ Саидов нотарсона бо шишаи оташангез мошини зиреҳпӯшро аз кор бароварда, ғанимат гирифтанд. Бо ҳамин Файзалӣ Саидов соҳиби мошинаи зиреҳпӯш гардид.

Вазъияти ҷумҳурӣ баъди ба имзо расидани созишномаи мусолиҳавӣ боз муташанниҷтар гардид, роҳбарони ҷумҳурӣ ба ҷои андешидани чораҳои амалӣ ба ҳарду тараф мувофиқ қарору фармонҳои бемантиқу бемазмун қабул мекарданд, ки аз роҳи ба эътидол овардани вазъи ҷумҳурӣ даҳҳо фарсах дур буданд:

— 29.07. 1992. Раёсати Шӯрои Олӣ бо қарори худ "Дар бораи ташкили Комиссияи ҷумҳуриявии назорати иҷрои шартҳои протоколи созишномае, ки 27 июли соли 1992 дар шаҳри Хоруғ ба имзо расидааст", мутобиқи банди 8 протоколи созишнома бо роҳбарии иҷрокунандаи вазифи Раиси Шӯрои Олӣ Акбаршоҳ Искандаров дар ҳайати 39 нафар комиссияи ҷумҳуриявӣ таъсис намуд;

— 29.07. 1992. Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи созишномаи мусолиҳа, ки 27 июли соли 1992 дар шаҳри Хоруғ ба имзо расид" қарор қабул кард;

— 30 июли соли 1992 Президенти ҷумҳурӣ Набиев "Дар бораи талбирҳо оиди зудтар мӯътадил гардидани вазъи ҷамъиятию сиёсӣ дар ҷумҳурӣ ва татбиқи созишномаи сулҳи Хоруғ" фармон ба имзо расонд.

Боз иҷрои фармону қарорҳои номбаршуда ба зиммаи Акбаршоҳ Искандаров, Мамадаёс Навҷувонов, Давлати Исмон, Мирбобо Миррахимов ва Ҳукумати "муросои миллӣ" гузошта шудааст. Яъне ба ӯҳдаи он ашхосе, ки худ ташкилкунда ва давомдиҳандаи ҷанги бародаркуш буданд. Ин масалеро монад, ки гургони гурусна чӯпонии рамаи мешонро бигирад.

Аз ин рӯ, ягон нуктаи фармони Раиси Ҷумҳур ва қарорҳои Раёсати Шӯрои Олӣ амалӣ нагардид. Чӣ гуна ҳам амалӣ мегардид ва ба фоидаи кадом гурӯҳ... ?

Ҳамин тавр вазъият дар вилоят рӯз ба рӯз тезутунд мегашт, дастаҳои туфангдор меафзуд, ситоди "Наҷоти Ватан" алайҳи халқи худ сиёсати геносидиро пеш гирифта буд, ки бар асари он ҳазорҳо инсонҳои бегуноҳ, бахусус, навҷавонон кушта, қариб дусад ҳазор ба ҷониби Кӯлоб ва ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва берун аз марзи он фирор карданд. Мардум шоҳиди он гардид, ки Ҳукумати "муросои миллӣ" ва Раёсати Шӯрои Олӣ аз ӯҳдаи ба муросо овардани мардум, мӯътадил намудани вазъи ҷумҳурӣ намебароянд ва бояд ҳарчӣ тезтар ба истеъфо бираванду талаботи мардуми Кӯлобу Қӯрғонтепа оиди барқарор намудани ҳокимияти қонунии то 7 майи соли 1992 амалӣ гардад ва сессияи Шӯрои Олӣ барпо шавад. Дар бораи даъват намудани сессияи Шӯрои Олӣ борҳо депутатҳои Шӯрои Олӣ, кумиҷроияҳои вилоятҳои Кӯлобу Ленинобод, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва мардуми зиёди ҷумҳурӣ ба унвони раёсати Шӯрои Олии ҷумҳурӣ дар яке аз шаҳру навоҳии вилояти Ленинобод гузаронидани сессияи Шӯрои Олӣ талабу дархостҳо фиристоданд. Вале Раёсати Шӯрои Олӣ бо сарварии А. Искандаров бо мақсади нигоҳ доштани курсии мансаб ва мустаҳкам намудани мавқеи оппозисияву ҳукумати ғайриқонунӣ таъсисёфта бо сад маккорию авомфиребӣ ҳаракат мекарданд, ки даъвати сессияро ба вақти дигар мавқуф гузоранд.

Вақте ки қисми зиёди депутатҳои Шӯрои Олӣ аз вилояти Ленинобод шаҳри Душанбе ва навоҳии тобеи ҷумҳурӣ интихобгардида оиди даъвати сессияи Шӯрои Олӣ имзо ҷамъ карданд, баъд Раёсати Шӯрои Олӣ маҷбур шуд, ки дар бораи 11 августи соли 1992 гузаронидани кори сессияи Шӯрои Олӣ дар Душанбе қарор қабул намояд.

МАЗҲАКАИ МУЛОҚОТ

Бояд изҳор дошт, ки депутатҳои Шӯрои Олӣ аз вилояти Кӯлобу Ленинобод интихобгардида ва қисми зиёди депутатҳои шаҳри Душанбе, навоҳии водии Ҳисор қатъиян талаб карда буданд, ки барои таъмини бехатарии депутатҳо ва кори самараноки онҳо сессияи Шӯрои Олӣ дар яке аз шаҳру навоҳии вилояти Ленинобод ва ё ягон шаҳри ҷумҳуриҳои бародарии собиқ Иттифоқ гузаронида шавад. Мутаассифона, баъзеи онҳо ноустуворию сустиродагӣ зоҳир намуда, ба суханҳои пардапӯшо-

наи каждумҳои зери бурё боварӣ ҳосил намуда, барои ширкат варзидан дар ҷаласаи Шӯрои Олӣ бо тарсу воҳима ба Душанбе рафтанд. Дар рӯзномаи сессияи Шӯрои Олӣ яке аз масъалаҳо истеъфои Раиси Шӯрои Олӣ С. Кенҷаев гузошта шуда буд. Хавфу хатари оппозисия дар он буд, ки агар ман дар сессияи Шӯрои Олӣ иштирок намояму депутатҳои Шӯрои Олӣ чун пештара истеъфоямро қабул накунанд, пас нақшаи кашидаи онҳо амалӣ намегардаду на танҳо А. Искандаров сари қудрат намемонад, балки дар Раёсати Шӯро Олӣ, Ҳукумати ҷумҳурӣ дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд меоянд, ки ин пеш аз ҳама ба манфиати оппозисия набуд.

Бинобар ин, онҳо бо сарварии А. Искандаров ҳамаи чораҳоро андешиданд, то нақшаи қашидаашон амалӣ гардад. Аввалан, маро ба сессияи Шӯрои Олӣ давъват накарданд, ки дар он шабу рӯз дар комбинати маъдани кӯҳии Анзоби ноҳияи Айнӣ кору зиндагонӣ мекардам ва ин ба ҳамагон маълум буд.

Сониян: рӯзҳои 8, 9, 10 августи соли 1992 А. Искандаров, сипас вазири Корҳои дохлии ҷумҳурӣ М. Навҷувонов, муовини аввали раиси Кумитаи Амнияти Миллии ҷумҳурӣ Ҷӯрабек Аминов ба ман сим зада, баъди пурсидани тансиҳатиам "дилсӯзона" иброз доштанд: "Вазъият дар шаҳри Душанбе бисёр ҳам вазнин аст, кафолати таъмини амнияти туро ба зиммаи худ гирифта наметавонем ва хоҳони он ҳастем, ки дар кори сессия ширкат наварзӣ".

Сеюм. Дар он шабу рӯз ба назди ман аз шаҳри Душанбе чанд кас омад, ки онҳоро хуб мешинохтам, яке аз онҳо аз номи қозикалони мусулмонони ҷумҳурӣ ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода буд ва изҳори ақида кард, ки "вазъият дар шаҳри Душанбе бисёр ҳам вазнин аст, амнияти Шумо зери хатар аст ва бинобар ин, илоҷе намуда ба кори сессия ширкат наварзед!"

Ба ҳамаи онҳо ваъдаи "қатъӣ" додам, ки ба кори сессияи Шӯрои Олӣ иштирок намекунам, барқия мефиристонам. Вале аз гуфтаҳои онҳо, ки бо ҳам монанд буданд, хуб дарк кардам, ки ин дасисаи навбатӣ мебошаду ҷоҳталабон хоҳиши иштирок кардани маро ба кори сессияи Шӯрои Олӣ надоранд, то он ки нақшаҳои оппозисия ба осонӣ амалӣ гардад.

Хуб медонистам, ки ҳамаи онҳо дар қасди ҷони ман буданду ҳастанд. Бинобар ин, онҳо ҳеҷ гоҳ дилсӯзу хайрхоҳи саломат монданам набуданд ва нахоҳанд буд! Сипас, рӯзи 10 августи соли 1992 ба Додситони Кулли ҷумҳурӣ Нурулло Ҳувайдуллоев сим зада аз вазъияти шаҳри Душанбе пурсон шуда, пешниҳоди "дӯстон"—ро нисбати дар кори сессияи Шӯрои Олӣ иштирок накарданам иброз дошта, маслиҳат пурсидам. Он кас гуфтанд:

"Дар ҳақиқат вазъият дар Душанбе хуб нест, одамони ситоди "Наҷоти Ватан" ошкоро бо силоҳ гаштаанд, дар вилояти Қурғонтеппа миёни гурӯҳҳои бо ҳам мухолиф задухӯрд рафта истодааст, одамонро террор карда истодаанд". Суханрониашонро давом дода гуфтанд: "Ҳарчӣ набошад, таваккалро ба худо карда, биёед, амнияти Шуморо таъмин мекунем".

Бо ҳамин соати 6-и саҳарии 1 августи соли 1992 бо ҳамроҳии депутати Шӯрои Олӣ Мирзобек Мирзобадалов роҳи Душанберо пеш гирифтем. Соати 8-и саҳар дӯстам Амирқул Азимов, ки вазифаи сардори қисми тафтишоти прокуратураи ҷумҳуриро бар ӯҳда дошт, бо якчанд шогирдонам, ки мусаллаҳ буданд, моро дар назди чойхонаи "Чорбед"и ноҳияи Варзоб пешвоз гирифтанд, бо мошинаи диґар тахминан соатҳои 9-и саҳар ба Шӯрои Олӣ омада расидем. Дар гузаргоҳи ошёнаи дуюм тасодуфан бо Акбаршоҳ Искандаров вохӯрдам. Он кас чун пештара "Сар равад ҳам сир наравад" гуфта, маро оғӯш гирифта, бӯсаборон карду ба утоқи кориаш даъват намуд. Вале омадани ман барои ӯ сатили оби сардро аз фарқаш рехт ва балое буд ногаҳонӣ. Дар утоқи ӯ нишастам, котиба чой кард, А. Искандаров баромада рафт. Намедонам тасодуфӣ буд ё махсус, ба утоқи кории Раиси Шӯрои Олӣ аввал муовини Раиси Шӯрои Олӣ В. И. Приписнов даромада салому алейк кард. Ва саволи аввалини ӯ он буд: "Дар кори сессия кӣ раисӣ мекарда бошад? Шумо ё Искандаров?" Дар ҷавоб бо заҳрханда гуфтам: "Мӯҳтарам Виктор Иванович, Шумо олим ва ҳуқуқшинос ҳастед, аз рӯи Конститусияи ҷумҳурӣ кӣ бояд сессияи Шӯрои Олиро кушояд ва онро раисӣ намояд? Раис ё муовин?" суханони маро шунида, авзои Виктор Иванович беҷо шуда, сарашро хам карда гуфт" "Не, не, Шумо дуруст мегӯед, Сафаралӣ Кенҷаевич. Аз рӯи талаботи Конститусияи ҷумҳурӣ сессияи Шӯрои Олиро бояд Шумо кушоеду сарварӣ намоед. Ман ҳамту пурсидам",— гуфта суханашро тамом накарда, бо тезӣ аз утоқ баромад. Хуб дарк кардам, ки боз дасисаи навбатӣ сар шудааст. Онҳо маро дида, боз ба пӯстинашон кайк даромад. Пас аз якчанд диқиқа ба назди ман ҷонишини аввали раиси КАМ-и ҷумҳурӣ Ҷӯрабек Аминов ворид гардида, маро чун бародар ба оғуш гирифту сипас пурсон шуд: "Ако, вазъият дар Душанбе бисёр вазинин шуда истодааст, ба Шумо гуфта будам-ку набиёд, намедонам, барои чӣ ҷони худро зери хатар монда омадед. Дар ин ҷо ҳар рӯз одамонро кушта истодаанд, ҳама дар даст силоҳ доранд, ягон ҳодисае ба Шумо рӯй диҳад, охир фарзанд доред!..."

Дар ҷавоб ба ӯ гуфтам: "Ҳеҷ гап нс, Муллоҷӯрабек, ҳар чӣ ки Худои бузург аз рӯзи азал дар тақдиру қисмат навишта бошад, ҳамон мешавад. "Чунки тақдир чунин буд, чӣ тадбир кунам?". Агар аҷали ман дар дасти он ҳаромзодагони бесарнавишт бошад, ҳозир тайёрам... Шумо ғами ману фарзандонамро нахӯред..." Ҷиддӣ будани суханҳои маро фаҳмида, чун разведкачии собиқадор оҳанги суханро дигар карда гуфт: "Ҳеҷ гап нс, ако, худамон ҳастем, ғам нахӯред!" ва пурсон гардид, ки дар кори сессияи Шӯрои Олӣ кӣ раисӣ мекунад.

Дар ҷавоб ба ӯ нигариста гуфтам: "Аз он, ки сессияи Шӯрои Олиро кӣ мекушояду ба кори он кӣ раисӣ мекунад, ягон муроде ҳосил мегардад?"

— "Не, ҳамту, пурсидам",— худашро ноустувор ҳис карда гуфт, Ҷӯрабек Аминов.

"Агар ягон муроде ҳосил нагардад, аз рӯи Конститусияи ҷумҳурӣ сессияро бояд ки Раиси Шӯрои Олӣ кушояд ва кори сессияро барад. То қабул гардидани истеъфои ӯ". Ин суханони маро шунида, ранги рӯяш парид, авзояш дигаргун гашт, гӯё оташ ба ҷони номуродаш афтода бошад,яку якбора аз ҷой бархоста ба ман бо чашмони имдодталабона гуфт: "Акои Сафаралӣ, илтиҷо дорам, ин корро накунед! Бигузоред сессияро А. Искандаров кушояд ва раисӣ кунад, вагарна ҷанги граждани сар мешавад. Мефаҳмед, ако, ҷанги граждани! Дигар касе зинда намемонад!"

Аз авзои парешону тарзи гапзаниаш маълум буд, ки Ҷӯрабек Аминов бо супориши махсус назди ман даромада, масъалагузорӣ дорад. Ба ӯ нигариста, бо заҳрханда гуфтам: "Охир, 7-уми майи соли 1992 шумоён ба ман гуфта будед, ки агар ба Протоколи созиш имзо намосед ва Ҳукумати "муросои миллӣ" таъсис ёбад, ҷанги бародаркушӣ оғоз намеёбад. Гуфтан шумоёнро бидуни чуну чаро, ба хотири оромии мардум, нарехтани хуни инсон иҷро кардем, вале ҷанги бародаркушро аз марзи ҷумҳурӣ кашонидед ва се моҳу се рӯз аст, ки ҷанги граждани идома дораду аллакай даҳҳо ҳазор мардуми бегуноҳ шаҳиду аз хона бехона гардид. Боз чӣ гуна ва ба кадом рӯ бешармона оғоз ёфтани ҷанги гражданиро дастовези дасисаи навбатӣ карданиед?!

Дар ҳамин вақт қозии мусулмонони ҷумҳурӣ ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода, ки дар тан хилъати дарози бӯрмонанд, дар даст тасбеҳи хориҷӣ дошт, дарро боз намуда, бо аҳволи парешону синаи фарох ба назди мо даромад, дастҳоро ба ҳам боз намуда, сандуқи синаро ба пеш дамонда, "хайрият, туро зинда дидам, акоҷон!"— гуён маро ба оғӯш гирифта бӯсид, ки ҳамин вақт

Ҷӯрабек Аминов хайрухушро насия гузошта, ғайб зад. Ин саҳнаи ҳаҷвӣ ва меҳру муҳаббати "дӯстон"—ро, ки дар қасди ҷонам буданд ва ҳастанд, бо диди фаросат баркаш намуда, дарк кардам, ки онҳо аз рӯи сценарияи эҷоднамудаи мушовирони оппозисия амал карда истодаанд.

Сипас, ҳоҷӣ Акбар Тӯрачонзода зоҳиран маро чун бародари ҷонӣ пурсон шуда, ҳар гоҳ гӯё шукри худои ҳаждаҳ ҳазори оламро мекард, ки маро дар паноҳаш гирифтаву аз хавфу хатар эмин доштааст. Вале ботинан чӣ мехост, худо медонад... Охир ба сари мақсад омада, ба ман изҳори ақида кард: "Имрӯз сессияи Шӯрои Олиро кӣ мекушояд ва кӣ сарварӣ мекарда бошад?..."

Дар ҷавоб ба чашмони пур аз макру фиреби ӯ нигариста гуфтам: "Мулло Акбар, Шумо барои адолат ва демократия мубориза мебаред ва худро демократ меҳисобед! Аз рӯи Конститусияи амалкунанда Раиси Шӯрои Олӣ сессияро бояд бикшояд ва ба кори он сарварӣ намояд, то он вақте ки депутатҳои Шӯрои Олӣ истеъфои ӯро қабул накардаанд, ӯ ҳақ надорад, ки берун аз Қонуни Асосӣ амал намояд!"

Ин суханонро шунида, ранги рӯяш парид, ҳолаташ дигаргун гашт, чашму рӯяш ба ҷунбиш даромад. Ба ман нигариста гуфт: "Акоҷон, Шумо маро дуруст фаҳмед, ҳеҷ гоҳ ба Шумо хоҳони бадӣ набудам ва нестам. Мо гӯшту нохун ҳастем. Вале то ҳол дарк накардаед, ки вазъият дар шаҳри Душанбе бисёр ҳам муташанниҷ гардидааст. Ҳокимият пурра ба дасти оппозисия гузаштааст. Ҳукумати муросои миллӣ бо сарварии А. Мирзоев, Раёсати Шӯрои Олӣ бо роҳбарии А. Искандаров қариб пурра ҷонибдори оппозисия мебошанд, аз нақшаи кашидаи оппозисия онҳо қадаме берун намегузоранд. Раиси Ҷумҳур Р. Набиев бошад, бо сабаби яккаву танҳо монданаш кайҳо ба тарафи оппозисия гузаштааст ва ӯ ҳеҷ гоҳ Шуморо дастгирӣ намекунад. Ба оппозисия ваъдаи қатъӣ додааст, ки ба вазифаи раиси Шӯрои Олӣ шахсан номзадии Акбаршоҳ Искандаровро пешниҳод менамояду дастгирӣ мекунад".

Суханашро бурида, гуфтам: "Номзад ба вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ аз тарафи депутатҳои Шӯрои Олӣ пешниҳод мегардад, на аз ҷониби Раиси Ҷумҳур!"

— "Не,Шумо бовар намоед, шахсан худи раҳмон Набиев номзадии Акбаршоҳ Искандаровро ба вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ пешниҳод менамояд. Ҳатто ба бисёр депутатҳои боваринок аз вилоятҳои Ленинободу Кӯлоб ва шаҳри Душанбе, ки бо Шумо дӯстӣ доштанд, Р. Набиев гуфтугузор намуда, вазифадор кардааст, ки ба муқобили Шумову ҷонибдории А. Искандаров

сўхан гўянду овоз диҳанд. Вале Шумо то ҳол ба онҳо боварӣ доред. Қасам ба имонам, депутатҳои Шӯрои Олӣ, ки аз вилоятҳои Кӯлобу Ленинобод интихоб гардидаанд, кайҳо аз баҳри Шумо баромадаанд. Нақшаи онҳо дигар шудааст!... Якчанд маротиба ба Шумо гуфта будам, ки аз баҳри Р. Набиев бароед, бо оппозисия ҳамақида шавед, дидед, оқибат мо ғалаба кардем. Афсӯс, ки якравӣ карда, розӣ нашудеду ба чунин рӯзҳо гирифтор, аз хона бехонаву сарсону саргардон шудед..."

Суханашро боз идома дода гуфт: "Дар давоми ин се моҳ оппозисия қариб ҳамаи депутатҳоро зери истинтоқ гирифта, вазифадор намуд, ки истеъфои Шуморо қабул намуда, ба тарафдории А. Искандаров овоз диҳанд. Ва имрӯз аз тарсу воҳимаи оппозисия касе ба тарафдории Шумо, ҳатто депутатҳои халқи Тоҷикистон аз вилояти Кӯлоб интихобгардида ҳам ҳарфе нахоҳанд гуфт.

Бонобар ин, муборизаҳои Шумо ва мардуми вилоятҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппа бемазмуну беоқибат мебошанд. Бой додед!... "

Воқеан, ин суханони талхи қозикалон заминаҳои воқеии худро доштанд, ки ӯ идома дод: "Охир, агар роҳбарияти ҷумҳурӣ, органҳои муҳофизати ҳуқуқи инсон, зидди чинояткорӣ ва таъмини амнияти давлат тарафдори оппозисия намешуд, чӣ гуна Шодмони Юсуф, Давлати Исмон ва Муҳаммадшариф Ҳимматзода, ки аз як авлоданд, метавонистанд, ки дар шаҳри Душанбе ситоди "Наҷоти Ватан" таъсис намуда, ошкоро тарафдорони худро бо яроқу аслиҳа таъмин гардонида, ба ҷанги бародаркуш роҳнамун созанд. Боз онҳо ба ситод ва роҳбарони он аз бинои Девони Вазирон ва Мудофиаи Граждании ҷумҳурӣ утоқи корӣ ҷудо кардаанд. Ако, ҳозир Шодмони Юсуф ба ВКД, КАМ ва кумиҷроияҳои шаҳру ноҳияҳо рӯирост супориш медиҳаду ичрои онро талаб мекунад. Яъне ҳуқуқу ваколатҳои Раиси Ҷумҳур, Шӯрои Олӣ ва Девони Вазирони ҷумҳуриро ба зиммаи худ гирифтааст, ки касе ӯро чизе намегӯяд. Аз ин рӯ, роҳбарияти ҷумҳурӣ бозичае беш дар дасти оппозисия нест, Шумо боз танҳо хоҳед монд. Хулоса, гап бисёр...

— Шумо,— гапашро давом дод ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода,— ба фарзандон, хешу ақрабо ва мо, дӯстон даркор мебошед, дигар ба сиёсат даст назанед. Шуморо фиреб доданд, кӯлобиҳо барои соҳиби мансаб шудан ҷанг карда истодаанд, на барои барқарор намудани ҳокимияти қонунии то 7 майи соли 1992 амалкунанда. Ба онҳо бовар накунед, ба ҳамааш туф кунед, бигзоред сессияи Шӯрои Олиро А. Искандаров кушояду барад.

Бояд хуб фаҳмед, ки ҳама масъаларо силоҳ ҳал менамояд. Имрӯз биринҷи Душанбе оббардор нест!...

Суханони ҳоҷӣ Акбар Тӯрачонзодаро бо тамкин гӯш карда, ба худ андешидам, ки қисми зиёди онҳо далелноку аз ҳақиқат дур набуданд, агарчӣ мақсади ҳамаи онҳо як: ба сари қудрат овардани А. Искандаров ва дар тамоми соҳаҳои давлату қаламрави Тоҷикистон табаддулоти давлатиро ҷорӣ намудан буд, вале ҳақиқат низ дошт. Бо ҳамин ба ҳоҷӣ Акбар Тӯрачонзода пеш аз хайрухуш кардан гуфтам: "ҳоҷӣ Акбар! Шуморо хуб мефаҳмам, лекин ақидаамро ҳеҷ гоҳ тағйир нахоҳам дод. Ба мардуме, ки баҳри дифои ман бархоста буданд, боварӣ дорам ва дар назди мардонагии онҳо, аз ҷумла ба мардуми Хатлонзамин сари таъзим фуруд меорам!"

Он кас аз дар баромаду Даврон Ашӯров ворид гардид, вохӯрӣ кардем. Ба пиндорам, ҳамаи ин саҳнаи мазҳакаофарие буд, ки бастакорияшро Акбаршоҳ Искандаров коргардонӣ менамуд. Садо ва симои ҷумҳурӣ, рӯзномаҳо ду рӯзи охир, алалхусус, худи ҳамон рӯз танҳо дар бораи он суханронӣ мекарданд, ки "агар Сафаралӣ Кенҷаев ба сари қудрат биёяд, дар Тоҷикистон ҷанги граждани мешавад. Хуни ҳазорҳо бегуноҳон мерезад..."

Бо чунин роҳҳо ба депутатҳои Шӯрои Олӣ ва мардуми ҷумҳурӣ фишор меоварданд. Фикру ақидаи маро фаҳмида, оташ ба ҷони ишон қӯр гирифт, ки табхола бар лунҷонашон овезон мегардиду монанди одами моргазида ба худ мепечиданд. Онҳо мушовирону ҷонибдорони худро даъват намуда, роҳи ҳаллу фасли масъаларо мекофтанду мечустанд, вале аз роҳи адолат камтар маёфанд.

Бо маслиҳати якдигар А. Искандаров якчанд депутатҳои ба худ наздику сустиродаро, ки қисме аз онҳо ба ман ҳам дӯсту аз вилояти Кӯлоб буданд, даъват намуда, қарор қабул намудаанд, ки "гӯё бо мақсади тезутунд нашудану муташанниҷ нагардидани авзои сиёсии ҷумҳурӣ, сар назадани ҷанги граждани, таклифу дархости аҳзоби сиёсиро ба назар гирифта, огоз ва бурдани кори сессияи Шӯрои Олӣ ба зиммаи А. Искандаров гузошта шавад. Агарчӣ чунин шакли ҳалли масъала бар хилофи Конститусияи ҷумҳурӣ ва регламенти Шӯрои Олии ҷумҳурӣ буд, чунки бояд дар сессияи Шӯрои Олӣ дар асоси протоколи созиш аз 7-уми маи соли 1992 масъалаи истеъфои Раиси Шӯрои Олӣ гузошта мешуд, на бозхонди ӯ.

Аз ҷумла, дар моддаҳои 106, 109 Конститусияи ҷумҳурӣ омадааст: "Барои ташкили кори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалӣ гардонидани дигар салоҳиятҳо дар

Лаҳзае аз гирдиҳамоиҳои майдони "Шаҳидон", ки мухолифин битавонист мардумро гумроҳ сохта, ба муқобили ҳукумати қонуни бархезонад.

Лаҳзаи хондани намоз дар майдони "Шаҳидон". Ҳол он, ки масҷиди Ҳоҷӣ Яъқуби Чархӣ дар масофаи 300 метр аз майдон воқеъ аст.

Лаҳзае аз гирдиҳамой дар майдони "Шаҳидон".

Лаҳзае аз амалиётҳои мухолифин дар назди бинои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Силоҳбадастони мухолифин дар кӯчаи А. Рӯдакӣ.

Силоҳбадастони мухолифин дар майдони "Шаҳидон".

Ба қувваю қудрат ва садоқати кормандони ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди иҷрои вазифаи муқаддаси худ назар андозеду хулоса бароред, ки онҳо чӣ гуна ба амалиёти чиноятҳоронаи ҷенерали мардумӣ, қотили Додситони Кулли ҷумҳурӣ, депутати халқи ҷумҳурӣ Нурулло Умарович Ҳувайдуллоев — Раҳимбек Нуруллобеков чун ба мўъҷиза тамошо карда истодаанд.

Ба "хизмати" мухолифин нигареду қазоват намоед...

Лаҳзае аз амалиётҳои авбошонаи мухолифин дар назди бинои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Нахустин лаҳзаҳои гасби телевизиони ҷумҳурӣ аз тарафи мухолифин. Шаби 7-уми маи соли 1992.

Лаҳзаи сӯҳбати кормандони органҳои маъмурӣ ва авбошон ҳангоми гасб намудани телевизиони тоҷик.

Нахустин лаҳзаҳои гасби телевизиони ҷумҳурӣ аз тарафи мухолифин. Шаби 7-уми маи соли 1992.

Лаҳзаи сӯҳбати кормандони органҳои маъмурӣ ва авбошон ҳангоми ғасб намудани телевизиони тоҷик.

Лаҳзаи сӯҳбати кормандони органҳои маъмурӣ ва авбошон ҳангоми ғасб намудани телевизиони тоҷик.

Мухолифин дар майдони "Озодӣ".

Лаҳзае аз сохтакориҳои мардумфиребонаи мухолифин дар назди бинои Шӯрои Олӣ баъд аз ба даст даровардани ғалаба.

Лаҳзае аз сохтакориҳои мухолифин дар назди бинои Вазорати иқтисод ва молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Лаҳзае аз сохтакориҳои мухолифин.

доираи Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил мегардад". "Муовини Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ваколати Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои ҷудогонаи ӯро ичро мекунад..." Ва чунин қарорро дар толор ба депутатҳо қироат карданд, ҳол он ки кворум набуд, сессия кори худро оғоз накарда ғайриқонунӣ буд. Вале аз тарсу ҳароси силоҳбадастони ситоди "Наҷоти Ватан" касе аз депутатҳои Шӯрои Олӣ нисбати ин қонуншиканиҳо ҳарфе ба забон намеовард. Ҳамон рӯз то бегоҳ сессия кори худро оғоз накард, зеро шумораи депутатҳои ба қайд гирифта ҳуқуқ намедод, ки сессия ба кори худ оғоз намояд. Сипас, тахминан соатҳои 17 маро ба утоқи кории А. Искандаров даъват карданд, ки дар он ҷо Р. Набиев, А. Искандаров, А. Мирзоев, Н. Дӯстов ва Н. Ҳувайдуллоев ҳузур доштанд. Дар сӯҳбат А. Искандаров ба мо гуфт: "Агар Сафаралӣ Кенҷаев ва Назрулло Дӯстов боз ба сари қудрат биёянд, дар ҷумҳурӣ ҷанги граждани мешавад, хуни мардуми бегуноҳ зиёд мерезад". Сухани ӯро Назрулло Дӯстов бурида гуфт:

— Акбаршоҳ Искандаров, чаро ба гуноҳи нокарда моро гунаҳкор меҳисобеду нисбати гуноҳи худ чизе намегӯед? Охир, пас аз 7 маи соли 1992 Шумо ба сари қудрат омадед-ку?! Дар ин давра хуни чанд ҳазор одами бегуноҳ рехт?! Ҳазорҳо нафар аз хона бехона гардид?! Охир, ҷанги граждани то имрӯз идома дорад-ку?! Ба ҳамаи ин магар Шумо гунаҳкор нестед?! Ва имрӯз агар ақлу хиради Шумо битавонад, ки пеши роҳи ҷанги бародаркуширо гираду мардумро ба сулҳу салоҳ биёрад, ман ва Сафаралӣ Кенҷаев тайёрем бори дигар аз он вазифаҳо даст кашем. Афсӯс, ки бо ин ақлу заковат аз дастатон чизе намеояд ва итминон дорам, ки нахоҳад омад..."

Ба гуфтаҳои Назрулло Дӯстов ҳамроҳ шуда гуфтам:

— Ба ақидаи Назрулло Дӯстов розӣ ҳастам, вале агар аз ӯҳдаи кор набароед, барои рехтани хуни мардум дар назди халқ, қонун ва таърих ҷавоб хоҳед дод!

Пас аз чунин суханон Акбаршоҳ Искандаров бешармона як порча чармро ба башарааш кашида, гуфт:

— Агар Шумо даъвои мансаб накунед, ман аз ӯҳдаи қатъ гардонидани ҷанги бародаркуш ва ба сулҳу салоҳ овардани мардуми ҷумҳурӣ баромада метавонам.

Ин суханони Акбаршоҳ Искандаровро идома дода, Р. Набиев изҳор намуд:

— Вазъияти ҷумҳурӣ ба ҳамаи мо маълум, дар вилояти Қурғонтеппа то ҳол ҷанг идома дорад... Бинобар ин, ба Сафаралӣ Кенҷаев ягон кори дигар ёфтан лозим. Ҳамон кумитаи назоратии назди Раиси Ҷумҳурро омада сарварӣ намояд, ба вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ Акбаршоҳ Искандаровро пешниҳод намоем, ба фикрам дуруст мешавад. Суханони Р. Набиевро шунида, ба худ андешидам, ки фикри ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода беасос набудааст, тақдири ман кайҳо дар зинаҳои боло ҳаллу фасли нотавонбинонаи хешро дарёфта.

Ба онҳо гуфтам:

— Шумо аз ман ягон хавфу хатар набаред, талабгори ягон мансаб нестам, дар комбинати маъдани кӯҳии Анзоб кор карда истодаам ва шукри он мардуми меҳмоннавозу қавиродаи сахтҷон мекунам, ки маро зери ҷомаи худ паноҳ додаанд. Танҳо хоҳони онам, ки ҷанги бародаркуш қатъ гардад, миёни гурӯҳҳои ба ҳам мухолиф сулҳу салоҳ шавад. Онҳо аз гуфтаҳоям воқеан хушдилона хотирҷамъ гардиданд. Сипас, Р. Набиев ба ҳозирон изҳори андеша намуд, ки бе маслиҳати ман сессияи Шӯрои Олиро даъват кардаанд, ҳоло ҷанг рафта истодааст, вақти гузаронидани сессия нест, коре карда, миёни мардум сулҳу салоҳро барқарор кардан лозим. Бинобар ин нагз мешуд, ки депутатҳои омадагиро ҷавоб медодеду наомадагиашонро кофтуков намекардед. Ва пагоҳ аз паи машварат ба гурӯҳҳои бо ҳам мухолиф камар мебастем.

Ин гуфтаи Раиси Ҷумҳурро Акбаршоҳ Искандаров тасдиқ кард, дигарон ҳам розӣ шуданд. Бо ҳамин мо ба гуфтаи онҳо боварӣ ҳосил кардем, ки сессияи Шӯрои Олӣ баргузор намешавад, аз ин сабаб ба меҳмонхона омадем, ки дар он ҷо бо депутатҳои вилоятҳои Кӯлоб ва Ленинобод вохӯрдем, онҳо ҳам тасдиқ карданд, ки сессия бургузор намегардад, ба ноҳияҳои худ бармегарданд. Соатҳои 19 ба наздам Нурулло Ҳувайдуллоев, Мавлон Олимов ва Қурбоналӣ Мирзоалиев омаданд ки ман бо якчанд депутатҳои халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вилояти Ленинобод ихтиҳобгардида нишаста будам. Дар рафти сӯҳбат ақидаи баргузор нагардидани сессияи Шӯрои Олиро тасдиқ намуданд ва илова карданд, ки аз сарчашмаҳои дақиқ хабар омадааст, ки гӯё оппозисия бо роҳбарии ҷонишини аввали раиси Кумитаи Амнияти Миллии ҷумҳурӣ Ҷӯрабек Аминов дар маҷлисгоҳи бинои Шӯрои Олӣ мина гузоштааст, ки агар депутатҳо масъаларо ба фоидаи оппозисия ҳаллу фасл нанамоянду А. Искандаровро раиси Шӯрои Олӣ интихоб накунанд, онро метарконидаанд.

Суханҳои онҳоро ба бовар накардан ҳаққу ҳуқуқ надоштем, чунки дўстони наздиктаринам буданду ҳастанд, агарчӣ Нурулло Ҳувайдуллоев ва Мавлон Олимов имрўз чисман ҳамроҳи мо нестанд. Аз тарафи дигар, амнияти бинои Шўрои Олӣ ба зиммаи Ҷўрабек Аминов гузошта шуда буд. Чӣ тавре ки мегўянд: "гургро ба қўтани мешон сар дода буданд". Дар он шабу рўз барои ба мақсад ноил гардидан мухолифин аз ягон иқдоми бад намегаштанд, Тайёр бўданд, ки нисфи мардуми чумҳуриро сар аз тан чудо созанд, то ба муроди бемуродиашон бирасанд.

Бинобар ин ба назди Бобои Сангак, ки бо Қурбоналӣ Мирзоалиев ва Маҳмадсаид Убайдуллоев дар як хона зиндагӣ мекарданд, даромада маслиҳатҳоямонро карда, гуфтем, ки сессия намешудааст, баргашта ба ноҳияи Айнӣ меравем. Онҳо ҳам гуфтаамро тасдиқ намуда гуфтанд, ки саҳар бармегарданд. Сипас, онҳо маро ба комбинати маъдани кўҳии Анзоби ноҳияи Айнӣ то пости ИДА-и ноҳияи Варзоб гуселонданд.

Ҳамон шаб ба шаҳрчаи Сарводаи ноҳияи Айнӣ омада, чун пештара саҳар аз паи иҷрои вазифа будам. Маро касе накофт ва занг ҳам назад. Баъд аз он бегоҳирўзӣ аз ахбори умум бохабар гардидам, ки пас аз омадани ман депутатҳоро чамъ намуда, кори сессияи Шўрои Олиро оғоз кардаанд. Рости, ин боз як дасисаи навбатие буд, ки моёнро фиреб дод ва бар хилофи талаботи Конституцияи чумҳурӣ сухани маро нашунида, аз вазифаи Раиси Шўрои Олӣ сабукдўш кардаанд. Агарчӣ Додситони Кулли чумҳурӣ, депутати Шўрои Олӣ Нурулло Ҳувайдуллоев ба онҳо бори дигар қонунро фаҳмонида, изҳори ақида намуд, ки мувофиқи регламенти Шўрои Олии чумҳурӣ қабл аз бозхонди Раиси Шўрои Олӣ бояд, ки ў дар назди намояндагони халқ сухан гўяд. Худи С. Кенҷаев имрўз дар кори сессия иштирок надорад, чунки шабона ба ў фаҳмонда буданд, ки сессияи Шўрои Олӣ кори худро сар намекунад, бинобар ин ба комбинати маъдани кўҳии Анзоб рафт. Сессия метавонад ўро даъват намуда, ин масъаларо ба таври қонунӣ ҳал намояд. Тарафдорони оппозиция, депутатҳои Шўрои Олӣ О. Ёқубов, С. Тўраев ва вазири адлияи чумҳурӣ Ф. Абдуллоев майдонро фароху Нурулло Ҳувайдуллоевро танҳо ёфта, ақидаи ўро бе далелу бурҳон ва таҳлили қонунӣ инкор карданд. Ҳол он ки чӣ гуна қонундон будани Ф. Абдуллоев ба депутатҳо чун офтоб рўшан буд. Вале он шабу рўз онҳо саргаранги "зафарҳо" буданду пуштибонашон дастаи Ҷўрабек Аминов бо туфангдорони ситоди "Начоти Ватан", дуогўяшон қозикалони мусулмонони чумҳурӣ, ки дар даму нафасашон заҳра мепухт. Гапи онҳо гап буд!...

Умуман, он ҷо ки силоҳ ҳукмрои аст, ҳеҷ гоҳ қонуну ҳақиқат нест ва корҳое, ки бо зўроварӣ анҷом меёбанд оқибати нек надоранд. Ба ҳамагон маълум аст, ки охири чунин нобихрадиҳо дарду дареғ асту халос!

Ин ғалабаи навбатӣ қадами ҷиддӣ ниҳодани оппозиция дар сиёсати олии ҷумҳурӣ буд, ки бисёр ҳам дасисакорона, бо кўмаки "дўстонамон" амалӣ гардид!...

Аз ҳама муҳимаш он буд, ки Раиси Ҷумҳур Р. Набиевро маҷбур сохтанд, ки нисбати таклифи роҳбарони оппозиция, ки хуни ҳазорон ҷонибдорони давлати қонуниро резонда буданд, мароқ зоҳир намояд, чунки Раиси Ҷумҳур дар гирдобе афтода буд, роҳи дигаре надошт. Вагарна онҳо қодири ҳама кор буданд... Дар сессияи Шўрои Олӣ номзадии Акбаршоҳ Искандаровро, ки аз ибтидо то интиҳо тарафдори сарсахти оппозиция буд, ба вазифаи Раиси Шўрои Олии ҷумҳурӣ пешниҳод карда, аз депутатҳои Шўрои Олӣ дастгирии ўро қотеъона талаб намуд, то бидуни барномаву муҳокима ба тарафдориаш овоз диҳанд.

Агарчӣ мувофиқи талаботи Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва регламенти Шўрои Олӣ номзод ба вазифаи Шўрои Олӣ танҳо аз тарафи депутатҳои Шўрои Олии ҷумҳурӣ пешбарӣ карда мешавад. Пас аз пешбарӣ кардан Раиси Ҷумҳур ҳуқуқи баён кардани фикру ақидаи худро нисбати номзад дошт.

Сипас, депутатҳои Шўрои Олӣ ояди номзадии Акбаршоҳ Искандаров ба вазифаи Раиси Шўрои Олӣ изҳори ақида карданд:

— РАҲМОНОВ Э., (ҳавзаи интихоботии Данғара, рақами 172). Пеш аз омадан ба иҷлосияи Шўрои Олӣ дар Данғара мардум бо депутатҳо вохўрда, наказҳои зиёде доданд. Накази онҳоро ман ба Шумо пешниҳод мекунам. Маро дуруст фаҳмед. Дар сурате, ки номзадии А. Искандаров ба мансаби Раиси Шўрои Олӣ пешниҳод карда шуд, мо инро тарафдорӣ мекунем. Вале ҳамаи аъзоёни Раёсати Шўрои Олӣ ҳам бояд аз нав интихоб карда шаванд.

— ДОСТИЕВ А., (ҳавзаи интихоботии Октябр, рақами 198, ноҳияи Бохтар). Дар тўли 2,5 моҳе, ки вазъият муташаннич аст, махсусан дар водии Вахш, танҳо А. Искандаров дар ин рўзҳои сахт дар паҳлўи мо буд. Аз роҳбарияти ҷумҳурӣ танҳо ҳамин шахс кор кард. Дар майдонҳои ҷанг ҳам буданд. Ҷое шуд, ки дар болои сараш тир парронданд. Ў наҳаросида ба нуқтаи вазнинтарин мерафт. Ман пешниҳод дорам, ки бе алтернатива номзадии А. Искандаров ба овоз монда шавад.

— ТЎРАЕВ С. Раёсати Шўрои Олӣ аз ин пеш ҷамъ шуда, ин масъаларо муҳокима кард, ба хулосае омаданд, ки номзадии А. Искандаров пешниҳод гардад. Ман аз номи Раёсат хоҳиш дорам, ки ин номзадро тарафдорӣ кунед.

— Нуралишоҳ НАЗАРОВ — ҳавзаи интихоботии Мўъминобод, рақами 201: Баргузор гардидани ин иҷлосияро мо таи бештар аз се моҳ интизор будем. Чунки вазъи ҷумҳурӣ муташаннич буду баъзе шахсони масъули дастгоҳи Раиси Ҷумҳур ва давлату ҳукумат вазифаҳои муқаддаси ба зиммаашон гузошташударо ба таври бояду шояд иҷро намекарданд. Дар шаҳру навоҳии вилоёти Қўрғонтеппаю Кўлоб нооромӣ ба вуҷуд омад, хуни шахсони бегуноҳ рехта шуд.

Шахсан ман ин марди шариф Акбаршоҳ Искандаровро таи 2,5 сол аз наздик мешиносам ва дар иҷлосияҳо якҷоя фаъолият мекунем. Ҳамчун муҳандису мутахассиси хуб бошад, бештар аз даҳ сол боз мешиносам. Марди ботамкин, ҳалол, ҳақҷўю ҳақгў аст. Хислати маҳалчигию маҳалгарой, ба гурўҳҳо тақсим кардани депутатҳоро надорад.

Дар рўзҳои мушкилу сангине, ки ба сари мардуми шарифи тоҷик омада буд, вай монанди баъзе ашхоси олирутба канорачўй накард, баръакс ҳамеша байни одамон буду кўшиш ба харҷ медод, ки шахсони ба ҳам қаҳриро оштӣ бидиҳад. Ва ба он муваффақ ҳам шуд, ки созишномаи мусолиҳаи шаҳри Хорўғ шоҳиди он аст. ("Садои мардум", аз 14 августи соли 1992).

Бисёрии депутатҳои Шўрои Олӣ, ки то ҳол аз нимкосаи зери коса бехабар буданд, чунин ранг гирифтани корро дида, ангушти ҳайрат газида, ба худ андешиданд: "Чӣ бояд кард, бо кадом роҳ рафт, ки сиҳату саломат аз бинои Шўрои Олӣ баромада, ба назди фарзандонашон баргарданд? Чунки моргазида аз ресмони ало тарсидааасту борҳо дасти пурхуни оппозицияро дидаву қатлу куштори онҳоро эҳсос намудаанд.

Инчунин, аз як тараф талаби қотеъонаи Раиси Ҷумҳур ва баъзе депутатҳо, ки бе муҳокимаву алтернатива бояд Акбаршоҳ Искандаров Раиси Шўрои Олӣ интихоб гардад, аз ҷониби дигар, туфангдорони ситоди "Наҷоти Ватан"— дастаи Ҷўрабек Аминов ва овоза ё ҳақиқат оиди таркондан ё натаркондани минаи зери бинои Шўрои Олӣ онҳоро ба андеша андохта буд. Рости, ин амри бисёр талх тамоми намояндагони халқро хастадилу парешонавзоъ сохта, чӣ кор кардану додашонро ба кӣ гуфтанашонро намедонистанд, ки шоир гуфта:

Дар миёни чор дарё тахтабандам кардай,
Боз мегўй, ки доман тар макун, ҳушёр бош!

Дар чунин вазъияти ноҳинҷору ғазабафзою ғайридемократӣ, зери таҳдиди тиру туфанги мухолифин Акбаршоҳ Искандаров Раиси Шӯрои Олӣ интихоб гардид.

Сипас, бо таклифи Раиси Кумитаи Шӯрои Олӣ ойди сохтори давлатӣ А. Саидов депутатҳо Қарори Шӯрои Олӣ "Дар бораи бекор кардани қонуне, ки 30-апрели соли 1992 дар бораи шакли идоракунии президентӣ" қабул шуда, ба Президенти ҷумҳурӣ як қатор ваколатҳои Шӯрои Олӣ дода шуда буд, қабул карданд ва ваколатҳо бозпас ба Шӯрои Олӣ ва Раёсати он гардонда шуд.

Ин ғалабаи навбатӣ неруи оппозицияро истеҳком мебахшид.

Чунин номардӣ ва тарсуии сиёсатмаобро бори дигар мушоҳида намуда, ба фикр фурӯ рафтаму ба худ андешидам: Худоё, нафси девзову нопоки инсонро ғайр аз хоки гӯр дигар чизе сер нахоҳад кард. Худамро ба роҳбарони ҷумҳурӣ ҳамфикру ҳаммаслак меҳисобидам, барои сари қудрат омадани онҳо ҳиссаи чашмрасе гузошта будам. Вагарна чаро 2-юми декабри соли 1991 дар сессияи Шӯрои Олӣ номзадии маро депутатҳои мӯҳтарами халқ пешбарӣ карда буданд, ки аз миёни се номзад дар навбати аввал ғолиб омадам.

Пас аз он Акбаршоҳ Искандаров бо ранги рӯи парида ба назди ман даромада гуфт: "Мӯҳтарам Сафаралӣ Кенҷаев, маро бубахшед, ки ба гуфтаи дигарон бовар намуда, ҳарифи Шумо гардида, насбати Шумо беэҳтиромӣ кардам".

Ба ӯ гуфтам: "Ҳеҷ гап не, ин демократия мебошад, ҳар кас бояд аз рӯи қонун қувваозмои кунаду бахтсанҷӣ". Суханамро давом дода, пурсон шудам: "Шуморо кӣ ва нисбати кадом масъала фиребид?"

Дар косахонаи чашмони Акбаршоҳ Искандаров ашк ҳалқа мезад ва ба ман нигоҳ карда гуфт: "Раиси Ҷумҳур ба ман вазифаи Раиси Шӯрои Олиро ваъда карда буданд. Бо таклифи он кас ман номзадиамро гузоштам. Ва он кас ба ман гуфта буданд: "бо депутатҳои Шӯрои Олии аз вилоятҳои Ленинободу Кӯлоб интихоб шуда гапзанон кардаанд, ки онҳо мебоист ба тарафдории ман овоз медоданд. Ноинсоф, маро фиреб дода будааст, агар медонистам, ки ӯ дурӯябозӣ мекунад, ҳеҷ гоҳ ба шумо ҳариф намешудам!"

Ҳарчанд бо А. Искандаров шиносоии наздик надоштам, ба суханронию ашкрезонии ӯ нигариста, хуб дарк кардам, ки ӯ дурӯғгӯю дасисабоз ва нопок аст. Ӯро дилбардорӣ карда, бо киноя гуфтам:

— Ҳеҷ гап не. Чӣ тавре ки гуфтаанд:

Бо дўстони худо дўст бош,
Бадро бадии худ кифоя.

Инчунин вақто ки дар сессияи сенздаҳуми Шўрои Олй оппозиция масъалаи истеъфои маро гузошт, Раиси Ҷумҳур бо сабаби беморй дар сессия иштирок накард ва натавонист, ки ақидаи худро нисбати Раиси Шўрои Олй равшан намояд. Ин вазъиятро роҳбарони оппозиция ба фоидаи худ шарҳ дода, мардуми ҷумҳуриро ба иштибоҳ андохта, гуфтанд: "Муносибати Раиси Ҷумҳур нисбати Раиси Шўрои Олй нагз нест, зери коса нимкосае вуҷуд дорад...

Дар он шабу рўз роҳбарони оппозиция бо воситаи ахбори умум ва дар баромадҳои нотиқони майдони "Шаҳидон" ба мардуми ҷумҳурй гўшрас мекарданд, ки гўё миёни Раиси Шўрои Олй ва Президенти ҷумҳурй зиддияте вуҷуд дорад. Аз ҷумла ҷенерали мардумй Қоримуҳаммадҷон 28-уми апрели соли 1992, соати 5.20 дақиқа дар гирдиҳамоии майдони "Шаҳидон" иброз намуд: "Роҳбарияти ҳукумат мехоҳанд, ки Раиси Ҷумҳур Р. Набиевро бикушанду дар ҷои ў С. Кенҷаевро президент интихоб намоянд. Мо бояд ба ҳимояи Р. Набиев бархезем..." Соати 7.00 шайх Саидмуҳаммад баромад намуда гуфт: "Абдуллоҷон Очилов, Абдумалик Абдуллоҷонов ва Эргашбой Қурбонов давугеҷ доранд, ки Р. Набиевро сабукдўш намуда, С. Кенҷаевро Раиси Ҷумҳур интихоб намоянд..." Ин дасиса буд, ки миёни ду аркони давлат тухми низоъу нобоварй ва ҷудой мепошиду мекорид, то мавқеи давлату ҳукумат сусту фарсуда гардад.

Дасисаи пардапўшонаи онҳоро мо дуруст фаҳмида будем, вале афсўс бисёриҳо амиқан дарк накарданд.

Боре, ҳангоми гирдиҳамоиҳои апрели соли 1992 дар сўҳбати хоссаи депутатҳои Шўрои Олии ҷумҳурй Ҷўрабой Шокиров (вилояти Ленинобод), Эмомалй Раҳмонов (вилояти Кўлоб), Усмонқул Шокиров (вилояти Қўрғонтеппа) ва чанде дигар бо Раиси Ҷумҳур, Раиси Шўрои Олй ва сарвазир ибрози ақида намуданд, ки барои аз миёни мардум бурдани чунин нақшаҳои хиёнаткоронаи оппозиция, вақти он расидааст, ки бо имзои се ургони давлат — Раиси Ҷумҳур, Раиси Шўрои Олй ва Сарвазир ба халқи ҷумҳурй як мурочиатномае қабул карда, ба воситаи ахбори умум ба халқи ҷумҳурй фаҳмонда шавад. То мардум бифаҳмаду бидонад, ки валвалаи оппозиция беасосу дасисаи навбатист. Чунин таклиф қобили қабули Раиси Ҷумҳур ва мо гардид ва депутати Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардабири рўзномаи "Садои мардум" Муродуллоҳи Шерализода заҳмати зиёде ба харҷ дода, мурочиатномаро тартиб дод. Сарвазир А. Мирзоев ва ман ба он имзо гузоштем, вале дар дастгоҳи Раиси Ҷумҳур

он ҳуҷҷат бе имзо монд. Бо ҳамин муроҷиатнома ба мардуми ҷумҳурӣ дастрас нагардид...

Чунин фикрҳои кӯтоҳандешонаю муносибатҳои норавшан ба оппозиция қувват мебахшид, амалиёти зидди сохти давлатии он муташаккилона меафзуд, ки теша ба решаи Раиси Ҷумҳур Р. Набиев мезад...

Бале, борҳо чунин номардии мардзодагони заифмизоҷро бо чашмони худ дидаву мушоҳида карда, ба хотир меораму ба худ меандешам ва нахуст ба сиёсату сиёсатмаоб лаънат мегӯям, сипас хештанро сарзанишу накӯҳиш, ки неку бадро дуруст таҳлил накарда, ба ҳар ашхоси ноозмудаи худ гапдарой намуда, бовар кардам, ба дурӯғгӯёну дурӯяҳо, сияҳдилону дасисабозон соддалавҳона ҳамкору ҳамсӯҳбат гардида, ҳаётамро дареғ надошта, барои бурди онҳо хизмат кардам. Бисёр дареғ ва бисёр таассуф меҳӯрам.

ИРОДАТ НАДОРӢ, САОДАТ МАҶӮЙ!

Ҳар гоҳе, ки номардии мардонро мебинам, ба худ мепечаму менолам, ба дарёи фикр ғӯта мезанаму ба худ меандешам: Охир, сабаби ба марази дурӯяғӣ гирифтор шудани шахсони оддиву қаториро фаҳмидан мумкин, ки касофати онҳо ба аҳли оилаашон мезанаду хонадоне вайрон мешавад. Вале агар шахсони соҳибмансаб дурӯғ гӯянду дурӯя бошандчӣ?!

Бале, касофати ӯ на танҳо ба аҳли оилааш,балки ба халқу давлате, ки инони ихтиёрашро ба ӯ бахшидааст, мезанад. Бад-ин манзур дар ҳадиси 401 (367) ҳазрати Муҳаммади мустафо салаллоҳу алайҳи ва саллам омадааст: "Худои таъоло рӯзи қимёмат бо се кас такаллум нахоҳад кард, бо эшон нигоҳ накарда, эшонро тазкир нахоҳад намуд, балки онҳо дар азоби алим хоҳанд буд:

— аввал пири зинокор;

— дуввӯм подшоҳи дурӯғгӯй;

— саввӯм фақири мутакаббир (мағрур)."

Ё ин ки дар ҳадиси 368 (309) омадааст: "Аз дурӯғ парҳезед, зеро дурӯғ аз имон дур аст". Ба пиндори ман, дар замони кунунӣ иддаи роҳбарият, пешвоёни дини мубини ислом, (мазҳаби Ваҳҳобия), эшону уламо аз касалии дурӯғгӯй табобат наёфтаанд, ки он яке аз сабабҳои асосии бадбахтиҳои ба сари миллату халқи ҷумҳурӣ омада мебошад.

Таҳлили мушоҳидаҳо шаҳодат медиҳанд. ки дар сиёсату сиёсатмадорӣ ҳеҷ гоҳ дӯстӣ беғараз нахоҳад буд, чунки сиёсат

худ мубориза аст. Мубориза барои чӣ? Барои ба даст оваридани манфиати сиёсӣ, маънавӣ, моддӣ...

Сиёсатмадори варзида ҳеҷ гоҳ бо сиёсатмадорони дохили як ҷумҳурӣ, як вилоят, як шаҳру ноҳия дӯсти ҷонӣ нахоҳанд гардид, чунки ғаразе миёни онҳо нуҳуфта асту пардапӯшона амал мекунад ва онҳо агарчӣ зоҳиран дӯст бошанд, вале ботинан бадбини якдигаранд. Ҳар яки он ду мақсад дорад: яке дар ҳаракати он аст, ки курсии мансаб аз даст наравад, дуюм дар ҳаракати он аст, ки коре карда, соҳиби мансаби болотар, ё ин ки обрӯву эҳтиромаш миёни мардум нисбати дигарон аълотар бошад. Дар ин хусус шоир хеле хуб фармуда:

Ҳарҷо бишикаст, дасти доно бишикаст,
Он даст зи бадбахтии дунё бишикаст.
Хоин кӣ бувад миёни аҳли ҳукамо,
Оне, ки сиёсаташ сари мо бишикаст.

Мардуми оддӣ, ки найранги сиёсатмадоронро хуб сарфаҳм намерафт, бо чашмони имдодталабона нигарони кори сессияи понздаҳӯм буд, ки шояд ба хулосае биёяд, ки ба талаботи мухолифин мувофиқат намояду ҷанги бемантиқу бародаркуш боздошта шавад ва вазъияти ҷумҳурӣ ба эътидол ояд. Дар сессия депутатҳои Шӯрои Олӣ Ҳ. Табаров, Қ. Мирзоалиев, Э. Раҳмонов, Н. Ҳувайдуллоев, Ғ. Орифов, Ҷ. Неъматов, Ҳ. Шарифов, А. Ҳакимов, С. Рачабов, М. Мирзобадалов, С. Шарифов, А. Саидмуродов, Қ. Ҷабборов, А. Раҳмонова барои гирифтани пеши роҳи ҷанг таклифу дархостҳои мушаххас пешниҳод карданд. Нисбати барҳам додани Ҳукумати "муросои миллӣ"— и ғайриқонун таъсисёфта;— аз сари қудрат дур сохтани раиси Кумитаи садо ва симои ба ном "мардумӣ" М. Мирраҳимов;

— қатъиян манъ сохтани амалиёти ситоди "Наҷоти Ватан"— и Шодмони Юсуф, ки ба силоҳнок намудан ва ба ҷанги вилояти Қӯрғонтеппа фиристодани ҷавонони гумроҳзада машғул буд, ибрози ақида намуданд. Дар он вазъияти ба миён омада сухан рондан ва талабу дархост пешниҳод намудан ба муқобили ҳукумате, ки бо хоҳиши оппозиция сари қудрат омада буд, ҳарфе задан ин қаҳрамонӣ буд...

Вале бар хилофи талаботи регламенти Шӯрои Олӣ ва Қонуни Асосии ҷумҳурӣ Раиси Шӯрои Олӣ Акбаршоҳ Искандаров "марди некному бошараф" мансаби хизматиашро сӯиистеъмол намуда, таклифу пешниҳоди депутатҳоро ба муҳокима нагузошт ва ҳатто мавриди райъгирӣ ҳам қарор надод. Аксарияти депутатҳо аз тарсу ҳароси силоҳбадастони

мухолифин сар намебардоштанд, ақидаҳояшонро зиқу ошкоро иброз намедоштанд, тайёр буданд ҳарчӣ зудтар тукмачаро пахш намоянду сессияро ба сомон расонда, марзи Душанберо тарк гӯянд.

Аз ин сабаб таклифу пешниҳоди депутатҳое, ки баҳри беҳбудии вазъи ҷумҳурӣ аз хонумону ҷони азизи худ гузар карда буданд, беоқибат монданд, нисбати онҳо ягон ҳуҷҷате қабул нагардид ва сессия оиди гирифтани пеши роҳи бедодгариҳо, куштану гаравгон гирифтанҳои мардум, ба эътидол овардани вазъи сиёсии ҷумҳурӣ хурдтарин чораи судбахше наандешид!...

Билохира депутатҳои халқи Тоҷикистон, ки худро ҷонибдори ҳокимияти Р. Набиев меҳисобиданд, бори дигар бемасъулиятию кӯтоҳандешӣ зоҳир намуда, дар сессияи понздаҳуми Шӯрои Олӣ ҳуқуқу ваколатҳои Раиси Шӯрои Олӣ Акбаршоҳ Искандаров ва Президиуми Шӯрои Олиро аз ҳисоби ҳуқуқу салоҳияти Раиси Ҷумҳур зиёд гардониданд. Бо ин амали носавоб ба Акбаршоҳ Искандаров шароити комилан дилхоҳе фароҳам оварданд, то ки кулли масъалаҳои сиёсиву иқтисодиро бо воситаи Раёсати Шӯрои Олӣ, бидуни даъвати сессияи Шӯрои Олӣ ҳаллу фасл намояд. Он чизе, ки мухолифин шаб дар хобу рӯз дар хаёлаш мегашт бе давву ғеҷи зиёд дастрасашон гардид.

Ин ғалабаи навбатӣ нерӯи мухолифинро истеҳком бахшид, барои ба анҷом расондани нақшаҳояш оиди анҷоми табаддулоти давлатӣ, яъне аз сари қудрат дур гардонидан Додситони Кулли ҷумҳурӣ Н. Ҳувайдуллоев ва Раиси Ҷумҳур Р. Набиев заминаи амиқаи пурқуввату камаршикан гузошт.

Сессия ба ҷои он, ки ба доди мардум бирасаду марҳилаи қатъ гардидани Ҷанги бародаркуш, боздоштани рехтани хуни инсон, пароканда гардонидани ташкилотҳои хуношоми "Наҷоти Ватан", "Горди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Дастаи бесилоҳгардонии назди ВКД-и ҷумҳурӣ" гардад, сабаби пурқувват гардидани мавқеъ маромии мухолифин, Ҳукумати "муросои миллӣ", авҷ гирифтану васеъ шудани майдони ҷанг гардид.

Ашхоси калавандаю сустирода аз қарорҳои сессияи понздаҳуми Шӯрои Олӣ ва фикру ақидаронии баъзе депутатҳо, ки худро гӯё ҷонибдори ҳукумати қонунии то 7-уми маи соли 1992 амалкунанда меҳисобанд, хабардор гардида, ба ғалабаи мутлақ ноил гардидани мухолифин ба пуррагӣ боварӣ ҳосил намуда дасту дили худро аз ҳокимияти Р. Набиев битамом

бишустанд. Аз паи даву ғеҷи он гардиданд, ки ҳарчӣ зудтар ба ситодҳои мухолифину қозиёт бираванду ба "демократҳо"— и мансабталаб сар фароварда, ҳамақидагии худро изҳор намоянд, то он ки ҷони худу фарзандонро басаломат баранд...

Қувваҳои бетарафу каваланда, ки худ нигарони чӣ гуна сурат гирифтани вазъият буданд, ҷомаи душманӣ пӯшида, баҳри муборизa бурдан бар муқобили горди миллии Кӯлобу Қӯрғонтеппа ва аз сари қудрат дур гардондани Раиси Ҷумҳур Р. Набиев камари номуборак бастанд. Бисёр шахсоне, ки сидқан ҷонибдори мову Р. Набиев буданд, вазъяти ба миён омада, ғалабаҳои пай дар ҳами мухолифин ба ҷони онҳо ларза овард, мағзу пайвандашонро ноҷӯр сохт, ки умедашонро аз давлати Р. Набиев батамом канданд. Ҳангоми сӯҳбат чанде аз онҳо иброз дошт: "Мухолифин пурра ғалаба кард, қувваи пеши роҳи онро мегирифтагӣ нест, Раиси Ҷумҳур латта будааасту қисме аз депутатҳои Шӯрои Олӣ худро фурӯхтанд. Дигар ба умеди касе нашуда, ҳар кас бояд ҳисобашро ёбад..."

Аз ҳайбати мухолифини ба қиём хеста қисме аз онҳо тарки Тоҷикистон намуда, қисми дигарашон вобаста ба вазъияту ноустувории ирода муносибаташонро аз мо канда, худро бетараф, ё ҷонибдори оппозиция эълон намуданд. Аз тарафи дигар, ашхоси бесилоҳу пуштибон надошта, чӣ гуна метавонист бо девсиратону худобехабарон истодагарӣ намуда, ҷонибдори ақидаи мою Р. Набиев гардад. Ҳол он ки ақидаи Р. Набиев бисёр ҳам тираю ноустувор ва лағжонак буд, ки ба он такя намудан худ теша бар пои хеш задан, фитнаву ғубор худ дар роҳи худ барангехтан буд.

Хислати чашмикордонии Р. Набиев, саривақту дуруст баҳо додан ба вазъияти ба миён омада, баёни ақидаю тағйир додан ё таъхири амалӣ гардонидани он ба кулли мардуми ҷумҳурӣ чун оина равшан гардида буд. Нисбати ҳаллу фасли бисёр масъалаҳои сиёсӣ аз паи "омӯзем", "фикр карда бинем", "боз реакция нашавад", "фалончиҳо чӣ ақида доранд" гардида ба кашолкорӣ, кори имрӯзаро ба фардо гузоштан роҳ медод, ки аз он мухолифин бисёр хуб истифода мебурд.

Макун таъхиру сирри кор пеш ор,
Ки дар таъхир офат ҳаст бисёр.

Бисёриҳо хотирпарешони он буданд, ки ҳангоми ошкоро баён намудани ақидаи хеш нисбати Раиси Ҷумҳур, ҷои баромади худро аз он гирдоби пур аз даҳшат намедиданду натиҷаи зарари ону ранҷи беҳуда бар нақши умри азизашон хело равшан буд.

То накунӣ ҷои қадам устувор,
Пой манеҳ дар талаби ҳеҷ кор.
Дар ҳама коре, ки дарой нахуст,
Рахнаи берун шуданаш куи дуруст.

Охир, ҳама аз ҳаёт умед дорад, ҳеҷ кас намехоҳад, ки беҳуда худу фарзандонаш қурбон шаванд. Рӯзи сахту даҳони талхе буд. Душман бисёр ҳам сарсахту номард буд. Имрӯз касе ҳуқуқи маънавӣ надорад каси дигарро сарзаниш намояд, ки чаро ӯ дар он рӯзҳои даҳшатзои миллат овоз набароварду канорнишинӣ намуд. Охир, бародарони банда, ки худ омӯзгору коргари оддӣ буданд, ба сиёсат муносибате надоштанд ва чор моҳе, ки дар сари қудрат будам, заррае манфиат надида буданд, аз тарси мухолифин моҳҳо бе силоҳу яроқ дар таҳхонаҳо хобиданду роҳе ёфта , тарки Душанбе карданд. Касе аз онҳо агар ба дасти мухолифин меафтид, гар сад ҷон дошта бошанд ҳам яке ба халосӣ намебурд. Даҳҳо нафар зарафшониёну ҳисориёнро ҳамшаҳри банда ҳисобида таҳти азобу шиканҷа қарор доданд. Не, наузамбиллоҳ, онҳо имон надоштанд, аз чизе рӯй намегардонданд...

Дар он шабу рӯз мухолифин бо дастгирии қувваи Ҳукумати "муросои миллӣ" аз зафарҳо маҳруру шодком гардида, фурсатро ганимат ҳисобида, бо мақсади ҳарчӣ зудтар ба ғалабаи мутлақ ноил шудан мавқеи фронти худро дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Қӯрғонтеппа пурзӯр менамуданду ба ҳуҷумҳои пай дар пай гузашта, ба Горди миллии вилояти Кӯлоб (Лангарӣ Лангарисв) ва Қӯрғонтеппа (Файзалӣ Саидов) зарбаҳои камаршикан мезаданд ва мардуми бесилоҳу бегуноҳро бо сангдилии махсус ба қатл расонда, манзилҳояшонро оташ мезаданд.

Ингуна ҳодисаю воқеаҳои талх дар таъриҳ кам андар кам аст, ки миллате ба худкушӣ даст ёзонида бошад. Ин буд натиҷаи хизмати хирсонаи баъзе депутатҳои Шӯрои Олии ҷумҳурӣ, ки дархости депутатиро оиди даъвати сессияи понздаҳуми Шӯрои Олӣ дар яке аз шаҳрҳои вилояти Ленинобод имзо карданду худ аз ҳама пеш чун мусичаи бегуноҳ ба шаҳри Душанбе рафтанд ва сабабгори қабули чунин қарорҳои бархилофи манфиати кулли мардуми ҷумҳурӣ гардиданд. Аз тарафи дигар, то ҳол бароям норӯшан аст, ки баҳри кадом мақсадҳо Р. Набиев низ барои гузаронидани сессияи понздаҳум дар яке аз шаҳрҳои вилояти Ленинобод хоҳиш надошт. Агарчӣ оиди ин мақсад бо хоҳиши банда депутати халқи ҷумҳурӣ, раиси ҷамъияти "Ҳамдилон" Ғайбуллоҷон Орифов бо ӯ ҳамсӯҳбат гардида буд.

Ҳол он, ки ҳамон шабу рӯз агар сессияи понздаҳуми Шӯрои Олӣ дар ягон шаҳри вилояти Ленинобод баргузор мегардид, бе

чуну чаро ҳама масъалаҳо ҳалли худо меёфту ҷанги хонумонсӯз боз чор моҳи дигар идома намеёфт ва хуни бағайри ҳаҷи ҳазорон нафар намерехт, даҳҳо ҳазор нафар сокинони ҷумҳурӣ фирорӣ намегардиданд...

Ҳақиқати талх агарчӣ аламовар аст, ин аст, ки аз дасти фарзандони бесарнавишту девсирати миллати тоҷики Тоҷикистон, ки гирифтори нафси шуми худ буданд, замини бобоёну падаронамон ғарқи хуну оташ гардид.

Вале Раиси Ҷумҳур, маслиҳатчиёни зерипардагиаш, баъзе депутатҳои Шӯрои Олӣ ҳоло ҳам чун пештара дар хоби ғарон буданду вазъияти таконхӯрдаву тағйирёфтаро таҳлил намекарданд, баҳо намедоданд, то ошкор бошад, ки Раиси Ҷумҳур худ яккаву танҳо, бе решаю бе муттако мондааст. Ҳукумати "муросои миллӣ" ва Раёсати Шӯрои Оллии ҷумҳурӣ бо мухолифин кайҳо ҳамзабон гардида, дар давутози онанд, ки ҳарчи тезтар панҷа бар қасди Раиси Ҷумҳур бизананд.

Ҳоло ҳам соддалавҳона, бе таҳлили сиёсӣ онҳо дар фикру андешаи он буданд, ки баъди аз сари қудрат дур сохтани Назрулло Дӯстов ва Сафаралӣ Кенҷаев гӯё Шодмон Юсуф, Акбар Тӯраҷонзода, Муҳаммадшариф Ҳимматзода, Тоҳир Абдуҷабборов ва Акбаршоҳ Искандаров ба ақидаи худ содиқ мондааанду барои онҳо барномаи мукаммали аз бӯҳрони сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодӣ баромадани ҷумҳуриро сохта, бо ҳам кор мекарда бошанд. Агарчӣ ин ҳама фиребу маккории мухолифин бо мақсади ба сари қудрат омадан буд, на чизе дигар. Фарди хирадманд бояд бидонад, ки ба душман эътимод бастан, аз табассуми зоҳир ботини каҷҳисобонаи ӯро нодида гирифтан иқдомест номуборак ва корест зишт. Душман ҳарчанд лофи муҳаббату дӯстӣ занад ҳам, неши ақрабонаашро пинҳон медорад. Дар ин маврид ҳаҷ ба ҷониби шоир аст, ки фармуда:

Ҳар кас, ки ба қавли хасм мағрур шавад,
Шамъи хирадаш тираву бенур шавад.
Душман, доиӣ дар чӣ маҳал гардад дӯст?
Он вақт, ки тирагӣ зи шаб дур шавад.

Таҳлили вазъияти рухдодаи ҷумҳурӣ аз он шаҳодат медод, ки давугеҷи халқ, орзую умеди намояндагони асили он ҳукми беҳудагиро дошт, зеро Раёсати Шӯрои Олӣ, Ҳукумати "муросои миллӣ" ва дастгоҳи Раиси Ҷумҳур ба фарзандони самимии халқ, ки аз тамоми шаҳру ноҳияҳо баҳри муҳофизати Ҳукумати қонунӣ гирд омада, ибрози назар карданд, безътиной зоҳир намуд. Ҷонибдорони Ҳукумати қонуниро оппозиция сиёҳкору ҷиноятқор, душмани халқу давлат ҳисобида, ононе, ки дар

ҳақиқат мухолиф буданду бо роҳи гирдиҳамой ҷанги бародаркушро оғоз намуда, хуни ҳазорон фарзандони бегуноҳро мерезонданд, ҷонибдори худ шумориданд, яъне дузд соҳиби мол гардид. Магар ин разилию ноинсофӣ, номардумиву намакбаҳаромӣ нисбати халқи худ нест?!..

Нооромии сиёсӣ ба он оварда расонд, ки фаъолияти роҳбарияти ургонҳои муҳофизати ҳуқуқ, муборизаи зидди ҷиноятқорӣ, амнияти миллату давлат, идораҳои садову симои "мардумӣ"—и ҷумҳурӣ, баъзе рӯзномаҳо, қисми зиёди вазоратҳо дар асл аз таҳти назорати Раиси ҷумҳур баромаданд. Роҳбарони беирода вазъияти рӯз ба рӯз ба фоидаи мухолифин тағйирёбандаро мушоҳида карда, фурсатро аз даст надода, риёкорона худҳоро ба он тараф андохтанд. Фаромӯш карданд, ки иродат давлати бузургест ва дар дил чун пайдо шавад, тухми ҳама саодатҳост. Чунончи шайх Саъдӣ фармудааст:

Иродат надорӣ саодат маҷӯй,
Ба чавгони ҳиммат тавон бурд гӯй.

Шак нест, ҳар он кӣ беиродат аст, бесаодат аст...

Роҳбари асосии давлат бечора то ҳанӯз дар ғафлат буд ва пай намебурд, ки ҷумҳуриро ба бӯҳрони шадиди номуайяни конституционӣ гирифтор гардонидааст.

Қонунҳо иҷро намегардиданд, ургонҳои маъмурӣ бетарафӣ насбати бурдани муборизa ба муқобили ҷиноятқорон эълон карда буданд, касе ба касе итоат намекард, рӯз аз рӯз вазъият тезутунд мегардиду мухолифин аз рӯи нақшааш пайваста ба "зафарҳо" ноил мегардид. Раиси Ҷумҳур тани танҳою бемуттако монда буд. Ҳатто қисми зиёди кормандони дастгоҳашро агар гум мекарданд, аз утоқи кории Сарвазир ё Раиси Шӯрои Олӣ мекофтанду меёфтанд. Ишон зимни масали "хари лӯлира об деҳу пулаша гир" амал карда, гапфурӯшӣ мекарданду такягоҳи ҷадид мекофтанд.

Бале, Раиси Ҷумҳур ба ҳисоби соату дақиқа мавқеъ ва эҳтиромии худро миёни курсинишинони дарбор ва мардуми оддӣ гум мекарду мавқеъю маромии ҳарифи интихиботии ӯ Давлат Худойназаров пурқувват мегардид. Аз ҷумла, депутатҳои Шӯрои Олӣ иброз доштанд:

— АСЛОНОВ Қ., (ҳавзаи интихоботии Фрунзе, рақами 188, ноҳияи Колхозобод). Маърӯзаҳои Раиси Ҷумҳур ва Сарвазирро шунидем. Ҳоло пленум ё съездҳои ҳизби коммунисти солҳои пеш ба хотир мерасад. Зеро аз маърӯзаҳо ҳис карда мешавад, ки гӯё дар мағозаҳо арзонӣ ва фаровонӣ асту зиндагии мардум хуб.

Имрӯз ҳар яки мо бояд аз рӯи виҷдон гап занем. Бояд иқрор кард, ки Р. Набиев аз ӯҳдаи ваколатҳо баромада натавонист. Дар лаҳзаҳои бисёр муҳиму ҳассос, ки аз Шумо вобастагии калон дошт, худро нишон дода натавонистед. Бубинед, ки хуни ҳазорон одамон рехт, Фалокати табиӣ рӯй дод, ҳалқ гӯё шумо дар Тоҷикистон набошед. Ҳатто тавассути телевизион мардумро дилбардорӣ накардед, аз тариқи матбуот мавқеи худро муайян нанамудед. На дар сессияи Шӯрои Олӣ, на дар маҳалҳо ягон кас номи шуморо намегирад. Фақат аз Давлати Худоназар ёдовар мешаванд. Ҳол он ки ӯ на аъзои ҳукумат ҳасту на ягон шахси масъул. Бовар кунед, Раҳмон Набиевич, таи се моҳи охир дар кучое, ки набудам, новобаста аз маҳал, синну соли одамон касе ба шумо боварӣ надорад, эътироф намекунад. Аз ин рӯ, фикри шахсии худро мегӯям, Раҳмон Набиевич, ташаббускор шуда, истеъфо диҳед, ягон органи коллегиалӣ ташкил мешуд, беҳтар буд.

— ДОСТИЕВ А., (ҳавзаи интихоботии Октябр, рақами 189, ноҳияи Бохтар). "Дар таи моҳҳои пурғавғо мардум кӣ будани киро фаҳмид. Аксарияти кормандони соҳаи таъминот, муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ гурехта, пинҳон шудаанд. дар рӯзи аввали хунрезӣ дар совхози "Вахш" ягон корманди масъули ҷумҳурӣ ба доди мо нарасид. Халқ дар вазъиятҳои мушкил фарзанди асили худро меёбад. Мо, мардуми Вахшонзамин онро дар симои Давлати Худоназар дидем. Ӯ зери тиру туфанг пеши роҳи хунрезии минбаъдаро гирифт.

Чанд пешниҳоди мушаххас дорам: Аввалан, ба сабаби он, ки мо алҳол омода нестем, институти президентӣ барҳам дода шавад. Маҳалгаронии мо имкон намедиҳад, ки Раиси Ҷумҳуре, ки халқ интихоб мекунад, фаъолият намояд. Дуюм, ба Ҳукумат ваколат дода шавад. Дар тамоми дунё президент ба сарвазир супориш медиҳад, ки ҳукуматро ташкил созад. Мо тамоман баръакс кор мекунем. Вазирро як кас таъин мекунад, барои кораш каси дигар ҷавоб медиҳад..."

— АФЗАЛОВ Ғ., (ҳавзаи интихоботии рақами 171, ноҳияи Восеъ). "Р. Набиевро тарафдорӣ карданӣ нестам. Ӯ дар муддати камтар аз як сол ба бисёр хатогиҳо роҳ дод. Бисёр хуб мешуд, ки дар Вахшонзамину Кӯлоб мешуданд, ваҳдатро таъмин мекарданд. Бо ин ҳама хатогиҳо ба истеъфо рафтан ё нарафтан ба виҷдони Р. Набиев вобаста аст".

— ТӮРАҶОНЗОДА А., (ҳавзаи интихоботии Эскигузар, рақами 76, ноҳияи Кофарниҳон. "Ман пешниҳоди Достиевро дастгирӣ мекунам. Маҳалгарой моро намемонад, ки осуда кор кунем. Ба мо президент лозим нест. Бинобар ин, ба роҳбарии

коллегиалӣ бозгаштан лозим аст. Тамоми раисони комитаҳои иҷроия аз поён то боло аз тарафи мардум интихоб карда шаванд. Раисон то даме, ки ба мардум вобаста набошанд, ғами халқро нахоҳанд хӯрд. Ва дар охир мақоми Девони Вазирон бояд майян карда шавад..."

— ХУДОИЕВ А., (ҳавзаи интихоботии Калинин, рақами 114, наҳияи Бохтар). "Раҳмат ба Давлат Худойназаров, ки омада дар миёни ду гурӯҳи мухолиф қарор гирифт ва хунрезии зиёдро пешгирӣ кард.

Вақте мо аз вилояти Қӯрғонтеппа ба ин ҷо сафар кардем, гумон доштем, ки дар сессияи имрӯза вазъият аз ҷониби Раиси Ҷумҳур таҳлил мешавад. Аммо мебахшед, Раҳмон Набиевич, шахсан ман инро ҳис накардам..."

Ҳол он ки таҳқиқи аналитикие, ки тибқи супориши Шӯрои Олии Федерацияи Русия бинобар тезутунд гардидани вазъият дар марзи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби гурӯҳи олимону сиёсатмадорон бо роҳбарии С. Е. Кургинян сурат гирифта буд, ба Давлат Худойназаров чунин баҳо додааст:

"...Муҷассамаи Ленин сарнагун карда шуд. Муттаҳидшавии минбаъдаи гурӯҳи Ғарму Помир сурат гирифт. Давлат Худойназаров — режиссёр, инсони ба доираҳои пешвои исломиён дар Лондон — Оҳохон наздик, ходими сиёсӣ, ки ба ӯ Яковлеву Горбачёв сарпарастӣ мекарданд, шахсе, ки гӯё дар тирамоҳи пуршиддати соли 1992 эътидолро таъмин кардааст, вале дар асл бошад, роҳбари геноциди сиёсӣ дар ҷумҳурӣ..."

(Рӯзномаи "Ҳақиқати Ленинобод", 17—18. 08. 1993 "Кӯргиреҳи Тоҷикистон")

Ин ҳама ба мақсаду мароми мухолифин мувофиқ буд ва қариб ягон қуввае набуд, ки президенту сохти давлати қонуниро муҳофизат кунад. Рукнҳои асосии давлат кайҳо ба дасти мухолифин гузашта буданд...

Аҷабо, Раиси Ҷумҳур аз зӯрии фишори мухолифин ба ҳамаи ин аз паси панҷа менигарист. Гӯё ӯро сеҳру афсун (гипноз) карда бошанд, чизеро намедиду эҳсос намекард. Ба пиндори яқин собит менамоям, ки "пешвоёни" зоҳирпарасти ислом одаму одамгарӣ ва сустиродагии ӯро амиқу аниқ дарк намуда, "забонашро баста" зери афсун гирифтандаш...

Чунки гурӯҳи уламои мазҳаби "Ваҳҳобия" дар масҷиди ҳоҷӣ Яқуби Чархӣ шабу рӯз дуои афсун қироат мекарданд...

Барои гирифтани пеши роҳи чунин вазъяти ба миён омада, ки мухолифин тайёрӣ ба он дошт, ҳарчӣ тезтар ханҷарро ба

ҷигари ӯ бизананду ҷисму ҷонашро дар азоб гузоранд, чораи "судбахш" намеандешид, гӯё чизе азобаш намедод.

Ӯ чун пештара аз паси "омӯхтан", "дида баромадан", "хун нарезонидан" ва "бардошт кардан" буд. Гумон дошт, ки як қувваи фавқуттабиӣ ба Тоҷикистон меояду худ аз худ тамоми нобарорию ноадолатиҳоро ҷо ба ҷо мегузорад. Эҳсос намекард, ки хишт аз қолаб кӯчидаву замон битамом дигар аст. Ба болои мурда сад чӯб гуфтагӣ барин, баҳри раҳой ёфтан аз чунин вазъият бо мақсади нарехтани хун аз ягон сарвари давлати ҳамсоя маслиҳату кӯмак намепурсид, сафар намекард, чора намеандешид. Кас аниқ намедонист, ки Роҳбарияти Ҷумҳур чӣ мақсаду маром дорад. Гоҳ бо намояндагони вилояти Кӯлоб маслиҳат мекарду гоҳ аз муллое "чора" меандешид. Ореҳ, мехост дар ҳамаи ҳолат паҳлӯҳои тарозу баробар бошанд, вале ҳайҳот чунин тарозуву тарзубонро дар хоби ширин дидан мумкин буд. Бисёриҳо аз рӯи ғараз маслиҳаташ медоданд, ки замиран ба ӯ садоқат надоштанд. Ба ҳамаи ин ҷиддию нуктасанҷона баҳо намедод, бовар мекард. Ба гумонам, шиораш "Дунё сӯзаду кабоби девона пазад" буд, Аз ин рӯ, чораи амалӣ барои пеши роҳи вазъияти ба миён омадаро гирифтан намеандешид. Бо сабабҳои номаълум ба халқи ҷумҳурӣ мавқеъ ва мақсади ӯ номаълуму ноаён буд, тарафдори кадом ақида буданашро иброз намекард, то он ки мардуми бечора ба кӯҷо рафтанашонро бадонанд.

Танҳо 14-уми августи соли 1992-юм дар сессияи понздаҳуми Шӯрои Олии ҷумҳурӣ Раиси Ҷумҳур Р. Набиев бори аввал бисёр ҳам ҷасурона ақидаи худро муайян намуда, изҳори назар карда, аз ҷумла иброз дошт:

—...мусаллаҳ шудани гурӯҳҳои мухолиф дар тӯли солҳои охир меафзуд, аммо мақомоти салоҳиятдори давлатӣ нисбати ин амалҳо мавқеи бетарафӣ ва бемасъулиятиро ишғол мекард;

—...ҳоло боз як канали мусаллаҳшавии оппозиция кушода шудааст, ки хатарноктарин мебошад. Ман аз хорича омадани яроқу аслиҳаро дар назар дорам...;

—барои тезутунд шудани вазъияти сиёсии ҷумҳурӣ мавқеи номуайян ва сустии дастгоҳи давлатӣ ба истилоҳ "бетарафии идораҳои ВКД, КАМ мусоидат карданд...;

—...хулоса, имрӯз мо ба кӯҷо расидем? Хунрезиҳо давом дорад, ҳазорҳо нафар одамон ба шаҳодат расиданд, ҳазорҳо нафар маъюбу номаълум ғайб заданд, аз Ватан фирор карданд, ҷамъиятро тарсу ҳарос фаро гирифт, обрӯю эътибори мақомоти давлатӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятӣ хело паст шуд, ҷиноятқорӣ аз ҳад гузаштааст...;

—...дар давоми гирдиҳамоиҳои майдони "Шаҳидон" борҳо хоҳиш кардам, ки ҳазрат (ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода) ба миён дароянду ихтилофи мардумони ҳамдину ҳамзабони ду майдонро якҷоя бартараф кунем...;

—...аз тарафи мухолифин паи ҳам ҷиноятҳо содир мегардид, идораҳои муҳофизати ҳуқуқи инсон, муборизаи зидди ҷиноятқорӣ, амнияти давлат ҳудро бетараф эълон намуданд.

Дар он рӯзҳои барои тақдири миллат ҳалкунанда роҳбарони ВКД, КАМ мавқееро расман ишгол намуданд, ки онҳо "бетарафӣ" номиданд. Мавқеи бетарафиро гирифтани роҳбарони ургоне, ки вазифаи асоии он таъмини ҳамаҷонибаи амнияти ҷомеа ва миллат, мубориза бар зидди ҷиноятқорон аст, на танҳо як навъ бешарафист, балки ҷиноятест муқобили миллати тоҷику мардуми Тоҷикистон. Бо вуҷуди аз матбуот расман эълон кардани мавқеи бетарафӣ роҳбарони ин идора ҳуд ба он мусоидат карданд, ки дар сарзамини азияткашидаи мо хун бирезад, хуни ноҳақ, хуни бегуноҳон, хуни абармардони миллат!...

Афсӯс, аз чунин суханронӣ ва тартиби масъалагузории Президент депутаҳои Шӯрои Олӣ, мардуми ҷумҳурӣ, бахсус, майдонҳои муҳориба чизеро нафаҳмиданд ва пас аз гуфтаҳои ӯ ягон тағйироте дар ҷомеа, тарзи давлатдорӣ ва майдони муҳориба ба вуҷуд наомад.

Чунки ҳаллу фасли он масъалаҳое, ки Президент дар баромадаш ба вакилони халқи Тоҷикистон, мардуми ҷумҳурӣ ибрози назар намуд, кайҳо ба ваколати маҳзи ӯ дохил мешуданд. Аз ин рӯ, бо итминон бояд гуфт, ки агар аз рӯзи аввал бе тарсу ғараз ба ҳаллу фасли чунин ангезаҳо камар мебаст, иқдоми нек ва фоли саҳеҳ мебуд.

Охир, агар ВКД, КАМ, Кумитаи садою симои "мардумӣ" -и ҷумҳурӣ, Вазорати адлияи ҷумҳурӣ маошро аз буҷаи давлат гираду фармонҳои Президентро иҷро накунад ва ба фоидаи мухолифин кору амал намояд, ба ин ҳама кӣ гунаҳкор аст?!

Ҳизбҳои наҳзати ислому демократи ҷумҳурӣ бар хилофи қонун дар шаҳри Душанбе ситоди "Наҷоти Ватан" таъсис дода, ҷавононро гумроҳ сохта, ба дасташон силоҳ дода, барои ҷангидан ба вилояти Қӯрғонтеппа фиристоданд, ба ин кӣ гунаҳкор аст?! Ҳукумати муросои миллӣ дар кохи Раиси Ҷумҳур барои сарвари ситоди "Наҷоти Ватан" Шодмони Юсуф бе музд утоқи махсуси корӣ бо ҳама шароитҳояш, телефонҳои ҳукуматӣ ҷудо карда, мошини хизматӣ додааст. Дар ҳамаи маҷлису ҷамъомадҳо ӯро чун шахси намоён, сардори ситоди "Наҷоти Ватан" даъват мекунанд, фикру ақидаи ӯ барои ҳама

ҳатмӣ аст, оё ин чӣ маънӣ дорад ва чӣ далолат мекунад? Ба ин кӣ гунаҳкор аст?! Ҳукумат бинои маҳофизати граждании ҷумҳуриро бе музд ба ситоди "Наҷоти Ватан" супурд, ки дар дохили давлати қонунӣ расман як давлати дигар сохтанд. Ба ин кӣ гунаҳкор аст?!

Агар оппозиция аз давлатҳои хориҷа ба воситаи тайёраҳо яроқу аслиҳа гирад, ба ин кӣ гунаҳкор аст?!...

Рӯзномаҳои бе назорат мондаи ҷумҳурӣ амалиёти ғайриқонунии мухолифинро таърифу тавсиф намуда, онро пурра ҷонибдорӣ мекунанд, ба давлати қонунӣ ва миллати тоҷик зарба мезананд, ба инаш кӣ гунаҳкор аст?!

Охир ин ҳама зери назорати ургонҳои давлатӣ буд-ку?! Пас киро гунаҳкор меҳисобем...?

Ба пиндори ман, барои ин ҳама роҳбарияти ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама Раиси Ҷумҳур Р. Набиев мучрим аст!!

Ҷаро? Аввал, мувофиқи Конституция бо пешниҳоди Раиси Ҷумҳур ҳукумати ҷумҳурӣ ташкил меёбад ва бо таклифи Ў сессияи Шӯрои Олӣ онро барҳам медиҳад. Ў сардори Давлат, Ҳокимияти олии иҷроия ва амрдиҳанда, воситаи ягона ва асосии банизомоварандаи ҳаёти мардуми ҷумҳурӣ мебошад. Алалхусус, дар он давра сессияи чаҳордаҳум ба Ў ҳуқуқу ваколати идоракунии Президентиро дода буд. Ва Раиси Ҷумҳур дорои ҳуқуқу ваколате буд, ки роҳбарияти ВКД, КАМ, адлия, Кумитаи садою симои "мардумӣ"-и ҷумҳурӣ ва дигар вазироне, ки ба Ў итоат намекарданду ба вазифаи давлатӣ ва халқи худ садоқат надоштанд, бе истифодаи ибораҳои "омӯхта бинем", "реакция мешавад", "маслиҳат карда бинем" мустақилона, бе розигии Раёсат ва сессияи Шӯрои Олии ҷумҳурӣ аз вазифа сабукдӯш намуда, шахсоне, ки ба Ў ва халқи ҷумҳурӣ сидқан садоқат доранд, таъин намояд.

Амалиёти "Наҷоти Ватан"-ро фавран қатъ намуда, супориш оиди ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани роҳбарони онро бидиҳад. Масъалаи қатъ намудани амалиёти аҳзоби сиёсӣ ва ҳаракатҳои мардумиро, ки ба муқобили қонунҳои ҷумҳурӣ амал менамоянд, ба воситаи Вазорати адлияи ҷумҳурӣ, Додситони Кулли ҷумҳурӣ дар назди Суди Олии ҷумҳурӣ гузорад, ба роҳбарони мамлакатҳои ҳамсоя муроҷиат намояд, аз онҳо маслиҳату ёрии амалӣ бипурсад, чунки давлати конституционӣ зери хатар аст!!...

Дуюм. Агар мехост ки чун ҳамеша "корро бо дасти дигарон анҷом диҳад", тавре ки мегӯянд, "обро лой карда, моҳӣ гиранд" бо хоҳиши оппозиция (А. Искандаров) нигоҳ накарда, бо фармони Раиси Ҷумҳур метавонист сессияи Шӯрои Олиро дар

яке аз шаҳру ноҳияи вилояти Ленинобод ё ҷумҳурии бародарии Ӯзбекистон даъват намояд, ки ояди ин масъала борҳо депутатҳои Шӯрои Олӣ ва шахсан камина ба ӯ се маротиба барқия ва мактуб бо имзоҳ депутатҳои Шӯрои Олӣ фиристода, таваccути раиси ҷамъияти "Ҳамдилон", депутати Шӯрои Олӣ Ғайбуллоҷон Орифов муроҷиат карда будам. Ҳамаи ин масъалаҳои норавшан ҳаллу фасли худро бо тезӣ меёфт, ҷамъият рӯ ба маҷрои мӯътадил мениҳод... Чунки кулли зиёди депутатҳои Шӯрои Олӣ ҷонибдори Раиси Ҷумҳур буданду ҳастанд.

Сеюм. Ақидаи худро нисбати рафторҳои нопоки Раёсати Шӯрои Олӣ, иҷрокунандаи вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ А. Искандаров, баъзе вазирон бе тарсу воҳима равшан менамуд ва масъалаи истеъфои онҳоро мегузошт. Итминони комил дорам, аксарияти депутатҳои Шӯрои Олӣ тарафдори Ҳокимияти қонунӣ ва Раиси Ҷумҳур ҳастанд. Чаро аз ин ҷонибдориҳои мусоид истифода набурд? Чаро дидаю дониста А. Искандаровро пайваста дастгирӣ намуд? Ё илми ғайбе, қуввае буд, ки ӯро пахш карда намегузошт, ки ҳуқуқу ваколатҳои қонунии худро истифода борад?!

Чорум. Боре ба воситаи садо ва симо фикру ақидаи шахсии худро ба таври аниқу равшан ба халқ иброз надошт. Ҳарчанд зиёда аз 58 фоизи мардум ба тарафдориаш раъй дода буданду эҳтиромаш мекарданд, барои ҳаллу фасли масъалаҳое, ки қувваҳои мухолиф намегузоштандаш баҳри иҷрои вазифааш камар бандад, муроҷиат накард, ёрию дастгирӣ напурсид, аз имкониятҳои мавҷуда истифода набурд. Агарчи мардуми ҷумҳурӣ барои дастгирии ӯ ҳазорҳо мактубу барқияҳо мефиристонданд, иззату эҳтиромаш мекарданд ва омода буданд, ки баҳри ҳимояи ӯ бархезанд. Шоҳиди он будам, ки раиси кумиҷрояи шаҳри Хуҷанд Абдуғанӣ Абдуллоҷонов ва раиси кумиҷрояи вилояти Ленинобод Ҷӯра Шокиров ба Раиси Ҷумҳур сим зада гуфтанд: ду миллион мардуми вилоят тайёр аст ба дифои Шумо бархезад, бигӯед, чӣ кор кунем?! Афсӯс, аз Раиси Ҷумҳур садое набаромаду дар хоби гарони замзамашаванди абёти Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ монда буд.

Панҷум. Дар бораи таъсиси Артиши миллӣ дар давоми зиёда аз нӯҳ моҳ дастгоҳи Раиси Ҷумҳур, Девони Вазирон коре накард, қадаме ба пеш нагузошт. Ҳамеша "меомӯхт", "фикр карда медид", "маслиҳат мекард" аз "реакция" метарсиду дар охир кореро ба сомон намерасонд. Агарчи барои таъсиси Артиши миллии ҷумҳурӣ аз буҷаи давлат маблағи чашмрас ҷудо шуда, бо қарори сессияи Шӯрои Олӣ Вазорати мудофиаи ҷумҳурӣ

таъсис ёфта буд. Шахсони масъули хўрандагони маошҳои калон дар курсиҳо нишаста буданд.

Мутаассифона, ба касе пўшида набуд, ки оппозиция аз рўзи аввали ба сари қудрат омадани Р. Набиев ба таври расмӣ изҳор намуд, ки ба ҳокимияти ў на ҳамкорӣ, балки ҷанг эълон дорад...

Чунончи, дар оғози гирдиҳамойие, ки ҳанўз 12 январи соли 1992 пас аз 40 рўзи кори Раиси Ҷумҳур дар майдони 800-солагии Москваи пойтахт аз тарафи ҳизбу ҷунбишҳои мардумии наҳзати ислому демократ, "Растохез", "Лаъли Бадахшон", "Носири Хисрав" баргузор гардида буд, танҳо қаҳру ғазаб нисбати ҳокимияти Раиси Ҷумҳур аз баландгўякҳо садо медод: "Аз рўзи интихоби Раиси Ҷумҳур Р. Набиев то ҳол якуним моҳ сипарӣ шудааст, вале шиддати бўҳрони иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангие, ки Тоҷикистонро фаро гирифтааст, паст намешавад. Бинор ин, нерўҳои "демократӣ" бо ҳукумати ў ҳеҷ гоҳ ҳамкорӣ нахоҳад кард..."

Агар ин рафтори оппозиция моҳиятан аз рўзи аввал баҳонаи сари ҷанг вадошта бошад, пас чӣ гуна ва аз рўи кадом илму таҷриба, адлу инсоф метавон Раиси Ҷумҳурро гунаҳкор ҳисобид, ки дар давоми як моҳ ҷумҳуриро аз бўҳрони иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ набаровардааст?

Дар қаламрави Иттиҳоди Давлатҳои мустақил кадом давлат шиддати бўҳрони иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангиашро дар як моҳ — ду моҳ паст карда тавонист? Ҳатто дар Федерацияи Русия, ҷумҳуриҳои бародарии Украина, Белоруссия, Қазоқистону Ўзбекистон, ки шароити иқтисодиашон нисбатан тараққӣ карда буду имрўз иқтисодшиносони давлатҳои пешқадами машҳури дунё мушовирони онҳоянд, чунин равиши нек ба чашм намерасад.

Магар ин хабар бар он шаҳодат намедод, мухолифини дар интихобот бохта дар давугеҷи он аст, ки бо роҳи зўроварӣ сари қудрат биёяд. Душман нақша мекашид, тайёрӣ медид, миёни мардуми ҷумҳурӣ ташвиқоту таргибот мебурд, силоҳу қуввати ҷисмонӣ ҷамъ менамуд, мо чун пештара ғофилу бехабар "меомўхтему" "дида" мебаромадем"!

Шашум. Мавқеи асосӣ ва ҳалкунандаро ҳангоми ҳаллу фасли масъалаҳои давлатӣ маслиҳатчиёни зерипардагии ў мебозиданд, ки ин табоҳкории Султон Муҳаммади Хоразмшоҳро ба ёд меовард!!

Ин барои нодуруст ҳаллу фасл намудани баъзе масъалаҳо мусоидат мекарду эътиборашро паст мезад. Барои исботи фикр овардани ҳодисае кофист:

Рӯзе дар утоқи кориам будам, ки Р. Набиев сим зада гуфтанд: "Ба вазифаи раиси кумиҷроияи шӯрои депутатҳои халқи шаҳри Душанбе Ғафурҷон Юсуфов — раиси кумиҷроияи шаҳри Қурғонтеппаро тавсия карда истодаем, мешавад-мӣ"?

Дар ҷавоб гуфтам: "Раҳмон Набиевич, Ғафурҷон Юсуфовро аз давраи интихибот мешиносам. дар он давра бисёр ҷасурона ва садоқатмандона барои Шумо кор кард ва овози хуб ҳам гирифт. Бинобар ин, муқобил нестам. Вале агар ақидаи маро фаҳмидан хоҳед, чунин аст: Ғафурҷон Юсуфов шаҳри Душанберо намедонад, депутатҳои шаҳриро намешиносад. Хуб мешуд, агар ба вазифаи раиси кумиҷроияи шаҳри Душанбе Президенти концерни роҳ Абдуҳаким Ҳалимовро пешниҳод мекардед, ки он кас ҳар кӯчаву паскӯча, ҳар корхонаю муассиса ва депутатҳои Душанбешаҳрро хуб медонад. Ва метавонад шаҳрро ба низом дарораду обод намояд. Шаҳрвандон ӯро мешиносанд ва эҳтиромаш мекунанд. Ғафурҷон Юсуфовро сардори умури корҳои Девони Вазирон таъин кунед, чунки ӯ ташаббускори хуб аст"

Нисбати фикру ақидаи ман чизе нагуфта, изҳор намуданд: "Ҳозир Назрулло Дӯстов бо Ғафурҷон Юсуфов назди Шумо мераванд, дар сессияи Шӯрои шаҳрӣ Ғафурҷон Юсуфовро пешниҳод намоед". Дарк кардам, ки ақидаи камина қабул нагардид, масъала кайҳо ҳаллу фасли худро ёфта будааст.

Баъд аз якчанд дақиқа Назрулло Дӯстов ва Ғафурҷон Юсуфов ба наздам омаданд, ба сессияи Шӯрои шаҳрӣ, ки дар толори бинои Госплан мегузаштааст, рафтем. Вале шумораи лозимаи депутатҳо ҷамъ наомаданд, кори сессияи Шӯрои шаҳрӣ оғоз нагардида, ба рӯзи дигар гузаронда шуд. Аксарияти депутатҳо диданд, ки ба вазифаи раиси комиҷроияи шаҳри Душанбе Ғафурҷон Юсуфовро овардаем.

Рӯзи дигар аз рӯи шартнома сессияи Шӯрои шаҳр дар толори Шӯрои Олӣ бояд баргузор мегардид. Пеш аз оғози сессия Назрулло Дӯстов ба назди ман омада гуфт: "Раис дигар шуд".

Суханашро нафаҳмида пурсон шудам: "Кадом раис?"

Бо заҳрханда гуфт: "Ба ман бад-бад нанигар. Саҳарӣ Раҳмон Набиев маро даъват карда гуфтанд: "Ба вазифаи раиси комиҷроияи Душанбешаҳр Мирзотемур Мирзоевро пешниҳод намоед". Чӣ хел? Охир, ману Шумо Ғафурҷон Юсуфовро барои тасдиқ ба сессияи Шӯрои шаҳрӣ оварда будем, депутатҳо ӯро дидаанд. Обрӯву эҳтироми Ғафурҷон ва мо дар назди депутатҳо ва комиҷроияи Душанбешаҳр чӣ мешавад?!

Охир, дар Қурғонтеппа ҳама медонанд, ки Ғафурчон бояд раиси комитети шаҳр шавад?! Ба Ғафурчон чӣ хел ҷавоб медиҳед?!

Аз саволҳои пур аз хашму ғазабам Назрулло Дӯстов ба ман нигариста гуфт: "Чӣ маро ин қадар истинтоқ карда истодаед, аз Раиси Ҷумҳур пурсед, на аз ман...!!"

Ҳафтум. Дар охир, ба хулоса омадам, ки Раиси Ҷумҳур дар сиёсати имрӯза, "сиёсати бозсозию демократӣ" тайёр набудааст, вақто ки ҷумҳуриро бадбахтӣ фаро гирифт, ояди ҳалли ягон масъалаи ба миён омада қудрату ғайрати мустақилона қабул намудани ин ва ё он ҳалнома накард. Худро аз даст дода пиндошт, ки насими фораме хоҳад вазиду чангу ғуборро хоҳад рабуд, вале куҷо донанд ҳоли мо сабукборони соҳилҳо!!" Аз ҳама ҷонкоҳ он буда, ки нагузошт каси дигар ҷавобгариро ба дӯши худ бигираду барои ҳаллу фасли масъалаҳои ба миён омада чораҳои катъӣ андешад, ки ҷумҳурии мо ба майдони ҳарбу зарби силоҳбадастон табдил наёбад. Охир, шоҳидони зиёде дорам, ки чунин таклифҳо ҳам пешниҳод карда будем!...

Боре ман ва Назрулло Дӯстов аз Раҳмон Набиев хоҳиш карда будем, ки дар муддати 10 рӯз ба ягон давлати хориҷа сафар намоянд ё бемор шаванду моро бо оппозиция гузоранд, ки ҳама ҷавобгариро ба гардан мегирему бо онҳо ҳисобамонро баробар мекунем... Афсӯс, он кас бо мо розӣ нашуданд...

Ҳаштум. Бояд иқрор шуд, ки сарвароне гузаштаю кунунии Тоҷикистон илми сиёсат ва сиёсатмадории тузаштагонамонро аз касе наомӯхтаанд ва асари Низомулмулк "Сиёсатнома"-ро, ки солҳои 1091—92 ба забони тоҷикӣ таълиф ёфтааасту дар Франция (1893) ва дар Эрон (1932) ба табъ расида, ба забонҳои форсӣ, олмонӣ, англиси ва русӣ тарҷума шудааст, касе аз онҳо намедонад ва мутолиа ҳам накардааст. Агарчи "Сиёсатнома" дар сиёсати давлатдорӣ яке аз нахустин асарҳоест, ки ба забони тоҷикӣ таълиф шудааст.

Дар "Сиёсатнома" роҷеъ ба кишвардорӣ, ахлоқ, рафтору кирдор, муомилаву муносибат, тарзи ҳаллу фасли масъалаҳои давлату давлатдорӣ, ҷасурию нотарсии сиёсатмадорон, аз вазъиятҳои ба миёномада бе ягон осеб баровардани халқу давлат, сиёсату раёсати амирону вазирон, дабирон, надимон, қозиҳо, хизматгорон, посбонон ва дигар табақоти аҳолӣ, таъмину нигоҳ доштани лашкар, хазинаи давлат ва ғайра бисёр фикрҳои ҷолиб баён ёфтаанд.

Дар "Сиёсатнома" мушоҳидаҳои муаллиф, ки дар давоми 24 соли вазириаш аз одобу ахлоқ ва салтанату сиёсати ҳукуматдорон ҳосил карда буд, ҷамъбаст гардидааст. Муаллиф

дар оромиву осоиштагии мамлакат ҳиммат, адолат, мулоҳиза, ростӣ, ҷасурӣ, илмдӯстӣ, бурдборӣ, раиятпарвариро рукнҳои асосӣ донистааст. Дар сари давлат бояд донишмандони сиёсатмадоре бошанд, ки зинаҳои гуногуни ҳаётро тай намудаанд ва он навъи давлатдориро бипазиранд, ки аз санҷиши рӯзгорон гузашта бошад.

Аз ин рӯй, сиёсатмадорони Тоҷикистон ба вазъияти ба миён омада баҳои ҷиддӣ дода натавонистанд, аз ҳудуди сиёсати иҷбории иқтисодӣ берун набаромаданд, ба қувваи чандинсолаи фундаментализми исломӣ, ки дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ реша давонду битавонист, ки ба ҳизбу ҳаракатҳои "демократӣ"-ю "мардумӣ" бипайвандад, бисёр ҳам бемасъулиятонаву холабеғамона нигаристанд, дурро надиданд, таҳлили ояндаи Тоҷикистонро надоштанд, бо сарварони давлатҳои ҳамсоя — Раиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов, Раиси Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев ва дигарон оиди масъалаҳои лозима машварат нагузарониданд, сиёсати худро муайян накарданд. Ҳол он ки балои ба сари мардуми тоҷик омада нақшаи хело чуқуру таҳтонӣ дошт, ки агар давлати тоҷиконро зери даст менамуданд, рӯзи дигар панҷа ба давлатҳои Осиёи Марказӣ, баъд ба Федерацияи Русия, Украинаву Беларус ва дигар ҷумҳуриҳо мезаданд.

Ва имрӯз дар ҳар шаҳру ноҳияҳои давлатҳои Осиёи Марказӣ фундаментализми исломӣ чун аҷириқ реша давондааасту аз хорича дастур ва кӯмакҳои моддиву маънавӣ ва сиёсии хуб мегиранд. Ин сиёсатмадорони давлатҳои Осиёи Марказиро вазифадор месозад, ки ҳарчӣ тезтар сиёсати ягонаи муборизаро ба муқобили фундаментализмро ихтироъ намоянду пеш баранд. Фундаментализм дар Тоҷикистон тавлид наёфтааст. Бисёр давлатҳои исломӣ ва ғайриисломӣ барои амалӣ гардидани мақсадҳои ғаразноки худ ба фундаметализм (ваҳҳобия) чун модар шир медиҳанду навозишаш менамоянд...

Аз ҷумла бино бар иттилои ҳафтаномаи "Тоҷикистон", (05.XI.1993 с., № 36(65) дар оғози соли 1993 рӯзномаи Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон "Ҷумҳурият" ба рӯзномаи "Новое время" такя намуда, хабареро интишор гардонд, ки гуё танҳо Ҷумҳурии исломии Эрон барои ғалабаи гирдиҳамомадагони майдони "Шаҳидон" ва эълон намудани давлати исломии Тоҷикистон 3 миллиард доллар сарф намудааст.

— Дар ҳафтаномаи ҷамъиятию сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодии "Тоҷикистон" № 38(67) аз 26.XI.1993 ахборе ба табъ расидааст, ки сарбозони хуношоми "Наҷоти Ватан", ки ҳазорҳо

бегуноҳон бо дасти онҳо ваҳшиёна ба қатл расонда, шудаанд кумаки пулӣ ва машваратиро аз ҷониби сафорати Ҷумҳурии исломии Эрон дар Душанбе мегирифтанд;

Фақат аз 23-юми октябр то 4-уми ноябри соли 1992 сарбозони "Нақоти Ватан" таҳти сарфармондеҳии:

— Мулло Муҳаммадрасул Саломов, соли таваллудаш 1942, зодаи ноҳияи Ғарм, миллаташ тоҷик, оиладор, дар деҳаи "Октябри Кабир"— и ноҳияи Ҷилликӯл мезист;

— раиси "Нақоти Ватан"— и ноҳияи Қубодиён, муовини раиси Ҳизби демократи Тоҷикистон Тоҳир Абдусатторов, миллаташ тоҷик, оиладор;

— муовини раиси ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон мулло Алибек Сатторов, миллаташ тоҷик, оиладор, дар ноҳияи Қубодиён 68 нафари бегуноҳу бесилоҳ, ҳатто аз як оила 13 нафар — аз тифли ширмаки яксола то пири барҷомонда, маҷрӯҳи гурӯҳи якум — Холмурод Мирзоалиеви якдастаро ба қатл расониданд...

Дар айни замон, мулло Муҳаммадрасул Саломов ба ҳайати "ҳукумати гурезаи Тоҷикистон" шомил мебошад. Мувофиқи маълумотҳои мавҷуда ба ҷои қорӣ Муҳаммадҷон вазифаи вазири дифоъро бар ӯҳда дорад. Гурӯҳи М. Саломов иборат аз ҳазор нафар дар наздикии шаҳри Толиқон — як навъ маркази маъмурии "ҳукумати гуреза"— мавқеъ гирифтааст.

Аз сӯҳбати ҳамнишинони мулло Муҳаммадрасул муайян гардид, ки хулқу одаташ хело мураккаб будааст. Ӯ айёр, худписанд, даҳал, дамдузд, нобовар, муфхӯр ва мутаассиб будааст;

— ҳангоми муборизаҳои шадид, аз кисаҳои зархаридони хориҷии ҳалокгардида ҳуҷҷатҳои зерин ёфт мешуд, ҷанде аз онҳоро ба таваҷҷӯҳи хонандаи гиромӣ пешкаш менамоям:

— корти шахсии "Ғози ёбоӣ", тавре, ки зархаридонро дар тамоми дунё чунин ном мебаранд. Ин Сайд Гул Набӣ,— аъзои "Қувваҳои муҷоҳидин". (Шиори зери мӯҳр чунин маъно дорад: ягонагӣ; муборизa, интизом);

— корти шахсии дигаре зери рақами 800, ки ба Муҳаммадтоҳир валади Саидабдураҳмон, зодаи ВАБК, аъзои созмони Муҷоҳидони Тоҷикистон дар Афғонистон тааллуқ дорад;

—"Қисмҳои эҳтиёти Аррамих": муассисаи Амрикою Япония, лицензияи рақами 194, дорандааш Абдулазиз Саид Муҳаммад Аррамих. Ҷубайл; кӯчаи Амир Муҳаммад, Телефон: 361-4952. Факс: 361492. Шоҳигарии Арабистони Саудӣ. Сана: 19, 11, 14, 13.

Аълоҳазрат консули шоҳигарии Арабистони саудӣ дар Покистон. Ассалому алайкум, бисмиллоҳир раҳмонир раҳим.

Иҷозат фармоед ба Шумо барои ба шӯъбаи исломободии намояндагии умумиҷаҳонӣ возгузор кардани иҷозатномаи рақами 0871 барои гузаронидани чорабинии зарурӣ ояди додани иҷозатномаҳои махсус таҳти рақами 92 (М (Д (Айн) 23456 аз 10. 11. 1413 бо нишон додани "мақсад-хизматӣ" изҳори миннатдорӣ намоям. Мо ҳамчунин ба шӯъба ҳуқуқ додем, ки иҷозатномаи таҳти рақами 92 (М (Д (Айн) 23456 аз 10. 11. 1413-ро бо нишон додани "ихтисос — ронанда" диҳад. Шӯъба ҳуқуқ дорад ҳуҷҷатҳои намояндагиро, ки барои гузарондани чорабиниҳои додани иҷозатнома зарур аст, имзо намояд. Аз Шумо барои ҳамкорӣ миннатдорем".

Абдулазиз Саид Аррамих.
Қисмҳои эҳтиёти Аррамих:

— шоҳигарии Арабистони Саудӣ. Вазорати корҳои хоричӣ. Шӯъбаи намояндагии шаҳр. 32 (111-23428).

Корти назоратии иҷозатномаи хизматӣ дар намояндагии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар Исломобод.

Рақами 92 (М (Д (Айн) 23 456. аз 10. 11. 1413.

Тарафи талабгор: Абдулазиз Саид Муҳаммад.

Талабгор: Аррамих Ал Қустаннӣ;

— мошини боркаши рақами Л-194—"Форёб", ки ба он лавозимоти ҷангӣ барои дастгоҳҳои БМ-1 ва хаймаҳо, гранатомёт, 400 снаряд барои БМ-1 ва 1600 тирҳои РПК ва 30 хайма бор карда шудааст.

Мошини боркашони тамғаи "Мерседес-1620", рақами давлатиаш Л-311 "Бадахшон", ки ба он 500 снаряд барои БМ-1, 1600 тир барои РПГ ва тӯпи 75 миллиметра, дастгоҳи БМ-12, 30 хайма, 3 тӯпи 75 миллиметра, 5 радиостанцияи "Уоки-токи" бор карда шудааст. Машина ба Шоҳ Мустафо тааллуқ дорад.

Мошини боркаши "Мерседес-1620", рақами давлатиаш Л-2369 "Кобул", ронандааш Қосим, ки ба он 485 снаряди БМ-1 ва 1200 тири РПГ, 6 қуттӣ Қуръон бор карда шудааст. Автомашина ба Фаррух аз Қундуз тааллуқ дорад. (Навиштаҷот хира аст).

Автомашинаи Гулмаҳмад ва боз як мошин азони Каримдод, ки ба он 580 снаряди РПГ ва тӯпи 75 миллиметра 1000 дона бор карда шуддааст. (Навиштаҷот хира аст).

Автомашинаи рақами давлатиаш Л-6968 "Кобул", ронандааш Ҳоҷӣ Муҳаммад ва боз як мошин азони Имоми Соҳиб аз Қундуз, ки 1200 снаряди РПГ, 500-то азони БМ-1, 2 тӯпи 75

миллиметра, 5 РПГ ва 10 механизми таркандаи соатдор бор карда шудааст;

Ин ҳуҷҷат аз он шаҳодат медиҳад, ки ба ихтиёри муҷоҳидони тоҷики он сӯи сарҳад лавозимот кай ва аз куҷо оварда мешавад.

—"Ба устоди азизу мӯҳтарам... Ба номи Худованди бахшандаю меҳрубон. Саидҷамолиддин валади Саидбекхон яке аз бародарони гурезаҳои тоҷикаст, ки барои таълим ва тарбияи аъзоии ҳизби наҳзати ислом масъул аст ва ҳамроҳи вай боз 4 гурезаи тоҷик: Ҳамидулло, Абдулҳоким, Абдураҳмон ва Мунаввархон бо мақсади ҳалли проблемаҳои худ ба ҳузури Ҷаноби Олӣ фиристода мешаванд. Онҳо умедворанд аз тарафи олими хирадманд қабул ва аз сӯҳбати ӯ баҳраманд мешаванд.

Ба ҳамин тариқ, дар ин бора хабар дода гуфтан мумкин аст, ки проблемаи онҳо ба таваҷҷӯҳ арзандаанд";

Бо эҳтиромі беандоза
Қорӣ Раҳматулло,
волии вилояти Қундуз.

— **Ҷамъияти исломии Афғонистон. Минтақаи Ҷанубу Ғарбӣ. Ба Аълоҳазрат, муборизи ҷасуру далер зидди кофирон, роҳбари наҳзати инқилоби исломии халқи баландҳиммати Тоҷикистон.**

Ассалому алайкум ва раҳматулло ва баракоту! Мӯҳтарамо, дар навбати аввал ба шумо саломатӣ ва умри дароз ва муваффақиятҳо шахсан ба Шумо ва тамоми аъзоёни "ҷиҳод" ва маданият, ки шуморо барои кори дар замини Тоҷикистон ба амал овардани васиятҳои худованди бузург муттаҳид кардааст. Дар вақти 5 вақт намози худ мо аз худованд барои шумо ва ҷанговарони шумо саломативу барор мехоҳем. Дар саҳнаи имтиҳони садоқат ба мазҳаб суханони шумо, ки мисли офтоб коинотро равшан мекунад, ба Тоҷикистон ва давлатҳои исломии собиқ нурҳои дини муқаддасро равона мекунад ва онҳоро мувофиқи оятҳои Қуръони маҷид тағйир медиҳад. Баъд аз ин ҳама мехостам ба маълумоти шумо расонам:

Мӯҳтарамо, хуршед новобаста аз шуур вуҷуд дорад. Инро ба инобат гирифта, ман мухтасар дар бораи мавқеи роҳбарони "ҷиҳод" ва вузарои Давлати исломии Афғонистон нисбати ҳуқуқ ва масъулиятҳои шумо, бародарони муҷоҳид ва фирориён навиштаам. Ин навиштаро ман ба Саидҷамолиддин валади Саидбек додам. Умедворам он ба дасти шумо расид ва шумо фаҳмидед, ки қумондонҳои шӯҳратманди "ҷиҳод" имкон надоранд аз тарафи пешвоён зуд қабул карда шаванд.

Шахсан ман тавре, ки ба мулоқоти онҳо мушарраф шудам, миқдори муайяни пул ва китобҳои динӣ дастрас кардам. Аз ин рӯ, чунин меҳисобам, ки барои ҳалли заруратҳои шумо намояндаҳои худро ба давлатҳои арабӣ ва Арабистони Саудӣ фиристам. Албатта, шумо хубтар медонед, ки захираҳои моддӣ, аз он ҷумла яроқ маҳаки асосии пирӯзии "ҷиҳод" ба ҳисоб меравад. Аз тарафи худ ба самъи шумо мерасонам, ки тайёрам дорои ва ҳаёти худро барои иштирок дар Инқилоби исломии шумо мебахшам ва нишондодҳои шуморо интизорам.

Қорӣ Аҳмадҷон Файзӣ (Наҷҷорӣ).

— Ба номи худованди бахшандаи меҳрубон! Ҳизби исломии Афғонистон. Ба бародари азиз, қумондон, муҷоҳид, Саидҳамидулло, муовини роҳбари ҷиҳоди вилояти Қундуз. Худо шуморо дар паноҳаш нигоҳ дорад, ассалому алайкум!

Муҷоҳидони тоҷикистонӣ Абдурауфхон ва Ҳамидуллохонро ба шумо шинос ва ба ихтиёратон равона мекунем.

Умедворем ба онҳо барои иҷрои мақсадҳои дар пеш гузоштаашон кӯмак мекунед.

Муҳандис Ваҳидулло Сабоун,
раиси хизмати бехтарӣ.
Ҳизби исломии Афғонистон.

Аз ин ва дигар ҳуҷҷатҳои расмии кишварҳои хориҷӣ бармеояд, ки онҳо ба дастаҳои хунрезии экстремизми ваҳҳобӣ, "демократ"-ҳои мансабталаб ҳаматарафа кӯмаки моддию маънавӣ мерасонидаанд.

Чунин далоили ба даст омада дар таърихи ҷумҳурии соҳибистиқлолу рӯзнодидаи Тоҷикистон, ки кулли мардумаш алҳамдулиллоҳ мӯъмину мусулмону ҳанафимазҳаб аст, бешуморанд...

Оё ин поймол намудани қонуни башар, таҷовуз ба ҳуқуқу манфиатҳои инсон, шарик гардидан ба корҳои дохилии дигар давлати соҳибистиқлол нест?!

Пас ин чӣ гуна мусулмонӣ аст, амали он аз рӯйи кадом сураи Қуръони маҷид, оёту ҳадиси ҳазрати Муҳаммади мустафо саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст, ки миёни мӯъмину мусулмон фитна андохта, ба як гурӯҳ мусулмон маблағ бидиҳиву баҳри резонидани хуни бағайри ҳаққи мӯъмину мусулмони дигар раҳнамун созӣ?!

Пас чӣ гуна бар чор тараф валвала карда гӣши фалакро кар сохтаем, ки мо ба тоҷикистониён бародарони ҳамдину ҳамхун, ҳаммазҳабу ҳамзабон ва гӯшту нохунем!

Магар ботину зоҳири иддае сиёсатмадорони ҷумҳуриҳои исломии ба мо бародари ҳамхуну ҳамнажод мухолифи ҳамдигар нест?! Охир, имон худ иқрор овардан ба забону бовар намудани қалб аст! Пас, ҳукман шарафи имоноварии исломиро натанҳо донистан, балки ба ҳар заррати тору пуди он садоқатмандона амал намудан ва инсони ҳамкешу ҳамнажоди худро эҳтиром доштану баҳри осудагияш камар бастан имондории исломист.

Охир, алҳамдулиллоҳ, ҳар нафари моро рӯзи қиёмат, рӯзи ҳисоб, рӯзи ҷазо, рӯзи ҳашр дар пеш аст. Бесабаб нест, ки дар ҳадиси 26 пешвои уммат ҳазрати Муҳаммади мустафо омадааст: Инсони ли янзуруллоҳу илайҳимо явмал қиёмати қотиурраҳими ва ҷоруссувъи. Яъне, ду навъ мардумро худованди таоло рӯзи қиёмат ба назари раҳмат нахоҳад гирифт: яке он, ки аз хешовандон ва наздиконаш қатъи алоқа намояд. Дигар он, ки ҳуқуқи ҳимояро риоят накунад...

Вале ба ин ҳама вазъияти ба миён омада Раиси Ҷумҳур Раҳмон Набиев ва дигар сарварони Тоҷикистонро гунаҳкор ҳисобидан норавост, чунки дар давраи зиёда аз ҳафтод сол ҳеч гоҳ роҳбарони ҷумҳурии мо ва дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттифоқ на танҳо масъалаи сиёсӣ, ҳатто масъалаи хардтарини иқтисодию фарҳангиро мустақилона ҳаллу фасл накарда буданд, ба ҷои онҳо қарорҳоро дигарон қабулу иҷро мекарданд...

Дар даврае, ки вазифаи Котиби аввали Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистонро Раҳмон Набиев ба дӯши худ дошт, баҳри ҳимояи мустақилияти ҷумҳурӣ, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои мардуми Тоҷикистон, тараққиёти хоҷагии халқи он бар хилофи фармону қарорҳои марказ корҳои зиёде ба анҷом расонд.

Саъю ҳаракат, ғайрату кӯшиш, таҷрибаю дониш ва маҳорати худро дар роҳи гул-гулшукуфии иқтисодиёт, илму маданият, некӯаҳволии моддию маънавии мардуми ҷумҳурӣ сарф намуду ҷумҳурӣ хело ба пеш рафт. Баҳри сиёсати ҷо ба ҷо гузории қадрҳоро дар ҷумҳурӣ мустақилона ҳаллу фасл намудан чораҳо андешид.

Вале роҳбарияти собиқ СССР Горбачёву Лигачёв барои аз хатти кашидаи онҳо қадами беҷо гузоштанаш бо дастгирии баъзе нохалафону ҳаромпочакон гурзи оҳанинро ба сари ӯ кӯбид, бо тӯҳмату бӯҳтон аз сари қудрат дураш сохтанд...

Аз тарафи дигар, сиёсати зиёда аз 70-солаи собиқ СССР мардумро ба ростию ростқавлӣ, бародарӣ ва баробарӣ дар назди ҷомеа, хайрхоҳӣ, мадади ҳамдигар, бурдборӣ, ҷазои золим, дастгирии роҳмондагону ятимон, аз нафси худ инсоф додан, ранҷи мардумон кашидан, забону лафз пок доштан аз дурӯғ,

нисбати душманон ҳам боистӣ бо илтифот ва меҳрубонӣ рафтор кард ва ғайра ҳидоят мекард.

Ҳеҷ гоҳ касе дар фикри он набуд, ки рӯзе мерасаду тоҷик ба муқобили тоҷик, мусулмон ба муқобили мусулмон силоҳ мегирад ва ин сахтию бадбахтӣ ба сари Р. Набиеву дигарон меояд...

ИҚДОМИ СОНИЮ НАНГИНИ МУХОЛИФИН

Тарсам, ки мӣн бимираму ғам бепадар шавад,
Ин тифли позпарвари мӣн дарбадар шавад.

Афсӯс, ки чунин камбудиҳои объективонаю субъективона, валсю чароҳо бесохиранд, ки ин ҳама боиси муташанниҷ гардидани вазъияти ҷумҳурӣ ва рӯз ба рӯз миёни мардум паст шудани обрӯю эҳтироми роҳбарияти ҷумҳурӣ гардид. Онро идеологҳои хориҷию дохилии мухолифин таҳлил намуда, аз рӯи мушоҳида ва баъзе асноду рақамҳои дақиқ ба хулосае омаданд, ки барои таъмини ғалабаи мутлақ ба марҳилаи дуюми муборизаи сиёсӣ иқдом намоянд.

Чунин нақшаро сарварони оппозиция зери дари пӯшида ҳаллу фасл намуданд. Кормандони махсуси ВКД ва КАМ, ки вазифадор буданд аз чунин нақшаҳо хабардор гарданду сарвари давлатро гӯшрас намоянд, баҳри пешгирии он чораҳо андешанд, афсӯс, ки дар хоби гарон буданд. Онҳоро Ҳукумати "муросои миллӣ" ва Раёсати Шӯрои Олӣ ҷонибдорию дастгирӣ мекарданд Яке аз нақшаҳои талхвашонаи онҳо бо роҳи террори сиёсӣ ба қатл расонидани Додситони Кулли ҷумҳурӣ, депутати халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон Нурулло Ҳувайдуллоев буд, чунки мухолифин аз як тараф ӯро шахси кордон, дар сиёсат обутобёфта, ҳуқуқшиносу олими варзида ба дарк гирифта, хуб мефаҳмид, ки обӯю эҳтироми Нурулло Ҳувайдуллоев миёни халқи ҷумҳурӣ беназир аст ва дар оянда барои мардуми Тоҷикистон сарвари муносиби яккаву ягона ва номбардори миллатамон хоҳад гардид.

Аз ин нигоҳ, мебоист, ки пеши роҳи лидерони худро бо каҷҳисобиҳо ноҷавонмардона тоза мекарданд. Ин қонуни нонавиштаи нангини сиёсат биёр ҳам кӯҳнаест, ки дар сарнавишти мардуми мӯъмину мусулмон бадбахтона вуҷуд дорад. Барои иқдоми чунин амалиёти номардона камар бастанд...

Бо таассуфу дард мегӯям, ки мо дӯстон ба лӯхтакҳокимияти пур аз дасисаву фитна бовар намуда, бемасъулиятию хунукназарӣ зоҳир намудем ва ҳамин гуна чеҳраи тобони ҷомеаамонро муфт ба боди фано дода, сад дареғ хӯрдему мехӯрем!

Аз тарафи дигар, хавфу хатари оппозиция аз Нурулло Ҳувайдуллоев дар он буд, ки вай ягона шахсе буд, ки қонунро ҳимоя мекард, ба муқобили унсурҳои нопоки оппозиция мубоизаи оштинопазир мебурд, ургони додситониро дар маҷрои саҳеҳу дуруст нигоҳ медошт ва ба Раиси Ҷумҳур то ҳадди имкон садоқатмандона маслиҳатҳои ҳуқуқию сиёсӣ медод...

Марҳалаи талхкомонаи дигари онҳо иҷборан ба истеъфо гуселондани Раиси Ҷумҳур Р. Набиев буд. Баъд аз ҳаллу фасли масъалаи аввал, масъалаи дуввум бе ягон мушкилӣ худ ба худ ҳал мегардид, чунки Раиси Ҷумҳур миёни замину осмон муаллақ мемонд. Онҳо барои амалӣ гардидани масъалаи якум нақша мекашиданду ҷаллодонро муайян мекарданд, нисбати масъалаи дуюм мубоизаи идеологиро идома медоданд, то он ки ҳарчӣ зиёдтар обрӯ ва эҳтироми Раиси Ҷумҳурро паст гардонида фикру ақидаи ҷаҳониён ва мардуми ҷумҳуриро нисбати ӯ сард бисозанд.

Ба воситаи ширкати садою симои "мардумӣ"-и ҷумҳурӣ, воситаи ахбори умум, бо коллективҳои меҳнатӣ ва ҷаласаҳо дар ҷойҳои истиқоматӣ вохӯриҳо гузаронда, бо гуноҳи набудаю содир наркарда Раиси Ҷумҳурро гунаҳкор ҳисобида истеъфояшро қотеъона талаб мекарданду даст ба таҳқиру таҳдиди ӯ мезаданд. Ҳарчанд Ширкати садою симои "мардумӣ" и ҷумҳурӣ расман муассисаи давлатӣ ҳисоб мешуд, кору бораш бар зидди давлат ва Раиси Ҷумҳур иғвоангезӣ буд. Касе пишаки Мирбобо Миррахимову муовинони нохалафи ӯ Аҳмадшоҳ Комилов, Маҳмадалӣ Ҳаитовро пишт намегуфт, кору борашон анкабутвор тӯҳматбофӣ буд. Охир инсофдорона бигӯед, ки дар кадом кишвар ва дар кадом сохти давлатдорӣ муассисаеро ёфта метавонед, ки аз ҳисоби халқу давлат зиндагонӣ намояду зидди онҳо камари номардона баста бошад?! Аммо дар дастгоҳи дурӯғпарронаки мирбобоҳо "об аз таги ях мерафт"!

Мутаассифона, рӯзҳои охир Р. Набиев бисёр даҷиҷ дарк кард, ки Қозиёти ҷумҳурӣ ва атрофиёни он — ҳизби наҳзати ислом, ҳизби демократи ҷумҳурӣ, ҳаракати мардумии "Растохез", созмони "Лаъли Бадахшон", "Носири Хисрав" хуб мусаллаҳу пурқувват, аз нигоҳи моддӣ таъмину дар Ҳукумати "муросои миллӣ" ва Раёсати Шӯрои Олӣ такягоҳи бисёр тавоно ёфтаанд ва мақсаду маромиҳо тартиб додани барномаи якҷоя, чуноне ки борҳо ӯро бовар мекунонданд, сари ҳамкорӣ карданро надоранд, Раиси Ҷумҳур бошад, ба ғайр аз номи калону утоқи пурҳашамат, телефонҳои қатор ва якчанд ҷондоронаш, ки ботинашонро танҳо худо медонад, нерӯи дигаре — на артиши миллӣ ва на Вазорати мудофиа надорад. Бисёрии вазорату

кумитаҳои давлатӣ ба фармону дастурҳои ӯ аз паси панҷа менигаристанду ба ишораи Қозиёту Ҳукумати "муросои миллӣ" маъталл буданд. Мавқеъ маромиаксари роҳбарони масъули ҷумҳурӣ акнун барояш хело равшан гардида буд... Дар ҳама зинаҳои давлат қонун амал намекард, интизом коста гардида, дар вилоятҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппа, баъзе ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ касе кор намекард, хотири мардум парешону иқтисодиёт торафт нотавону заиф мегардид.

Аз ин рӯ, Р. Набиев дар дили шахи кӯҳ хештанро овезон дида, аз пан он кӯшид, ки атрофашро ба зудиҳои зуд мустаҳкам гардонаду дар ҳукумат такягоҳи тавоно ёбад. Ба сарвазир Акбар Мирзоев комилан боварӣ надошт ва нисбати завқу таваҷҷӯҳи ӯ ба экстремизми ваҳҳобӣ ва демократҳои қалбакӣ далелҳои зиёде ҷамъ оварда буд.

Аз ҷумла, дар рӯзҳои оғози табаддулоти давлатӣ дар шаҳри Душанбе (7. 05. 1992 с.), тартиб додани протоколи созиш, таъсиси Ҳукумати "муросои миллӣ", ба сари қудрат овардани мухолифин, кӣ будани Акбар Мирзоев, симо ва покии зоҳиру ботини ӯро амиқан хуб дарк намуда буд. Боре, ҳангоми сӯҳбат Р. Набиев изҳори ақида дошт: "дар интихоби Сарвазири ҷумҳурӣ чун пештара боз ба саросемагӣ роҳ дода, бе омӯзишу таҳлил ба хоҳиши бобои Миралӣ Маҳмадалиев — раиси хоҷагии ба номи Ленини ноҳияи Восеи вилояти Кӯлоб ва баъзе рафиқони дигар Акбар Мирзоевро соҳиби мансаби сарвазир гардонидем, агарчӣ ҷавонмардони садоқатманд ва чашмикордон дар вилояти Кӯлоб хеле зиёд буданд. Ҳол он ки ботинаш пок набудааст, нисбатамон хиёнат кард. Афсӯс ки дар ҷобаҷогузории кадрҳо боз фиреб хӯрдем"... Сухан мегуфту дар косахонаи чашмони Р. Набиев ашк ҳалқа зада, аз шиддати асаб рӯяш гулгун мегашт.

Илова бар ин, нисбати А. Мирзоев аз сарчашмаҳои дақиқ ба Р. Набиев далелҳои зиёди кофӣ расида буданд, ки шаҳодати аз ҳақиқат дур набудани суханонашро тасдиқ менамуданд.

АВВАЛО. Собиқ корманди масъули КАМ-и Кӯлоб Давлат Назаров, ки вазифаи ёрдамчии сарвазири ҷуҳурӣ А. Мирзоевро бар ӯҳда дошту Р. Набиев ва дигарон ҳам ӯро "агент" меномиданд", бо роҳбарони мухолифину ваҳҳобия муносибати хубу қарин дошт. Аз рӯи ахбори расида ва андешаи Р. Набиев ҳаллу фасли бисёр масъалаҳо оиди роҳҳои содир намудани табаддулоти давлатиро мухолифин бо маслиҳати ӯ ба анҷом расондааст. Беҳуда набуд, ки вақти зиёди худро дар утоқи кории Қозикалони ҷумҳурӣ мегузаронд. Агарчӣ ёрдамчии сарвазир А. Мирзоев буд. Ҳуҷҷатҳои расмӣ аз он шаҳодат доданд,

ҲАЙАТИ КУМИТАИ ТАШКИЛИИ ФРОНТИ
ХАЛҚИИ ТОҶИКИСТОН (ФХТ)

КЕНҶАЕВ Сафаралӣ, соли таваллудаш 1942, мавлудгоҳаш қишлоқи Чоряккорон, ноҳияи Ленин, коргари комбинати маъдани кӯҳии Анзоб, ноҳияи Айнӣ. Раиси қумитаи ташкилии ФХТ, сипас раиси раёсати ФХТ.

Гуфт: пеши ман ҷавонмард он бувад,
Камтарин кораш фидои ҷон бувад.

Амирқул Насимович АЗИМОВ, соли таваллудаш 1948, мавлудгоҳаш деҳаи Искодари ноҳияи Айнӣ, вилояти Ленинобод, маълумоташ олӣ, соҳиби 8 фарзанд, сардори қисми тафтишоти додситонии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири калони адлия, Муовини раиси кумитаи ташкилии ФХТ, сипас муовини раиси раёсати ФХТ, Қумондони фронти 1, ФХТ. Ҳоло Муовини вазири корҳои дохилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Генерал майори хизмати дохилии ҷумҳурии Тоҷикистон.

Бо ҳама халқи худо некӣ кунад,
Ҷуз ҳавои нафси худро нашканад.

Тағойхон (Малик) ШУКУРОВ, соли таваллудаш 1949, мавлудгоҳаш шаҳраки Қизил-қалъаи ноҳияи Ғозималик, вилояти Кӯрғонтеппа, раиси суди ноҳияи Колхозобод,маълумоташ олӣ. Соҳиби 6 фарзанд. Муовини раиси кумитаи ташкилии ФХТ, сипас муовини раиси раёсати ФХТ. Қумондони фронти 2, ФХТ (ноҳияҳои Ғозималик, Ҷилликӯл, Қуболиён, Шаҳритус), депутати халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯйи худ бар даргаҳи аллоҳ кард,
Ҷони худро аз худо огоҳ кард.

Кутфинисо Азизқуловна МИРЗОЕВА, соли таваллудаш 1959, мавлудгоҳаш — шаҳри Панҷакенти вилояти Ленинобод, ҷонишини додситони нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аъзои ҳумитаи ташкилии ФХТ, сипас аъзои раёсати ФХТ, мушовири адлия (подполковник).

Он ҳама меҳнат таҳаммул кард ӯ
В-аз дари даъват нагардонид рӯ.

Абдумалик СОЛЕҲОВ, соли таваллудаш 1955, мавлудгоҳаш —ноҳияи Шаҳринав, ронандаи автобуси "Икарус"-и Душанбе — Термез. Аъзои кумитаи ташкилии ФХТ. Сипас аъзои раёсати ФХТ. Қумондони фронти халқии ноҳияи Шаҳринав. Ҳоло Раиси комиссияи Шӯрои депутатҳои халқи ноҳияи Шаҳринав.

Ҳамчу сарв озода бошад дар чаман,
Лочарам шукраш биҳӯяд анчуман.

Ибодулло БОЙМАТОВ, соли таваллудаш 1955, мавлудгоҳаш — шаҳри Турсунзода (Регар), маълумоташ миёна, ронандаи автобуси "Икарус"-и Душанбе — Термез. Аъзои кумитаи ташкилии ФХТ. Сипас аъзои раёсати ФХТ. Қумондони Фронти халқии шаҳри Турсунзода. Аз декабри соли 1992 раиси комичроияи шӯрои депутатҳои шаҳри Турсунзода.

Дар футувват номи ӯро мебарам,
Баъд аз ин савганд бар чонаш хӯрам.

Шералӣ ФАЙЗАЛИЕВ, Соли таваллудаш 1954, мавлудгоҳаш қишлоқи Калоти Шӯрои қишлоқи Даҳана, ноҳияи Кӯлоб, мудири шӯъбаи иттиҳодияи агросаноатии таъминоти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоташ олӣ, Аъзои раёсати кумитаи ташкилии ФХТ. Сипас аъзои раёсати ФХТ. Қумондони Фронти халқӣ дар шаҳри Душанбе.

Дил ки пурхун гашту бишкаст аз қазо,
Аз чунон дил кай ҷудо бошад худо.

Толибҷон Нозимович БОБОЕВ, соли таваллудаш 1958, мавлудгоҳаш шаҳри Исфараи вилояти Ленинобод, маълумоташ олӣ, ҷонишини раиси Кумитаи назорати давлатии назди Президенти ҷумҳурӣ. Аъзои раёсати кумитаи ташкилии ФХТ. Сипас аъзои раёсати ФХТ. Депутати халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аз 28. 01. 1993 с. ҷонишини додситони кулли ҷумҳурии Тоҷикистон, машваратчии калони адлия (полковник).

Покдоман, покбозу покхӯй,
Нексурат, нексират, некрӯй.

Раҳматҷон ХОЛМАТОВ, соли таваллудаш 1955, мавлудгоҳаш — шаҳри Турсунзода (Регар), маълумоташ олӣ, ҷонишини директори заводи шаробкашии шаҳри Душанбе. Аъзои кумитаи ташкилии ФХТ. Сипас аъзои раёсати ФХТ. Сардори ситоди фронти халқии шаҳри Турсунзода.

З-он ки гуфтӣ дар азал, эй бегараз,
Некиро ҳам некӣ мебошад иваз.

Ботурчон ИСҲОҚОВ, соли таваллудаш 1938, мавлудгоҳаш ноҳияи Дангара, вилояти Кӯлоб, директори автобазаи Главснаби Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аъзои кумитаи ташкилии ФХТ, сипас аъзои раёсати ФХТ. Қумондони Фронти халқӣ дар шаҳри Душанбе.

Хидмати асҳоб мекардӣ мудом,
Аз бузургу хурду озоду ғулом.

Тоҳир Қурбонович САФАРОВ, соли таваллудаш 1947, зодаи шаҳраки Калининободи ноҳияи Ғончӣ, вилояти Ленинобод, миллаташ тоҷик, маълумоташ олии ҳарбӣ, соҳиби ду фарзанд, қумондони ФХТ.

Хотири мардӣ нигаҳ дорад ба лутф,
Дур дорад аз дилаш тундиву унф.

Мӯҳри Фронти Халқии Тоҷикистон.

Муллоназар ХОЛНАЗАРОВ, соли таваллудаш 1954, зодаи деҳаи Дарғи ноҳияи Айнӣ, вилояти Ленинобод, миллаташ тоҷик, маълумоташ олӣ, мудири шӯъбаи ошд ба матбуоти ФХТ.

Удостоверение
№ 00007

Гр-н Кунишев Шахоб
является членом Народного Фронта Таджикистана

подпись

Шаҳодатномаи Фронти Халқии Тоҷикистон.

БА ШУМО, ХОНАНДАИ АЗИЗ, ЧЕҲРАҲОИ БАРХЕ АЗ РОДМАРДОНИ МИЛЛАТРО ПЕШКАШ МЕДОРАМ, БИГУЗОР, МАРДУМИ ЧУМҲУРӢ ФАРЗАНДОНИ САРСУПУРДАИ ХУДРО БИШИНОСАНД:

Раҳим АСЛИДДИНОВ, раиси раёсати ҳоҷагии ба номи С. Орҷоникидзеи ноҳияи Айнӣ, вилояти Ленинобод.

Бо ҳар кӣ карам кунӣ, азони ту шавад,
Андар ҳама вақт мадҳхони ту шавад.
Бо душмани хеш агар саховат варзӣ,
Шак нест, ки ёри меҳрубони ту шавад.

Искандар ТӮРАХОҶАЕВ, додситони шаҳри Хуҷанд, вилояти Ленинобод.

Ҳиммати мард чун баланд бувад,
Дар ҳама кор сарбаланд бувад.

Асадулло ЎРУНОВ, ҷонишини аввали додситони вилояти Ленинобод.

Бо рафиқон ба мурувват мебош,
Тухми исору футувват мепош.

Иноят ПИРОВ, раиси раёсати хоҷатии "Россия"-и ноҳияи Айнӣ, вилояти Ленинобод.

Ҷавонмардӣ ду чиз аст, эй ҷавонмард,
Ба сӯям гӯш кун, то гӯямат рост:
Яке он, к-аз рафиқон даргузорӣ,
Агар ҳар лаҳза бинӣ сад каму кост.
Дуюм он, к-аз ту н-ояд ҳеҷ гоҳе
Чунон коре, ки бояд узри он хост.

Ҷамшед ИБРОҲИМОВ, ҷонишини додситони шаҳри Хуҷанд, вилояти Ленинобод.

Барои рӯзи меҳнат ёр бояд,
В-агарна рӯзи роҳат ёр кам нест.

Тӯхтахӯҷа ПОЧОМУЛЛОЕВ, собиқ муовини аввали Додситони Кулли Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мирзобек МИРЗОБАДАЛОВ, соли таваллудаш 1943, зодаи деҳаи Дар-дари ноҳияи Айнӣ, вилояти Ленинобод, миллаташ тоҷик. Депутати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори комбинати маъдани кӯҳии Анзоб.

Темурҷон РАҲИМБОЕВ, соли таваллудаш 1944, зодаи шаҳри Хуҷанд, собиқ сардори шӯъбаи корҳои дохилии комитаи иҷроияи шаҳри Хуҷанд, ҳоло ҷонишини вазири ВКД-и ҷумҳурӣ — сардори УКД-и комитаи иҷроияи вилояти Ленинобод.

ки риштаи дӯстию ҳамкории полковники КАМ Давлат Назаров бо фундаменталистони исломию мазҳаби ваҳҳобия хело кӯҳану решадор будааст, ки нисбаташ полковники КАМ-и ҷумҳурӣ Қосимбек Насимов очерки танқидии пур аз далелу бурҳонҳои кофиро дастраси мардуми ҷумҳурӣ гардонда буд. Қосимбек Насимов дар навиштаҷоташ ботини пур аз кудурату ноҷавонмардӣ, макру фиреби Давлат Назаровро ҷасурона, бо далелҳои раднашаванда сари вақт амиқан ҳувайдо гардондааст, то мардум аз қабоҳатандешии ӯ воқифу ҳолдон бошанд. Дар зери ҳуччатҳои агентии як қисми ташкилкунандагони Табаддулоти давлатӣ, аз ҷумла, қозии диндорони ҷумҳурӣ Акбар Тӯраҷонзода бо номи "Тоҳир", "Абдураҳмон" имзои "муборакӣ" ӯ мебошад. Чунин шахсро А. Мирзоев аз шаҳри Кӯлоб ҳамчун маслиҳатчии худӣ ба пойтахти ҷумҳурӣ овард.

СОНӢ. Баъд аз он ки Давлат Назаровро аз вазифаи сардори шӯъбаи панҷуми вилояти Кӯлоб ба нафақа гуселонидаанд, Акбар Мирзоев, ки вазифаи раиси кумитаи ичроияи Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Кӯлобро ба ӯҳда дошт, ӯро вакили комичроияи вилояти Кӯлоб оид ба дин таъин менамояд. Яъне, нагузошт, ки Давлат Назаров бе вазифаю аз фундаменталистони исломӣ ҷудо гардад. Дар як муддати кӯтоҳ Давлат Назаров бо дахолат ва ё бе дахолати А. Мирзоев битавонист, ки бо қозикалони ҷумҳурӣ ҳамақида гардида, аз 11 масҷиди ҷумъахонии вилоят имом-хатиби 10-тои онро ҷонибдорони экстремизми исломӣ таъин гардонад. Аз ҷумла, дар масҷиди ҷумъахонии: ноҳияи Маскав мулло Амирхон, Восеъ — Мулло Ҳабибулло, Ховалинг — Мулло Абдуғаффор, Данғара — Саид Бурҳониддин писари Эшони Аслиддинхӯҷа, шаҳри Кӯлоб — мулло Абдураҳим Каримов, мулло Холмурод ва дигарон.

Танҳо дар як масҷиди ҷумъахонӣ бо зӯрии мардуми Кӯлоб имом-хатиби он Мулло Ҳайдар Шарифзода, ки ошаш бо онҳо намепухт, монда буд. Аз дасти онҳо ҳолу рӯзи хуш надошт. Вале иродаи матину имондориаш ӯро побарҷо дошт, ки бо дастгирии халқи бо ақлу заковати Кӯлоб бо муборизаҳои зиёде масҷидро аз итоати идораи Қозиёти динии ҷумҳурию вилояти Кӯлоб бароварда, мустақил гардонад. Чунки Мулло Ҳайдар Шарифзода пешомади давуғеҷи фундаменталистони ваҳҳобӣ ва мақсаду маромии онҳоро амиқан дарк намуда буд.

СЕЮМ. Барои ҳаллу фасли бисёр масъалаҳо дари комичроияи вилоят ба рӯи сарвароии ваҳҳобимазҳаб ҳоҷӣ Шайхи Камол ва Мулло Абдураҳим Каримов ҳамеша боз буду кори ишон кору гапашон гап буд. Масҷиди Абдураҳим Каримов ҳамеша бо хишту чӯб ва дигар маҳсулоти сохтмон таъмин

мегардид, барои мулло Ҳайдар Шарифзода, депутати халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёри дарҳои идораҳои давлатӣ баста буд. Барои сохтмони масҷид пул пайдо кунад, маҳсулоти сохтмонӣ намеёфт...

ЧОРУМ. Борҳо КАМ-и вилояти Кӯлоб нисбатан реша давондан ва мустаҳкам гардидани мавқеи мазҳаби ваҳҳобия, дар вилоят вайрон намудани қонун, оиди ба корҳои давлат даҳолат намудани диндорон, мақсаду маромиҳои нопоку ғаразноки фундаменталистон дар бораи гузоштани замина оиди содир намудани табаддулоти давлатӣ, таъсис намудани давлати исломӣ дар Тоҷикистон, қонуншиканиҳои Шайхи Камол, Мулло Абдураҳим Каримов, давуғеҷи онҳо дар бораи таъсиси давлати исломӣ ва ғайра ба А. Мирзоев ахбори расмӣ пешниҳод намуда буд. Вале ҳама давутози кормандони КАМ-и вилоят дар рӯйи қоғаз, бе амалу натиҷа мемонд...

Ҳол он, ки Мулло Абдураҳим Каримов сарвари фундаменталистони вилояти Кӯлобро бар ӯҳдаи худ дошту мақсаду маромаш содир намудани табаддулоти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

Мулло Абдураҳим Каримов, соли таваллудаш 1951, зодаи деҳаи Канаби ноҳияи Ховалинг, миллаташ тоҷик, оиладор, соҳиби шаш фарзанд, маълумоташ миёна. Қаблан имом-хатиби масҷиди ҷумъаҳонии ба номи Сайид Алии Ҳамадонии шаҳри Кӯлоб буд. Дар деҳаи Тебалаи ноҳияи Мӯъминобод мезист.

Аз хизмати ҳарбӣ солҳои ҷавонӣ мувофиқи ташхиси гузоштаи табибон — ҷунуни ҷорӣ (вялотекшая шизофрения) озод гардида буд. Дар диспансери беморихои рӯҳӣ (психиатрическая) ба қайд меистод. То имом-хатиби масҷид таъин гардиданаш чандин сол дар заводи пахта ба ном оҳангар шуда кор мекард, вале танҳо дар рӯзҳои маошгирӣ пайдо мешуд.

Мушаххасоти савонеҳи зоҳиру ботини мулло Абдураҳим: ботамкин, дамдузд, сарфакор, лаёқати суханронӣ дорад, таваҷҷӯҳи дигаронро ба худ ҷалб карда метавонад. Дар баробари ин ба риёкорӣ ва найрангбозӣ майл дорад. Догматик, забони арабиро мефаҳмаду аз ӯҳдаи шарҳу тафсир мебарояд.

Имрӯзҳо мулло Абдураҳим бо сарбозонаш дар мавзеи Хоҷони Афғонистон ҷой гирифтаанд. Дар ин ҷо пойгоҳи тайёркунии диверсантҳо мавҷуд аст. Бо сарбозони ӯ машғулиятҳоро мутахассисони низомӣ: Бозгул, Фидой (шаҳрвандони Давлати исломии Афғонистон) Нуриддин ва Ҳамроҳхон (шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон) мегузаронанд.

Ҳангоми сӯҳбат сокини шаҳри Кӯлоб Ҳабибулло Абдуҷаббарови 64-сола иброз намуд: "Мулло Абдураҳим Каримов, Камол Ҳомидов (ҳоҷӣ Шайхи Камол) ва Давлатхӯҷа Назаров роҳбарони ҷараёни мазҳаби "Ваҳҳобия" дар вилояти Кӯлоб буданд. Бо собиқ раиси комиҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Кӯлоб Акбар Мирзоев дӯсту ҳамақида буданду ба муқобили депутати халқи ҷумҳурӣ Муллоҳайдар Шарифзода бо ҳар роҳу воситаҳои ғайриқонунӣ муборизе мебурданд, то он ки обрӯи ӯро миёни мардум коста гардонанд.

Ҳамаи масъалаҳое, ки мулло Абдураҳим ва ҳоҷӣ Шайх Камол ба миён мегузоштанд, аз тарафи комиҷроияи вилоят ва аксари корхонаҳои шаҳри Кӯлоб дастгирӣ меёфтанд. Аммо масъалаҳое, ки Муллоҳайдар Шарифзода барои манфиати халқ, сохтани масҷиди шаҳри Кӯлоб мебардоштанд, касе ба ҷонибдориаш таваҷҷӯҳе зоҳир наменамуд.

Борҳо ба Акбар Мирзоев муроҷиат намуда хоҳиш кардам, ки чаро дари комиҷроияи вилояти Кӯлоб барои ваҳҳобиён шайх Камол ва мулло Абдураҳим ҳамеша кушода асту ба рӯйи намояндаи халқ дар Шӯрои Олии ҷумҳурӣ Муллоҳайдар Шарифзода баста?! Чаро баҳри ҳаллу фасли масъалаҳое, ки мулло Ҳайдар Шарифзода ба миён мегузорад касе таваҷҷӯҳ зоҳир наменамояд, агарчӣ онҳо бар манфиати мардуми Кӯлоб мебошанд?! Чаро барои сохтмони масҷиди имом-хатиб мулло Абдураҳим комиҷриояи вилояти Кӯлоб ягон чизро дареғ намедораду роҳҳои сохтмони масҷиде, ки дар он мулло Ҳайдар Шарифзода имом-хатиб аст, бастаанд?!

Ба саволҳои пай дар ҳамам Акбар Мирзоев ҳамеша як ҷавоб медод: "Ба мулло Ҳайдар Шарифзода гӯед, ки иғвогариро бас намуда, ба гуфтаи мулло Абдураҳим дарояд".

Ҳол он, ки миёни онҳо рақобати мазҳабӣ мавҷуд буд. Мулло Ҳайдар Шарифзода дар равияи мазҳаби ҳанафӣ — имоми Аъзам қарор дошту мулло Абдураҳим Каримов ба равияи мазҳаби ваҳҳобия мӯътақид буд. Мақсаду мароми мазҳаби ваҳҳобияро мулло Ҳайдар Шарифзода комилан дақиқ медонист, ки онҳо дар давуғеҷи гумроҳ гардонидани мардуми аз сиёсат дуру содир намудани табаддулоти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Аз ин рӯ, дар ҳама ҷамъомадҳо, нагарсида мақсади нопоки равияи ваҳҳобияро фош намуда, ба мардум оқибатҳои талхи онро бо далелҳо мефаҳмонд.

Бинобар ин, фикр мекунам, ки мулло Абдураҳим Каримов, ҳоҷӣ Шайхи Камол, Давлатхӯҷа Назаров ва Акбар Мирзоев як одам буданд ва чӣ гуна ӯро сарвари ҷумҳурӣ таъин намуданд, ба кулли мардуми вилояти Кӯлоб муаммое буд сарбаста".

Камол Ҳомидов (ҳочӣ Шайхи Камол), миллаташ тоҷик, 63-сола, сокини шаҳри Кӯлоб, саводи хуби динӣ надорад.

Бо чунин андешаҳо Р. Набиев аризаи А. Мирзоевро ояди истеъфо гирифта, ӯро сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федерацияи Олмон таъин намуд. Дар андешаи он буд, ки сарвазири ҷумҳуриро аз рӯи анъанаи қадима боз аз вилояти Кӯлоб, раиси комиҷроияи вилояти Кӯлоб Қурбоналӣ Мирзоалиевро пешбарӣ намояд. Дар Кохи Раиси Ҷумҳур боз тарафкашӣ нисбати вазифаи сарвазир оғоз гардид, хоҳишмандону мансабталабон зиёд гардиданд, агарчӣ он шабу рӯз дар майдони ҷангу деҳаҳои вилояти Қӯрғонтеппа ҳар рӯз аз ду тараф хуни даҳҳо бародарону хоҳарон мерехту хонаҳояшон оташ гирифта, худ фирориву молу мулкашон ба яғмо мерафт.

Вале касе ба пуррагӣ дар фикри ёфтани роҳҳои боздоштани ҷанги бародаркуш, ба эътидол овардани вазъи ҷумҳурӣ, ҳаллу фасли масъалаҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ набуд. Ҳама аз номи халқ даъво мекарду баҳри беҳбудии худ кору амал дошт, ки ин мазмунро Сайидо хуб ифшо гардонида:

Метавон хардан ба афсун аждаҳоро зердаст,
Нафси саркаш пеши ақл охир забун хоҳад шудан.
Дар талоши салтанат афтодаанд аз пой халқ,
Тоҷ агар ин аст, олам сарнагун хоҳад шудан.

Довталаби асосии вазифаи Раиси Девони Вазирони Ҷумҳурӣ Абдумалик Абдуллоҷонов буд ва борҳо бо шакли ултиматум талаби ин вазифаро ба назди Р. Набиев гузошта, изҳори ақида дошт: "танҳо ӯ метавонад, ки мардуми ҷумҳуриро бихӯронаду бипӯшонад ва ҷумҳуриро аз бӯҳрони иқтисодӣ барорад". Чунин талаби қотеъонаи Абдумалик Абдуллоҷонов заминаи хело пурқуввату таҳтоние дошт, умед ба дастгирии мухолифин буд.

Бо сабабҳои номаълум он шабу рӯз роҳбарони мухолифин ақидаи худро тағйир дода, баҳри дастгирӣ ва ба сари қудрат овардани Абдумалик Абдуллоҷонов камари ҳиммат баста буданд. Ҳол он ки А. Абдуллоҷонов ба худ намеандешид: "Роҳе, ки поён надорад, қадам задан ва баҳре, ки соҳилаш нопайдост шино намудан аз тариқи хирадмандӣ дур менамояд.

То накунӣ ҷои қадам устувор,
Пой манеҳ дар талаби ҳеч кор.

Охир, чӣ гуна метавон ба душмани худ, ки дина аз паи панҷа задан бар ҷонаш буданду ҳукми қатлаш эълон доштанд, имрӯз дӯсту бародараш гардидаанд. Агар шахс палиду хабис бошад, ӯро борҳо сӯзанду хокистарашро ба оби чашмаи пок гил созанд ҳам, гавҳари нопокаш аз аслаш намегардад.

Дарахтē, ки талх аст ўрō сиришт,
Гараш дарнишонē ба боғи биҳишт.
В-ар аз чўб хулдаш ба ҳангоми об,
Ба бех ангубин резиву шаҳди ноб,
Саранчом гаваҳар ба кор оварад,
Ҳамон меваи талх бор оварад!

Аз ин рў, мавқеи ў бо дастгирии мухолифин хело пурқуввату тавоно буд, дар сессияи Шўрои Олй ба ғолибият метавонист ноил бигардад. Вазъияти Раиси Ҷумҳур хело мушкил буд. Ба кадом роҳ рафтану чй гуна ҳалли масъала ёфтанро меҷуст. Ба таклифи Абдумалик Абдуллоҷонов розй шуда наметавонист, бо ақидаи он, ки аз як тараф мардуми Кўлоб метавонист аз ў биранҷад, ки анъанаи кўҳнаро вайрон намуда, мансаби Сарвазирро ҳам ба мардуми Ленинобод додаанд. Аз тарафи дигар, ба зоҳиру ботини Абдумалик Абдуллоҷонов боварй надошт, дар ақидаи он буд, ки ў бо мухолифин забон як кардааасту теша ба решаи ў мезанад.

Аз ин рў, бо мақсади ёфтани роҳи ҳалли маъала, ки на сих сўзаду на кабоб ба Абдумалик Абдуллочонов вазифаи муовини аввали сарвазири ҷумҳуриро пешниҳод намуд. Вале ў рад намуда, хело ҷасурона гуфт: "Танҳо сарвазири ҷумҳурй шудан мехоҳам, ба ҳар як бесаводу кундақл муовин шудану фармони касеро бардоштанй нестам". Раиси Ҷумҳур талаби ҳотеъонаи Абдумалик Абдуллоҷоновро шунида, ба худ андешид, ки даъвои ў бесабабу бетакяи пурқувват нест. Сипас, ҳаллу фасли ин масъаларо мавқуф гузошта, муовини аввали раиси Девони Вазирони ҷумҳурй Ҷамшед Каримовро аз Москва ба Душанбе даъват намуда, худ дар ҷустуҷўи роҳҳои ҳаллу фасли номзади сазовор ба вазифаи сарвазир буд...

Бо кўшишу амалиётҳои зиёде Раиси Ҷумҳур ба норозигии мухолифин, ҳукумати "муросои миллй" ва баъзе аъзоёни Раёсати Шўрои Олй нигоҳ накарда, раиси Кумитаи Амнияти Миллии Тоҷикистон А. Солибоевро аз вазифа сабукдўш гардонида, раиси комиҷронаи Шўрои депутатҳои халқи ноҳияи Шаҳринав Шаҳоб Шарифовро раиси КАМ-и ҷумҳурй таъин намуд. Чунки кору амал, мақсаду мароми А. Солибоев ба ҳама маълум буд, ки баҳри таъмини амнияти давлати қонунй курдтарин чораҳоро намеандешид.

Инчунин генерал-майор Б. Раҳмоновро, ки комилан ҷонибдори мухолифину худ хоини миллат буд, аз вазифаи вазири мудофиаи ҷумҳурй сабуклўш гардонид.

Ин амалиётҳои пай дар ҳам ва хело ҷасуронаи Раиси Ҷумҳур ба халқи ҷумҳурй як навъ қувваи тоза бахшид,

боварии онҳо ба давлати қонунӣ, меҳру муҳаббаташонро ба Р. Набиев зиёдтар намуд. Мардум шукри он менамуд, ки Раиси Ҷумҳур аз сухан ба амал гузаштаасту дар ҷумҳурӣ бӯи ғалабаи рӯшанӣ бар торикӣ, адолат бар беадолатӣ ба машом расида истодааст.

Албатта, чунин иқдоми пурқуввату ҷасуронаи Раиси Ҷумҳур Р. Набиев мухолифину ҷонибдоронашро ба ларза овард. Ин гурзе буд, ки як муддат ба сари онҳо зада, пайкарашонро маҷрӯҳу заиф гардонид. Онҳо мақсаду маромии Р. Набиевро амиқан хуб дарк намуданд. Аз ин рӯ, тамоми роҳу воситаҳои ғайриқонунӣ ба Раиси Ҷумҳур чун гургони гурусна часпиданду ба гуноҳҳои набуда гунаҳкораш меҳисобиданд. Вале бисёр таассуф, ки ӯ танҳо монда буд, касе баҳри ҳимояи иқдому амали қонунияш ҳарфе намегуфт...

ДАРДО, КИ РОЗИ ПИНҲОН ХОҲАД ШУД ОШКОРО

Дар сессияи понздаҳум аз тарафи роҳбарони мухолифин ва депутатҳое, ки ҷонибдори оппозиция буданд, масъалаи истеъфои Нурулло Ҳувайдуллоев бо сабабҳои номаълум ба рӯзномаи сессия ҳамроҳ карда нашуд ва касе ояди ин масъала ҳарфе назад.

Агарчи мувофиқи протоколи созиши миёни Раиси Ҷумҳур, Девони Вазирон, аҳзоби сиёсӣ ва ҷунбишҳои мардумӣ аз 7-уми маи соли 1992 мебоист истеъфои Нурулло Ҳувайдуллоев ҳатман ба муҳокимаи депутатҳои халқи ҷумҳурӣ гузошта ё созиши ояди ин масъала ғайриқонунӣ ҳисобида мешуд. Хомӯшии оппозиция нисбати ин масъала маро ноором намуд ва ба дарёи фикр фурӯ рафта, ба худ андешидам:

— Худоё, барои чӣ, бо кадом мақсад оппозиция масъалаи истеъфои Додситони Кулли ҷумҳурӣ Нурулло Ҳувайдуллоевро ғӯё фаромӯш намуда, ба муҳокимаи сессияи Шӯрои Олӣ нагузошт?! Оё онҳо бо Нурулло Ҳувайдуллоев ҳамкорӣ кардаанд?! Не. Ин ғайриимкон буд. Ҳеҷ гоҳ гург бо гӯсфанд дӯст нагардидааст. Ҳама шоҳиди он буд, ки дар гуфтугӯи мустақими телевизион ҷонибдорони оппозиция нисбати ӯ чӣ рафторҳои номардона ва ҷиноятҳоронаро раво диданд.

Ба пиндори ман, сабаб дигар буду" зери коса никосае". Роҳбарони оппозиция ва ҳамфикрону думравони онҳо хуб дарк намуда буданд, ки пешниҳоди онҳо ояди истеъфои Нурулло Ҳувайдуллоев аз вазифаи Додситони Кулли ҷумҳурӣ аз тарафи депутатҳои халқи Тоҷикистон дастгирӣ нахоҳад ёфт. Аз тарафи

дигар, Нурулло Ҳувайдуллоев барои онҳо чун лидери шинохтаи мардум садди роҳашон гардида буд, чунки ӯ ҳамчун инсони хирадманду поксиришт аллакай ба дили ҳар як фарди ҷумҳурӣ бо ҳалолкориву якрӯйӣ ва мустақилияш роҳ ёфта буд. Ба истеъфо гусел намудани Нурулло Ҳувайдуллоев ин ними мақсад буд, чунки дар арсаи сиёсат ӯ боқӣ мемонд ва дар интихоботи оянда ҳарифи шадиди мухолифин мегашт. Бинобар ин, бо мақсади якбора ҳал намудани масъала роҳбарони оппозиция (мухолифин) бо маслиҳати ашхосе, ки бо ёрию дастгирии оппозиция сари қудрат омада буданд, нақшаи ҷисман аз байн бурдани Нурулло Ҳувайдуллоевро бо роҳи террори сиёсӣ хело пеш тарҳрезӣ намуда буданд. Ҳомӯшии разилону душманони миллат бесабабу бе мақсад набуд...

Афсӯс ки ин мақсаду маромиҳо онҳоро наздикони Нурулло Ҳувайдуллоев ва худи ӯ дарк накарданд. Роҳу рафтори мухолифинро нисбати ин масъала таҳлил накарданд ва баҳо надоданд, ба суханҳои суфтаю пур аз заҳри онҳо бовар карданд.

Чунин ранг гирифтани вазъият маро ноором сохт. Аз ин рӯ, аз комбинати маъдани қӯҳии Анзоб ба Нурулло Ҳувайдуллоев сим зада, изҳори ақида намуда, фикрамро ошкоро баён кардам, ки ин ҷо муаммое ҳаст, нисбати ин масъала амиқан фикр бояд карду ба касе бовар накард. Ҳеҷ гоҳ онҳо ба ману Шумо дӯст нахоҳанд шуд. Вақти соддалавҳӣ нест! Ӯ маро хуб фаҳмид ва гуфт: " Худам ҳис карда истодаам. Рӯзи гузашта наздам чор шахси силоҳбадаст бо сардории "генерали мардумӣ" Раҳимбек Нуруллобеков даромада, аз номи ҳаракати мардумии "Лаъли Бадахшон" таҳқирам намуданд, ки аз вазифа биравам... Фаҳмидам, ки Раҳимбек Нуруллобеков хешованди вазири корҳои дохилӣ М. Навҷувонов будааст, ба ӯ сим зада гуфтам. Ба роҳбарияти ҷумҳурӣ нисбати ин ҳодиса мактуб фиристодам. Сипас ба воситаи Раҳим Мирзоаҳмадов ба лидери бадахшониҳо Ҷумъахон Одинаевич Бӯйдоқов вохӯрдам, ки ӯ ваъдаи қатъӣ дод, ки бародарони бадахшонӣ бо ман дӯсту бародар мегарданд.

Ҳоло кормандони ВКД маро муҳофизат мекунанд, ба гайр аз кору хона ба ягон ҷо намеравам..."

Бори дигар ӯро хотиррасон намудам, ки ба онҳо бовар накунад. Ҷумъахон Бӯйдоқов ин ҷиноятқори ашаддии Душанбе мебошад, ки миёни ҷиноятқорон бо номи "Ҷумъа-седой" машҳур аст. Вай шахси наздики М. Навҷувонов мебошад...

Нисбати ин масъала ақидаамро ба Қутфинисо Мирзоева ва Назрулло Дӯстов баён карда будам, то он ки ба Нурулло Ҳувайдуллоев бори дигар расонанд.

Ӯ хело хуб дарк мекард, ки душманони қонун аз паи онанд, то фурсати мувофиқе пайдо намоянду панҷа ба ҷонаш бизананд, аз инрӯ, дарди дили худро ба умеде, ки ба дарди ӯ касе дармон шавад, ба роҳбарияти ҷумҳурӣ изҳор намуд...

Дар ин ҷо изҳороти Додситони Кулли Ҷумҳурии Тоҷикистон Нурулло Ҳувайдуллоевро бе таҳрир, чун ҳуҷҷати таърихӣ пешкаши хонандаи гиромӣ мегардонам:

ИЗҲОРОТИ ДОДСИТОНИ КУЛЛИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН Н. ҲУВАЙДУЛЛОЕВ

Рӯзҳои охир дар доираҳои муайяни ҷумҳурӣ овозаҳо дар бораи маро ҷисман нобуд кардан беш аз пеш пахш шуда истодааст. Хатари ин амал он қадар воқеӣ ва ҷиддӣ аст, ки ман қарор додам бо изҳороти зайл баромад намоям.

Инак, як сол мешавад, ки дар баъзе воситаҳои ахбори оммавӣ маъракаи дурӯғу буҳтон нисбати ман, ҳамчун Додситони Кулли ҷумҳурӣ қувват дода мешавад. Он баъди аз тарафи додситонӣ боздошт шудани М. Икромов ва ҳодисаҳои муайяни шаҳри Душанбе дар моҳҳои апрел-май яку якбора пурзӯр гардида буд. Ҳадафи он маро бесобрӯ кардан ва аз вазифа сабукдӯш намудан ва ба ҷои ман шахси дилхоҳашонро таъин кардан аст, то вай қонуншиканиро, ки ҳоло дар ҷумҳурӣ ба амал омада истодааст, "табаррукӣ" созад. Таҳдиде, ки ҳоло садо медиҳад, анҷоми мантиқии маъракаест, ки дар матбуот вусъат дода шудааст, давоми равандҳое мебошад, ки дар ҷумҳурӣ рӯй дода истодаанд. Азбаски барои аз вазифа сабукдӯш кардани ман кадом асоси қонунӣ надоранд, доираҳои муайян қарор додаанд, ки ба чораи қатъӣ даст зананд.

Ба ин одамон чӣ иқдоми ман номаъқул аст? Мавқее, ки ман ҳамчун Додситони кулл дар он қарор дорам, ҳамеша ҳимоя кардани қонун аст ва роҳ надодан ба он, ки касе онро вайрон кунад. Аз ҳама гуна аҳзоб ва ҷунбишҳо сарфи назар аз он ки бо кадом шиорҳо онҳо баромад мекунанд, талаб менамоям, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя ва эҳтиром кунанд. Ҳеҷ гоҳ ва ба ҳеҷ касе бовар намекунам, ки бо шиорҳо ҳама чизро ҳаҷ баровардан мумкин бошад ё амалӣ намудани ғояе, ки инсонҳоро ба ҳалокат мебарад, арзиш дошта бошад. Ба назарам маҳз ҳамин мавқеи ман ба онҳо намефорад.

Вазъи ҷумҳурӣ ҳоло ниҳоят мураккаб аст. Имрӯз ба ҳамаи нирӯҳои сиёсӣ лозим аст, ки ҳаддалимкон бурдборӣ ва хирадмандӣ зоҳир намоянд. То ки ҷомеаи мо тамоман титу пора нагардад, то ки ҷанги шаҳрвандӣ ба амал наояд. Аз ин сабаб

риояи қонун бисёр зарур, пайдо намудани роҳи созиш хеле муҳим аст. Вале аксар вақт иқдомоти хилофи ин амр ба мушоҳида мерасад. Қонуният помол карда шуда, аз барои иддаоҳои сиёсии баъзе ашхос одамони бегуноҳ ҳалок шуда истодаанд.

Додситонии ҷумҳурӣ ҳоло корҳои зиёдеро анҷом медиҳад, то пеши ин равандро бибандад. Аммо аз сабаби он фишоре, ки ба мо мерасонанд, ба иллати он зиддияте, ки кормандони мо бо он рӯбарӯ ҳастанд, додситонӣ гоҳо дар иҷрои ин вазифа оҷизӣ мекашад. Ягона роҳи баромадан аз ин вазъият — роҳи гуфтушунид бо иштироки намояндагони вилоятҳои Кӯлоб, Қурғонтеппа, Ленинобод, ҳамаи аҳзоб ва ҷунбишҳо, ҳамаи ашхоси манфиатдор мебошад. Ин гуфтушунидҳо бояд таҳти роҳбарии Раиси ҷумҳури қонунан интихобшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат бигирад.

Дар раванди мӯътадилгардонии вазъият воситаҳои ахбори умум нақши калон бозида метавонанд, вале баъзеи онҳо, аз ҷумла, симои мардумӣ барҳакс вазъиятро тезу тунд менамоянд, бо ҳар роҳ гуфтушунидҳоро вайрон мекунанд, ҷомеаро ба порашавӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ тела медиҳанд.

Дар роҳи ҳалли ин масъалаҳо Ҳукумати "муросои миллӣ" ҳам бояду шояд кор намекунад. Баъзе аъзои ҳукумат мавқеи фурсатпоиро ишғол намудаанд. Охир ҳоло бисёр корҳоро иҷро кардан мумкин аст. Д. Худоназаров ҳарчанд аъзои ҳукумат нест, ҳамеша дар маркази воқеаҳо мебошад, худаш гоҳо бисёр масъалаҳои догро ҳал менамояд, рисолати ниҳоят мураккаб ва муҳими оштидиҳиро иҷро мекунад.

Ба ҳамаи мо сулҳ, оромӣ ва тартибот зарур аст. Дар акси ҳол мо ояндаи халқи худ, кишвари худро маҳв месозем. Инро нафаҳмидан ҷиноят аст!

Баъди чанд рӯз хабар ёфтам, ки муносибати Мамадаёс Навҷувонову Аслиддин Соҳибназаров, Тоҳир Абдуҷабборов ва Қадриддин Аслонов бо Нурулло Ҳувайдуллоев хеле хубу наздик гардидааст, ки ҳатто ба хонаи якдигар рафтуомад мекардаанд... Ҳатто 5-уми августи соли 1992 Мамадаёс Навҷувонов ҷашни нимасраи худро дар қаҳвахонаи боғи "Дӯстии халқҳо" қайд кардааасту дар он лаҳзаҳои тарабафзо аксарияти аъзоёни Раёсати Шӯрои Олӣ бо сарварии Акбаршоҳ Искандаров, Ҳукумати "муросои миллӣ" бо роҳбарии Акбар Мирзоев иштирок варзидааанду базми ҷамшедӣ барпо кардаанд, соҳибҷашнро пайғамбарвор навозиш кардаанд. Садои дафу нолаи чанг ба осмон дакка мехӯрду замини падарон заифона меларзид.

Раиси Кумитаи Шӯрои Олӣ ояди фарҳанг, забон ва муносибатҳои байналхалқӣ Даврон Ашӯров дар васфи соҳибҷашн сухан мегуфту гоҳо аз Саъдию Ҳофиз, гоҳо аз Пушкину Маяковский шеър мехонду аз Алӣ шери Худо баландаш меҳисобид. Вале чаҳ-чаҳи булбул куҷову гӯшҳои пунбадори Муҳаммадаёс кучо?! Бечора, ба ғайр аз чанд лаҳни барҳам — дарҳами низомӣ аз илму фарҳанг воқиф, ки набуд, мегуфт: "бародар, ту хуб мегӯед..."

Сарварони давлат ширакайфона мерақсиданду месуруданд, вале дар Хатлону Вахшонзамин мардуми бегуноҳ мефавтиду машаққати гуруснагиву ташнагӣ равонашонро бесаранҷом менамуд ва ин дар сарзамини кӯҳансоли мо зоида шудани маргро ба бор меовард. Ҷанги бародаркуш шиддат мегирифт. Ҳар рӯзе ҷавонмардони паҳлавонҷуссаи ғӯрамаргшударо ба хок месупориданду ашки надомат мерезониданд, рӯзе садҳо мардуми Вахшонзамин тарки хонаю ҷо ва молу мулк намуда, аз Ватан фирор карда, рахти гурез бармебастанд. Ҳазорон ҷавонмардони Хатлонзамину Вахшонзамин бо сарварии Файзалӣ Саидов, Бӯрихон Ҷобиров, Тагойхон Шукуров, Сангак Сафаров, Лангарӣ Лангариев, Ёқуб Салимов, Хӯҷа Хаспаллаев, Муҳаррама Мирзоалиева, Файзулло Қувватов, Абдуваҳҳоб Холиқов, Имомиддин Умаров, Шералӣ Мирзоев, Маҳкамбой Шарифов ва дигарон баҳри дифои мардуми вилояти Қӯрғонтеппа камар баста буданд... Аммо бехабарони курсинишин ба риши қозӣ механдиданду аз шодӣ дар куртаҳо намегунҷиданд.

Инсоф кунед, роҳбари давлате, ки заррае нисбати халқаш меҳру шафқат ва садоқату имон надошта бошад, чаро ба ғазаби Оллоҳи таоло гирифтор нагардад?! Чӣ гуна он шабу рӯз ба ғӯшатон садои карнаю сурнай медаромаду чашматон рақсу бозии таннозонро медид?!

Боз дар сессияи понздаҳуми Шӯрои Олӣ депутатҳои "коғазпеч"-е ёфт шуданд, ки Акбаршоҳ Искандаровро бо таърифу тавсиф номзади яккаву ягона ба вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ муаррифӣ намуданд. Ва ҳатто дар рӯзи ёдбуд, ки 27-уми июни соли 1993 дар ноҳияи Вахш барпо гардида буд, баъзе аз роҳбарони давлат нисбати Акбаршоҳ Искандаров қадаҳ гирифта, ӯро ба осмони ҳафтум бароварда, ба саломатиаш арақ нӯшиданд. Афсӯс ки номардии баъзе курсинишинони имрӯзаро шаҳидони роҳи озодӣ бо сарварии Файзалӣ Саидов, Рустам Абдураҳимов, Сангак Сафаров, Лангарӣ Лангариев, Ҷомӣ, Шералӣ Файзалиев, Раҳматҷон Холматов, Шамсиддин Каримов, Сафаралӣ Саидалиев, Ботур Исҳоқов имрӯз намебинанду намешунаванд. Вале халқ ҳамаашро дида истодааст...

Чӣ гуна онҳо хурсандӣ мекарданду механдиданд?! Чӣ гуна нисбати шахсе, ки гунаҳкори хунрезиҳо буд, сухан мегуфтанду дар васфаш шеър мехондачд?!... Эҳтимол, Даврон барин кӯрдилон, ки зери нақораи чандин касон рақсидааст, ӯро ҳомии миллат ҳам ном бурда бошанад, ки вой бар давлату вой бар фарҳангу сад дарег бар сиёсат!..

Бо сад макру ҳилла барои тайёр намудани заминаи самарноконаи иҷрои нақшаи разилона Нурулло Ҳувайдуллоевро чун дӯсти ҷонӣ, бародари азизи Муҳаммадаёс Навҷувонов ба қаҳвахона мебаранд, ки дар он ҷо қотилони ҷони Нурулло Ҳувайдуллоев, ки бояд нақшаро иҷро мекарданд, Ҷумъахон Бӯйдоқов, генерали мардумӣ Раҳимбек Нуруллобеков ва дигарон нишаста буданд. Бо ин роҳ Нурулло Ҳувайдуллоевро "аз наздик" мешиносанд. Сипас, баъд аз чанд дақиқа М. Навҷувонов бо мақсади ба боварии Нурулло Ҳувайдуллоев сазовор гардидан бо сад баҳонаву суханбозиҳо ӯро ба хонаи худ меоварад, ки Ҷумъахон Бӯйдоқов ва Раҳимбек Нуруллобеков онҳоро чун муҳофизатгарон ҳамсафарашон мегарданд.

Дар он ҷо М. Навҷувонов қадаҳ гуфта, Нурулло Ҳувайдуллоевро бародари қиёматӣ хонда, савганд хӯрдааст, ки агар худо нахоста ба пойи яке аз онҳо хоре халад ва ё ҳодисаи нохуше шавад, дигаре фарзандони онро як умр парастории менамояд. Бале, парастории менамояд... Баъд ӯро то хона Раҳимбек Нуруллобеков ва Ҷумъахон Бӯйдоқов гусел менамоянду хонаашро зери назар мегиранд... Бо чунин роҳҳои маккоронаю разилона Мамадаёс Навҷувонов, Раҳимбек Нуруллобеков, Ҷумъахон Бӯйдоқов ба боварии Нурулло Ҳувайдуллоев медароянд. Ҳамаи ин найрангбозиҳо аз рӯи тарҳрезии пешакӣ ба вуқӯъ мепайваст. Охир, Раҳимбек Нуруллобеков, Салимшоҳ (Салам) Муҳаббатов, Ҷумъахон Бӯйдоқов аз рӯи ахбори банда хешовандон ва шахсони наздиктарини Муҳаммадаёс Навҷувонов буданд, ки онҳо дар давоми якчанд рӯз роҳҳо ва соати убуру мурури Н. Ҳувайдуллоевро мсомӯхтанд.

Муносибати онҳоро шунида, рости ҳалаи гургон ба ақлу ҳуш ва дилам ҳамла овард. Безобита шуда, ба ӯ сим зада, пардапӯшона гуфтугузор намуда, фикру ақидаи худамро нисбати ба гирдоби хоинону разилон ворид шуданаш қотъеона баён карда гуфтам, ки ҳушёр бошад, ба онҳо ҳеҷ гоҳ бовар накунад! Дили онҳо сиёҳу пур аз кибру кина мебошад. Мақсади маро дарк намуда, ханда карда гуфт: "Разведкаи Шумо хеле хуб кор мекардааст, аз он тарафи атба истода, ин тарафро пурра мушоҳида карда истодаед, қоиле, қоил!" Суханашро давом дода иброз намуд: " Дар ҳақиқат он палид (М. Навҷувонов) бо ман

наздик шуда, садоқатмандии худро изҳор карда истодаает, лекин ба ӯ бовари надорам! Шумо хавотир нашавед, муҳофизатам пурқувват аст. Ба ғайр аз ходимони ВКД боз дигар муҳофизатгарони худи ҳам дорам".

Афсӯс, ки Нурулло Ҳувайдуллоев дар чӣ хаёл буду онҳо дар чӣ хаёл! Ӯ аз пайи кору ҳимоии ҳуқуқу манфиатҳои халқи азизаш, гирифтани пеши роҳи ҷанги бародаркуш, наҷот додани миллат аз балои ногаҳонӣ буду разилон дар қасди ҷони ӯ! Девсиришторо дарранда ҳамеша аз пайи ӯ мегаштанд, пайгу вазъияти мусоидеро мекофтанд, ки илоҷе бикунанд, то тири дайдуи ҷонсӯзро ба пайкараш бизананду соҳиби пулу долларҳо бигарданд ва мардуми ҷумҳуриро аз фарзанди баору бохирад ва сиёсатмадори варзида якумрӣ ҷудо созанд!...

Чӣ илоҷ! Қисмати талхи халқи бечораро ҳамеша, дар ҳар давру замон гурӯҳи мансабталошону сиёсатбозон ва пулмастон дар гайбаш ҳал менамудаанд. Вагарна кай мардуми тоҷик розӣ мешуд, ки дар кишвари нозанини Тоҷикистон таҳти ниқоби "демократияи ислом" ташкилоти террористон ба ҷавлон задан шурӯъ намояд?! Ба таъкид месазад ёдовар шуд, вақте ки роҳбарони оппозиция барои содир намудани террори сиёсӣ мақсад гузоштанду нақша кашиданд — ин хатои нотакрору нобахшиданиии онҳо ва фаро расидани марги навдавлатонаш низ буда.

Таъриҳи давлатҳои башар, алалхусус, мо тоҷикон ба он шаҳодат медиҳад, ки агар террори сиёсӣ аз тарафи гурӯҳе, ки ҳоло пурра ба сари қудрат наомадааанду халқ эҳтиромашон низ накарда содир гардад, он гурӯҳ метавонад, ки дар давраи бисёр кӯтоҳ, яъне то аз ҳолати бехуливу беҳушӣ баромадани мардум ба сари қудрат бипояд. Вале ҳамин, ки халқ ба худ меояду аз асли масъала воқиф мегардад, ишонро чун тарошапорахое ба соҳили номуродиҳо бармеандозад, ки иншоолоҳ чунин қазия дар пеш аст!

Алқисса, роҳбарони оппозиция гурӯҳи террористон: Салимшоҳ Муҳаббатов, Саидмурод Қурбонов (эшони Саидмурод), Абдуназар Ҷамилов, Исматулло Ҳабибуллоев, Давлатбек Маҳмудов, Азиз Ризоев, Умар Юсуфов, Зобудшо Навозов (Шукрихудо, "Кал"), Тоҳир Паҳлавонов (Кӯри Тоҳир — Касой), Ризвон Саидов, Маҳмадкарим Маҳмадалиев бо сарварии Ҷумъахон Бӯйдоқов ва генерали мардумӣ Раҳимбек Нурулдлобеков таъсис намуданд. Ба онҳо тактикаи кории террористонро аз рӯи дастурҳои экстремистони ваҳҳобӣ, ки дар мамлакатҳои Итолиё, Фаластин ва баъзе давлатҳои исломӣ бисёр машҳур аст, дар дараи Ромити ноҳияи Кофарниҳон меомӯзониданд, машқҳову тамринҳо менамуданд. Вазифа ва амалиёти ҳар яки

онҳоро муайян мекарданд. Дастаи ташкилкунанда, ёрирасонанда, муҳофизаткунанда дар вақти огоз ва ҷараёни иҷро гардондани террор ва дастаи иҷрокунанда ҳар яке он бо яроқу аслиҳаи ҳозиразамон мусаллаҳ гардонда мешуд.

Чй тавре, ки санҷиш муайян намуд, қисми зиёди дастаи террористон аз қабили чиноякторону рекетёрон, ашхоси судшудаю дар маҳбасхонаҳо нишаста буданд.

Бинобар ин, касе аз онҳо талабгори курсии Додситони Кулли ҷумҳурй ё Раиси Ҷумҳур набуд ва аз террор намудани Нурулло Ҳувайдуллоев ягон муроди онҳо ҳосил намегардид. Барои онҳо фарқ надошт киро террор намоянду киро бикушанд. Барои чиноякторону рекетёрон аз ҳама чизи заруру муҳим он буд, ки барои, "хизматашон" соҳиби чанд пулу пайса мегарданд, ҳатто фарқе надорад, ки ин пайсаро кй ба онҳо медиҳад. Қонуни нонавиштаи ин муздурони сиёҳбахт якто: "пулро мегиранду корро иҷро мекунанд". Ва инро вазифаи муқаддаси худ меҳисобанд, вассалом!

Албатта ба роҳбарони оппозиция, ҳамфикрону тарроҳони нақшакаши берунаву дохилии онҳо, ки бо роҳи истифода бурдани силоҳ содир намудани табаддулоти давлатй сари қудрат омада буданд, киро террор кардан ва шаҳид гардонидани кадом фард ва барои чй пул ҳарҷ намудан бисёр ҳам муҳим буд.

Онҳо барои одами қаторй ҳеҷ тоҳ ба ин кори разилона даст намезаданд, ҷиноятн қабеҳ содир наменамуданд, пул харҷ намекарданд. Аз ин нигоҳ онҳо харҷ гардидани пулу пайсаи бе дарди миёни иньомтардидаи манбаъҳои дохилй ва хориҷиро маҳз ба шикофтану шикастани девори асосии давлати Қонунй сафарбар карданашон амали табоҳе буд камаршикан.

Аз тарафи дигар, роҳбарони оппозиция ва як зумра зиёёни косалесу беимон дар фикру хаёли он буданд, ки чй гуна ва бо кадом роҳ мададгору хонаи умеди худ — раиси комиҷроиян Душанбешаҳр Мақсуд Икромовро аз маҳбусй озод намоянд. Онҳо бо пулу пайса ва тири туфтанг бисёр касонро розй карданд, ки ҳазраташонро аз маҳбасхона озод намоянду ҷиноятномаашро қатъ бигардонанд. Вале Ҳувайдуллоев ягона шахсе буд, ки аз доираву талаботи қонун заррае фаро нанишаст, ба пулу долларҳои онҳо туф карда буду аз таҳдиди тиру туфанг ва фишоровариашон бидуни ҳарос иброз дошт: "Мақсуд Икромов чиноякораст ва бояд ки дар назди қонун ҷавоб диҳад. Гунаҳкор будан ё набудани ўро суд исбот менамояд. Дар назди суд бояд ҷавоб диҳад!..."

Рўзномаҳои "Чароғи рўз", "Адолат", "Дунё", "Паёми Душанбе", "Ҷавонони Тоҷикистон" пайваста дар таърифу таҳнияти ва бузургдошти М. Икромов мусоҳибаҳои тумтароқ мекарданду дар

танқиду таҳқири Додситони Кулл Нурулло Ҳувайдуллоев пофишорона аз даҳон кафкпарронӣ менамуданд. Пайваста сарвари Қозиёти ҷумҳурӣ Ҳоҷиакбар Тӯраҷонзода, Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон Муҳаммадшарифи Ҳимматзода, Ҳизби демократи ҷумҳурӣ Шодмони Юсуф, созмони мардумии "Растохез" Тоҳири Абдуҷаббор, депутатҳои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Ҳайдаршоҳ Акбаров — Вазири кишоварзии ҷумҳурӣ, Аслиддин Соҳибназаров — узви Президиуми Шӯрои Олӣ, Абдулло Ҳабибов — узви Президиуми Шӯрои Олӣ, Абдувакил Абдушаҳидов, Шариф Ёқубов, шоирону рӯзноманигорон Бозор Собир, Давлат Худойназаров, Отахон Латифӣ, Соҷидаи Мирзо, Ашӯр Тирандозов ва ҷонишини сарвазир Давлат Исмон муттасил давуғеҷ мекарданд, ба кори ургонҳои тафтишотӣ фишор меоварданд, аз Додситони кулли ҷумҳурӣ Нурулло Ҳувайдуллоев талаб мекарданд, ки Мақсуд Икромов фавран аз маҳбас озод карда шавад...

Онҳо аз сафҳа-сафҳаҳои тӯҳмату бӯҳтони рӯзномаҳои "худӣ" ва "содиқ" истифода карда, сарварону такягоҳ ва мададгорону балегӯҳояшонро ба арши аъло мебароварданд, аз ишон моҳи беайб месохтанд. Вале бехабар аз он буданд, ки ҳама даву ғеҷи онҳо нисбати Мақсуд Икромов "хизмати хирсона" буд. Вазъияти ӯро мураккаб мегардонданду кормандони тафтишотро ҳушёр. Имрӯз бошад, баъзеи ҳамон рӯзномаҳои номбаршуда ба танқиду сиёҳкунии таъриҳкардагонашон машғуланд. Оре, замонасозӣ мекунанду рӯз мегузаронанд. Рӯзгори ноҳинҷори беимонона!! Оё аз чандрӯву чандзабонагии ишон мардум воқиф бошанд?!

Роҳбарони гурӯҳҳои оппозиционӣ, аҳзоби сиёсӣ, созмону ҳаракатҳои мардумии "Растохез", "Лаъли Бадахшон", "Носири Хисрав" борҳо тавассути садо ва симои "мардумӣ"-и ҷумҳурӣ, рӯзномаҳо ва умуман расонаҳои ахбори умум эътирозномаҳои худро нисбати Нурулло Ҳувайдуллоев ба самъи мардуми ҷумҳурӣ расонда буданд. Ӯро ба ғаразнокӣ, кинаварзӣ ва авомфиребию қонуншиканӣ муҷрим дониста, қотеъона талаб мекарданд, ки Нурулло Ҳувайдуллоев аз назорати тафтишоти ҷиноятнома дур гардаду Мақсуд Икромов аз маҳбас фавран озод карда шавад!...

Аз тарафи дигар, Раиси Шӯрои Олӣ ва Раёсати Шӯрои Олӣ ба корҳои додситонӣ дахолат намуда, ба ӯ фишор меоварданд, то Икромовро озод карда, ҷиноятномаашро қатъ намояд. Аз рӯи маслиҳати пешакӣ аризаи Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон, Ҳизби демократи Тоҷикистон, ҳаракатҳои мардумии "Растохез", "Лаъли Бадахшон" таҳти имзои сарвазирашон агарчӣ ба унвони Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон Р. Набиев навишта шуда буд,

бо сабабҳои "номаълум" ба Шӯрои Олии ҷумҳурӣ дохил гардидааст. Мутассифона, аз қайди шӯъбаи қабул ва умумии Шӯрои Олӣ нагузаштааст. Яъне, ариза бо роҳи шиносоӣ дастраси роҳбарияти Шӯрои Олӣ мегардад. Дар он "қотеъона" аз Додситони Кулли ҷумҳурӣ Нурулло Ҳувайдуллоев талаб карда мешавад, ки ояди аз маҳбас озод намудани Мақсуд Икромов ва гӯё мусоҳибаи нодурусти ӯ бо симои ҷумҳурӣ чораҳо андешида, камбудии худро ислоҳ намояд.

Худи ҳамон рӯз нархи пиёзу сабзиро напурсида, ҷонишини раиси Шӯрои Олии ҷумҳурӣ, профессор Приписнов Виктор Иванович бе таҳлилу баҳо додан ба вазъияти ба миён омада, ки тайёранд панҷа ба пайкари Нурулло Ҳувайдуллоев зананд, дидаю дониста ба яке аз роҳнишондиҳандагони оппозиция, раиси Кумитаи Шӯрои Олӣ ояди қонунбарорӣ, муборизаи зидди ҷиноякорӣ ва ҳуқуқи инсон Абдулло Ҳабибов ба мазмуни зайл супориш медиҳад: "Хоҳишмандам маълумотҳои лозимаро ҷамъ оварда, масъаларо ба маҷлиси Раёсати Шӯрои Олӣ гузоред". Чунин супоришҳои бемантиқу беақлона ва ғайриқонуниро дида, дили кас аз профессори илми ҳуқуқ ҳам мемонад!...

Охир, ҳар роҳбари бохираду соҳибақл аз он ки ба зердастони худ супориш диҳад, бояд бидонад, ки санҷиш ва ҳалли аризаю шикояти дохилгардида ба идораи ӯ дахл дорад ё не? Вақте ки депутатҳои Шӯрои Олӣ Додситони Кулли ҷумҳуриро интихоб карданд, ӯро вазифадор низ намудаанд, ки танҳо ба қонун итоат бинамояду соле на кам аз як бор дар назди интихобкунандагони худ (сессияи Шӯрои Олӣ) ҳисобот бидиҳад, на дар раёсати ону на ба В. И. Приписнов барин беприципон!

Илова бар ин, чӣ гуна роҳбар метавонад, ки обро надида мӯза кашад, маълумотро насанҷида, бо касе ҳамсӯҳбат нагардида, ба ҳақиқат наздик будани хабарро исбот накарда, ҳуҷҷати лозима ҷамъ наоварда, дар супориши худ дарҷ намояд, ки масъала "ба муҳокимаи Раёсати Шӯрои Олӣ" бароварда шавад?! Магар чунин роҳбар метавонад зомини адлу қонун бошад?!

Магар чунин супориши ғайриобъективонаи роҳбар, ки ба дасти иҷрокунандаи гаразнок меҳоҳад ҳарифи деринаи ӯро аз миён бардорад, номардонаву нобиҳрадона нест? Бале, ин амали табоҳро танҳо метавон кӯрдилӣ ва номардумӣ донист!

Алқисса, бо ҳуҷҷатҳои бофтаи А. Ҳабибов Раёсати Шӯрои Олӣ бар хилофи қонун Додситони Кулли ҷумҳурӣ Нурулло Ҳувайдуллоевро муҳокима намуда, 10-уми июни 1992 таҳти №837 қарор қабул кард.

Дар банди дуюми қарор аз ҷумла омадааст: "Аз Додситони Кулли ҷумҳурӣ талаб карда шавад, ки Мақсуд Икромовро аз

маҳбас озод намояд. Дар ҳолати иҷро накардани талаботи Президиуми Шӯрои Олӣ масъалаи аз вазифа сабукдӯш намудани Додситони Кулли ҷумҳурӣ Нурулло Ҳувайдуллоев ва чонишини ӯ Тӯхтахӯҷа Почомуллоев ба сессияи Шӯрои Олӣ гузошта мешавад". Магар ин таҳқир ва фишор овардан ба қонуну ба Ургони Додситонии ҷумҳурӣ нест?!Магар ин намунаи олии "демократияву ҳуқуқдонӣ"-и демократону ҳуқуқшиносони навбаромад нест?!

Охир инсоф диҳед, чӣ гуна ашхоси таърихчӣ ё ҷуйборкану андовачӣ ва ё савдогару механизатор, боғпарвару рӯҳонӣ метавонист, ки нозукиҳои илми ҳуқуқ ва қонуну қоидаҳоро аз мутахассисони касбие чун Нурулло Ҳувайдуллоеву Тӯхтахӯҷа Почомуллоев, ки тамоми умри бобаракаташонро сарфи андӯхтани ин илм намудаанд, беҳтар бидонаду нисбати камбудӣ ва қонуншиканиии ишон ҳарф бизанад. Сохти гузаштаи давлатдорӣ ва фаъолияти ҳизби коммунистро сохти тоталитарӣ ва режими коммунистӣ гуфта, зери тозиёнаи танқид мегирифтему гунаҳкораш мекардем, ки принципҳои демократияро поймол намуда, мутахассисонро дуруст истифода намебаранд, ба ҳама кор нахӯди пеши қошуқ мешаванд, дониставу надониста ҳарф мезананду фикру ақидаи ноҳаққу ғайриқонунии худро қонунӣ ҳисобида, ба сари дигарон бор менамояд. Ирӯз чӣ кор карда истодаем?! Кадом роҳро пеш гирифтаем?!

Охир бозсозию ошкорбаёнӣ гуфта, аз борон гурехта гирифтори жола шудем-ку?! Кучо рафтанием?! Оё кадрҳои нодири миллатро маҳв намекунем?!

Ба ҳамаи даъвоҳои подарҳавои қаламбадастони пулпарасту мансабдорони имонфурӯш, мафияи дохиливу хоричӣ Нурулло Ҳувайдуллоев дандон ба дандон монда тоб меовард, бори гарони таҳдиду хатарро ба дӯши худ гирифта, қонунро чизи муқаддас меҳисобид, баҳри тозагиаш ба муқобили аносири нохалаф ва заҳрпечакони ноҷоя рӯида муборизa мебурд, аз роҳи адолату ҳақиқат, баҳри беҳбудии мардум барнамегашт. Бозии ҷонро дар сари миҷгони хеш эҳсос менамуду мардона пеш мерафт.

Бале, Нурулло Ҳувайдуллоев бисёр хуб медонист, ки давугеҷи ҷонибдорони шаҳрдори "Ҳотами Той" бегаразона набуд, чунки М. Икромов аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ кӯмакрасону ҳамақидаи ишон буд. Ҳотамиро аз ҳисоби давлат мекард. Бар хилофи қонун ба яке мошини сабукраву ба дигаре пул ва ба сеюмӣ хонаҳои бодабдаба харида дода буд. Комичроияи шаҳри Душанбе ситоди мухолифин буд, ки дар он ҷо ба сарвари ситод Шодмони Юсуф утоқи корӣ ҷудо карда шуда буд. Ва дар мусоҳибаи худ М. Икромов ба хабарнигори махсуси "Чароги

рӯз" Дадочон Атовуллоев гуфта буд: "Маро дастгирӣ ва дуои онҳое зинда дошт, ки дар майдони "Шаҳидон" номамро мегирифтанд. Вақте ки Ҳизби демократи Тоҷикистон, Ҳизби наҳзати ислом, сӯзмонҳои мардумии "Растохез" ва "Лаъли Бадахшон" ба ҷонибдориам бархостанд, дигар ҳеҷ як қуввае маро шикаста наметавонад ва кӯшиши рӯҳан куштани ман кӯшиши беҳуда аст!" Афсӯс, ки имрӯз Мақсуд Икромов бо дигар рӯ суханронӣ карда, дӯстонашро (роҳбарони оппозицияро) маҳкум менамояду Файзалӣ Саидовро ҷанговари ҷасур, уқоби баландпарвоз, Сангак Сафаровро "бобои Сангаки қаҳрамони миллат, аҷали оппозиция" меномад... Бисёр таассуф ва ҳайфам меояд, ки чунин башараи талхфом либоси мардон дар бар дораду хунсовор рафтор мекунад.

Ҳамчунин ҷонибдорони дигари Мақсуд Икромов қувваи дигаре амал мекард, ки барои аз миён бурдани Нурулло Ҳувайдуллоев бетараф набуданд...

Аз ин рӯ, манфиати гурӯҳҳо дар як нуқтаи пайванд бо ҳам гироиш ёфтанд ва барои аз миён бурдан шахсеро интихоб намуданд, ки ояндаи бузург дошту бо ақлу хирад ва заковати беназири худ роҳи ояндаи мардуми ҷумҳуриро ба чароғи хеш мунаввар мекард ва чун шамъ андар миёни ҷомеъа медурахшиду миллатро ба худшиносиву хештандорӣ ҳидоят менамуд.

Мушти намакбаҳароми курситалаб, ки мақсаду мароми ягонаашон ба таври зӯроварӣ орзуи сарвари ҷумҳурӣ шуданро дар қалбҳои чун мӯриш хеш мепарвариданд, аз Нурулло Ҳувайдуллоев ҳамчун лидери миллат тарсу таҳлукаи зиёде доштанд, чаро ки фардо, дар интихоботи навбатӣ ҳарифашон хоҳад гардиду боз тамошокадуҳо ба мақсад нахоҳанд расид. Барои тоза кардани пеши роҳи худ он уисурҳои нопоку разил ҳеҷ гуна пулу молро дареғ надоштанд, аз рехтани хуни бегайри ҳаҚ наҳаросиданд. Ба ваҳшиёни девсират молу пул, яроқу аслиҳа, мошинҳои сабукравро ҳотамвор ба харҷ доданд...

Иқдоми сиёҳи навбатии дастаи разилу худобехабар бо мақсади сабуку нишонрас намудани амалиёти девсиратони ҷиноятқор роҳҳои аз Нурулло Ҳувайдуллоев барҳам задани ҷондорҳояшро дар чорчӯбаи нақша гирифтанд. Як давраи муайян роҳбарони мухолифин ба воситаи идораи садою симои "мардумӣ"-и ҷумҳурӣ, ахбори умум ва ҷамъомадҳои давлатӣ ондо ин масъала таронаи томом замзамаву валвала карда, танҳо Доҳситони Кулли ҷумҳурӣ Нурулло Ҳувайдуллоевро зери танқиду таҳқир қарор дода, ба сӯиистеъмол намудани мансаби хизматӣ гунаҳгораш мекарданд, ки гӯё посбонҳо бар хилофи

қонун ўро муҳофизат менамуда бошанду бехатариашро таъмин карда маошро аз ҳисоби давлат меситонанд.

Воқеан, мувофиқи қонун танҳо Раиси Ҷумҳур ва Раиси Шўрои Олии ҷумҳуриро бо муҳофизон таъмин кардан дар назар омадааст. Вале ин кор дар мавриди кори ҳамарўзии орому осуда буда, вазъияти кунунии муташанниҷ ба ҳисоб нарафта, биноан барои таъмини амнияти мансабдорони давлатӣ ба сарвазир, чор ҷонишини ў, ҷонишинҳои Раиси Шўрои Олӣ, аксарияти вазирону раисони кумитаҳои давлатӣ, аз ҷумла, ба Додситони Кулли ҷумҳурӣ Нурулло Ҳувайдуллоев аз ҳисоби гурўҳи махсуси ВКД ва КАМ-и ҷумҳурӣ муҳофизон ҷудо карда шуда буд, ки зарурати воқеӣ дошт. Вале нохалафон бо чунин роҳ ба аъсоби ў фишор оварда, аз пайи он буданд, ки обрўву эҳтиромашро миёни мардум коста бисозанд.

Даҳшатовартараш он буд, ки касе аз роҳбарият — Раиси Ҷумҳур Р. Набиев, Сарвазир А. Мирзоев, алалхусус, иҷрокунандаи вазифаи Раиси Шўрои Олӣ А. Искандаров, ки идораи Додситонӣ дар назди Шўрои Олӣ амал мекард, борс ба тарафдории Нурулло Ҳувайдуллоев ҳарфе намегуфтанд ва ба тўҳмату таҳқири оппозиция, ки аз чор тараф ўро чун сагони сўзанхўрда миёнагир намуда мехоиданд, ҷавобе намегуфтанд. Ин шабаҳони тирафоми таърих ҳайкалвор хомўширо авло медонистанд.

Чунин рафтори хиёнаткоронаю номардонаи роҳбарият нисбати шодравон Нурулло Ҳувайдуллоев мувофиқи табъи роҳбарони мухолифин буда, ба осиёби васвасаи авомфиребонаи ишон об мерехту онҳо қувват мегирифтанд ва танқиду таҳқирро бо роҳҳои қонунию ғайриқонунӣ идома медоданд ва ба мақсади таҳтонии хеш наздик мешуданд...

Агарчи роҳбарияти ҷумҳурӣ хуб медонист, ки дар гирдиҳамоиҳои майдони "Шаҳидон" роҳбарони оппозиция, мазҳаби "Ваҳҳобия" ва "демократияи исломӣ" ҳукми ба қатл расонидани панҷ фарзанди барўманд ва сарсупурдаи миллатро бо роҳи ба дор кашидан эълон дошт, ки яке аз онҳо Нурулло Ҳувайдуллоев буд. Аксҳои ишонро кашида дар девори Кохи Раиси Ҷумҳур гузошта, ханҷар ба синаҳояшон зада буданд. Магар ин нишони ҳамоқат ва адоват набуд?! Магар онро надидаву нашунида буданд? Охир, онҳо вазифадор буданд амнияти кормандони давлат, алалхусус Нурулло Ҳувайдуллоевро, ки ба ҷинояту ҷинояткорон муборизаи беамон мебурд, таъмин намоянд! Аммо гўшашонро ба кариву чашмашонро ба кўрӣ зада буданд. Чаро?!

Инчунин борҳо гурўҳҳои мухталифи силоҳбадаст ба утоқи кораш даромада, ўро таҳқиру таҳдиди куштан карда буданд,

ки ин дар таърихи давлатдории башар ҳодисаи нангину нахустин буд. Воаҷабо, дастаи ҷиноятқорон ошкоро Додситони Кулли ҷумҳуриро таҳдид мекунанду ӯ бечора аст. Ҳол он ки мутобиқи Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бурдани назорати олӣ оиди якшакла иҷро гардидани Қонун аз тарафи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳо ва мақомоти дигари идораю назорати давлатӣ ва хоҷагӣ, Шӯроҳои маҳаллии депутатҳои халқ, мақомоти иҷроияю амрдиҳандаи онҳо, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилоту иттиҳодияҳо, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо, мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, ташкилоти ҷамъиятӣ, динӣ, ҳизби сиёсӣ, ҷунбишҳои оммавӣ, мансабдорон ва шаҳрвандон ба зиммаи додситони кулли ҷумҳурӣ гузошта шудааст. Нисбати ба миён омадани чунин вазъият ӯ ба таври расмӣ роҳбарияти ҷумҳуриро хабардор карда, аз онон талабу тақозо намуда буд, ки чораҳои судбахш андешанду амнияти ӯро таъмин намоянд!

Вале дар он шабу рӯз аз карру гунг садо меомаду аз роҳбарияти ҷумҳурӣ не. Ҳама дар фикри таъмини худу фарзандон ва нигоҳ доштани курсии мансаб буданд. Аксарият аз зодгоҳашон ба садҳо ҳазор сӯм хона мехариданду бо ҳар роҳ молу мулкашонро интиқол медоданд.

Бар ивази ин, аз ҷониби дигар, ӯро ҷонибдорони раиси комиҷроияи Душанбешаҳр Мақсуд Икромов барои ба ҳабс гирифтани хоҷаашон таҳдиду таҳқир мекарданд. Бинобар ин дар он вазъияти ба миён омада, ки аз чор тараф чун гургони гурусна панҷа ба ҷонаш мезаданд, роҳбарияти ҷумҳурӣ, алалхусус Президиуми Шӯрои Олии ҷумҳурӣ вазифадор буд, ки амнияти Нурулло Ҳувайдуллоевро таъмин намояд. Чунки мувофиқи Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Додситони Кулли ҷумҳуриро сессияи Шӯрои Олӣ ба вазифа таъину аз вазифа сабукдӯшаш мегардонад. Охир, Додситони Кулли ҷумҳурӣ ва додситонҳои тобеъи он дар назди Шӯрои Олӣ ҳисобот медиҳанд!

Вале онҳо масъулияту ӯҳдадории худро иҷро накарданд, боре ба тарафдории ҳақиқат ночизтарин ҳарфе нагуфтанд, баръакс ҳама чораҳоро андешиданд, то ки посбонҳоро аз ӯ ҷудо созанд. Ин ҳама нақшаи тарроҳоне буд, ки пешакӣ кашида шуда, ҳар як иҷрокунанда нақши сиёҳкоронаи худро мебозид. Зеро қисми зиёди аъзоёни Президиуми Шӯрои Олӣ бо сарвари Раиси Шӯрои Олии ҷумҳурӣ, Ҳукумати "муросои миллӣ" ҷонибдорони оппозиция буданд ва қисме аз онҳо он рӯзи мудҳишро мунтазир буданд. Раиси Ҷумҳур бошад, зери афсуни диндорони зоҳирпараст чун нақше дар авроқи нангини миллат моту мабҳут монда буд, ки аз чор тараф гирифтори танқиду таҳдиди ҳар касу нокасе буд.

Барои ҳарчӣ тезтар амалӣ гардидани нақшаи кашидашуда, зимни роҳнишондиҳандагони дохиливу хориҷии хеш аъзои Президиуми Шӯрои Олии ҷумҳурӣ Асриддин Соҳибназаров, ки садҳо маротиба бо Нурулло Ҳувайдуллоев нону намак шуда, якдигарро ба оғӯш гирифта бӯсида буданд, 22 июни соли 1992 дар Раёсати Шӯрои Олӣ таклифи шифоҳӣ пешниҳод намуд: "Дар асоси кадом қонун Н. Ҳувайдуллоев бо муҳофизатгарон таъмин карда шудааст ва онҳо аз кучо, аз кадом сарчашма маош мегиранд?"

Агарчи таклифи А. Соҳибназаров шифоҳӣ буд ва мувофиқи регламенти Шӯрои Олӣ зарурияте ба қабули қарори махсуси Президиуми Шӯрои Олӣ набуд, вале Акбаршоҳ Искандаров ва аъзоёни Президиуми кӯрсаводу гаразнок худи ҳамон рӯз Қарори Президиуми Шӯрои Олиро "Дар бораи аризаи аъзои Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Соҳибназаров" имзо намуд ва агарчӣ ҳанӯз аз худи ариза ному нишоне набуд, санҷиши онро ба ҳамақидаи худ, мухолифи ашаддӣ, раиси Кумитаи қонунбарорӣ, муборизаи зидди ҷиноятқорӣ ва ҳуқуқи инсон Абдулло Ҳабибов месупорад...

Аз рӯи талаботи қонун ва ахлоқи инсонӣ А. Искандаров ҳаққу ҳуқуқи санҷиши "ариза"-и шифоҳии А. Соҳибназаровро ба А. Ҳабибов супурдан надошт, чунки ҳанӯз аз замони ҳодисаҳои баҳманмоҳи хунини соли 1990 миёни А. Ҳабибов ва Н. Ҳувайдуллоев зиддияти шахсӣ вуҷуд дошт ва ӯ наметавонист, ки сари ҳаллу фасли ин масъала бегаразона санҷиш гузаронад. Аз ҷониби дигар, А. Искандаров ин ҳодисаро хуб дар ёд дошт. Ин қонуншиканиии навбатии тамошокаду буд, ки аз рӯи гараз ба миён омад.

Синас, 29-уми июли соли 1992 А. Ҳабибов кормандони ВКД ҷумҳурӣ Абдулҳамид Бойматов, Д. А. Алибшоев ва Сафармад Одинаевро ба Шӯрои Олӣ даъват намуда, ба таври расмӣ аз онҳо баёнот мегирад. Онҳо дар баёнотҳои хеш тасдиқ намуданд, ки бо суроиши роҳбарияти ВКД ҷумҳурӣ аз 28-уми маи соли 1992 моликиятҳо, парвандаҳои ҷиноятӣ ва бинои прокуратураи ҷумҳуриро муҳофизат менамоянду Додситони Кулли ҷумҳурӣ Нурулло Ҳувайдуллоевро ҳангоми ба кор рафтан ва аз кор ба хона бармаштанаш ҳамроҳӣ мекунанд.

Инчунин А. Ҳабибов аз Додситони Кулли ҷумҳурӣ Н. Ҳувайдуллоев низ ин масъала баёнот мегирад. Дар нишондоди ӯ омадааст: "ҳақиқат борҳо силоҳбадастони оппозиция ба Додситонии ҷумҳурӣ даромадаанд, кормандони додситонӣ ва шахсан ӯро таҳқир намудаанд, хостанд, ки корҳои ҷиноятиро гирифта, оташ зананд. Бинобар ин, дар асоси мактуби расмии Додситони

ҷумҳурӣ барои муҳофизати моликият, бинои додситонӣ, корҳои ҷиноятӣ ва амнияти кормандон ВКД ҷумҳурӣ се нафар кормандони милицияро ҷудо кард, ки онҳо рӯзона биноро муҳофизат мекунанду пас аз кор ӯро то хонааш ва саҳарӣ аз хона то ҷои кораш ҳамроҳӣ мекарданд..." Гузориши раиси Кумитаи Шӯрои Олии ҷумҳурӣ А. Ҳабибов ва лоиҳаи қарори Президиуми Шӯрои Олӣ онди аризаи шифоҳии А. Соҳибназаров 10-уми августи соли 1992 мавриди муҳокимаи Президиуми Шӯрои Олии ҷумҳурӣ қарор гирифт.

Аъзоёни Президиуми Шӯрои Олӣ бо сарварии А. Искандаров бе ягон таҳлили қонунӣ, баҳо додани вазъияти ба миён омада, хатаре, ки ба ҷони Нурулло Ҳувайдуллоев ба миён омадааст, кӯр-кӯрона бо як овоз қарор қабул карда, ба вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон рафиқ Навҷувонов супориш доданд: "Кормандони ВКД, ки барои муҳофизати моликияту бинои додситонии ҷумҳурӣ ва ҳангоми ба кор ва аз кор ба хона рафтани Додситони Кулли ҷумҳурӣ Нурулло Ҳувайдуллоевро ҳамроҳӣ менамоянд, баргардонда гирифта шаванд", Қарор бо имзои А. Искандаров тасвиб гардид.

Ин ҳуҷҷати ғамангезу носипосонаро кас аз назар гузаронда, беихтиёр ба дарёи фикр фурӯ меравад:

— Худоё, агар дар замири ин давлатҳо ғараз нуҳуфта набошад, пас сабаб чӣ буда, ки дар ҷумҳурӣ ҷанги тоҷик бо тоҷик, мусулмон бо мусулмон рӯз ба рӯз ривоҷ ёфта, шиддат мегираду хуни садҳо бегуноҳон мерезад, Раёсати Шӯрои Олӣ ба ҷои он, ки чораҳои мушаххас биандешаду пеши ҷанги бародаркуширо бигирад, ба корҳое даст мезанад, ки ба ваколаташ ночизтарин дахле надоранд!

Охир, дар бобҳои IV, VI Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Додситонии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва Кодекси мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи назорати прокурорӣ онди иҷрои қонун дар соҳаҳои гуногуни ВКД ҷумҳурӣ сухан меравад! Аз ин рӯ, Додситони Кулли ҷумҳурӣ ҳуқуқ ва ваколати даъват намудани кормандони ВКД-ро барои таъмини амнияти кормандон ва муҳофизати корҳои ҷиноятӣ ва моликияти додситониро дорад! Баръакс, Раёсати Шӯрои Олӣ ҳуқуқу ваколати даҳолат намудан ба кору амалиёти Додситони Кулли ҷумҳуриро надорад! Аммо...

Аз ҷониби дигар, дар боби 2, моддаи II Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Додситонии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: "Додситони Кулли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияташ дар назди Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулият дорад ва танҳо ба он тобеъ мебошад. Додситони Кулли

ҷумҳурӣ дар як сол камаш як маротиба дар назди Шӯрои Олии ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти Додситонӣ ҳисобот медиҳад.

Пас, чӣ гуна ва дар асоси кадом қонун Раёсати Шӯрои Олӣ ҳуқуқ пайдо кардааст, ки амалиёти кории Додситони Куллро муҳокима намуда, баҳои ҳуқуқӣ диҳад?! Ба фикрам, дар асоси қонуни ҷаҳолати:

"Шӯхӣ макун ба арбоб,
Арбоб занад ба ҳар боб!"

Магар ин қонуншиканӣ,сӯиистеъмоли мансаби хизматӣ аз тарафи аъзоёни Раёсати Шӯрои Олӣ ва шахсан раиси он А. Искандаров набуд?!

Бисёр хуб овардаанд: "Аз беамакӣ хари Исоро амак гуфтан равост". Вақто ки дар Рёсати Шӯрои Олӣ ягон нафар ҳуқуқшинос набошад, чӣ тавр он ургонро метавон ургони қонунбарор номид. Пас, бисёр дардовар ва ҳузнангез аст, ки қонун ба дасти ашхоси ғайри ин соҳа, ки ночизтарин фаҳме надоранд, ба тасвиб бирасад. Вой бар ҳолат, Шӯрои "холӣ"!! Вой бар ҳоли қонун!!

Охир, Абдулло Ҳабибов дар бораи қонуну қонуният, илми ҳуқуқшиносӣ ночизтарин тафоҳуме надорад!? Пас чи гуна, аз рӯйи кадом инсоф, адлу адолат метавонад, ки Кумитаи Шӯрои Олӣ оиди қонунбарорӣ, муборизаи зидди чиноятқорӣ ва ҳуқуқи инсонро сарварӣ бинамояд. Магар Тоҷикистон дар назари мухолифину гумоштагони онҳо ҷазираи Робинзон Крузост?!

Ба пиндори ман, ин ҳама қонуншиканиҳо нисбати Ҳувайдуллоев, давугеҷи онҳо аз рӯи нақшаи қаблан кашидашудаи пешвоёну мушовирони мухолифин буд. Ҳол он, ки А. Искандаров хуб медонист ва ин дар Конституцияи Тоҷикистон, регламенти Шӯрои Олӣ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Додситони Ҷумҳурии Тоҷикистон амиқу аниқ, бисёр равшан инъикос ёфтааст, ки ҳалли ин масъала ба ваколати Раёсати Шӯрои Олӣ дохил намегардад. Илова бар ин, дар он шабу рӯз барои Нурулло Ҳувайдуллоев, ки душманони миллат қасди ҷонаш карда буданд, доштани чанд тан муҳофизатгарон чун обу ҳаво зарур буд.

Охир, аз тарафи дигар, онҳо хуб медонистанд, ки вазирону раисони кумитаҳои давлатӣ, кумитаҳои Шӯрои Олӣ, ҷонишинҳои сарвазир ва раиси Девони Вазирон, ҷонишинҳои Раиси Шӯрои Олӣ ҳам аз ҳисоби кормандони баталиони ВКД ва КАМ-и ҷумҳурӣ посбонҳои шахсӣ доштанд. Вале нисбати ягон нафари онҳо чизе намегуфтанд, агарчи мувофиқи қонун Раёсати

Шӯрои Олӣ ҳуқуқу ваколати гузаронидани санҷиш ва қабули қарор нисбати ургонҳои иҷроия ва амрдиҳанда дошт. Не-не, ба ин зоғҳои бадмур танҳо шахсияти Нурулло Ҳувайдуллоев лозим буд!...

Вагарна, чаро чашми А. Соҳибназаров танҳо масъалаи бо муҳофизон таъмин гардидани Нурулло Ҳувайдуллоевро дид?!

Чаро Раёсати Шӯрои Олӣ бетоқатонаву саҳлангорона ҳуқуқу ваколатҳои худро сӯйистеъмол намуда, нисбати рафъ намудани муҳофизони Додситони Кулли ҷумҳурӣ қарор қабул кард?!

Чаро чашми онҳо муҳофизатгарони дигаронро, аз ҷумла, Давлати Исмон, Муҳаммадаёс Навҷувонов, Ҷӯрабек Аминов ва Гулдаст Ибраҳшоеву даҳҳои дигаронро нодида гирифт?!

Аз ҷониби дигар, таъмин кардан ё накардани муҳофизон сирф яке аз вазифаҳои ургони иҷроия ва амрдиҳанда мебошад. Пас, чаро Президиуми Шӯрои Олӣ санҷиши ин масъаларо чун сарборие хеш пазируфтаву чирк аз таги нохун мековад?!

Чунин чароҳову ангезаҳои ғазаболуд бар он шаҳодат медод, ки гургони гурусна рӯз ба рӯз мавқеи худро устувортар менамуданду тайёр ба он буданд, ки ҳарчӣ тезтар панҷа ба қалби фарзанди ҷасуру номбардори миллат Нурулло Ҳувайдуллоев бизананд. Бисёр таассуф ва дареғ, Нурулло Ҳувайдуллоеву халқи ҷумҳурӣ аз ин нақшаҳои палидонаи сиёҳкорону душманони миллат ғофил монданд. Ҳол он, ки садоқатмандона хизмати халқу давлатро адо мекард, дар вазъияти бисёр ҳам сангину ҷонхарош қонунро ҳимоя менамуд, ба муқобили унсурҳои ҷиноятгар муборизе мебурд, ҳуқуқу манфиати мардуми корафтодаро ҳимоя намуда, гурӯҳи олимон ва мутахассисонро, ки Қонуни Асосии ҷумҳуриро менавиштанд, роҳбарӣ мекард. Дар давутозе он буд, ки Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарчӣ бештар ба ҳаёти мардуми заҳматкаш наздик гардад ва тезтар қабул шавад...

Аз рӯйи таҷрибаи кориам, ки зиёда аз 26 соли умрамро ба кори муборизаи зидди ҷиноятгарӣ, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои инсон бахшидаам, садҳо ҷиноятҳои одамкуширо дидаам, нақшаҳои онҳоро омӯхтаам, ба ҷиноятҳои содир намудаашон қоил шудаам, вале ҳеҷ гоҳ бовар намекунам, ки хизматчиёни даҳлдори ВКД, КАМ-и ҷумҳурӣ аз нақшаи кашидаи оппозиция оиди ба қатл расонидани Додситони Кулли ҷумҳурӣ Нурулло Ҳувайдуллоев бохабар набошанду ғофил монда бошанд. Чунки ВКД ва КАМ-и ҷумҳурӣ шӯъбаҳои махсус доранд, ки даҳҳо маошхӯрон ифои вазифа мекунанду хизмати ишон асосан ба он марбут аст, ки нақшаҳои ҷиноятгарон, алалхусус, террористонро қаблан фаҳманд. Ҳар яки онҳо даҳҳо хизматгузорони

ғайрирасмӣ доранд. Ҳар сол барои чунин хизматчиён аз буҷаи давлат миллионҳо сӯм харҷ мегардад...

Охир нақшаи террор намудани Додситони Кулли ҷумҳуриро дар як рӯз ҳал накардаанд. Ба пиндори ман, ин фоҷиа фосилаи камаш якмоҳинаи қаблиро дарбар мегирад.

Ва танҳо иҷрокунандагону ёрдамчиёни ин амалиёт чордаҳ кас буданд. Агар тарроҳону нақшакашон ва ташкилкунандагону бо пулу яроқу аслиҳа ва автомашин таъминкунандагон илова гардад, боз даҳҳо касони дигар ба ин амали табоҳ ҳамкор аст. Пас, чӣ гуна нақша берун аз назорати хизматчиёни ин ду рукни давлат (КАМ ва ВКД) мондааст?! Ба ҳеҷ ваҷҳ, не, қобили боварӣ нест!

Ба андешаву таҳлили ман, аз ин нақша КАМ ва ВКД-и ҷумҳурӣ комилан бохабар буданд ва маълумотҳо ба дасти шахсоне мерасид, ки худ ҷонибдори ҳарчӣ зудтар амалӣ гардидани террор буданд. Чаро ва аз рӯи кадом далелу бурҳонҳо?!

Барои исботи ин фикр ба хонандагони муҳтарам далелҳои зеринро пеш мекашам:

Аввал. Дар Вазорати Корҳои Дохилӣ мувофиқи тақсими вазифа шӯъбаи шашум, разведка ва контрразведка, ки онҳо хизматчиёни пинҳонию ошкоро доранд, ба вазири корҳои дохилӣ М. Навҷувонов, ҳангоми набуданаш ба ҷонишини аввал Г. Иброншоев итоат мекарданд. Аз ин рӯ, ба ахбори агентурӣ танҳо М. Навҷувонов ва ҳангоми набудани ӯ Г. Иброншоев ҳуқуқи шинос шудан ва истифода бурдан аз онҳоро доштанд. Вале ин ду тан ҳеҷ гоҳ чунин хабарҳоро ба касе намерасонданд, чунки шахсоне ки бо силоҳ ба утоқи кории Нурулло Ҳувайдуллоев рафта таҳдиду қасди куштан намуданд, одамони наздиктарин ва ҳамдиёрони М. Навҷувонову Г. Иброншоев буданд. Нисбати ин ҷиноятї вазнин Додситони Кулли ҷумҳурӣ сари вақт ба ахбори М. Навҷувонов расонда буд.

Вале сари ҳаллу фасли ин ангезаҳо, агарчи дар ҳаракати ҳар яке он унсурҳои ҷиноят нуҳуфтааст, ягон чорае дида нашуд, ҷиноятнома оғоз нагардид, тафтишоти пешакӣ гузаронда нашуд ва ҷинояткорон, яке аз онҳо Раҳимбек Нуруллобеков беҷазо монданд.

Сонӣ. Дар Кумитаи Амнияти Миллии ҷумҳурӣ умури разведка ва контрразведка зери итоати яке аз роҳбарони зираку кордони оппозиция, ҷонишини якуми КАМ Ҷӯрабек Аминов буд ва маълумотҳои расмию ғайрирасмӣ танҳо ба воситаи ӯ ҳаллу фасли худро меёфт. Раиси КАМ-и ҷумҳурӣ А. Солибоев бошад, бозичаи дасти Ҷ. Аминов буд ва бо мақсади нигоҳ

доштани курсии мансаб аз хурдтарин ва қабеҳтарин пастӣ рӯ намегардонд...

Муносибати Ҷӯрабек Аминов бо Нурулло Ҳувайдуллоев дар ниҳояти бадбинӣ қарор дошт, чунки кайҳо боз бо супориши Н. Ҳувайдуллоев ба муқобили Ҷӯрабек Аминов барои ба роҳбарони оппозиция (Шодмони Юсуф, Тоҳири Абдуҷаббор, Муҳаммадшариф Ҳимматзода) аз ҳисоби КАМ-и ҷумҳурӣ барои ҷангидан ба муқобили мардуми Хатлонзамину Вахшонзамин додани якчанд силоҳ (автомат) бо тираш кори ҷиноятӣ оғоз гардида буд. Ва Ҷӯрабек Аминов солҳои дароз дар ҷумҳурии мо ва дар собиқ иттифоқ соҳаи разведкаю контрразведкаро роҳбарӣ мекард, ки бисёр ҳам мутахассиси варзидаи ин соҳа ба шумор мерафт. Ҳамчунин яқинан шоҳиди бевоситаи он будам, ки ӯ яке аз ташкилотчиёну муассисони табаддулоти давлатии 7-уми маи соли 1992-юм буд!

Бинобар ин, таҳлили ҳуҷҷатҳои мавҷуда ва пайвастани воқеаҳои ба миён омада ба он шаҳодат медиҳанд, ки ҳиссаи Ҷӯрабек Аминов дар кашидани тарҳи нақшаи бо роҳи террори сиёсӣ аз миён бурдани Нурулло Ҳувайдуллоев ва тартиби амалӣ гардидани ин ифлосии палидона кам нест.

Сеюм. Сарварии ургонҳои муҳофизати ҳуқуқ, муборизаи зидди ҷиноятҳо ва ҷонишини сарвазири ҷумҳурӣ Давлати Исмон ба зиммаи худ гирифта буд. Ҳол он ки аз рӯи қонун ва тартиби кори давлатҳои дунё органҳои муҳофизати ҳуқуқи инсон, муборизаи зидди ҷиноятҳо, адлия ва амнияти давлатӣ бояд ки ҳамеша зери итоати шахси якум ё дуюми ҷумҳурӣ қарор медошт.

Вале сарвазири ҷумҳурӣ ҳама ҳуқуқро ба Давлат Исмон супорида буд, барои ӯ танҳо курсӣ лозим буду халос. Давлат Исмон ҳар коре ки мехост, онро бидуни хурдтарин мамониат мекард. Он шабу рӯз дар даму нафасаш заҳора мепухт, ба касе итоат намекарду касеро намепурсид, ҳарчӣ мехост, онро амалӣ мегардонид. Раиси Шӯрои Олӣ А. Искандаров бошад, ҷонибдораш буд, Раиси Ҷумҳур чун бечорагон чораи ҷони худу фарзандони худ карда, ба ҳоли худ овора, сари калобаашро гум карда буд. Рукнҳои давлат пурра аз дасти Раиси Ҷумҳур рафта буд. Чуноне ки Саъдии бузург гуфтааст: "Се чиз пойдор намонад:

— мол бе тиҷорат;
— илм бе баҳс;
— мулк бе сиёсат".

Охир Давлати Исмон яке аз роҳбарони асосии мухолифин буд, ки гирдиҳамоии майдони "Шаҳидон"-ро роҳбарӣ мекард ва

дар он ҷо дар ҳаққи мо, панҷ нафар, аз ҷумла, Нурулло Ҳувайдуллоев ҳукми қатл бо роҳи ба дор кашидан бароварда буданд!

Бинобар ин, Давлат Исмон аз рӯйи мантиқ ва амали хеш яке аз фаъолони кашандаи нақшаи ба қатл расондани Нурулло Ҳувайдуллоев буданаш аз ҳақиқат дур нест. Пас, чӣ гуна асрори нопоконаи хешро боз мекунанду сирри хонаро ба берун мебароранд!...

Ҷолиб аст, ки чанде пеш, миёнаҳои моҳи июли соли 1992 Нурулло Ҳувайдуллоев ба аҳли ҷамоати ҷумҳурӣ бо изҳорот муроҷиат намуда гуфта буд, ки бинобар ақидаҳои сиёсии худ барои қувваҳои муайян шахси ниҳоят номатлуб мебошад ва банобар ин ҳар гуна овозаҳо дар бораи ҷисман нобуд карда шудани вай паҳн карда мешаванд. Ин хатар воқеӣ ва ҷиддӣ аст. Изҳорот ҳамчун изҳорот дар рӯйи сафҳа боқӣ монду муҳофизон аз Додситони Кулл ҷудо афтода!

Алқисса, қотилони миллат боз қадаме ба пеш гузоштанд, вазъияти мувофиқу нишонрасе мекофтанд, ки панҷа ба пайкари афроде бизананд, ки кӯҳи бузургеро монад, аз таъсири ҳар гуна бодҳои мухолиф заррае намеларзад. Вале ӯ дар ҳар соату лаҳзаҳои сангину номувофиқ бар сари паймону ақидаи худ устувор монда, пайи амалӣ гаштани матлабҳои дил талош меварзад!

Дастаи чордаҳнафараи ҷаллодон, ки аз гурӯҳи нохалафону ноинсофон ва мазҳаби "Ваҳҳобия" таъсис ёфта буданд, бо автомобилҳои сабукрав ва силоҳу аслиҳаи ҳозиразамони хориҷию ватанӣ таъмин намуда, бо кадом роҳҳо ба кор рафтану аз кор баргаштани Додситони Куллро муомӯхтанд, то амали табоҳ — террорро дақиқу нишонрас амалӣ созанд. Тавассути "гурги борондида" Ҷурабек Аминов телефонҳои кор ва хонаи Нурулло Ҳувайдуллоев зери назорат буд. Ҳар як қадами ӯ зери назорати шахсони масъули оппозиция гардид. Онҳо аз рӯи назария ва таҷрибаи кории террористони кишварҳои дигар хуб медонистанд, ки дар роҳи калони автомобилгард, ки ҳаракати нақлиёт ва мардум зиёд аст, на ҳамеша террорҳои нишонрас анҷом меёбанд.

Далелҳои ҷамъоварда шаҳодат медиҳанд, ки бори охирин гурӯҳи террористон 23-юми августи соли 1992 дар ситоди "Наҷоти Ватан" ки сарвараш раиси ҳизби демократи Тоҷикистон Шодмони Юсуф буд, ҷамъ омада, нисбати амалиёти 24-уми августи соли 1992-юм изҳори ақида намуда, бори дигар вазифаҳои байни ҳамдигар тақсим гардидаро муайяну мушаххас намуданд, то ки амалиёт нишонрасона анҷом ёбад.

Субҳи 24 августи соли 1992—юм барои қотилон аниқу равшан буд, ки Нурулло Ҳувайдуллоев бо роҳи ҳаракати нақлиёташ каму сарбаста ба кор меравад. Чунин маълумоти дақиқ ба онҳо пешакӣ расида буд...

Аз ин сабаб, тайёрии хубе диданд. Саҳарӣ, соати 7, "генерали мардумӣ", яке аз роҳбарони фаъоли ситоди "Наҷоти Ватан" Раҳимбек Нуруллобеков автомошини "Жигули"—и бунафшранги комбинати орди шаҳри Душанберо, ки чанд рӯз қабл ба ихтиёраш барои истифода дода буданд, аз истгоҳи шабонарӯзии мошинҳо гирифт. Боз 13 нафар, ки сарнишини чор мошини сабукрав буданд, хонаи Н. Ҳувайдуллоевро "разведка" намуданд. "Волга"— и хизматии рақами ҳукуматиаш 12—01 ДБА-ро, ки Додситони Кулли ҷумҳурӣ бо ҳамсараш дар он нишаста буд, ҳангоми ба роҳ даромадан зери назорат гирифтанд. Мошин аз кӯчаи Партизани сурх ба кӯчаи Коммунистӣ ба хиёбони серодами пойтахт роҳ гирифта ба сели нақлиёт омехта гардид... Нохост "Жигули"— и кабуди сиёҳтоб, ки пешопеш мерафту вазифаи пешбандро иҷро мекард, якбора тормоз дода, худро ба тарафи дасти рост гирифт, то ки "Волга" пеш гузарад. Ронандаи "Волга" ҳушёриро аз даст надод, базӯр аз садама ҷилавгирӣ карда тавонист.

— Ҳой! Шаголзода, чашм дорӣ?!— гуфт ронандаи "Волга" ва сари худро аз тирезa бароварда, хост ронандаи "ҳаваскорро" насиҳат кунад. Вале дар ин лаҳза боз ду мошини дигар бо силоҳбадастон ба "Волга" наздик шуданд. Вале "Волга" аллакай ба кӯчаи Ломоносов, ба наздикии Вазорати таъминоти иҷтимоии ҷумҳурӣ расида буд, ки он хело камнақлиёту сарбаста буд. Мошини чорум аз ақиб худро расонда гирифт. Додситони Кулли ҷумҳурӣ ва ронанда хуб дарк карданд, ки мухолифони модарбахато онҳоро ба дом гирифтаанд ва дар ҳаракати онанд, ки панҷа ба пайкарашон фурӯ баранду ҷон аз танашон рабоянд. Чӣ бояд кард?! Ба кадом роҳ бояд рафт?!

Эй дӯсти азиз Нуруллоҳи диловар! Ҳарчанд борҳо маргро бо чашмони худ дидааму эҳсос кардаам, дар он лаҳзаҳо чигунагии ваҷоҳати туро пеши назар меорам. Чӣ гуна ҷон ба саломат бояд бурд?! Дерегу дард, фурсати фикр кардан намонда буд! Дар он субҳи манҳус чор "Жигулӣ" бо силоҳбадастони девсират "Волга"-ро иҳота карданд. Лаҳзае даступо хӯрдӣ, ларзидӣ, чашмонат дурахшиданд, майнаи кордидаву пурмаҳзат, ки талхию ширинии ҳаётро чашида буд, чун дастгоҳҳои ҳисоббарорӣ ба кор даромад, тамоми зиндагӣ як лаҳза аз пеши назарат гузашт. Дар як мижа задан марги худро дар синни 52 — солагӣ дарк кардӣ, ҳамсару фарзандони азизат, бародару

хоҳарони рӯзнедидаат, орзуву ҳавасҳои ношикастаи тамоми умр сипарӣ намудаатро аз пеши назар гузарондӣ. Бале, дидӣ, ки ҳеҷ гоҳ аз роҳи ҳақиқату адолат қадаме ноҷо нагузоштай, кизбу дурӯғро ба забон наёвардай, нисбати касе носипосиву кӯрнамакиву ноҳаққӣ накардай, аз паси молу пул надавидай, барои манфиати шахсии худ чизе накардай, ҳамеша дар ғами халқи нотавон будӣ, худро зери хатар гузошта, ҳуқуқу манфиатҳои онҳоро зери ҳимоя мегирифтӣ. Худро ба даст гирифтӣ. Аз ларзиш бозистодӣ. Тарсу ҳароси лаҳзаина туро тарк гуфт. Виҷдони поку беолоиштат туро шердил кард!...

Дасти Нурулло Ҳувайдуллоев беихтиёр ба зери бағалаш рафт, вале кайҳо дер шуда буд, чунки девсиратони хунхор чун гургони гурусна дар як они воҳид бо автомат, гранату гранатомёт "Волга"— ро иҳота карда буданд. Дар як лаҳза дастаи ҷиноятқорон, ки ҳисмашон ба рӯй ниқоб кашида буданд, ба амалӣ гардидани мақсади разилашон пардохтанд. Тирҳои автомат нишастгоҳи "Волга" ва бадани нозуки ӯро сӯрох-сӯрох карданд. Ноинсофони беимону ҷаллодони хунхор Нурулло Ҳувайдуллоеви ба хун оғуштаю дасту по шикастаро бо зӯрӣ аз солуни мошина берун бароварданд, ки боз чанд тири дигар ба ҷисму ҷони ӯ ва ронандааш заданд. Дар дақиқаҳои охирини ҳаёташ ба девсиратон нигариста: "Медонам, ки шумо номардон ҷони маро аз танам ҷудо месозед, вале ҳеҷ гоҳ аз хотир набароред, бори дигар фикр кунед, роҳи пешгирифтаи шумо хатои маҳз ва камоли ҷоҳилист. Халқи ҷумҳурӣ ба шумо боварӣ надорад ва аз пасатон ҳеҷ гоҳ намеравад. Маро шумо, палидон ҷисман нобуд кунед ҳам, садҳо ҳазор Ҳувайдуллоевҳо қасосамро хоҳанд гирифт. Тамоми миллатҳои ҷумҳурӣ ба муқобилатон бармехезанду ҳар яки шумо, палидони дайду сагвор кушта хоҳед шуд" гуфту ҷон аз рамақаш ба олами қудсӣ пайваст, ки ин соати 7—у 45 дақиқа буд. Соати 8 Абдуллоҷон Орифов — раиси сарумури аидози давлатии ҷумҳурӣ маро дида перешону ашкрезон гуфт:

— "Хабар доред, Сафаралӣ, Нурулло Ҳувайдуллоевро понздаҳ дақиқа пеш парронданд?

— Чӣ хел парронданд?— бехтиёр пурсон шудам аз ӯ.

— Бо автомат, дар кӯчаи Ломоносов дар назди Вазорати таъминоти иҷтимоии ҷумҳурӣ парронданд, садои тирро худам шунидам. Зиндааст ё мурда, намедонам. Зинда монданаш ба гумон...

Ҳуш аз сарам парид. Пеши чашмонамро пардаҳои сиёҳи навмедӣ гирифт. Ин фоҷиаро ман чун фоли бад ба қисмати зиндагиномаи бахти халқи Тоҷикистон дарёфтам. Чун моргазида

ба худ мепечидам. Гиряи талх гулӯгиру парешонҳоливу маҳзунӣ домангирам кард, моту мабҳут мондам. "Ин сӯиқасд ба муқаддасоти қонун аст"— наъра баркашид дилам!

Ба наздам дӯсти ману Нурулло Ҳувайдуллоев, корманди дастгоҳи Раиси Ҷумҳур Тоҳирҷон Орифов омада пурсон шуд, ки чаро парешонхотирам. Ҳодисаи нохушро ба ӯ баён кардам...

Ба ҷои ҳодиса расидаму дидам, ки ҳамақиласам, дӯстам, бародарам Нурулло Ҳувайдуллоев бо ҳамроҳии ронандааш Довуд Мӯсоев ҷӯлидаи хуну хок хуфта, кайҳо ҷон ба ҳақ супурдааст. Ба ҳоли ӯ нигариста, ашки ҳасрату надомат бо ҳама нафрату адоват аз чашмонам рехт, ба худо мунаҷот кардам: "Худоё, барои кадом гуноҳҳояш беимонони модарбахато ӯро ба чунин ҳол овардаанд?! Агар мусулмонӣ ин бошад, вой ба ин эшону эшонзодаҳо ва имону имондорӣ! Ба номи худо қасам, ки шумо, палидон ба ин кирдори зишти хеш ҳаргиз мусулмон нестед! Шумо беимонон касеро аз миён бурдед, ки назару амалаш ҳамеша ба кори ҳалолу нияти нек ва суди ҷомеа равона буд!!

Ба амали нек иқдом намуданаш мероси буд-ку?! Ӯ ҷавонмарди имондору номуслор буд-ку?!... Моро бубахш, дӯстам! Ту барои ҳақиқат, адолат, беҳбудию некуаҳволии халқу миллати ҷумҳурӣ шонздаҳ тири автоматро ба худ гирифтию ҷон ба ҷонафарин супурдӣ. Ба марги ту на танҳо қотилонат гунаҳкоранд. Онҳое низ мучриманд, ки дар лаҳзаҳои сарнавишт-сози миллат танҳо дар ғами ҷони хеш буданд!..

Онҳое низ гунаҳкор буданд, ки дар он рӯзҳо ҳамду санохонии иддае душманони миллатро бар забон доштанд! Ҳамчунин онҳое низ гунаҳкоранд, ки хомӯшиву бетарафиро пазируфта, нидои талхи "ба ман чӣ"—ро сармашқ доштанд!

Имрӯз ту нестӣ, вале онҳо зиндаанд, боз дар курсии мансаб хирасаронз менишинанд. Чун пештара аз боло ба мо нигариста, заҳрханда менамоянд. Хешро мутобиқ ба ин рӯзгор сохтаанд, ки об ба лаби ҷӯй баробар аст. Барои онҳо тафовуте нест, кӣ мсояду чӣ мекунад, муҳимаш он ки онҳо меставонанд бо пулу зар сангинтарин дилҳоро биёбанду соҳиби курсии баландтар гарданд. Бигзор онҳо барои ин дурӯягиву хомӯшӣ, бетарафиву бешарафии хеш дар назди виҷдони хеш (агар заррае мавҷуд бошад) ҷавоб гӯянд. Таъриҳ довари ҳақгӯй аст. Вале он ҳақиқатро ту наёфтӣ... ?! Кӣ ҳам меёбад?!

Ҳамон лаҳза кормандони тафтишотии Додситонии ҷумҳурӣ, дӯстоне, ки ҷонашонро барои кори хайр дарег намедоштанд, ба ҷои ҳодиса ҳозир гардиданд. Кормандони тафтишотӣ бо сардории ҷонишини аввали Додситони Кулли ҷумҳурӣ

Тўхтахўҷа Почомуллоев ҷои ҳодисаро аз назар гузаронида, чизҳои зеринро ёфта гирифтанд:

— автомашини "Жигули"— и ВАЗ 2107 — и бунафшранги марбути комбинати орди Душанбешаҳр, Вазорати ғаллаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бидуни рақами давлатӣ. Ҳангоми санҷиш рақами давлатии 29—59 ДББ—ро аз дохили бордони автомашин ёфтанд. Мошин чанд рӯз қабл баҳри адои хизмат аз сарвари комбинат ба Раҳимбек Нуруллобеков дода шуда будааст;

— понздаҳ дона патрон ва автомати колибри 7,62 миллиметра;

— каллапӯши сафед (тоқӣ, арақчин), ки муллобачаҳои мадраса мепӯшанд;

— кепкаи пӯшидагӣ, ки ранги сафед дорад;

— шаҳодатномаи ронандагии автомобил, силсилаи ААБ, № 218793-и Раҳимбек Нуруллобеков бо таллони огоҳӣ;

— визитная карточкаи Мӯсо Исоев ва Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Худойбердӣ Холиқназарзода;

— доверенность (боваринома)— и шаҳрванд Ф. Рамазонова ба Раҳимбек Нуруллобеков;

— варақи қоғаз бо навиштаҷоти зерин: "Права, техталон Маҳмудов Давлатбек. Генерал Раҳимбек Нуруллобеков".

— варақи коғаз бо навиштаҷоти зерин: нақшаи роҳи хона ва утоқи кории Нурулло Ҳувайдуллоев, рақами давлатии автомашини хизматӣ, соати аз хона баромадан ва рақами телефони ӯ.

Дар дида баромадани ҷои ҳодиса, гирду атрофи он ва ҷасади Нурулло Ҳувайдуллоев генерали юстиция Тўхтахўҷа Почомуллоев роҳбарӣ намуда, маҳорати баланди касбӣ оиди донистани нозукиҳои тафтишот, аҳамияти ҷиддӣ додан ба хурдтарин чизе, ки аз ҷои ҳодиса ёфта мешуд, зоҳир намуд. Ҳуҷҷату асноде, ки гурӯҳи тафтишотӣ ва экспертҳо дар натиҷаи меҳнати даҷиқона аз ҷои ҳодиса ёфта гирифтанд, ин аз он шаҳодат медод, ки якчанд гиреҳи сарбаста кайҳо вораста гардидааасту ҷиноятқорон аниқу амиқанд.

Агарчӣ оппозиция давуғеҷҳои зиёде кард, ки гуруҳи тафтишотӣ тафсири тафтишро нодуруст интихоб намуда, ба роҳи сарбаста равад. Бо ин мақсад 25—уми августи соли 1992 рўзномаи "Чароғи рўз" зери сарлавҳаи "Қатли Нурулло Ҳувайдуллоев: ҷузъиёти нав" овардааст:

"Дар Кўлоб марги Ҳувайдуллоевро марбут ба оппозиция медонанд. Дар Хуҷанд бошад, ин кушторро кайҳо ба мири шаҳри Душанбе М. Икромов часпондаанд.

Вале мо дар хусуси марги Н. Ҳувайдуллоев маълумоти тозае дорем, ки бисёр торикиҳоро рӯшанӣ мебахшад.

Чанд рӯз пеш аз ин воқеаи фоҷиавӣ Н. Ҳувайдуллоев бо Раиси Ҷумҳур сӯҳбати танҳо ба танҳо дошт, Раиси Ҷумҳур баъди фаҳмидани он, ки ду моҳ мӯҳлат дорад, ба хулосае омад, ки аз қаҳрамонҳои набарди Вахшонзамин Сангак Сафаров, Рустам Абдураҳимов Лангарӣ Лангариев, Файзалӣ Саидов ва Қурбоналӣ Мирзоалиев халос шаванд. Ба Н. Ҳувайдуллоев нақшаи чӣ гуна ба Душанбе даъват кардани роҳбарони ин гурди миллии вилояти Кӯлобу Қӯрғонтеппа ва дар роҳ ташкил намудани садамаи нақлиётро гуфта дод.

Ҳувайдуллоев аз ин таклиф дар хашм шуда, ба раиси Ҷумҳур суханҳои сахт мегӯяд, ки бо дӯстони содиқ чунин рафторро раво дидан аз рӯи инсоф нест. Хеле тунд мераванд ва Ҳувайдуллоев бе хайрухуш кабинети Раиси Ҷумҳурро тарк мегӯяд. Дар ин бора Н. Ҳувайдуллоев ба яке аз наздиконаш нақл кардааст. Баъди ин воқеа, рӯзи душанбе, ҷондорҳои Додситони Кулл, гарчанд касе онҳоро аз иҷрои ин вазифа дур накарда буд, ба хонааш наомаданд. Баъди қадре интизорӣ Додситон ба бародараш занг зада, аз наомадани ҷондорҳо хабар медиҳад. Бародараш хоҳиш мекунад, ки то онҳо наоянд, аз хона бадар наравад. Вале Н. Ҳувайдуллоев наомадани муҳофизонро тасодуф пиндошта, ҳамроҳи ҳамсараш аз хона бадар меравад ва чуноне ки мову шумо медонем, дучори марг мегардад.

Ин ҷо... Раиси Ҷумҳур куштор ташкил намуда, Сангаку командаашро ба Ҳувайдуллоев иваз кардааст".

Бо чунин мазмун изҳороти ноҷавонмардонаи Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон, Ҳизби демократи Тоҷикистон ва ҷунбишҳои "мардумӣ"— и "Растохез", "Лаъли Бадахшон" ҳам ба воситаи садо ва симои "мардумӣ"— и ҷумҳурӣ ва рӯзномаҳо ба таваҷҷӯҳи мардуми ҷумҳурӣ пешкаш гардид, ки ҳазрати Бедил фармуда:

Инсоф об мехӯрад аз чашмасори фаҳм,
Харкурраҳо каранду сухан кам шунидаанд.

Вале ин ҳама сафсатта ва дисисаи навбатии мухолифин буд, ки мардуми бо ақлу хиради ҷумҳурӣ онро фаҳмида буданд...

Амалиёти рӯзноманигорони аҳзоби сиёсӣ, ҳаракатҳои мардумӣ касро ба андешае меорад, ки фикру ақидаи онҳо нисбати ба қатл расонидани Нурулло Ҳувайдуллоев тасодуфу беғаразона нест. Агар беғаразона мебуд, ба ҳаққу ҳуқуқи ургонҳои тафтишотӣ даст задан, чиноятҳорони асосиро зери парда пинҳон

намудан чӣ зарурияте дошт? Бо ин роҳ онҳо хостанд, ки тафтишоти пешакиро ба роҳи сарбаста бурда, симои ҷиноятко-рони асосӣ аниқу равшан нагарданд. Ин ақида далели он аст, ки онҳо медонистанд шахсоне, ки Нурулло Ҳувайдуллоевро ба қатл расондаанд, киҳоянд.

Худи ҳамон рӯз гурӯҳи тафтишотӣ бо роҳбарии ҷонишини аввали Додситони Кулли ҷумҳурӣ Тухтахӯҷа Почомуллоев дар заминаи мантиқи қонунӣ ва маълумотҳои раднашавандае, ки аз ҷои ҳодиса ёфт шуда буд, тафсир ва нақшаи тафтишотиро тартиб доданд. Дар он роҳи тафтиш, амалиётҳои тафтишотӣ, дастгир намудани ҷиноятқорон ва доираи масъалаҳоеро, ки ошкор карданашон зарур буданд, муайян намуданд.

Тафсир дар заминаи маълумотҳои дақиқу асоснок сохта ва аниқу равшан гардида буд, ки нақшаи бо роҳи террори сиёсӣ ба қатл расонидани Додситони куллро роҳбарияти оппозиция кашида асту иҷрокунандагонаш силоҳбадастони ситоди "Наҷоти Ватан" мебошанд.

Ҳар банди тафсир тафтишшаванда буд. Барои ошкор намудани ҷиноятқорон таъмини амнияти гурӯҳи тафтишотӣ дар мадди назари аввал меистод...

Вазири Корҳои Дохилӣ генерал — майори хизмати дохилӣ М. Навҷувонов дар утоқи корӣ форигболона нишаста, бо як кайфияте дуди сигори "Малборо"-ро ба почакҳои бинии пур аз пашмаш сар дода, ба худ меандешид: "Оё тафтишоти пешакӣ қотилони Нурулло Ҳувайдуллоевро муайян мекарда бошад? Оё онҳо ҳанӯзи иҷрои супориш аз худ нақше гузошта бошанд? Не, наметавонанд, бачаҳо аз рӯи маслиҳат тоза кор мекунанд, таҷрибаи хеле бой доранду таълимашон хуб аст. Ҳаргиз аз худ дар ҷои ҳодиса нишоне боқӣ нахоҳанд монд"— ба худ меандешид генерал-майор.

Ҳамин лаҳза дари утоқи кориашро касе кӯфт. Ӯ сарашро набардошта гуфт: "Заходи".

Дар кушода шуд. Касе шитобон ворид гашт, ки яке аз дӯстони М. Навҷувонов буд, ранги рӯяш парида, чун одами моргазида ба худ мепечиду беист нафас мегирифт.

— Ҳа, туро кадом ҷину аҷина зад, ки авзоят беҷою аъзои баданат меларзад?

— Не, ҳеҷ гап не, рафиқ генерал. Хостам ба Шумо хабаре расонам.

— Чӣ гуна хабар? Оиди кадом масъала? Шаф — шаф нагуфта, шафтолу гӯед,— бо шитоб гуфт, вазир.

— Мегӯям. Ҳозир мегӯям. Ҳамаашро мегӯям, рафиқ вазир. Об нест, ламбамро тар кунам, ҳалқам хушк шуда истодааст.

Нурулло Умарович ҲУВАЙДУЛЛОЕВ, 20-уми марти соли 1940 таваллуд шудааст, зодаи Шӯрои қишлоқи Понгози ноҳияи Ашт, вилояти Ленинобод, миллаташ тоҷик, маълумоташ олӣ, номзади илми ҳуқуқшиноси, намояндаи халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Додситони Кулли Ҷумҳурии Тоҷикистон, 24-уми августи соли 1992 аз ҷониби дастаи зархариди хунхоми мухолифин вахшиёна ба қатл расонда шуд.

Ҷасади ҲУВАЙДУЛЛОЕВ Нурулло Умарович дар ҷои ҳодиса

Ҷасади депутати Шӯрои Олӣ, Додситони Кулли Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳувайдуллоҳ Нурулло Умарович дар бинои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми видоъ.

ҚОТИЛОНИ ДОДСИТОНИ КУЛЛИ ҶУМҲУРӢ,
ДЕПУТАТИ ХАЛҚИ ТОҶИКИСТОН
НУРУЛЛО ҲУВАЙДУЛЛОЕВ

Собиқ Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майори хизмати дохилӣ Мамадаёз Навҷувонов дар минбари майдони "Шаҳидон" бо хешовандонаш: қумондони оппозиция дар шаҳри Душанбе, яке аз қотилони Додситони Кулли Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумъахон Бӯйдоқов (Ҷумъа-седой).

МАҲМАДАЛИЕВ Маҳмадкарим Шарифович, (қумондони автобазаи № 3) с. т. 1956, ҷои таваллуд — ш. Душанбе, ҷои истиқомат — кӯчаи Айнӣ, 77/1, 23.

26. X. 1992 с. дар яке аз муҳорибаҳо аз тарафи ФХТ (водии Ҳисор) дар ш. Душанбе ба қатл расид.

НУРУЛЛОБЕКОВ Раҳимбек ("Генерал Раҳим"), соли таваллудаш 1949, ҷои таваллуд — ноҳияи Ишкошими ВАБК, ҷои истиқомат: ш. Душанбе, кӯчаи Фирдавсӣ, хонаи 5/8, ҳуҷраи 44.

МАҲМУДОВ Давлат Шарифович, соли таваллудаш 1961, Шӯрои қишлоқи Хонақо, қишлоқи Мортеппа, ноҳияи Ҳисор.

МУҲАББАТОВ Саламшоҳ Раминшоевич, соли таваллудаш 1960, зодаи ноҳияи Ванҷи ВАБК, ҷои истиқомат: кӯчаи "40-солагии Тоҷикистон", хонаи 190а, ш. Душанбе.

БӮЙДОҚОВ Ҷумъахон Одинаевич, (Ҷумъа-седой) соли таваллудаш 1940 , ҷои таввалудаш ноҳияи Ишкошимӣ ВАБК, ҷои истиқомат: кӯчаи Попов, хонаи №37, шаҳри Душанбе.

ҲАБИБУЛЛОЕВ Исматулло, соли таваллудаш 1956, ҷои таваллудаш қишлоқи Испечаки ноҳияи Ленин, ҷои истиқомат: кӯчаи Зарафшон, хонаи 19, ҳуҷраи 14, шаҳри Душанбе.

РИЗОЕВ Азиз (Малиш), с.т. 1957, ҷои таваллудаш — Ш. қ. Роҳатӣ, н. Ленин, ҷои истиқомат — ш. Душанбе, кӯч. Курганская, 48. 24-25. X. 1992 с. дар яке аз муҳорибаҳо дар ш. Душанбе аз тарафи ФХТ (водии Ҳисор) ба қатл расид.

ҶАМИЛОВ Абдулназар Хайрмамадович, (Назар) с. т. 1964, ҷои таваллудаш н. Ишкошим. ҷои истиқомат — ш. Душанбе. шаҳраки Гулбутта, гузори 2, 4.

24-25. X. 1992 с. дар яке аз муҳорибаҳо дар шаҳри Душанбе аз тарафи ФХТ (водии Ҳисор) ба қатл расид.

ПАҲЛАВОНОВ Тоҳир Муззаффарович (Кӯри Тоҳир — Косой), с. т. 1964, ҷои таваллуд — ш. Хоруғ, ҷои истиқомат — ш. Душанбе, кӯчаи Ҳисорӣ, 85.

ЮНУСОВ Умар Кенчаевич, с. т. 1964, ҷои таваллуд қ. Равоти н. Ленин, ҷои истиқомат: шаҳраки Нефтянник, кӯчаи Мир, 4, 30.

НАҒЗИБЕКОВ Нағзибек Наврӯзшоевич, соли таваллудаш 1959, ҷои таваллуд — ноҳияи Рӯшони ВАБК, ҷои истиқомат — шаҳри Душанбе, кӯчаи Федин, хонаи 20/2, ҳуҷраи 19.

САИДОВ Ризвон Мардонович, соли таваллудаш 1964, ҷои таваллуд ва истиқомат: қишлоқи Тезгари поён, Шӯрои қишлоқи Гулистон, ноҳияи Ленин.

ҚУРБОНОВ Саидмурод (Эшони Саидмурод) с. т. 1952, ҷои таваллуд — қ. Кӯктоши н. Ленин, ҷои истиқомат — ш. Душанбе, кӯчаи Меҳнатобод, 102.

24-25. X. 1992 с. дар яке аз муҳорибаҳо дар ш. Душанбе аз тарафи ФХТ (водии Ҳисор) ба қатл расид.

НАВОЗОВ Зобудшо (Шукрихудо, "Кая") соли таваллудаш 1955, ҷои таваллуд — ноҳияи Ванчи ВАБК, ҷои истиқомат — шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Навой, хонаи 61, ҳуҷраи 27.

Исломбобо УСМОНОВ, 73-сола, имом-хатиби масчиди деҳаи Ургутмаҳаллаи шаҳри Қўрғонтеппа. 6-уми сентябри соли 1992 аз тарафи ваҳҳобимазҳаб — мулло Асомуддин ба қатл расонда шуд.

Саидчон УМАРОВ, соли таваллудаш 1969, зодаи деҳаи Ургутмаҳаллаи шаҳри Қўрғонтеппа, миллаташ ўзбек, оиланок, соҳиби 1 фарзанд. 6-уми сентябри соли 1992 дар задухурди деҳаи Ургутмаҳалла баҳри начот додани мардуми бесилоҳ қаҳрамонй зоҳир намуда, аз тири душман шаҳид гардид.

Имомиддин Сайфиддинович МИРБОБОЕВ, соли таваллудаш 1947, зодаи деҳаи Ургутмаҳаллаи шаҳри Қурғонтеппа, миллаташ ўзбек, маълумоташ олӣ, соҳиби 4 фарзанд, 22-юми октябри соли 1992 дар шаҳри Душанбе аз тарафи мухолифин ба қатл расонда шудаст.

Камолҷон Сатторович СУБҲОНОВ, соли таваллудаш 1957, зодаи деҳаи Ургутмаҳаллаи шаҳри Қурғонтеппа, миллаташ ўзбек, соҳиби 5 фарзанд, аъзои Горди миллии шаҳри Қурғонтеппа.

3-юми октябри соли 1992 ҳангоми аз мухолифин озод намудани шаҳри Қурғонтеппа шаҳид гардид.

Аличон ҚЎЗИЕВ, соли таваллудаш 1963, зодаи деҳаи Ургутмаҳаллаи шаҳри Қўрғонтеппа, миллаташ ўзбек, оиланок, соҳиби 2 фарзанд. 2-юми сентябри соли 1992 дар гирдиҳамоии майдони назди комичроияи вилояти Қўрғонтеппа аз тарафи мухолифин ваҳшиёна ба қатл расонда шуд.

Маъруфчон Хушвақтович ЛУҚМОНОВ, соли таваллудаш 1956, зодаи деҳаи Ургутмаҳаллаи шаҳри Қўрғонтеппа. 26-уми сентябри соли 1992 дар задухурди гардиши аэропорти шаҳри Қўрғонтеппа аз тири мухолифин ҳалок гардид.

Нарзулло Носирович НУРУЛЛОЕВ, соли таваллудаш 1952, зодаи деҳаи Ургутмаҳаллаи шаҳри Қурғонтеппа, миллаташ ўзбек, соҳиби 6 фарзанд. 6-уми сентябри соли 1992 ҳангоми таъмини амнияти мардуми Ургутмаҳалла қаҳрамонї нишон дода, аз тири мухолифин шаҳид гардид.

Раҳимҷон Лутфуллоевич ҚУЛИЕВ, соли таваллуд 1956, зодаи деҳаи Ургут-маҳаллаи шаҳри Кӯргонтеппа, миллаташ ӯзбек, соҳиби 3 фарзанд. 2-юми октябри соли 1992 ҳангомаи озод намудани хоҷагии ба номи Ленини ноҳияи Бохтар ба қатл расонда шуд.

Амриддин БОБОЕВ, соли таваллудаш 1930, зодаи деҳаи Ургутмаҳаллаи шаҳри Кӯрғонтеппа, оиланок, соҳиби як фарзанд. 6-уми сентябри соли 1992 аз тарафи мухолифин ба қатл расонда шуд.

Мамлакат САИДМУРОДОВА, соли таваллудаш 1963 , зодаи деҳаи Ургутмаҳаллаи шаҳри Қӯрғонтеппа, миллаташ ӯзбек, соҳиби 4 фарзанд, 20-уми сентябри соли 1992 ба қатл расонда шуд.

Махсум АКРАМОВ, соли таваллудаш 1962, зодаи деҳаи Ургутмаҳаллаи шаҳри Қӯрғонтеппа, миллаташ ӯзбек, соҳиби 3 фарзанд, аъзои Горди миллии шаҳри Қӯрғонтеппа. 26-уми сентябри соли 1992 дар задухурди гардиши аэропорти шаҳри Қӯрғонтеппа аз тири мухолифин ҳалок гардид.

Саидмурод ХУДОЙБЕРДИЕВ, Соли таваллудаш 1947, зодаи деҳаи Ургут-маҳаллаи шаҳри Қурғонтеппа, миллаташ ўзбек, соҳиби 5 фарзанд. 6-уми сентябри соли 1992 ҳангоми таъмини амнияти мардуми Ургутмаҳалла қаҳрамонй нишон дода, аз тири мухолифин шаҳид гардид.

Муаттар САМАНДАРОВ, соли таваллудаш 1939, зодаи деҳаи Хушекати ноҳияи Айнй, вилояти Ленинобод, миллаташ тоҷик, номзади илми кишоварзй. Моҳи августи соли 1992 дар шаҳри Қурғонтеппа аз тири мухолифин ба қатл расид.

Вазир аз чойники қирмизӣ як пиёла чой рехта ба ӯ дод. Чойро нӯшида гуфт:

— Медонед чӣ, рафиқ генерал?! Аз ҷои ҳодисаи ба қатл расондаи Нуруллоҳ Ҳувайдуллоев мошин ва ҳуҷҷатҳои Раҳимбек Нуруллобековро ёфтаанд ва барои ба ҳабс гирифтанаш ҳуҷҷат тартиб дода истодаанд.

Ин хабарро шунида банди дили вазир гусаст, рангаш парид. Сипас, ноилоҷона даст ба гӯшаки телефон бурда, фикр мекард ба кӣ сим занад, аз кӣ ахбороти аниқро гирад? Дар гурӯҳи тафтишот аз коргарони ВКД кӣ ва чӣ гуна одам бошад? Одами худиро ёфт. Ба ӯ сим зада, муайян намуд, ки тафсири тафтишот ва нақшаи тафтишоти пешакӣ дуруст тартиб дода, тафтишот ба изи ҷиноят дуруст афтидааст ному насаби як қисм террористон муайян гардида истодааст. Бо мақсади тафтишоти пешакиро ба роҳи нодурусту сарбаста бурдан ба роҳбари гурӯҳи оперативии дастаи тафтишотӣ сим зада, изҳори ақида менамояд: "Шумо тафтишотро бо роҳи нодурусту сарбаста бурда истодаед, тафсири тафтишотро яктарафа интихоб кардаед, қотилони Нурулло Ҳувайдуллоевро дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон кофтуков кардан лозим, на дар Тоҷикистон. Аз рӯй ахбори диқиқу расмие, ки аз сарчашмаҳои асосию боваринок ба мо расид, дастаи ҷинояткорон аз шаҳри Термиз омада, Нурулло Ҳувайдуллоевро кушта рафтаанд: Ҳа, кушта рафтаанд!

Дар ҷавоб М. Амирқулов "Фармони Шуморо ба ҳисоб мегирам, рафиқ генерал",— гуфта, аз дил гузаронд: "Ин ҷо сирре ниҳон аст..."

Бо мақсади ҳарчӣ тезтар ошкор намудани ҷинояту дастгир кардани қотилон ва бо ин сабаб теша задан ба решаи оппозиция, аниқу равшан намудани дигар ҳолатҳои табаддулоти давлатӣ бо ҳамроҳии ҷонишини аввали Додситони Кулли ҷумҳурӣ Тӯхтахӯҷа Почомуллоев, депутати халқии Тоҷикистон, раиси созмони мардумии "Ҳамдилон" Ғайбуллоҷон Орифов ба назди Раиси Ҷумҳур Р. Набиев рефтем. Дар утоқи кории ӯ Раиси Шӯрои Олӣ А. Искандаров, раиси Ҳукумати "муросои миллӣ" А. Мирзоев нишаста буданду нисбати ким-кадом проблемаи вобаста ба иқтисодиёт, киштукор сӯҳбат доштанд. Сӯҳбати онҳо хело тӯл кашид. Гирди як масъала борҳо такрор ба такрор бармегаштанд, ки гузаштани вақт ба фоидаи тафтишот набуд, роҳбарони оппозиция метавонистанд дар ин муддат далелу бурҳонҳое, ки ба мавзӯъ ва доираи (предмети) исботкунӣ дохил мешаванд, аз миён баранд, ҳар як дақиқа

барои тафтишот ганимат буду барои ҷинояткор манофеъ дошт. Дидем, ки роҳбарони давлат "мурдаро монда тўтхўрӣ" карда истодаанд, дилу нияти аз мо пурсон шудан надоранд, агарчи хуб медонистанд, ки мо барои чӣ рафтаем, ба Раиси Ҷумҳур рӯ оварда гуфтам:

— Мўҳтарам Раҳмон Набиев, ҳодисае, ки нисбати Додситони Кулли Ҷумҳурӣ Нурулло Ҳувайдуллоев рух дод, ин ҳодисаи дуюм дар ҷаҳон мебошад. Биноан ҳушдоратон медиҳам, ки ин оғози кор асту зуд бошад, ки мухолифин теша бар решаи давлати қонунӣ бизананд. Пагоҳ навбати ман, баъд навбати Шумо хоҳад расид...

Бинобар ин, ҳоҷат ба мунтазирӣ кашидан, ки боз каси дигарро терро намоянду ба қатл бирсонанд ва боз войдод гўему оринҷ бигазем, нест. Аз ин рў, пешниҳоди мушаххас менамоям:

— бо сабаби ба қатл расондани Нурулло Ҳувайдуллоев рўзи 24-уми августи соли 1992 дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ рўзи мотам эълон карда, ба мардуми ҷумҳурӣ нисбати ба амалиётҳои ғайриинсонӣ даст ёзонидани оппозиция муроҷиат бояд кард;

— ба роҳбарони ҷумҳуриҳои собиқ Иттифоқ муроҷиат намуда, баҳри ҳимояи сохти давлати конституционӣ, ки имрўз зери хавфу хатар мондаасту ҷанги бародаркуш домони худро кайҳо дар ин сарзамин паҳн карда, бими аз миён рафтани давлати тоҷикон омадааст, кўмаку дастгирӣ бояд пурсид;

— далелҳои кофӣ, ки аз ҷои ҳодиса ёфта шудаанд, барои ҳарчӣ тезтар муайян ва дастгир кардани қотилон шаҳодат медиҳанд ва месазад, ки кормандони тафтишоти пешакӣ дар бинои қозиёти ҷумҳурӣ, масҷиди Сариосиё, Ҳазрати Мавлонои Чархӣ ва ситоди "Наҷоти Ватан" кофтуков гузаронанд.

Барои таъмини амнияти гурўҳи тафтишотӣ мавриди гузаронидани амалиёти тафтишотӣ супориши махсуси Шумо лозим аст, ки КАМ, ВКД ҳар яке 25 нафарӣ, дивизияи 201—уми гарнизони Душанбе 50 нафарро бо силоҳу техникаи ҳарбӣ ҷудо намоянд. Ин аз рўи талаботи қонун ва талаби вақту замони кунинист. Чунки додситони ҳарбии гарнизони Душанбе мувофиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Додситони Кулли ҷумҳурӣ итоат мекунаду вакили онҳо аъзои дастаи тафтишот мебошад. Ва онҳо барои кўмак расондан розӣ ҳастанд. Бо ин роҳ метавонем бисёр чизҳоро аз ҷойҳои кофтуков ба даст дарорем;

— барои гузарондани намудҳои гуногуни экспертиза ва муайян намудани силоҳе, ки бо тири он Нурулло Ҳувайдуллоев

ва ронандааш Довуд ба қатл расонда шуда буданд, бояд, ки аз ҷойҳои кофтуков силоҳ бигирем;

— бесилоҳ намудани ситоди "Наҷоти Ватан"— ро ҳарчӣ ба зудӣ амалӣ намуда, ҳақиқати ҳолро ба мардуми ҷаҳон бо факту рақам ва далелҳои кофӣ фаҳмонем;

— барои он, ки роҳбарияти ВКД, КАМ аз нақшаҳои оппозиция нисбати қатли Н. Ҳувайдуллоев шуморо огоҳона хабардор накард, пеши роҳи онро нагрифит, агарчӣ ин вазифаи муқаддаси онҳо буд, ки барояшон соле аз буҷаи давлат даҳҳо миллион сӯм ҷудо мегардад. Бо ин сабаб ҳайати коллегияи ВКД ва КАМ—ро аз кор сабукдӯш намуда, ба ҷояшон шахсонеро, ки ба Президент ва халқ садоқат доранд, бигузор рутбаи генералӣ надошта бошанд, таъин намоед. Ин вазъияти ба миён омадаро бояд хирадмандонаю дурандешона истифода бурд, зеро ҳар соату дақиқаи ин вазъият қимати барнагардандаро молик аст;

— дар ҷои ҳодиса ҳуҷҷатҳои шахсии "генерал" Раҳимбек Нуруллобекови ишкошимӣ ёфт шудааст. Охир, мову Шумо хуб медонем, ки Раҳимбек Нуруллобеков ба Муҳаммадаёс Навҷувонову Давлат Худойназаров хешованду бо Ҷӯрабек Аминов дӯстони қаринанд! Барои объективона бурдани тафтишоти пешакӣ бояд Муҳаммадаёс Навҷувонов ва Ҷӯрабек Аминов аз сари қудрат дур карда шаванд. Ин талаботи қонун ва вазъияти сиёсии ҷумҳурӣ мебошад.

Таклифҳоро шунида, Р. Набиев ба ман нигоҳ карда гуфт:

— Мо фалон одамро, ҳо ҳамонро,— каллаашро ҷунбонда мегуфт ӯ,— дар аппарати президент сардори охрана карда ба кор гирифта истодаем, Ҳамун чӣ хел одам? Як омӯзед, мешад-мӣ?

Ҳеҷ чиз нафаҳмидам. Аз ӯ пурсон шудам:

— Кадом одамро? Дар бораи кӣ сухан гуфта истодаед?

— Ҳамон Абдуназаровро.

— Шумо ӯро нагз медонед-ку?!— аз шунидани суханони Раиси Ҷумҳур ранг аз рухам парид, гӯё сатили оби сарде якбора ба сарам рехт, ки ҷисму ҷонамро ларза фаро гирифт. Ба ҳаяҷону ғазаб аз ҷой бархоста гуфтам:

— Мӯҳтарам Раҳмон Набиев, якдигарро нафаҳмида истодаем. Аввало бо Абдуназаров худи Шумо борҳо сӯҳбат карда, ӯро ба кор қабул намудед ва куҷои ӯро, чизашро боз ман омӯзам?! Ва ман кӣ ҳастам, адои кадом вазифаро ба зиммаам гузоштаед, ки кадрҳои ба кор қабул мекардаи Шуморо омӯзам?!

Охир, банда ҳамагӣ вазифаи муовини бахши сохтмони асосии директори комбинати маъдани кӯҳии Анзоби ноҳияи Айниро ба дӯш дорам! Ягон ҳуқуқу ваколати ичро намудани супориши Шуморо ояди омӯхтани ҳуҷҷати кадрҳои Шумо қабул мекардагӣ надорам! Ман Шуморо нафаҳмида истодаам, мӯҳтарам Раҳмон Набиев?! Ё Шумо маро нашинохта истодаед?! Ин ҳама бозии тифлона ба кӣ лозим аст?! Мо дар чӣ хаёлу Шумо дар чӣ хаёл!

— Раҳмон Набиев ҳамвора хомӯшу бечора буд, вазъияти вазнини ҷумҳурӣ азобаш медод. Боз гуфтам:

— Имрӯз марги фоҷиавии Нурулло Ҳувайдуллоев дили аҳли ҷомеаро реш-реш кард. Кирдори зишти қотилон боиси изтироб ва хашму ғазаби халқ гардид. Охир, тири адӯ на танҳо қалби шахси ҳақиқатпарасту софдил ва хоксору меҳнатдӯст, балки қалби ҷумҳурии соҳибистиқлоли навзодамонро пора-пора намуд. Ин иқдоми номуборак шумхабарест, ки валангориҳову кушишхонаҳо ва яъсу ноумедиҳоро ба бор хоҳад овард. Имрӯз бояд чораҳои қатъӣ андешид, ки пеши роҳи сӯиқасди сиёсиро ҳарчӣ зудтар гирифту қотилонро дарёфт. Мардумро ба оромӣ даъват намуда, барои муттаҳид намудани қувваи солими ҷумҳурӣ чораҳои мушаххас андешем. Аз ин рӯ, ба кӯмаки Шумо нигаронем, ки гурӯҳи тафтишотӣ кори худро оғоз намояду онро самараноку нуктасанҷона анҷом диҳад. Аз амал дур нест, ки тафтишот ба бисёр чизҳо ноил хоҳад гардид, гиреҳи сарбастаи бисёр масоили мубраму чигил вораста хоҳад шуду халқи ҷумҳурӣ хоҳад донист, ки ҷанги бародаркуш ба манфиати ягон шаҳрванди асили ҷумҳуриамон нест:

Суханҳои маро шунида, Раиси Ҷумҳур бо ғазаб гуфт:

— Марҳамат, дар ҷои ман шинеду фармон диҳед!

Сипас, дар ҷавоб ба аввалин бор даргирифта гуфтам:

— Ҷоятон ба худатон насиб кунад!— ва баромада рафтам. Албатта, Ин рафторамро, ки аз қаҳру ғазаб нисбати Раиси Ҷумҳур зоҳир намуда будам, нодуруст меҳибосам!...

Ҳамин тавр, ягон талаботи мо ҷомаи амал напӯшид. Гурӯҳи тафтишотӣ натавонист, ки дар ҷойҳои лозима кофтуков гузаронад... Дарду дареғ, ки мо "дар" гуфтему шоҳон "девор" фаҳмиданд. Соати 14-и рӯз халқ дар бинои Шӯрои Олӣ бо ҷасади Нурулло Ҳувайдуллоев бо ашкони резону ҷигарҳои бирён хайрухуш намуданд. Дар назди тобути ӯ истода, ба худ андешидам: "Чаро он разилон дарк накарданд, ки бо роҳи террор метавонанд якчанд фарзанди сарсупурдаи

миллатро ба қатл расонанд, вале фарзандони модари тоҷик дар сар то сари ҷаҳон паҳну перешонанд ва ҳамаи онҳоро нобуд кардан аз нерӯи ин шабаҳони сиёҳ берун аст?! Магар онҳо ғофил монда буданд, ки баъд аз ба қатл расондани Муродулло Шерализодаву Нурулло Ҳувайдуллоев аз ғазаби Худованди карим ҳазорҳо Муродуллоҳҳову Нуруллоҳҳои дигари шерсирату бо нангу номус ҳувайдо мегарданд ва ҳамчун якҷону яктан баҳри таъмин намудани оромиву осудагии мардум, боздоштани ҷанги бародаркуш ба муборизаи беамон бармехезанд?!

Охир, бори кач ҳеч гоҳ ба манзил нахоҳад расид!

Миёни мардум ҷонибдорони ин фоҷиа — Давлат Худойназаров, Аслиддин Соҳибназаров, Тоҳир Абдуҷабборов, Насибҷон Амонов ва дигарон ҳам буданд, ки аз бадбахтии халқ, аз ашки мардуму доду фиғони ҷонибдорони Нурулло Ҳувайдуллоев худро ғолиб ҳисобида, бо заҳрханда ба ҳамдигар бо имову ишора гуфугӯ мекарданд. Вале ин бехабарон тагдони дилу дидаи мардум набуданд, чаро ки касе саломашон намекард, чун косагадову махав мардум аз ишон ҳарос менамоянд. Ба мардонагию ҷасурии Мукаррама Тошматова бори дигар сари таъзим фуруд меоварам, ки дар миёни дӯсту душмани ҷамъомада ба он разилон нигариста гуфт:

"Ин маҳсули дасти шумост, боз ба тамошои он омадед! Шумо ба ғазаби худои кариму раҳим гирифтор хоҳед шуд! Заҳрханда накунед! Табли шодӣ нанавозед! Рӯзе бирасад, чун саг бимиред ва барои хунҳои рехта ҷавоб хоҳед гуфт:

Ва мапӯшон чеҳра бо дастони хунолуд!
Мешиносандат ба сад нақшу нишон мардум.
Медурахшад зери чакмаҳои ту
Лаккаҳои хуни домангир!
Ва ба кӯҳу дашт часпидаст
Номи нангини ту бо ҳар мурдабоди халқи кайфарҳоҳ.
Ва ба ин ҷо монда аз хуни шаҳидон
Бар саводи сангфарши роҳ
Нақши ин фарёд:
"Эй ҷаллод, нангат бод!"

Сипас ҷасади марҳум Нурулло Ҳувайдуллоевро ба зодгоҳаш, ба деҳаи Понгози ноҳияи Ашт гуселонидем. Калонҳо бо самолёти махсус рафтанд. Ману бародаронам Амирқул Азимову Тағойхон Шукурови ғозималикӣ бо автомошин.

25—уми август дар ҷанозаи дӯстам иштирок кардем. Агарчӣ ҳайати комиссияи давлатӣ оиди дафн, ки сарварии онро ҷонишини Раиси Шӯрои Олӣ, шахси дурӯяву серӯя Аҳмадҷон Саидов бар ӯҳда дошт, мақсади маро ба сари тобут даъват намудан ва сухан додан надоштанд. Вале бо талаби халқи гирдомада, ки аз ҳар тараф овоз бароварда, талаб карданд, ки чаро Сафаралӣ Кенҷаев дар сари тобут нест, маҷбур шуданд, ки маро даъват намуда, сухан диҳанд. Дар сари тобути дӯст ва бародарам аз номи худаму дӯстонам савганд ёд кардам, ки ба муборизаи мардуми ҷасуру қаҳрамони Кӯлобу Вахшонзамин, ки бо сарварии Рустам Абдураҳимов, Сангак Сафаров, Лангарӣ Лангариев, Файзалӣ Саидов, Азим Ғаниев, Шералӣ Мирзоев, Ёқуб Салимов, Тағойхон Шукуров, Хӯҷамурод Каримов, Муҳаррама Мирзоалиева, Шералӣ Файзалиев, Фарҳод Урунов, Муродҷон, Юсуфҷон, Аюбҷон Муродовҳо, Шукурулло, Зикрулло, Забеҳулло, Давлат, Ҳабибулло Ҳайдаровҳо, Исломбой Зарифов, Файзулло Қувватов, Бӯрихон Ҷобиров, Ҷомӣ, Маҳкамбой Шарифов, Сӯҳроб Афгонов, Абдуҷаббор Одинаев, Набиҷон Эгамбердиев, Юра аз Калининобод, Восит Самадови ёвонӣ, Раҳмон (Спартак), Саидмӯъмин (Сайко), Фарҳод (Рембо), Мутагар Самандаров, Холиқовҳо ва даҳҳо дигарон идома дорад, амалан ҳамроҳ хоҳем шуд, ки Саъдӣ гуфта:

Бихур мардумозорро хуну мол,
Ки аз мурги бад канда беҳ парру бол.

Вақто ки ҳарф мезадаму симои нуронии ӯ пеши назар падидор меомад, ман бо чашми дилам гӯё бо ӯ гуфтугӯ доштам, ки мегуфт: "Дӯстам, дар ин умри дурӯза, ки чун насими субҳгоҳон гузарон аст, бо як рӯву як забон бояд зист! Ту медонӣ-ку, ҷавонмардона чашм ба олами ҳастӣ кушодаву бо номи нек онро тарк кардам! Аз дудилаву дурӯяву чандзабонаву разилона зиндагӣ кардан маргро авлотар медонистам! Пеши ҳар касу нокас сари баланди худро паст накардам! Барои мансаб, пулу мол шуда халқамро нафурӯхтам, аз роҳи росту гуфтору рафтори рост фаро нарафтам, аз паси оппозиция масҷид ба масҷид чун иддаи вазирону дабирон ва шоирону олимон имонфурӯшӣ накардам.

Маъзурам доред, ки дар ин айёми муборизаву зиддиятҳое, ки ҷумҳуриро фаро гирифтаасту миллат зери хатар мондааст, бо амри Худованди карим ҳамроҳатон будан, ба Шумо кӯмак расонидан насибам нагардид. Риштаи умри ман дар дасти

ҷиноятҳорони девсират будааст, ки 16 тири автомат ба синаам зада, баданамро ғалбер карданд. Ва бо ин рафтори ғайриинсонию ноҷавонмардонаашон хостанд давлати навзоди тоҷикон ва қонунро буғӣ созанду зиндагии ширини мардумро ба бандагии талхвашона мубаддал гардонанд!

Ҳарчанд дар айни камолот аз Шумоён ҷудо гардиданро раво надонам ҳам, маро ҷисман ҷудо сохтанд. Вале рӯҳи ман, андешаву орзуҳои ман, ниятҳои неки ман чун риштаҳои нозуки меҳр маро бо Шумо ҳамеша мевайвандад, дӯстонам. Ҳоло умеди ман ба шумост...

Медонед, ки душани қаттоли ману миллати ман мард набуд. Вале чӣ илоҷ, ки наққоши азал қисматамро чунин кашида будааст:

Замона кӯчравиншонро ба бар кашад, Бедил,
Касе, ки рост бувад, хори чашми афлок аст".

Ҳувайдуллоев Нурулло Умарович номзади фанни ҳуқуқшиносӣ буда, солҳои дароз дар органҳои додгоҳии ҷумҳурӣ, Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон адои вазифа кард.

Дар сессияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи марти соли 1991 раиси Комитети Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонуният, муборизаи зидди ҷиноятҳорӣ ва ҳуқуқи инсон, сипас Додситони кулли Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардид.

Дар сӯгвории Нурулло Ҳувайдуллоев даҳҳо адибону қаламкашон шеъру ҳикояву очеркҳо рӯи коғаз оварда, меҳру муҳаббати бепоёни хешро нисбати ин шахсияти таърихамон зоҳир намуданд, ки шеъри Файзулло Ёдгор аз ҷумлаи онҳост:

Ҷавонмардо, ба марги ту замину осмон гиряд,
Ба маргат аз фироқу ҳасрату фарёди ҷон гиряд,
Зи андӯҳу зи сӯзи мағз-мағзи устухон гиряд,
Бирезад ашки сӯзону кунад оҳу фиғон, гиряд,
Ҳама марду зану ҳар кӯдаку пиру ҷавон гиряд!

Тамоми халқи меҳнаткаш зи дида ашки хун борад,
Сари тобути ту ҳар кас сари таъзим меорад,
Ба сидқе нақши меҳратро ба қаъри сина бигзорад,
Замину осмонро ӯ ба сар аз гиря бардорад,
Ба мисли булбули нолида дар фасли хазон гиряд!

Зи сўзи оташи ғам шуд тамоми синаҳо бирён,
Бишуд аз ин амал санги сари роҳи калон гирён,
Бишуд ҷўйоби хун ҷорӣ зи чашми чори фарзандон,
Бишуд то бар фалак оҳу фиғони зарҷаи ҳайрон,
Ҳама аҳлу аёл аз сўзиши рўҳи равон гиряд!

Ту ҳомии ҳақиқат, ҳомии хурду калон будӣ,
Ба ҳар кас хайрхоҳу покдил, чун кўдакон будӣ,
Ба он воломақомӣ хоксору меҳрубон будӣ,
Ба ҳар бадхоҳи одам сахтгиру беамон будӣ,
Зи маргат ҳар касе дар дил ба сад доғи ниҳон гиряд!

Расад рўзи ҷазо, бадхоҳат овезанд аз пояш,
Дар он дунё, аминам, кўраи дўзах шавад ҷояш,
Дар ин дунё ҷаҳаннам мешавад, албатта, маъвояш,
Дар он дунё биборад оташи сўзон ба болояш,
Яқин, ҳар дўзахӣ охир, ба ҳоли зори он гиряд!

ДАР ҶУСТУҶЎИ РОҲИ НАҶОТИ ҶУМҲУРӢ

Баъд аз ба хок супоридани Нурулло Ҳувайдуллоев баргашта ба шаҳри Хуҷанд омадем, дар ин ҷо ҳамфикрони дигаре ёфтем ва ба қарори қатъӣ омадем, ки барои боздоштани ҷанги бемаънӣ ягон ташкилоте созему ҷавонмардони ҷасуру сарсупурдаи миллатро ҷамъ оварему амалиётҳоро аз рўи нақша гузаронем. Роҳи ба даст даровардани силоҳро ҷустуҷў кардем. Ба воситаи телефон ба бобои Сангак Сафаров, Лангарӣ Лангариев, Файзалӣ Саидов ва Рустам Абдураҳимов ҳамсўҳбат гардида, нақшаи худро ошкоро иброз намудам, онҳо маро хуб фаҳмиданду хоҳиш намуданд, ки аз бехатариам бохабар бошаму нақшаамонро ҳарчӣ тезтар амалӣ гардонем, чунки вазъияти онҳо дар вилояти Қўрғонтеппа ва ноҳияи Дангараю шаҳри Норак рўз ба рўз муташанниҷтар гардида истодааст. Гурӯҳи милли оппозиция аз ҳисоби ситоди "Наҷоти Ватан", ВКД, аз ҳисоби шумораи ҷанговарон, силоҳу лавозимот, техникаи вазнини ҷангӣ пурқувват гардида, онҳоро ба ақибнишинӣ маҷбур карда истодааст.

Ҳар рўз мавқеамонро бо талафоти зиёде супурда истодаем. Умедамо ба шумоҳост. Дар охир илтимос намуданд: "Мардум барои Шумо ҷанг карда истодааст, аз бехатариатон бохабар бошед, палидон барои аз миён бурдани Шумо ду гурўҳ террористон таъсис намудаанд..."

Пас аз ду рӯз ба шаҳри Хуҷанд барои таъмин намудани бехатариам аз майдони ҳарбу зарби Қурғонтеппа шаш нафар ҷавонмардони хатлониро, ки бо якчанд намуди яроқ мусаллаҳ буданд, фиристоданд. Асадулло Ӯрунов, ки барои гурди миллии Кӯлобу Қурғонтеппа шабу рӯз, аз ҳама чиз гузар намуда, хизмат мекард, онҳоро ба назди ман оварда гуфт: "Ин ҷанговарон барои муҳофизати Шумо омадаанд".

Ошкоро мегӯям, ки меҳру муҳаббат, одаму одамгарӣ, қадршиносии инсон, алалхусус дар давраи ҷанг, ки падар парвои писар надошт, аз ин зиёд намешавад. Онҳо, ки имрӯз дар қайди ҳаёт нестанд, мард буданду қадри одамро медонистанд. Афсӯс, сад афсӯс...

Ҳар фард чунин некиҳои беғаразонаю ҷавонмардонаро фаромӯш намояд, наузамбиллоҳ, кӯр мешавад. бинобар ин, имондорона ва ошкоро мегӯям, ки садоқатмандиам нисбати мардуми оддии Хатлонзамину Вахшонзамин ҳадду канор надорад ва ҳеҷ гоҳ тағйир нахоҳад ёфт. Аз дастам ҳар чӣ ки ояд, нисбати он мардум садоқатмандона хизмат хоҳам кард.

Онҳо ҳамроҳам панҷ рӯз истоданд, амниятамро таъмин намуданд, сипас ба Файзалӣ Саидов ва Лангарӣ Лангариев сим зада, бо як мушкилоте битавонистам бифаҳмонам, ки аз ман хавотир нашаванд, ҳарчӣ бошад ҳам дар зодгоҳи қиблагоҳиам ҳаёт ба сар бурда истодаам ва дар ин ҷо дӯстонам маро муҳофизат мекунанд, ба наздикӣ ба зодгоҳам — ба водии Ҳисор меравам ва амнияти худи онҳо низ беҳтар аз ман нест, биноан ба он ҷавонмардон худи онҳо низ зарурат доштагистанд. Бобои Сангакро бо телефон наёфтам.

Натиҷа бад-ин ҷо расид, ки мо суханони ҳамдигарро хеле аниқ дарк намудем ва розигӣ доданд, ки ҷавонмардони хатлониро ба наздашон баргардонам...

28—уми августи соли 1992 дар бинои прокуратураи шаҳри Хуҷанд, дар утоқи кории ҷонишини додситони шаҳр Ҷамшедҷон Иброҳимов Ойинномаи Фронти халқии Тоҷикистонро иншо кардам, ки онро Амирқул Азимов, Маҳмудҷон Қосимов, Тағойхон Шукуров, Асадулло Ӯрунов, Толибҷон Бобоев ва Искандар Тӯрахоҷаев хонда, фикру андешаҳои худро илова карда, нақши дастони худро гузоштанд. Нусхаи аслии Ойинномаи Фронти халқии Тоҷикистонро ба таваҷҷӯҳи хонандаи гиромӣ пешкаш менамоям:

ОИННОМАИ

ФРОНТИ ХАЛҚИИ ТОҶИКИСТОН

Имрӯз бадбахтии бузурге ба сари мардуми ҷафокашидаи Тоҷикистон бор шуда, пешорӯяш интиҳои фосилаи роҳест, ки номаш худкушист. Бояд бозистод, ҳанӯз имкони хомӯш сохтани оташи ҷанги бародаркушие, ки аз кинаву адовати одамон, бо сабаби бадкирдориҳои чанде аз сиёсатбозони ҷоҳилу тафриқаангез ва худоношинос шиддат мегирад, мавҷуд аст. Ҳанӯз фурсати бозгашт аз пайроҳаи хунини қисматсӯз, ки дар он нодониву худноогоҳӣ, макру фиреб ҳамсафаранд, ҳаст.

Сабаби ба ин вартаи ноумедиҳову хонумонсӯз задани мардум пеш аз ҳама дар набудани сиёсати оқилонаи фаъолияти давлатиро танзимкунанда ва айни замон васеъ шудани амали ҷиноятҳоронаи тоифаву гурӯҳҳои сиёсиест, ки барои ба даст овардану тақсими ҳокимият зери шиорҳои "демократия" ва "дини мубини ислом" сарзамини Тоҷикистонро ба майдони ҳарбу зарб табдил дода, онро қисмат мекунанд. Ин ҳолатро маҳз паст будани сатҳи маданияти сиёсӣ, донишу малакаи ҳуқуқиву ҷомеадорӣ, дур будани қисме аз мардум аз арзишҳои ахлоқиву динӣ, ки ин ҳама аз қашшоқиву бебизоатии одамон зуҳур меёбад, имконпазир гардондааст.

Бадбахтӣ дар он аст, ки аксари мардум, ҳарчанд мавҷудияти хатари ба вартаи ноумедиҳову марговар заданашро эҳсос мекунад, вале ба амали самарабахши онро рафъкунанда даст намезанад. Мақомоти лозимаи сиёсиву ҷамъиятӣ низ, ки битавонанд аз ӯҳдаи мутобиқсозии амалиёти хайрхоҳонаву ватандӯстонаи шахсияту гурӯҳҳои алоҳидаи одамон баҳри бедории мардум ва гирифтани пеши роҳи мансабталошони ҷиноятпеша барояд, дида намешавад.

Воқеаҳои моҳҳои охир бошад, далели онанд, ки гурӯҳҳои сиёсӣ ва симоҳои курсинишини моҷароҷӯй, ки худро "оппозиция" ном мебаранду мардумро гумроҳ месозанд, ба ин чиз манфиатдоранд ва барои ноил шудан ба мақсаду маромиҳо нопоки хешу раҳо ёфтан аз ҷавобгарии назди қонун аз ягон амал рӯ наметобанд. Ҳама чизи барои одамон муқаддас нақшаҳои онҳоро халалдор месозанд. Ҳам қаробати инсонӣ, ки новобаста аз миллату эътиқоди динӣ сурат мегирад, ҳам эъмори сохторҳои пуриқтидори давлатие, ки метавонанд кафолати осоишу бехатарии аҳли ҷомеа бошанд ва ҳам сиёсате, ки истиқлолияти ҷумҳуриву пойбанди манфиатҳои

ғаразноки мамолики бузургманиш нашудани онро таъмин месозанд.

Рӯз то рӯз амали ин гурӯҳҳо бошиддат ва хунсардонатар сурат мегирад. Кушторҳои рӯирости сиёсӣ, истифодаи ҷиноятқорони босилоҳ баҳри нобуд сохтани рӯшанфикрон ва фалаҷ намудани мақомоти давлатӣ, ғасби сохторҳои ташвиқу тарғиб бо нияти таҳрифи ҳақиқат, гумроҳ сохтани мардум тавассути паҳни дурӯғу тӯҳмат ва ниҳояти кор, бо зӯровариву таҳдид мақсади аз вазифа дур сохтани Раиси Ҷумҳур, ки ба ҳукми раият ба ин вазифа ноил шудааст — симои аслии ба ном "оппозицияи қувваҳои демократӣ" ва дар асл қувваҳои ҷиноятқори иртиҷопарастро назди оламиён маълум гардонидаанд.

Дар ин вазъ хомӯш будану канорачӯй ихтиёр кардани ҳар як сокини баномуси ҷумҳурӣ ҷиноятест назди таърих, хиёнатест барои гузаштагони ин мардуми ҷафокашидаи мазлум, ки тӯли ҳазор сол бо ҳазор ғуссаву ғам дар ниҳод тавонист шӯълаи умеди соҳибдавлатиашро нигоҳ дорад.

Бо ниятҳои озодиву саршор аз муҳаббати беполён ба халқу Ватани хеш, баҳри дифои ҳақиқат, ваҳдати мардум, якпорчагии Ватан, номуси ҳар як фард ва ояндаи дурахшони Тоҷикистон интишоркунандагони ин муроҷиатнома таъсиси Фронти халқии Тоҷикистонро, ки метавонад дархӯрди орзуву ормонҳои халқи ҷумҳурӣ бошад, эълон медорад.

Фронти халқии Тоҷикистон шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ҳизбу гурӯҳ ва ҷунбишҳои мардумӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятиро, ки роҳу шаклҳои осоишта, қонуниву демократии ҳаллу фасли масоили ҷомеадорӣ ва шаклҳои муборизаи сиёсиро эътироф сохтаву бо он амал мекунанд, муттаҳид месозад.

1. Мақсаду вазифаҳои Фронти Халқии Тоҷикистон:

1.1. Фронти халқии Тоҷикистон иттиҳоди шаҳрвандон, гурӯҳу созмон, ҳизбу ҷунбиш ва дигар сохторҳои сиёсиву ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, бо мақсади барпо сохтани ҷомеаи ҳақиқатан демокративу ҳуқуқӣ, ки адолати иҷтимоӣ дар он ҳукмфармост, созмон ёфтааст. Дар ин радиф Фронти халқии Тоҷикистон баланд бардоштани маданияти сиёсии мардум, гирифтани пеши роҳи шаклҳои номақбули вазъиятро муташанниҷ гардонандаи муборизаи сиёсӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои инсонро, ки аҳли башари мутамаддин онро эътироф намудааст, ҳадафҳои асосии хеш қарор медиҳад.

1. 2. Барои ноил шудан ба ин мақсадҳо, баҳри рафъи ҳарчӣ зудтари хатари бузурге, ки ҷумҳуриро таҳдид мекунад, Фронти халқии Тоҷикистон ҳалли фаврии масоили зеринро вазифаҳои рӯзмарраи хеш меҳисобад:

1. Бо роҳи гуфтушунид, даъвату гузарондани сессияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар яке аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Ленинобод ё дигар шаҳрҳои ҷумҳуриҳои собиқ иттифоқ, додани шароити хуби корӣ барои депутатҳои халқии Тоҷикистон ояндаи ҳаллу фасл намудани масъалаҳои сиёсӣ қатъ гардондани ҷанги бародаркуш.

2. Рӯзномаи сессия аз рӯи талабу дархости тарафҳои мухолиф тартиб дода, ба ақлу заковат ва хирадмандии депутатҳои Шӯрои Олӣ гузошта шавад, чунки Ҳукумати "муросои миллӣ" ғайриқонун таъсис ёфтааст ва онро Фронти халқи Тоҷикистон наметавонад, ки эътироф намояд.

3. Ба гаравгон гирифтан, талаю тороҷ кардани молу мулки мардуми Кӯлоб, Ленинобод, Ҳисор, Ғозималик ва ӯзбекзабону русзабон фавран бас карда шавад.

4. Масъалаи аз вазифа сабакдӯш намудани Раиси Ҷумҳур ба он тарзе, ки раҳбарони оппозиция гузоштааст, амали ҷиноятқорона буда, бар хилофи раъйи мардум аст. Ташвиқи нобоварӣ ба Раиси Ҷумруҳ аз ҷониби чанд сиёсатбозе нақшаи ҳанӯз ҳангоми интихоби он тартибдодашудаест барои ба даст овардани ҳокимият ва фаро овардани муҳити носолиму тоқатфарсое, ки фаъолияти самараноки дастгоҳи Раиси Ҷумҳурро имконпазир мегардонад, рукнҳои асосии ин нақша аст. Аз ин ҷо, лозим аст, ки ҳама гуна тазйиқу фишор ва зӯроварӣ ба кори Раиси Ҷумҳур, инчунин Шӯрои Олӣ бас карда шавад.

5. Тамоми роҳбарияти мақомоти умури дохила бинобар аз ӯҳдаи таъмини тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа набаромаданаш аз вазифа сабукдӯш карда шавад.

6. Ҳукумати ҷумҳурӣ фавран пароканда ва аз нав бо салоҳдиди Раиси Ҷумҳур ташкил дода шуда, таҳти фармонравоии бевоситаи ӯ фаъолият варзад.

7. Бинобар бесалоҳиятӣ ва номукаммалии мақоми ҳуқуқияш Кумитаи назорати конституционӣ барҳам дода шуда, назди Суди Олии ҷумҳурӣ палатаи конституционӣ, ки мувофиқи принципҳои фаолияти судӣ амал мекунад, ташкил карда шавад.

8. Бо назардошти вазъи кунунӣ қонунгузории ҷиноӣ ҳатман аз сари нав дида шуда, чораҳои сахттарини ҷазо барои ғайриқонунӣ нигоҳ доштани яроқ, барангехтани низои милливу динӣ, ҳама гуна зуҳуроти маҳалчигӣ дар мақомоти давлатдорӣ,

сӯиқасду муқобилият ба кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва порахӯрӣ бояд пешбинӣ шавад.

9. Фаъолияти ҳама гуна ҳизбу созмонҳо таҳти назорати қатъии ургонҳои муҳофизати ҳуқуқ ва ҳама гуна амалиёти ғайриқонунашон мувофиқи тартиботи пешбинишуда мавриди чорачӯии лозима бояд қарор гирад.

10. Ба гурди миллии оппозоция расонидани ҳар гуна ёрӣ (таъмини яроқу аслиҳа, техникаи ҳарбӣ, қувваи ҷисмонӣ) аз тарафи давлат қатъиян манъ карда шавад.

Ситоди "Наҷоти Ватан" чун қувваи ғайриқонунӣ таъсисёфта фавран пароканда карда шавад. Вагарна Фронти халқии Тоҷикистон омодааст муқобили чунин дастаҳо ва ситодҳо бархезад.

2. Узвият ва сохтори Фронти Халқии Тоҷикистон:

2. 1. Узвият ба Фронти халқии Тоҷикистон мувофиқи принципҳои фардиву коллективӣ сурат мегирад. Аъзои фронт ҳар як шаҳрванди синнаш ба 18 расидаи ҷумҳурӣ, ки барномаву оинномаи онро эътироф менамояду ҳаққи аъзогӣ месупорад, шуда метованад.

Узви Фронт ҳама гуна созмон, аҳзобу ҷунбишҳои сиёсӣ, мардумӣ, ки танҳо шакли қонунии муборизаи сиёсиро воситаи ноил шудан ба мақсади хеш медонад ва аъзоҳаққӣ месупорад, шуда метавонад.

2. 2. Аъзои Фронт аз ҳуқуқи иштироки бевосита дар ҳаллу фасли ҳама гуна фаъолияти фронт бархурдор буда, барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои хеш ва дигарон таҳти кӯмаку ғамхории он қарор дорад.

2. 3. Аъзои Фронт вазифадор аст баҳри амалӣ шудани барномаи он, тарғиби ғояҳояш байни мардум фаъол бошад ва муборизаро зидди қонуншиканӣ ҳадафи хеш қарор бидиҳад.

2. 4. Сухтори фронт тибқи принципи марзиву истеҳсолӣ амал мекунад ва асоси онро ташкилотҳои ибтидоии чӣ бевоситааш ва чӣ созмону ҳизбҳои дар узвияташ буда ташкил медиҳанд. Инчунин фронт аз ташкилотҳои ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳурӣ иборатанд.

2. 5. Ташкилотҳои ибтидоии Фронт аз ҷониби на камтар аз 3 нафар шаҳрвандон дар ҷои истиқомат, таҳсил ва ё кор созмон дода мешавад.

2. 6. Тобеияти ташкилотҳои Фронт марзӣ буда, тартиби муносибати узвҳои коллективиро бо онҳо худи аҳзобу созмонҳои дахлдор муқаррар месозанд, ба ғайр аз тартиби фоъолияти мақомоти роҳбарикунандаи онҳо дар кори ҳамин гуна мақомоти Фронт.

2. 7.Барои узвият ба Фронт шахсони алоҳида ба яке аз созмонҳои ибтидой ва ё ноҳиявӣ бо ариза мурочиат менамоянд. Узвияти аҳзобу созмонҳо ва сохторҳои дигари сиёсиву ҷамъиятӣ аз ҷониби мақомоти олии он ҳаллу фасл мегардад.

2. 8. Ҳама гуна масоил дар тамоми мақомоти фронт бо овоздиҳии кушода ё пӯшида (бо салоҳдиди аъзоён) бо афзалияти овозҳо ҳал карда мешаванд. Ташкилотҳои Фронт салоҳияти ҳалли масоили дар пешашон истодаро ҳангоми иштироки на камтар аз 3 2 ҳиссаи аъзоёнашон доранд.

2. 9. Аъзоҳаққӣ ба Фронт ба маблаги 10 сӯм аз шахсони бевосита ба он шомил ва 500 сӯм аз аъзоёни коллективӣ муқаррар карда мешавад.

3. Мақомоти роҳбарикунандаи Фронт

3. 1. Мақомоти олии идоракунии Фронт дар ҳамаи зинаҳои фаъолияташ анҷуман буда, дар ду сол як маротиба даъват мешавад. Анҷуман бо талаби аксарияти аъзоёни Фронт, яке аз ташкилотҳои вилоятӣ ё коллективӣ ва ё 5 ташкилоти ноҳиявӣ низ метавонад даъват шавад.

3. 2. Шумора ва тартиби намояндагӣ ба анҷуман аз ҷониби мақомоти олии он — анҷумани ҷумҳурии Фронт муқаррар карда мешавад.

3. 3. Органи корие, ки фаъолияти ҳар гуна Фронтро идора мекунад, раёсати Фронт ва ё ташкилоти ибтидоии он аст, ки аз раис, ҷонишинон ва аъзоёни раёсат иборат аст. Ҳайати раёсат дар анҷумани Фронт интихоб мегардад.

3. 4. Масъалаҳои марбут ба қабули оинномаву барнома, даровардани тағйироту иловаҳо ба он танҳо дар анҷумани ҷумҳурии Фронт ҳаллу фасл мешавад.

4. Қароргоҳи мақомоти роҳбарикунандаи Фронт

4. 1. Қароргоҳи мақомоти роҳбарикунандаи Фронт шаҳри Турсунзода аст.

* * *

Худи ҳамон рӯз ба мо хабар расид: кормандони додситонии ҷумҳурӣ, агарчи амнияташон зери хатар буд, чорае андешиданду яке аз аъзоёни оппозиция, дӯсти наздики вазири корҳои дохилӣ М. Навҷувонов ва ҷонишини аввали КАМ Ҷӯрабек Аминов "генерали мардумӣ" Раҳимбек Нуруллобековро, ки дар назди КАМ барои дидани Ҷӯрабек Аминов омада буд, дастгир

карда. ба ҳабс гирифтанд, барои нигоҳ доштан ба маҳбасхонаи тафтишотии КАМ ҷумҳурӣ дар шаҳри Душанбе буда фиристоданд, ки ӯро кормандони маҳбасхона чун қаҳрамони миллат пешвоз гирифта, ба хонааш гуселониданд.

Рӯзи дигар коркунони додгустарӣ бо ёрию дастгирии ҷонишини сардори умури дохилии кумиҷроияи шаҳри Душанбе Маҳмадҷон Амирқулов боз Раҳимбек Нуруллобековро дастгир карданд. Бо супориши Раиси Ҷумҳур Р. Набиев ӯро ба маҳбасхонаи тафтишотии шаҳри Хуҷанд оварданд. Чунки маҳбасхонаи тафтишотии дар шаҳри Душанбе будаи ВКД зери итоати М. Навҷувонов, маҳбасхонаи тафтишотии КАМ зери итоати Ҷ. Аминов буд. Гузаронидани амалиётҳои лозимии тафтишотӣ имконнопазир буд. Баъди ин дар пӯстини роҳбарони оппозиция ва шахсоне, ки дар курсии мансаб буданду барои ба қатл расондани Нурулло Ҳувайдуллоев ширкат доштанд, кайк даромад. Аз он дар тарсу ларз афтоданд, ки Раҳимбек Нуруллобеков аз рӯи далелҳои кофии аз ҷои ҳодиса ёфта гирифта ба қувваи тафтишоти пешакӣ тоб оварда наметавонаду оқибат ба ҷиноятҳои содирнамудааш қоил мегардаду ниқоб аз рӯи разилону қотилони курсипарасту молпараст бардошта мешавад, ки дар назди мардуми ҷумҳурию ҷаҳон шарманда мегарданд.

САРГУРЕЗИИ РАИСИ ҶУМҲУР

Бинобар ин, роҳбарони оппозиция, тарафдорони онҳо аз Ҳукумати "муросои миллӣ", Раёсати Шӯрои Олӣ ба маслиҳате омаданд, ки пеши воқеаро қабл аз вуқӯъ бояд гирифт. Корд, ки ба устухон расид, дер мешавад. Бинобар ин бо маслиҳати ҳамдигар 31-уми августи соли 1992 гурӯҳе аз оппозиция, аз ҷумла қотилони Нурулло Ҳувайдуллоев ва Сайфиддин Сангов: Ҷумъахон Бӯйдоқов, Исматулло Ҳабибуллоев, ҳоҷӣ Абдуғаффор, Маҳмадкарим Маҳмадалиев, Азиз Ризоев, Саидмурод Қурбонов, Ризвон Саидов, Абдуназар Ҷамилов, Тоҳир (Кӯри Тоҳир) Паҳлавонов, Салимшо Муҳаббатов ва дигарон, ки мусаллаҳ гардида буданд, мардуми зиёде аз тарафдорони "демократияи исломи"-ро ҷамъ оварда, худро ҷавонони Душанбешаҳр номида, ба назди Кохи Раиси Ҷумҳур ва Девони Вазирон ҷамъ омада, талаб намуданд, ки Раҳимбек Нуруллобеков ҳатман аз маҳбас озод карда шаваду Раиси Ҷумҳур Р. Набиев барои нагирифтани пеши роҳи ҷанги бародаркушӣ ва ғайриқонун ба ҳабс гирифтани Раҳимбек Нуруллобеков ба истеъфо барояд. Вале касе аз онҳо намегӯяд барои чӣ ва бо кадом сабаб? Кадом амалиёти Раиси Ҷумҳур ғайриқонунӣ аст? Охир, ҷангро онҳо оғоз намудаанд-

ку?! Мардумро гумроҳ намуда, солҳои дароз мусаллаҳ гарида табаддулоти давлатӣ карданд-ку?!

Раҳимбек Нуруллобеков дар куштани Додситони Кулли ҷумҳурӣ, депутати халқи Тоҷикистон Нурулло Ҳувайдуллоев иштирок карда аст-ку?! Охир ӯро ургони тафтишот ба ҳабс гирифтааст. Пас, гуноҳи Раиси Ҷумҳур чист?!

Ба онҳо кӣ ҳам ҷавоб медод, ҳама рукнҳои давлат дар дасти онҳо буд, Раиси Ҷумҳур Р. Набиев яккаву танҳо бо якчандто муҳофизатгаронаш монда буд.

Барои онҳо қонун чизи нодаркорӣ буд. Қонуну имонашон силоҳ буд, ки ҳарчӣ тезтар Раиси Ҷумҳурро аз сари қудрат дур созанду давлатро расман зери дасти худ гиранд.

Вақто ки мувофиқи талаботи қонун ҷавоби ғайриқаноатбахш гирифтанд, аз рӯйи нақшаи тартибдода бо силоҳу лавозимот ба ҳуҷум гузаштанд, Кохи Раиси Ҷумҳур ва Девони Вазиронро ғасб намуданд, кормандони ВКД бошанд, чун пештара бе ягон муқобилият ва бо фармони раҳбарияти ВКД савганди додаашонро се талоқ карда, "бо нону намак" онҳоро пешвоз гирифта, силоҳи худро ба гурӯҳи мухолифин супурданд. Раиси Ҷумҳур бо муҳофизатгаронаш битавонист ҷон ба саломат бараду дар дивизияи 201-уми Артиши Федерацияи Русияи Душанбешаҳр пинҳон гардад. Вагарна ӯро дастгир мекарданд, панҷа ба ҷонаш мезаданд, аз сад ҷон як ҷонаш ҳам аз дасти он давсиратон раҳо намеёфт, Гурӯҳи мухолифин бо раҳбарии Шодмони Юсуф, Амирбек Атобеков, Давлати Исмон бори дигар Кохи Раиси Ҷумҳур ва Девони Вазиронро (ба ғайр аз утоқи якчанд одамони худӣ) пурра ғорат карданд, сандуққои оҳанинро шикастанд, ҳар чизе ки ёфтанд, ба яғмо бурданд.

Ҳол он ки аз рӯи маслиҳат бо роҳбарони Федерацияи Русия мебоист Раиси Ҷумҳур Р. Набиев рӯзи якуми сентябри соли 1992 бо ҳамроҳии баъзе аз аъзоёни Ҳукумати "муросои миллӣ" барои бастани шартномаҳои дутарафа, аз ҷумла, оид ба истифода ва ҳамкории дивизияи 201-уми артиши Русия ва ба ҷумҳурӣ дохил гардидани қувваҳои сулҳҷӯи Федерацияи Русия ба Москва сафар менамуд. Вале мухолифин нагузошт, ки Р. Набиев ба Маскав парвоз намуда, баҳри боздоштани ҷанги бародаркуш, таъмини амнияти мардум, ба эътидол овардани вазъи ҷумҳурӣ чораҳо андешад.

Онҳо дар давуғеҷи ба даст овардани ғалабаи мутлақ, аз сари қудрат дур сохтани Р. Набиев буданд, на ба эътидол овардани вазъи ҷумҳуриву боздоштани ҷанги бародаркуш.

Бори дигар мухолифин ба хулосае омад, ки дар Душанбешаҳр агарчи дар оғӯшаш зиёда аз 7—8 ҳазор кормандони ВКД

ва КАМ кору сукунат доштанд, касе ба онҳо муқобилият нишон нахоҳад дод.

Кормандони масъули дастгоҳи Раиси Ҷумҳур, Девони Вазирон ва қисме аз вазиронро, ки ҳама зиёда аз 32 нафар ва дар миёни онҳо якчанд нафар депутатҳои Шӯрои Олӣ ҳам буданд, ба ғайр аз намояндгони мардуми водии Қаротегину Дарвозу Бадахшон ба гаравгон гирифтанду дар маҷлисгоҳи ошёнаи якуми бинои Кохи Раиси Ҷумҳур ҷамъ намуданд. Ҳама аз тарсу ваҳми ҷаллодон, ки аз дидаашон хун мебориду аз чашмонашон шӯълаи оташ медурахшид, сар намебардоштанду сухане намегуфтанд. Ҳар як шахс дар фикри он буд, ки чунин ҳаромпочакону модарбахатоён миллати тоҷикро ба чи гуна бадбахтӣ гирифтор намудаанд. Ҳар фард ҳаёти паси сар кардаи худро як-як пеши назар меоварду дар хотирааш ковиш мекард, ки чӣ гуноҳе назди эшону авлиёҳои мазҳаби "Ваҳҳобия" ё "нерӯҳои демократӣ" содир карда бошад? Ва ҳолаш чӣ мешуда бошад? Оё бори дигар ба дидори ҳамсару фарзандонаш мушарраф мешуда бошад?... ба худои яккаву ягона илтиҷо мекард, ки аз дасти ҷаллодони ноинсоф халосаш гардонад.

Девсиратони силоҳбадаст, ки дар кайфи майю нашъа буданду "ҷиҳод", "ҷиҳод"—гӯён чун гургони гурусна гӯё вориди қӯтани мешон гардида бошанд, ба чор атроф медавиданду наъра бармекашиданд ва мушту лагад бар сари гаравгонон мезаданду дашном медоданд, силоҳро ба тарафашон рост намуда паррондани мешуданд. Ҳарчи ки мехостанд, онро амалӣ мекарданд. Ба назар саҳнаи даррандагону ҷаллодонро мунамуд, ки гӯё ташнаи хуни инсони мӯъмину мусулмон буданд. Дар вуҷудашон заррае раҳму шафқат, адлу инсоф надоштанд. Онҳо бо хушу хурсандӣ гӯё барои беҳбудии дини мубини ислом ва миллат чизеро дарёфт карда бошанд, ҷонишини аввали раиси кумиҷроияи вилояти Кӯлоб Сайфиддин Санговро аз қабулгоҳи ҷонишини аввали Сарвазири ҷумҳурӣ Ҷ. Ҳ. Каримов, ки барои гуруснагони вилояти Кӯлоб дар ҷустуҷӯи орд омада буд, дастгир намуда, зери мушту лагад, бо доду фарёд, дашномҳои қабеҳи ғайриинсонӣ, бо дастҳои ба пушт баста ба толори ошёнаи якум оварданд ва наъра мекашиданд: "Ин кофиронро ба қатл расондан даркор". Боз ин ҳама ваҳшоният ва ҷиноятиро вазнинро дар назди Вазири Умури Корҳои Дохила, генерал — майор М. Навҷувонов, ҷонишинҳои аввали раиси КАМ полковник Ҷӯрабек Аминов ва Алиҷон Солибоев, аъзои Раёсати Шӯрои Олӣ, ҷонишини Сарвазири ҷумҳурӣ Аслиддин Соҳибназаров, Раиси Шӯрои Олӣ Акбаршоҳ Искандаров, раиси кумитаи Шӯрои Олӣ

оиди қонунбарорӣ, муборизаи зидди ҷинояткорӣ ва ҳуқуқи инсон Абдулло Ҳабибов содир мекарданд. онҳо чун тамошобин шоҳиди ҳар як амалиёти ҷинояткоронаи онҳо гардиданд. Ба рафтори ҷаллодонаи онҳо менигаристанду бо заҳрханде миёни ҳамдигар пичиррос зада, саргӯшӣ мекарданд. Аз рӯй инсоф нигарем, хурдтарин ҳаракате баҳри иҷрои вазифаи инсонию хизматии худ ба харҷ надода, ворастани ашхоси беҷурму самимиро, ки бегуноҳ буданд, намеандешиданд. Ҳар яке аз гаравгоншудагон бо чашмони имдодталабона ба онҳо нигариста, наҷотдиҳандаи худро меҷуст, аммо "падарону ҳомиёни қонуну адолат", демократҳои "машҳур" даст дар киса доштанду ханда дар лаб.

Дар пеши чашми онҳо ба даст афтодагонро зери мушту лагад ба мошинҳо савор карда, якеро ба "қассобхона"-и масҷиди деҳаи "Южный", дигареро ба "қассобхона"-и дараи Ромит мебурданд. Ҷонишини аввали сарвазири ҷумҳурӣ Ҷ. Ҳ. Каримов, Сайфиддин Сангов, мушовири давлатии Раиси Ҷумҳур оиди сиёсат ва матбуот Р. К. Олимов, собиқ вазири корҳои ҳориҷӣ Лаким Қаюмов ва дигаронро бо фармони яке аз сарварон мушту лагадкӯбон ба "қассобхона"-и масҷиди "Южный" бурда, ба дасти ҳоҷӣ мулло Абдуғаффор ва доценти кафедраи химия ва биологияи Донишгоҳи омӯзгории ба номи Қ. Ҷӯраев Шукрон Шукронаев супориданд, депутатҳои халқи Тоҷикистон Усмонқул Шокиров ва боз чанд тани дигарро дастаи Ризвон ба Ромит бурд...

Бори дигар ёдрас мекунам, ки ҳамаи ин ҷиноятҳои қабеҳу давлатӣ дар назди чашми роҳбарони ҷумҳурӣ (А. Искандаров, А. Ҳабибов, А. Соҳибназаров, Д. Усмон), ВКД (М. Навҷувонов), КАМ (Ҷ. Аминов, А. Солеҳбоев) амалӣ гардид. Ҳар яке аз онҳо пеши роҳи ҷинояткоронро нагирифта, худ иштирокчии фаъоли он гардиданду бо хотири ҷамъ, лаби пурханда кохи Раиси Ҷумҳурро тарк намуданд.

Яке аз роҳбарони Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки худ ақидаҳои мухолифинро демократию ҳозирзамон меҳисобид ва бо ҷонибдории Қозиёти ҷумҳурӣ, Ҳизби наҳзати ислом, Ҳизби демократии Тоҷикистон ва ҷунбишҳои мардумии "Растохез", "Лаъли Бадахшон", "Носири Хисрав" бо фармони ғайриқонунии А. Искандаров сари қудрат омада буд, вақтҳои охир мақсаду маромии "демократияи исломӣ" ро таҳлил намуда, хеле хуб дарк намуд, ки роҳи интихобкардаи оппозиция нодурусту хунин мебошад ва дар дил мақсаду маромии дигар кардани ақидаашро дошт. Ҳамон рӯз шоҳиди он гардид, ки оппозиция таҳти сарварии дастаи ҷинояткорони ҳоҷӣ мулло

Абдуғаффор, Исматулло Ҳабибуллоев, Руслан Муборакқадамов, Маҳмадкарим Маҳмадалиев, Ризвон Саидов ва дигарон аз Кохи Раиси Ҷумҳур ва Девони Вазирон зери фишори силоҳ ва таҳдиду таҳқир ҷонишини аввали раиси кумиҷроияи вилояти Кӯлоб Сайфиддин Сангов, ҷонишин аввали сарвазири ҷумҳурӣ Ҷамшед Каримов ва чанд ҷавонмарди бегуноҳи дигарро, ки аз пайи беҳбудии мардуми бенаво буданд, ленинободию кӯлобӣ гӯён ваҳшиёна ба мошини сабукрави "Жигулӣ" интиқол дода, ба ситодҳо мебурданд.

Вай хуб дарк намуд, ки бо он нафрату ваҳшоният девсиратони оппозиция чанд тан аз он ҷавонмардони бегуноҳ, аз ҷумла, Сайфиддин Санговро сар аз тан ҷудо хоҳанд сохт, ки ин иқдоми номуборак бар алангаи оташи ҷанги бародаркуш нафт пошида, ҳазорон мардуми бенаворо туъмаи хеш мекунад.

Барои гирифтони пеши роҳи ин бадбахтӣ, ки душманони миллат хоҳони ба сари мардум оварданаш буданд, фурсатро аз даст надода, ба утоқи корӣ Раиси Шӯрои Олӣ Акбаршоҳ Искандаров рафта, аз котиба пурсон шуд: "Акбаршоҳ Искандаров ҳастанд-мӣ?"

— Ҳа, ҳастанд. Вале дар наздашон Абдулло Ҳотамов,— бо карашма захрҳанда карда гуфт котиба.

— Ҳеҷ гап не, одами худӣ будааст, — гӯён дарро кушода, дохили утоқи кории А. Искандаров гардид. Дар он ҷо А. Ҳотамов бо Акбаршоҳ Искандаров ғарқи сӯҳбати бисёр ҳам ширину доманадор буданд. Ба онҳо салом карда, аз сиҳату саломатиашон пурсон гардид, мехост фикри худро нисбати рехтани хуни ноҳақ баён намояд ва барои гирифтани пеши роҳаш ёриву имдод талабад. Дар ҳамин ҳолат дари утоқи истироҳатии Раиси Шӯрои Олӣ боз гардиду тасбеҳи ҳориҷӣ дар даст, куртаву изори сафед дар тан имом-хатиби масҷиди "Южный" ҳоҷӣ мулло Абдуғаффори зоҳид тасбеҳ гардонда, "ё ҳу, ё манҳу", "ё ҳу, ё манҳу" "Оллоҳу акбар, Акбаршоҳ раҳбар",— гӯён берун баромад. Аз паси ӯ сару каллаи Соҳибназаров зоҳир гардид.

Ҳоҷӣ мулло Абдуғаффор ба Акбаршоҳ Искандаров гуфт: "Акбаршоҳи ҷун, мун бо акаи Аслиддини Соҳибназар ҳо ӯ масъалае буд-ку, худуту қозидомулло супориш дода буден, ҳаллуш кардем. Ҳамаша худум иҷро менум. Қасам ба номи ҳазрати Абдулваҳҳоб, хонаи кулобишаю ленинободиша месӯзонум, фаҳмидӣ, месӯзум... Халқи кӯҳистона хар када савор шиданшон басай!! Ҳов, ҳама армияи хдум кор када истодай. Ӯра, худут медонию мну худо. Пушту паноҳи мо ҳазрати Абдулваҳҳобай!..."

Ин суханҳоро шунида, Акбаршоҳ Искандаров ба ҳоҷӣ мулло Абдуғаффор нигариста, қаноатмандона гуфт: "Ҳазратам, аз "КГБ" ҳам нағз кор менӣ!". "Ай, мун ҳдум чанд солай, ки агенти чанд "КГБ" ҳастум",-гуфта, бо нӯги панҷаҳои дасташ Акбаршоҳро тела дод. Мақсади ӯро дарк намуда Акбаршоҳ Искандаров зуд аз ҷой бархосту курсии мизи кориро холӣ намуд.

Ҳоҷӣ мулло Абдуғаффор дар курсии раиси Шӯрои Олӣ, ки он тоб мехӯрд, нишаста, худро ба ин тарафу он тараф алвонҷ дода гуфт: "Бачаҳо, мун чи хелум? Зеби Раиси Ҷумҳур ё Раиси Шӯрои Олӣ дорум?!"

"Ҳа-а, шумо зебандаи ҳама мансаб ҳастед, ҳазратам",— гуфта фолбини ҷумҳурӣ-Аслиддин Соҳибназаров даст пеши бару сари пурғурур ба таъзим бурд.

Сипас ӯ гуруромезона оҳанги суханашро тағйир дода, худ ба худ "Оллоҳу акбар, Абдуғаффор раҳбар"-ро такрор ба такрор замзама карда, ба ҳоҷӣ Акбари Тӯраҷонзода сим зада гуфт: "Ҳазратам, ҳама корҳо аз рӯйи нақшаи кашидаи Шумо иҷро гардид, ӯ номусулмонҳора шабона ба "расход" пустит менум. дигар тамом, масъалаи Раиси Ҷумҳур Раҳмон Набиюфро ҳам ҳал кардем, ду-се рӯзи дигар умр дора, ба хубӣ нашава, ба "расход" пуституш менему дар ҷош Акбаршора мешинонум. Агар дар ду курсии мансаб кор кардан зӯраш биёра, худум ё худут ҳастем-ку, меғеҷонемуш..."

Ин суханҳоро шунида, бори дигар аз мақсаду маромии маҳалгароёнаи оппозиция огоҳ гардида, ҳуш аз сари он шахси хайрхоҳ парид, дасту дилашро аз дӯстию ваъдабозиҳои онҳо шуст, вале ҳарчи набошад ба онҳо изҳор намуд: "Хоҳишмандам илоҷе бинамоед, ҷонишини аввали раиси комиҷроияи вилояти Қӯлоб Сайфиддин Сангов ва дигар шахсонеро, ки аз кохи Раиси Ҷумҳур ва Девони Вазирон дастгир карда, ба ситодҳо бурдед, ба қатл нарасонед, доираи ҷанг васеъу доманадор шуданаш мумкин, ки ҳазорҳо одамон қурбон хоҳанд гардид..."

Яке аз онҳо ба рӯйи ӯ давида гуфт: "Ҳой, домулло, вақти дурӯягию тарафгирӣ нест, аз ҷанг натарсед! Киро мекушанду киро не, ин кори ҳоҷӣ мулло Абдуғаффор мебошад! Ба ин кас боварӣ дорем! Вассалом! Сайфиддин Сангов ба ман ҳамшаҳрӣ мешавад, на ба шумо... Аз роҳи интихобкардаамон бояд нагардем. Фаҳмо, ҷанобон?!!"

Акбаршоҳ Искандарову Аслиддин Соҳибназаров фикри ӯро ҷонибдорӣ карда, гуфтанд: "Биёед, ба кори дастаҳои ҳоҷӣ мулло Абдуғаффор шарик нашавед! Ин талаботи вақту замон аст"!

Суханҳои онҳоро ҳоҷӣ мулло Абдуғаффор қувват дода, изҳор намуд: "Сайфиддин Сангуфи коммунистро мазҳаби "ваҳҳобия"

номусулмону кофар ва душмани дини мубини ислом ҳисобида, ҳукми қатлуш баровардааст. Ишаб ӯра ба "расход" пуституш менум..."

Баъди ин гуфтаҳои заҳрогини муллои худобехабар он он кас як бори дигар кӣ будани оппозиция, мақсаду маромиони онро хуб дарк карда, бо "сарони миллату давлат" хайрухуш намуда аз пайи кору зиндагии худ гардид. Алқисса, аксари аъзоёни Ҳукумати "муросои миллӣ" ва Президиуми Шӯрои Олӣ ҳам дар атрофи Қозиёти ҷумҳурӣ муттаҳид гардида, имдодгари ҳамдигар шуданд.

Оре:

Диҳанд аҳли ситам, эй Сайидо, бар якдигар ёрӣ,
Камон афтад зи по, тир аз пайи имдод бархезад!

Дар натиҷа онҳо ба қувваи бузург ва нерӯи тавоно табдил меёфтанду хавфу хатари миллати тоҷик фароҳам меомад.

Сипас, бо ҳоҷӣ мулло Абдуғаффор чанд маслиҳати дигарро пазонда, бо мошини давлатӣ ва муҳофизатгарон ӯро ба масҷиди "Южный" гуселониданд...

Дар масҷиди "Южный" ба ҷои ибрози розу ниёз ба Худованди кариму раҳим, тавбаву надомат кардан, мардумро ба роҳи нек ҳидоят намудан, ба ҷои ҳафтияку чаҳоркитоб, Қуръони маҷид, наузамбиллоҳ лавозимоти одамкушӣ, тиру туфанг, тӯпу гранатомёт гузошта шуда буд. Ҳар шабе чандин ҷавонмардон ваҳшиёна ба қатл расонида мешуданд. Наузмин-биллоҳ, он ҷаллодоне, ки дар як даст тасбеҳу дар дигаре асбоби нохуну пӯст кандани инсон, лампаи доғ мондан доштанд, фардо рӯзи қиёмат чӣ ҷавоб медода бошанд?! Ҷояшон куҷо бошад?!

МАРГИ Ӯ МАРГИ БЕГУНОҲӢ БУД

Бо фармони ҳоҷӣ мулло Абдуғаффор ҷаллодон Сайфиддин Санговро ба "қассобхона" оварданд, ки ягон узви баданаш обод намонда буд. Ҳама сиёҳу кабуд, зада хуншор кардагӣ буд. Ҷавонмардеро, ки дилу рӯйи зебо, ақли расо дошт, ба чунин ҳоли табоҳу ношинохтанӣ гирифтор карда буданд... Ба ҳоли ин ҷавонмарди поксиришту покдоман раҳми замину осмон меомад, вале он номусулмонон нисбати инсон раҳму шафқате надоштанд. Боз ӯро таҳқир намуда, гунаҳкораш мекарданд, ки "мардумро ба майдони "Озодӣ" баҳри ҳимояи душманони дини мубини ислом — Сафаралӣ Кенҷаеву дигарон овард, кӯлобиҳо ба муқобили олиму уламои дини мубини ислом сухан гуфтанд, ҷангро сар карданд, онҳо кофиранд ва ғайраҳо. Ба ҳамаи онҳо

ҷавоби ягона медод: "Мо ҳаққем ва халқ бо мост. Шумо, албатта, маро мекушед, азобам медиҳад, ба ҳамааш тайёрам. Як ҷон дорам, ӯро ба роҳи ҳақ супоридаам, вале ҳеҷ гоҳ наметавонед, ки ақидаву иродаи ҳақиқатгӯйро бикушед. Фикр кунед, "астағфируллоҳ" гӯед, аз роҳи пурхатар баргардед, халқро дар азоб нагузоред. Охир аз ин шарораҳои барафрӯхтаи шумо оташу алангаи вайронаҳову нестиҳо ба бор меояд! Нашнидаед, ки шоир гуфта:

Ҳар кӣ бо душмании халқ равон аст чу баҳр
Зуд бошад, ки сари хеш чу гирдоб хӯрад!"

Онҳоро суханҳои Сайфиддин Сангов ба ғазаб овард, боз ӯро зери таҳқиру шиканҷа, мушту лагат гирифта, гуфтанд: "Ҳой, тарафдори майдони "Озодӣ", суханбозӣ накун, доногӣ заҳрест, нодонӣ шакар, аз ақидаат бигарду ба воситаи оинаи нилгун ба халқи Тоҷикистон муроҷиат намуда, Раиси Ҷумҳур Раҳмон Набиевро гунаҳкори рехтани хуни мардум ҳисобида, истеъфояшро талаб намой, он гоҳ зинда монданат мумкин. Вассалом!!..."

Дар ин дақиқаҳои ҳассос Сайфиддини нотарсу шуҷоъ, тамоми зиндагиаш, ҳамсару фарзандони ширинаш, дӯстону бародарони азизаш, пастиву баландии ҳаёти сипарӣ намудаашро аз пеши назар чун лентаи филм як ба як варақгардон кард...

Бале, дид ки бе касу-кӯ буд, бо азобу машаққат, бо меҳнати ҳалол соҳиби як бурида нон гардид, вале ҳеҷ гоҳ ба сари касе туфанг нагирифта, аз роҳи адлу адолат ва ҳақиқат қадами ноҷое нагузоштааст. Боре тағйири ақида нанамуда, кизбу дурӯғро ба забон наоварда, нисбати касе носипосиву ноҳаққӣ накардааст. Дуруст, ки зиндагии маъмулӣ дошт, вале сарбаландонаву бовиқор зиндагӣ дошт...

Сайфиддин Сангов сарашро бардошта, ба чашмони он ҷаллодони девсират нигариста гуфт: "Мард ба дунё омадам, то ҳол ҷавонмардона ҳаёт ба сар бурдам ва хоҳони онам, ки ҷавонмардона бимирам, халқи азизам бо некӣ ёдам намояд, ақидаам ин шарафи ман асту ақидаи кулли мардуми ҷумҳурӣ, онро тағйир нахоҳам дод, ҳарчӣ мехоҳед, бикунед"! Рӯдакӣ гуфта:

Ангушт макун ранҷа ба дар кӯфтани кас,
То кас накунад ранҷа ба дар кӯфтанат мушт.

Сипас, ҷаллодони ҳоҷӣ мулло Абдуғаффор зери таҳқиру шиканҷа ва рафторҳои гӯшношуниди ғайриинсонӣ Сайфиддин Сангов дар ҳузури дигар гаравгонон аввал пӯст канданду сипас аъзои баданашро бо лампаи тафсон қисм-қисм сӯзонда,

баъд кушта, ҷасадашро бароварда партофтанд... Худоё, ин ҷой масҷид буд ё саллоҳхона?! Оё холиқ ин махлуқони золимашро ин қадар дар ботинашон шайтонро ҷой гардонида, ки бародари ҳамхуну ҳумнажод ва ҳаммазҳаби хешро ба чунин разолату адоват бикушанд?!!

Гар мусулмонӣ аз ин аст, ки Ҳофиз дорад,
Оҳ агар аз пасе имрӯз бувад фардое.

Бо ҳамин Сайфиддин Сангов қаҳрамонона, бо сари баланду номи нек, бо як қавлу як ирода ҷон ба ҳақ супорид, ки чунин мардон намирандаву ҷовидонаанд...

Пеш аз он, ки Сайфиддин Сангови ба хун оғушта ҷон диҳад саратро бардошта, ба он разилон, давсиратони хуношом гуфт: "Дар роҳи муборизе баҳри озодии халқу миллатам аз дасти фундаментализми ҷоҳу мансабталаб тайёрам ҷон ба ҷонофарин супорам. Вале Шумо, палидон, бидонед асрори зиндагиро, ки якеро халқ чун қаҳрамони миллат ба некӣ ёд мекунад, дигаре чун хоини миллат сагвор мемираду нафратзадаи халқ мегардад..." Имрӯз ӯ ҷисман бо мо нест, вале рӯҳан бо мост!...

Дӯсти азизам Сайфиддин Сангов! Қудрате надорам, ки ба марги ту бовар бикунам. Ҳарчанд он рӯз аз шунидани хабари ҷонгудоз, ки туро дар масҷиди деҳаи "Южный"ба қатл расонданд, дунё дар чашмонам торикистон шуд ва ҳанӯз дилам ба ин шумхабар тоқати бовар кардан надорад...

Дӯстам, ёд дорӣ, ки рӯзи ёдбуди марҳум Нурулло Ҳувайдуллоев, аз байни гурӯҳи одамон ҷудо шуда, маро чун фарзанди падар ба оғӯш гирифтӣ, ҳамдигарро бибӯсидему шукр ба зоти поки Оллоҳи таъоло кардем, ки ҳамдигарро боз зиндаву саломат дарёфтем.

Пас аз сӯҳбатҳои тӯлонӣ, баёни фикру ақидаҳо, пеши назар овардани шаҳидони роҳи озодӣ, нақшаҳои чӣ гуна бозгоштани ҷанги бародаркуш, таъмини якпорчагии Тоҷикистон изҳори ақида намудем. Гуфтӣ, ки оё муқаддастар аз меҳан, муқаддастар аз миллат, аз озодию хушбахтии он чизе ҳаст?! Ҳангоми хайрухуш чун фарзандони як падару модар ҳамдигарро ба оғӯш гирифта, таъкид кардем, ки эҳтиёт бошему Худованди карим дар паноҳаш ҳамагони мардуми ростинамонро нигаҳдор бошад. Ту гуфтӣ, ки мардуми вилояти Кӯлоб хавотири таъмини амнияти мананд ва илтиҷо кардӣ, ки зиндагониамро дар вилояти Кӯлоб идома бидиҳам...

Бале, ту дар фикри таъмини амнияти ман будиву аз қисмати талхи хеш ғофил... Намедонистӣ, ки ҳоҷӣ мулло Абдуғаффори

бадкешу нобакори хонумонсӯз панҷа ба ҷони азизи ту мезанад...

Дар охир, ҳангоме ки маро гусел кардӣ, аз Худованди карим таманнову талаб доштем, ки якдигарро зиндаву саломат бинем ва агар дар ин роҳи пурхатар, ки ҷонҳоро бар сари миҷгон чун қатраи ашки ятимон нигоҳдорем, худо накарда бияфтад, дидорҳо ба қиёмат...!!

Охир, масҷид ибодатхона аст. Худойи таоло ба қалби бандааш назар мекунад, банда низ дар масҷид танҳо ба худованди карим бо ибрози розу ниёз машғул мешавад...

Ба дигарон он "мусулмон"-и тасбеҳбадаст, "ҳомиён"-и дини мубини ислом боз чӣ гуна азобу шиканҷаи ғайриинсониро раво диданд, танҳо худи ишону худо медонад. Худоё, ҳамаи ин барои чӣ? Барои ноил гардидан ба курсии мансаб? Барои дурӯза карру фарри дунё? Ба чунин курсию карру фар туф кардам!... Ин чӣ пастиву номусулмонӣ ва дасисаву бадбахтие буд, ки ба сари миллати тоҷик фурӯ рехт?!

Ку он фарҳангу хирад?! Ку он таърихи чандҳазорсолаи тоҷдории тоҷик, ки муштҳоро гиреҳбанд намуда, "падарону модарон"-и миллат ва зиёиёни сиёсатмаоб ба қафаси сина мезананд?! Ку он нуру фари ориёӣ?! Ку адлу инсофи Аҳурамаздоӣ?! Ку виҷдону имону ислому инсонӣ?!

Ва дар ҳадиси 118 беҳуда наомадааст: "Ашшаддуанноси азобан линноси фиддунъё ашшадунноси азобан индаллоҳи явмал қиёмати. Яъне, он ки дар ин дунё мардумро зиёда озор диҳад, фардо рӯзи қиёмат ба сахттарин азоби Худо гирифтор хоҳад шуд..."

БАШАРАҲОИ САХТ НАНГИН

Вазъият дар ҷумҳурӣ ҳар рӯз тағйир меёфту боз вазнинтар мегардид, қонуну қонуният амал намекард.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, тафтишоти пешакӣ дар давоми якчанд моҳ таҳти сарварии сардори умури тафтишотии додситонии вилояти Ленинобод бо заҳмати зиёде муайян намуд, ки қотилони Нурулло Ҳувайдуллоев чордаҳ нафар будаанд, башараҳои талхи онҳоро чун шабаҳони сияҳфоми таърихи нингини миллат пешкаши хонандаи мӯҳтарам мегардонам. Бигзор ба ҳар нафари ин тоифаи ғамзо хонандаи гиромӣ нафрин фиристад. Омин!

Хулоса, то имрӯз баъди ба қатл расонидани депутати халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон Муродуллоҳи Шерализода ду солу Нурулло Ҳувайдуллоев ва ҷонишини аввали раиси қумиҷроиян

вилояти Кӯлоб Сайфиддин Сангов зиёда аз як солу нӯҳ моҳ сипарӣ гардида бошад ҳам, то бад-ин рӯз курсии судшаванда аз он қотилони девсиришт, ки се ҷавонмардро ба қатл расонданд, бағайр аз Нуруллобекову Маҳмудов дигар касеро надидааасту мардуми ҷумҳурӣ нисбати онҳо ҳарфе нашунида. Агарчи ҳукумати қонунӣ зиёда аз як солу шаш моҳ аст, ки ба кору бори худ сар кардааст. Шумораи кормандони Ургонҳои додситонии ҷумҳурӣ, ВКД, КАМ хело зиёд гардида аст. Вале то ҳол натиҷаи дилхоҳ ба даст оварда нашудааст... Албатта, тафтишоти кори ҷиноятӣ, исбот намудани гуноҳ дар чунин вазъияти бисёр ҳам муташаннӣҷ кори саҳлу содда нест. Ин амал ҷудо намудани мӯй аз хамир аст, лек тезии корд дар дами корд, гуфтаанд. Бо ин лавандиву саҳлангорӣ ки ноуҳ-дабароии худро нисбати тафтиши ҷиноятҳо нишон медиҳем, ин мухолифинро устувору далертар менамояд. Бояд забони тафтишотро донист!...

Аз рӯи ахбори мавҷудаи идораи Додситонии ҷумҳурӣ то ҳол аз қотилони Муродуллоҳ Шерализода касе муайян нагардида ва дастгир нашуда, нисбати созмондиҳандагони ин фоҷиа ночизтарин сухан ҳам намеравад. Ва дар оянда гумон аст, ки тафтишот ба чизе ноил гардад. Агарчи Муродуллоҳ Шерализода дар рӯзи рӯшан, дар назди даҳҳо одамон ба қатл расонда шуд. Ва агар тафтишот ба роҳи дуруст мерафту тафтишбаранда амалиётҳои тафтишотиро сидқан, садоқатмандона ба вазифаи худ мебурд, ошкор намудани ҷиноят ва муайян гардонидани шахси ҷинояткор кори мушкил набуд. Аз рӯзи аввал барои касе пӯшида набуд, ки Сайфиддин Санговро дар ҳузури шоҳидони зиёде ба масҷиди деҳаи Южний, шаҳри Душанбе, кӣ ва бо кадом автомошин бурда бӯданд. Дар он ҷо бо роҳбарии имом-хатиби масҷид ҳоҷӣ мулло Абдуғаффор дар ҳузури дигарон ӯро ба азобу уқубат, ҷабру ситам, шиканҷаҳои зиёде гирифтор карданд. Сипас ваҳшиёна ӯро ба қатл расонданд. Вале касе нисбати он ҷаллодон ҷиноятнома оғоз накард, барои муайян намудани қотилон ва дастгир кардани онҳо ночизтарин иқдоме наандешид. Ҳамон вақт ҳам Ҳукумати "Муросои миллӣ", Президиуми Шӯрои Олии ҷумҳурӣ бо сарваронаш дар курсии мансаб нишаста буданд ва имрӯз ҳам қисме аз онҳо он курсиҳоро ғасб намуда, қисми дигарашон як зина паст фуромада, бетаҒйир, хушу хурсандона ҳаёт ба сар бурда, боз ба "боло" нигариста истодаанд. Вазифаи Раиси Ҷумҳурро ғайриқонун Акбаршоҳ Искандаров ба зиммаи худ гирифта буд. Таассуфу дард, ки аз хусуси дастгирии ҳоҷӣ мулло Абдуғаффори қотилу ҳамдастонаш ҳарфе нагуфтанду намегӯянд.

Ҳамон вақт ҳам ВКД ва КАМ—и ҷумҳурӣ бо "лӯхтакгенерал"-у "генерал" — чаҳояш кӯр мекарданду аз ҳисоби мардум маош мегирифтанд ва имрӯз ҳам аксарияти онҳо дар ҳамон курсиҳо масруфи ифои вазифа мебошанд. Вале вичдону имон ва савганди худро фурӯхтанд, қадаме ба пеш, барои иҷрои вазифаи муқаддаси худ — дастгир намудани роҳбари қотилони Сайфиддин Сангов нагузоштанд.

Агарчи рӯзе набуд, ки ҳоҷӣ мулло Абдуғаффор ба остонаи утоқи кории роҳбарияти Ҳукумати "муросои миллӣ", сарвари Раёсати Шӯрои Олӣ ва роҳбарони ВКД ва КАМ қадам нагузорад. Бар илова, Мулло Абдуғаффор барои "хизматҳояш" аз ҳисоби ҳукумати ғайриқонунӣ соҳиби чор мошини зиреҳпӯш гардид ва чун нерӯйи ҷангӣ аз номи давлати Тоҷикистон ба муқобили халқи он муборизе мебурд, мардумони бегуноҳро ба қатл мерасонд, молу мулкашонро талаву тороҷ мекард, ба фронти мухолифин ҷанговар мефиристонд...

Дар он шабу рӯз роҳбарии ҷумҳуриро Акбаршоҳ Искандаров ба зиммаи худ гирифта буд. Пас, чаро ҳукуматдорони имрӯза дурбинона аз он ашхоси талхсират пурсон намешаванд?! Чаро онҳо дар назди қонун барои дурӯғгӯю инсонфурӯшӣ, дастгирию расонидани кӯмаки моддиву маънавӣ ба оппозицияи хуношом ҷавоб намедиҳанд?!

Чаро онҳо то ҳол дар курсиҳои бароҳати давлатӣ нишаста, ба муборизони роҳи озодӣ заҳрханда мекунанду лабу лунҷ меҷунбонанд ва миёнашон нотифоқӣ меандозанду хоҳони обролой карда, моҳӣ гирифтананд?!

Магар ин холабеғамӣ форигболии рукнҳои асосии давлат мазмуни онро надорад, ки шаҳидони роҳи озодиро, ки баҳри оромии ҷумҳурӣ сина сипар карда, ҷон ба ҳақ супориданд, надида, истодаем?

Не, бояд гунаҳкорон дар назди қонун ва халқ аз рӯи қонуни давраи ҳарбӣ ҷавоб диҳанд, қатъи назар аз киву куҷой буданашон, ба кадоме аз моён дӯсту хешованд ва ё ҳамдиёр набошанд, чунки онҳо хиёнат кардаанд. Агар душманро ба худиву бегона тақсим намуда, каждумони зери бурёро набинем, ин хиёнат ба халқ мебошад, ки давлату давлатдориро боз ба роҳи сарбаста хоҳем бурд. Шоир бисёр хуб гуфтааст: Душманат гар пашша бошад, камтар аз филаш мадон.

Вақте ки дар иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ аз вазири умури дохилаи ҷумҳурӣ Г. Иброншоев нисбати сабаби дастгир накардани қотили Сайфиддин Сангов — ҳоҷӣ мулло Абдуғаффор пурсон гардидам, ӯ иброз намуд:" Аз мақомоти додгустарӣ ягон супорише оиди дастгир намудани ҳоҷӣ мулло Абдуғаффор ба ВКД дохил

нагардидааст". Охир, кӣ ҳам супориш медод?! Охир, ин вазифаи муқаддаси ВКД, КАМ ва додситонии ҷумҳурӣ мебошад-ку? Бояд иқрор шуд, давлат дар дасти мухолифин буд! Дар он шабу рӯз бо маслиҳати "сарвари" давлат Акбаршоҳ Искандаров, Вазорати Мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармонҳои № 77,78 мулло Адуғаффор Худойдодовро қумондони ситоди масҷиди "Южний"бо 121 афсар, Ризвон Сафаровро қумондони ситоди ноҳияи Кофарниҳон бо 439 афсар таъин карда, бо силоҳу лавозимоти ҷангӣ таъмин ва маошҳои калон муқаррар карда буд. Яъне, мулло Абдуғаффор Худойдодов одамкуши дарборӣ гардида буд. Аз ин рӯ барои ҷиноятҳо содиранамудааш дар назди қонун ва салтанати султонии Искандаров ҷавоб намедод.

Дар ин муддат танҳо "генерал" Раҳимбек Нуруллобеков ва Давлатбек Маҳмудов дастгир гардида, ба ҳабс гирифта шудаанд ва то бад-ин рӯз тафтиши пешакӣ ба охир нарасидааст. Якчанд муфаттишон ба тафтишот вобаста мебошанд. Чор нафари дигарашон: Абдуназар Ҷумиқов, Саидмурод Қурбонов (Эшони Саидмурод), Маҳмадкарим Маҳмадалиев (сардори ситоди автобазии № 3, шаҳрчаи Шоҳмансур) ва Азиз Ризоев дар ҳодисаҳои 24 — 26 октябри соли 1992 аз тарафи Фронти халқии Тоҷикистон (водии Ҳисор) дар шаҳри Душанбе чун шаҳол ба қатл расонда шуда буданд.

Боқимонда ҳашт нафари дигар: Ҷумъахон Бӯйдоқов, Исматулло Ҳабибуллоев, Абдуназар Ҷамилов, Тоҳир Паҳлавонов (Кӯри Тоҳир), Саламшо Муҳаббатов, Зобудшо Намозов ва чанде дигар то моҳи феврали соли 1993-юм дар шаҳри Душанбе буданд, дар вохӯриҳо ширкат варзиданд, аз ҳисоби давлат дар Хӯҷанди бостонӣ оши оштӣ хӯрданду ҷомаю тоқӣ пӯшиданд, ба воситаи садою симои ҷумҳурӣ баромад намуда, фарзандони асили халқи ҷумҳуриро ба гуноҳи набуда гунаҳкор мекарданд, дар гуфтушунидҳои давлатӣ ширкат меварзиданд, дӯстдорони роҳбарони ҷумҳурӣ буданд. Қисме аз онҳо дар қабули поезди аввал, пас аз кушодани роҳи оҳан аз тарафи ҷавонмардони водии Ҳисор ва қабули кӯмаки мардуми вилояти Ленинобод дар станцияи Душанбе — 1 бо раиси комиҷроияи шаҳри Душанбе Мақсуд Икромов иштирок доштанд ва тавассути ҷаҳоннамо башараҳои талхи онҳоро мардум дидаанд. Бо таассуф мегӯям, ки то ҳол онҳо дастгир нагардидаанд! Ба ин кӣ гунаҳкор аст? Ҷиноятномаи оиди ба қатл расонидани Нурулло Ҳувайдуллоев кай ва бо кадом шакл мавриди муҳокимаи мурофиаи судӣ хоҳад гардид. то ҳол номаълум аст.

Ба пиндори ман, наздикони Нурулло Ҳувайдуллоев ва мардуми ҷумҳурӣ орзуманди он мебошанд, ки дар курсии

судшаванда на танҳо ду кас аз иҷрокунандаи қатл ё шахсони ёрирасон, балки муассисону тарроҳон ва маблағгузорони ин фоҷиаи миллатамонро бинанд. Халқ ин тоифаи зархаридони ҷиноятпеша, ҳарому фосиқ ва қотили хешро хоҳанд дид ва бо нафрату адоват лаънатномаҳои хешро унвонии ишон хоҳанд иброз дошт...

Бо афсӯси зиёде бояд изҳор намуд, ки тафтишоти пешакии додситонии ҷумҳурӣ нисбати парвандаи ҷиноии қотилони Нурулло Ҳувайдуллоев вазифаи муқаддаси худро оиди он, ки ягон нафар ҷинояткор бечазо намонад, ғайриқаноатбахш иҷро намуданд, чунки аз 14 нафар иҷрокунандагон ва шумораи номуайяни ташкилкунандагону маслиҳатчиёни ин ҳодисаи нангини миллат ҳамагӣ Раҳимбек Нуруллобеков ва Давлатбек Маҳмудов ба ҷазои судӣ сазовор гардидаанд.

Ҳол он ки гунаҳкории онҳо дар давраи сари қудрат будани Р. Набиев бо заҳмати зиёди и. в. додситони кулли ҷумҳурӣ Тӯхтахӯҷа Почомуллоев тасдиқ гардида, ба маҳбас гирифта шуда буданд.

Ба пиндору таҳлили банда, ки зиёда аз 26 соли умрамро ба тафтишоти пешакӣ бахшидааму садҳо ҷиноятҳои мухталифи сарбастаро ошкор намуда, ба ҳазорҳо ҷинояткорони ашаддӣ ҳамсӯҳбат гардидаам, мӯҷиби асосие, ки курсии судшавандаро ҳамагӣ ду ҷинояткор дид, ҳол он ки танҳо ёрдамчиёну иҷрокунандагони қатли Нурулло Ҳувайдуллоев ба ғайр аз ташкилкунандагону маслиҳатчиён ва аз ҷиҳати моддӣ таъминкунандагон 14 нафар буданд, чунин аст:

Аввало. Вазъияти ноустувору тезутунди ҷумҳурӣ, ки барои бурдани тафтишоти муташаккилона шароити лозима муҳайё нагардонид. Алалхусус, то сессия XVI Шӯрои Олии ҷумҳурӣ, дар он даврае, ки ҳокимият комилан зери назорати мухолифин буд. Силоҳбадастони онҳо ки худ иштирокчии бевоситаи ин ҷиноятҳои нангин буданд, намегузоштанд, ки органи тафтишотӣ талаботи қонунро оиди гузарондани амалиётҳои тафтишотӣ иҷро намояд, далелҳои лозима ҷамъ оварад, ҷинояткоронро дастгир намуда ба ҳабс бигирад. Чунки ҷинояткорону ташкилкунандагони қатли Нурулло Ҳувайдуллоев аз дастаи мухолифин буд ва тафтишот пой бар думи онҳо ниҳода буд. Вале ба чунин вазъияти сангин, ки ҳар дақиқа қатл интизораш буд, нигоҳ накарда, и. в. додситони кулли ҷумҳурӣ Тӯхтахӯҷа Почомуллоев, ҷонишини додситони кулли ҷумҳурӣ оид ба тафтишот Қилич Қурбонов, тафтишбарандаи парвандаи ҷиноятӣ нисбати қатли Нурулло Ҳувайдуллоев Азизмат Имомов ҷони худу фарзандонашонро зери хатар гузошта, нотарсона амалиётҳои тафтишо-

тиро аз рӯи нақша ба амал мепайвастанд. Дар рӯзҳои аввали тафтишот далелҳои зиёде ҷамъ оварданд. қотилони Додситони Кулли ҷумҳуриро муайян гардониданду ду нафарашонро дастгир намуда, ба маҳбас гирифтанд. Сипас, аз паи дастгир намудани ҷиноятқорони дигар камар бастанд. Мухолифин нақшаи тафтишотро аниқан дарк намуда, ба кормандони прокуратура ҳуҷум оварда нагузошт, ки оиди парвандаи ҷиной амалиёти тафтишотӣ гузаронад. Борҳо ба утоқи кории Т. Почомуллоев силоҳбадастон омада, ӯро таҳдид ба қатлу таҳқир намуда, талаб карданд, ки Раҳимбек Нуруллобековро аз ҳабс озод намуда, парвандаи ҷиноиро ба онҳо бидиҳад. Вале Тӯхтахӯҷа Почомуллоев ба онҳо сар нафаровард, аз таҳқиру таҳдидашон натарсида дар даст норинҷи таркандаю (граната) автомат гирифта ба силоҳбадастони мухолифин гуфт: "Раҳимбек Нуруллобеков ва ҳамдастонаш ҷиноятн вазнин содир намуда, яке аз кушандагони Нурулло Ҳувайдуллоев мебошад, биноан ҳеҷ гоҳ ӯву ҳаммаромонашро аз маҳбас озод наменамоям ва парвандаи ҷиноиро то он даме ки зинда ҳастам, ба шумо намедиҳам! Вазифаи муқаддаси худро мувофиқи талаботи қонун иҷро менамоям. Агар шумо мақсади ба қатл расондани маро дошта бошед, метавонед худи ҳозир амал намоед. Аз Шумову дигарон сари тарс надорам! Агар маро бикушед, ҷавонмарди дигаре ёфт мешавад, ки хуни маро аз шумо мегирад. Аммо ҳушдоратон медиҳам, ки маро ҳамту кушта наметавонед, агар ба хиёнате иқдом намоед, шумо ҳам зинда нахоҳед монд". Ӯ ба норинҷи таркандаи дар даст доштааш ишора намуда, мухолифинро баҳри зудтар тарк намудани утоқи корияш огоҳонид, то дигарбора ба кори тафтишот дахолат накунанд...

Чунин ҳолатҳо -нисбати Тӯхтахӯҷа Почомуллоев, Қилич Қурбонов, Азизмат Имомов, Амирқул Азимов борҳо рӯй дода буд, вале ин абармардон аз роҳи ҳақиқат рӯ натофтанду қонунро чизи муқаддас ҳисобида, баҳри иҷрои он кӯшишҳои фаровоне ба харҷ доданд. Онҳо дар утоқҳои кориашон яккаву танҳо бо олами ҷиноят, бе муҳофиз, дар як тараф норинҷи таркандаю дар тарафи дигарашон автомат гузошта, шабҳоро рӯзу рӯзҳоро ба шаб мепайвастанд, ҳеҷ гоҳ ақидаашонро дигар накарданд, ба мухолифин сари таслим фурӯ наоварданд, чун дигарон масҷид ба масҷид дар ҷустуҷӯи қозикалон набуданд. Ба давлати қонунӣ ва халқи ҷумҳурӣ садоқатмадона хизмат карданд.

Дар он шабу рӯзе, ки аз дидаи мухолифин хун мечакиду ба монанди гурги гурусна ба чор тараф уллосзанон ҳуҷум оварда, мардуми бегуноҳро сар аз тан ҷудо мегардониданд,

магар рафтори Тӯхтахӯҷа Почомуллоев, Қилич Қурбонов, Азизмат Имомов, Амирқул Азимов ҷасурию қаҳрамонӣ набуд?! Бале, ҳамон қаҳрамоние, ки дар китобҳо мехонем, ишон ба маъразиҳо мерасониданд. Вале афсӯс, ки имрӯз ҷумҳурӣ рӯй ба мӯътадилӣ овардаасту ному хизмати ин сарамардонро касе ба забон намегирад. Баръакс ба ивази он, ки дар давраи ҳукмронии мухолифин ҷони худро зери хатар монда, давлати қонуниро пуштибонӣ намуданд, баъди ба сари қудрат омадани ҳукумати ҷадид ва Додситони Кулли ҷумҳурӣ таъин гардидани Маҳмадназар Солеҳов онҳо (Т. Почомуллоев А. Назаров ва Қ. Қурбонов) аз вазифаҳо сабукдӯш гардиданд. Маҳмадназар Солеҳов командаи худашро ҷамъ овард, гӯё онҳо барояш бегона будаанд. Имондорона мегӯям, ки онҳо ҳамчун мутахассиси касбӣ аз ҷиҳати илмию сиёсӣ агарчи аз Додситони Кул бартарӣ доранд, навоқисашон ин аст, ки ишон ҳамдиёрони М. Солеҳов набудаанд. Ин буд ҳақиқату адолате, ки Т. Почомуллоев, Қ. Қурбонов А. Назаров ва иддае дигарон баҳраш ҷонбозиҳо намуданд...

Мутаассифона, рӯзҳои бади Душанбешаҳрро каси дидагӣ метавонад дарк намуда, баҳо диҳад ва ба қадри инсону устод фарде метавонад бирасад, ки хираду фарҳанги фитрӣ ва саводи мукаммали илмиву амалӣ дошта бошад.

Рӯзҳое, ки ба сари миллати тоҷик, халқи ҷумҳурӣ бадбахтиҳои гӯшношуниду чашмнодиде омад, ҳар фарде ки дилаш ба халқу ватанаш месӯхту заррае хираду фарҳанг дошт, бетараф набуд, хурдтарин чизе, ки аз дасташ меомад мекард, ҳатто ба воситаи сухан ҳангоми сӯҳбат ҷавонмардони вилояти Кӯлобу Қӯрғонтеппа ва водии Ҳисорро, ки баҳри таъмини амнияти ҷумҳурӣ меҷангиданд, ҷонибдорӣ менамуд. Вале мутаассифона боре надидем, Маҳмадназар Солеҳов, ки солҳои дароз дар прокуратураи ноҳияи Фрунзеи шаҳри Душанбе ёрдамчии банда буд, аз ҳалқаи ҳамсару фарзандонаш берун омада бошад... Боре аз ҷавонмардони вилояти Ленинобод: Асадулло Ӯрунов, Ҷамшед Иброҳимов, Искандар Тӯрахоҷаев, Мирзо Қутфиддинов, Темурҷон Раҳимбоев, Абдуғанӣ Абдуллоҷонов, Абдуҷалил Ҳомидов, Ҷаҳонгир Ӯрунов, Валиҷон Маҳмудов, Кабир Сафаров, Эргашбой Қурбонов, Неъматҷон Аҳмадов, Абдуманнон Ғозиев, Ҳаким Сангинов, Музаффар Боқиев ва дигарон пурсида нашуд, ки онҳо чӣ ҳол доранду нисбати мардуми вилояти Кӯлобу Қӯрғонтеппа кадом корҳои қонунию ғайриқонуниро ба анҷом расонда истодаанд... Ҳол он ки дар ноҳияи Конибодом кору сукунат дошт ва бовар намекунам, ки аз корҳои ба субут расондаи ин родмардон бехабар бошад. Бохабар буд, вале

ғайрату ҳисси дилсӯзиаш нисбати халқу Ватан бетараф будааст! Агарчӣ борҳо андарзи Саъдиро ёдрас намуда будем: "Мардон, бикӯшед, то ҷомаи занон напӯшед!", вале чӣ чора, барангезише эҳсос нанамуд.

Пас, ӯ чӣ гуна метавонад ба қадру қиммати дигарон, аз ҷумла, устодон бирасад, ки худ нокардакоресту норафтароҳе!... Дар ин маврид шоир хело хуб фармудааст:

Чу офтоб ба ҳар заррае нигоҳ андоз,
Чу моҳ сояи раҳмат ба ҳар гиёҳ андоз,
Баланду пасти ҷаҳон аз қафои якдигар аст,
Агар ба моҳ барой, назар ба чоҳ андоз.

Сонӣ. Ба нақша нагирифтан ва амалиётҳои тафтишотӣ нагузаронидан оиди ҳамаи версияҳои тафтишотӣ, надонистани нозукиҳои тафтишот, ки ба ҳар парвандаи ҷиноятӣ хусусиятҳои мушаххаси худро доранд, гузашта аз он дар самтҳои паст қарор доштани назорати прокурорӣ оиди парвандаи ҷиноии қатли Нурулло Ҳувайдуллоев.

Аз ин рӯ, ба пиндори банда, тафтишоти пешакӣ нисбати рӯи об баровардани чеҳраи талхи ташкилкунандагону муассисон ва маблағдодагон ба табъи дил чораҳо наандешид, имрӯз ному насаби онҳо ба мардуми ҷумҳурӣ равшан нагардид, то бидонанд, ки он душманони халқ киҳоянд.

Сабабҳои ба миён омадани чунин камбудию норасоиҳои ҷиддии додситонӣ фикр мекунам, пеш аз ҳама дар он буда, ки вазифаи Додситони Кулли ҷумҳуриро аз осмони ҳафтум насиби Маҳмадназар Солеҳов гардонид. Ғурури ҷавонию ногаҳон парвози баланд ва камтаҷрибагиаш имкон намедиҳад, ки муқаддасоти вазифаро бардорад, савганди дар сессияи XVI Шӯрои Олӣ оиди қотилони Нурулло Ҳувайдуллоев изҳор намудаашро фаромӯш намуда, сараввал ба тафтишоти парвандаи ҷиноии қотили Нурулло Ҳувайдуллоев аҳамияти ҷиддӣ зоҳир нанамуд. Аз ҷониби дигар, худ ҳуқуқшиноси қаторист, на доктори ҳуқуқ, чӣ тавре ки дар барномаи пеш аз интихоботии номзад ба депутати халқи ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ дастраси мардуми Тоҷикистон гардонда буд. Ва нисбати донистани нуктаҳои асосии тафтишоти пешакӣ, ки оиди парвандаҳои ҷиноятӣ, ки яке аз соҳаҳои асосии додситонӣ ба ҳисоб меравад, донишу малакаи ночиз дорад. Албатта, ба чунин камбудӣ ӯро гунаҳкор ҳисобидан аз рӯи инсоф нест, чунки бо сабабҳои вобастаи ӯ набуда дар соҳаи тафтишот кор накарда нисбати назарияи тафтишотӣ таҳлиле нагузарондааст. Маҳмадназар Солеҳов шабона факултаи ҳуқуқшиносии Университети давлатии Тоҷикистонро хатм намуда, корро асосан аз

ёрдамчии прокурор оиди назорати корҳои ҷиноятӣ дар суд, прокуратураи ноҳияи Фрунзеи шаҳри Душанбе оғоз намудааст, ки банда вазифаи прокурории ноҳияро бар ӯхда доштам.

Тавассути телефону илтимоси собиқ вазири маданияти ҷумҳурӣ Мирзошоев прокурори шӯъбаи назоратӣ оиди корҳои ҷиноятии дар суди прокуратураи ҷумҳурӣ таъин гардид ва аз он ҷо прокурори ноҳияи Конибодом. Бино бар ин, дар тафтишоти парвандаҳои ҷиноятӣ қариб, ки рӯзе ҳам кор накардааст, аз ин рӯ донистани нозукиҳои тафтишоти пешакӣ, алалхусус, назорат аз болои тафтишоти ҷиноятномаҳо барои ӯ борест сахт гарон.

Аз тарафи дигар, бо маслиҳати касе ё бе маслиҳат кору амали худро бо аз сари қудрат дур сохтани мутахассисони варзидаю чашмикордон ба монанди Тӯхтахӯҷа Почомуллоев, Қилич Қурбонов Аслам Назаров ва чанде дигарон оғоз намуд, ки онҳоро дар ҷумҳурӣ ва собиқ давлати Шӯравӣ варзидатарин тафтишбарандагон меҳисобиданд. Ин амали носавоб тафтишоти прокуратураро ба зинаҳои паст фароварда, миш-мишҳоро гӯё оиди норозигии кормандони додситонӣ зиёд гардонид, ки теша бар пешравии кори соҳаҳои гуногуни додситонӣ, аз ҷумла ба роҳҳои ҳаллу фасли парвандаи ҷиноятии қотилони Нурулло Ҳувайдуллоев зад. Албатта, бад-ин манзур камбудии ҷиддии Маҳмадназар Солеҳов маҳз тезотаспона табдили кормандонӣ варзидаву салиқаи пасти маслакии шахсияш мебошад.

Сеюм. Бояд иқрор гардид ва ҳақиқатро гуфт, ки Маҳмадназар Солеҳов ва дигар шахсоне, ки гирди ӯ ҷамъ омадаанд, малакаи лозимаи роҳбарикунандагиро дар вазъияти куҷуниву ҳассоси ҷумҳурӣ надоранд. Ин камбудии шахсоне мебошад, ки бе таҳлилу баҳои воқеӣ додан ба вазъияти ҷумҳурӣ чунин ашхоси саҳлу соддаро соҳиби мансабҳои асосиву ҳалкунандаи ҳаёту мамоти халқамон гардониданд. Бино бар ин дар вазъияти имрӯзаи ҷумҳурӣ таъмини якшаклии назорати додситонӣ дар ҷумҳурӣ кори саҳлу содда нест. Барои қатъиян амалӣ гардидани қонун дорои назарияи чуқури илмию сиёсӣ ва таҷрибаи ғании додситонӣ будан зарурат дорад. Алалхусус, баъд аз он, ки вазифаҳои додситони ҷумҳурӣ ва ҷонишинҳои онро шахсони кордону басо солхӯрда, ба монанди В. А. Буларгин, А. А. Шелочинин, Ю. Н. Шербаков, А. А. Михайлин, Н. Ҳ. Ҳувайдуллоев, ҷонишинҳо Г. Ш. Шарифов, Ю. Х. Холиқов, К. Ҳ. Ҳасанов, А. Х. Набиев, Т. П. Почомуллоев ва дигарон солҳои тӯлонӣ иҷро карда омаданд, имрӯз вазифаи Додситони Кулли ҷумҳурӣ ё ҷонишини ӯро бар ӯҳда доштан кори басо мураккабу ҳассос ва нозуку ҳаётист.

Аз ин рӯ, таҳлили ҳуҷҷату далелҳо шаҳодат ба он медиҳад, ки органи додситонии ҷумҳурӣ вобаста ба вазъияти номӯътадили сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар муддати зиёда аз понздаҳ моҳ вазифа ва самтҳои фаъолияти худро, ки дар қонуни ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи додситонии ҷумҳурии Тоҷикистон" омадааст, бо сабабҳои зерин натавонист, ки пурра иҷро намояд:

— паст донистани нуктаҳои нозуку печидаи тафтишоти пешакӣ оиди парвандаҳои ҷиноятӣ

— ба дурустӣ на ҳамеша сарфаҳм рафтан нисбати муайян намудани мавзӯъ (предмет) ва ҳудуди (предел) ҷамъ овардани далелҳо барои исботи гуноҳи ҳар як ҷинояткор;

— надоштани малакаю маҳорати кофии назариявӣ ва таҷрибаи ғании амалӣ оиди сари вақт интихоб намудани версияи тафтишотӣ, гузарондани амалиётҳои пайдарҳами тафтишотӣ, тарзу намуди пурсидани ҷинояткорон, кашидани нақшаи тафтишотии парвандаи ҷиноятӣ, ҷамъ овардани далелу бурҳонҳои раднашаванда;

— надоштани назария ва амалияи лозимӣ дар бораи назорати додситонӣ оиди тафтишоти парвандаҳои ҷиноятӣ ва ғайра.

Биноан, бисёр ҷинояткорони ашаддӣ, ки ҳиссагузори содир гардидани табаддулоти давлатӣ дар Тоҷикистон буданду даст то оринҷашон пур аз хуни инсон аст, имрӯз бе ҷазо зиндагии бо фароғат ба сар бурда, бо заҳрханда ба мо нигариста интизоранд, ки аз форғболию ноуҳдабароии мо истифода бурда ҳанҷар ба ҷонамон бизананд. Чунки агар шахси палиду хабисро борҳо пора-пора гардонида сӯзонанду хокистарашро ба оби чашмаи зулол гил созанд ҳам, гавҳари нопокаш аз аслаш намегардад. Шоир фармудааст:

Ҳар кас, ки ба қавли хасм мағрур шавад,
Шамъи хирадаш тираву бенур шавад.
Душман, доиӣ, дар чӣ маҳал гардад дӯст?
Он вақт ки тирагӣ зи шаб дур шавад.

То имрӯз як дастаи бисёр хурду поёнии иштирокчиёни табаддулоти давлатӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда бошанд ҳам, вале бисёр парвандаҳои ҷиноятии онҳо бо сабаби пастии сифати тафтишоти пешакӣ ва назорати прокурорӣ ҳаллии худро наёфта аз тарафи суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тафтишоти иловагӣ гардонда ё сафед карда мешаванд, Танҳо дар моҳи январ-марти сали 1994 аз тарафи Суди Олии ҷумҳурӣ парвандаи ҷиноятӣ нисбати Маҳмудов Давлатхӯҷа, Азизмамадов П, Идиев Аҳмад, Тураев Санг, Рачабов Қутбуддин, Кенҷаев Саидбек, Файзиев М., Ваҳобов Абдуваҳоб

ба тафтишоти иловагӣ гардонда, Табаров Т. С. сафед карда шудааст. Ҳол он ки ҳар якси онҳо барои содир намудани ҷиноятҳои давлатӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида, маҳҳои зиёде дар маҳбас буданд Чунин тарзи бурдани мубориза бар зидди ҷинояткорон обрӯю эътибори қонун ва давлатро коста месозаду ба ҷинояткорону каждумони зери бурё шароити хуби теша задан ба решаи давлати тозабунёди Тоҷикистонро фароҳам меоварад. Шоир фармудааст.

Душман чу ба даст омаду маглуби ту шуд,
Ҳукми хирад он аст, к-амонаш надиҳӣ.

Чорум. Пас аз он, ки Маҳмадназар Солеҳов соҳиби курсии мансаби Додситони кулли ҷумҳурӣ гардид, корро наомӯхта, аз паси масъалаҳои дигар вақти зиёди худро ба харҷ дод. Аз ҷумла:

— соҳиби рутбаи генерали адлия гардидан;

— ба унвони депутати халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиб шудан, ки аввало номзадии худро дар округи интихоботии марҳум Нурулло Ҳувайдуллоев гузошт, вақто ки ба ӯ ҳариф пайдо гардид, худро нотавон ҳисобида, номзадии худро дар округи интихоботии ноҳияи Файзобод гузошт. Агарчӣ ӯро дар Файзобод то соҳиби мансаби додситони кулли ҷумҳурӣ гардиданаш касе намешинохт, бе алтернатив, чун даврахои рукуд бо риоя намудани принципҳои "демократия"ба унвони депутати халқи Тоҷикистон ноил гардид;

— хонаҳои бетонии ошёнадор ба ӯ мувофиқи табъ нагардида бо такудави зиёде соҳиби хонаи заминии ҳавлидори бодабдабаи хуб ҳам гардид, ки барои он давлати бе ин ҳам қашшоқу ғоратгардида аз ризқу рӯзии фарзандони ашкрезону пойлуч ва шикамгуруснаи халқ зада, миллионҳо сӯм сарф намуд. Ҳол он, ки собиқ прокурорҳои ҷумҳурӣ бо ҷонишинҳояшон солҳои тӯлонӣ дар хонаҳои бетонӣ ҳаёт ба сар бурда буданд.

Фикр мекунам чунин даву тозҳо барои ӯ ягон зарурияте надошт, танҳо обрӯю эҳтиромашро дар чашми мардум коста сохт, Ҳамаи ин ба он овард, ки ба тафтишоти пешакӣ, соҳаҳои гуногуни назорати прокурорӣ аҳамияти лозимӣ дода нашуд, кору обрӯи прокуратура хело коста гардид. Аз ҷумла, ба ҷиноятномаи қотилони Нурулло Ҳувайдуллоев, ки моҳияти сиёсию таърихӣ дорад, саҳлангорона муносибат намуд. Чунин ранг гирифтани корро дарк намуда, ду маротиба аз Маҳмадназар Солеҳов ҳохиш карда будам, ки тафтишоти парвандаи ҷиноятии қотилони Нурулло Ҳувайдуллоевро ба зиммаи банда гузорад, то он ки барои покии хотири он абармарди миллат қарзи бародарӣ ва умуман шаҳрвандиямро дар назди имонам

иҷро намуда, мӯйро аз хамир ҷудо гардонида, рагу решаи муассасисону ташкилкунандагон ва маблағҷудокунандагону қотилони ӯро ба зудиҳои зуд биёбаму башараҳои нопоку пур аз хуни ҳар нафари онҳоро ба мардуми ҷумҳурӣ ва ҷаҳон муаррифӣ намуда, адолати судиро ба кафи дасташон гузорам.

Пешниҳодамро қабул намуда, мебинем, гуфтанд. Вале бо сабабҳои то бад-ин рӯз бароям номаълум лоиқ надиданд, ки банда тафтишоти парвандаи ҷиноятиро ба зиммаи худ бигирам...

Имондорона иброз менамоям, ки банда нисбати Маҳмадназар Солеҳов ва командаи ӯ хурдтарин муқобилияте надорам, ҳамеша хайрхоҳи онҳо будам, ҳастам ва хоҳам монд. Аммо ҳақиқатро нагуфтан, пинҳон намудани он аломатест номардона ва чоплусона, ки шоир фармуда:

Чу коре бе фузули ман бароя́д,
Маро дар вай сухан гуфтан нашояд.
В-агар бинам, ки нобинову чоҳ аст,
Агар хомӯш биншинам, гуноҳ аст.

ГӮРКОВОНИ РАИСИ ҶУМҲУР

Вазъият дар Душанбе ҳам тезутунд мегардид. Акнун оппозиция баҳри иҷрои мақсади асосии худ — аз сари қудрат дур намудани Раиси Ҷумҳур ва пурра давлатро ғасб намуда, ба дасти худ гирифтану ба муқобили гурди миллии вилояти Кӯлоб ва гурди "Наҷот"-и Қӯрғонтеппа истифода бурдани қувваи давлатӣ буд, чунки Раиси Ҷумҳур акнун ба худ омада, нестиро дарк намуда, эҳсос мекард ва ба муқобили ин нақшаҳо буд. Ҳол он ки ҳангоми аз сари қадрат дур сохтани Раиси Шӯрои Олии ҷумҳурӣ Сафаралӣ Кенҷаев ва ноиби раиси Ҷумҳур Назрулло дӯстов борҳо қозиюлқуззоти ҷумҳурӣ ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода замонасозона иброз дошт: "Набиевро аз вазифа сабукдӯш намесозем, вай кафили якпорчагии ҷумҳурӣ аст". Ба макру фиреби ӯ Раиси Ҷумҳур бо ҳамфикрони пасипардагияш бовар карданд...

Бинобари ин, онҳо бо роҳи таҳқиру тарсу воҳима бо дастгирии Раёсати Шӯрои Олӣ барои ба истеъфо гусел намудани Раиси Ҷумҳур Раҳмон Набиев шабона, 1 сентябри соли 1992 бо макру фиреб дар бинои Шӯрои Олӣ роҳбаронро ҷамъ оварда, бо зӯрии силоҳ дар зери изҳороте, ки аз ҷониби идеологҳои Раёсати Шӯрои Олӣ тартиб дода шуда буд, аз шахсони мансабдори эшелони боло имзо ҷамъ намуданд. Изҳорот чунин буд:

ИЗҲОРОТИ

РАЁСАТИ ШӮРОИ ОЛӢ ВА ҲУКУМАТИ ТОҶИКИСТОН

Раёсати Шӯрои Олӣ ва Ҳукумати Тоҷикистон бо изтироб ба мардуми ҷумҳурӣ мерасонад, ки давлати ба маънои том навбунёди тоҷикон дучори хатари шадид гаштааст.

Вазъияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ ба дараҷае фалаҷ шудааст, ки хавфи аз байн рафтану пора-пора гардидани давлат ба миён омадааст.

Ситоди умумиҷумҳурӣ, ки иҷлосияи XV Шӯрои Олӣ бо мақсади халъи силоҳ таҳти сарпарастии Раиси Ҷумҳур Р. Набиев таъсис ёфта буд, то ҳол ягон амалиёти судманде накардааст.

Дар вилоятҳои Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, шаҳри Душанбе ва дигар ноҳияҳо хуни ноҳақи мардуми зиёде рехта шуд ва ин вазъи даҳшатовар ҳоло ҳам давом дорад. Аланга задани оташи ҷанги граждани имрӯз дар саросари ҷумҳурӣ таҳдид мекунад. Боиси таассуф аст, ки Раиси Ҷумҳур Р. Набиев аз қарори сессияи XV Шӯрои Олӣ оид ба вазъи сиёсиву иқтисодии ҷумҳурӣ хулоса набаровардааст ва гузашта аз ин, бо роҳи ба ҳам барзадани гурӯҳҳои мухолиф ният дорад ҳокимияти ба куллӣ фалаҷшудаашро нигоҳ дорад ва ба хунрезиҳо аз дур назора мекунад. Он чанд фармонҳои гӯё бо мақсади ба эътидол овардани вазъият нашр кардааш дар рӯй коғаз мондаанд, зеро барои заминӣ шудани онҳо ӯ амале зоҳир накардааст ва аз паи иҷрои онҳо низ нашудааст. Ин ҳама гувоҳи он аст, ки Раиси ҷумҳур аз халқ дур шудааст ва дарди дили мардум барояш бегона аст.

Дар тӯли як соли истиқлолияти воқеӣ давлати тоҷикон дар арсаи байналхалқӣ ҳанӯз эътибор ва мавқеи муайяни худро пайдо карда натавонист. Аксарияти шартномаҳое, ки дар зери онҳо Р. Набиев имзо гузоштааст, появу асоси қавӣ надоранд, кулли мардум аз мазмун ва мақсади онҳо бехабаранд, ягонтои онро то ҳол Шӯрои Олӣ ба тасвиб нарасонидааст.

Раиси Ҷумҳур дар байни роҳбарони давлатҳои дигар обрӯ ва эътибор надорад, ин боис гардид, ки бо вуҷуди набудани хусумат байни Тоҷикистон ва ин давлатҳо муносибатҳои иқтисодӣ сахт коҳиш ёфтаанд, роҳҳи автомобилгард, ҳавоӣ баста шудаанд. Раиси Ҷумҳур бошад, барои бартараф намудани ин ҳолат кӯшише ба ҳарҷ надодааст.

Чунин ҳис карда мешавад, ки Раиси Чумҳури Тоҷикистон барои давлати худ шахсест бемасъулият, беқудрат ва бегона. Вагарна чӣ тавр маънидод кунем, ки таи се рӯз аст, ки бархе аз аъзоёни ҳукумат масъулини Девони Вазирон ва аппарати худи Раиси ҷумҳур ба хотири аз сари қудрат дур кардани ӯ гаравгон бошанду Раиси Чумҳур аз гуфтушунидҳо саркашӣ мекунад ва ҳамоно ба тақдири онҳо бепарво буда, дар қисмҳои ҳарбии давлати дигар паноҳ бурдааст. Имрӯзҳо, ки тамоми мардуми тоҷик, Ҳукумати ҷумҳурӣ баҳри сарбаландона таҷлил додани ду маъракаи бузург омодагӣ дорад, Раиси Чумҳур аз ин маъракаҳо канорачӯй мекунад. Ин маъракаҳо Форуми умумиҷаҳонии тоҷикон ва нахустин ҷашни истиқлолияти давлати Тоҷикистон аст.

Раиси Чумҳур Набиев ҳамдиливу муташаккилии созмонҳову аҳзоби сиёсии гуногунро дар ҷомеа ба роҳ монда натавонист ва пайваста ба вайрон кардани савганди дар Шӯрои Олӣ ёдкардааш роҳ дода истодааст. Раёсати Шӯрои Олии Чумҳурии Тоҷикистон ва Девони Вазирон бо назардошти вазъияти баамаломада ба Раиси Чумҳур Р. Набиев бо қатъияти том нобоварӣ изҳор менамоянд ва чунин мешуморанд, ки ӯ дар асл аз сари қудрат дур шудааст ва минбаъд имкони иҷрои вазифаи худро надорад.

Раёсати Шӯрои Олӣ ва Ҳукумати ҷумҳурӣ ба коргарон, деҳқонон, зиёиён, ҷавонон ва тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон, ба ҳизбу созмонҳо, гурӯҳҳои мухолифини яроқнок муроҷиат менамояд, ки ин иқдомро дастгирӣ намоянд ва омодаи кору кирдори нек бошанд, нисбат ба якдигар бо эҳтирому бо сабру таҳаммул бошанд, аз хунрезиҳо ва дигар амалҳои носавоб худдорӣ намоянд. Ва ҳамаи масъалаҳои ба миён омадаро фақат бо роҳҳои сиёсӣ, гуфтушунид ва бо риояи ахлоқи оддию ҳамидаи инсонӣ ҳал намоянд.

Раёсати Шӯрои Олии Чумҳурии Тоҷикистон

ИСКАНДАРОВ А. — Раиси Шӯрои Олӣ
ПРИПИСНОВ В. И. — муовини Раиси Шӯрои Олӣ
САИДОВ А. М. — муовини Раиси Шӯрои Олӣ
АНВАРОВА А. С. — аъзои Раёсати Шӯрои Олӣ
АШӮРОВ Д. А. — аъзои Раёсати Шӯрои Олӣ
НАСРИДДИНОВ Ҳ. Н. — аъзои Раёсати Шӯрои Олӣ
ТУРАЕВ С. Т. — аъзои Раёсати Шӯрои Олӣ
УСМОНОВ У. Ғ. — аъзои Раёсати Шӯрои Олӣ
СОҲИБНАЗАРОВ А. — аъзои Раёсати Шӯрои Олӣ
ҚАҲҲОРОВ А. Т. — аъзои Раёсати Шӯрои Олӣ

САФАРОВ С. Ғ. — аъзои Раёсати Шӯрои Олӣ
ҲАБИБОВ А. — аъзои Раёсати Шӯрои Олӣ
НАЗАРШОЕВ М. Н. — аъзои Раёсати Шӯрои Олӣ

Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон

КАРИМОВ Ҷ. Ҳ. — и. в. Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муовини аввали Сарвазир
ҒАФФОРОВ Т. — Муовини аввали Сарвазир
САИДМУРОДОВ Ҳ. М. — Муовини Сарвазир
ХАЙРУЛЛОЕВ С. — Муовини Сарвазир
ИСМОН Д. — Муовини Сарвазир
ДАВЛАТОВ И. — аъзои Раёсати Девони Вазирон
МИРЗОЕВ Р. — Мудири Корҳои Девони Вазирон
НУРОВ А. — Вазири мелиорация ва хоҷагии об
ХОЛИҚНАЗАРОВ Х — Вазири корҳои хоричӣ
АКБАРОВ Ҳ — Вазири кишоварзӣ
НАВҶУВОНОВ М. — Вазири корҳои дохилӣ
УМАРОВ Ш. — Вазири корҳои саноат
ИНЪОМОВ Ҷ — Вазири тандурустӣ
ВАЗИРОВ З. В. — Вазири маориф
НАЗРИЕВ М. Н. — Вазири ҳифзи муҳити зист
УСМОНОВ И. У. — Вазири алоқа
САФАРОВ Б. — Вазири нақлиёт
АБДУЛЛОЕВ Ф. — Вазири адлия
ЗУҲУРОВ Ш. — Раиси Кумитаи меҳнату кадрҳо
РУСТАМОВА З. — Раиси Кумитаи Варзиш
ПОЧОМУЛЛОЕВ Т. П. — Муовини аввали Додситони Кулли Ҷумҳурӣ
ҒАФУРОВ Р. Ғ. — Президенти ширкати "Тоҷикдеҳотсохтмон"
МИРЗОЕВ М. — Раиси Кумитаи шаҳри Душанбе
АБДУЛЛОҶОНОВ А. — Президенти ширкати "Ғалла"
СОЛИЕВ Ҳ. — Вазири савдою захираҳои моддӣ

Вале касе аз онҳо ба қонун назар намекард, агарчӣ ҳамаи давупарҳои онҳо ба ягон чорчӯбаи қонуни ҷумҳурӣ ва башар мувофиқат надошт. Ин гӯё демократия буд. Бале, ҳиллаву найранги кӯҳнабозон боз корашро кард. Ва ин табаддулоти давлатӣ буд. Боз аввалин шуда, ба изҳорот Акбаршоҳ Искандаров имзо гузошта, ба утоқи кориаш рафт. Ба курсии Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишаста, дастонашро гиреҳбанд намуда, зери манаҳи кӯтоҳаш гузошта, вазни каллаашро ба дастонаш партофта, курсии тобхӯрандаро бо қувваи сурини сергӯшташ ба ин тарафу он тараф тоб дода, ба фикр фурӯ рафта, нақшаи пешомадро тарҳрезӣ менамуд: чӣ гуна,

бо кадом роҳ ба зудиҳои зуд пайкари резаву сурини сергӯшти худро дар ду курсии мансаб бубинад?!

Ин вақт симои ҳазрати Алӣ ва Наполеонро пеши назар меовард, ба худ қиёс мекард. Ҳардуи онҳо ҳам мисли ӯ қадпаст буданд, ҳардуи онҳо ҳам ҳокимони авлодӣ набуданд. "Ман аз онҳо чӣ камӣ дорам" — меандешид ӯ.

Агар ҳамаи аъзоёни Раёсати Шӯрои Олӣ ва Ҳукумати "муросои миллӣ" дар изҳорот имзо гузошта бошанд, фавран сессияи Шӯрои Олиро даъват намуда, бо фишори силоҳбадастон худи пагоҳ соҳиби вазифаи сарвари давлат мегардам. Вассалом. Ҳа сарвари давлат мегардам!"

Сипас, тугмачаеро пахш намуд. Ёрдамчӣ лаббай гӯён ҷаҳорқат шуда, ба назди Акбаршоҳ Искандаров ҳозир шуд.

— Срочно! Ба наздам Аҳмадҷон Саидовро даъват намоед!, — ба рӯи ёрдамчӣ нигоҳ накарда, даҳалона фармон дод.

— Кадом Аҳмадҷон Саидовро? — бо овози ларзон пурсон шуд ёрдамчӣ.

— Кадомаш мешуд, Аҳмадҷон Саидови худамон, ҷонишини ман ҳастку! — ғуррид Акбаршоҳ Искандаров.

— Итоат! — гӯён ёрдамчӣ ду даст пеши бар пуштнокӣ аз дар баромад.

Аҳмадҷон Саидов вориди утоқ гардида гуфт:

— Гӯшам ба Шумо, раиси мӯҳтарам Акбаршоҳ Искандарович.

— Ҳама имзо кард-мӣ?

— Ҳа, сто процент. Ҷонашон чандто, ки дар назди автоматчикҳо имзо намекардаанд, бо заҳрханда гуфт, Аҳмадҷон Саидов.

— Маладесӣ, Аҳмадҷон, — бо табассуми сохта айнакашро аз чашм гирифта ба рӯйи Аҳмадҷон назар афканда гуфт Акбаршоҳ Искандаров.

— Медонӣ, мо дар як кишти саворему дар уқёнусе равонем. Якдигарро бояд дастгирӣ кард... Агар киштиро бо дасти худ сӯрох созем, мо ҳама ғарқ хоҳем гардид!

— Фаҳмидам, раис, бо ҳамдигар бояд чун гӯшту нохун бошем, сухани Шумо барои банда қонун аст,— посух дод Аҳмадҷон Саидов

— Бо тезӣ аъзоёни Раёсати Шӯрои Олиро даъват намоеду лоиҳаи қарор дар бораи рӯзномаи иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олиро тартиб диҳед.

— Рӯз дер нашудааст-мӣ, раис?!

— Не, тезии корд дар дами корд гуфтаанд...

Шабона Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид ва чунин қарори носавобона қабул намуд:

Дар бораи рӯзномаи иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум

Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Барои баррасии иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум масъалаҳои зайл тавсия карда шаванд:

1. Дар бораи рафти иҷрои Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 августи соли 1992 "Дар бораи вазъи сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ ва тадбирҳои мӯътадил гардонидани он".

2. Дар бораи Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон

3. "Дар хусуси лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ба узви Захираи арзи байналмилалӣ, Бонки байналмилалии таҷдиду тараққиёт, Ассосиатсияи байналмилалии тараққиёт, Корпоратсияи байналмилалии молия ва Агентии бисёрҷабҳаи замонати пасандозҳо дохил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон".

4. Масъалаҳои гуногун.

Раиси Шӯрои Олии Ҷумурии
Тоҷикистон (*имзо*) А. ИСКАНДАРОВ.

2 сентябри соли 1992,
шаҳри Душанбе, № 897.

Барои ақлу заковат ва хиради "воло"-и ӯ вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ камӣ мекарду шаб дар хобу рӯз дар хаёл хоҳиши сарвари давлати тоҷикон шудан дошт. Бесабаб набуд, ки борҳо Акбаршоҳ Искандаров фалаҷии давлатро истифода бурда, дар давуғеҷи он буд, ки вазифаи Раиси Ҷумҳур ва Девони Вазиронро ба дӯши худ гирифта, барои иҷрояш камар бандад.

Боре, бо супориши Акбаршоҳ Искандаров комиссари ҳарбии Ҷумҳурии автономии Бадахшон (ҳол он, ки вилояти автономии Бадахшон аст, на ҷумҳурӣ) подполковник Т. Тошмуҳаммадов ба унвони и. в. Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Искандаров ҳуҷҷати расмӣ бо ҳисоботаш оиди таъсис намудани бригадаи махсуси горди миллии ҷумҳурии автономии Бадахшон зери рақами 1 247 аз 3.06. 1992 с. мефиристонад.

Дар ҳуҷҷатҳои расмию ҳисоботӣ мутахассисон аз А. Искандаров талаб карда буданд, ки барои дар ҷумҳурии автономии Бадахшон таъсис намудани гурди миллии Ҷумҳурии автономии Бадахшон аз рӯи ҳисоботи мазкур иҷозат диҳад:

—таъсиси се батальони алоҳида (яктояш кадровой);

— ҳисоби сарбозону афсарон дар давраҳои махсус —1647; сулҳу осоиштагӣ —1467;

— силоҳу лавозимоти ҳарбӣ ва техникаи вазнин:

14,5 ЗГУ	— 9 поя
82 мм. миномёт	— 9 поя
9 мм. пистолети "ПМ"	— 300 дона
5,45 (7,62 мм автомати АК—74 (АКМ))	— 1200 дона
7,62 снайпер СВД	— 60 дона
7,62 пулемёти дастии РПК, РПД	— 110 дона
7,62 пулемёти ПКМ, ПК, РП—46	— 25 дона
Гранатомёт РПГ —7, РПГ—2	— 90 дона
Радиостанция —Р—148, Р —126	— 60 дона
Мошинаи зиреҳпӯш (БТР)	— 80 адад
Автомашина	— 81 адад
Мотоцикл	— 15 адад

— роҳбарӣ ва фармондеҳии горди миллиро ба зиммаи комиссариати ҳарбии Ҷумҳурии Мухтори Бадахшон гузошта шавад.

Ҳол он, ки Бадахшони Кӯҳӣ вилояти мухтор буд, на ҷумҳурӣ ва коруʼ амалиёти комиссариатҳои ҳарбии Ҷумҳурию вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, таъсис ё барҳам додани гурди миллӣ мувофиқи талаботи Қонуни Асосии ҷумҳурӣ ба органи Олии иҷроия ва амрдиҳандаи ҷумҳурӣ дохилу итоаткунанда буд, на ба органи қонунбарор (Шӯрои Олӣ). Вазорати мудофиаи ҷумҳурӣ ба сохтори Шӯрои Вазирон дохил гардида, ба он итоатгар мебошад. Илова бар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои Раиси Ҷумҳур ва Сарвазир буд, ки ҳоло ифои вазифа мекарданд.

Пас чаро, бо кадом мақсад Акбаршоҳ Искандаров ҳаллу фасли таъсис намудани гурди миллиро дар Бадахшон бо се батальон ба зиммаи худ гирифта, роҳбарияти органи олии иҷроияю амрдиҳандаро хабардор накардааст?

Чаро масъалаи таъсис намудани гурди миллиро дар Бадахшон Вазири мудофиа ё комиссари ҳарбии ҷумҳурӣ ба миён нагузоштааст?

Чаро ва бо кадом сабаб тамоми ҳуҷҷатҳо оиди таъсиси гурди миллӣ ба унвони и. в. Раиси Шӯрои Олӣ А. Искандаров омадаанд, на ба унвони Раиси Ҷумҳур Раҳмон Набиев ё Сарвазир Акбар Мирзоев?

Чунин чароҳо беохиру бечавобанд, ки дар зери коса будани нимкосаро шаҳодат медиҳанд...

Ҳол он ки Раиси Ҷумҳур ва ноиби ӯ аз тарафи халқ бо овоздиҳии пинҳонӣ интихоб гардида буданд ва касе аз вазирону раисон ҳуқуқи ба истеъфо гусел намудани онҳоро надоштанд.

Раиси Ҷумҳур ин сардори давлати соҳибистиқлолу комилҳуқуқ, роҳбари Олии иҷроия ва амрдиҳандаи давлат буд, ҳамаи он имзогузорон кормандони зердасти ӯ буданд. Вале бо чунин амали носавобу ғайриқонунӣ тавассути истифодаи силоҳ даст ба барҳам задану нобудиаш ёзонданд.

Афсӯс, ки аз тарсу воҳима ва нигоҳ доштани курсии мансаб вазирону раисони кумитаҳо, аъзоёни Ҳукумати "муросои миллӣ", Раёсати Шӯрои Олӣ, қонуншиносону тарафдорони адолату ҳақиқат, дӯстону шогирдони Раҳмон Набиев, ки барои курсии мансаб шуда, дар гирдаш парвона буданду хоки пояшро сурмаи чашм мекарданд, шабу рӯз пояшон аз остонаи хонаву идораи ӯ канда набуд, ягон ҷавонмарде ёфт нашуд, ки ҷавонмардона ба тарафдории ӯ ҳарфе бизанад, амалиёти ҷиноятконаю ғайриқонунии оппозицияро ошкоро ба рӯяшон бигӯяд. Ин тоифаро ман хуб шинохтам, ки танҳо барояшон тахту ҷоҳ, мошину майдони ором, лаззати кабобу шароб ва ишваи маъшуқа бошад, шуд! Агар ба ақибашон шохи сафедор фурӯ равад ҳам, ба умеди болор ва ақаллан вассагӣ хурдтарин иқдоме нахоҳанд кард! Аксари онҳо аз тарси силоҳбадастон фикри ояндаи ҷумҳурӣ ва халқи онро накарда, номардона дар ҳуҷҷати ба истеъфо гусел намудани Раҳмон Набиев имзо гузоштанд. Вале миёни он ҳама ноҷавонмардони мансабпараст ҷавонмарди асиле мисли Зебуннисо Рустамова ёфт шуд. Ӯ натарсида миёни силоҳбадастон ақидаи худро иброз намуда гуфт: "Ин ҳама рафторҳои оппозиция ҷиноятконаро мебошанд, Раиси Ҷумҳурро халқ интихоб кардааст, на аъзои Ҳукумати "муросои миллӣ" ва Раёсати Шӯрои Олӣ. Ва истеъфои ӯро бояд халқ талаб намояд ва бо роҳи овоздиҳии пинҳонии умумихалқӣ қабул намоянд! Барои ин ҷавонмардию ҷурьаташ рӯзи дигар хонаашро оташ заданд, молу мулкашро сӯзонданд, вале фикр мекунам, дар саҳфаи таърих номи азизиш бе ҷирму бе олоиш чун зани ҷасуру делер, ҳақиқатхоҳ ва якрӯву якзабон вирди забонҳо хоҳад рафт.

Афсус, ки модарони тоҷик чунин фарзандони асилу покизазамирро ангуштшумор ба дунё овардаанд, ки шоир фармуда:

Биёбонҳо пур аз хоре барои марди бонамус,
Бувад сад бор беҳтар аз гулу гулзори номардӣ,
Тамоми умр урён бош, лекин мисли мардон бош,
Нанӯш аммо даме ҳам бар ганат шалвори номардӣ.

Охир, дар он ҳуҷҷат вазирони матбуот Б. А. Маҳмадов, маданият А. Ҳ. Хоҷаев ва чанде дигарон низ имзо нагузош-

танд-ку? Пас, фақат имондориву матонат зарур будааст, на телбагиву хирасарӣ!!

Хандаовараш он буд, ки аъзоёни Ҳукумати "муросои миллӣ", Раёсати Шӯрои Олӣ камбудӣ ва гуноҳи худро нисбати ба сулҳу салоҳ наомадани тарафҳои ба ҳам мухолиф, доманадор гардидани ҷанги бародаркуш, паст рафтани иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва некӯаҳволии мардумро ба гардани Раиси Ҷумҳур Р. Набиев бор намуда, истеъфои ӯро мепурсиданд. Ҳол он ки Ҳукумати "муросои миллӣ" бо сарварии А. Мирзоев ҳангоми таъсис ёфтан ба сулҳу салоҳ овардани тарафҳо, беҳ гардонидани некӯаҳволии мардум ва дигарҳоро ба ӯҳда гирифта буд. Пас, чаро масъалаи ба истеъфо рафтани Ҳукумати "муросои миллӣ" таҳти сарварии А. Мирзоев ва Ҷ. Каримов ба миён наомад?! Охир, инсоф диҳед, маҳз он дастгоҳ вазифаи худро иҷро накард ва зиёда аз 80 фисади мардуми ҷумҳурӣ онро талаб мекард!

Идораи садо ва симои "мардумӣ" изҳороти Ҳукумати "муросои миллӣ" ва Раёсати Шӯрои Олиро такрор ба такрор гӯшраси мардум мегардонид. Аз номи азиятдидагони Кӯлобу Қӯрғонтеппа, Вахшу Кофарниҳон, гурезагон, ашхосе, ки наздикони худро дар ҷанги хонумонсӯз гум кардаанд, баромаду репортажҳои сохтаю бофта ташкил намуда, Р. Набиевро гунаҳкори хунрезиҳои ҷумҳурӣ меҳисобиданду истеъфояшро талаб мекарданд. Мухолифин ва ҷонибдоронаш интизори оғоз гардидани сессияи навбатии Шӯрои Олӣ буданд.

Аз ҷониби дигар, борҳо Акбаршоҳ Искандаров қатъиян талаб карда буд, ки агар С. Кенҷаев ва Н. Дӯстов аз вазифа сабукдӯш гарданду ӯ ба сари қудрат биёяд, бо Раёсати Шӯрои Олӣ вазъи ҷумҳуриро орому осуда намуда, тарафҳои муқобилро ба сулҳу салоҳ меорад. Вагарна Раёсати Шӯрои Олӣ бо сарварии ӯ ба истеъфо хоҳад рафт.

Мо ба тақдир тан дода, барои нарехтани хуни инсон 7 майи соли 1992 мансабро супоридем, вале Раёсати Шӯрои Олӣ бо сарварии А. Искандаров вазъи ҷумҳуриро ба эътидол оварда натавонист, ҷанги бародаркушии оғозгардида идома ёфту даҳҳо ҳазор мардуми ҷумҳурӣ ба қатл расонда шуд. Шумораи бедараку ғайбзадагон чандин ҳазор нафарро ташкил медиҳанд, 537 ҳазор одамон расман номи гурезаро гирифтаанд. Танҳо аз шаҳри Душанбе бештар аз 50 ҳазор нафар одамон кӯч бастанд. Аз ҷумҳурӣ зиёда аз 80 ҳазор нафар мутахассисони хоҷагии халқ, кормандони фабрикаю заводҳо, муҳандисон, сохтмончиён, муаллимон, духтурон, олимон рафтанд. Хусусан, ҷумҳуриро тарк кардани олимони Академияи улум ва мактабҳои олӣ, ки дар пешрафти илми миллиамон ҳиссаи сазоворе гузошта буданд,

хеле гарон буд. Муассисаҳои илмии академияро зиёда аз ҳафт ҳазор мутахассисони дараҷаи олӣ, беш аз ҳама олимони номдор партофта рафтанд. Фақат аз як Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино 9 нафар докторони илми тибб, профессорон, 39 нафар номзадҳои илми тибб ва бештар аз 80 нафар омӯзгороне, ки дар як вақт табибони дараҷаи олӣ маҳсуб мешуданд, рафтанд.

Дар ҷумҳурӣ даҳҳо ҳазор хонаҳо оташ зада, молу мулки мардум ғорат карда шудааст... Танҳо аз Вазорати нақлиёти ҷумҳурӣ зиёда аз 5 ҳазор адад автомашинро ба зодгоҳи А. Искандаров ба яғмо бурданд.

Аз рӯи ҳисоби нопурраи кормандони Вазорати молияи ҷумҳурӣ танҳо корхонаю муассисаҳои ба шаҳри Душанбеву Норак ва Ноҳияҳои Куйбишев, Ҷилликӯл, Колхозобод, Вахш, Бохтар, Данғара, Қумсангир, Комсомолобод, Ёвон, Шӯрообод, Ленин, Ҳисор, Кофарниҳон, Москва, Восеъ 60585773, 9 ҳазор сӯм зарари моддӣ расонида шудааст. Аз ҷумла, ба ноҳияи Ҳисор 345992, 5 ҳазор сӯм, Ленин — 161966, 1 ҳазор, Ҷилликӯл — 4868719, 8 ҳазор, Фрунзе — 41508366, 4 ҳазор, Восеъ — 395491, 5 ҳазор сӯм ва ғайра.

Ба ҳамаи ин кӣ гунаҳкор аст? Оё танҳо Раиси Ҷумҳур? Магар Ҳукумати "муросои миллӣ" ва Раёсати Шӯрои Олӣ дар киштии дигар нишастааанду мамлакати дигареро роҳбарӣ доранд?!

Чаро Раёсати Шӯрои Олӣ нисбати ба истеъфо рафтани худ бо сарварии А. Искандаров масъала нагузошт?! Ҳол он ки талаби гурди миллии вилояти Кӯлоб, гурди "Начот"—и Қурғонтеппа ва зиёда аз 80 фисади мардуми ҷумҳурӣ ва қисми зиёди депутатҳои халқи Тоҷикистон дар сессияи понздаҳуми Шӯрои Олӣ маҳз ба истеъфо рафтани Раёсати Шӯрои Олиро бо сарварии А. Искандаров талаб карда буданд, на истеъфои Раиси Ҷумҳурро!

Охир, агар ҳар як аъзои Ҳукумати "муросои миллӣ", Раёсати Шӯрои Олӣ нисбати халқу миллат боинсофонаю садоқатмандона кору амал накунад, ба яклигарфурӯшӣ orora бошад, танҳо Раиси Ҷумҳур чӣ кор ҳам карда метавонад?!... Ва алалхусус дар он даврае, ки зиёда аз 90 фисади Ҳукумати "муросои миллӣ" ва Раёсати Шӯрои Олӣ ҷонибдори мухолифин буд. Раиси Ҷумҳур чӣ коре карда метавонист?! Ин нақшаи навбатие буд, ки ғӯё шаклан ба қонун наздик асту мазмунан ғайриқонунӣ ва табаддулоти давлатӣ, ки роҳи аз сари қудрат дур кардани Раиси Ҷумҳурро фароҳам меовард.

Яъне чунин намуди талаб кардани истеъфои Раиси Ҷумҳур ғайриқонунӣ буд. Аъзои Ҳукумати "муросои миллӣ" ва Раёсати Шӯрои Олӣ Раиси Ҷумҳурро интихоб накардааст ва ӯ дар назди онҳо ҳисоботдиҳанда ҳам нест!

Баъд аз ин, Раёсати Шӯрои Олӣ бо сарварии А. Искандаров, ки ташкилкунандаи ҳамаи макру бадбахтиҳо буду истеъфои Раиси Ҷумҳурро чанде пеш нахустин бор дар изҳороти Раёсати Шӯрои Олӣ талаб карда буданд, барои кашидани нақшаи дигари пур аз макру фитна хурсандона ҷамъ омаданд.

Дар илми фаросати китоби "Ахлоқи Мӯҳсинӣ"—и Ҳусайн Воизи Кошифӣ нисбати чунин ашхос хуб омадааст:

— ҳар кӣ кӯтоҳҳомат бувад, пурҳилла ва маккор бошад;

— кабудиву сабзии чашм далелест бар сахтрӯй ва бешармӣ ва хиёнату фисқ ва заъфи ақл ва ракокати рой;

— гардани кӯтоҳ нишони макру хубс бувад.

А. Искандаров мехост худро дар ду курсӣ бинад, вале дарк накард, ки нафси бад коҳиши ҷон асту дар ду курсии шоҳона нишастан саҳлу осон нест. Барои ин ақлу имон ва донишу хиради фаровон доштан зарур аст, ки он бечора аз ин гуна истеъдодҳои фитрии яздонӣ орист!

Вале Акбаршоҳ Искандаров ба худ наандешид, ки барои сарвари давлат гардидан ба ғайр аз хоҳиши худу кӯмаки силоҳбадастон, содир намудани табаддулоти давлатӣ аз ҳама меъёри асосӣ: хонаи дилро бо ҷорӯби риёзат аз хасу хошок пок сохтан лозим аст, то тахтгоҳи тоҷи султонӣ ҳақиқату адолат гардад;

— аз тавсияҳои "Футувватномаи султонӣ", "Ахлоқи Мӯҳсинӣ", ва "Рисолаи ҳотамия", "Сиёсатнома", "Дастур-алмулук" ва дигарон бохабар бояд буд ва роҳҳои амалӣ гардондани онро омӯхт;

— илми тариқат, риёзати нафс, хирад, фақр, адаб ва одоби аркони онҳоро бояд хирадмандона донист ва амал кард.

Ҳар касе ки ба коре шурӯъ кунад, бояд ки баробари ҷои даромад, ҷои баромадашро ҳам бубинад ва зарару нафъи ба худу халқашро ба мизони ақл бисанҷад, то ки ранҷи беҳударо ба худу мардум раво набинад...

То накунӣ ҷои қадам устувор,
Пой манеҳ дар талаби хеч кор.
Дар ҳама коре, ки дарой нахуст,
Рахнаи берун шуданаш кун дуруст.

Афсӯс, ки ин меъёрҳо барои Акбаршоҳ Искандаров дастнорасу гӯшношунид буд, худованди карим аз рӯзи азал ба ӯ чунин сифатҳоро лоиқ надида. чунки фақр бо хулқи некӯ

тамом мешавад. Аз ин рӯ, ҳар кӣ хулқ дорад, сифатҳои дигар, ки дар фақр ба кор оянд, дорад. Аз ин ҷо ҳар чӣ дар тамоми аркони фақр мавҷуд аст, дар хулқ мавҷуд аст, зеро ҷое, ки хулқ бошад, лозим аст, ки илм бошад, ҳар ҷое, ки илм бошад, лозим аст, ки ҳилм бошад ва ҳар ҷое, ки ҳилм бошад, лозим аст, ки зӯҳду покӣ бошад, вале ин одамаки нотавон аз инҳо бенасиб...

Дар маҷлиси Раёсати Шӯрои Олӣ даъвои оппозицияро дар бораи ҳалли масъалаи истеъфои Раиси Ҷумҳур ва вазъи сиёсии ҷумҳурӣ муҳокима намуда, оиди гунаҳкор ҳисобидани Раиси Ҷумҳур нисбати бадбахтиҳои ба сари ҷумҳурӣ омада изҳорот ва қарор қабул карданд аз 2 сентябри соли 1992 таҳти №897, ки 4-уми сентябрри соли 1992, соати 10 сессияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ дар шаҳри Душанбе даъват карда шавад. Бо ин Раёсати Шӯрои Олӣ амалиёти оппозицияро оиди забт карда гирифтани Кохи Раиси Ҷумҳур, Девони Вазирон, гаравгон гирифтани 32 нафар корманди масъули Ҳукумату идораи Президент ва ваҳшиёна ба қатл расондани Сайфиддин Сангов, гӯё қонунӣ ҳисобида бошад, ҳарфе назад. Ҳол он ки табаддулотгарону ғосибон ҷиноятї сахту вазнини нангине дар назди миллат содир карда буданд. Ва ба ҷиноятї содиркардаи онҳо М. Навҷувонов, Ҷ. Аминов, А. Ҳабибов, А. Соҳибназаров ва худи А. Искандаров то андозае шарик буданд. Дар назди онҳо 32 нафарро ба гарав гирифтанду ба ситодҳо бурда, якеашонро ба қатл расонданду дигаронро лату кӯб карданд, агарчи онҳо роҳбари давлат, сарвари органҳои муҳофизати ҳуқуқ ва зидди ҷиноятқорӣ буданд. Пас, чаро вакилони мардум ва кормандони масъулро муҳофизат накарданд?! Пас, аъзоёни Раёсати Шӯрои Олӣ ва ҳукумат киҳо буданду фарзанди кадом миллат? Кадом мардум онҳоро вакили худ интихоб карда буд? Ва имрӯз як қисмашон ба рӯи худ ниқоб кашида, зери қаноти роҳбарияти қонунӣ, ки пас аз рехтани хуни ҳазорҳо ҷавонмардони роҳи озодӣ ба сари қудрат омаданд, чун мусичаи бегуноҳ даромаданду худро ҷонибдори Ҳукумати қонунӣ вонамуд медоранд. Ҳушёрӣ бояд, зеро ҳукуматдорон ғофиланд ва ҳамаи ин "ҷонбозиҳояшон" барои мансабест. Онҳо забонбозу замонасозанд, ки Ҳукумати кунуниро месазад худро аз камбудиҳои гузашта канор гираду фарохтар ва дақиқтар ба ҳаракати чунин тоифаҳои беимон назоратандозӣ дошта бошад.

Не, онҳое, ки имрӯз зери домани дигарон худро пинҳон сохтаанд, морбозу хиёнаткоранд, арвоҳи Нурулло Ҳувайдуллоев, Сайфиддин Сангов, Муродуллоҳи Шерализода, Сангак Сафаров, Файзалӣ Саидов, Раҳматҷон Холматов, Ботур Исҳоқов ва садҳо

шаҳидони роҳи ҳақиқат оромашон нахоҳад гузошт, рӯзи некро нахоҳанд дид. Онҳо шарикону ҳамтабақони қотилонанд...

Вазъияти бамиёномада, аз як тараф, ба қатл расондани сарсупурдагони миллат Муродуллоҳи Шерализода, Нурулло Ҳувайдуллоев ва Сайфиддин Сангов, аз тарафи дигар, таъқибу таҳдид ба Раиси Ҷумҳур Р. Набиев ба мухолифин қувват мебахшид, мардуми бонангу номуси Хатлонзамину Вахшонзаминро ба шӯр меовард, ки амалиётҳои ҷангиро дар вилояти Қурғонтеппа пуршиддат мегардонид. Горди миллии оппозиция бо қувваи ҷангии "давлат" пайваст шуда, бо силоҳу лавозимоти ҷангии ҳозиразамон мусаллаҳ гардида, ба муқобили дастаҳои Файзалӣ Саидов, Сангак Сафаров, Бӯрихон Ҷобиров, Шералӣ Мирзоев, Лангарӣ Лангариев, Ёқуб Салимов, Қурбон, Султон Ҷалолов, Сӯҳроб Афгонов, Мадином ва дигарон меҷангиданд.

Дар ин муборизаҳо бо мардуми ҳақпарасти Хатлонзамин тамоми халқу миллати Вахшонзамин, ки тарафдори майдони "Озодӣ" ва давлати қонунии то 7-уми майи соли 1992 амалкунанда буданд, пайвастанду ба муқобили горди миллии оппозиция мубориза мебурданд. Аз он ҷумла мардуми русзабону ӯзбекзабон, ленинободию ҳисорӣ, ғозималикию туркманҳо бо сарварии Маҳкамбой Шарифов, Азим Ғаниев, Фарҳод Ӯрунов, Рустам Холиқов, Муҳаррама Мирзоалиева, Тошпӯлод Кавраков, Хӯҷамурод Хаспаллаев, Таҳмӣхон Шукуров, Хӯҷамурод Каримов, Хӯҷа Мирзоев, Амонбой Замонов, Абдуваҳҳоб Холиқов (ӯротеппагӣ), Қосим Бобоев (гончигӣ), Исломбой Зарифов, Муҳагор Самандаров (айнигӣ) Ҳаким Раҳимов (қаротегинӣ), Шукурулло, Зикрулло, Забеҳулло, Давлат, Муҳибулло Ҳайдаровҳо, Муродҷон, Юсуфҷон, Аюбҷон Муҳаммадиевҳо (Панҷакентӣ) Юра — аз Калинобод, Восити ёвонӣ, Набиҷон Эгамбердиеви душанбегӣ, Кӯчар-паҳлавон, Бегмат-паҳлавон (туркман) ва ғайра саҳм гирифтанд.

Ҳукуматдорон онҳоро дастаҳои сиёҳкори зиддидавлатӣ номида тавассути дастгоҳи ахбори умуми ҷумҳурӣ ҳарчӣ бештар сиёҳ менамуданд.

1—уми сентябри соли 1992 Сангак Сафаров ва Лангарӣ Лангариев бо дастаҳои худ барои ба сулҳу салоҳ даъват намудани мардум ва хотима додани ҷанги бародаркуш ба вилояти Қурғонтеппа омаданд ва 2—юми сентябри соли 1992 дар майдони "Озодӣ"—и назди бинои кумиҷроияи вилоят гирдиҳамоӣ ташкил намуданд. Дар гирдиҳамоӣ Сангак Сафаров суханронӣ намуда, мардумро ба сулҳу салоҳ, дӯстию бародарӣ, хотима додан ба ҷанги бемантиқ даъват кард. Вале тарафи мухолиф, ки маҳрури "зафарҳо" гардида, ҳоло аз хуни инсон

сер нашуда ба мақсади нопоки худ нарасида буд, дилу нияти қаҳ гардондани ҷанги бародаркушро надошт, бинобар ин, дар чор тарафи майдони гирдиҳамої силоҳбадастони оппозиция ва кормандони ВКД—и ҷумҳурї камин гирифта, мунтазири фармони кушодани оташ буданд. Мардуми зиёди хайрхоҳ, зану мард, кўдакону пирамардон ҷамъ омада, ҳама имдодталабона чашми умед ба он баста буданд, ки худо дар дили гурўҳҳои силоҳбадасти мухолифин нисбати занону тифлакони бенаво, ҷавонмардони аз сад гул як гулашон нашукуфта раҳму шафқат ато мекунаду онҳо ба сулҳу салоҳ ва ифоқа мсоянд ва об ба лаби ҷўй баробар мешавад.

Ҳайҳот, ки бори дигар умеду орзуи мардуми бенавою рўзнадидаи миллатамон бар абас рафт...

Ногоҳ яке аз ҷанговарони дастаи хоҷї Саид Абдуллоҳи Нурї ва эшони Саидашраф Гадо аз рўи нақша аз таппонча ба тарафи дастаи бобои Сангак Сафаров тир холї кард, ки ин шумхабари ҷанг буду ҳамон замон аз се тараф оппозиция ба муқобили мардуми бесилоҳ ва дастаҳои Сангак Сафаров, Лангарї Лангариев, Маҳкамбої Шарифов ба тирборон шурўъ карданд. Дар он ҷанг Лангарї Лангариев бо дастааш, ки аз 24 нафар иборат буд, бо ҳамроҳии Сафармат (Кабуд) Рустамов, Қурбон Чолов, Иззат Қўқанов, Зоҳиршоҳ (Звер), Абдураҳмон ва дигарон қаҳрамонї нишон дод. Битавонист бо дастаи Бобои Сангак Сафаров, Маҳкамбої Шарифов ва Файзалї Саидов мардумро аз майдон барорад, хуҷуми оппозицияро гардонад ва зиёда аз 60 нафар тарафдорони оппозицияро, ки дар бинои комитроияи вилоят буданд, бесилоҳ намояд. Ба гуфтаи яке аз иштирокку-нандагони фаъоли ин муҳориба Фарҳодҷон Ўрунов аз ду тараф зиёда аз 20—25 нафар ҳалок гардид ва даҳҳо нафар захмин. Онҳо ситоди гурди миллии худро ба маҳаллаи ургутнишин, ба хонаи Фарҳодҷон Ўрунов гузаронданд.

Ҳангоми сўҳбат Илёс Саидмуродови 33-сола, коргари шўъбаи алоқаи шаҳри Қўрғонтеппа иброз дошт:

— Рўзи 2-юми сентябри соли 1992 дар маркази шаҳри Қўрғонтеппа гирдиҳамоии оштї барпо гардид. Аз вилояти Кўлоб бо сарварии Сангак Сафаров ва Лангарї Лангариев як гурўҳ одамон омада, гирдиҳамої ташкил карда буданд. Сангак Сафаров баромад карда гуфт: "Биёед, ҷанги бародаркушро бас кунем, якдигарро ба оғўш гирему чун пештара аҳлона зиндагї кунем". Одамони мухолифин ба ҳаҷорату дашномдиҳї оғоз намуданд. Онҳо ҷангро сар карда, моро тирборон намуданд. Мо одамони ба гирдиҳамої омадаю кўлобиёнро илоҷе карда, аз маҳаллаамон гузаронда, ба қисми ҳарбии шаҳрак бурдем.

Азбаски дар шаҳрак аҳли оилаи ҳарбиён зиндагӣ мекарданд, ҳарбиён БТР—ҳоро бароварда, шаҳракро иҳота карда, зери муҳофизат гирифтанд. Вагарна мухолифин садҳо гирдиҳамомадагонро ба қатл мерасонданд. Ҳамаи кормандони ВКД—и вилояти Қӯрғонтеппа ва ҷумҳурӣ тарафдорони мухолифин буданд. Ҷонибдорони мухолифин баъд аз куштор рӯирост ба ғорати молу мулк гузаштанд. Дар рӯзи равшан бо мошин омада, одамонро ба қатл мерасонданду молу амволашонро ба яғмо мебурданд. Аз 15 нафар аҳли хонаводаамон мо 8 нафар илоҷе карда, то ба Хуҷанд ҷон ба саломат омадем. Онҳое, ки мардумро куштанд, амволи онҳоро ғорат карданд, боз худро мусулмон меҳисобанд?! Не, онҳо аз мақоли "Мӯъмин бародари мӯъмин" бехабаранд!

Шаби 2-юм ба 3-юми сентябри соли 1992 ҷанг дар маҳаллаи ургутиҳо пуршиддат мегузашт. Вазъияти Лангарӣ Лангариев, Сангак Сафаров ва Маҳкамбой Шарифов, Азим Ғаниев бисёр ҳолати табоҳу нобаробарро мегирифт.

Қувваи ҷангӣ ва техникаи ҳарбии оппозиция чандин маротиба зиёд буд. Ба ман хабар расид, ки вазъият дар Қӯрғонтеппа бисёр ҳам муташаннич гардидааасту фавран ба Бобои Сангак Сафаров ва Лангарӣ Лангариев сим занам, то вазъиятро бифаҳмаму бо дӯстонам чораҳои зарурӣ биандешам.

Ман ба ситоди онҳо, ки дар хонаи Фарҳодҷон Ӯрунов қарор гирифта буд, дар ҳузури дӯстам Асадулло Ӯрунов ва Ҷамшед Иборӣҳимову Амирқул Азимов ба воситаи зани ҷасуру бофарҳанг, ки ҷигарбирёни халқу миллатамон асту хурду калони вилояти Ленинобод эҳтиромаш доранд, дар идораи телефонҳои байнишаҳрӣ адои хизмат дорад,— Сулҳиябону бо телефони 2—54—17 сим задам, ки гӯшаки телефонро Лангарӣ Лангариев бардошт, овози тир аз силоҳу техникаи вазнин шунида мешуд. Агарчи ӯро боре надида будам ва бо воситаи телефон мешинохтам, вале овозаш, суханронию ҷасуриаш маро водор намуд, ки ғоибона ҳамдигарро бародари қиёматӣ бихонем. Ҳис мекардам, ки вазъияти бисёр ҳам мушкилу сангин барояшон фаро расидаву зинда монданашон мисли ашки сари мижгон аст. Вале рӯҳафтода набуд, ба қувваю ҷасораташ боварӣ дошт.

Вақте пурсидам, ки "Чӣ ҳол доранду чӣ гуна кӯмак ба онҳо расонем", дар ҷавоб Лангарӣ Лангариев гуфт: "Акаи ҷон, парво накун, ҳамааш нагз меша, ғалаба мекунем, зӯри "вовчикҳо" ба мо намераса, ҷанговарон ба номи Нурулло Ҳувайдуллоеву Шумо қасам ёд карда, ба ҷанг рафта истодаанд. Ба мо фақат "семочка" ва "макарон" бошад мешава, "семочка", ака, як бало кунед!!!

Хостам бо Сангак Сафаров гуфтугӯ кунам, вале Лангарӣ Лангариев гуфт: "Бобои Сангак каме касал шудай, дилаша дард гирифтай, ҳовай, мегӯям, ки акам сим зад".

Сипас бо дӯстонам Асадулло Ӯрунов, Темурҷон Раҳимбоев, Ҷамшедҷон Иброҳимов, Искандар Тӯрахоҷаев, Амирқул Азимов ҳамон шаб чӣ коре накардем, ба назди даҳҳо касу нокас сари баланди худро хам накардем, ба кӯҷоҳо нарафтем, ҳама коре, ки аз дастамон меомад, кардему пагоҳӣ саҳар танҳо "семочка"—ро ба штаби Лангарӣ Лангариев расондем. Ба мо Лангарӣ миннатдории зиёде баён кард. Яке аз вазифаҳои мо ҳамон буд, ки аз паси иҷрои он мекӯшидем...

Раёсати Шӯрои Олӣ ва Девони Вазирон нисбати рехтани хуни инсон дар вилояти Қурғонтеппа бепарво буд, бо мақсади ақидаи худро гузаронидан ва ҳарчӣ тезтар аз сари қудрат дур сохтани Раиси Ҷумҳур Р. Набиев тарафдорони талаботи мухолифин ба вилояту шаҳру ноҳияҳо тақсим гардиданд. Ба вилояти Ленинобод ҷонишини Раиси Шӯрои Олӣ А. Саидов ва мушовири давлатии Раиси Ҷумҳур оид ба сиёсат ва матбуот Рашид Олимов омаданд. Дар назди меҳмонхонаи вилояти Ленинобод, тасодуфан ба Рашид Олимов вохурдам, ки нисбаташ эҳтироми зиёд доштаму дорам. Пас аз салом пурсонаш шудам, чӣ ҳол дорад.

Р. Олимов оиди он ки чӣ гуна ӯро дар масҷиди деҳаи "Южний" азоб доданд, зери таҳқиру шиканҷа гирифтанд, бо арраи чӯббуррӣ мехостанд ӯро ба қатл расонанд, ба ман гуфта дод... Сухан мегуфту ашк дар чашмонаш ҳалқа мезад.

Дар толори комиҷроияи вилоятӣ депутатҳои Шӯроҳои вилоятиву Олӣ ва роҳбарони корхонаю ташкилотҳо ҷамъ омаданд, чун пештара, аз рӯи методи кӯҳна, вакилони марказ аввал бо роҳбарият зери дари пӯшида маслиҳату машварат карданд, сипас, баъд аз 45—46 дақиқаи мунтазирӣ ба назди мардум омада, бо раиси комиҷроияи вилоят Ҷӯра Шокиров ба минбар баромаданд.

Банда агарчӣ даъват нашуда, бегона буд ва бисёриҳо аз ман мегурехтанд, вале бароям ҳаёти ҷумҳурӣ, мардуми он бисёр ҳам азиз буд, бинобар ин, новобаста ба хоҳиши роҳбарият дар он маслиҳат ширкат варзидам.

Мутаассифона, бояд ҳодисаеро хотиррасон гардонид, ки ҳамон шабу рӯз бори дигар покии ботину зоҳири баъзе марду номардро хеле хуб дарк кардем. Дигар илоҷе надоштем, бинобар ин бо Асадулло Ӯрунов дили нодилон ба рӯямон чарми сиёҳ кашида, ба назди собиқ раиси комиҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Ленинобод мӯҳтарам Ҷ. Ш. Шокиров омада,

сари баландамонро паст намуда, ба ӯ вазъияти шаҳри Қӯрғонтеппа, алалхусус, Ургутмаҳалларо баён намудем. Ҳангоми сӯҳбат ба ӯ изҳори ақида намудем: "Лангарӣ Лангариев ва Сангак Сафаров бе тир мондааанду силоҳбадастони мухолифин мардуми бегуноҳу бесилоҳро кушта, хонаҳояшонро оташ зада истодаанд."

Аз Ҷӯра Шокиров дасти ёрӣ пурсидем. Дар ҷавоб беандеша ва хело даҳал ба мо гуфт: "Ба корҳои ҷанг ҳамроҳ намешавад, агар тир дошта бошад ҳам, ба касе намедиҳад". Суханронияш, тарзи гуфтугӯву муносибати ӯ шояд асрҳо аз хаёлам наравад!...

Суханони роҳбарияти вилоят, депутати халқи Ҷумҳурии Тоҷикистонро шунида карахт шудем, гӯё сатили оби хунукро аз сарамон рехта бошанд, замин накафид, ки дароем... Ҳол он ки худи ӯ 9—уми маи соли 1992 бо як азобе ҷони худро аз дастаҳои хуношоми ваҳҳобиён халос намуда, бо Абдумалик Абдуллоҷонов тавассути роҳи мошингард аз Душанбе ба вилояти Ленинобод омада буд...

Аз ӯтоқи кории ӯ баромада, ба Асадулло Ӯрунов гуфтам, ки Мавлоно хуб фармуда:

Ба даст оҳани тафта кардан хамир,
Беҳ аз даст бар сина пеши амир.

Афсӯс, имрӯз баъзе рафиқону шогирдоне, ки танҳо барои он, ки зодаи Кӯлоб ё аслу насабашон кӯлобӣ буд, соҳиби мансабҳои олии давлатӣ гардидааанду мутакаббирона ба мову дигарон аз боло, зери айнак менигаранду дар он рӯзҳои талхи мардуми ҷумҳурӣ, алалхусус, халқи ҷасури Хатлон аз тарсу воҳимаи мухолифин сарашонро аз зери домони завҷаҳояшон намебардоштанду ба берун намебаромаданд. Кай парвои он доштанд, ки киро дар куҷо мухолифин ба қатл мерасонанд.

Дар ҷамъомад Изҳороти Раёсати Шӯрои Олӣ ва Девони Вазирони ҷумҳурӣ аз тарафи А. Саидов қироат гардид. Мақсаду маромии асосии изҳорот аз он иборат буд, ки Раиси Ҷумҳур Р. Набиев барои вазъияти дар ҷумҳурӣ рӯйдода гунаҳкор аст ва бинобар ин истеъфои ӯ талаб карда мешавад.

Дар баромади худ ҷонишини раиси Шӯрои Олӣ А. Саидов бемантиқона ва ғаразнокона гуфт: "Гурезагони Кӯлобу Қӯрғонтеппа ба назди Кохи Президент омада, бо Раиси ҷумҳур вохӯрданро талаб кардаанд. Президент ба онҳо қаблан ваъдаи вохӯрӣ дода буд, вале онҳоро фиреб дода, вонахӯрд. Ва маҳз ана ҳамин боиси бетартибӣ шудааст".

Таи ин рӯзҳо Президент на бо аъзои Раёсати Шӯрои Олӣ, на бо аъзоёни Девони Вазирон вохӯрдан намехоҳад...

Инчунин А. Саидов суханронашро давом дода гуфт: "Талаби истеъфои Раиси Ҷумҳурро бисёре аз мамлакатҳои ҳамсоя, аз ҷумла ҷумҳуриҳои дар Осиёи Миёна будаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил низ ба миён гузоштаанд... "

Аксари депутатҳои Шӯрои Олӣ хуб карда буданд, ки аъзоёни Президиуми Шӯрои Олӣ ва сарвари онҳо ашхоси нопоку сатҳиянду тарафдори оромии ҷумҳурӣ нестанд, бинобар ин қарори Президиуми Шӯрои Олиро ғайриқонунӣ ҳисобида, аз иштирок кардан дар кори сессия қатъиян даст кашидаанд.

Азбаски суханҳои ӯ пур аз бӯҳтону аз ҳақиқат дур буд, ба маънои томаш сели саволҳо борид. Натиҷа ин буд, ки ин шахс ақидаи мустақил надошта, бозичаи дасти А. Искандаров аст. Биноан, ба зудӣ сари калобаашро гум карда, зери обу арақ монд. Ба ягон савол ҷавоби қаноатбахш гардонда натавониста, шармандавор нишаст.

Баромади Р. Олимов бошад, аз бисёр ҷиҳат аз суханронӣ ва ба воқеаҳо баҳодиҳии А. Саидов фарқ мекард.

Иштироккунандагони ҷамъомад ба сухан баромада, изҳороти Раёсати Шӯрои Олӣ ва Девони Вазирони ҷумҳурӣ оиди ба истеъфо гуселонидани Раиси Ҷумҳур ва Қарори Раёсати Шӯрои Олиро дар бораи даъвати сессияи Шӯрои Олӣ ғаразнок, баромади А. Саидовро бӯҳтони маҳз ҳисобиданд ва талаб карданд:

— чаро Ҳукумати "муросои" миллӣ ва Раёсати Шӯрои Олӣ аввал тартиботро ҷорӣ накарда, моҷароҷӯёнро ба ҷавобгарӣ накашида, масъали истеъфои Президентро ба миён гузошт;

— оё вазирон ва сарварони мақомоти амният ҳуқуқи маънавӣ доранд, ки чунин ҳуҷҷатро имзо намояд, дар сурате ки худашон ҳатто аз ӯҳдаи ташкили муҳофизати Кохи Президенту Девони Вазирон баромада натавонистанд, фармоиши Президентро дар бораи озод намудани он иҷро накарданд, Ҳукумати "муросои миллӣ", Раёсати Шӯрои Олӣ магар ба Президент ақаллан рӯзе имконият доданд, ки оромонаву мӯътадил кор кунад?

Саволҳо бе ҷавоб монданд.

Ҷамъомадагон якдилона ба қарор омаданд, ки сессия дар шароити ҳозира масъалаҳои дар рӯзнома гузоштаро дуруст ҳал карда наметавонад. Истеъфои Раиси Ҷумҳур бар хилофи қонун буда, дар ин рӯзҳо боиси сар задани ҷангу ҷидоли нав мегардад. Тамоми 66 нафар депутатҳои халқи ҷумҳурӣ аз вилояти Ленинобод, ки дар ҷамъомад ҳузур доштанд, қотеъона қарор

доданд, ки дар кори сессия иштирок нахоҳанд кард ва хоҳиш намуданд, ки ин мавқеъи онҳо ба маълумоти Раёсати Шӯрои Олӣ ва Девони Вазирони ҷумҳурӣ, воситаҳои ахбори умум расонда шавад.

Бо чунин рафтори нопоки худ А. Саидов шармандаю шармсор гардид, чун устухони хуб хоидашудаву партобшуда менамуд.

Рости, аз ҷумлаи ҷамъомадагон касе ба сӯяш таваҷҷуҳ накарду саломашро алек нагирифт. Фикр мекунам, ӯ худро он лаҳзаҳо зери замин медид! Гузашта аз ин, барои курсии мансаб шуда, А. Саидов кӯрнамакию имонфурӯшӣ зоҳир намуд, ки гӯё ба истеъфо рафтани Р. Набиевро роҳбарони ҷумҳуриҳои ҳамсоя талаб кардаанд. Ҳол он ки дар асл интавр набуд. Изҳороти ҳамон шаб қабулкардаи чор давлати ба мо ҳамсоя далелест ба сафсатаву палидкорона сухан гуфтани А. Саидов барин сиёсатмаобон, ки онро ба таваҷҷӯҳи хонандаи гиромӣ пешкаш медорам:

ИЗҲОРОТИ

Раисони Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Федерацияи Русия, Ҷумҳурии Ӯзбекистон
Дар робита бо воқеоти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рӯзҳои охир вазъи Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муташанниҷ гардид. Муборизаи сиёсӣ мамлакатро ба вартаи ҷанги дохилӣ расонд. Бар асари задухӯрдҳои мусаллаҳона хун мерезад, одамони зиёд, беш аз ҳама аз ҷумлаи аҳолии осоишта ҳалок мешаванд. Ба сохти конституционӣ ва дигарсозиҳои демократӣ хавфи воқеӣ таҳдид менамояд. Сарҳади ҷанубии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мунтазам вайрон карда, тавассути он миқдори зиёди аслиҳа ва лавозимоти ҷангӣ бо роҳи қочоқчигӣ вориди ҷумҳурӣ мегардад.

Мо бо назардошти қоидаҳои ҳуқуқи байналхалқӣ ва принципҳои башардӯстонаю ахлоқи нек изҳор мекунем, ки равобити бародаронаи халқҳоямон ногусастанӣ, сарҳади ҷанубии мамлакатҳои иттиҳод халалнопазир аст ва бояд ба сар задани ҷанги дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳ дода нашавад, зеро ин ба амнияти давлату халқҳои мо таҳдид карда, вазъи сиёсии минтақаро ноорам месозад.

Мо аз ҳукумат ва сарвароні гурӯҳҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб мекунем, ки дар шароити кунунӣ масъулияташонро барои рафъи воқеаҳои чӣ мамлакаташон ва чӣ саросари минтақа пурра дарк намуда, амал кунанд.

Албатта, худи халқи Тоҷикистон бояд тақдири ояндаи мамлакаташро муайян намояд. Ҳамзамон ҳеҷ кас набояд шубҳа дошта бошад, ки мо ба халқи бародари тоҷик дар бобати мўътадил гардондани вазъи мамлакат, мустаҳкам намудани пояи соҳибихтиёрӣ, якпорчагии қаламрави он, таъмини амнияти сарҳадҳои ҷанубии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил кўмаки зарурӣ мерасонем.

Мо халқи бародари Ҷумҳурии Тоҷикистонро даъват менамоем, ки аз имкониятҳои худ истифода бурда, дар мамлакат сулҳ ва мусолиҳаи миллиро барқарор намуда, вазъияти онро мўътадил гардонад.

Раиси Ҷумҳурии Қазоқистон	*Н. А. НАЗАРБОЕВ.*
Раиси Ҷумҳурии Қирғизистон	*А. А. АКАЕВ.*
Раиси Федерацияи Русия	*Б. Н. ЕЛЬЦИН.*
Раиси Ҷумҳурии Ўзбекистон	*И. А. КАРИМОВ.*

Инчунин депутатҳои Шўрои вилоятӣ ва Шўрои Олӣ, ки аз вилояти Кўлоб интихоб гардида буданд, бо назардошти қарорҳои сессияи понздаҳўми Шўрои Олӣ, ки ҳанўз мўҳлаташ ба охир нарасидааст, ҳуҷҷати махсус қабул карда, норозигии худро оиди Қарори Президиуми Шўрои Олӣ дар бораи даъвати сессияи шонздаҳум баён карданд.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, Президиуми Шўрои Олӣ депутатҳоеро, ки тарафдори оппозиция буданд, 4, 5, 6-уми сентябри соли 1992-юм дар толори Шўрои Олӣ нигоҳ дошта, бо воситаи идораи садою симои "мардумӣ" ва рўзномаҳо боқимондагонро ("намояндагонро") гунаҳкори оғоз нагардидани кори сессияи Шўрои Олӣ ва давом додани хунрезиҳо меҳисобиданд.

Депутатҳои халқи ҷумҳурӣ ҷамъ наомаданд, сессияи шонздаҳуми Шўрои Олӣ баргузор нагардид. Ин боиси он шуд, ки нақшаи оппозиция бо дасти депутатҳо барои аз сари қудрат дур намудани Раиси Ҷумҳур Раҳмон Набиев ҷомаи амал напўшид. Гузаронидани сессия дар дигар шаҳри ҷумҳурӣ барои мухолифину Искандаров хатарнок буд, чунки депутатҳои Шўрои Олӣ хуб дарк карда буданд, ки Ҳукумати "муросои миллӣ" ва Раёсати Шўрои Олӣ мардуми ҷумҳуриро ба сулҳу салоҳ оварда натавонистанду ҷанги бародаркушро оғозу ривоҷ доданд.

Сипас, роҳбарони оппозиция нақшаи дасисаи дигареро тарҳрезӣ намуданд. Бо роҳи зўроварӣ ва террори сиёсӣ хостанд, ки ўро аз сари қудрат дур созанд. Ва ин мақсади охирини мухолифин буд, ки эшон бадбахтии минбаъдаро нодида гирифтанд!.

Беҳуда Мирбобо Мирраҳимов 6-уми сентябри соли 1992 дар саҳифаи 18-уми дафтари хотираи худ, ки дар натиҷаи кофтуков органҳои тафтишоти пешакӣ 22-юми маи соли 1993 ба даст даровардaнд, сатрҳои зеринро сабт нанамудааст: "Он рӯз банда дар маҷлиси Девони Вазирон, ки дар бӯстонсарои он мегузашт, ширкат меварзид... Акнун, шукри худо, дар ҷумҳурии мо на Раиси Ҷумҳур ҳасту на сарвазир, ҳама одамони худӣ...

Раиси Ҷумҳур аслан аз 31-уми август гуреза шудааст. Ҷавонони Душанбешаҳр, гурезаҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппа Қасри Раиси Ҷумҳур ва Девони Вазиронро гасб кардаанд. Раиси Ҷумхур гӯё дар паноҳгоҳи худ, дар Қаротоғи ноҳияи Шаҳринав истода, ба Кӯлобу Қӯрғонтеппа сим зада, мардумро хезонда-аст..."

Алқисса, миёни эшелони болои мухолифин ва ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи аз сари қудрат дур сохтани Раиси Ҷумҳур пурра ҳаллу фасл гардида буд.

Ҳамин тавр, 7-уми сентябри соли 1992 бо пешниҳоди Раёсати Шӯрои Олӣ гӯё барои ҳаллу фасли баъзе масъалаҳо вобаста ба сохтори давлат мебоист, ки Раиси Ҷумҳур Раҳмон Набиев бо ҳамроҳии аъзоёни Раёсати Шӯрои Олӣ ва як қисми аъзоёни Ҳукумати "муросои миллӣ", кормандони Девони Вазирон ба вилояти Ленинобод парвоз мекарданд ва бо депутатҳои халқи вилояти Ленинобод ва намояндагони халқи ҷумҳурӣ, ки аз вилояти Ленинобод интихоб гардидаанд, ҳамсӯҳбат мешуданд. Агарчӣ зарурати барои ба вилояти Ленинобод омадани онҳо ва масъалаҳое, ки ҳаллу фаслашон ба дӯши роҳбарони олимақоми ҷумҳурӣ гузошта шуда дар вилоят набуд. Ин дасисаи навбатӣ буд...

Дар вақти муайяншуда Раиси Ҷумҳур чизеро пай набурда, соддалавҳона, мувофиқи ваъда бо муҳофизонаш дар хонаи пазироии меҳмонони расмии фурудгоҳи шаҳри Душанбе ҳозир гашт. Аз аъзоёни Президиуми Шӯрои Оли ва Ҳукумати "муросои миллӣ"— и Девони Вазирон дараке нест, агарчӣ тайёра ба парвоз омода буд.

Корманди хонаи пазироии меҳмонони расмии фурудгоҳ чизеро пай бурда, Раҳмон Набиевро хабардор намуда, изҳори ақида менамояд: "Аъзоёни Раёсати Шӯрои Олӣ ва ҳукумат бо сарвории Акбаршоҳ Искандаров барои ба шаҳри Хуҷанд парвоз намудан ба фурудгоҳ омада буданд. Вақто ки омадани Шуморо фаҳмиданд, миёни худ нисбати ким-кадом масъала маслиҳат намуда, дар як они воҳид бо тезӣ ба мошинҳои худ нишаста, фурудгоҳро тарк карданд. Ҳол он ки ба парвоз тайёр будани

тайёраро ба онҳо хабар дода будам. Боз дар ин ҷо хиёнате ниҳон набошад..."

Ба ҳамаи ин соддалавҳона нигариста, баҳо надод. Беҳуда нагуфтаанд, ҳар мусибате, ки ба сари инсон меояд, натиҷаи ғафлату саҳлангории худи ӯ ё хиёнати наздикони ӯст.

Саъдӣ фармудааст:

Зй хидмат макун як замон гофилй

Алқисса, зери коса нимкоса буданашро Раиси Ҷумҳур ва посбонҳояш дарк намекунанд ва ба худ намеандешиданд, ки чаро аз шахсоне, ки бояд парвоз мекарданд, касе ба фурудгоҳ наомадааст. Охир, аз рӯи мантиқ ва қоидаи давлатдорӣ бояд, ки онҳо аз Раиси Ҷуҳур пеш омада, ӯро пешвоз мегирифтанд?! Шахсони масъул ӯро гусел мекарданд?!

Агарчӣ, ба пиндори ман, ин саҳнаи мазҳакаи "ҳаҷвӣ" хеле пеш тарҳрезӣ шуда буд, барои исботаш далелҳои зиёде мавҷуд аст, ки Давлат Исмон, Акбаршоҳ Искандаров хуб медонистанд ва аз ҳақиқат дур нест, ки бо супориши худи онҳо, аз рӯи тарҳи нақшаи пешакӣ дастаи ҳоҷӣ мулло Абдуғаффор ва Исматуллоҳ Ҳабибуллоев, Руслан Муборакқадамов, Маҳмадкарим Маҳмадалиев, Тоҳир Бобиев, Кӯкинӣ Гулбек ва Пирмаҳмади Алӣ фурудгоҳро муҳосира кардааанду мунтазири омадани Раиси Ҷумҳур буданд. Аз рӯи маслиҳати пешакӣ бояд ки аъёзони Президиуми Шӯрои Олӣ ва Девони Вазирон, ки ба шаҳри Хуҷанд парвоз мекарданд, баъди дастгир намудани Раиси Ҷумҳур ба фурудгоҳи шаҳри Душанбе ҳозир бояд мешуданду аризаи иҷбории ба истеъфо баромадани ӯро қабул мекарданд. Дар сухани хотимавии худ дар сессияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Набиев бори дигар иброз дошт: "Пеш аз ба фурудгоҳ омадан бо Акбаршоҳ Искандаров рӯ ба рӯ нишаста соати парвозро ҳаллу фасл карда будам. Дар ҳузури Акбаршоҳ Искандаров бо раиси кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Кӯлоб Қурбоналӣ Мирзоалиев тавассути телефон гуфтам, ки мо ҳозир ба шаҳри Хуҷанд парвоз мекунем, Шумо ҳам парвоз намоед, дар он ҷо бо ҳамдигар вомехӯрем. Акбаршоҳ Искандаров қатъиян ваъда дод, ки дар соати муайяншуда ба фурудгоҳ мебарояд, новобаста аз он, ки Раёсати Шӯрои Олӣ хоҳиши ба шаҳри Хуҷанд парвоз кардан дорад ё не. Ба ӯ бовар кардам. Онҳо морбозона маро фиреб доданд". Вале он ашхос боре ба худ намеандешиданд, ки "Анҷоми морбоз дар неши мор аст". Чунки ҳар касе, ки бо кори хавфу хатарнок машғул аст, рӯзе зарари он ба ӯ хоҳад расид...

Ин нақша аз тарафи роҳбарони оппозиция ва баъзе сарварони давлат дақиқ тарҳрезӣ шуда буд, вале чун пештара муҳофизони Раиси Ҷумҳур, кормандони КАМ*—и ҷумҳурӣ ғофил буданд.

Раиси Ҷумҳур то дараҷае ба афсуни оппозиция (мазҳаби ваҳҳобия) гирифтор шуда, ё омад накардани давлат буд, ки аз нақшаи кашидаи онҳо қадаме фарохтар намегузошт. Вагарна зиёда аз як соату понздаҳ дақиқа мунтазири Раёсати Шӯрои Олӣ ва Девони Вазирон гардидани ӯ чӣ маънӣ дошт? Чаро бо тайёра парвоз карда ба Хучанд наомад? Охир ӯ роҳбари ҷумҳурӣ буд?! Чаро баргашта ба дивизияи 201—уми артиши Федерацияи Русия нарафт?! Борҳо ба Искандарову аъзоёни Президиуми Шӯрои Олӣ сим зад, ба воситаи дигарон онҳоро кофтуков кард, касеро наёфту аз ин хулосаи даркорӣ набаровард?!

Аз идораи Шӯрои Олӣ ҳама як ҷавоб медоданд: "Онҳо ба фурудгоҳ барои парвоз ба шаҳри Хучанд рафтаанд". Вале соддалавҳона ё зери фишори афсуни муллоҳои беимон Раиси ҷумҳур ин саҳнаи талхи бозии ҳаҷвиро амиқан таҳлил накарду баҳои сазовор надод. Охир хуб медонист, ки онҳо, яъне мухолифин, тавонистанд маккорона ноиби Раиси Ҷумҳур Назрулло Дӯстов, Раиси Шӯрои Олӣ Сафаралӣ Кенҷаев ва чанд нафар вазиронеро, ки ба халқу давлат садоқат доштанд, ғайриқонунӣ аз сари қудрат бо дасти ӯ дур бисозанд. Инак, имрӯз навбати худаш расида, ки курситалабон қасд ба ҷою ҷонаш кардаанд...

Бале, ӯро фиребиданд, пойҳояшро аз замину дастонашро аз осмон канда карда буданд. Дигар роҳи гурез надошт, яккаву танҳо монда буд. Дилаш хун мегирист, вале фарёдрас надошт.

Ин вақт гуруҳи ҷиноятқор бо сарварии имом-хатиби масҷиди Южний ҳоҷӣ мулло Абдуғаффор ва ҷиноятқорони номӣ, Муҳаммадкарим Муҳаммадалиев ва Тоҳир Бобиев, ки ҳанӯз дар озодианд, ба хонаи пазироии меҳмонони расмии фурудгоҳи Душанбе бо снайперу автомат, гранату гранатомёт ҳамла оварда, аз чор тараф биноро муҳосира намуда, ба муқобили Раиси Ҷумҳур Р. Набиев ва посбонҳои ӯ оташ кушоданд, Дар натиҷа ронанда ва ду посбони ӯ сахт захмин гардиданд, тасодуфан тир ба Президент нарасид. Онҳо Р. Набиевро бо посбонҳои боқимондааш дастгир карданд. Ҳоҷӣ Абдуғаффор ва дигар дастаи ҷиноятқор нисбати марде, ки умрашро баҳри беҳбудии халқу миллаташ, ободии Ватанаш бахшида, беҳуда сарашро сафед накарда буд, ҷаллодвор муносибат карданд.

Агарчӣ аз рӯй синну сол ба ҳамаи онҳо ҳукми падарӣ дошт ва гуноҳе дар ҳаққи халқу миллати ҷумҳурӣ содир накарда буд. Магар ин даҳшат нест? Куҷо шуд он шарму ҳаё, покиву одоб, виҷдону имони тоҷик, ки аз гузаштагонамон мерос монда буд?!

Ҳаё ва шарм шохаест аз дарахти имон, гуфтаанд. Ҳаёву шарм аз шартҳои асосии низоми оламанд. Афсӯс ки ба остонаи Ватани тоҷикон беҳаёгиву бешармӣ ва беимонӣ қадам гузошт!...

Кормандони Вазорати Корҳои Дохилӣ бо мошини зиреҳпӯш омада, беҳаёёна дар назди Раиси Ҷумҳур ҷиноятқоронро барои ба зафар муваффақ гардиданашон ба оғӯш гирифта, бибӯсиданду бо шеваҳои худӣ гуфтанд: "Дод тус"(фарзанди падар) кор панҷ-ку! Ҳамааш хуб шуд!" Ин бори дигар тасдиқи он буд, ки тарроҳони сценария касони мухолифин, кормандони ВКД буданд.

Сипас, ҷиноятқорони силоҳбадасти оппозиция нисбати Раиси Ҷумҳур Раҳмон Набиев беэҳтиромӣ зоҳир намуданд, ба мӯи сафедаш ва хизмати зиёда аз 40-солааш нигоҳ накарда, бо суханҳои даҳалу қабеҳ ӯро ва мардуми курсинишини вилояти Лениноободро дашном доданд, иҷборан, қотеъона талаб намуданд, ки аризаи истеъфо нависад, вагарна сар аз танаш ҷудо хоҳанд кард. Яке мили автоматро, дигаре снайперу гранатомётро ба шикамаш рост мекард, сеюмӣ ӯро мушткорӣ менамуд. Хулоса, рӯзи сиёҳу даҳони талхи миллат буд, ки дастаи ҷиноятқору ҳаромпочаке, бемуруввату модарбахатое, куррахару кӯрдиле ҳаромзодаю намакбаҳароме, разилу палиду беимоне нисбати сарвари давлат, ки бо роҳи демократӣ аз миёни нӯҳ номзад аз тарафи халқ бо кулли овозҳо Раиси Ҷумҳур интихоб гардида буд, чунин амалиётҳои ғайриинсонӣ зоҳир намуданд.

Гирифтори чунин вазъияти чашмнодидаву гӯшношунид гардида, банди дилаш гусаст, ранги рӯяш парид, ларза бар андомаш афтод. Хизматҳои чанд даҳсолинаи беғаразонаю софдилонаи худро нисбати Тоҷикистони азизаш, халқу миллати он пеши назар оварда, косахонаҳои чашмонаш пур аз ашк мегардид...

Раҳмон Набиев ба дарёи фикр фурӯ рафта, пеши назараш чашму абровуни имдодталабонаи халқи тоҷик, ки дар вақти вохӯриҳои пеш аз интихоботӣ ба ӯ нигариста, дар орзуву умеде буданд, ки пуштибону наҷотдиҳандаашонро ёфтаанд, овард ва бо ин ақида дуруст аст, ки чанд лаҳзае талаби онҳоро рад намуда, изҳор дошт, ки ӯро халқ интихоб намудааст ва танҳо мардуми ҷумҳурӣ метавонад истеъфои ӯро қабул намояд ва бозхонад. Вале дар он ҳолат қувваи силоҳ ҳукмрон буд, на қонуну на халқ...

Дар натиҷа зери фишори сахту сангин, ки қасд ба ҷони ӯ ва посбонҳояш карда буданд, кормандони ВКД-и ҷумҳурӣ ба тарафдориаш чизе намегуфтанд, иҷборан аризаи истеъфоро навишта ба зери он имзо гузошт. Тасаввур кунед, дар иҳотаи силоҳбадастони ҷиноятқор чӣ ҳам карда метавонист?!

Агар аз навиштани аризаи истеъфо саркашӣ мекард, зинда мондани ӯву посбонҳояш амри маҳол буд. Биноан, ноилоҷона бар зарари худу халқи худ имзо монд!

Пас аз он, ки Раиси Ҷумҳур ба аризаи истеъфо имзо мегузорад, аз рӯи маслиҳати пешакии аъзоёни Президиуми Шӯрои Олӣ бо роҳбарии А. Искандаров ва аъзоёни Ҳукумати "муросои миллӣ" бо сарвари ҷонишини аввали сарвазир Ҷ. Ҳ. Каримов бо кормандони садою симои "мардумӣ"-и ҷумҳурӣ паси якдигар чун узникҳои Бухенвальд дасту калла ҷунибонда, аввало ба ҳоҷӣ мулло Абдуғаффор Худойдодов чорқат шуда, "Ассалому аллайкум, ҳазратам", "Ташаккур", гӯён вориди хонаи пазироии меҳмонони расмии фурудгоҳ мегарданд.

Дар ин ҷо Раиси Ҷумҳурро дар муҳосираи дастаи ҷиноятқорони силоҳбадаст дида, қисми хурди онҳо, ки аз ҳақиқати ҳол бехабар буданд, ангушти ҳайрат ба дандони таҳайюр мегазанд, худҳоро мусичаи бегуноҳ вонамуд карда, гӯё аз ҳеҷ чиз хабар надоштагӣ барин ба Президент муомилаи "дилсӯзона" менамоянд, қисми дигараш чунин ранг гирифтани ҳодисаро хуб медонистанд. Пас, фурсатро ғанимат дониста, қонуну қоидаро паси пой карда, "қонундонон"-у "нависандагон"-и Раёсати Шӯрои Олӣ бешармона бо мазмуни зайл мазҳаканомае бо номи "созишнома" тартиб доданд, ки қиёми Коваро ба бор меовард!:

"СОЗИШИ

БАЙНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН РАҲМОН НАБИЕВ ВА НАМОЯНДАГОНИ "ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН"

Президенти Ҷумҳурияти Тоҷикистон мӯҳтарам Раҳмон Набиев ва намояндагони "Ҷавонони Тоҷикистон", имрӯз, 7 сентябри соли 1992, соати 15-у 30 дақиқа дар толори қабулгоҳи ҳукуматии аэропорти шаҳри Душанбе созиш карданд:

1. Президенти Ҷумҳурияти Тоҷикистон Раҳмон Набиев аз ҳамин лаҳза дар ҳузури намояндагони "Ҷавонони Тоҷикистон" ва аъзои Раёсати Шӯрои Олӣ, ҳукумати Тоҷикистон бо хоҳиши худ ба истеъфо мебарояд.

2. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чун шаҳрванди Ҷумҳурияти Тоҷикистон дар оянда, ба тасбити вазъияти ҷумҳурӣ тамоми имконияту кӯшишро ба харҷ медиҳад, то ки дар ҳеҷ ҷои Тоҷикистон ва берун аз марзи он бо иштироки бевоситаи вай иғвою дасиса нахезад.

3. Намояндагони Ҷавонони Тоҷикистон таҳти роҳбарии Исмат Ҳабибуллоев кафолат медиҳанд, ки вобаста ба рӯйдоди мазкур онҳо якҷоя бо мақомоти ҳифзи тартибот ба сулҳу оромӣ дар шаҳри Душанбе мусоидат мекунанд.

4. Намояндагони ҷавонони Тоҷикистон таҳти роҳбарии Руслан Муборакқадамов то гузаронидани иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон амнияти шахсии Раҳмон Набиевро таъмин мекунанд.

5. Раҳмон Набиев хоҳиш мекунад баъди ба нафақа баромаданаш имтиёзҳои ҳукуматиаш нигоҳ дошта шаванд.

Дар таҳияи созиш аъзои Раёсати Шӯрои Олӣ ва ҳукумати Тоҷикистон иштирок доштанд.

Раҳмон Набиев, Исмат Ҳабибуллоев, Руслан Муборакқадамов, Файз Гулов, Ширмаҳмад Алӣ, Маҳмадкарим Маҳмадалӣ, Бозор Шоев, Файзали Асоев, Тоҳир Бобиев, Кӯкини Гулбек, Абдуғаффори Солеҳ.

Намояндагони ШО, ҳукумат:

1. И. Давлатов, 2. А. Искандаров, 3. С. Тӯраев, 4. Д. Ашӯров, 5. А. Соҳибназаров, 6. А. Ҳабибов, 7. Давлати Исмон, 8. У. Ғ. Усмонов, 9. Ш. Н. Шарифов, 10. М. Назаршоев, 11. С. Хайруллоев, 12. Ҷ. Каримов, 13. Т. Ғаффоров, 14. Ҳ. Насриддинов, 15. А. Имомов, 16. Ф. Абдуллоев, 17. Ҷ. Аминов.

07.09.92 с. ш. Душанбе.

Мутаассифона, бояд иброз дошт, агарчанде ин ҳуҷҷат аз ҷиҳати шаклу мазмун ба ягон қонуни ҷумҳурӣ ва башар мувофиқат надошт, вале шахсони масъули давлатӣ, роҳбарони ҷумҳурӣ, ҳуқуқшиносони "шинохта" и ҷумҳурӣ ба он имзо гузоштанду Президентеро, ки аз тарафи халқи ҷумҳурӣ интихоб шуда буд, аз сари қудрат дур сохтанд. Ҳаққу ҳуқуқи халқро зери по гузошта, ТАБАДДУЛОТИ ДАВЛАТИИ саршударо ба охир расонданду дар назди қонун ва халқи ҷумҳурӣ ҶИНОЯТИ ВАЗНИНЕ СОДИР КАРДАНД!

Бояд иқрор гардид, ки бо мурури тараққӣ ёфтани ҷамъият меҳру шафқат нисбати инсон то андозае паст мегардад ва ба дасти одам чунин вазъиятҳои нангинро ба сари инсон меоварад, ки касро водор месозад ба суханронию суханбозӣ ва суханрониҳои инсон гоҳо боварӣ ҳосил намояд.

Барои ба инсон, ба суханони ӯ бозорӣ ҳосил намудан бояд ботину зоҳири ӯро хуб донист. Ва шарафи инсон ин асилии ботиниву зоҳириаш мебошад.

Чӣ гуна, бо кадом роҳ як фард метавонад ботину зоҳири фарди дигарро бидонад ва баҳо диҳад?

Илми ботини инсон дар замири ӯ нуҳуфтааст ва он илми ғайб аст. Ғайр аз худованди карим, ки донандаи илми ғайб аст, дигар кас наметавонад бидонад ва баҳо диҳад, кӣ кӣ аст, зеро ин сифату ҳаққу ҳуқуқи Оллоҳи таъоло ҳаст, на банда. Аз тарафи дигар, ботини инсон ин дили ӯст ва танҳо ӯ ҳаққу ҳуқуқи фаҳмидани нолаҳои дили худро дорад. Дигарон, на авлиёву уламоҳо, на олимону табибон, ҷигарбандону хешовандон забони дили каси дигарро намедонанд ва наметавонанд, ки воқифи розаш гарданд.

Илми зоҳирӣ худ баёни сухан, имову ишорати инсон аст, ки ба амри дил ва гоҳо ба муқобили хоҳиши дил ба фазо мепайвандад. Инсони имрӯзаро мурури замон, вазъияти ба миён омада, сусту фалаҷ гардидани рукнҳои нангу номус, имону виҷдон, лафзу қавл, одамияту мардонагӣ, дӯстиву ростқавлӣ, зиёд гардидани беадолативу беномусӣ маҷбур сохтааст, ки дар баъзе мавридҳо суханбозӣ, гапфурӯшӣ, бар муқобили дили худ сухан гуфтану амал карданро сармашқи кори худ ҳисобад.

Ҷавонмардони боимону ҷасур низ кам нестанд, ки зоҳирашонро аз рӯи ҳақиқату адолат иброз намоянду каси дигарро нафиребанд.

Пас, чӣ гуна, аз рӯи кадом меъёрҳо инсон метавонад ба зоҳири каси дигар боварӣ ҳосил намояд. Агарчӣ то имрӯз дар саросари дунё илми зоҳиршиносию ботиншиносӣ комилан кашф нагардидааст ва шояд нахоҳад гардид, ки онҳоро бихонему дили якдигарро бидонем.

Асрори азалро на ту дониву на ман,
Ин ҳарфи муаммо на ту хониву на ман.

Аз ин рӯ, алалхусус инсони сиёсатмадор, ки аз илми сиёсат орӣ буда, ба китобҳои сиёсатмадорони бостониамон ноошно бошад, хоҳу ноҳ дар ҳар қадам камбудию ноқисӣ зоҳир менамояд, чунки зоҳиран нопокон дар гирду атрофи давлатдорону сиёсатмадорон чун занбӯри асал бештар гирд меоянд. Ва камбудии ҳар сиёсатмадор дар он аст, ки зоҳири ашхосро дида, суханони ширини морбозонаву пардапӯшонаашро шунида, бе таҳлилу муқоиса ба "покӣ"— и ботини ӯ боварӣ ҳосил менамояду гирди худ ҷамъ оварда, ба сараш ҳар гуна бадбахтиҳоро меоварад. Чуноне ки Носири Хисрав фармудааст:

Аҷаб аст ин, ки зи чӯб асту зи оҳан,
Ин тезию тундию паридан-ш куҷо хост?

Зи тир нигаҳ карду пари хеш барӯ дид,
Зи кӣ нолем, ки "аз мост, ки бар мост".

Аз 17 нафар намояндагони Шӯрои Олӣ ва Ҳукумати "муросои миллӣ"— и ҷумҳурӣ, ки оиди аз сари қудрат дур сохтани Раҳмон Набиев ба созишнома имзо гузоштаанд, ба ғайр аз Давлати Исмон ба дигаронаш Раҳмон Набиев ҳуқуқи устодӣ дошт, барои ба камолот расидану соҳиби мансаб гардидани ҳар яке аз онҳо ҳиссаи сазоворе гузошта буд. Даҳҳо маротиба бо ҳамдигар нону намак гардида, якдигарро бӯсидааанду бисёрии онҳо барои курсии мансаб, пешравии зиндагии шахсӣ шуда, остонаи хонаву утоқи кории Раҳмон Набиевро охурча карда буданд. Борҳо дар сӯҳбатҳои хоса, маҷлису ҷамъомадҳо ӯро падару бародар, устод номида, таърифу тавсиф мекарданд. Ба ҳамсараш рӯзе даҳ бор сим зада, ҳолу аҳвол мепурсиданд. Ба ҳамаи онҳо Раҳмон Набиев софдилонаю садоқатмандона бовар мекард. Боре гуфтаи Абдураҳмони Ҷомиро ба ёд намеовард:

Зи мардум саг, зи саг мардум назояд,
Зи ғандум ҷав, зи ҷав ғандум наояд.

Вале онҳо нисбати Раҳмон Набиев чӣ корҳоро накарданд, ба кадом пастиву номардиҳо нарафтанд... Ноинсофҳо!!

Беҳуда ҳазрати Расулуллоҳ чунин наофаридааст: "Ба зоҳири ҳоли касе ҳеҷ ҳукм макун, худо медонад дар ботини ӯ чист".

Ва дар ҷойи дигар омадааст:

Хоҳӣ, ки шавад дили ту чун ойина,
Даҳ чиз бурун кун аз даруни сина:
Ҳирсу ҳасаду бухлу дурӯғу ғайбат,
Кибру ғазабу ачзу риёву кина.

Бояд дили мо, бахусус, мусулмонон чун оина соф бошад, дар он сурат Худованди карим ба дили мо назар мекунад, чунки худо пок асту дили поконро дӯст медорад.

Магар имрӯз метавон инсонеро дарёфт, ки он даҳ чизро аз даруни синаи худ берун созаду дили худро пок нигоҳ дорад?!

Магар дар ҷамъияти мо метавон фардеро ёфт, ки бар сари нафси худ амир бошад, бе кинаву риё, дурӯғу ғайбат, ҳасаду ғазаб ҳаёт ба сар барад, ҳаққу ҳуқуқи мардуми бенаво, бекасу барҷомондаро риоя намояд, дасти афтодагони камбизоатро бигирад, аз луқмаи ҳарому молу мулки бедардимиён парҳезгор бошад, баҳри курсии мансабу молу мулк шуда дурӯғ нагӯяду худу дигаронро нафрӯшад, ғайбату бӯҳтон набофад?!

Таассуф, бад-ин гуна хислатҳо хеле ва хеле кам инсонҳоянд! Алалхусус, дар ин шабу рӯз. Вале бояд гуфт, ки дунё бе одамони пок пойдор буда наметавонад ва ҳоло дар байнамон ин гуна ашхос ҳастанд ва кам нестанд. Дар ҳар ҷамъият як-як чунин фардон ба дунё хес ід омад, вале ҷамъият наметавонад, ки ба онҳо ҳамкору ҳамфикр бошад ва зуд онҳоро фурӯ мебарад ва ё ба соҳил мепартояд. Ин қонуни нонавиштаи табиат аст.

Аз ин рӯ, зоҳири касеро дида ботини ӯро шинохтан ин таваккалию нисфӣ мебошад. Бинобар ин, таваккал ба худо кардему гуфтем!.. Гузашта аз ин, нисбати ин андеша дар ҳадиси 87-уми пайғамбарамон омадааст: "Изо самеъта биҷабилен зола ан-хулқиҳи фало тусаддиқув финнаҳу яснйру ило мо ҷибилла алайҳи". Маъниии ҳадиси номбаршуда аз чанд ҷиҳат ҷолиби диққат аст. Дар ин ҳадис мутааллиқ ба дину дунёи шахс ҷиҳатҳое мавҷуд аст, ки ахлоқи инсон умумиятан ба ду гурӯҳ мунқасим мешавад: ахлоқи нек ва ахлоқи бад.

Ҳар он қадар, ки сифоти бани одам дар дунё мухталиф аст, ҳамон қадар ахлоқаш низ мухталиф мебошад. Авсофи ахлоқи ҳамидаи одамӣ бешумор буда, зумраи онҳо аз қабили саховат, шуҷоат, илм, тавозӯъ, мадоро, покӣ, рости, дӯстӣ ва дигарҳо бар алайҳи ахлоқи бад мисли: ғазаб, кибр, ҳирс, тамаъ, дурӯғ ва ғайра дар набарди ҳамешагӣ мебошанд.

Инсон дар ин умри бисёр кӯтоҳ аксаран ба дарди таҡлид мубтало аст. Ҳар он чизи дилкаше бинад, одатан кӯшиш мекунад, ки ба он шабоҳате дошта бошад. Биноан, роҳу равиш ва маслаке, ки инсон дар бачагӣ дида ва шунида аст, чӣ гунае, ки бошад, тарбияаш низ дар бузургӣ ҳамон гуна хоҳад буд. Тарбияи ҳақиқӣ ба хилқати инсон навъе таъсир карда, ҷило медиҳад. Аммо хилқати аслиро ба воситаи тарбия табдил додан мумкин нест. Бо вуҷуди ин, басо сифати ҳасана, ба мисли ҳифзи номус, мурооти аҳд, нигоҳдории қавл, интизом ва диққат дар корҳо, дӯст доштани поӣ ва назокат, дурӣ ҷустан аз фикри интиқом, адо кардани девон дар мавъидаш, муҳофизат намудани ҳаққи мардум аз таарруз, дурӣ ҷустан аз ғайбат ва соири сифоти дигар, ҳамагӣ ба таъсири тарбия ҳосил мешаванд.

Дар ин амри муқаддас шакке нест, ки тарбия барои инсон таъсироти куллӣ меоварад, вале барои тарбия вақт ва замони муайяне зарурат дорад, ки он ҳама ҳангоми таълиму тадрис ва бачагии инсон ҳосил мегардад. Бача фақат ҳангоми ҷавонӣ метавонад тарбия пазирад. Аммо ҳамин, ки бузург гардид, бисёр мушкил аст, ки тарбия пазирад. Аз ин рӯ, ислоҳи ахлоқи ӯ ба мушкилоти зиёде дучор хоҳад омад.

Ҳамин тавр, фармоиши ҳазрати Расули акрам (с), ки "агар гӯянд: кӯҳ аз ҷои худ ҳаракат карда рафтааст, бовар кунед, аммо агар гӯянд: ахлоқи банда табдил ёфтааст, бовар накунед. зеро хулқи инсон ҳар қадар тағйир кунад, боз ҳам ба ҷибиллати аслӣ авдат менамояд", айни ҳақиқат аст. Охир, ҳеҷ кас хор корида суман надаравидааст:

Аз ҳар кӣ бад ояд, тамаъи нек надоред,
Хосияти кофур мачӯед зи филфил.

Агар созишномаро аз ҷиҳати мантиқию қонунӣ таҳлил намоем, бе ягон душворӣ ҳатто ба кӯрону бесаводон муайян мегардад, ки аз ҷиҳати сохт, мазмун ва ҳуқуқ ба ягон қонуни ҷумҳурӣ ва умуман башар мувофиқат надорад. Чаро? Барои исботи ин андеша таваҷҷӯҳи хонандаро ба далелҳои зерин ҷалб менамоям:

Аввал. Созиши миёни Президенти ҷумҳурӣ Раҳмон Набиев ва "намояндагони ҷавонони Тоҷикистон"— ро аз тарафи "ҷавонон"— қотилони Нурулло Ҳувайдуллоев ва Сайфиддин Сангов — Исматулло Ҳабибуллоев, Руслан Муборакқадамов, Маҳмадкарим Маҳмадалиев, Тоҳир Бобиев, ҳоҷӣ мулло Абдуғаффор Худойдодов ва дигарон имзо кардаанд. Пас, ин чӣ гуна созиш ва бо кадом қонун мувофиқат дорад? Чӣ гуна созмон асту аз тарафи кӣ ба қайд гирифта шудааст? Кӣ ба онҳо ҳуқуқи ба созиш имзо карданро додааст...?!

Дуюм. Чаро Президиуми Шӯрои Олӣ ва як қисми Ҳукумати "муросои миллӣ" таҳти сарварии Акбаршоҳ Искандаров, ҷамъ 17 нафар дидаю дониста бо қотилони бехтарии фарзандони миллати тоҷик, бо ҷиноятқорони ашаддӣ ҳаммарому ҳамдаст шудаанд?! Ҳайратовару риққатбор ин аст, ки бар хилофи қонун талабу дархости онҳоро пурра ба инобат гирифта, масъалаи истеъфои Раиси Ҷумҳурро пеш мегузоранд?! Ҳол он, ки ишон барои ҷиноятҳои содиркардаашон дар кунҷи маҳбасхона бояд ҷой дошта бошанд. Ин ғарриву пешхезиро бинед?! Пас, ҳамраъю ҳамовоз гардидани аъзоёни Шӯрои Оливу иддае соҳибмансабони ҳукумат бо ин муште шӯрапушту қотил мантиқан далели он аст, ки дар ҷиноятҳои ба зуҳур пайваста ҳама якмароманд! Барҳақ гуфтаанд, ки:

Кунад ҳамҷинс бо ҳамҷинс парвоз,
Кабӯтар бо кабӯтар, боз бо боз!

Сеюм. Ҷиноятқорон бо мақсади ба қатл расонидани Раиси Ҷумҳур ва муҳофизонаш аз силоҳ оташ кушода, рониданд ва ду ҷондори ӯро захмӣ намуданд. Инҳо ҷинояти гӯшношуниду

вазнине содир карданд ва бояд аз тарафи ҳукуматдорон дастгир гардида, ҳабс карда шаванд.

Чорум. Чаро ба кормандони органҳои ВКД, КАМ ва додситонии ҷумҳурӣ супориш надоданд, ки ба ҷои ҳодиса ҳозир шаванд, ҷиноятнома огоз намуда, ҷиноятқоронро ба ҳабс гиранд. Пас, чӣ гуна бо сарварии Раиси Шӯрои Олӣ А. Искандаров, ҷамъ 17 нафар вазирону раисон бо онҳо созиш бастанд? Аз рӯйи кадом қонун?! Ин чӣ гуна созишу хоҳиш будааст?!

Панҷум. Раиси Ҷумҳурро халқи ҷумҳурӣ интихоб кардааст ва танҳо аз рӯи тартиботи дар қонун муайянкардашуда бо роҳи интихобот халқи ҷумҳурӣ метавонад онро бозхонад. Охир, чӣ гуна, дар асоси кадом қонун Раиси Ҷумҳур дар назди "аъзоёни Раёсати Шӯрои Олӣ ва гурӯҳи одамкуш бо "хоҳиши худ" ба истеъфо мебарояд"?! Магар аъзои Раёсати Шӯрои Олӣ ва он вазирону курсинишинҳое, ки бо "созишнома"— қадру манзалату оқибаташ баробари "кушишнома" имзо гузоштаанд, то бад-ин дараҷа нофаҳм ва лолу мабҳут шуда буданд, намедонистанд, ки Конституцияи ҷумҳурӣ ва регламенти Шӯрои Олӣ ба онҳо ҳуқуқу, ваколати имзо гузоштан ба чунин созиш ва қабул кардани истеъфои Раиси Ҷумҳурро надодааст?!

Охир, худи онҳо кӣ буданд, аз рӯйи кадом қонун истеъфои Раиси Ҷумҳурро қабул кардаанд?! Дар куҷо, дар кадом давлати башар чунин намуди қабул кардани истеъфои сардори давлат, шахси дахлнопазирро дидаед?! Онҳо бо роҳи зӯрӣ, табаддулоти давлатӣ Раиси Ҷумҳурро аз сари қудрат дур сохтанд. Дар давлатҳои демократии ҷаҳон ин ҷиноят аст. Боз чӣ тавр номардона дар созиш навиштаанд: "бо хоҳиши худ"?! Ҳол он, ки се кас ярадор шудааасту силоҳбадастони ҷиноятқор хурдтарин ҳаракатро ба Раиси Ҷумҳур низ манъ намудаанд! Ана башардӯстиву мана демократия!!

Охир, ноинсофию разилӣ модарбахатоию ҷиноятқорӣ ҳам ҳадду канор доштагист?! Ақаллан аз худову мӯйи сафеди Раиси Ҷумҳур раҳму шарми он 17 нафар курсинишин наомад? Билохира, мебоист ақаллан онҳо аз ҷиноятқорону разилон фарқ мекарданд?! Пас, фарқи онҳо аз разилону ҷиноятқорон чист?! Бисёре аз онҳо ба Р. Набиев нону намак шудаву таълим гирифта буданд. Ку он қадршиносии устод?!

Боз чунин ҳуҷҷати пур аз ҷиноятро раиси Кумитаи Назорати Конституционӣ, "қонундон"— и касбӣ Ашӯрбой Имомов ва вазири адлияи ҷумҳурӣ, фақеҳи "машҳур"— Файзулло Абдуллоев имзо намуда, онро қонунӣ ҳам кардаанд. Гардам аз сари чунин ҳомиёну доноёни илми ҳуқуқ!

Онҳо, ки назокати қонунро медонистанд, чӣ гуна ба қотилони Нурулло Ҳувайдуллоеву Сайфиддин Сангов созиш бастанд?! Онҳо имрӯз чӣ гуна дар кӯчаҳо гашта, ба чашми ҳуқуқшиносон, шогирдону зердастонашон менигариста бошанд?!

Худоё, ҳеҷ касро шармандаи ду ҷаҳон насоз?! Фикр мекунам, дар кадом вазифаю дар кадом ҷое, ки инсон кору зиндагӣ мекунад, пеш аз ҳама инсонияти худ, имону виҷдон ва номуси худро месазад, ки посдору муҳофиз бошад. Дарду таассуф, ки қонуншиносони зикршуда аз ин унсурҳои муқаддаси одамӣ орӣ мондаанд, иснод оварданд!

Баъд аз он Раёсати Шӯрои Олӣ фурсати фароҳам омадаро аз даст надода, таъҷилона, вақтро ғанимат дониста, бо лабони пур аз ханда, чеҳраҳои кушода, ки акнун ба мақсад расидаанд, маҷлиси Раёсатро дар бинои фурудгоҳ оғоз намуда, аризаи Раиси Ҷумҳур Р. Набиевро дар бораи ба истеъфо рафтанаш расман дида, бо мазмуни зайл қарор қабул намуд, ки ба ин тариқ аст:

ҚАРОРИ

Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурияти Тоҷикистон

Дар бораи аризаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Набиев оиди ба истеъфо рафтанаш

Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурияти Тоҷикистон аризаи Президенти Ҷумҳурияти Тоҷикистонро дар бораи ба истеъфо баромаданаш муҳокима намуда, қарор мекунад:

1. Аризаи Президенти ҷумҳурият Раҳмон Набиев дар бораи ба истеъфо баромаданаш қабул карда шавад.

2. Мувофиқи моддаи 124 Сарқонуни Ҷумҳурияти Тоҷикистон вазифаи Президенти Ҷумҳурияти Тоҷикистон ба зиммаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурияти Тоҷикистон Акбаршоҳ Искандаров гузошта шавад.

3. Аризаи Раҳмон Набиев дар бораи истеъфо аз вазифаи Президенти Ҷумҳурияти Тоҷикистон ба муҳокимаи иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурияти Тоҷикистон гузошта шавад.

4. Ба Девони Вазирони Ҷумҳурияти Тоҷикистон супориш дода шавад, ки мувофиқи қонун масъалаҳои таъмини иҷтимоӣ, амният ва хизматрасонии техникии Раҳмон Набиевро ҳал кунад.

Раиси Шӯрои Олии
Ҷумҳурияти Тоҷикистон — А. ИСКАНДАРОВ

7 сентябри соли 1992,
шаҳри Душанбе.

Бегоҳии рӯзи 7-уми сентябр тавассути радиои ҷумҳурӣ ва рӯзи дигар аз тариқи телевизиони "мардумӣ" рафти имзои истеъфои Раиси Ҷумҳур Р. Набиев ва қарори Раёсати Шӯрои Олӣ "Дар бораи аризаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Набиев оиди ба истеъфо рафтанаш" ба таваҷҷӯҳи мардуми ҷумҳурӣ расонда шуд. Дар рӯзномаҳои давлатию "озод" бо таҳлили хоси ҳар рӯзноманигор нашр гардид... Ҳамаи мардуми ҷумҳурӣ хабардор шуданд, ки Р. Набиев чи гӯна зери фишору таҳдид ба аризаи истеъфо имзо гузошт!..

Қарори мазкур аз ҷиҳати сохт ва мӯҳтавою мазмун комилан бар хилофи Конституцияи Ҷумҳурист. Чаро?

Якум. Раёсати Шӯрои Олӣ мувофиқи талаботи Конституцияи ҷумҳурӣ, регламенти Шӯрои Олӣ ҳуқуқу ваколати дида баромадани аризаи Президенти ҷумҳуриро дар бораи ба истеъфо баромадан надошт. Бо вуҷуди он, ариза ба таври зӯроварӣ, бо қувваи силоҳ ба даст дароварда шуда буд.

Раёсати Шӯрои Олӣ ҳангоми қабули чунин қарор ҳуқуқу ваколатҳои хизматии худро сӯиистеъмол кард, бар хилофи манфиати давлати худ, халқи он амал намуда, ҳуқуқу ваколатҳои Раиси Ҷумҳур ва халқи ҷумҳуриро даҳалонаву ҷоҳилона ва беинсофонаву номардумона поймол кард.

Охир, чӣ гуна, дар асоси кадом қонун бо қарори Раёсати Шӯрои Олӣ, бо имзои А. Искандаров Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Набиев аз вазифа дур сохта, вазифаи ӯро ба зиммаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Искандаров гузошта мешудааст?! Дар асоси кадом конституция?! Кадом қонуни ҷумҳурӣ ва башар Раиси Ҷумҳурро, ки бо роҳи райъдиҳии умумихалқӣ интихоб гардидааст, намегузоранд, ки баъди маҷбуран имзо кардани коғазпораи беасосу бемояи беномусона ғасбнамуда то сессияи Шӯрои Олӣ ифои вазифа намояд. Ҳол он ки банди дуюм ва сеюми қарор бо ҳам мухолифанд. Таваҷҷӯҳ фармоед, дар банди сеюм —"аризаи Р. Набиев дар бораи истеъфо аз вазифаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳокимаи иҷлосияи Шурои Олӣ гузошта шавад". Яъне Президенти ҷумҳурӣ вазифадор аст, ки то ба кувваи қонун даромадани қарори Раёсати Шӯрои Олӣ дар бораи аризаи ба истеъфо баромаданаш ва агар худи ӯ хоҳони хаттӣ, бо нишон додани сабабҳои дар Қонуни Асосии ҷумҳурӣ ба истеъфо баромадан бошад, вазифаи Раиси Ҷумҳуриро иҷро намояд.

Бар муқобили банди сеюм дар банди дуюм омадааст: "Мувофиқи моддаи 124 Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи Раиси

Шӯрои Олии Ҷумҳурияти Тоҷикистон Акбаршоҳ Искандаров гузошта шавад".

Аввало, ибораи "Сарқонун"— ро иҷлосияи Шӯрои Олӣ то ҳол қабул накардааст, дар ҷумҳурӣ ибораҳои "Конституция" ва "Қонуни Асосӣ" амал менамоянд.

Сипас, дар моддаи 124 Конституцияи ҷумҳурият омадааст: "дар ҳолати беморӣ, фавтидан ва ё бо роҳи қонунӣ бозхондан, ё қабул намудани истеъфои Президенти Ҷумҳурияти Тоҷикистон, то давраи интихоби Президенти нави ҷумҳурият на зиёд то семоҳ вазифаи Раиси Ҷумҳур ба зиммаи Раиси Шӯрои Олии ҷумҳурият гузошта мешавад". Ва чунин ваколатро қонун танҳо ба сессияи Шӯрои Олӣ додааст.

Охир, Президенти ҷумҳурият Р. Набиев сиҳат ва саломат буд, қувваву мақсади кор кардан дошт, ариза ҳам нанавишта буд, ин аризаи истеъфоро дар зери фишори қувваи силоҳ иншо карда буд, онро нодуруст ҳисобида, тайёр аст ба иҷрои вазифааш шурӯъ намояд.

Аз тарафи дигар, вақто ки Акбаршоҳ Искандаров соҳиби ду курсӣ гардид, даъвати иҷлосияи Шӯрои Олиро ҳарчанд, ки мӯҳлати дар Қонуни Асосӣ пешбинӣ кардашуда низ ба охир расида буд, даъват накард. Ва чунин ваколатро ба Акбаршоҳ Искандаров ба муддати се моҳ танҳо сессияи Шӯрои Олии ҷумҳурӣ ҳуқуқи додан дошт, на Раёсати Шӯрои Олӣ.

Илова бар ин, банди дуюми қарор танҳо дар сурате, ки банди сеюми қарор комилан иҷро гардад, ба қувваи қонун медаромад. Вале ин тавр нашуд...

Бинобар ин, Акбаршоҳ Искандаров бар хилофи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва башар аз 7-уми сентябр то 19-уми ноябри соли 1992 худро Раиси Ҷумҳур эълон намуда, бо ёрию дастгирии оппозиция ба ҳуҷҷатҳои расмию давлатӣ имзо гузошт, халқи ҷумҳуриро гумроҳ сохта, яке аз содиркунандагони ТАБАДДУЛОТИ ДАВЛАТӢ гардид, ки рӯзи ҳисоб иншооллоҳ, дар пеш аст!! Нисбати ин гуна ашхос Фахриддини Гургонӣ хеле хуб фармудааст:

Макун бад бо касеву бад маяндеш!
Кучое бад кунӣ, бад оядат пеш!

Куҷоед, қонундону қонуншиканони "машҳур" Файзулло Абдуллоев ва Ашӯрбой Имомов! Лаҳзае ақаллан назди виҷдон (агар ягон зарра дар шумоён бошад) ва касби муқаддаси ҳуқуқшиносӣ ҷавоб бигӯед?! Бигӯед, чунин қонуншиканиро, чунин саҳнаи мазҳакаи ҳаҷвиро дар кадом давлати ҷаҳон дидаеду шунида?! Магар ин иқдом аз тарафи Раёсати Шӯрои

Олӣ бо сарварии А. Искандаров ҷиноят набуд? Охир, Президентро, ки халқ интихоб кардааст, агар бо хоҳиши худ аризаи истеъфо дода бошад ҳам, оё то ҳаллу фасли қонунии он дар иҷлосияи Шӯрои Олӣ касе метавонад нагузорад, ки вазифаи хизматиашро иҷро намояд?! Боз барои ба чашми мардуми ҷумҳурӣ ва давлатҳои демократии ҷаҳон хок пошидан, ки гӯё Раиси Ҷумҳур бо майлу хоҳиши худ, дар фурудгоҳ аризаи ба истеъфо рафтанро иншо карда бошад, барояш нафақа, автомошинаи хизматӣ ва барои таъмини амнияташ ҷондорон муқаррар менамоянд. Ҳой мардум, ба худ биандешед! Ин ҳама беимонӣ нест?! Ҳол он, ки ҳаллу фасли ин масъалаҳо умуман ба ваколати Раёсати Шӯрои Олӣ дохил намегарданд!

Баъди ин вазифаи Раиси Ҷумҳурро А. Искандаров ба дӯши худ мегирад. Вале бехабар аз он, ки чоҳкан зери чоҳ асту дар як вақт ба ду курсӣ нишастан чизашро медарронад...

Чунин шакли аз сари қудрат дур намудани Раиси Ҷумҳурро, ки аз тарафи зиёда аз 58 фоизи мардуми ҷумҳурӣ интихоб гардида буд, дар ягон давру замон ва дар ягон давлати ҷаҳон надидаанд ва гӯши инсоне чунин садои номубораки ҷоҳилонаро нашнида. Боз ин хирасарони хокбарсар нисбати демократия, давлати дунявию ҳуқуқбунёд бешармона муштҳоро гиреҳбанд намуда, ба қафасҳои сина мезананду аз замири номардонаашон палидона изҳори "фазл" менамоянд. Вой бар ҳолатон, гандумнамоёни ҷавфурӯш!

Охир, агар кас ин саҳнаи талхро ба хотир орад, бештар саҳнаи ҳаҷвии муҳассилини таҷрибаомӯзи театриро аёнан мебинад, ки ҳамеша муҳтоҷи неку суфлиёранд!

Дуюм. Агар Раёсати Шӯрои Олӣ бегаразона, аз рӯи Қонуни Асосии ҷумҳурӣ амал мекард, мебоист сабаби аризаи истеъфои Раиси Ҷумҳурро таҳлил намуда, баҳои қонунӣ медод. Ҳамчунин, ба органҳои муҳофизати ҳуқуқи инсон, муборизаи зидди ҷиноятқорӣ, таъмини амнияти давлат супориш медод, то он ки шахсони (мулло Абдуғаффор, Исмат Ҳабибуллоев бо дӯстонаш) аз Раиси Ҷумҳур тавассути силоҳ аризаи истеъфо гирифта фавран ба ҳабс гирифта шаванд, чунки дар амалиёти онҳо чандин унсури мушаххаси ҷиноят содир гардидааст. Мутаассифона, ин тавр нашуд...

Сеюм. Мувофиқи Конституцияи ҷумҳурӣ Раёсати Шӯрои Олӣ ва ҳатто сессияи Шӯрои Олӣ ҳуқуқу ваколати дида баромадани аризаи истеъфои Раиси Ҷумҳурро, ки иҷборӣ бо истифода бурдани силоҳу захмӣ намудани рониданда ва ду ҷондораш ғасб гардида ба даст даровардa шудааст, надорад. Агар Раиси Ҷумҳур бо розигии худ аризаи истеъфо нависад,

дар он ҳолат сессияи Шӯрои Олӣ пас аз шунидани фикру ақидааш ҳуқуқи муҳокимаи онро дорад. Пас, чӣ гуна ва аз рӯйи кадом инсоф, ақлу хираду қонун аъзоёни Раёсати Шӯрои Олӣ аризаи истеъфои Раиси Ҷумҳурро муҳокима намуда, қарор қабул кардаанд?! Боз дар кучо? Дар фурудгоҳ!!

Охир, Раиси Ҷумҳурро аъзоёни Раёсати Шӯрои Олӣ интихоб накарда буданд-ку?! Пас, чӣ гуна ҳуқуқи истеъфои ӯро қабул кардан доштаанд? Модоме ки Раиси Ҷумҳур аз тарафи мардуми ҷумҳурӣ интихоб гардидааст? Чаро аъзоёни Раёсат бо сарвари А. Искандаров қонуншикании қабеҳ карданду вазифаи хизматии худро сӯиистеъмол намуда, ҳуқуқу манфиатҳои сардори давлат ва мардуми ҷумҳуриро поймол намуда, дар давоми зиёда аз дуним моҳ ӯро аз иҷрои мансаб дур сохта, ҷиноят содир карданд. Маром чӣ буд? Бале, таҳ андар таҳи ин маром як чиз буд, ин ҳам бошад сарнагун намудани ҳукумати қонунии тоҷикон! Аз ин рӯ, ин қарори ғайриқонуниро сессияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ бекор кард.

Бояд бигӯям, ки барои Раёсати Шӯрои Олӣ, ки худ такягоҳи қонун аст, иҷрои ҳамаи қонунҳои мавҷудаи Тоҷикистон, бахусус, Конституция ҳатмист ва он бояд дар ҳама вазъият қонунро чизи муқаддас ҳисобида, ба иштибоҳу поймол намудани он роҳ надиҳаду мардуми ҷумҳуриро ба иштибоҳ ва гумроҳӣ наандозад.

Дигар ин ки чаро аъзоёни Раёсати Шӯрои Олӣ ва комитаи назорати конституционӣ нисбати дастаи силоҳбадастони мулло Абдуғаффору Исматулло Ҳабибуллоев ва дигарон, ки ду посбон ва ронандаи Раиси Ҷумҳурро парронда маҷрӯҳ карда буданд, ба даҳон об гирифта, ҳарфе нагуфтанд, таҳлили ҳуқуқӣ накарданд ва баҳои лозимии ҳуқуқӣ ҳам надоданд. Боз бе шармона ба протоколи созиш имзо гузошта, онро қонунӣ ҳисобиданд.

Охир инсоф кунед! Онҳо роҳзану ҷиноятқороне буданд, ки бо мақсади табаддулоти давлатӣ бо роҳи куштор ба муқобили Раиси Ҷумҳур ва посбонҳои ӯ аз автомат, гранатомёт ва снайпер оташ кушоданд! Ин ҳама пуштибониҳои Раёсати Шӯрои Олӣ нисбати дастаи ҷиноятқорон баҳри чӣ буд?! Оё ин ҳама басанда ва шоҳиди бебозгашти он нест, ки гурӯҳи ҷаллодон фармони раёсат ва ё сарвари онро иҷро карда бошанд?

Бо чунин роҳҳои дасисаву хиёнат Раиси Ҷумҳур ҳам аз сари қудрат дур гардиду давлат пурра ба дасти мухолифин гузашт. Вазъият дар майдонҳои муҳориба пуршиддаттар мегардиду оппозиция аз рӯйи нақша амал мекард, роҳбарони чандрӯяю калаванда ошкорову пинҳонӣ бештар ба оппозиция наздику ҳамфикр мегардиданд.

Алқисса, агар кори Раёсати Шӯрои Олиро аз 7-уми майи соли 1992 то иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ таҳлили қонунӣ намоему экспертизаи ҳуқуқӣ гузаронем, беихтиёр кас ба хулосае меояд, ки дар амалиёти қисми зиёди аъзои он силсилаи қонунвайронкуниҳо ва беимониву дасисабозиҳо ба зуҳур пайвастааст.

Ибтидо: дидаву дониста, ғаразнок, вазъияти сиёсии ҷумҳурӣ ва изҳороти Додситони Кулли ҷумҳуриро ба инобат нагирифта, вазифаашро сӯиистеъмол намуда, муҳофизони Нурулло Ҳувайдуллоевро дур сохта, ба гурӯҳи террористон шароити хубе муҳайё намуд, то онҳо Додситони Кулли ҷумҳуриро аз миён рабуданду ба қатл расониданд.

Сонӣ: нисбати Мақсуд Икромов хизмати хирсона карда, оиди аз маҳбас озод намудан ва ба вазифаи раиси комиҷроияи Душанбешаҳр барқарор кардани ӯ қарорҳои ғаразнок қабул намуд. Ҳол он ки ҳалли ин масъала ба ваколати Раёсати Шӯрои Олӣ ҳеҷ ягон умумияте надошт.

Сеюм: дар роҳи аз вазифа дур сохтани Раиси Шӯрои Олӣ ва Раиси Ҷумҳур, ки ин масъалаҳо ба ваколати Раёсати Шӯрои Олӣ дохил намегардид, "саҳми арзанда" гузошта, бо ин роҳ ҳарчӣ тезтар табаддулоти давлатиро дар ҷумҳурӣ амалӣ гардонид.

Хулоса, Раёсати Шӯрои Олӣ, қонуншиносони "машҳур" ба тезутунд гаштани вазъият ва ба вуқӯъ пайвастани ҷанги бародаркуш мусоидат кард. Ҳол он ки мебоист фавран чораҳо андешанду онро пешгирӣ созанд. Агар ин воқеаҳо дар пеши назари онҳо неву пинҳонӣ мегузашт, гап дигархелтар мешуд.

Силсилаи чунин аносири қонуншиканӣ дар амалиёти кории аъзоёни Президиуми Шӯрои Олӣ кам нест, вале то кунун давлатдорону органҳои муҳофизати ҳуқуқи инсон ба даҳон об гирифтаанду гӯё чизеро намебинанд...

Ғалабаи мутлақи мухолифин дар сохти давлатдории ҷумҳурӣ ба дастаҳои ҷангии онҳо рӯҳу илҳоми тоза ва нерӯи тавоно бахшид, амалиётҳои ҷангию террористиашон ҷасуронаву беибо ва пурқувват сурат мегирифт, акнун аз яроқу аслиҳа танқисӣ намекашиданд. Ин корро давлат ба воситаи ВКД-и ҷумҳурӣ ба дӯши худ гирифта буд. Муносибатҳо бо давлатҳои хориҷие, ки оппозицияро дастгирӣ мекарданд, кушоду рӯирост мегардид, самолётҳои хориҷӣ ҳар вақте ки мехостанд, ҳар чизе, ки метавонистанд, меоварданд, молҳои воридшавандаи марзи ҷумҳуриро касе назорат намекард. Хулоса, дарвозаҳои фурудгоҳи Душанбешаҳр барои "меҳмонони нохонда" боз буду мизбонон

моту ҳайрон. Ин амалиётҳо таҳти сарварии қозикалони мусулмонони ҷумҳурӣ, Ҳизби наҳзати исломи ҷумҳурӣ, Ҳизби демократ, ҳаракатҳои мардумии "Растохез", "Лаъли Бадахшон" амалӣ мегардид. Сарварони ҷумҳурӣ, Ҳукумати "муросои миллӣ", Раёсати Шӯрои Олӣ барои аз курсии мансаб дур нагаштан зери нақораи онҳо рақс мекарданду дингилак мезаданд!

Қисми давлатҳои хориҷӣ, ки ба мо ҳамхуну ҳаммазҳаб ва ҳамзабон буданду ба номашон миллати тоҷик фахр мекард, ҳақиқати ҳолро хуб дарк накарда, ба гуфтаи фундаменталистони исломии мансабталаб ва "демократ"— ҳои сатҳӣ боварӣ ҳосил намуда, мардуми муъмину мусулмони тоҷику ӯзбекро ба ду гурӯҳ (мусулмону ғайримусулмон) тақсим карда, амалиётҳои хунхоронаи оппозицияро дастигирӣ мекарданд. Аз ҷумла, дар он шабу рӯзе, ки хуни мӯъмину мусулмонони бегуноҳ мерехт, радиои ҷумҳурии исломи Эрон иброз дошт: "Давлати исломии Эрон аз сари қудрат дур гардидани ҳукумати қонунии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо камоли мамнуният тарафдорӣ намуда, тайёр аст, ки барои сохтани давлати исломӣ дар Тоҷикистон кӯмак расонад. Инқилоби халқи тоҷик ба ғалаба мушарраф гардид".

Ҳол он ки хангоми иҷрои вазифаи Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сафири Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оқои Шабистарӣ ҳамсӯҳбат гардида, хоҳиш карда будам: "Амалиёти оппозиция ба принципҳои демократия, қонуни башар ва Қуръони маҷид мухолиф буда, баҳри соҳиби курсии мансаб гардидан ба муборизa камар бастаанд;

— роҳбарони имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи риоя намудани принципҳои демократия, қонуни башар ба сари қудрат омадаанд, ки ҳар яки онҳо, алҳамдулиллоҳ, мусулмон мебошанду яккаву ягонагии Худованди карим ва Муҳаммад Расули барҳақро мепазиранд. Ҳеҷ гоҳ аз талаботи Қуръони маҷид қадаме беҷо нахоҳанд гузошт;

— вазъияти ҷумҳуриро дуруст дарк намуда, баҳо дода, ба роҳбарияти давлати исломии Эрон расонад.

Сарвари ҳизби наҳзати исломи Афғонистон Гулбиддин Ҳикматёр ба қумондонҳои саҳроии водиҳои Қундуз ва Бадахшон дар бораи бо яроқу аслиҳа таъмин намудани горди миллии оппозиция ба таври расмӣ фармон дод. Танҳо дар дастаи қумондони саҳроии Абдулло Латиф зиёда аз 300 нафар аъзоёни Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон таълими ҷангӣ гирифтанд.

Баҳри тасдиқи ин ақида ба таваҷҷӯҳи Шумо, хонандаи гиромӣ, пешниҳод намудани шаммае аз ҷиноятномаҳои бешумор кофист:

Мирзосамеъ ОДИЛОВ, соли таваллудаш 1950, ҷои таваллудаш Шӯрои қишлоқи Оббурдони ноҳияи Мастчоҳ, тоҷик, оиланок, соҳиби 9 фарзанд, сарвари бригадаи колхози "Озодӣ"— и ноҳияи Мастчоҳ;

Мирзораҷаб ҚОБИЛОВ, соли таваллудаш 1961, ҷои таваллудаш Шӯрои қишлоқи Оббурдони ноҳияи Мастчоҳ, тоҷик, оиланок, соҳиби панҷ фарзанд, коргари "Сельхозтехника"— и ноҳияи Мастчоҳ;

Мурод ИСМОНОВ, соли таваллудаш 1969, ҷои таваллудаш Шӯрои қишлоқи Чоркӯҳи ноҳияи Исфара, тоҷик, дар ҳеҷ кучо кор намекунад.

Тоҷиддин ИСМОНОВ, соли таваллудаш 1966, ҷои таваллудаш Шӯрои қишлоқи Чоркӯҳи ноҳияи Исфара, тоҷик, оиланок, соҳиби ду фарзанд, дар ҳеҷ кучо кор намекунад.

Барои содир намудани табаддулоти давлатӣ, барқарор гардидани режими исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо даъвати Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон ба шаҳри Душанбе рафта, дар гирдиҳамоии апрел-маи соли 1992 майдони Шаҳидон иштирок варзида, истеъфои Раиси Шӯрои Олӣ Сафаралӣ Кенҷаев ва дигар роҳбарони ҷумҳуриро талаб менамуданд.

Дар он ҷо бо яке аз пешвоёни фундаментализми исломӣ дар ҷумҳурӣ ва ташкилотчии майдони Шаҳидон ҷенерали мардумӣ қорӣ Муҳамадҷон Ғафуров забон як намуда, 6-уми маи соли 1992 дар хонаи рақами 93, хиёбони ба номи Рӯдакӣ зиёда аз 50 нафар ҷавононро гирд оварда, ба хоҷагии ба номи Калинини ноҳияи Панҷ мебаранд. Дар он ҷо чор рӯз истода, ба ҷосуси Арабистони Саудӣ Ҳоҷӣ Ҷамшед вохӯрда, аз ӯ дастур ва барои саркардагони муҷоҳидони Афғонистон тӯҳфа мегиранд: се соати тилло, якчанд калкулятор ва авторучкаҳои целлофанпеч. Сипас, Мирзосамеъ Одилов бо супориши Ҳоҷӣ Ҷамшед ба худ номи Алӣ Муҳаммадро гирифта, бо дастхати Ҳоҷӣ Ҷамшед барои овардани яроқу аслиҳа шаби аз 9-ум ба 10-уми маи соли 1992 ба воситаи камераҳои автомашин дарёи Панҷро

гузашта, ба сарҳади Афғонистон мераванд. Дар он ҷо ба қумондони муҷоҳидони Афғонистон Холиддинбек ва Ҷангихон вохӯрда, тӯҳфаҳоро месупоранд. Аз онҳо як пулемёти дастӣ, чор автомати Калашников, як қуттӣ лавозимоти ҷангӣ ва дигар чизҳо гирифта, ҷамъ 8 нафар сарҳадро шикаста, ба ҳудуди Тоҷикистон мегузаранд. Боқимондаашон барои омӯхтани маҳорати ҷангӣ ва ба даст овардани яроқу аслиҳа бо муҷоҳидони афғон мемонанд. Мувофиқи супориш яроқу аслиҳаро дар хоҷагии ба номи Раҳмонови ноҳияи Панҷ ба қумондони оппозиция Ғайрат Аҳмадов ва Ҳоҷӣ Ҷамшед месупоранд.

Танҳо дар вилояти Қӯрғонтеппа зиёда аз 400 нафар муҷоҳидҳои Афғонистон бо гурди миллии оппозиция ҳамроҳ гардида, ба муқобили дастаи Файзалӣ Саидов, Лангарӣ Лангариев, Ёкуб Салимов, Хӯҷамурод Хаспаллаев, Тағойхон Шукуров, Маҳкамбой Шарифов, Аъзам Ғаниев ва дигарон меҷангиданд. Афсӯс ки роҳбарони ин ҷумҳуриҳои ба мо бародар боре имондорона ба худ савол надоданд, ки чаро, дар асоси кадом сураи Қуръони маҷиду ҳадиси пайғамбар Муҳаммад мустафо саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба ғайр аз фундаменталистони исломӣ (мазҳаби "Ваҳҳобия") ва "демократ"— ҳое, ки чанде пеш ба яккаву ягонагии Худованди карим ва пайғамбари охири замон ҳазрати Муҳаммади мустафо шак меоварданд, дигар тоҷикону ӯзбекон, қирғизону туркманҳо, қазоқону тоторҳо, уйғурону чеченҳо ва ғайраро номусулмон ҳисобиданд. Барои куштанаш кӯшиш ба харҷ доданд. Охир, мо ҳам, алҳамдулиллоҳ, мусулмонем, ба яккаву ягонагии Оллоҳ таъоло сидқан боварӣ доштему дорем, аз роҳи шариати ислом ва принципҳои демократии башар қадаме берун нагузоштаем. Ва инро борҳо ба вакилони он давлатҳо иброз доштаем.

Дар давоми зиёда аз 70 сол, ки Ҳизби коммунист хукмфармо буд, касе аз дини мубини ислом ва Қуръони маҷид рӯй натофта буд. Пас, чӣ шуд, ки имрӯз мардуми рӯзнодидаи Тоҷикистонро, ки ба касе кор надошт, ба ду гурӯҳ тақсим карда, бадбахту ашкрезон намуданд?! Ба ҳамаи ин дар назди Худованди карим ва таърих гунаҳкорон ҷавоб хоҳанд дод...

Бисёриҳо, алалхусус, мансабдорону сармоядорон кайҳо пӯстинҳоро чаппа пӯшида, аз ақидаашон гашта, бовариии комил ҳосил намуда буданд, ки оппозиция ғалабаи мутлақ ба даст овардаасту мардуми Хатлонзамину Вахшонзамин маглубият. Ҳатто яке аз дӯстони бисёр ҳам наздики ману Назрулло Дӯстов ки, барои дидорбинӣ ба шаҳраки Сарводаи ноҳияи Айнӣ омада буду фикру ақидаашро бе таҳлили факту рақамҳо баён намекард, худ олими варзида мебошад, ҳангоми сӯҳбат бо ҷигари

пурхун ба ҳолу аҳволи мо нигариста, гуфт: "Давлат пурра ба дасти оппозиция гузашт, мардуми Хатлонзамину Вахшонзамин ҷангро бохт! Ҳар рӯз ҷавонмардонро талаф медиҳанду мавҷеашонро супурда, ақибнишинӣ мекунанд. Қувваи низомии давлат бо мухолифин якҷоя амал мснамояд. Акнун ба муқобили фарзандони боақлу хирад ва фарҳангдори миллат (аз рӯйи нақшаи иддае гумоштагони хориҷи кишвар) террор сар мешавад. Мазҳаби ваҳҳобия касеро зинда намегузорад. Якеро коммунист, дигареро муаллим, сеюмиро тарафдори майдони "Озодӣ" гуфта, аз сесола болоро сар мезанад! Миллати тоҷик ва давлати онро хатари бисёр ҳам шадиду ҷонкоҳе фаро гирифтааст. Дар донишкадаҳои олӣ духтарон таҳти чодарҳои сиёҳ ба дарс хоҳанд омад. Усули таълими мактабҳои ҷумҳурии исломии Эрон пурра ҷорӣ хоҳад шуд. Акнун мувофиқи дастури Вазорати маорифи ҷумҳурӣ муллоҳои мазҳаби "Ваҳҳобия" дар донишкадаҳои олӣ ва миёна нисбати дини ислом, мазҳаби "Ваҳҳобия" дарс мегуфтаанд...

Вазъияти Шумо ва фарзандонатон бисёр ҳам мушкил гардидааст. Девсиратон дар кофтукови Шумо ҳастанд. Бинобар ин, ҳисобатонро ёбеду ба дасти он ваҳҳобиёни ҷаллод наафтед..."

Сухан мегуфту оҳи пурдарди ашколуд кашида, афсӯс меҳӯрд, ки давлати навзоди тоҷик, ки баъди ҳазор сол ба туфайли тағйир ёфтани вазъи сиёсии собиқ давлати ИҶШС мустақил гардид, боз ба дасти ҷаллодони миллат гузашт... Дар ҳақиқат он шабу рӯз вазъияти ҷумҳурӣ ниҳоят ноҳинҷор гардида буд. Ҳукумати "муросои миллӣ", Раёсати Шӯрои Олӣ ва иҷрокунандаи вазифаи Раиси Ҷумҳур комилан ба тарафдории оппозиция гом бармедоштанд. Дар вилояти Қӯрғонтеппа дастаҳои оппозиция бо дастгирии қувваҳои хукуматӣ, ОМОН-и ВКД, ки бо техникаи вазнини ҷангӣ мусаллаҳ гардида буданд, дар ҷангҳои шадид одамони зиёдеро ба қатл расониданд, хонаҳоро оташ заданд, беномусиву рӯсиёҳии зиёде мекарданд...

Алқисса, пас аз задухӯрдҳои зиёде 8-уми сентябри соли 1992, соати 15-и рӯз Ургутмаҳалларо забт намуданд. Лангарӣ Лангариев, Файзалӣ Саидов, Сафармат Рустамов, Сангак Сафаров, Маҳкамбой Шарифов, Бӯрихон Ҷобиров, Ҳамид Воҳидов, Азим Ғаниев, Фарҳод Урунов ва дигарон бо дастааш: Маъруфҷон Луқмонов, Имомуддин Мирбобоев, Тилавбердӣ Турсунов, Амриддин Бобоев, Абдурасул Имомов, Эркин Маҳкамов, Асрор Аҳроров, Рақиб Набиев, Юсуф Набиев, Ҳамидҷон Умаров, Инъом Тиллоев, Асад Тиллоев, Маҳмуд Акрамов, Ҷаббӯрқул Ҳамдамов, Одил Аҳроров, Карим Умаров, Аҳмад Ҳайдаров, Асад Усмонов, Аҳмадалӣ Ҳасанов, Раҳмон Ҳайдаров,

Юсуф Ҳамроқулов, Собир Мирзоев, Баҳром Намозов, Ҳалим Намозов, Ориф Содиқов, Содиқ Ҳамроқулов, Ҳусейн Ҳамроқулов, Одил Маҳмадқулов, Маҳмад Субҳонов, Салим Ҳамдамов, Муҳиддин Усмонов, Аҳмад Ҳамроқулов, Ҷамол Ҳамроқулов, Салоҳиддин Қулиев, Салимҷон Раҳимов, Ҳомидҷон Усмонов, Махсум Акрамов, Саидҷон Умаров, Ислом Усмонов, Камол Субҳонов, Нурулло Қулиев, Маҳқам Умаров, Баҳриддин Эргашев, Н. Эргашев, В. Латифшоев, Маҳмадшоҳ, Ашӯрой Баҳриев, Баҳодур Маҳкамов, Нарзулло Носирович Нуруллоев ва садҳо дигарон дар давоми шаш шабонарӯз муборизаи шадид бурданд, қаҳрамонии беҳамто нишон доданд, ба гурди миллии оппозиция ва ОМОН— и ВКД зарбаҳои сахт заданд, ки аз ду тараф талафоти зиёди ҷонӣ рух дод ва ноилоҷона мавқеи худро тағйир дода, ақибнишинӣ намуданд.

Хулоса, гурди миллии оппозиция бо сарварии Саид Абдуллоҳи Нурӣ, эшони Саидашраф Абдулаҳадов, қорӣ Муҳаммадҷон, қорӣ Қиёмиддини Ғозӣ бо ёрии дастае аз кормандони ОМОН — и ВКД — и ҷумҳурӣ бо сарварии Саидҳасанов бо истифодабарии техникаи вазнини ҷангӣ: мошинҳои зиреҳпӯш, пулемёту гранатомёт дар задухӯрдҳо аз 2-юм то 8-уми сентябри соли 1992 дар Ургутмаҳалла ҷавонону занону тифлони зиёдеро ба қатл расониданд. Аз ҷумла: Махсум Акрамов, Саидҷон Умаров, Ислом Усмонов, Камол Субҳонов, Нурулло Қулиев, Маҳқам Умаров, Маҳфуза Саидмуродова бо ҳамроҳии шавҳарашу духтарчааш, Баҳриддин Эргашев, Н. Эргашев, В. Латифшоев, Маҳмадшоҳ, Ашӯрбой Баҳриеви 51-сола, Маъруфҷон Луқмонови 36-сола, Имомуддин Сайфиддинович Мирбобоеви 47-сола, Тилавердӣ Турсунови 40-сола, Амриддин Бобоеви 52-сола, Абдурасул Исмоилови 22-сола, Гадойбой Маҳкамови 55-сола, Эркин Маҳкамови 32-сола, Баҳодур Маҳкамови 16-сола, Асрор Аҳророви 32-сола, Рақиб Набиеви 24-сола, Юсуф Набиеви 35-сола, Нарзулло Носирович Нуруллоеви 40-сола, Я. Луғмонов ва дигарон, ҷамъ 85 нафарро ба қатл расониданд, садҳо хонаҳоро оташ зада, молу мулкашро ғорат карданд, даҳҳо ҷавонмардон бе ному нишон гардиданд, ки то имрӯз падару модарон ҷигарбирён, ҳамсару хоҳару бародарон ашкрезон, тифлакони аз дидори падар сер нагардида нигарони роҳи омадани онҳоянд!..

Нисбати чунин мазҳаби "Ваҳҳобия" ва "демократия"— и мансабталаби хуношом шоир офаридааст:

Сангу чӯбу обу хоки даҳр хунин кардай,
Бому дарро як қалам аз хун рангин кардай,

Андар ин фан сабқат аз ёрони пешин кардай.
Ин ачаб к-ин кори худ аз хотири дин кардай,
Қатли мардумро ба унвони ибодат мекунй,
Зинда бошй, офаринат, хуб хизмат мекунй.

Хона-хона шоҳиди осори вайронии туст,
Кӯча-кӯча мотам аз аъмоли ҳайвонии туст,
Худписандй ҷавҳари эҳсони вичдонии туст,
Қатлу ғорат нуқтаи авҷи мусалмонии туст.

Доимо бо хуни мазлумон таҳорат мекунй,
Зинда бошй, офаринат, хуб хизмат мекунй.

Ӯзбаку тоҷику русро фирқасозй кардай,
Бо китобу мактаби ислом бозй кардай,
Ҳар кучо касби виқору сарфарозй кардай,
То мақомоти вилоят подарозй кардай,

Мерасад рӯзе, ки даъвои нубувват мекунй,
Зинда бошй, офаринат, хуб, хизмат мекунй.

Хуни одам пеши ту оби касифе беш нест,
Дар нигоҳат марду зан мӯри заифе беш нест,
Ваҳшату вайронгарй ҷурми хафифе беш нест,
Баччаи шайтон туро содаҳарифе беш нест,

З-он ки дастовези кори худ шариат мекунй,
Зинда бошй, офаринат, хуб хизмат мекунй!

Ҳамин тавр, дар муборизаҳои шадид ба муқобили гурди миллии оппозиция ҳар яки онҳо қаҳрамонии беҳамто зоҳир намуда, ҷасуронаю қаҳрамонона мубориза бурданд, баҳри муҳофизати мардуми бенавою бесилоҳ сарбаландона ҷон ба ҳақ супурданд. Акси қисме аз он қаҳрамонони роҳи озодиро, ки баҳри барқарор намудани ҳокимияти қонунии то 7-уми маи соли 1992 амалкунанда ҷонбозиҳо карданд, пешкаши хонандаи гиромй мегардонам:

Қувваи оппозиція, силоҳу лавозимоти ҷангй ва техникаи ҳарбии он чандин маротиба зиёд буд, ки ургутмаҳалларо ба муҳосира гирифта, хонаҳоро оташ заданд. Банобар ин онҳо ба қувваи душман тоб оварда натовониста, иҷборй ақибнишинй карданд. Онҳо ситоди худро ба хоҷагии ба номи Ломоносови ноҳияи Бохтар интиқол доданд. Бо ёрию дастгирии кормандони ҳарбии дивизияи 201 Федерацияи Русия, ки бо сарварии полковник Меркулов Е. А. дар шаҳри Қӯрғонтеппа воқеъ гардида буд, мардуми бесилоҳ, занону тифлакон, пирамардону кӯдакон, ҷам 16 ҳазор нафарро аз зери тиру тӯпи гурди миллии оппозиция бо мушкилиҳои зиёде аз деҳаи Ургутмаҳалла ва шаҳраки Ломоносов бароварда, ба полки ҳарбй бурданд, то он ки аз дасти оппозиция зинда бимонанд. Кормандони полки

ҳарбӣ аз рӯи принципи инсондӯстӣ, одаму одамгарӣ, меҳру шафқат нисбати инсон қатъи назар аз мазҳабу мунсубияташ амал намуда, 16 ҳазор гурезагонро, ки бо ашки резону тани ларзон ва забони лол, тани лучу урён, пойбараҳнаву шикамгурусна аз тарсу воҳимаи мухолифини хунӯшом сарпаноҳ мекофтанд то ҷон ба саломат баранд, дар биноҳои полки ҳарбӣ, мактаби миёнаи рақами 7, мактаби автомобилӣ, институти такмили ихтисоси муаллимон барояшон сарпаноҳ ёфтанду бо хӯрок таъин намуданд.

Силоҳбадастони гурди миллии оппозиция аз ин хабардор гардида, полки ҳарбиро муҳосира намуда, аз қумондони полк полковник Е. А. Меркулов талаб намуданд, ки 16 ҳазор гурезагонро барои ба қатл расонидан фавран ба онҳо диҳанд.

Вале полковник Е. А. Меркулов аз дӯғу даранги онҳо натарсида, ҷони худ ва кормандони полки ҳарбиро зери хатар гузошта, ба онҳо гуфт: "Шонздаҳ ҳазор гурезагон занону кӯдакон, пирамардону тифлакони бегуноҳу бесилоҳ мебошанд, дар муборизаҳои сиёсӣ иштирок накардаанд ва касе ҳуқуқи онҳоро ба қатл расонидан надорад. Ҳамчун инсон ва сарбози ҳарбӣ ҳуқуқ надорам, ки барои ба қатл расондан онҳоро ба шумо бидиҳам". Ин ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, башар, саванди ҳарбӣ ва принципи инсонӣ мухолиф мебошад.

Сипас, мулло Абдуғаффор ва саид Абдуллоҳи Нурӣ чунин ранг гирифтани вазъиятро ба Акбаршоҳ Искандаров гӯшрас намуданд, кӯмаки ишонро пурсиданд. Дар ҷавоб Акбаршоҳ Искандаров: "Ҳеҷ гап не, ғам нахӯред! Ҳозир ман онаи зори полковник Меркуловро нишон медиҳам", гуфта, гӯшаки телефонро гузошт.

Дар ҳамин лаҳза Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷрокунандаи вазифаи Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон Акбаршоҳ Искандаров ба полковник Е. А. Меркулов занг зад, полковник Меркулов, ки аз бедодгариҳои тарафдорони оппозиция бисёр ҳам дар ғазаб омада буду чӣ кор карданашро надониста, паи ҳам сигор мекашид, гӯшаки телефонро бардошта гуфт: "Командир полка, полковник Меркулов слушает Вас".

Овози Акбаршоҳ Искандаров садо дод: "Вас беспокоит глава государства Таджикистан Акбаршоҳ Искандаров! Внимательно слушайте, товарищ полковник Меркулов! Приказываю вам, немедленно выдайте всех беженцев, которых вы укрыли на территории полка и в других местах, боевикам оппозиции под руководством мулло Абдуғаффора и саид Абдуллоҳи Нурӣ. Зачем они вам нужны?! Вы же знаете, в Кургантюбинской

области идет гражданская война. Вы не вмешивайтесь во внутренние дела нашего государства!"

Дар ҷавоб полковник Меркулов ба Акбаршоҳ Искандаров гуфт: "Я не могу исполнять Ваш приказ, товарищ Председатель Верховного Совета Республики Таджикистан Акбаршоҳ Искандаров, и выдать 16 тысяч женщин, стариков, детей боевикам оппозиции, чтобы их уничтожили. Это будет не по совести, а преступлением с моей стороны, как старшего офицера Вооруженных сил".

Суханронии полковник Меркуловро бурида, Акбаршоҳ Искандаров бо ғазаб иброз дошт: "Вы не должны вмешиваться во внутренние дела суверенного государства Таджикистан. Вы же знаете, среди 16 тысяч беженцев, которых вы взяли под защиту, много боевиков, преступная банда Файзалӣ Саидова, Лангарӣ Лангариева, Махкамбоя Шарипова и Сангака Сафарова, которые участвовали в боевых действиях против моего государства и Вам следует немедленно выдать их мулло Абдуғаффору и саид Абдуллоҳи Нурӣ".

Полковник Меркулов ноилоҷона дар ҷавоби суханҳои Акбаршоҳ Искандаров гуфт: "Уважаемый Председатель Верховного Совета республики Таджикистан, войска Российской Федерации не собираются вмешиваться во внутренние дела Республики Таджикистан, а только защищают права и спасают жизнь бесправных и безвинных людей. Если же мулло Абдуғаффор и другие хотят выяснить, есть ли среди беженцев боевики, то пусть это сделают, только официально, вместе с представителями МВД, КНБ, УВД и областного исполнительного комитета Совета народных депутатов. И тогда судьба этих безвинных людей будет на Вашей совести".

Алқисса, бо талаби Акбаршоҳ Искандаров, мулло Абдуғаффор бо ҳамроҳии дигарон аз миёни гурезагон зӯран 160 нафар ҷавонмардонро ҷанговарони Файзалӣ Саидов, Лангарӣ Лангариев, Сангак Сафаров ва Маҳкамбой Шарифов муаррифӣ намуда, ҷудо карданд. Нисбати ин лаҳзаи пур аз даҳшат полковник Меркулов Евгений Алексеевич ба рӯзноманигор Н. Пак иброз дошт: "Они подло и хитро обманули меня, не допустив представителя КНБ республики, воинской части к началу операции. Так они выявили около 160 "боевиков", которых можно было назвать таковыми только по принадлежности к мужскому полу, вывезли их и, как выяснилось потом, расстреляли. Чудом нескольким из них удалось спастись. На мой очень резкий протест тогдашнему официальному руковод-

ству опять был дан грубый ответ: "Это, мол, не ваше дело, не надо вам вмешиваться во внутренние дела республики".

Я всегда считаю, может немного не по-современному, если офицер, по большому счету, не прав, то он должен или застрелиться, или пойти в отставку. Для меня Офицер и Честь — два равнозначных понятия.

Время показало, что я был прав в своем взгляде на события в Таджикистане. Благодаря тому, что по роду своей службы, имел больше возможностей видеть, сопоставлять факты, я и понял раньше многих, возможно, опасность вооруженной оппозиции, выступавшей под флагами "демократии", на самом же деле — исламского фундаментализма".

("Бизнес и политика",
№ 4 (27), январь, 1993 г.)

Пас чаро, аз рӯи кадом меъёр имрӯз Акбаршоҳ Искандаров ба ивази ҳамаи хиёнату ноҷавонмардиҳояш, ки дар давоми ҳафт моҳ нисбати халқу миллати ҷумҳурӣ содир намуд, боз дар дилу дида ва вирди забони баъзе сарварони кунунии ҷумҳурӣ нақш бастааст?!

Чӣ тавре ки изҳор кардем, дар сессияи понздаҳуми Шӯрои Олии ҷумҳурӣ баъзе депутатҳои халқи Тоҷикистон, ки худро тарафдори ақидаи кулли мардуми ҷумҳурӣ, аз ҷумла, мардуми бо нангу номуси Хатлонзамину Вахшонзамин меҳисобиданд, намедонам баҳри чӣ ва аз рӯи кадом меъёр Акбаршоҳ Искандаровро чун роҳбари кордону ҷасур, қаҳрамону сарсупурдаи миллат, марди шариф ба мардуми ҷумҳурӣ муаррифӣ намуданд. Дар сессияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ боз ӯро ба вазифаи Вазири робитаҳои иқтисодии хориҷӣ пешбарӣ намуданд, ҳол он ки гунаҳкори асосии тӯлкашии ҷанги бародаркуш аз 26-уми октябри соли 1992 то 16-уми ноябри соли 1992 Акбаршоҳ Искандаров буд. Чунки Фронти халқии Тоҷикистонро фиреб дода, 26-уми октябри соли 1992 сессияи Шӯрои Олиро дар шаҳри Хуҷанд нагузаронд, ҳол он ки фармони оиди 26 октябри соли 1992, соати 18.00 Дар шаҳри Хуҷанд даъват намудани сессияи шонздаҳуми Шӯрои Олиро дар ҳузури генерал-полковники артиши Федерацияи Русия Воробьев, ҷонишини раиси КАМ-и ҷумҳурӣ полковник О. Пояндашоев имзо карда буд, ва депутатҳо ҷам омада буданд. Илова бар ин, рӯзи 24 ва 25-уми октябру 13 ноябри соли 1992 бо фармони Акбаршоҳ Искандаров танку БТР-ҳои ВКД бо ҳамдастии қумондон мулло Абдуғаффор Худойдодов, Исматулло Ҳабибуллоев ба муқобили ФХТ оташ кушоданд.

Инчунин, бояд иброз дошт, ки кору амали оппозиция дар давраи сарварии якчандмоҳаи Акбаршоҳ Искандаров дар ҳуҷҷатҳои расмии роҳбарони комиҷроияҳои Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Кӯлоб ва шаҳру ноҳияҳои вилояти Қӯрғонтеппа хело равшан инъикос гардида буд. Аз ҷумла:

— дар барқияи раиси комиҷроияи ноҳияи Вахш Ф. Кувватов, ноҳияи Бохтар А. Достиев, шаҳри Калининобод Ш. Мирзоев ба унвони Сарфармондеҳи қӯшунҳои Иттиҳоди давлатҳои муштаракулманофеъ (ИДМ) ба маршали авиация Е. И. Шапошников омадааст: "Мо, роҳбарони ноҳияҳои Вахш, Бохтар, шаҳри Қӯрғонтеппа, шаҳраки Калининобод ба маълумоти Шумо мерасонем, ки роҳбарони имрӯзаи ҳокимияти ғайриқонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷараёни навбаромади ислом ва оппозицияро дастигирӣ мекунанд, нисбати мардуми оддӣ, халқи тоҷик, русзабонҳо, ӯзбекҳо ва намояндагони дигар халқияту миллатҳо террор — куштори умумро истифода мебаранд. Сиёсатмадорони имрӯзаи ҳукуматӣ аз тӯҳмату шантаж, дасисабозӣ рӯй нагардонда, мехоҳанд дар Вахшонзамин ва Хатлонзамин, яъне вилоятҳои Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб қӯшунҳои муттаҳидаи ИДМ-ро ба муқобили халқи бегуноҳ ва беяроқ, ки тарафдори ҳокимияти конституционии Тоҷикистон мебошанд, истифода баранд. Ҳокимияти имрӯзаи Тоҷикистонро, ки бо зӯрӣ, бо террор соҳиби мансаб шудаанд, ҳамагӣ 10—12 фоизи аҳолии ҷумҳурӣ дастгирӣ мекунад. Онҳо тамоми мансабҳоро бе сессия ва парлумон соҳиб шуда, мехоҳанд мардуми оддии Тоҷикистонро, ки онҳоро дастгирӣ намекунанд саросар нобуд созанд. Ҳукуматдорон бо ҳар восита кӯшиш доранд, ки дар назди роҳбарони Россия ва қӯшунҳои ИДМ худро ҳақ бароранд.

Аз Шумо, сарфармондеҳи қӯшунҳои ИДМ, маршали Авиация Евгений Иванович Шапошников хоҳиш дорем, ки бори дигар намояндагони худро ба Тоҷикистон равон кунед, то ки ҳазорҳо нафар мардуми бегуноҳ ва адолатхоҳи вилоятҳои Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб қурбони дасисабозӣ, тӯҳмат ва куштори ваҳшиёнаи ҳокимияти ғайриқонунии Тоҷикистон нагардад";

— дар Муроҷиатномаи раисони комиҷроияҳои ноҳияи Вахш Ф. Қувватов, ноҳияи Бохтар А. Достиев ва шаҳри Калининобод Ш. Мирзоев ба унвони раиси комиҷроияи вилояти Ленинобод Абдуҷалил Ҳомидов ва мардуми шарифи Ленинобод аз ҷумла, омадааст: "...дар водии Вахш аз тарафи гурди миллии оппозиция мардуми бегуноҳи кӯлобию ленинободӣ, ӯзбекзабон ваҳшиёна ба қатл расонда шуда истодаанд. Роҳбарони ҳозираи Ҷумҳурии Тоҷикистон Акбаршоҳ Искандаров, Давлати Исмон,

Давлат Худойназаров ва дигарон кулли мардуми Тоҷикистонро душман ҳисобида, дар давуғеҷи ба қатл расонданашон мебошанд. Онҳо мардуми Тоҷикистонро ба ду гурӯҳ тақсим намуда, вилоятҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппаро ба блокадаи иқтисодӣ гирифтаанд...";

— дар мактуби расмии раисони комиҷроияи ноҳия Бохтар А. Достиев, Вахш Ф. Қувватов ва шаҳри Калининобод Ш. Мирзоев ба Раиси Ҷумҳури Федерацияи Русия Б. Н. Ельцин, Ҷумҳурии Қазоқистон Н. Назарбоев, Ҷумҳурии Ӯзбекистон И. Каримов, Ҷумҳурии Туркманистон С. Ниёзов, Ҷумҳурии Қирғизистон А. Акаев изҳор гардидааст:

— Мо, раисони кумиҷроияҳои ноҳияҳои Вахшу Бохтар, шаҳрҳои Қӯрғонтеппа, Калининободи вилояти Қӯрғонтеппаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарду алами азим ба маълумоти Шумо мерасонем, ки роҳбарияти ҳозираи ҳукумати "конституционӣ" фундаменталистони навбаромади исломиро бемайлон дастгирӣ мекунад, бо аҳолии русзабон, ӯзбекҳо, қазоқҳо, туркманҳо, олмониҳо ва намояндагони дигар миллату халқиятҳо бераҳмона муомила мекунад. Алҳол дар пойтахти Тоҷикистон — Душанбе, хусусан дар вилояти Қӯрғонтеппа террор ва куштори мардуми бегуноҳ авҷ мегирад.

Акбаршоҳ Искандаров ва думравони вай, ки ҷонибдоронашон на беш аз 10—12 фоизи аҳолиро ташкил медиҳанд, мехоҳанд тамоми Ҷумҳуриро ба хун оғушта кунанд. Алҳол дар Тоҷикистон ҳеҷ гуна Ҳокимият нест. Як зумра одамони худпарасти яроқнок, ки ба зӯрии хун вазифаҳои баландро ишғол кардаанд, аз халқ дуранд ва онҳо мардуми бе ҳеҷ гуноҳро шиканҷа медиҳанд.

Дар вилояти Қӯрғонтеппа бештар аз 1 миллиону 200 ҳазор одамон умр ба сар мебаранд. Вилоят дар тӯли ҳафт моҳ дар муҳосираи иқтисодӣ мебошад. Ҳамеша бачагону занон, пиронсолон ва ҳама бечорагон аз гуруснагӣ мемиранд. Ҳукумат ба ҳамаи халқ муносибати душманона дорад ва ба вай ҳеҷ гуна кӯмаки моддӣ намерасонад.

Мо, раисони кумиҷроияҳо аз Шумо, президентҳои бисёр мӯҳтарам хоҳиш мекунем, ки комиссияи босалоҳияте ташкил карда, ба вазъияти Тоҷикистон баҳо дода шавад. Инчунин хоҳиш мекунем, ки зудтар ёрии башардӯстони худ — орд ва дигар маводи хӯрока фиристед, то тоҷикон, русҳо, ӯзбекон, туркманҳо, тоторҳо, қазоқҳо ва дигар миллатҳои сокини ноҳияҳои Вахшу Бохтар ва шаҳрҳои Қӯрғонтеппаю Калининобод аз гуруснагӣ раҳо ёбанд.

ш. Қӯрғонтеппа. 14. XI. 1992 с.

Дар мактуби расмии раиси Комиҷроияҳои вилояти Кӯлоб Эмомалӣ Раҳмонов, ноҳияи Бохтар Абдумаҷид Достиев, ноҳияи Вахш Файзулло Қувватов ва шаҳри Калининобод Шералӣ Мирзоев ба унвони котиби генералии Созмони Милали Муттаҳид ҷаноби Бутрос Ғолӣ омадааст:

— Мӯҳтарам ҷаноби котиби генералӣ!

Дарду азоби аҳолиии бештар аз ду миллионаи вилоятҳои Қурғонтеппаю Кӯлоби Ҷумҳурии Тоҷикистон моро маҷбур кард, ки ба Шумо баҳри кӯмак ру оварем.

Моҳи маи соли 1992, баъди гирдиҳамоиҳои думоҳа дар майдонҳои Озодӣ ва Шаҳидон қувваҳои оппозиционӣ бо зӯрии яроқ ба ҳайати ҳукумат дохил шуданд. Ҳамин тариқ, Давлати Исмон ҷонишини сарвазир гардид, роҳбар ва ҷонишини Кумитаи Амнияти Миллӣ бошад, ҳамсафони онҳо Солибоев ва Аминов таъин шуданд. Раиси комитети ҷамҳурӣ оид ба телевизион ва радио Мирраҳимов шуд. Қувваҳои оппозиционӣ мансабҳои вазирони хоҷагии қишлоқ ва маорифи халқро низ ишғол карданд.

Вале вуруди қувваҳои оппозиционӣ ва таъсиси Ҳукумати "мусолиҳаи миллӣ" на танҳо бӯҳрон ва зиддиятро дар ҷумҳурӣ пасанда накард, балки баръакс сарчашмаи ҷанги бародаркуш гардид.

Ҷанги бародаркуш, ки қувваҳои оппозиционӣ сар кардаанд, аллакай бештар аз 50 ҳазор одамонро аз ҳаёт маҳрум кард. Ба ин қонеъ нашуда, қувваҳои оппозиционӣ моҳи сентябри соли 1992 бо таҳдид президенти тамоми халқ интихобкардаи ҷумҳурӣ Раҳмон Набиевро маҷбур сохтанд, ки ба истеъфо равад.

Амалиёти зиддиконституционии қувваҳои оппозиционӣ қаҳру ғазаби аҳолии панҷуниммиллионаи ҷумҳуриро, ки 80 фоизаш ҳукумати кунуниро тарафдорӣ намекунанд, бедор намуд.

Аммо роҳбарони кунунии ҷумҳурӣ дар шахси Акбаршоҳ Искандаров, Давлат Худойназаров, Қозӣ ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода фикри аксарияти аҳолиро ба инобат нагирифта, мехоҳанд қувваҳои ҳарбии маскуни ҷумҳурии Давлатҳои муштаракулманофъеро барои нобуд кардани аҳолии бесилоҳ ва пеш аз ҳама занон, бачагон ва пиронсолон истифода кунанд.

Алҳол қувваҳои оппозиционӣ якҷоя бо қувваҳои ҳукумат геноциди ҳақиқии мардуми осоиштаро дар вилояти Қурғонтеппаю шаҳри Душанбе ҷорӣ кардаанд. Дар вилояти Қурғонтеппа кор ба дараҷае расидааст, ки мурдаи одамонро сагҳо мехӯранд. Вақтҳои охир ҳодисаи аз ҷониби ҳукумат ба водии Вахш партофтани десант афзудааст, ки онҳо бачагон ва пиронсолони бегуноҳро мекушанд, хонаҳои истиқоматию иншоотҳои хоҷагии халқро ба хок яксон менамоянд.

Мақсади асосии муборизаи мо барқарор кардани ҳукуматест, ки то 7-уми маи соли 1992 фаъолият мекард, ҳалли ҳамаи масъалаҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ дар доираи конституция ва қонунҳои қабулшуда аст.

Амалиёти қувваҳои оппозиционӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки зери ниқоби фундаментализми исломӣ дар ҷумҳурии мо фашизми хунхор сар бардоштааст. Мо иттиҳоди байналмилалӣ, ҳамаи ҷаҳонро даъват мекунем, ки ба мо дар пешгирии ҳаракати фундаменталистони исломӣ кӯмак кунанд, вагарна миллати таърихии тоҷикон аз рӯи замин гум мешавад.

Мо боварӣ дорем, ки Шумо, котиби генералии СММ, бори дигар вазъияти ҷумҳурии моро ташхис карда, барои ба эътидол овардани вазъият чораҳои мушаххас мебинед, ба аҳолии вилоятҳои Қӯрғонтеппаю Кӯлоб дар пешгирии гуруснагӣ дар оғози зимистони душвори оянда кӯмаки мушаххас мерасонед.

ш. Қӯрғонтеппа.
14 ноябри соли 1992

— дар барқияи раисони комиҷроияи ноҳияҳои Вахш Ф. Қувватов, Бохтар А. Достиев, шаҳри Калининобод Ш. Мирзоев ба унвони сессияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: "...Роҳбарияти ҳокимияти лӯхтакмонанд ба муқобили мардуми хатлонӣ, русу ӯзбекзабон роҳи террорро пеш гирифтаанд. Аз дасти душманони миллат ба қатл расонда шуданд: Додситони Кулли ҷумҳурӣ Нурулло Ҳувайдуллоев, сардабири рӯзномаи "Садои мардум" Муродуллоҳи Шерализода, ҷонишини комиҷроияи вилояти Кӯлоб Сайфиддин Сангов, директори генералии комбинати орди ноҳияи Колхозобод Абдумаҷид Ҳафизов, корманди КАМ-и ноҳияи Ёвон Ҷумъахон Қурбонов, устоди калони Донишкадаи олӣ Нуралӣ Гадоев, ҳофизи сурудҳои эстрадӣ Кароматуллоҳ Қурбонов, сардори шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Вахш Анвар Давлатов ва ҳазорон дигарон. Дар шаҳрҳои Нораку Қӯрғонтеппа, ноҳияҳои Вахш, Бохтар, Колхозобод, Панҷ кӯлобию ленинободӣ, русу ӯзбекзабонро ваҳшиёна кушта истодаанд.

Акбаршоҳ Искандаров, Давлат Худойназаров, Шодмон Юсуф, Ҷӯрабек Аминов, Мирбобо Мирраҳимов ва дигарон ба муқобили мардуми бегуноҳу бесилоҳе, ки дар Вахшонзамину Хатлонзамин сукунат доранд, ҷанг ва давоми панҷ моҳ аст, ки муҳосираи иқтисодӣ эълон кардаанд. Онҳо ба касе раҳму шафқат надоранд.

Акбаршоҳ Искандаров ва дигар роҳбарони ғайриқонунии ҷумҳурӣ хуб медонанд, ки 80-90 фоизи мардуми ҷумҳурӣ

онҳоро эътироф накардаанд, вале бо роҳи дурӯғу зӯрӣ то ҳол ҷумҳуриро сарварӣ карда истодаанд. Аввал онҳо Федерацияи Русияро сиёҳ карданд, ки тоҷиконро истисмор менамоянд. Ҳоло бошад, хоҳони он мебошанд, ки қувваи ҳарбии Федерацияи Русия ба онҳо барои торумор кардани тарафдорони ҳукумати қонунии то 7-уми маи соли 1992 амалкунанда кӯмак расонаду умри давлатдории онҳо дароз бошад..."

Алқисса, дар ҳамаи ҳуҷҷатҳои расмии роҳбарони комитроияҳои шаҳру ноҳияҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппа чеҳраи мунофиқонаи Акбаршоҳ Искандаров дар радифи ҳоҷӣ Акбар Тӯрачонзода, Давлат Исмон, Ҷӯрабек Аминов, Давлат Худойназаров инъикос ёфта, ӯро чун роҳбари оппозиция гунаҳкори реша давондани ҷанги бародаркуш дар вилояти Қӯрғонтеппа, ба қатл расондани ҳазорҳо мардуми бенаво ва ба муҳосираи иқтисодӣ гирифтор намудани вилоятҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппа ба мардуми ҷумҳурию ҷаҳон муаррифӣ намуда, илтиҷо кардаанд, ки аз сари қудрат дураш созанд.

Пас, дар байни якчанд рӯзу соати башумор чӣ тағйироте дар вазъи ҷамъиятию сиёсии ҷумҳурият, дар рафти сессияи Шӯрои Олӣ ё дар ҳаёти Акбаршоҳ Искандаров ба вуҷуд омад?! Чӣ кори неке А. Искандаров нисбати халқу миллати ҷумҳурӣ дар давоми ду се рӯз ба анҷом расонд, ки дастони пур аз хуни ӯро шуст?! Ё қувваи берунию дохилие буд, ки ба роҳбарони навинтихобгардидаи ҷумҳурӣ, ки умеди ҳама мардуми ҷумҳурӣ ва берун аз он ба онҳо буд, таъсири худро расонду ҳамаро паси сар намуда, ба амалиётҳои Акбаршоҳ Искандаров баҳои сиёсӣ надода, бар хилофи ақидаи ҷавонмардони Фронти халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кулли мардуми Ҷумҳурӣ соддалавҳона ё ноҷавонмардона боз ӯро ба вазифаи вазири робитаҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳокимаи сессияи Шӯрои Олӣ пешниҳод намуданд. Як қисми комитаҳои Шӯрои Олӣ номзадии ӯро тарафдорӣ ҳам карданд.

Агарчӣ дар сессия аз номи ҷавонмардони ғӯрамарҷгардида ва дар ҳаёт будаи Фронти халқии Тоҷикистон баромад карда, иброз намудам, ки Акбаршоҳ Искандаров ҳуқуқи маънавии соҳиби ягон мансаб гардидан надорад ва номзадии ӯ аз муҳокимаи Шӯрои Олӣ бардошта шавад. Таклифи маро депутат Муллоҳайдар Шарифзода дастгирӣ намуда, гуфт:

— Имрӯз кӣ будани Акбаршоҳ Искандаров ба халқи ҷумҳурӣ маълум аст ва ӯ ҳуқуқи маънавии соҳиби мансаб гардидан надорад!

Депутат Сироҷиддин Насриддинов ба депутатҳои Шӯрои Олӣ муроҷиат намуд:"Акбаршоҳ Искандаров Раиси Ҳизби демократи

Тоҷикистон, раиси ситоди "Наҷоти Ватан" Шодмон Юсуфро ба вазифаи сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Федерацияи Русия таъин намуда, ба Маскав овард. Вале роҳбарони Ҷумҳурии Федерацияи Русия зоҳиру ботини Шодмон Юсуфро хуб медонистанд ва бинобар ин ўро қабул накарданд".

Ҳол он, ки Акбаршоҳ Искандаров хуб медонист, ки дастони Шодмон Юсуф то оринҷ пур аз хуни инсон аст, ки дар ситоди "Наҷоти Ватан" зиёда аз 1500 силоҳбадастони гумроҳзадаро ҷамъ оварда буд".

Ба Муллоҳайдар Шарифзода ва Сироҷиддин Насриддинов барои нотарсию иродаи фавқулодаашон ташаккур мегўям.

Афсўс ки чун пештара дигар депутатҳо хомўширо интихоб карда буданд, аз ҷумла онҳое, ки дар мактубу барқияҳо имзо гузошта буданд. Фикру ақидаи деринаи хешро гўё фаромуш карданд, ки андешаи мо ба назар гирифта нашуд...

Вале депутатҳои халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки зоҳиру ботини Акбаршоҳ Искандаровро хуб фаҳмида буданд, ҷасурӣ зоҳир намуда, нахустин шуда, пешниҳоди роҳбариятро рад намуданд. Ин аввалин иштибоҳи нобахшиданӣ ва хатои сиёсии роҳбарони ҷумҳурӣ буд, ки обрўву эҳтиромиони онҳоро дар назди депутатҳои Шўрои Олӣ ва мардуми ҷумҳурӣ хатчадор сохт.

Пас аз он, чун эътироз ба ақидаи депутатҳои Шўрои Олӣ бо қарори Шўрои Вазирон, розигии Раёсати Шўрои Олӣ, роҳбарони ҷумҳурӣ "хизмат"-ҳои Акбаршоҳ Искандаровро ба ҳисоб гирифта, ўро боз соҳиби вазифаи калонтар — сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Туркманистон гардонданд.

Ин буд хатои сиёсии навбатии роҳбарони ҷумҳурӣ, ки обрўву эҳтиромиони онҳоро дар чашми кулли мардуми ҷумҳурӣ паст гардонда, ақидаи депутатҳои Шўрои Олиро шикаст.

Хонандаи азиз, аз додани баҳо нисбати баъзе ашхоси ноустувору зина ба зина гузаштани Акбаршоҳ Искандаров худдорӣ намуда, хулосабарориро ба ақлу имони ҳар кадоми Шумо мегузорам. Бигузор ҳар яке аз Шумо бо ақлу хиради худ далелҳои пешниҳоднамударо оиди амали Акбаршоҳ Искандаров таҳлил намуда, баҳои объективона диҳад, ки кӣ асту инсон чанд рўву чанд забон доштааст, ки баъдтар дар яке аз мусоҳибаҳояш бешармона "Ман ҳатто ба куштани мўрчае фармон надодаам!" мегўяд.

Охир, Фронти халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мубориза бурд, ҳазорҳо ҷавонмардони ҷасуру шуҷоъ баҳри озодию адолат ҷон ба ҳаҚ супурданд, бо сад орзую умед сарварони наву тозаро сари қудрат оварданд, ба мақсади он, ки ба душманон ҷавоби сазовор биргардонанд...

Илова бар ин, дар ёдбуди солгарди ҷавонмардони ҷасуру шуҷоъ ва қаҳрамони ноҳияи Вахш, ки 27-уми июни соли 1993 баргузор гардид, Акбаршоҳ Искандаров ва чанд тан тарафдорони мухолифинро чун меҳмони азиз қабул намуда, ба воситаи баландгӯяк сухан ҳам гуфтанд ва ҳатто баҳри саломатии Акбаршоҳ Искандаров чанд калимаи тантананоки осмонӣ ба забон оварданд. Ҳол он, ки ҳазорон модарону хоҳарон, падарону бародарон аксҳои ҷигарбандонашонро дар сандуқи сина ҷо намуда, наъра мекашиданду ашк мерезонданд, ки ба доду фиғони онҳо замину замон, кӯҳу пушта ҳам меларзид, ҳатто гӯши фалак аз фиғони онҳо кар буд...

Дар чунин мавриди мусибати азими миллат илдае баъди аз минбар вазъ гуфтанҳо ба хилват омада, "меҳмони азиз" — Акбаршоҳ Искандаровро бӯсаборону шахсияташро таърифу тавсифҳои осмонӣ менамуданд.

Охир, бисёрии ин ҷавонмардон дар даврае, ки Акбаршоҳ Искандаров мухолифинро дастгирӣ мекарду кӯмак мерасонд, аз тиру тӯпи гурди миллии мухолифин ғӯрамарг шуда буданд-ку?!

Магар мумкин аст, ки ҳамаи инро баҳри курсии мансаб, дурӯза кайфияти шахсӣ аз хотир бароварду бахшид?!

Не, ҳеҷ гоҳ! Ин ғайри имкон аст!!...

Охир, агар Акбаршоҳ Искандаров маъруфу сарсупурдаи миллат, шуҷоъ қаҳрамон бошад, ба гуфти баъзе курсинишинони имрӯзаи давлат, пас ҷавонмардони Фронти халқии Тоҷикистон, гурди миллии вилоятҳои Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб аз Рустам Абдураҳимов, Сангак Сафаров, Лангарӣ Лангариев, Файзалӣ Саидов, Бӯрихон Ҷобиров, Амирқул Азимов, Тағойхон Шукуров, Ибодулло Бойматов, Абдумалик Солеҳов, Ҳабибулло Насруллоев, Маҳкамбой Шарифов, Шералӣ Мирзоев, Худойқул Тошев, Хӯҷа Каримов, Хӯҷамурод Хаспаллаев, Абдураҳмон Умаров, Азим Ғаниев, Иззат, Кӯкан Қодиров, Файзулло Қувватов, Шералӣ Файзалиев, Ҷамолиддин Мансуров, Ботур Исҳоқов, Акрам Исҳоқов, Раҳматҷон Холматов, Бобосубҳон Мирзоев сар карда, то аъзоёни қатории онҳо, ки бисёре аз онҳо баҳри озодии мардуми ҷумҳурӣ ғӯрамарг гардиданд, кистанд?!

Пас, барои чӣ ҷангидему аз хона бехонаву аз дӯстону фарзандон чудо гардидем?! Баҳри чӣ ҳазорон ҷавонмардони зебову ҷасур сарҳои сабзашонро бар хок супориданд?! Фарзандон бепадару арӯсон бешавҳар монданд?! Ҳой, мардум, биёед ба "муборизаҳои" одамфиребиҳо хотима диҳем! Мардию номардӣ аз амал аст. Носири Хисрав, хуб фармуда:

Бар он кас бувад зиндагонӣ ҳаром,
Ки ӯро намонад пас аз марг ном.

Дар назди арвоҳи онҳо чӣ ҷавоб диҳем?! Не, ҳеҷ кас ҳуқуқи содир намудани чунин камбудиву нуқсонҳоро надорад!! Ҳайҳот, Акбаршоҳ Искандаров барин ашхос бо дастгирии касе ҳоло ҳам дар курсии мансаб нишастааанду санги маломат ба сари мо мезананд. Ин тоифа имрӯз ҳам кам нестанд... Фирдавсии бузург беҳуда нагуфтааст:

Ба душман ҳар он кас, ки бинмуд пушт,
Шавад з-он сипас рӯзгораш дуруст.

Қувваи оппозиция Ургутмаҳалларо ба хок яксон сохт, садҳо нафар бегуноҳони миллатҳои гуногунро ба қатл расонда, хонаҳора оташ заданд, молу мулки деҳа талаву тороҷ гардид. Бисёриҳо хонаву ҷои худро партофта, фирорӣ шуданд. Ҳангоми сӯҳбат аз ҳаёти талхи худ иддае аз ишон чунин иброз доштанд:

Қаҳҳор МАДАЛИЕВ, 52-сола, коргари трести хӯроки умумии шаҳри Қурғонтеппа:— "Дар шаҳри мо ҷанги ҳақиқӣ давом дорад. Одамони ниқоблӯш зери парчами "исломӣ" ва "демократия" меоянду ҳамаро мекушанд, оташ мезананд, чизу чораро ғорат мекунанд. Рӯзи 7-уми сентябр ба хона беёям, хона сӯхтаву валангор, 7 гӯсфанд доштем, ҳамаашро гирифта, ба ғмо бурдаанд. Оилаи мо аз 8 нафар иборат аст. Мо се нафар гурехта, ба Хуҷанд расидем. 5 нафари дигар дар куҷоянд, аҳволашон чӣ шуд, зиндаанд ё не, намедонам. Ба ғайр аз чор ишкел дигар чизе бо худ нагирифтаем..."

Раъно РӮЗИЕВА, коргари фабрикаи "Дилором"-и шаҳри Қурғонтеппа:— "Ба хонаи хоҳарам, ки як-ду маҳалла аз мо дуртар иқомат дорад, ба меҳмонӣ рафта будам. Якбора тирпарронӣ оғоз ёфт. Аввал гумон кардем, ки андоз-андози муқаррарӣ аст. Нигоҳ кунем, бо БТР-у гранатомёт ҷанг сар шуд. Ҳеҷ илоҷи ба хона баргаштанро наёфтам.

Ҳамроҳи дигарон ба Кулоб гурехтем. 5 рӯз дар он ҷо будем. Аҳволи шавҳарам, 5 фарзандам чӣ шуда бошад, намедонам. Ҳамаи мо, гурезагон аз кӯлобиён бисёр миннатдорем. Ҳазор раҳмат ба онҳо. Бо вуҷуди камчинии озуқа моро бо ҷойи хобу хӯрока таъмин карданд. Бисёр кӯлобиҳо таклиф намуданд, ки дар хонаашон иқомат кунем.

Носипосиро бинед, ки замоне падару бобоёни мо ба он ҷо рафта, дашти тафсону ботлоқзорро ба гулистон мубаддал кардааанду имрӯз моро аз зодгоҳамон меронанд. Онҳое, ки амволи моро ғорат мекунанду худро мусулмони комил мешу-

моранд, магар аз мақоли "алмуслимина ихватун", "Мўъмин бародари мўъмин" бехабаранд!"

Ҳар яке аз онҳо бо дили пур аз ғаму ғусса бо чунин мазмун ҳарф мезаду ашк мерезонд...

Дар Ургутмаҳалла ҷавонмардони зиёде баҳри муҳофизати сокинони маҳалла қаҳрамонӣ зоҳир намуда, бо сад орзуву умед дар дил ҷони худро дар хатар гузошта, аз дасти ҳомиёни мазҳаби Ваҳҳобия" ва "демократҳо"-и мансабпараст ваҳшиёна ба қатл расонда шуданд. Чуноне ки нисбати мухолифин шоир фармудааст:

Дар фунуни кушту хун бисёр лоиқ будай,
Бегам аз дарди сари махлуқу холиқ будай,
Дар сарандозӣ ту дорои савобиқ будай,
Раҳнамои дузду авбошу мунофиқ будай,
Дигаронро андар ин маврид маломат мекунӣ,
Зинда бошӣ, офаринат, хуб хизмат мекунӣ!

ТАЪСИСИ ФРОНТИ ХАЛҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Бо воситаи яке аз шермардони роҳи озодӣ дўсти азизам, ки имрўз ҷисман ҳамроҳи мо несту аз дасти ҷаллодони миллат якҷоя бо ду писараш ба қатл расонда шудааст, Ботурҷон Исҳоқов ва духтари ҷасуру нотарс, ки дар зиндагӣ ҳеҷ гоҳ ақидаашро тағйир надодааст, дар замираш хислатҳои зиёди ҷавонмардӣ дораду онро ба бисёр мардон худо надодааст, ҷонишини додситони нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қутфинисо Мирзоева, ки дар рўзҳои бадтаринам ҷони худро зери хавфу хатар гузошта, аз ман рў нагардонданд, дўстону ҳамақидаҳоям: аз ноҳияи Ғозималик — Тағойхон (Малик) Шукуров, аз шаҳри Турсунзода — Ибодулло Бойматов, Раҳматҷон Холматов, Сайфулло Мирзоев, аз ноҳияи Шаҳринав — Абдумалик Солеҳов, аз шаҳри Душанбе — Шералӣ Файзалиев, Давлат Муродов, Рауф Солиев, Ғайбуллоҷон Орифов, Толибҷон Бобоевро даъват кардем.

Мумкин имрўз ба шаҳри Душанбе, водии Ҳисору Ғозималик рафтану масъала ҳал намудан ва касеро даъват карда, ба шаҳраки Сарводаи ноҳияи Айнӣ овардан кори душвор набошад. Вале дар он шабу рўз, ки мухолифин дар сари қудрат буданду чун гургони гурусна гўё дар қўтани мешон ба кашу дар машғул буданд, ба чор тараф ҳаллос зада касеро мехостанд сар аз тан ҷудо месохтанд, бисёре аз "мардони майдон, ки боз имрўз курсиҳои мансаб ҷисми нотавонашонро зеб медиҳад, дар он вақтҳо аз тарсу воҳимаи оппозиция, ширинии ҷон сарашонро аз зери домони завҷаҳояшон набардошта, мегуфтанд: "дигар ба

хонаи ман сим назанед, телефонро қозиқалон зери назорат гирифтааст..."

Бинобар ин, ояди ичрои ҳар як супориш Қутфинисо Мирзоева, Ботурҷон Исҳоқов ва Шералӣ Файзалев борҳо ҷони худро зери хавфу хатар гузошта, қаҳрамониҳо зоҳир намуда, супоришро ичро мекарданд.

Магар дар он шабу рӯз кори осон буд роҳ ёфта, ба шаҳри Калининободу Қӯрғонтеппа, ноҳияҳои Бохтару Ғозималик, Ҷиллиқӯлу Қубодиён, Шаҳритусу водии Ҳисор маслиҳат бурдану ахбори дақиқ овардан?!

Имондорона бояд иқрор кард, ки Қутфинисо Мирзоева духтари оддӣ нест, дар замири ӯ худо ҷасорату нотарсӣ якзабониву имондорӣ ва одаму одамгарии волоро офаридааст, ки афсӯс, ба бисёр мардон чунин хислатҳои одамиро надодааст. Вагарна метавон дар он вазъияти сангин, зери тиру туфанг шабонаву рӯзона ҷинси зан ситод ба ситод, ноҳия ба ноҳия гашту супоришро аз будаш зиёд ичро намуд?... Бисёр мардонро дидам, ки зоҳирашон нақшу нигор асту ботинашон нолаи зор. Ичрои ягон масъала баҳри боздоштани ҷанги бародаркуш, таъмини амнияти мардум он тараф истад, аз салом кардану сухан гуфтан метарсиданд. Ҳаракат мекарданд, ки ман онҳоро набинам. Ба ин мазмун Низомии Ганҷавӣ хеле хуб фармудааст:

Ҳаво бишкан, к-аз ӯ ёрӣ наёяд,
Ки "аз бӯзина наччорӣ наёяд".

Аз ин рӯ, ҳиссаи Қутфинисо Мирзоева нисбати даъвати сессияи шонздаҳуми Шӯрои Олии ҷумҳурӣ, боздоштани ҷанги бародаркуш, ғалабаи равшанӣ бар торикӣ, адолат бар беадолатӣ беҳамто мебошад. Вале то ҳол касе намедонад...

Нисбати чунин фарзандони сарсупурдаи миллат, бо нангу номус шоир фармудааст:

Сано бодо ба занҳое, ки марданд,
Баёзи зиндагиро байти фарданд.
Ба номардон бидода дарси мардӣ,
Даме ҳусни заниро кам накарданд.

Вале афсус ки имрӯз яке саргарми "бизнес", дигареро ғурури мансабу шӯҳрат намегузорад, ки ба замини муқаддас назар афкананду ба хизмати фарзандони сурсупурдаи миллат аз рӯи инсоф баҳо диҳанд, ки мардуми ҷумҳурӣ онҳоро бишносанд. Охир кайҳост, ки дар болои манзили иддае аз онҳо майсаҳои ормон месабзад. Ақаллан аз баройи хотири шаҳидону дилбардории зиндагон аз рӯи инсофу адолат лаҳзае ҷаҳлу ғуруррро барандохта фикр намудан зарур будагист! Чаро мо хоҳони он

нестем, ки халқу миллати ҷумҳурӣ ҳақиқати ҳолро бидонанд?! Охир, "Дарвозаи шаҳр метавон баст, натвон даҳони мардумон баст". Тарғиботчии ҳақиқӣ халқ аст. Бо ин мазмун Хусрави Деҳлавӣ гуфтааст:

Бар рӯи муҳит пул тавон баст,
Натвон лаби халқро забон баст.

Рӯзи 8-уми сентябри соли 1992 дар шаҳраки Сарводаи ноҳияи Айнӣ ҷаласаи кумитаи ташкилии Фронти халқии Тоҷикистонро гузарондем, аппарати корӣ, мақсаду маромии Фронтро муайян намудем. Лоиҳаи Оинномаи Фронти халқиро муҳокима карда, барои қабул намудан ба конференцияи Фронти халқӣ пешниҳод кардем. Ҳар кас нисбати вазъияти шаҳру ноҳияи худ ахбор дода, андешаву омоли халқро дар бораи амалиётҳои номардонаи оппозиция иброз дошт.

Ба аъзои раёсати кумитаи ташкилӣ шахсони зерин дохил гардиданд: Амирқул Азимов, Тағойхон Шукуров (ҷонишини раис), Ибодулло Бойматов, Абдумалик Солеҳов, Раҳматҷон Холматов, Қутфинисо Мирзоева, Давлат Муродов, Шералӣ Файзалиев, Ботур Исҳоқов, Толибҷон Бобоев (аъзо) Сафаралӣ Кенҷаев (раис).

Вазъияти ба миён омада нагузошт, ки вакилон аз хатлон-замину Вахшонзамин дар кори кумитаи ташкилии Фронти Халқӣ ширкат варзанд, агарчӣ Лангарӣ Лангариев, Файзалӣ Саидов, Сангак Сафаров, ва Рустам Абдураҳимов хабардор карда шуда буданд...

Ҳангоми гуфтугӯи телефонӣ ба Лангарӣ Лангариев, Файзалӣ Саидов, Сангак Сафаров ва Рустам Абдураҳимов кори Фронти Халқии Тоҷикистон, Оинномаи онро ба онҳо фаҳмондем. Онҳо иқдоми некро дастгирӣ карда, изҳори ақида намуданд, ки то конференция номи горди миллии вилояти Кӯлоб бо сарвории Саид Салимов, Лангарӣ Лангариев, горди "Наҷот"-и ноҳияи Вахш бо сарвории Ёқуб Салимов ва горди миллии вилояти Қӯрғонтеппа бо сарвории Файзалӣ Саидов, Шералӣ Мирзоев, Маҳкамбой Шарифов, ки то ҳол оиннома надоштанду комитети ташкилӣ нагузаронда буданд ва ба ин шароит надоштанд, бетағйир мемонад. Дар конференция сари ин мақсад фикр хоҳем кард, ки кадоме аз номҳо қобили қабул гардад, ҳамонашро қабул намуда, сарвaрони Фронти халқии Тоҷикистонро интихоб менамоем...

Ба пиндори ман, агар конференция баргузор мегардид, раиси Фронти халқии Тоҷикистон бояд, ки яке аз роҳбарони гурди миллии Хатлонзамин ё Вахшонзамин интихоб мегардиданд. Аз

се нафар (Рустам Абдураҳимов, Сангак Сафаров, Файзалӣ Саидов) якеро интихоб намудан ақидаи шахсии ман буд, чунки онҳо аввалин шуда, бар муқобили фундаментализми ваҳҳобӣ баҳри муҳофизати давлати қонунии то 7-уми майи соли 1992 амалкунанда бархоста буданд.

Аъзоёни кумитаи ташкилии Фронти халқии Тоҷикистон дар назди виҷдону имон ва қаҳрамонони роҳи озодӣ савганд ёд намуданд, ки то қатраи охирини хуни худ ба ақидаашон устувор буда, талаботи Оиннома ва сарварони Фронти халқиро бе ягон таъхиру шакку шубҳа иҷро менамоянд, барои озод намудани халқи ҷумҳурӣ аз зери юғи фундаменталистони мансабталаб муборизаи оштинопазир мебаранд.

Ба қарор омадем, ки бояд ду фронт ташкил карда шавад. **Фронти якум:** шаҳрҳои Турсунзода, Душанбе, ноҳияҳои Шаҳринав, Ҳисор, Варзоб, Ленин, Кофарниҳон, Файзобод,— қумондон Амирқул Азимов, сардори ситод Давлат Муродов таъин гардид. Маркази Фронти № 1 — шаҳри Турсунзода. Қумондони шаҳри Турсунзода Ибодулло Бойматов, раиси ситоди фронт Раҳматҷон Холматов, қумондони ноҳияи Шаҳринав Абдумалик Солеҳов, ноҳияи Ҳисор Ҳабибулло Насруллоев ва Субҳон Мирзоев, қумондони шаҳри Душанбе Шералӣ Файзалиев, Рауф Солиев, Ботурҷон Исҳоқов таъин гардиданд.

Қумондони фронти дуюм: ноҳияҳои Ғозималик, Ҷилликӯл, Қубодиён ва Шаҳритус — Тағойхон Шукуров (Малик), маркази фронти №2 — шаҳраки Қизил-Қалъа.

Сипас, ҳар яки онҳо мувофиқ ба ваколат ва вазифаи Фронти халқӣ аз кумитаи ташкилӣ вазифаҳои зайл гирифтанд:

— ҳукумати "муросои миллӣ" ва Раёсати имрӯзаи Шӯрои Олии ҷумҳуриро ғайриқонунӣ ҳисобида, то интихоботи ҳукумат ва Раёсати нав бо роҳи демократӣ онро эътироф ва қонуну қарорҳояшро иҷро карда нашавад;

— Миёни мардуми деҳаю колхозу совхозҳо, ноҳияву шаҳрҳо корҳои тарғиботӣ бурда, ақидаи нопоки оппозиция — (мазҳаби "Ваҳҳобия ва "демократияи исломӣ") ва ҳукумати амалкунанда (ҳукумати "муросои миллӣ" ва Президиуми Шӯрои Олӣ)-ро бо далелу бурҳонҳои қотеъ фаҳмонда дода шавад, ки мардум кӯр-кӯрона зери таъсири он қарор нагиранду эътирофаш нанамоянд;

— дар ҳамаи шаҳру шаҳракҳо, ноҳияву колхозу совхозҳо, корхонаю ташкилотҳо шӯъбаи ситоди Фронти халқиро таъсис намуда, мардуми озодихоҳу қавиродаро гирди худ муттаҳид созанд. Барои таъмини амнияти мардум ҳамаи намуди силоҳу лавозимоти низомии мавҷударо ҷамъ оварда, ба ситодҳо супоранд;

— аз ҳар шаҳру ноҳия ва гурӯҳҳо аз 10 то 20 нафарӣ ҷавонмардони ҷасуру пурқувватро аз рӯзи 10-уми сентябри соли 1992 барои омӯхтани малакаи қумондонӣ, сарварии ситод ва дигар масъалаҳои муҳим ба Искандаркӯл, ноҳияи Айнӣ фиристонанд;

— бо мақсади таъмини амнияти мардуми шаҳру ноҳия ва паст намудани шиддати ҷанг дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Қӯрғонтеппа ва ноҳияҳои Данғараю Кофарниҳон даромаду баромади шаҳру ноҳия, гузаргоҳҳоро зери назорат бояд гирифт. Рухсатномаи махсус ва якшакла бо номи Фронти халқии Тоҷикистон таъсис карда шавад, то он ки кас бе рухсатномаси роҳбари фронт натавонад ба марзи шаҳру ноҳияи дигар қадам гузораду барои ҷангидан ба вилояти Қӯрғонтеппа ҷанговар фиристонад;

— битавонад роҳбарияти ноҳияву шаҳрҳо, органҳои маъмурӣ ва мардуми онро муттаҳид сохта, тарафдори Фронти халқии Тоҷикистон гардонад;

— дар ситодҳо миёни аъзоёни Фронти халқӣ интизоми оҳанин барқарор карда шавад, нисбати вайронкунандагони интизом, итоат накардан ба қумондонҳо ё саркашӣ намудан аз иҷрои супориш, ба қатл расондани бегуноҳон, ба дуздию ғоратгарӣ даст задан аз рӯйи қонуни ҷанг ҷазоҳои қатъӣ андешида шавад;

— бо горди миллии вилояти Кӯлоб ва горди "Наҷот"-и Вахшу ситодҳои вилояти Қӯрғонтеппа алоқаҳоро мустаҳкам намуда, пайваста ҳамкорӣ намояд, ба якдигар бидуни чуну чаро кӯмаки амалӣ расонанд;

— бо мақсади боздоштани ҷанги бародаркуш таклифу пешниҳод намояд ва амалиётҳои якҷоя гузаронад;

— ҳангоми гузоронидани амалиётҳо фикру ақидаи роҳбарияти вилояти Кӯлоб, қумондонҳои горди миллии вилояти Кӯлоб ва горди "Наҷот"-и Вахшу ситодҳои вилояти Қӯрғонтеппа, алалхусус, Сангак Сафаров, Лангарӣ Лангариев, Файзалӣ Саидов, Муҳаррама Мирзоалиева, Шералӣ Мирзоев, Файзалӣ Қувватов, Ёқуб Салимов, Маҳкамбой Шарифов, Рустам Абдураҳимов, Сафармат Рустамов, Сӯҳроб Афғонов, Қурбон Чолов, Бӯрихон Ҷобиров, Азим Ғаниев, Саид Салимов ба ҳисоб гирифта шавад;

— ҷамъ намудани пул аз мардумони дасткушоду хайрхоҳ ва харидани силоҳ барои таъмини амнияти мардуми шаҳру ноҳияи худ."

Тағойхон Шукуров изҳор намуд, ки дар ноҳияи Ғозималик, Ҷилликӯл, Қубодиён ва Шаҳритус ситодҳо вуҷуд доранд, дар шаҳраки Қизил-Қалъаи ноҳияи Ғозималик онҳоро муттаҳид сохта, намегузоранд, ки оппозиция дар ин ноҳияҳо ҳукмрон гардад. Чунки аз як тараф, дар ноҳияи Ғозималик қувваи

тавоно аст. Аз тарафи дигар, дар ин ноҳия такягоҳ дорам. Ба монанди ҷавонмардони боҷасорату шуҷоъ: Хӯҷамурод Каримов, Панҷӣ Холов, Маҳмудхон Шукуров, Парпӣ Авлиёқулов, ҷамъ зиёда аз 80 нафар. Бо ин роҳ метавонам ғозималикиҳои дар ҷумҳурӣ сукунат доштаро муттаҳид гардонам. Ҳама мардуми Ғозималик, ноҳияҳои Ҷилликӯлу Қубодиён ва Шаҳритус, ки ба мо ҳамақида буданд, аз рӯзҳои аввал ба маглубияти мухолифин боварӣ доштанд, зеро хуб медонистанд, ки роҳи мо ҳақ аст ва мардум тарафдори мост.

Сипас, ҳама аз паи иҷрои вазифа гардид, ҳар чизе, ки ҷамъ оварда будем, ба Шералӣ Файзалиев, Ботурҷон Исҳоқов Қутфинисо Мирзоева додем, ки ба Сангак Сафарову Файзалӣ Саидов ва Лангарӣ Лангариев ба Қурғонтеппа расонда, аз паи иҷрои дигар супоришҳо гарданд. Амирқул Азимов дар Искандаркӯл барои тайёр намудани ҷой ва қабули меҳмонон монд. Ман барои ҳалли баъзе масъалаҳои таъҷилӣ ба вилояти Ленинободу сипас ба шаҳрҳои Федерацияи Руссая ва Тошканд рафтам...

КӮРДИЛОН

Аз рӯйи ахбори дақиқ, вазъият дар вилояти Қурғонтеппа ҳар соату ҳар рӯз ба манфиати мухолифин тағйир меёфт, тарафдорони мо пайи ҳам мавқеяшонро аз даст медоданд. Дар шаҳраки Ломоносов чор рӯз ҷанги шадид давом дошт, оппозиция ва "қувваҳои давлатӣ" ҳар рӯз аз ҳисоби мардуми гумроҳзадаи мазҳаби "Ваҳҳобия"-и шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Шаҳринав, Кофарниҳону Варзоб, Ҳисор, Ленин, Душанбе, Ғозималик, Ҷилликӯл, Қубодиён, Шаҳритус, ноҳияҳои водии Қаротегину Бадахшон пурқувват мегардид. Ситоди "Нақоти Ватан", Горди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳизби наҳзати ислом, Қозиёти ҷумҳурӣ хона ба хона, масҷид ба масҷид гашта, аз шаҳру ноҳияҳои номбаршуда зери фишори номи дини мубини ислом, қасам ба Қуръони маҷид ва бо силоҳ тарс додан гумроҳзадагонро гирд меоварданду бо яроқу аслиҳаи ҳозиразамон мусаллаҳ менамуданд. Ва эшону уламои дини мубини ислом ба ҳар якеи онҳо "калиди биҳишт"-ро, ки чанд устои чӯбдасту харрот аз чӯби сандал созондаву оро дода буданд, ба "Воридшавандагони ҷаннати Шаддод" супурда фотеҳа медоданду бо номи оллоҳи таъоло ва Қуръони маҷид қасам ёд карда мегуфтанд: "Шумо аҳли муслиминед, хатари аз миён бурдани дини ислом ва ба қатл расондани эшону авлиёҳо, пешвоёни мусулмонон ба миён омадааст. Шумо ҷавонмардона бояд дини исломро аз кофирону номусулмонон, коммунистон муҳофизат

намоед. Ба муқобили душманон муборизa бареду раҳму шафқат нисбати онҳо зоҳир нанамоед, аз сесола болоро сар аз тан ҷудо созед. Ин фармудаи Қуръони маҷид аст! Аллоҳу акбар!!"

Барои хизмататон аз даргоҳи худованди кариму раҳим фардо рӯзи қиёмат мукофот хоҳед гирифт..."

Дастаи дигари шайхону эшонҳо, қориёни Қуръону фундаменталистони ислом ҳоҷӣ Саидашраф Абдулаҳадов, ҳоҷӣ Саъдӣ, Саид Абдуллоҳи Нурӣ, қорӣ Қиёмиддини Ғозӣ, мулло Муҳаммадшариф Ҳимматзода, қорӣ Муҳаммадҷон, ҳоҷӣ Алломаи Регарӣ ва дигарон дар масҷидҳо зону таҳ намуда, китобҳое, ки бар зарари дини мубини ислом, Қуръони маҷид ("Канз-ул-ҳусайн" ва ғайра) буд, қироат намуда, шахсони даркориро ҷодуву афсун мекарданд.

Баъди чунин афсунҳову мулозимхониҳо мусулмонро бар алайҳи мусулмон, бародари ҳамхуну ҳамнажод ва ҳаммазҳабаш ба ҷанг мефиристоданд! Наузамбиллоҳ, ин даҳшате буд назди оллоҳи таъоло ва бандагони сиддиқаш! Вале дуою дуруди онҳо, ки бар хилофи Қуръони маҷид буд, чун боде ба ҳаво мерафту ба касе таъсир намекард.

Боз дар зери афсуну ҷоду онҳоро бовар мекуниониданд, ки агар дар майдони ҷанг ҳалок гарданд, ҷанозаи онҳоро бо амри худованди карим малоикаҳои осмон мехонанд ва бо амру қудрати худои бахшояндаи меҳрубон нафси ишонро рост ба ҷаннат мебаранд. Ин роҳ роҳи росту пок ва масири расидан ба зоти парвардигори ҳаждаҳ ҳазори олам аст! Бо ин калид ҳар яке дар он дунё дари ҳуҷраи худро мекушоянд, ки бо амри худованди каримурраҳим чиҳил ҳури бикри биҳиштӣ, ки яке аз дигаре зебову раъно, як рӯ офтобу як рӯ моҳтоб аст, дар даст ҳазору як нозу неъмат нигарони ҷонҳои поки ишон аст. Роҳат дар он ҷост... Вале сабаб чӣ буд, ки касе аз он эшону уламоҳо мақсаду маромиба назди ҳурони биҳиштӣ рафтан надошт?...

Иддае бо чунин афсунҳои сохтаву бофтаи мазҳаби "Ваҳҳобия" гирифтор гардида, "Оллоҳу Акбар!",— гӯён девонавор ба майдони ҷанг медаромаданд, дар ҳар куҷое бародари мусулмони худро дармеёфтанд, агарчӣ дар як мактаб хонда буданд, борҳо аз як дастархон нон хӯрда, дар тӯйҳо рақсида буданд, танҳо барои он, ки ӯ зодаи дигар водисту "Ваҳҳобия"-ро ҷонибдорӣ наменамояд, сар аз тан ҷудо месохтанд, хонаашро оташ мезаданд... Ҳар чизе, ки меёфтанд, ба яғмо мебурданд. Аз тарафи уламову пешвоёни мазҳаби "Ваҳҳобия" фатво гирифта буданд: "Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати исломӣ нест ва молу мулки онро талаву тороҷ намудан савоб аст". Ин гуфтаи аллоҳи таъоло аст".

Наузамбиллоҳ! Ҳар чӣ, ки мехостанд, ҳамонро беимонона аз номи офаридгори бузург ба мардум пахш мекарданд... Аз ҷониби дигар, идеологҳои асосии мухолифин коммунистони сурх, ба монанди Ғоибназар Паллаев, Отахон Латифӣ буданд, ки ба онҳо маслиҳатҳои зарурӣ медоданд. Мутаассифона, Ғоибназар Паллаев аз рӯйи нақшаи тарҳрезӣ гардида солҳои дароз дар давуғеҷи ҳарчӣ тезтар аз сари қудрат дур сохтани ленинободиҳо буд. Ба воситаи ким-кадом қувваҳо ӯ битавонист, ки бо котиби КМ ҲК Тоҷикистон оиди идеология Бобосидиқова Г. наздик гардад. Эпопеяи "ғармӣ"-и Паллаеву Бобосидиқову оғоз гардид, ки камари номуборак оиди аз сари қудрат дур гардонидани собиқ котиби аввали КМ ҲК Тоҷикистон Раҳмон Набиев бастанд. Бо истифода бурдани алоқаҳои марказ тавонистанд, ки Набиевро аз сари қудрат дур созанд.

Ба ҷои ӯ Маҳкамов меояд. Ба назар чунин менамояд, ки гӯё Шимол мавқеашро нигоҳ медорад. Дар асл бошад, бо макру ҳиллаи Ғоибназар Паллаев ба Шимол зарбаи сахт зада шуд. Ба ивази дар ихтиёри Маҳкамов мондани мансаби якуми давлат, ӯро маҷбур гардониданд, ки ба ҷонибдорони Паллаев мансаби Вазири корҳои дохилии ҷумҳуриро низ диҳанд. Маҳкамов соддалавҳона, ояндаи халқи ҷумҳуриро дурбинона надида, ба вазифаи вазири корҳои дохилии ҷумҳурӣ М. Навҷувоновро таъин намуд. Акнун дар як даст (Ғ. Паллаев) ҳам пули савдо ("Тоҷикматлубот") ва ҳам ба ном ғурӯҳи рӯпӯшкунанда (ВКД) ҷамъ гардид. Бо ин роҳ савдо бо хотири ҷамъ кор карда метавонист. Онро аз ҳар давуғеҷҳо ВКД-и ҷумҳурӣ ҳимоя мекард. Ин ҳама таҳкурсии хело пурқуввате буд, ки ба ташаккули босуръаттари фундаменталистони исломӣ, демократҳои дайдуи мансабталаб рост омад...

Ба ном бунёдгарони исломӣ, ҷавонони "демократ" ва олами ҷиной ҳамин се қуввае буданд ки 12-уми феврали соли 1990 исёни Душанберо ташкил карданд. Ба исён Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғоибназар Паллаев аз паси парда роҳбарӣ мекард ва ин далел тасдиқ гардидааст.

Дар рафти воқеаҳои 12—13—14 феврал (қӯшун шаби 13-ум дароварда шуд), ҳама чиз маълум гардид. "Кумитаи "17 нафара" бояд ба ҷумҳурӣ роҳбарӣ мекард. Он ба Маҳкамову Ҳаёев нобоварӣ изҳор намуда, ба... Паллаев фотеҳа дод. (рӯзномаи "Ҳақиқати Ленинобод", 19—20. 08. 1993 с. "Кӯргиреҳи Тоҷикистон").

Аз бемасъулиятии кормандони ургонҳои тафтишотӣ ниқоб аз рӯйи Ғоибназар Паллаев бардошта нашуд, каждум зери бӯрё монд ва нафраташ ба мардуми вилояти Ленинобод (шимол) беканор гардид. Илова бар ин, дар сессияи якуми Шӯрои

Ҳоҷӣ Муҳаммадшариф ҲИММАТЗОДА, раиси Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон.

Тоҳир АБДУҶАББОРОВ, раиси ҳаракати мардумии "Растохез", депутати халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Акбаршоҳ ИСКАНДАРОВ, Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аслиддин СОҲИБНАЗАРОВ, аъзои Раёсати Шӯрои Олӣ, ҷонишини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Абдулло ҲАБИБОВ,
аъзои Раёсати Шӯрои Олӣ, раиси Кумитаи Шӯрои Олӣ.

Тоҳир АБДУҶАББОРОВ, раиси ҳаракати мардумии "Растохез", депутати халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Акбаршоҳ ИСКАНДАРОВ, Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аслиддин СОҲИБНАЗАРОВ, аъзои Раёсати Шӯрои Олӣ, ҷонишини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Абдулло ҲАБИБОВ,
аъзои Раёсати Шӯрои Олӣ, раиси Кумитаи Шӯрои Олӣ.



Ғоибназар ПАЛЛАЕВ, Собиқ раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз идеологҳои асосии зерипардагии Мухолифин.

Отахон ЛАТИФӢ, Собиқ мухбири махсуси рӯзномаи "Правда" дар Тоҷикистон, собиқ ҷонишини раиси Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон, идеологи Мухолифин.

Сардабири рӯзномаи иртиҷоии "Чароғи рӯз" Додоҷони Атовулло ва воқеанигори он Соҳидаи Мирзо дар ҷодаи рӯзноманигорӣ ном бароварда натавониста ҳезумкаши ҷанги бародаркушӣ ва косалесони "демократҳо" гаштанд. Худо медонад,ки имрӯз дар кӯҷоҳо сарсону саргардонанд ва айби ҳаммиллатони худро меҷӯянд.

Шодмон ЮСУФ, раиси Ҳизби демократи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамдастонаш — Сафар Абдулло ва Абдурофеъ Рабиев дар майдони "Шаҳидон".

Қорӣ Саид Қиёмиддини ҒОЗӢ, "генерали мардумӣ", ҳангоми суханронӣ бо баландгӯяк дар майдони "Шаҳидон".

Лаҳзае аз гирдиҳамоии майдони "Шаҳидон".

Моҳҳои апрел-маи соли 1992.

Қорӣ МУҲАММАДҶОН, (дар майдони "Шаҳидон" худро генерали мардумӣ эълон дошт).

Гирдиҳамоии майдони "Шаҳидон"

Давлат ИСМОН, аъзои Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон аз соли 1978, ҷонишини раиси Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон, собиқ ҷонишини сарвазири ҳукумати "Муросои миллӣ"-и Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Чи гуна озодиро мехоста бошанд?

Саидмурод ҚУРБОНОВ (эшони Саидмурод), яке аз қотилони Додситони кулли ҷумҳурӣ Нурулло Ҳувайдуллоев, ҳангоми суханронӣ дар майдони "Шаҳидон".

Лаҳзае аз гирдиҳамоии майдони "Шаҳидон". Моҳҳои апрел-май соли 1992.

Занону духтарон дар майдони "Шаҳидон".

Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Паллаев тайёрии ҷиддӣ дид. Ҳама роҳҳоро истифода бурд, то он ки бо роҳи интихобот давлатро аз дасти шимол бигирад. Вале боз бахташ омад накард. Ҳамагӣ аз 230 депутати халқи Тоҷикистон ба 62 овоз сазовор гардид. Маҳкамов Раиси Шӯрои Олӣ интихоб шуд. Чуноне ки дар ҳикмати халқ омада: Аз рӯи сияҳ матарсу аз абри сафед, Аз мӯи сапед тарсу аз абри сиёҳ.

Ин ҳама ғазабу нафрати ӯро дучанд гардонд ва баҳри ба сари қудрат омадани фундаменталистони исломӣ давуғеҷҳои зиёдро ба харҷ дод... Беҳуда халқ нагуфтааст: "Матарс аз ҷавонони шамшерзан, ҳазар кун зи пирони бисёрфан".

Алқисса, гурӯҳи мансабталоши Тоҷикистон пас аз мубориза-ҳои пайдарҳами сиёсӣ ба нақшаи аввал сазовор гаштанд. Тавонистанд, ки аз чор поя (ба гуфти Аҳмади Дониш давлат чор поя дорад) ду пояи асосии онро: пул (яъне савдои ҷумҳурӣ) ва сарбозони дохилӣ (ВКД-и ҷумҳурӣ)-ро зери итоати худ бигиранд. Сипас миёни савдо ва ВКД иттифоқ барқарор намуда, аз бемасъулиятӣ ва кундақлии роҳбарони ҳамонвақтаи ҷумҳурӣ истифода бурда, ба савдо шароити дилхоҳ муҳайё сохтанд, то дилпуронаю хотирҷамъона дар ҳама деҳаву шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ мафияи худро таъсис дода, пурқувват гардонанд. Баъд бо роҳи ғорати молу мулки халқу давлат ҳарчи бештар сарват ҷамъ оварда, аз як тараф норизогии халқро нисбати сохти давлату давлатдорон бештар сохта, аз тарафи дигар ба мардум аз ҳисоби ҳамон пулу моли бо роҳи ғорати халқу давлат бадаст омада "олиҳимматию саховатмандӣ" зоҳир намуда, мардуми корафтодаю камбизот, сағиру кабир, беваву бечораро ба доми фиреби худ кашанд, заррае ҳам бошад, дили мардумро нисбати худ гарм созанд. Дар як вақт гурӯҳҳои айёру чиноякор, савдогар ва дигар решаҳои олами вайронкориро гирди худ ҷамъ оварда, побанди МАФИЯИ САВДО гардонанд ва доираи амалиёти онро васею мавқеашро пурқувват намоянд...

Беҳуда нагуфтаанд, ки олиҳиммативу саховат сабаби некномӣ ва эҳсон мӯҷиби дӯсткомиву хуҷастафарҷомӣ аст. Ва ҳеҷ сифоте одамиро ва махсусан ашрофу бузургони эшонро беҳ аз ҷуду сахо нест:

Шарафи мард ба ҷуд асту каромат ба сучуд,
Ҳар ки ин ҳарду надорад, адамаш беҳ зи вучуд,

Ё

Мурғи ҳиммат чу бол бикшояд,
Ғурфи иқболаш ошён бошад.
Пеши ҷавгони ҳиммати олӣ
Камтарин гӯй осмон бошад.

Оре, чун харҷ аз кисаи дигарон аст, Ҳотами Той шудан осон бувад. Камбағал чӣ парвое дорад, ки пул аз кисаи кист. Бале, хуб гуфта будаанд, халқ диҳандаро нағз мебинад, на гирандаро.

Агарчӣ пул аз ҳисоби халқу давлат буд, бо чунин роҳҳо мардумро гирди худ муттаҳид сохтанд. Баъди ин ҳар гуна ташкилоту ҳаракатҳои мардумиро расмию пинҳонӣ созмон доданд. Тавассути онҳо сиёсати тарҳрезӣ намудаи худ — ба сари қудрат омаданро ба мардуми гумроҳзадаю аз сиёсат дур ва чиноятқору пулпараст гузаронида, муқобилони давлату ҷонибдорони худро зиёд мегардониданд.

Бо харҷи пули бедардимиён МАФИЯИ СИЁСӢ ВА МАФИЯИ САВДО оҳиста-оҳиста баъзе курсинишинони давлатию Ҳизби абарқудрати Коммунист ва роҳбарони ҷумҳуриро, ки имони комил надоштанд, ба доми худ кашида, забонкӯтоҳ гардонид.

Сипас, бо дасти роҳбарони забонкӯтоҳшуда таъсиру иҷрои қонунро нисбати амалиётҳои ғайриқонунию чиноятқоронаи МАФИЯИ САВДО ВА МАФИЯИ СИЁСӢ заифу нотавон кард. Органҳои тафтишотӣ, муборизаи зидди чиноятқорӣ ва таъмини амнияти давлат наметавонистанд, ки хурдтарин амалиёти қонуниро муқобили МАФИЯИ САВДО ВА МАФИЯИ СИЁСӢ оғоз намоянду гуноҳашонро фош созанд.

Аз роҳбарони давлатию ҳизбии ноҳия сар карда, то шахсони аввали КМ ҲК Тоҷикистон, Шӯрои Вазирону Шӯрои Олии ҷумҳурӣ ба ҳимояи дуздону чиноятқорон, роҳбарони мафия камари ноҷавонмардӣ мебастанд, ки инро борҳо бо чашмони худ дидаву мушоҳида кардаам.

Боре, вақто ки вазифаи прокурори ноҳияи Фрунзеи шаҳри Душанберо ба ӯҳда доштам, қайсарӣ зоҳир намуда, рӯзе поямро ба болои думбаи лаҳми ду роҳбари пурқуввати МАФИЯИ САВДОИ Душанбешаҳр гузоштам, ки ҷон дар баданашон тангӣ карду дар давуғеҷ афтиданд. Фишороварӣ оғоз гардид. Хоҳиши шахсони масъули КМ ҲК Тоҷикистон ва Шӯрои Вазирону прокуратураи ҷумҳуриро нисбати онҳо рад кардам. Рӯзе аз марказ яке аз он роҳбарони МАФИЯИ САВДО ба ман сим зада гуфт:" Ҳой бача, агар рафторатро тағйир надиҳӣ, гардану миёнатро шикаста пас аз чор рӯз, яъне рӯзи ҷумъа аз мансаби прокурори ноҳияи Фрунзе сабукдӯш мегардӣ". Ба гуфтаи ӯ бовар накарда гуфтам: "Бишканад гардани якчанд мафиозҳо, пеш аз он ки бишканад гардани ман". Амалиёти тафтишотиро давом додам, якеро ба ҳабс гирифтам, чунки медонистам ягон асосе барои маро аз вазифаи прокурорӣ сабукдӯш гардонидан мавҷуд набуд, кори прокуратураи ноҳия хубу расми коллективи он дар тахтаи фахрии прокуратураи ҷумҳурӣ ҷой гирифта буд.

Вале гуфтаи он мафиоз дуруст баромад, соати 10-и саҳари рӯзи ҷумъа маро ба прокуратураи ҷумҳурӣ даъват намуда, рост ба коллегияи ғайринавбатии прокуратураи Тоҷикистон бурданду бо таърифу тавсифи зиёде аз вазифаи прокурори ноҳияи Фрунзе сабукдӯш намуда, ба вазифаи дигар — прокурори нақлиёт гузаронданд...

Аз тарафи дигар, роҳбарони ҷумҳурӣ кӯтоҳандешию бемасъулиятӣ зоҳир намуда, зери таъсири МАФИЯИ СИЁСӢ шумораи органҳои тафтишотӣ ва КАМ (КБД) ҷумҳуриро якчанд маротиба ихтисор намуда, пояҳои боқимондаи давлатро заифу камқувват гардониданд. Шумораи ташкилотҳои расмию ғайрирасмии ҷамъиятиро даҳҳо маротиба зиёд гардонида, бо дасти худ теша бар решаи давлаташон заданд. Агарчи баъзе аз роҳбарони ҷумҳурӣ ва Ҳизби Коммунист аз меваҳои аввал ва нақшаи таҳтонии МАФИЯИ СИЁСӢ бохабар буданд. Бар замми ин, органҳои дахлдори ҷумҳурӣ (КАМ) борҳо ба онҳо ахбори лозима расонда буд, вале хунукназарию бемасъулиятӣ зоҳир карда, ба амалиёти ғайриқонунии МАФИЯИ СИЁСИ ВА МАФИЯИ САВДО баҳои даркорӣ надода, лаҷомашро накашиданд. Аз тарафи дигар, луқмаи аксарияти онҳо кайҳо ҳаром гардида буд...

Аз рӯи нақшаи тарҳрезигардида, ба ҳар масҷиду мадраса ва баъзе ташкилотҳои расмию ғайрирасмии ҷамъиятию сиёсӣ дастурҳои дохилию хориҷии экстремизми исломии ваҳҳобия дохил гардида МАФИЯИ СИЁСИРО пурқуввату мавқею доираи амалиёташро пурқуввату васеъ месохт.

Вазъияти сиёсию ҷамъиятии ба миён омада барои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон реша давондани фундаменталистони (экстремизми) исломии мазҳаби ваҳҳобия бисёр ҳам мувофиқу нишонрас омад. Ба чашми онҳо Тоҷикистон ба монанди як давлати бесарвару бенизому бесарнавишт намудор гардид ва мебоист бо дасти онҳо аз дохили худ оташ мегирифт. Бинобар ин, мазҳаби ваҳҳобия фурсатро ғанимат ҳисобида, ба МАФИЯИ САВДО ВА МАФИЯИ СИЁСӢ пайваст, агарчӣ мақсаду ҳадафҳояшон бар зидди якдигар буданд. Доира ва мавқеи онҳо васею тавоно гардид, ки барои амалӣ гардидани мақсади аввал, яъне содир намудани ТАБАДДУЛОТИ ДАВЛАТӢ ва ба сари қудрат омадани гурӯҳи мансабталаб шароити хубе фароҳам омад. Ба ин факторҳои зерин мусоидат мекарданд:

Якум. Якхела тараққӣ накардани саноат дар вилояти Автономии Бадахшони Кӯҳӣ, водиҳои Қаротегин ва вилояти Хатлон назар ба вилояти Ленинобод;

— паст рафтани иқтисодиёти ҷумҳурӣ;

— афзудани аҳолӣ, аз сабаби набудани ҷои кор зиёд гардидани қувваҳои қобили меҳнат;

— паст рафтани интизом;

— суст гардидани амалиёт оиди иҷро ва назорати қонун;

— бад шудани шароити зисту зиндагонии мардум ва ғайра;

Ҳамаи ин норозигии халқро нисбати сохти давлат ва роҳбарияти ҷумҳурӣ зиёд кард, ки онро МАФИЯИ СИЁСӢ ва ФУНДАМЕНТАЛИСТОНИ ИСЛОМӢ (ИСЛОМИ ИРТИҶОЙ)

бо ёрию дастгирии идеологҳои дохилию хорӣ бисёр ҳам моҳирона истифода бурда, вазъияти сиёсии ҷумҳуриро боз ҳам номўътадилтар гардониданд.

Дуюм. Беадолатӣ, риоя накардани баробарҳуқуқӣ;

— ба назар нагирифтани таъриху расму русум ва одати мардуми таҳҷоии ҷумҳурӣ, ба вазифаҳои масъули роҳбарикунандаи давлатӣ экспорт намудани русзабонҳо аз марказ, алалхусус, аз давраи ба вазифаи котиби дуюми КМ ҲК Тоҷикистон таъин гардидани П. Лучинский, ки аз оғози кор сустию тарсуии котиби аввали КМ ҲК Тоҷикистон Қаҳҳор Маҳкамовро истифода бурда, худро "генератори" Тоҷикистон ҳисобид. Баъзе соҳибмансабони таҳҷой, ки ботинан тарсончаку ифлос буданд, гирди П. Лучинский ҷамъ омада, кадрҳои беҳтаринро бисёр арзон фурўхтанд. Роҳбарии ҷумҳуриро зери панҷа гирифта, як зумра шахсони нопоку дузду порахўрро зери ҷомаи миллатгароии пур аз фитнаю дасиса кашида, беадолатиҳои зиёде нисбати фарзандони баору номуси миллат зоҳир намуд;

— Бисёр фарзандони сурсупурдаи миллат, чашмикордону мутахассисони хубро аз вазифа сабукдўш ва миёншикан сохта, гурўҳи "десант"-ро ки дар бораи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъриху кўҳани он, урфу одатҳояш, халқу ҳоҷагидориаш ночизтарин мафҳум надоштанд, аз Ростову Маскав даъват намуда, ба ҷойи онҳо соҳиби курсиҳои мансаб гардонид. Ин "десант"-ҳо фаъолияташонро аз дуздиву порагирӣ, ғорати молу мулки давлат оғоз намуданд. Мафияи П. Лучинский дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ: савдо, органҳои маъмурӣ, саноат, сиёсат реша давонда, мустаҳкам гардид...

Ин ҳама амалиёти авантюристию шовинистии П. Лучинский вазъияти сиёсии ҷумҳуриро ба куллӣ тағйир дода, дўстии миллатҳоро суст, норозигии мардуми ҷумҳуриро нисбати роҳбарони он боз ҳам зиёдтар, мавқеи МАФИЯИ СИЁСӢ ВА ИСЛОМИ ИРТИҶОИРО (фундаменталистони исломӣ)-ро пурқуввату тавоно сохт.

Сеюм. Бо сабаби паст шудани талабот оиди риояи интизоми давлату давлатдорӣ, иҷрои қонун, назорат оиди иҷрои он сусту заиф гардид, ки бо давуғеҷи МАФИЯИ СИЁСӢ ҷамъиятҳои сиёсию ҳаракатҳои мардумӣ, масҷиду мадрасаҳо чун замбурўғ сар мезаданду реша медавонданд. Ҳамаи онҳо озодона, бар хилофи Оинномаи худ амал намуда, мардумро ба муқобили сохти давлат ва тартиби давлатдории роҳбарони ҳамонвақтаи ҷумҳурӣ даъват мекарданд, чунки қариб ҳеҷ як аз органҳои давлатӣ сидқан вазифаашонро иҷро намекарданд ва садди роҳашон намешуданд. Аз ҷиҳати моддию маънавӣ МАФИЯИ

СИЁСӢ (МС) ва исломи иртиҷой (ИИ), яъне экстремизми исломӣ ба онҳо кӯмак мерасонд.

Чорум. Аз миён рафтани давлати абарқудрати Иттифоқи Шӯравӣ ва суст гардидани мавқеи Ҳизби Коммунист рукнҳои фарсудаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро боз ҳам фарсудатар гардонд. Ин кӯзаи пур аз оби хунуке буд, ки ногоҳ ба сари салтанати шоҳии роҳбарони ҷумҳурӣ рехту мағзу пайвандашонро карахт гардонид. Сарварони ҳамонвақтаи ҷумҳурӣ ба сиёсат ва роҳбарии мустақилона, баён ба истифодаи ақида, интихоби сиёсати давлат тайёр набуданд, чунки дар давоми 70 сол аз рӯйи нақшаи марказ кӯр-кӯрона қадам мегузоштанду амал мекарданд, Нақша шикаст, СССР аз миён рафт, механизми давлатдорӣ аз миён рафт, дигар ба куҷо, ба кадом тараф мондани қадами худро надониста, сари калобаашонро гум карданд.

Алалхусус, нисбати ташкилу назорати кори ВКД, КБД (КАМ), ташкили артиши милли Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини амнияти марзу буми ҷумҳурӣ, ки пойдор мондани давлати тоҷикон куллан ба онҳо вобастагӣ дошт.

Илова бар ин, аз миён рафтани СССР аз як тараф, миёни Ҳизби тавонои Коммунистро шикаста, механизми идеологии онро, ки мардумро аз паси худ мебурд, сусту заиф гардонду идеологияи МС ва ИМ-ро пурқуввату тавоно сохт. Аз тарафи дигар, рагҳои хунгарди идеология ва иқтисодиёти ҷумҳуриро, ки дар давоми зиёда аз 70 сол таъсис ёфтаву пурқувват гардида буд, пора-пора сохта, мардуми ҷумҳуриро рӯ ба гумроҳию қашшоқӣ ниҳод, ки ин ҳама ба мақсаду маромии МС ва ИИ мувофиқ буд.

Панҷум. Дар марҳилаи задухӯрди аз миён рафтани СССР давлатҳои пурқуввату роҳбарони чашмикордон (собиқ республикаҳои бародарӣ) ҳар чизе, ки тавонистанд, ба дасти худ карда, тавоногии минбаъдаи хешро таъмин сохтанд. Бо гуноҳи сарварони лаванду форигбол, ки ба касалии "таблаҳза" гирифтор шуда буданд, ба Тоҷикистон аз собиқ СССР чизе нарасид. Алалхусус, ягон адад техникаи ҳарбӣ ва силоҳ, ва на зару зевар, ҳамаашро Федерацияи Русия зери дасти худ кард.

Илова бар ин, баъзе роҳбарони корхонаю муассисаҳо, ки русзабон буданд, вазъияти нооромии сиёсии Тоҷикистон ва роҳбарони онро дида, дасту дилашонро батамом аз Тоҷикистон шуста, аз фурсати ба миён омада "самаранок" истифода бурда, молу мулки корхонаҳо, ҳатто воситаҳои гаронбаҳои истеҳсолотро, ки моли Тоҷикистон буд, аз ҷумҳурӣ бароварда, ба Федерацияи Русия ва дигар давлатҳои собиқ Иттифоқи Шӯравӣ бурданд.

Оре, роҳбарони пештараи ҷумҳурӣ дурро дида натавонистанд, вале наздикро, ки овардани фоидаи шахсӣ буд, бисёр хуб

диданд. Аз фурсати ба миён омадаи бесарусомонӣ бисёр хуб истифода бурда, барои таъмини ояндаи фарзандону набераго-нашон ҳар гуна корхонаҳои хурду калони шахсӣ якчоя бо давлатҳои хориҷӣ сохтанд, ки ҳоло миллиардҳо сӯмро гирди чилликашон гардонда, дуди сигори амрикоиро ба шифти хона пуф менамоянд. Албатта, он миллиардҳо худ ба худ, бе сӯиистеъмоли мансаб ва азоби халқ аз осмон наомадаанд.

9-уми сентябри соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон худро мустақил эълон намуд ва ӯро давлатҳои ҷаҳон шинохтанд. Ҳол он ки якто ҳам силоҳу техникаи ҳарбӣ ва артишу сарбози низомӣ надошт. Яъне, дивизияи 201-ум, ки дар марзи Тоҷикистон сукунат дошт ва бояд моли Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардид, комилан ба итоати давлати Федерацияи Русия гузашт. Давлате, ки бояд чор поя медошт, бо як поя муаллаҷ монд.

Пас, ӯ чӣ гуна давлат буд?! Чӣ тавр, бо кадом қуввату қудрат метавонист бо душманони дохилию хориҷии худ мубориза барад?! Чӣ гуна метавонист бо як поя биистад?! Аз ин рӯ, он шабу рӯз марзи Тоҷикистонро бо давлатҳои ҳамсоя дар асл касе посбонӣ намекард. Ба миён омадани чунин вазъият ба МС ва ИИ бисёр ҳам мувофиқ буд, чунки онҳо мувофиқи ҳоҳиши худ сарҳадро шикаста, ба давлатҳои хориҷӣ рафта, чизҳои лозима меоварданд, ва пурқуввату тавоно мегардиданд...

Шашум. Ба миён омадани ҳодисаи ГКЧП (августи соли 1991), аз вазифаи котиби аввали КМ ҲК Тоҷикистон даст кашидани Қаҳҳор Маҳкамов ва якчанд кумбудиҳои дигар обрӯ ва эҳтироми ӯро дар назди халқ, аъзоёни Ҳизби Коммунист ва депутатҳои халқи ҷумҳурӣ хеле коста сохт.

Аз ин рӯ, дар сессияи Шӯрои Олӣ бо фишору амалиётҳои МСва ИИ Қаҳҳор Маҳкамовро аз сари қудрат дур сохта, Тоҷи султониро ба сари яке аз роҳбарони МС Қадриддин Аслонов гузоштанд, ки ин мавқеи МС ва ИИ-ро боз ҳам мустаҳкаму тавоно гардонид. Вале онҳо медонистанд, ки ин тоҷ муваққатӣ асту онҳоро дар пеш интихоботи умумихалқӣ, ки бохтанашон аз ҳақиқат дур нест...

Ҳафтум. Баҳри ақидаҳои нопоки худро ҳарчи тезтар ба мардуми аз сиёсат дур расондан мардуми минтақаҳои "худӣ"-ро гирди худ ҷамъ оварданд, МС, ИИ ва мафияи савдо муносибати худро бо рӯзномаю рӯзноманигорони пулпарасту имонфурӯш мустаҳкам гардонданд ва бо кӯмаки хориҷа онҳоро аз ҷиҳати моддӣ таъмин сохтанд. Дар он рӯзномаҳо асосан мухбироне кор мекарданд, ки солҳои дароз дар ҷумҳурии исломии Ирону Афғонистон сиёсати фарсуда гардондани сохти давлатдориро хело хуб омӯхта буданд. Ва ҳарчи мехостанд, нисбати давлати

Тоҷикистон, роҳбарони он имонфурӯшона иншо намуда, мардумро аз сохти давлат ва роҳбаронаш дилхунук месохтанд. Вале роҳбарияти ҷумҳурӣ ва идораҳои маъмурӣ гӯё кӯру кар буданд ва он ҷиноятқорони қаламбадасту миллатфурушро намедиданд. Ин ҳама мунтазам мавқеи МАФИЯИ СИЁСӢ, фундаменталистони (экстремизми) исломӣ ва мафияи савдоро мустаҳкаму тавоно мегардонду решаи бе ин ҳам фарсудаи давлатро фарсудатар мегардонд.

Идеологҳои МС ва ИИ бо ёрию дастгирии дӯстонашон аз хориҷа битавонистанд, ки ба мардуми ҷумҳурӣ, собиқ Иттифоқ ва ҷаҳон бифаҳмонанд, ки гӯё дар Тоҷикистон режими тоталитарии коммунистӣ ҳукмрон гардида, ба демократия, дини мубини ислом, баробарҳуқуқии инсон, адолату ҳақиқат фишор оварда, нисбати сарварони демократия ва ислом таҳқиру таҳдидро пеш гирифтаанд.

Борҳо кормандони ширкати симои "Останкино", як қатор рӯзномаҳои собиқ СССР, рӯзномаҳои бетараф ноинсофона, аз рӯи ғараз ба мардуми ҷаҳон иброз намуд, ки МС ва ИИ бар муқобили режими тоталитарии коммунистӣ баҳри пойдории демократия муборизаи адолатнок мебошад. Вале муқобили идеологияи онҳо ҳукумати ҷумҳурӣ ягон идеология, ягон ҳизб надошт ки ақидаи нодурусти онҳоро фош намуда, ҳақиқати ҳолро ба мардуми ҷумҳурию хориҷӣ расонад.

Алқисса, дар як муддати кӯтоҳ мафияи сиёсӣ, мафияи савдо, фундаменталистони (экстремизми) исломии мазҳаби ваҳҳобия (ИИ) бо ҳам пайваста, ба воситаи пул шумораи мадрасаю масҷидҳоро зиёд мегардонданд. Масҷид аз маҳалли гуфтани розу ниёз ба худо ба хонаи сиёсӣ, ба макони таблиғоти зидди давлат ва яроқхонаҳо табдил меёфт. Аз як тараф экстремизми исломӣ халқро гумроҳ гардонда, ба макру фиреб тавонист, ки ҷонибдорони мазҳаби Имоми Аъзамро ба доми худ кашида, гумроҳ созад. Сипас тавассуи кормандони масҷидҳо аз мардум пули зиёде ҷамъ оварданд. Аз тарафи дигар, бо суханони пур аз бӯҳтони бофтаву сохта ба давлатҳои исломии ҷаҳон Ҷумҳурии Тоҷикистонро режими тоталитарию коммунистӣ, мардумашро кофиру номусулмон муаррифӣ намуда, ифшо мекарданд, ки гӯё барои Тоҷикистон табаддулоти исломӣ зарур аст. Бо чунин роҳҳо соҳиби кӯмаки зиёди моддии мамолики хориҷӣ мегардиданд.

Дар натиҷа мафияи сиёсӣ, фундаменталистони (экстремизми) исломӣ, мафияи савдо: пули савдо, пули экстремизми исломӣ ва кӯмаки моддии давлатҳои хориҷиро ҷамъ оварда, ба мафияи ҷиноятқорон, рӯзноманигорон, зархаридони хориҷӣ харҷ намуда, онҳоро гирди худ муттаҳид гардонид.


СҶ
ГМ
ТМС
ВКДҶ
И & ТМС (ПҶ)
НХ
ОС
ЗИҚ
ТҶ & ҲМ & МР & РҲДҶ
ЗШММ
Ф(Э)И.
ИКОМ
(Ҷ)ПХ
Ф(Э)И
ПХ
ПС & ПФ (Э)И & ПДХ & ПМД
ДХ
ДОТ
МХ
(МҶ & МР & МА & ДГ & МР) & ТГ & (Қ) КВКД &
ХСЛҶ
ЗХХ & ҚС(МСФ)
ТДТ
(импликация) — ҳосил мешавад.
& — ва (ҷамъ)

ЭЗОҲ

ГМ — гуруҳи мансабталаб
ТМС — таъсиси мафияи сиёсӣ
СҶ — савдои ҳумҳурӣ
ВКДҶ — Вазорати Корҳои Дохилаи ҷумҳурӣ
И — иттифоқ миёни СҶ ва ВКДҶ
ПЧ — бо роҳи ғорат кардани халқ ба даст даровардани пулу мол
НХ — ба вуҷуд овардани норозигии халқ нисбати роҳбарони ҷумҳурӣ
ОС — олиҳимматию саховатмандии мафияи савдо аз ҳисоби халқу давлат
ТҶ — таъсиси ташкилотҳои ҷамъиятӣ
ҲС — ҳизбҳои сиёсӣ
ҲМ — ҳаракатҳои мардумӣ
МР — Ғирди худ ҷалб намудани мафияи рекитёрҳо
РҲДҶ — роҳбарони ҳизбию давлатии ҷумҳурӣ, ки гирифтори дасти тавонои Мафия гардиданд.
ЗИҚ — заиф гардидани иҷрои қонун
ИКОМ — ихтисори кормандони органҳои маъмурӣ
ЗШММ — зиёд гардидани шумораи масҷиду мадрасаҳо
Ф (Э) И — фундаменталистони (экстермизми) исломӣ
МР — мафияи рӯзноманигорон
ҶПХ — ҷамъ намудани пули халқ ба воситаи масҷидҳо
АДХ — алоқа бо давлатҳои хориҷӣ
ПХ — гирифтани пули давлатҳои хориҷӣ
ДОТД — дастурҳои мушовирони хориҷӣ оиди табаддулоти давлатӣ
МХ — ҷалб намудани мутахассисони хориҷӣ
ПС — пули савдо
ПФ (Э) И — пули фундаменталистони (экстремизми) исломӣ
ПДХ — пули давлатҳои хориҷӣ
ПМД — пули мафияи дохилӣ
МҶ — мафияи ҷиноятқорон
МР — мафияи рекитёрон
МА — мафияи аламзадагон
ДГ — дастаи гумроҳзадагон
ҚМВ — қувваи мазҳаби ваҳҳобия
ВКДҶ — вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурӣ
ҚВКД — қувваи ВКДҶ
ЗХХ — зархаридони хориҷӣ. ТГ — таъсиси гирдиҳамоӣ
МСФ — мансабдорони сустиродаи фурӯхташуда
ХСЛЧ — харидани силоҳу лавозимоти ҷангӣ
ТДТ — табаддуллоти давлати Тоҷикистон

Дар гирдиҳамоиҳо иқтидори қувваҳои давлатӣ ва органҳои ҳифзи ҳуқуқ санҷида шуд. Маълум гардид, ки онҳо дар назди қувваҳои ғайридавлатӣ басо заифу беқудрат будаанд. Баъд аз ҳисоби пули ҷамъгардида бо кӯмаки дӯстони дохилию хориҷӣ силоҳ ба даст даровардаа, ба зархаридони ҷиноятқори дохиливу гумроҳзадагон дода, барои содир намудани табаддулоти давлатӣ онҳоро сафарбар гардониданд...

Ин ҳама ваҳшониятро ба чашм дидаву ба гӯш шунида, ба ҳоли бародарони бенавою гумроҳзадаи худ нигариста, ба худ меандешидам:

Худоё, чаро бандагонатро то ин дараҷа кӯтоҳақлу тезбовар кардай, ки як даста ҷоҳили ҷоҳу курсипараст битавонист, ки худро ҳомии дини мубини ислом ва муҳофизи ҳуқуқи инсонӣ муаррифӣ намуда, мардуми аз сиёсат дурро ба майдонҳои гирдиҳамоӣ даъват намояд ва дар давоми моҳҳо зери афсун онҳоро ба муқобили ҳокимияти қонунӣ ва кулли халқи ҷумҳурӣ гузорад. Илова бар ин, ҷанги бародаркушро оғоз намуда, мусулмонро ба мусулмон душман сохта, Тоҷикистонро ба майдони қатли инсон табдил диҳанд.

Охир, ин аз рӯи кадом сураи Қуръон, оёту ҳадиси пайғамбар Муҳаммади мустафо саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст?!

Нисбати чунин иртиҷо парастон, демократияи сохта, ки даст то бозуяшон пур аз хуни инсон гардидааст, шоир хуб гуфтааст:

Дил зи дастат то ки хатту холи дунё бурдааст,
Ақлу ҳушу илму фаҳматро ба як ҷо бурдааст,
Дину имону тараҳҳумро на танҳо бурдааст,
Балки рӯҳи одамият вақту бечо бурдааст,

Баски дар ваҳшатгарии хеш ҷурьат мекунӣ,
Зинда бошӣ, офаринат, хуб хизмат мекунӣ.

Дар фунуни кушту хун бисёр лоиқ будай,
Бегам аз дарди сари махлуқу холиқ будай,
Дар сарандозӣ ту дорои савобиқ будай,
Раҳнамои дузду авбошу мунофиқ будай,

Дигаронро андар ин маврид маломат мекунӣ,
Зинда бошӣ, офаринат, хуб хизмат мекунӣ.

Як дарахт аз файри рокетҳои ту истода нест,
Нест девору даре к-аз дасти ту афтода нест,
Ғайри вайронӣ зи зайроти сарат ободӣ нест,
Гарчӣ вайрон кардани як шаҳр кори сода нест,

Ту магар ин корро дар ним соат мекунӣ?
Зинда бошӣ, офаринат, хуб хизмат мекунӣ!

З-устухони халқ хоҳӣ сохт бурҷу бораро,
Тарҳ кардан ихтилофи тоҷики ҳамдидаро,
Ғусли хун додӣ дигар ин миллати бечораро,
Аз Ватан навмед кардӣ мардуми ободаро,

Корҳое дархури таҳсини миллат мекунӣ,
Зинда бошӣ, офаринат, хуб хизмат мекунӣ.

Як нафас овози мазлумон ба гӯши ту нарафт,
Доду фарёди мусалмонон ба гӯши ту нарафт,
Нолаву зории маҳрумон ба гӯши ту нарфат,
Амру наҳйу қиссаи Қуръон ба гӯши ту нарафт,

Баски хуни халқро помоли шӯҳрат мекунӣ,
Зинда бошӣ, офаринат, хуб хизмат мекунӣ.

Сахтии ришу бурутат дар пари Ҷабрил нест,
Зӯри дасту пои ту дар дасту пои фил нест,

Дар ҷаҳонсӯзию хашмат ҷои ҚОЛУ ҚИЛ нест,
Як сари мӯ аз камолоти ту нотакмил нест,

Мӯ ба мӯ қонуни ҷангалро риоят мекунӣ,
Зинда бошӣ, офаринат, хуб хизмат мекунӣ.

Марду занро аз Ватан ихроҷ кардӣ, хуб шуд,
Хонаҳоро як ба як тороҷ кардӣ, хуб шуд,
Пеши тират ҳар чиро омоҷ кардӣ, хуб шуд,
Зудтар оҳанги тахту тоҷ кардӣ, хуб шуд,

Меравад фурсат агар дар кор ғафлат мекунӣ,
Зинда бошӣ, офаринат, хуб хизмат мекунӣ.

Баски дидам борҳо савганд осон хӯрданат,
Нест фарқе дар миёни нону Қуръон хӯрданат,
Инчунин осон бувад хуни шаҳидон хӯрданат,
Нест мушкил баъд аз ин моли ятимон хӯрданат,

З-он ки аз ғоратгарӣ эҳсоси лаззат мекунӣ,
Зинда бошӣ, офаринат, хуб хизмат мекунӣ.

Кӯча-кӯча лошаи инсон фароҳам кардай,
Хона-хона, ранг-ранг аз хуни одам кардай
Пайкари миллат зи бори кушту хун хам кардай,
Кори барбодии кишварро муназзам кардай,

Мекушиву зинда месӯзӣ, қиёмат мекунӣ,
Зинда бошӣ, офаринат, хуб хизмат мекунӣ.

Оқилона тегу тири ҷавру зулм андохтӣ,
Баҳри қатли оми мардум бемуҳобо тохтӣ,
Мунфиқона бар сари миллат қиёмат сохтӣ,
Ҳарчӣ кардӣ, номи худро дар ҷаҳон афрохтӣ,

Он чӣ мехоҳад дилат машқи сиёсат мекунӣ,
Зинда бошӣ, офаринат, хуб хизмат мекунӣ.

Рост гӯям то ки теги мову ман кардӣ бурун,
Доду фарёд аз ниҳоди марду зан кардӣ бурун,
Номи сулҳу амниятро аз Ватан кардӣ бурун,
Оқибат мофиззамири хештан кардӣ бурун,

Чун ба таври мустақил шавқи замонат мекунӣ,
Зинда бошӣ, офаринат, хуб хизмат мекунӣ.

Меҳрубониҳои ту аз ҳад фузун шуд ё нашуд,
Аз дари ҳар хона берун ҷӯи хун шуд ё нашуд,
Дар димоғат шӯриши ғарми ҷунун шуд ё нашуд,
Марду зан қурбонии тӯфони хун шуд ё нашуд,

Бар сари минбар чӣ хуш нозу назокат мекунӣ,
Зинда бошӣ, офаринат, хуб хизмат мекунӣ.

Ҷавру ғоратро камоли комронӣ гуфтай,
Қатлу ваҳшатро нишони қаҳрамонӣ гуфтай,
Нанг зиллатро намуди зиндагонӣ гуфтай,
Ақлу мантиқро далели нотавонӣ гуфтай,

Марҳабо, авқоти худ сарфи насиҳат мекунӣ,
Зинда бошӣ, офаринат, хуб хизмат мекунӣ.

Чист пешат одамият? Маъниии бегонае,
Бо худо мисоқ бастан хирмани бедонае,
Адлу тақво аз ривоёти куҳан афсонае,
Бўалии вақт бошад пеши ту девоне,

Ҳамраҳи рўҳуламин гўянд сўҳбат мекунӣ,
Зинда бошӣ, офаринат, хуб хизмат мекунӣ!

Назди ту девору масчид, появу пул душман аст,
Дар нигоҳат марду зан, аз ҷузъ то кулл душман аст,
Ҳар кӣ набвад ошиқи ҷавру ҷафо бал душман аст,
Дар нигоҳат зиндаҷони Тоҷикистон душман аст,

З-он сабаб бо мардумони он ба шиддат мекунӣ,
Зинда бошӣ, офаринат, хуб хизмат мекунӣ!

* * *

Ба қувваи оппозиция тоб оварда натавониста, дастаи Лангарӣ Лангариев, Сангак Сафаров, Маҳкамбой Шарифов, Файзалӣ Саидов, Бўрихон Ҷобиров, Азим Ғаниев боз зиёда аз 135 ҷанговарони худро, ки вакилони ҳамаи халқу миллатҳо буданду ҳанўз хушиҳои ҳаётро начашидаву аз гулҳои боғи умедашон дастагуле начида буданд, талаф доданд. Аз ҷумла, аз кўчаҳои Ломоносов ва Коммунистӣ: Михаил Емохини 18-сола, Қобилҷон Умарови 22-сола, Амир Раҳмонови 31-сола, Фаёз Раҳмонови 29-сола, Аловиддин Раҳмонови 20-сола, Қурбон Файзуллоеви 30-сола, Хайрулло Мирови 50-сола, Ҳикмат Мирови 24-сола, Маҳмадӣ Ҳақназарови 25-сола, Неъмат Кабирови 35-сола, Давлат Табарови 40-сола, Валерий Паки 37-сола, Усмонқул Камолови 31-сола, Раҷаб Маҳмадиеви 23-сола, Муродалӣ Қурбонови 34-сола, Абдурауф Ҳалимови 35-сола, Халил Шарифови 34-сола, Шамсиддин Қурбонови 36-сола, Раҷабалӣ Олимови 25-сола, Хайриддин Шарифови 31-сола, Умаралӣ Каримови 21-сола, Раҳматулло Олимови 35-сола, Раҳмоналӣ Камолови 22-сола ва дигарҳо.

Ин ҷавонони бо нангу номуси халқу миллати ҷумҳурӣ манфиатҳои Ватанро аз манфиатҳои шахсии худ болотар гузошта, ҷон ба каф гирифта, аз марг натарсидаву наларзида, ҷасурона ҷангиданд, бо ивази ҷони азизи худ сулҳу осоиштагиро дар сарзамини Тоҷикистон таъмин намуданд. Сипас, иҷборан мавқеъро супурда, ақибнишинӣ карда, ба ситоди Файзалӣ Саидов, ки дар шўъбаи совхоз-техникуми ба номи Кўйбишеви ноҳияи Бохтар истеҳком гирифта буд, ҳамроҳ гардиданд. Дар ин муҳорибаҳо баҳри муҳофизати мардуми бесилоҳи шаҳри

Қўрғонтеппа, ноҳияҳои Вахшу Бохтар ҷавонмардони шуҷои горди миллии вилояти Кўлоб ва ситоди интернационалистони Қурбон Чолов, Султон Чолов, Шералӣ Сафаров, Файзалӣ Лангариев, Бахтиёр Лангариев, Амиршо Нарзиев, Хайрулло Нарзиев, Ҷумъахон Шерхонов, Алик Дудиев, Почохон Ашўров, Мирзо Раҳмонов, Абдусалом Қурбонов, Маҳмадулло, Шералӣ, Машафо, Убайдулло, Талбак, Умед, Мадином, Комилҷон ва дигарон ҳисса гузоштанд.

Гурди наҷоти Қўрғонтеппа: Нурмаҳмад Саидов, Хўҷамурод Каримов, Иззатулло Қўқанов, Нуралӣ Саидов, Абдуваҳҳоб Холиқов, Ўктам, Ғуломҳайдар Холиқов, Имомиддин Умаров, Ҳабиб Ҷўраев, Азим Ғаниев,, Фарҳод Ўрунов, Ҳаким Раҳимов, Рустам Одинаев, Саидамир Розиқов ва садҳо дигарон иштирок доштанд.

Оппозиция ва "қувваҳои давлатӣ" муташаккилона юриш намуда, ба посёлкаи Ломоносов зада даромад, он мавзеъро ба хок яксон кард, хонаҳоро оташ зада, валангор намуд. Мардуме, ки ба дасти ин даррандагон меафтод, қатъи назар аз миллату синну солу ҷинс аз сад ҷон як ҷонаш раҳо намеёфт. Худашонро кушта, пулу молашонро талаву тороҷ мекарданд. Ин даҳшате буд, ки иброзаш ҷонро ба ларзаву забонро ба лакнат оварда, қалам баҳри инъикосаш оҷизу нотавон мемонад.

Чунин вазъияти нохушу ноҳинҷорро фаҳмида, чун шахси моргазида ба худ мепечидам, аллакай миёни мову Файзалӣ Саидов, Сангак Сафаров, Лангарӣ Лангариев, Бўрихон Ҷобиров, Маҳкамбой Шарифов, Шералӣ Мирзоев, Азим Ғаниев ва дигарон робитаи телефонӣ канда шуд, зеро ҷои онҳо муайян набуд. Алоқаи мо ойди бисёр масъалаҳо бо онҳо танҳо тавассути дўстонам Шералӣ Файзалиев, Давлат Муродов, Фарҳод Ўрунов ва Тағойхон Шукурову Хўҷамурод Хаспаллаев буд. Дар он шабу рўз ба воситаи телефон бо Рустам Абдураҳимов, Қурбоналӣ Мирзоалиев, Муллоҳайдар Шарифов ҳамсўҳбат гардида будам, вале ахборашон гуногун ва гоҳо муқобили ҳамдигар буд. Ба пиндорам, онҳо низ аз майдони ҳарбу зарб маълумоти комилан пурраю дақиқ дар даст надоштанд.

Онҳо ҳамеша интизори "семочка"-ю "макарон" буданд. Бо сабаби дар ҷумҳурӣ тағйир ёфтани авзои сиёсӣ ва ба манфиати оппозиция ҷараён доштани вақт муносибати қисми зиёди курсинишинони вилояти Ленинобод ҳам нисбати мо тағйир меёфт, вазъияти мо низ чандон устувор набуд. Вакилони КАМ-и ҷумҳурӣ бо фармони А. Искандаров рейсҳои тайёраҳое, ки хати сайр ба шаҳри Кўлоб доштанд, зери назорати шадиди кормандони худ гирифта буданд. Якчанд рўз рейсҳои ба тарафи Кўлоб парвозкунанда баста шуданд. Роҳҳои автомобилу поезд зери

назорати қотъеонаи оппозиция буд. Намегузоштанд, ки баъзе амалиётҳоро гузаронему ба қаҳрамонони Хатлонзамину Вахшонзамин кӯмак расонем, доруворию хӯрока ва дигар чизҳои лозимӣ фиристонем...

Воқеоти рӯзҳои охири шаҳри Душанбе, ки дар он ҷиноятқорони касбӣ таҳти ниқоби "ҷавонон" баромад карда, зери таҳдиди марг иҷоран Президент Р. Набиевро ба истеъфо ронданд, бори дигар дурӯягию хиёнати ошкорои Раёсати Шӯрои Олӣ ва Девони Вазиронро ба исбот мерасонд. Рости, ин зарбаи мушти гароне буд, ки ба сари мардуми хайрхоҳ оппозиция фаровард. Бисёриҳо таҳти тарсу воҳима аз ақидаи хеш гашта, имонашонро фурӯхта, ба тарафдории оппозиция гузаштанд!

Вале шукри худо, ки фарзандони сарсупурдаю ҷасури миллат дар вилояти Ленинобод ҳам кам набуданд, ба монанди сардухтури касалхонаи вилоят Мирзосангин Қутфиддинов, ҷонишини аввали додситони вилоят Асадулло Ӯрунов, сардори шӯъбаи корҳои дохилии комиҷроияи шаҳри Хуҷанд Темурбой Раҳимбоев, додситони шаҳри Хуҷанд Искандар Тӯрахоҷаев, ҷонишини ӯ Ҷамшед Иброҳимов, собиқ корманди умури дохилии комиҷроияи вилояти Ленинобод Сафар Кабиров ва зумраи дигарон.

Онҳо аз мансаби хизматии худ натарсида, ҷони худу фарзандонашонро зери хавфу хатар гузошта, ба муқобили сиёсати пешгирифтаи роҳбари ҷумҳурӣ А. Искандаров ва баъзе курсинишинони вилоят амал намуданд. Барои начот додани мардуми ҷумҳурӣ аз дасти мазҳаби "Ваҳҳобия" ва нерӯҳои фашистӣ ҳарчи ки тавонистанд, баҳри дастгирии горди "Начот"-и Вахшу Қурғонтеппа ва горди миллии вилояти Кӯлоб самимонаву ҷавонмардона кӯмаки бидуни ғараз расониданд. Роҳ ёфтанду аз миёни худ ҳарҷ намуда, бо ҳамроҳии ҷавонмардони кӯлобӣ Сафармат (Кабуд) Рустамов, Ҳикматулло Одинаев байни обу оташ чандин санг раҳро тай карда гузашта, пеши касу нокас сари баланди худро паст намуда, "чизҳои лозимӣ"-ро ёфта, сари вақт бо сад ҷонбозиҳо ба воситаи шаҳри Кӯлоб ба Файзалӣ Саидов, Сангак Сафаров, Лангарӣ Лангариев ва дигарон расонданд...

Алалхусус, хизмати беғаразонаи Абдуҷалил Ҳомидов ҳангоми иҷрои вазифаи директори генералии иттиҳодияи истеҳсолию кишоварзии "Темурмалик"-и шаҳри Қайроққум ва рӯзҳои аввали раиси кумиҷрояи Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Ленинобод шуданаш беканор мебошад, ки ӯ ҷони худро зери хатар гузошта, бо ҳар роҳу восита ҷасурона ба мардуми азияткашидаи вилояти Кӯлоб кӯмаки зиёди моддию маънавӣ расонд.

Борҳо дастаҳои ҳукумати "муросои миллӣ" нақшаҳои дастгир намудану ба ҳабс гирифтани онҳоро кашида буданд. Вале чолокиву ҷасуриашон намегузошт, ки нақшаҳои мухолифин амалӣ гардад...

Ҳамчунин ёдовар мешавем, ки дар Искандаркӯл вақте ки дастаи Фронти Халқии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Амирқул Азимов, ки наздики 100 нафар ба иҷрои вазифа шурӯъ карда буданд, мардуми бо ору номуси ноҳияи Айнӣ аз таҳдиду таҳқири роҳбарони навдавлатони Ҳукумати "муросои миллӣ" ва мухолифин натарсида, ҷони худро зери хавфу хатар гузошта, оҳоро бо хӯроку ҷои хоб таъмин намуданд. Ҳиссаи раиси колхози ба номи С. Орҷоникидзе Муллораҳим Аслиддинов ва раиси колхози "Россия" Иноятулло Пиров, кормандони комбинати маъдани кӯҳии Анзоб Мирзобек Мирзобадалов, Ёқуб Аброров, Азизмурод Маликов, ва дигарон нисбати ин масъала ростӣ, ки бисёр ҳам шодибахшу азим аст, ҳарчӣ ки аз дасташон меомад, дареғ намедоштанд.

Чуноне ки шоир фармуда:

Бибахшой, бибахшоянд бар ту,
Даре аз ғайб бикшоянд бар ту.
Агар раҳмат зи ҳақ дорӣ таманно,
Ту ҳам бар дигарон раҳме бифармо.

Родмардони нотарсу ҷасур ва имондор дар ноҳияи Айнӣ чун дигар шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон хело зиёданд, ки нисбати хислатҳои хубу одамгарӣ ва хирадмандии ҳар яке аз онҳо достонҳо офаридан ҳам кам аст.

Дар ҳудуди ин китоб ҳоло мехоҳам дар хусуси се сарамарди водии Фондарё — акои Муллораҳим Аслиддинов, Мунавваршоҳ Пиров ва Мирзобек Мирзобадалов сухан биронам. Аслан агарчӣ падару бобоёнам гузаштаҳояшон аз суғдзамини водии Зарафшон будааст, вале банда тарбияёфтаву нумӯнамудаи хоки водии Ҳисори Шодмонам. Биноан, ман чашм кушода андар миёни мардуми дардошнои водии Ҳисори Шодмон қад кашида, худшинос гардидам. Айёми бачагиву навҷавонӣ ва ҳадди камолро дар мавзеи Чоряккорони ноҳияи Ленини ҳамин водӣ гузаронида, аз миёни ҳамин мардум бо нону намаки онҳо сабақи зиндагӣ омӯхтаам. Чӣ чора, чархи ноҳамвори таърих маро дар синни 50-солагӣ аз зодгоҳи худ ҳамчун гуреза ба зодгоҳи падарӣ овард. То имрӯз агарчӣ гоҳ-гоҳе сари роҳ меҳмони ин мардуми оташинқалби меҳнатрӯзӣ шуда бошам ҳам, тарзи зиндагӣ, ахлоқу одоб ва тӯю сури ин мардумро ба дурустӣ намедонистам. Инак, ман андар миёни ин мардуми дардошноям. Ишон ҳамагон

бегашанду бекина, меҳнатрӯзиянду садоқатманд. Дар сӯҳбати хурду бузургашон ҳамеша аз ҳалолкориву покизарӯзгорӣ, самимияту олиҳимматӣ, ростию ростқавлӣ сухан меравад. Ман ин мардумро ба диди хирад дарёфтам, ки дар замирашон ростиву родӣ, дӯстиву меҳру вафоро парварида ба ояндагону равандагон чунон бархурд менамоянд, ки гӯё садсолаҳо дар як хонадон тарбия гирифта бошанд. Ҳамин гуна муносабаташонро ман аз китобҳои таърихиву ҷуғрофие мисли "Сафарнома"— ҳои Ибни Фазлону Ибни Батута хонда будам, ки ёдрас карда: "Аз меҳмоне, ки шабҳангом вориди хонадонашон мегардад, нохушнуд нестанд". Чунин маромиишонро дида, фикр кардам, худоё ин амали савобдид чӣ тавр ва аз кадом сарчашмаҳо об хӯрда бошад?! Бале, воқеан, ки ин мардум дар дастархондориву меҳмоннавозӣ миёни худҳо рақобатҳову мусобиқаҳо доранд, ки шояд аз гузаштагони дурамон ин гуна амали босавобро мерос гирифта бошанд. Алҳак, рукни боарзише, ки дар саргаҳи ахлоқи одамӣ қарор дораду онро саховат унвон мебаранд, аз дару дарвозаҳои ҳар кадоми ин мардуми дардошно ба чашм бармехӯрад. Хоса дар болои дарвозаи Муллораҳим сабт гардида: "Меҳмоно, чун аз дари мо мегузарӣ, лаҳзае ба манзили мо фуруд ой, то ба ҳам ҳаққи намак тоза карда бошем, кӯфти роҳ барор, ки дар дунё роҳҳо басо дуранду мақсуд нопадид". Воқеан дар бисту чор соат ин дарвоза боз асту мизбонон бар амри муборакн меҳмоннавозӣ камари хидмат бастаанд. Ба назарам Ҳотами Той, ки бо саховати бериёяш шӯҳраи оламиён асту маҳз дар замони ҷоҳилияти араб чун ситорае шӯълапошӣ менамуд, агар аз миёни қарнҳо дар рӯзгори мо андар пайкари аҷамизодае нубуғ мекард, ман ӯро дар чеҳраи акои Муллораҳиму Мунавваршоҳ медидам.

Ин марди шастсола, ки дар доманакӯҳи болои Фондарё истиқомат дорад, бо меҳмоннавозӣ ва одамияти хеш дар саросари ҷумҳурӣ ва дигар мамолики ҳамҷавор шӯҳратманд аст. Се насли як авлоди ин хонадон падар — Аслиддин, писар Муллораҳим ва набера Гулмурод раисанд. Раис будан саҳлу содда нест. Балки ғамшарики мардум будан, ба шодии онон дар курта нагунҷидан, хулоса ба коми ҷомеа зиндагӣ варзидан раисист, ки ин се насл аз он орӣ намондаанд. Дар омаду ноомадҳо хоксориву тамкини хоса доштан, бурдбору ором будан ва виқори хосаи худодод доштан насиби Муллораҳим буда, ки ӯро азизи рӯзгорону мардумон хоҳад гардонд...

Мунавваршоҳ Пиров низ аз хонадонест деҳқонзода, зеро падари бузургвораш деҳқони асил — раис будаанд. Ӯ баъди хатми Донишгоҳи омӯзгорӣ чун муаллими кимиёи мактаби

зодгоҳаш ба кор шурӯъ намуд. Дере нагузашта ӯро корманди кумитаи иҷроия, инструктори кумитаи ҳизбии ноҳия ва пасонтар мардум ӯро раиси колхози "Россия" интихоб намуданд.

Ба назар меояд, ки ӯ дар ҷодаи интихобидаи хеш соҳибтадбиру болаёқат аст. Аз ин ҷост ки солиёни зиёдест пайваста дар хусуси ин марди наҷиб на танҳо бошандагони Фондарё мегӯянд, балки рӯзномаву маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ ва собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ гуфтугузорҳои тӯлонии шукргузоронае кардаанд. Мунавваршоҳ қутби дигари эҳсонкору саховатманди ин водии маъданхез аст. Басандааст бигӯем, ки аз хони муборакі ин марди тамом на танҳо ҳамдиёрону ҳаммиллатон, балки аз саросари дунё бузургтарин адибону муаррихон ва сиёсатмадорони дунё аз қабили Беленицкий, Густав Гусак, Шароф Рашидову Валерий Жескардеспен, Қорӣ Ниёзову Мирзо Турсунзода ва садҳо дигарон донаи ризқи хешро барчидаанд.

Мунавваршоҳ дар ин синни муборакі панҷоҳ кори садсолаҳоро анҷом додааст. Дар ободонии қариячоти тобеи колхозаш мактабҳову нуқтаҳои маданӣ-равшаннамой сохта, дар болоравии сатҳи зиндагии мардумон саҳми шоиста дорад. Солҳои 70-ум аз Мурғоб 18 сар гови қӯтос овард, ки ҳоло подаи азиме дар қартокӯҳҳои Фондарё мечарад ва дар иҷрои маводи гӯштии ноҳия саҳми колхози Россия — сарвараш Мунавваршоҳ Пиров басо муҳим мебошад.

Дар лаҳзаҳои ҳассос ман ин мардони барнодили равшанзамир — Муллораҳиму Мунавваршоҳ ва Мирзобекро чун бародарони якрӯву якзабон ва дардошнои халқу меҳани азиятдидаамон дарёфтам. Онҳо буданд, ки натарсидаву наҳаросида тайи қариб 20 рӯз зиёда аз сад нафар фидоии роҳи озодӣ — ҷавонмардони Ҷабҳаи Халқиро аз ҳисоби шахсан худу хоҷагиҳояшон саробонӣ намуданд. Росташ, чунин иқдоми ишон корест қаҳрамононаву амалест шоиста, ки бар сари забонҳо монад.

Мирзобек Мирзобадалов мардест 50-сола. Дар саросари ҷумҳурӣ ӯро ҳамчун иқтисодшиноси хушсалиқа мешиносанд, зеро аз солҳои 1965 баъди хатми Донишгоҳи давлатӣ то бад-ин ҷониб дар соҳаҳои гуногуни ҷумҳурӣ ифои вазифа менамояд. Дар тӯли ин солҳо дар кадом вазифае, ки ӯ сару кор гирифт, ҳамоно соҳиби иззату эҳтиром ва обрӯю шӯҳрати хоса гардид. Ӯ пайваста дар вазифаҳои роҳбарии плонгузории ноҳияҳои Зафаробод, раиси кумитаи иҷроияи ноҳияи Айнӣ, раиси комиссияи баплангирии комиҷроияи вилояти Ленинобод ва аз ноябри соли 1992 директори комбинати маъдани кӯҳии Анзобро бар ӯҳда дорад. Мирзобек намояндаи мардум аст. Дар тамоми иҷлосияҳо ӯ бо суханрониҳои пухта ва андешаҳои амиқу

мушаххас ба дилу дидаи халқи ҷумҳурӣ ҷой гирифтааст. Ӯ ҳамчун сарвари калонтарин комбинати маъдани ҷумҳурӣ баҳри зиндагии осудаҳолонаи коргарон ва аҳли оилаи ишон кӯшишҳои зиёде ба харҷ медиҳад. Дар ободонии деҳоти ноҳияи Айнӣ саҳми босазо дорад. Ба назарам, он чӣ ӯро азизи ҳамагон мегардонад, якрӯиву якзабонӣ ва иродаи матину суботкории ин марди дарёдил аст...

Рӯзҳои сангину пур аз хавфу хатаре, ки ба сари Фронти Халқии Тоҷикистон омада буд, Мирзобек Мирзобадалов, ки вазифаи котиби аввали кумитаи Ҳизби коммунисти ноҳияро ба дӯш дошт, аз таҳдиду таҳқири ҳукумати Искандаров натарсида ба ғаму ғуссаи мо шарик гардид...

Аз тарафи дигар, барои пурқувват намудани қувваҳои Ҳукумати "муросои миллӣ" А. Искандаров вазифаи Раиси Ҷумҳурро сӯиистеъмол намуда, фармону дастурҳои ғайриқонуни баровардаи, чораҳо меандешид, шумораи кормандони махсуси ВКД ва КАМ-ро зиёд мекард, аз паи кофтуков ва ба даст даровардани яроқу аслиҳа буд. Борҳо нисбати ин масъала ба дигар давлатҳо ба таври расмӣ муроиҷат намуд. Назди худ мақсад гузоштанд, ки рӯзҳои наздик дастаҳои Сангак Сафаров, Лангарӣ Лангариев, Файзалӣ Саидов, Маҳкамбой Шарифов, Тағойхон Шукуров ва Ёқуб Салимовро пароканда намоянд...

Бояд гуфт, ки "баъзе рафиқон" соҳиби курсиҳои олии давлатӣ гардидааанду бо карру фар дуди сигори "Мальборо"-ро ҷуз дуди канда-кандаи паровоз аз сӯрохиҳои бинӣ сар дода, ним пуд носро каппа зада аз боло даҳон то бехи гӯш боз намуда, гардан ёзонда фармон медиҳанд, гоҳ-гоҳ пешу пушташонро нигариста, оппозицияро танқиду сиёсати имрӯзаро таъриф ҳам мекунанд. Ҳол он ки он рӯзҳо худи онҳо оппозицияро дастгирӣ намуда, соҳаи моро аз девор метарошиданд, аз салому алейк кардан ҳазар меҷамуданд, нисбати амалиётҳои мо номардона ба "боло" хабар медоданд, гунаҳкорамон месохтанд, ки гӯё Сафаралӣ Кенҷаев меояду вилоятро "нестабильный" сохта мерафтад. Ё нисбати родмардони миллат фаҳш мебофтанд, ки Мирзосангин Ҷутфиддинов, Ҷамшед Иброҳимов, Асадулло Ӯронов, Искандар Тӯрахоҷаев, Темурҷон Раҳимбоев ва дигарон ба ҳарбии миллии вилояти Кӯлобу Қурғонтеппа кӯмак мерасонанду намегузоранд, ки ҷанг тезтар хотима ёбаду мухолифин сари қудрат биёяд. Номардиро бинед?! Охир, он кӯрдилону мансабпарастон боре ба худ намеандешиданд, ки Мирзосангин Ҷутфиддинов, Ҷамшед Иброҳимов, Асадулло Ӯронов, Темур Раҳимбоев, Искандар Тӯрахоҷаев ва дигарон на барои тахти

шоҳиву пули Қорун, балки барои осудаҳолии миллат ва халқи ҷумҳурӣ ҷонбозиҳо мекарданд.

Суханҳои касу нокасро шунида, ба тақдир тан дода, аз паси шабҳои торик ба дамидани субҳи мурод боварӣ доштам. Чӣ тавре ки бузургон фармудаанд:

Бигзарад ин рӯзгори талхтар аз заҳр,
Бори дигар рӯзгоре чун шакар ояд.

Ё

Ҳар дил ба раҳест, боумед аст,
Поёни шаби сияҳ сафед аст!

Иддаи афроде, ки имрӯз ба шарофати баргузор гардидани иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии ҷумҳурӣ пас аз рехтани хуни ҳазорҳо ҷавонмардон соҳиби курсии мансаби давлатӣ гардидааст, аз карру фар заминро намебинад, бисёр мехостам, боре беғаразонаву ҷавонмардона ба худ як лаҳза биандешаду сари як савол таваққуф намояд. "Вақте ки оппозиция — Акбаршоҳ Искандаровро сари қудрат оварда буд, дар куҷо ва ҷонибдори кадом тараф буд?"

Боре, то иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ ва дар иҷлосия ба муқобили мақсаду маромҳои Қозиёт, сарварони ҳизби наҳзати ислом, Ҳизби демократи ҷумҳурӣ, ҳаракату ҷунбишҳои мардумии "Растохез", "Лаъли Бадахшон", "Носири Хисрав" ба таври шифоҳӣ ё хаттӣ ҳарфе гуфта буд?! Оё Фикру ақидаҳои нопоку разилонаи онҳоро фош карда буд? Чанд маротиба аз паси қозии ҷумҳурӣ, раиси Ҳизби наҳзати ислом ва думравони онҳо шабу рӯз масҷид ба масҷид, ситод ба ситод чун мурғони зери жола монда давида, моро фурӯхта буд?! Нисбати чунин ашхос шоир фармудааст:

Бадхоҳи касон ҳеҷ ба мақсад нарасад,
Як бад накунад то ба худаш сад нарасад.
Ман неки ту хоҳаму ту хоҳӣ бади ман,
Ту нек набиниву ба ман бад нарасад.

Барои мардуме, ки ба муқобили оппозиция хаттиву шифоҳӣ ва бо силоҳу бесилоҳ бархостанд ва баҳри соҳиби курсии мансаб гардидани онҳо ҷонбозиҳо кардааанду хун резонидаанд, аз ҷиҳати ақидаю амалия то ҳол кадом кори неке кардааанд?Ва барои даъвати иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ, гузаронидани он дар шаҳри Хуҷанд чӣ ҳиссаи чашмрасе гузоштаанд? Ва аз ҳама муҳим имрӯз ба он давлате, ки курсии вазифаи муқаддасро барояш арзонӣ доштааст, сидқан садоқат доранд ё чашмнигарони ба дар омадани хоҷаи дигаранд?!

Нисбати чунин ашхос Убайди Зоконӣ фармудааст:

Макун бо чашми сармастон далерй,
Ки аз рўбаҳ наёяд шергирй.

Бинобар ин, Кй Кй аст, халқу худо хуб медонанд, ҳоҷат барои таҳлили номаи аъмоли онҳо нест. Худи онҳо низ бояд инро бо камоли ҷиддият ба дарк бигиранд. Як бор, ки фурўхтанд, дигар нафурўшанд!!! Бояд ба худ биандешанд: "Аз качй афтй ба каму костй, аз ҳама ғам растй, агар ростй".

Вале таърих гувоҳ аст, ки пушти кузро танҳо хоки гўр рост хоҳад намуд. Чуноне, ки ҳазрати Ҷомй фармуда:

Якдилу якчиҳату якрў бош,
В-аз дурўёни чаҳон як сў бош!

Роҳбарияти имрўзаи ҷумҳуриро месазад аз гузаштаи талх дарси ибрат омўзанду ба такрори хатои сиёсии кўрдилонаи навдавлатони "муросои миллй" роҳ надиҳанд, аз он шахсоне, ки ақидаи мустақилу маромн солим надоранд ва дар замирашон сидқан садоқат ба давлати имрўза вуҷуд надораду вобаста ба вазъияти ба миён омада чун шамоли Элоки Файзобод тағйир меёбанд ва дўсту ҳамкор буданд, вале мақсаду маромашон ягонаву воҳид набуда, нопок аст, барғалату мансабхоҳонаву тарсуёна аст. Ҳар фарде, ки бори аввал нисбати дигарон хиёнат карду фурўхт, ба пиндори банда, бори дуввум, бори саввум... ҳам мефурўшад.

Ибни Сино — он нобиғаи доно беҳуда нафармудааст:

Бо душмани ман чу дўст бисёр нишаст,
Бо дўст набояд дигар бор нишаст.
Парҳез аз он асал, ки бо заҳр омехт,
Бигрез аз он маҳас, ки бар мор нишаст!

Аз ин андарзи аллома Ибни Сино ҳар фард, ба хусус сиёсатмадору роҳбарони аркони давлат мебояд, ки дурандешонаву хушзеҳнона бо камоли иродатмандиву имондорй файзёб бошанд. Омин!!

БЎҚАЛАМУН

Ба хотири сатҳиву безамина набудани андешаам савонеҳи рўзгори як нафар забонбози гузароро пешкаши хонандаи гиромй медорам.

Абдулло Ҳабибов. Якуми майи соли 1940 дар шаҳри Кўлоб таваллуд шудааст. Маълумоташ олй. Солҳои 1978—81 муҳассили Академияи Фанҳои ҷамъиятии назди КМ ҲКИШ буд. Номзади илми таърих. Баъди хатми Академия то соли

1982 котиби кумитаи ҲК шаҳри Душанбе буд. Баъд сарварии шӯъбаи сиёсии ВУД ҷумҳуриро бар дӯш дошт.

Яъне, хуну магзу устухон ва рагу пайи Абдулло Ҳабибов бо нону намаки Ҳизби коммунист пухтаву шах шудааст ва дар давраи сарвари давлат будани Қаҳҳор Маҳкамов соҳиби мансабҳои баланди ҳизбӣ низ гардидааст.

Вале соли 1990 дар воқеаҳои баҳманмоҳ фаъолона иштирок варзиду баъд аввалин шуда ҳамфикрони худро, сипас Қаҳҳор Маҳкамов ва Ҳизби Коммунистро пушти по зад, яъне намакро хӯрда ба намакдонаш туф кард. Вақте ки мавқеи ҷамъиятии Раҳмон Набиев равшану устувор гардид, Абдулло Ҳабибов ба ҷонибдории ӯ пардохт. Дар давраи интихоботи Раиси Ҷумҳур вазифаи гумоштаи ду тарафро ба дӯши худ дошт, ки кадом тараф ғолиб ояд, ба он тараф бигардад. Инро боре А. Соҳибназаров ба ману Раҳмон Набиев ва Нарзулло Дӯстов ҳангоми сӯҳбат гуфта буд. Ва инро ситоди пеш аз интихоботии оид ба номзадии Раҳмон Набиев ба Президенти ҷумҳурӣ хеле дақиқ дарк карда буд. Ҳар гоҳ ки Абдулло Ҳабибов ба ситод меомад, ману Карим Абдулов, Бойпочо Фатҳидинову Абдуҳаким Ҳалимов ва дигарон ҳаракат мекардем, ки чизе аз нақшаи ситод бохабар нагардад. Агар рӯз, соат ва ҷои гузаронидани вохӯрии Раҳмон Набиевро бо интихобкунандагон ё амалиётҳои ташвиқотиро мефаҳмид, ҳатман дар он ҷамъомадҳо фундаменталистони ваҳҳобия, демократҳои сатҳӣ аз дигар ноҳияҳо ҷамъ омада, ҳаракат менамуданд, ки вохӯриро вайрон намоянд. Нисбати Раҳмон Набиев суханҳои даҳалу беадабонаро ба забон меоварданд, таҳқир менамуданд. Аксуламалҳои ғайриқонунӣ мегузарониданд...

Вақте ки дар интихибот Раҳмон Набиев ғолиб омад, аввалин шуда, ӯро ба оғӯш гирифта, табрик намуда, худро тарафдораш эълон дошт. Нисбати ашхоси дурӯя Шоҳин хуб гуфтааст:

Ту масту камингарон зи ҳар сӯ,
Бо теғи дурӯяанд якрӯ...
Бардошт дурӯя табл своз,
В-аз рӯи алам дирафш шуд боз.

Ҳангоме ки аз бомаданиятии Раиси Ҷумҳур амалиёти оппозиция пайдарҳам зафар меёфту мавқеи сиёсию ҷамъиятии худро мустаҳкам менамуд, Абдулло Ҳабибов фурсатро ғанимат дониста Р. Набиевро паси по зада, ба тарафи ҳизбҳои демократ, наҳзати исломи Тоҷикистон, ҳаракати мардумии "Растохез", "Лаъли Бадахшон" ва қозиёти ҷумҳурӣ гузашт. Бо дастгирии мухолифин ва Акбаршоҳ Искандаров битавонист, ки соҳиби

курсии мансаби раиси кумитаи Шӯрои Олии ҷумҳурӣ ва аъзои Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардида, ғуломи ҳалқабаргӯши дастаи хуношом шавад.

Дар давраи ҳукмронии оппозиция Абдулло Ҳабибов чун раиси кумитаи Шӯрои Олӣ ояди қонунбарорӣ, муборизаи зидди ҷиноятқорӣ ва ҳуқуқи инсон якчанд қонуншиканӣ содир намуд:

Аввал: Додситони Кулли Ҷумҳурӣ Нурулло Ҳувайдуллоев аз рӯи тафтиши гузаронидаи Абдулло Ҳабибов аз посбонҳои худ маҳрум гардид, ки ин ваъзиятро дастаи ҷиноятқорони оппозиция истифода намуда, ӯро ба қатл расониданд.

Сонӣ: дар асоси хулосаҳои ғайриқонунии Абдулло Ҳабибов ояди аз ҳабс озод кардан ва ба вазифаи раиси комиҷроияи шаҳри Душанбе барқарор намудани Мақсуд Икромов Президиуми Шӯрои Олӣ қарор қабул намуд. Рост, ин хизмати хирсонаи А. Ҳабибов буд.

Сеюм. Қабули қарори ғайриқонунии Президиуми Шӯрои Олӣ нисбати аз вазифа дур кардани Раиси Шӯрои Олӣ ва Раиси Ҷумҳур...

Чорум. Вилояти Кӯлоб дар давоми зиёда аз 7 моҳ дар муҳосираи иқтисодӣ буд ва Абдулло Ҳабибов ҳамчун аъзои Президиуми Шӯрои Олӣ нисбати он мардум чӣ кори арзандае кард? Агар даҳҳо қарорҳои Президиуми Шӯрои Олиро, ки ба муқобили мардуми вилояти Кӯлоб қабул карда шуда буд, ба ҳисоб нагирем ва ғайра.

Панҷум. Барои аз марг наҷот додани Сайфиддин Сангов кадом корҳоро ба анҷом расонид?!

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, дар тақсими мансаб Абдулло Ҳабибов фаромӯш нагардид. Гӯё ҳодисае рӯй надода бошад, боз ӯро ба вазифаи раиси кумитаи Шӯрои Олӣ ояди қонунбарорӣ, муборизаи зидди ҷиноятқорӣ ва ҳуқуқи инсон пешбарӣ намуданд.

Росташро гӯям, чунин муносибатро фаҳмида, бори дигар аз ҳақиқату адолат дилам монд!...

Шукри Худои кариму раҳим, ки фарзандони ҷасуру бохирадди миллат, ба монанди депутатҳои халқи ҷумҳурӣ Адолат Раҳмонова ва Қодирҷон Ҷабборов буданд, ки нагузоштанд миёни ҳақиқат бишканаду оппозиционери ашаддӣ Абдулло Ҳабибов боз обро лой карда, моҳии тилло дорад!...

Афсӯс, ки чунин депутатҳои ҷасур миёни мо зиёд набудаанд ва ин боиси он гардид, ки қисми номардони дурӯяю серӯю, ки дирӯз балегӯю инҷобизани роҳбарияти оппозиция буданд, аз нав соҳиби мансаб гардиданд...

Ҳамаи инро ба виҷдону имони дурӯяву серӯяҳо ва фардоне, ки то ҳол, пас аз рехтани хуни даҳҳо ҳазор мардум аз вартаи маҳалгароию чӯрабозӣ набаромадаанд, ҳавола менамоям!

Ва онҳоро гӯшрас менамоям, ки ҳушёр бошанд, дар ягон давру замон гург бо гӯсфанд дӯстӣ накардаасту нахоҳад кард!...

* * *

Дар ҷумҳурӣ задухӯрдҳои гуруҳҳои мухталиф идома дошт, ки боиси ба ҳалокат расидани мардуми бенаво ва талаву тороҷ намудани молу ҳоли онҳо мегардид. Аз минтақаҳои фарогирифтаи низоъҳои мусаллаҳона шумораи беному нишон гумшудагон, гурезагон меафзуд, муҳоҷирати аҳолӣ ба беруни марзи ҷумҳурӣ рӯз аз рӯз зиёд мегардид. Ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ, ки дар шароити бӯҳрони иқтисодӣ заифу нотавон шуда буд, зарари калони моддӣ мерасид. Дар шаҳру ноҳияҳо ҷиноятҳорӣ, махсусан куштор, ҳуҷумҳои ғоратгарона, дуздӣ ва касофатҳои бемислу монанд меафзуд, ки ҷумҳурии хуфтабахти Тоҷикистонро боз ҳам нооромтар мегардонданд.

Роҳбарияти ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон (ҲНИТ), ҳизби демократи ҷумҳурӣ ва дгар намояндагони қувваҳои оппозиция, ки ба Ҳукумати "муросои миллӣ" шомил гардида буданд ва барои ҳарчи тезтар ба даст даровардани минтақаи Кӯлоб нақшаи зери итоати худ гирифтани ағбаи Шар-Шари ноҳияи Данғараро, ки он зери муҳофизати кормандони умури дохилии кумиҷроияи вилояти Кӯлоб ва аъзоёни ғорди миллии ноҳияи Данғара қарор дошт, тарҳрезӣ менамуданд. Бо ин мақсад аъзои Раёсати ҲНИТ мулло Аҷик Алиев бо маслиҳати Муҳаммадшариф Ҳимматзода ва Давлати Исмон охирҳои моҳи августи соли 1992 бо ёрии ситоди "Наҷоти Ватан" дар шаҳри Душанбе ва ағбаи Чормағзи яккаи ноҳияи Кофарниҳон дастаи махсуси мусаллаҳро созмон доданд. Онро бо аслиҳаи ҳозиразамон: автомати Калашников; "АКМ", "АКС", пулемёти дастии "РКП", норинҷи тарканда (граната, мина), гранатамёт, снайпер ва таппончаи тамғаи "ПМ"-и хориҷӣ мусаллаҳ гардониданд. Баъд аз ҳафтаи омӯзиши тактикаи ҷангӣ аз тарафи мутахассисони хориҷӣ мулло Аҷик Алиев барои маслиҳати роҳҳои амалӣ гардонидани нақшаи кашида боз ба назди М. Ҳимматзода ва Д. Исмон омада, аз рӯи харитаи кашидашуда маслиҳат намуд. Сипас, 14-уми сентябри соли 1992 мулло Аҷик Алиев ҳамроҳи онҳо бо мошини тамғаи "ВАЗ-2106", ки аз дасти кадом бечорае ё корхонае бо зӯрӣ гирифта буданд, ба ситоди афсарон, ба ағбаи назди Чормағзи яккаи ноҳияи

Кофарниҳон омаданд. Аз дастаи ҷанговарони ҲНИТ, ки зиёда аз 300 нафар буданд, мулло Аҷик Алиев бо дастуру нишондодҳои М. Ҳимматзода ва Д. Исмон барои ҳуҷум кардан ба ағбаи Шаршар 15 нафари онҳоро, ки ба ҷанг хеле тайёр буданд, ҷудо намуда, бо ҳамаи намуди яроқу аслиҳа мусаллаҳ гардониданд.

Дар байни ин 15 нафар сокинони деҳшӯрои Себистони ноҳияи Данғараи вилояти Кӯлоб: Ф. И. Камолов, Р. И. Камолов, К. Мансуров ва дигарон буданд. Сипас, мулло Аҷик Алиев бо гурӯҳи мусаллаҳ бори дигар ҳамсӯҳбат гардида, соатҳои 17—18 ба автомашинаи тамғаи УАЗ-567-и боркаш савор шуда, бо мақсади хуҷум овардан ба тарафи ағбаи Шаршар равон гардид. Онҳо ба воситаи кӯпруки қишлоқи Қибилии шаҳри Норак, ки аз болои дарёи Вахш мегузарад, ба тарафи поёни ағбаи Шар-Шар омада, қарор гирифтанд. Мулло Аҷиқ Алиев чун корманди хоҷагаии ҷангали ноҳияи Данғара роҳҳои ба ағбаи Шар-шар баромаданро хуб медонист. Бинобар ин, бо роҳнамоии ӯ гурӯҳи мусаллаҳ пиёда бо воситаи теппаи "Рози барра" аз ағба ба замини иҷоравии сокини қишлоқи Тутқавули шаҳри Норак С. Ҳайдаров соати 21—22-и шаб расиданд. Афсӯс, ки касе аз он девсиратон умре, ки худованд барои бандагонаш чун неъмати бузурге дар як муддати муайяне ато кардааст, бояд баҳри некию покӣ, хайрхоҳию садоқатмандӣ сарф бикунанд, ба худ намеандешид. Охир умри инсон бисёр кӯтоҳ аст-ку, дар як мижжа задан чун аспи бодпо мегузарад. Аз ҳазрати Нӯҳ пайғамбар (алайҳиссалом), ки нӯҳсаду панҷоҳ сол умр дида, пурсидаанд, ки оё ӯ аз умри дидааш розӣ аст? Нӯҳ пайғамбар (алайҳиссалом) чунин посух гуфта: Na! Умри кӯтоҳе. Гӯё аз дар даромадаму аз дарича баромадам...

Дар чайлаи иҷоракор то соатҳои 23-и шаб пинҳои шуда, вақт ва шароити қулаи ҳуҷум кардан ба дидбонгоҳро муҳайё намуда, ба ҳуҷуми ҳаматарафа тайёрии пухта дида, вазифаи ҳар як чиноятқорро муайян намуда, сипас соати 3-и шаб ба самти дидбонгоҳи давлатии ағбаи Шар-Шари ноҳияи Данғара девонавор "Оллоҳу Акбар!" гӯён ба ҳуҷум гузаштанду ба муқобили ҳамдиёрони худ оташ кушоданд. Садои автомату гранатомёт ба фалак пайваст, ки кӯҳу пушта ба ларза даромад.

Дар натиҷа аъзоёни горди миллии Данғара:

Музаффар Алиев, санаи таваллудаш 18 июли соли 1966;

Холназари Султонзода, санаи таваллудаш 1 октябри соли 1956;

Маҳмадраҷаб Собиров, санаи таваллудаш 2 марти соли 1971;

Рачабов Салим Бозорович, санаи таваллудаш 3 июли соли 1966;

Иззатулло Файзович Сайфуллоев, санаи таваллудаш 7 марти соли 1969;

Убайдулло Фатҳуллоевич Саидов, санаи таваллудаш 15 марти соли 1960;

Холмирзо Худойқулович Шомуродов, санаи таваллудаш 2 августи соли 1974;

Ҳошимхон Ҷорубович Холиқов, санаи таваллудаш 21 январи соли 1971;

Рачабмурод Шералиевич Фозилов, санаи таваллудаш 25 апрели соли 1966, чамъ нӯҳ нафар чавонмардро, ки сокинони шаҳраки Себистони ноҳияи Данғара буданд, ваҳшиёна ба қатл расонданд.

Аз дидбонгоҳ ду автомошин яке УАЗ ГАЗ-69, дигаре "Волга ГАЗ-24", ду автомати Калашникови "АКС", ду дона таппонча, ду дона дурбини "БК", панҷ дона рацияи дастӣ ва як дона дастгоҳи қувватдиҳандаи рацияро ба ғорат бурданд.

Нисбати чунин ҳоҷиёну қориёни Қуръон, "ҳомиёни" дини мубини ислом, ки теша ба решаи хеши худ, ҳамдиёру ҳаммазҳаб ва ҳамхуни худ заданд, шоир хуб гуфтааст:

Як тараф даъвои курсии раёсат мекунӣ,
Як тараф оҳанги қатли оми миллат мекунӣ,
Як тараф оёти Қуръонро тиловат мекунӣ,
Як тараф хунзерию чангу хусумат мекунӣ,

Ҳарчӣ мехоҳад дилат аз баҳри қудрат мекунӣ,
Зинда бошӣ, офаринат, хуб хизмат мекунӣ.

Тирҳои оташин болои мардум рехтӣ,
Бомбҳои беҳадаф бечову саргум рехтӣ,
Хуни халқи бегуноҳро бетараҳҳум рехтӣ,
Заҳри бухси худ бурун чун мору каждум рехтӣ,

Сахт меранҷӣ агар гӯям разолат мекунӣ,
Зинда бошӣ, офаринат, хуб хизмат мекунӣ.

Қавли ту чизеву кирдори ту чизи дигар аст,
Хуни мардум резиву гӯё, ки масҷиду сангар аст,
Додаи барбод ҳастии Ватан — ин азҳар аст,
Сар бикун бар чайб, некӯтар зи ту ҳар кофар аст,

Кай бувад шакке, ки мардумро шафоат мекунӣ,
Зинда бошӣ, офаринат, худ хизмат мекунӣ.

Шаҳшучои ин Ватан бастӣ ту даст аз пушти сар,
Зери амри "қозию чосусу чанроли" дигар,
Рост баргӯ, чанд резӣ хуни мардумро ҳадар?
То кай аз шохи чиҳодат мечакад хуни чигар,

Дар раҳи ободии майҳан шучоат мекунӣ,
Зинда бошӣ, офаринат, хуб хизмат мекунӣ.

Дар тафтишоти пешакӣ мулло Ачик Алиев ба ҷиноятҳои содиркардааш иқрор гардида, аз тарси ҷазо ашк мерезонду ба саркардагони мазҳаби "Ваҳҳобия" ва ҲНИТ лаънат хонда, иброз дошт: "Дар митингҳои моҳҳои апрел-майи соли 1992 роҳбарони оппозиция қарор қабул карда буданд, ки агар бо роҳи гирдиҳамоӣ ба сари ҳокимият омада натавонанд, он гоҳ гурӯҳи мусаллаҳонае, ки ҷ нде пеш ташкил карда буданд, барои ба сари қудрат омадан "ҷиҳод" эълон намуда, ҷанг мекунанд..." Ана, мақсади онҳо чӣ будааасту баҳри амалӣ гардидани он мардуми бесаводу аз сиёсат дурро бо макру фиреб ба майдон овардаанд.

Боз рӯзноманигорони фурӯхташудаи беимон рӯз то шабу шаб то рӯз тавассути садою симои "мардумӣ", рӯзномаҳои дурӯяву зархариди қабеҳкор мақсади гирдиҳамомадагони майдони "Шаҳидон"-ро таърифу тавсиф мекарданд.

Аз ҷумла, рӯзноманигор М. Ҳайдаршо дар навиштаҷоти худ гуфтааст: "Мардум ба майдони Шаҳидон барои ҳавою ҳавас наомадаанд, дар дилҳояшон як олам дарду алам доранд.

Чӣ гуна ҳасрат накунанд мардум, ки сатҳи зиндагиашон соат ба соат, рӯз аз рӯз паст мефурояд, рӯзгорашон тангу тира мешавад. Зиндагиашон намондааст, фақат рӯзгузаронӣ мекунанд, қути лоямуте, ки, бо сад хориву зорӣ, бо нархҳои дандоншикан меёбанд, хатари аз он ҳам бенасиб мондан ба сарашон омада.

Охир, мардуми батангомадаи тоҷик чӣ хел ба майдони Шаҳидон наояд, ки нархи молҳои ниёзи мардум даҳҳо ва садҳо маротиб афзуда. Ба ин далелҳо қазоват кунед: як ҷуфт ҷуроб пеш 37—55 тин буду имрӯз ба 29 сӯм дакка мехӯрад. Як дегчаи 5—6 сӯмаи истеҳсоли худӣ имрӯз беш аз ҳазор сӯм шуда, як яхдони "Помир" 6000—8000 сӯм, як қолини комбинати қолинбофии Қайроққум 6000 сӯм азриш дорад. Ку адолат?! Чаро моҳонаи аҳли заҳмат даҳҳо ва садҳо маротиб зиёд карда намешавад?!

Пас, мӯҳтарам роҳбарони ҷумҳурӣ, бо ин аҳвол, бо ин тангии рӯзгор, бо ин нарху навоҳои осмонкаф мардуми бечора, модарони серфарзанд сари худро ба майдони Шаҳидон назананд, ба кӯҷо зананд? Ҷавоби ин саволҳоро кӣ мегӯяд?!

("Ҷумҳурият", № 68 (18618)
аз 8. 04. 1992 с.)

Дар як навиштаҷот то ин дараҷа ба сари роҳбарони ҷумҳурӣ дурӯғу бӯҳтонро рехта, мардумро ба шӯр оварда, ба майдон даъват карда бошанд, пас чӣ гуна мардуми аз сиёсат дур ба чунин "дилсӯзони миллат" бовар накунанд?!

Охир, рӯзноманигори мӯҳтарам боре аз рӯи инсоф ба худ саволе медод, ки Р. Набиев ва С. Кенҷаев аз кадом ҳисоб дар давоми се моҳе, ки аз ин 45 рӯзаш гирдиҳамой буд, метавонистанд, ки маҳсулоти ниёзи мардумро зиёд намоянду нархро арзон?

Чаро ӯ боре нарху навои ҷумҳурии моро бо дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттифоқ муқоиса накард, ки дар кадом ҷумҳурӣ нарху наво паст аст?...

Чаро вақте ки давлатро Ҳукумати "муросои миллӣ" ва А. Искандаров сарварӣ мекарданд, мардумро ба гирдиҳамой даъват накарданд?! Агарчӣ нарху наво назар ба моҳи апрели соли 1992 зиёда аз 100 маротиба қимат гардид?

Бо вуҷуди ин, баъзе роҳбарони ҳамонвақтаи ҷумҳурӣ айбро аз рӯи одати ҳамарӯзаи хеш ба гардани кӯлобиён бор карданӣ мешуданд, ки гӯё посбонҳои аҳбаи Шар-шар ба ноҳияи Кофарниҳон ҳуҷум оварда бошанд. Даъвои онҳо асосе надорад, зеро оппозицияи мусаллаҳ илова бар он роҳҳои мошингарди Душанбе — Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа Кӯлобро муҳосира кардааасту бар асари он аз нарасидани маводи хӯрокӣ, дигар молҳои ниёзи мардум, сӯзишворӣ ва ғайра сахт азоб мекашанд. Аз набудани дорувор ва шприцҳои якдафъаина беморхонаҳо аз касалҳо лаболаб буда, бачагону пиронсолон ба ҳалокат расида истодаанд. Он рӯзҳо дар Кӯлоб беш аз 80 ҳазор гурезагони вилояти Қӯрғонтеппа паноҳ овардаанд, хурӯҷи бемориҳои сирояткунанда ба назар мерасад. Беш аз 800 ҳазор нафар сокинони вилоят дар дами гуруснагии ҳалокатовар мебошанд.

Ҳамаи ин натиҷаи мусоҳилакории ошкорои ҳукумат ва ВКД-и ҷумҳурӣ буд. Вагарна, чунин далелро чӣ тавр метавон маънидод кард, ки намояндагони расмии ҳукумат борҳо шарти аз байн бардоштани муҳосираи иқтисодии Кӯлобро дар тағйир додани маслаки сиёсии кӯлобиён талаб карданд.

МУЛОҚОТ БО ШОҲИ ФИРОРӢ

Ҳолати гуруснагӣ, муҳосираи иқтисодӣ ва ҷанги бародаркуш, ки вазъияти Хатлонзамину Вахшонзаминро бисёр ҳам вазнину ноҳинҷор ва харобу абгор гардонда буд, моро маҷбур сохт, ки ба назди Раиси Ҷумҳур, ки гурехта ба зодгоҳаш — шаҳри Хуҷанд омада, нияти ҳаёти оромонаю беғаразона гузаронидан дошт, биравем. Бо ин мақсад 13-уми сентябри соли 1992, соати 11-и рӯз бо ҳамроҳии Амирқул Азимов, Назрулло Дӯстов ва додситони шаҳри Хуҷанд Искандар Тӯрахоҷаев ба хонаи Р. Набиев рефтем. Роҳи хонаашро ба мо И. Тӯрахоҷаев нишон дод.

Ӯ моро хуб истиқбол гирифт, сиҳату салсалатиамонро пурсид. Дар рӯи ҳавлӣ нишастем, ҳамсараш омада, ҳамроҳи мо нишаста, ба сӯҳбат шарик гардид. Ҳавлӣ ва хонаҳояш бисёр хурду назарногир ва таъмирталаб буданд. Ба назарам он аз ҳавлии сокинони миёнаҳоли шаҳри Ҳуҷанд ҳам пасттар намуд.

Дар рафти сӯҳбат Р. Набиев ҳодисаи нисбати ӯ рухдодаро нақл кард, ки ғшк дар косахонаи чашмонаш ҳалқа мезад. Аз ҷумла, гуфт: "Маро Искандаров фиреб дод, ба ӯ бовар карда будам. Ҳамаи онҳо (ба фикрам, аъзоёни Раёсаи Шӯрои Олиро дар назар дошт) шогирдонам баданд, борҳо бо ҳам нону намак шуда будем.

Ман аз бегонагон ҳаргиз нанолам,
Ки бо ман ҳар чӣ кард он ошно кард".

Ростӣ, ин даҳшате буд... Аз ӯ пурсон шудам: "Оянда чӣ гуна нақшаҳо доред? Бо ҳамин мавқеи худро месупоред, ё дар дил ягон мақсаду мароме доред?"

Ба дарёи фикр фурӯ рафт, ба хаёлам, хеле сахт тарсида буд, сарашро бардошта, ба мо нигариста гуфт: "Намедонам чӣ бояд кард, номардон азобам доданд. Ҳукуматдорони вилоят аз ман гурехта истодаанд, то ҳол касе барои диданам наомадааст...

Акнун фаҳмидам, ки дар Ватани худам беватан будаам. Охир, барои ободии диёрам, баҳбудии халқам кори кам накардаам, сарамро сафед кардам. Дида истодаед, барои худам хона ҳам насохтаам. Саноат, сохтмон ва хоҷагии қишлоқи вилояти Ленинобод асосан дар давраи сари қудрат буданам тараққӣ ёфтааст.

Охир, солҳои дароз вазифаи Вазири хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои Вазирони ҷумҳурӣ ва котиби аввали Комитети Марказии Ҳизби Коммунисти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба дӯши худ доштам..."

Сухан мегуфту ашк гулӯгираш мекард, раҳми кас меомад... Ҳамсари Президент каме ҷасурона илова карда гуфтанд: Ягон илоҷе кардан лозим... Охир, аризаашро ғайриқонунӣ дар зери силоҳ гирифтаанд-ку,— гуфта ба ман нигарист.

Дар ҷавоб гуфтам: "Бале келин, ғайриқонун, мисли офтоб рушан, чӣ тавре, ки ману Назрулло Дӯстовро бо дасти домулло аз сари қудрат дур карданд, инро ҳама — дохилию хорича медонад, хоҷат ба таҳлил нест".

Боз келин ба гап ҳамроҳ шуда гуфт: "Набошад шумо ягон илоҷашро ёбед".

Ба онҳо гуфтам: "Илоҷаш дар дасти Р. Набиев мебошад, бояд ором нанишинад. Давраи ором нишастан нест. Дар

Хатлонзамину Вахшонзамин мардуме, ки ба ҳимояи мо бархеста буданд, аз як тараф дар ҷанг, аз тарафи дигар аз гуруснагӣ мурда истодаанд. Зиёда аз чор моҳ аст, ки ин ду вилоят дар муҳосираи иқтисодӣ мебошад. Охир, Шумо аз тарафи халқ Раиси Ҷумҳур интихоб гардидаед ва Президиуми Шӯрои Олӣ ҳуқуқи шуморо аз вазифа озод кардан надорад. Агар оппозиция дар ҷанг ғолиб барояд, аз сад ҷон як ҷони мову Шумо ва аҳли оилаатонро саломат намемонад. Гунаҳкори ҳамаи ҷангҳо Шуморо меҳисобанд. Баъд аз он, ки ман ва Назрулло Дӯстовро аз вазифа озод кардед (7. 05. 92 с.), Шумо бо оппозиция кор кардед, ҳамаи ҷангҳо дар он давра ба вуҷуд омаду даҳҳо ҳазор одамон шаҳид гардиданд.

Ин суханҳоро шунида, Раиси Ҷумҳур мағзи гапро дарк карда, каме ба худ омада гуфт: "ариза навиштан лозим". Хоҳиш намуд, ки барояш ариза нависем. Ҳеҷ гап не, мо менависем, вале даву ғеҷашро худатон бояд кунед, нисбати он беадолатию қонуншиканҳое, ки дар ҳаққи Шумо раво диданд, ҳуқуқи худатонро бояд муҳофизат намоед. Шумо ҳоло Раиси Ҷумҳур мебошед, халқ шуморо интихоб кардааст. Аризаро ба забонҳои тоҷикиву русӣ навишта, чоп карда додем, ки онро Р. Набиев ва келин хонда, маъқул ҳисобиданд. Баъд аз он кас ду илтимос кардем: яке роҳе биёбанду ба Раиси Ҷумҳури Федерацияи Русия, Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Туркманистон сим зананд ё ба назди онҳо бираванду ҳақиқати ҳолро фаҳмонда, барои мардуми Хатлонзамину Вахшонзамин ёрии моддӣ пурсанд.

Дар ҷавоб гуфтанд: "Ба И. А. Каримов ва Н. А. Назарбоев сим занам ё ба наздашон равам, онҳо маро чӣ тавр мефаҳмида бошанд,нодуруст фаҳмиданашон мумкин?... Бисёр хуб мешуд, ки агар Шумо ба воситаи ягон кас роҳе меёфтеду ба онҳо мефаҳмондед, ки онҳо ба телефони ман (хона) сим мезаданд, он гоҳ бо онҳо гуфтугузор мекардам, сипас ба наздашон мерафтам, хело хуб мешуд".

Суханҳои ӯро шунида, карахт шуда, гуфтам:

— Ҳой Раҳмон Набиевич, каме андеша намоед. Чашмонатонро кушода, ба дунё нигаред! Тоҷикистон куҷову Ӯзбекистону Қазоқистон куҷо?! Кӯмаки моддӣ ба халқи мо лозим аст, на ба онҳо! Моро зарур аст, ки назди эшон биравем, на ин ки онҳо назди мо оянд?! Охир, онҳо ба мо даркоранд, на мо ба онҳо!... Каме фикр намоед, имрӯз ман вазифаи коргари комбинати маъдани кӯҳии Анзобро ба зимма дорам, чӣ гуна роҳ меёбаму ба роҳбарони дигар давлатҳо мегӯям, ки ба Шумо, ба хонаатон телефон кунанд? Мо метавонем Шуморо ба Тошканд барем, аз он ҷо ба Маскав гусел намоем...

Дигаре он буд, ки аппарати кории Раиси Ҷумҳурро ба вилояти Ленинобод ё Кӯлоб оварда, карро сар намуда, то сессияи навбатии Шӯрои Олӣ халқи ҷумҳуриро ҳимоя бояд кард. Охир, Шумо ҳоло Президенти ҷумҳурӣ мебошед.

Дар ҷавоб гуфтанд, ки роҳбарияти вилояти Ленинобод маро дидан намехоҳанд, чӣ гуна ба ман утоқи корӣ медиҳанд, ки корро сар намоям. Вазъияти маро ҳам фаҳмед. Ҳатто дӯстону хешовандонам ба наздам бо тарсу ларз меоянд. Касе ба назди ман ояд, сураташро гирифта, ба А. Искандаров мефиристанд.

Суханҳои ӯро шунида, боз аз нав ба дарёи фикр фурӯ рафта, пеши назарам изҳороти иштирокчиёни машварати роҳбарони вилояти Ленинобод, мақомоти роҳбарии шаҳру ноҳияҳо, идораву ташкилотҳо, тамоми ҳизбҳои сиёсӣ ва созмонҳои ҷамъиятии вилоят як-як гузашт, ки дар он аз ҷумла омада буд:

"...Аҳли машварат бо ташвишу хавотирӣ ва ҳисси масъулият нисбати тақдири халқи тоҷик изҳор мекунад, ки вазъи рӯзҳои охир бағоят тезутундгаштаи ҷумҳурӣ ба сохти конституционӣ, дигаргунсозиҳои демократӣ ва якпорчагии давлати мустақили тоҷик хавфи воқеӣ ба амал овард.

Иштирокчиёни машварат иродаи аҳли заҳмати вилоятро изҳор карда, ҳодисаи бо роҳи зӯрӣ ва тарсондан ба истеъфо маҷбур кардани Президенти аз ҷониби кулли халқ интихобшуда Раҳмон Набиевро амали зиддиконституционӣ дониста, ба он чун ба вайронкунии меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ, принципҳои ахлоқу инсондӯстӣ баҳо медиҳанд.

Онҳо ба Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат мекунанд, ки ҳодисаи истеъфои Президентро дар мӯҳлати кӯтоҳтарин дар иҷлосияи худ дида баромада, ба он баҳои юридикӣ диҳанд.

Ба назари мо, яке аз омилҳои тезондани процессии оромии сиёсӣ ҳарчӣ зудтар андешидани тадбирҳои ҳамаҷониба оиди коркард ва қабули Конституцияи Тоҷикистон, инчунин дар асоси он ташаккул додани мақомоти конституционии ҳокимият ва идоракунист, ки онҳо дарҳол баъди ташкил ёфтан барои дар ҷумҳурӣ барқарор кардани қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, сулҳу муросо, аз бӯҳрони сиёсию иқтисодӣ баровардани он камар хоҳанд баст.

Бо назардошти вазъи сарбастаи сиёсӣ дар ҷумҳурӣ, ки бо авҷгирии ихтилофоти сиёсию маҳалгарой алоқаманд аст, онҳо аз Шӯрои Олӣ ва Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб мекунанд, ки масъалаи ба ҷумҳурӣ таклиф кардани ҳайати вакилони СММ-ро барои омӯзиши вазъияти ба амал

омада ва коркарди хулосаҳо баҳри ба эътидол овардани он дида бароянд..."

Сипас, ба Раҳмон Набиев нигариста гуфтам: "Чӣ тавр то ҳол Шуморо хабар нагирифтаанд, охир, дар маҷлиси машваратии роҳбарони вилоят, шаҳру ноҳияҳо, корхонаю ташкилотҳо, тамоми ҳизбу созмонҳои ҷамъиятӣ нисбати дастгирии Шумо Иҳҳорот қабул карда будачд-ку?! Ҳа, бале, онро аз газета хондам ва аз радио шунида будам".

Бо лабханди хосса назар афканда Президент гуфт: "Сафаралӣ, Шумо кай пухта мешавед? Ҳоло ҳам ба рӯзномаю радио бовар мекунед? Баъзе роҳбарони вилоят сари тарозуро нигоҳ мекунанд, дар як рӯз чанд маротиба тағйир меёбанд!...

Агар ба ман бовар накунед, хабари рӯзномаи "Ҳақикати Ленинобод"-ро хонед, Шумо ба рӯзномаҳо боварӣ доред,— хандида ба ман рӯзномаро дод. Дар он ҷо хабаре бо мазмуни зайл омада буд:

Махсус барои "Ҳақиқати Ленинобод"

СОБИҚ РАИСИ ҶУМҲУР РАҲМОН НАБИЕВ
ДАР ШАҲРИ ХУҶАНД

Бино ба хабари расмии роҳбари Дафтари матбуоти кумиҷроияи вилоят собиқ Раиси Ҷумҳур, ки таи чанд рӯзи охир дар шаҳри Хуҷанд мебошад, то имрӯз бо роҳбарияти кумиҷроияи вилоят вонахӯрдааст ва ҳатто робитаи телефонӣ ҳам надошт. Изофа бар ин, чанд мухбири расонаҳои ахбори хориҷӣ дар рафти сӯҳбат бо роҳбарияти вилоят хоҳиш карданд, ки дар тамос гирифтан бо собиқ Раиси Ҷумҳур Р. Набиев кӯмак кунанд. Вале роҳбарони кумиҷроияи вилоят арз доштанд, ки онҳо ба ин кор на танҳо ваколат надоранд, балки дахл кардан ҳам намехоҳанд.

Аюби КЕНҶА,
мухбири махсуси "Ҷумҳурият."

Карахт шуда, ба номардии мардон бори дигар боварӣ ҳосил кардам, ки як қисм мардон барои мансабу мавқеъ шуда, ягон чизро, ҳатто... дареғ намедоштаанд.

Чи чора. Дар ин дунёи буқаламун ҳастанд одамаконе, ки танҳо манфиати шахсии худро ба ҳисоб мегиранд. Аз ин рӯ мову Шуморо месазад, ки суботкориву матонат дошта бошем.

Номардонро ба Оллоҳи таъоло супоред, рӯзе мерасад, ки ба ғазаби худованди карим гирифтор хоҳанд гардид...

Дар ин маврид такя бар андарзи гузаштагон кардан ва чашми умедворӣ доштан накуст:

Ҳар кӣ чоҳ бар сари роҳи дигарон канад,
Рӯзе худ дар он чоҳ сарнагун равад.

Сипас, ба он кас маслиҳат додем, ки ҳар соатро ганимат дониста, фавран корро сар намоянд, кормандони аппарати Раиси Ҷумҳурро даъват кунанд. Мардуми Кӯлоб нисбати Шумо ақидаашро тағйир нахоҳад дод. Таклифро қабул карданд. Роҳбарияти вилояти Кӯлоб мунтазирашон буд. Вале чӣ шуд, ки нарафтанд...

Ҳангоме ки бо ҳамдигар хайрухуш мекардем, ба ҳоли ӯ нигариста, раҳми кас меомад. Мухолифин ӯро сахт тарсонда буд. Соати 18.00 аз хонаи Раҳмон Набиев баромада, чӣ будани қимати инсонро ба андеша гирифта ба дарёи фикр фурӯ рафтаму ба гирдогирди худ печидам:

Афтидану парвозҳои ин мардро ба хотир овардам. Он лаҳзаҳо як-як аз пеши назарам чун намоиши телевизионӣ мегузаштанду корвони хотираҳоро аз роҳи риштаҳои хаёлам медидам.

— Бале, Р. Набиев соли 1985 иҷборӣ таҳти давугеҷи аъзоёни Бюрои КМ. ҲК Тоҷикистон Г. Б. Бобосодиқова, Ғ. П.Паллаев, ки ӯро ба "хатоҳои ҷиддӣ ва тарзи ҳаёти ба коммунистон нолоиқ айбдор намуданд", бо талаби роҳбарони Кумитаи Марказии КПСС маҷбуран бо аризаи худ аз вазифаи мунши аввали Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон, ки ҳокими мутлақи он давр маҳсуб меёфт, мустаъфӣ гардид. Ин воқеаи ҷонкоҳи нахустине буд дар ғурури камолоту баъди парвозҳои тӯлонӣ. Вайро бо тезӣ давлатдорон, ҳаммаслакон ва шогирдону хушомадгӯёну лагандбардорон, ки ба сари қудрат омада буданд, ба дасти фаромӯшӣ супориданд. Ақлу заковат, таҷрибаи бои кориву зиндагии ӯро истифода бурдан нахостанд, ҳатто қувва ба харҷ доданду давугеҷ кардаанд, ки ба сиёсат ӯ дигарбора барнагардад. Дар пленумҳои КМ ҲК Тоҷикистон, анҷуманҳои ҳизбӣ ба талабу дархостҳои аъзоёни қатории ҲК ва КМ ҲК Тоҷикистон нигоҳ накарда, намегузоштанд, ки Раҳмон Набиев ба раёсат дохил гардад. Баръакс дар маъруҳзаву баромадҳо, бюрою пленумҳои КМ ҲК Тоҷикистон ҳуҷҷаҳои расмӣ ба гуноҳи набуда гунаҳкораш мекарданду ба ҷазои ҳизбӣ сазовораш мегардонданд. Агарчи дар асл ӯ ягон гуноҳи ҷиддие надошт, бо ҳар роҳу восита тавассути дастгоҳҳои ҳизбию давлатӣ фишор меоварданд, ки номзадии Раҳмон Набиев ба депутатии Шӯрои Олии ҷумҳурӣ нагузарад, овозашро касе

нашунавад... Рӯзномаҳои ҳизбию давлатӣ, садою симои ҷумҳурӣ хоҳиши номи Раҳмон Набиевро ба некӣ ёдовар шудан надоштанд, агар метавонистанд, ӯро дар чашми мардум сиёҳ мекарданд, ба майзадагию надонистани чашми кори давлатдорӣ гунаҳкораш мекарданд. Вале ин ҳама амалиёти ғаразноки аппарат рейтинги давлатдорони ҳамонвақтаро паст месохту обрӯ ва эҳтироми Р. Набиевро ба боло мебурд, чунки меҳнати садоқатмандонаи ӯ дар дилу дидаи мардуми ҷумҳурӣ нақшашро солҳои дароз ҷойгир намуда буд. Ҳамеша мардуми гуногунмиллат ба даргоҳи ӯ баҳри баёни садоқатмандиву ихлосдорӣ, ба хабаргириву ҳолу аҳволпурсиаш меомаданд. Дар дили халқи ҷумҳурӣ меҳри ӯ нақши муҳиму муайяне дошт, ки намегузошт аҳли ҷоҳ ба осонӣ фармӯшаш намоянд.

Илова бар ин, вазъияти сиёсию иқтисодии ҷумҳурӣ вобаста ба "демократя"-и горбачёвщина рӯз ба рӯз пасту ноором мегардиду некӯаҳволии халқ ба ҷариҳои бӯҳронӣ фурӯ мерафт, ки онро ҳар фард вобаста ба ҷаҳонбинӣ, ақлу заковати сарварони ҳамонвақтаю гузаштаи ҷумҳурӣ вобаста медонистанд.

Аз ин сабаб рейтинги Раҳмон Набиев миёни мардуми оддӣ, бахусус деҳот рӯз ба рӯз меафзуд, ки ин роҳбарони кӯтоҳандеши ҳамонвақтаи давлатро ноором мекарду нақши коҳишёфтаашонро зери хавфу хатар мегузошт. Сарварони ҷумҳурӣ дар интихоботҳои оянда ҳарифи асосии худ — Раҳмон Набиевро медиданд, ки ба тақдиру насиб тендеҳ нагардида, баръакс ӯро чашми дидан надоштанд.

Мухолифин, ки сарваронаш асосан аз ҷануби Тоҷикистон буданд, роҳ кофта, чора меандешиданд, ки мавқеи сарвари ҳамонвақта Қаҳҳор Маҳкамовро суст намуда, аз сари қудрат дураш созанду давлатро ба дасти худ бигиранд. Вале бо кадом роҳ? Чӣ гуна?! Бо истифода бурдани кадом қувваҳо?!

Ва ин роҳро идеологҳои мухолифин хуб тарҳрезӣ намуданд, аз рақобати ду авлоди намоёни вилояти Ленинобод моҳирона истифода бурданд, то он ки онҳо аз дохили худ оташ гиранд, яке бо дасти дигаре аз сари қудрат дур гарданд.

Ба сари қудрат овардани Раҳмон Набиев барномаи минималӣ, аз сари қудрат дур сохтани ӯ бошад, барномаи максималии мухолифин буд. Ба амалӣ гардидани барномаи максималӣ онҳо комилан боварӣ доштанд, чунки аз як тараф ҷумҳурӣ дар давраи гузариш ба ҳаёти мустақилона, аз миён рафтани мошини пуриқтидори давлати абарқудрати собиқ ИҶШС, давлати Тоҷикистони соҳибистиқлолу бе артиши миллӣ, канда шудану пора — пора гардидани тамоми риштаҳои иқтисодӣ бо дигар давлатҳо, паст гардидани мавқеи Ҳизби абарқуд-

рати Коммунист, шикастани механизми кории он, фаро гирифтани бўҳрони сиёсию иқтисодӣ, фарҳангӣ, аз миён рафтани интизоми давлату давлатдорӣ, авҷ гирифтани "демократия", "озодии сухан" қарор дошт. Аз ҳама асосиаш савдо ва ВКД-и ҷумҳурӣ зери итоати мухолифин қарор доштанд. Аз ҷониби дигар, зиёда аз 6 сол буд, ки Раҳмон Набиев аз сиёсат дур гардида, ба сиёсати давлатдории кунунӣ то ҳадде ноошно ва умуман барояш чизи наву нофаҳмо менамуд. Идеологҳои мухолифин ҳамаи инро борҳо бурридаву дўхта, амиқан таҳлил намуда, ба хулоса омада буданд, ки ў дар шароити нав, сиёсати имрўза бе фармони боло ба ҳокимиятдорӣ омода нест ва ҷаҳонбинии кўҳна дорад.

Вале бисёриҳо, аз ҷумла камина ҳам нақшаи таҳтонӣ ва хеле кўҳнаи нерўҳои ҷадидро хубу амиқ дарк накарда будем. Дар асл мухолифин хоҳони сиёсатмадори сиёсатро дуруст бурдан наметавонистагӣ буданд, ки тамоми мардуми ҷумҳуриро гумроҳ сохта, ба касалии сиёсатмадорӣ гирифтор гардонанд, ки аз ҳар калла як садо барояду рукнҳои давлат аз зери итоати сарварони он раҳо шавад. Чи тавре, ки мегўянд: "Аз сустии одамизод гурги одамхор пайдо мешавад".

Аз ҳамин рў, нерўҳои ҷадид баҳри амалӣ гардонидани нақшаи минималӣ ба таърифу тавсифи Раҳмон Набиев камар бастанд, бо дастгирии мо бар асари таҳаввулоти ҷомеа ба арсаи сиёсат қадам гузоштани Р. Набиев умри дубораи сиёсӣ ва парвози мурғи хонагияш буд. Алалхусус ба воситаи рўзномаҳои нерўҳои демократӣ: "Чароғи рўз", "Сухан", "Ҷавонони Тоҷикистон", "Адолат", "Дунё" Раҳмон Набиевро ҳамчун ҷабрдида аз Ҳизби абарқудрати Коммунист ва сиёсатмадори обутобёфтаву варзида ба мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз марзи он муаррифӣ мекарданд.

Бо ҳамин Раҳмон Набиев боз ба сари қудрат ва арсаи сиёсат баргашту аз миёни се номзад дар навбати аввал депутати халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид. Банда бо илтимоси Артисти халқии СССР мўҳтарам Ҷўрабек Муродов, ки нисбаташ эҳтиромӣ беканор дорам, раиси ситоди пеш аз интихоботии номзад ба депутати халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахси боварионоки Раҳмон Набиев будам.

Пас аз он, ки ў ба боварии интихобкунандагон сазовор гардид, нерўҳои "демократӣ", Қозиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳаракати мардумии "Растохез", Ҳизби демократи Тоҷикистон шифоҳӣ дар ҷамъомадҳои расмӣ ва ба воситаи рўзномаҳои "Чароғи рўз", "Адолат", "Дунё", "Ҷавонони Тоҷикистон", "Сухан" хислатҳои неку кордонӣ, ташкилотчигӣ, тарафдори халқу

миллат будани ўро таърифу тавсиф намуда, ба мардуми ҷумҳурӣ муаррифӣ мекарданд. На барои он, ки ӯ ҳамақидаи онҳо буд ва дар асл дўсташ медоштанду эҳтиромаш мекарданд, балки ба хотири сипари боэътимод доштан дар муборизаҳои сиёсӣ ва иҷрои барномаи минимум.

Р. Набиев депутати халқи ҷумҳурӣ интихоб гардид. Тўли иҷлосияҳои Шўрои Олӣ нисбати баррасии ҳар гуна масъалаҳои сиёсиву иқтисодӣ, муҳокимаи қабули қонуну қарорҳо на он қадар ҷиддӣ иқдом дошт, балки хомўширо пеша намуда буд. Ба назарам ин гуна рафтор шояд бар он буд, ки мавқеи худро дар назари мардуми ҷумҳурӣ бо хоксориву оромӣ ва тамкиндорӣ боварибахшона нигоҳ дорад. Дар давраи депутатӣ танҳо ягона пешниҳоде, ки ӯ ба забон овард, ин тасдиқи сохти ҳукумати Қаҳҳор Маҳкамов, яъне ҳисобот додани онро дар ҷаласаи Шўрои Олӣ пешниҳод кард. Вале ин пешниҳод аз ҷониби депутатҳои Шўрои Олӣ дастгирӣ наёфту тир ба ҳадаф нарасид.

Масъалаи дуюм, нисбати гунаҳкор набудани ҷумҳурии Тоҷикистон оиди ба миён омадани проблемаи баҳри Арал ӯ даъво пешниҳод намуд:

— Набояд ҷумҳурии мо меъёри истифодаи обро кам намояд, об ба ҷумҳурӣ баҳри истифода бурдани ҳазорҳо гектар заминҳои ташналаби Данғара, Ашту Мастчоҳ, Ўротеппаю Ғончӣ зарур мебошад. Ин пешниҳод аз тарафи депутатҳо ва халқ пазируфта шуд.

Депутатҳои Шўрои Олӣ новобаста аз миллат, маҳал ва мансубият ба ду гурўҳ тақсим гардиданд. Яке ҷонибдорони Қ. Маҳкамов — депутатҳои Ҳизби Коммунист, мансабдорони табақаи боло. Дигаре — депутатҳои блоки демократӣ (Ҳизби демократ, Қозиёт, ҳаракати мардумии "Растохез") ва депутатҳое, ки аъзои Ҳизби Коммунист буданд, дар сохтори давлат мансабҳои сазоворро ба дўши худ доштанд, вале сохти корбарии Қ. Маҳкамовро эътироф намекарданд, ба ҷонибдории ақидаҳои демократӣ, сохтани давлати демократии ҳуқуқбунёди дунявӣ ба тарафдории Р. Набиев гузашта буданд, агарчи ба Ҳизби демократу қозиёти ҷумҳурӣ ва ҳаракати мардумии "Растохез" ягон иртиботе надоштанд. Аз ҷумла, банда ва тарафдоронам ба гўрўҳи дуюм шомил будем. Вале бояд иқрор гардид, ки то ҳол банда ва бисёре аз депутатҳои халқӣ аз нақшаи тарҳрезикардаи мухолифин, барномаҳои минималию максималии онҳо хурдтарин воқифияте надоштем.

Бинобар ин дар иҷлосияи Шўрои Олӣ ҳангоми интихоби нахустпрезиденти ҷумҳурӣ номзадии Раҳмон Набиев аз тарафи депутатҳои Шўрои Олӣ Назрулло Дўстов, Аслиддин Соҳибназаров, Мавлон Олимов ва дигарон пешниҳод гардида,

ба Қ. Маҳкамов алтернатив гузошта шуд. Ба пиндори банда, қисми зиёди депутатҳо бояд, ки ба тарафдории Раҳмон Набиев овоз медоданд, чунки вазъияти толор ба ин шаҳодат медод ва қариб ҳама аз сусткорӣ ва ҳал накардани масъалаҳо, тарзи роҳбарии Қ. Маҳкамов безор гардида буданд. Онҳо умедвори роҳбари болаёқату боҷасорат ва дасту бозуи зур буданд. Вале ҳангоми баён намудани барнома ва саволу ҷавоб Раҳмон Набиев хатогии ҷиддии сиёсӣ роҳ дод, худро интихобгардида ҳисобида, ба бод додани коҳи кӯҳна камар баста, нисбати ҳамкорону дӯстони пештараи худ гилагузорӣ зоҳир намуд, норозигӣ ва қасддории худро оиди бисёр ашхос, ки ҳоло дар курсии мансаб ва депутати Шӯрои Олӣ буданд, иброз намуд. Аз кинаю адоват холӣ набудани дилу дидаи Раҳмон Набиевро дарк намуда, қисми зиёди депутатҳои Шӯрои Олӣ номзадии ӯро ҷонибдорӣ накарданд. Чунки сарвари давлат набояд аз рӯи ғараз ва кинаю адоват кору амал намояд. Агарчӣ ӯ ба мо қавл дода буд, ки ба гузашта салавот гуфта, коҳи кӯҳнаро ҳеҷ гоҳ бод нахоҳад кард.

Ба ҳар сурат, дар муборизa алайҳи режими беҷуръатонаи Қ. Маҳкамов шасияти Р. Набиев вазъияти сиёсиро тағйир дода, ноустувор гардонду зиддият миёни тарафҳо тезу тунд гардид. Нерӯҳои ҷадид вазъияти ба миён омадаро хеле хуб истифода бурда, ба воситаи рӯзномаҳо давлатдории Қ.Маҳкамовро зери тозиёнаи танқид гирифта, обрӯву эҳтиромашро паст месохтанду гирдиҳамоиҳоро ташкил мекарданд.

Билохира нерӯҳои демократӣ бо дастгирии депутатҳое, ки тарафдори Р. Набиев буданд, зери фишори гирдиҳамомадагон дар иҷлосияи Шӯрои Олӣ Қ. Маҳкамовро маҷбуран ба истеъфо гуселониданд. Вазифаи Раиси Ҷумҳур ба зиммаи Раиси Шӯрои Олӣ Қадриддин Аслонов гузошта шуд.

Аз ҳамон рӯз нерӯҳои "демократӣ", ки ба мақсади аввалини худ комёб гардиданд, аз баҳри Раҳмон Набиев баромаданд, яъне дӯстии онҳо нисбати Раҳмон Набиев, ки аз рӯи ғараз тарҳрезӣ шуда буд, чун ғаразашон то андозае амалӣ гардид, поён ёфт!!

Ҳамаи ҳизбу созмонҳо, аз ҷумла Ҳизби демократи Тоҷикистон, Ҳизби наҳзати исломии ҷумҳурӣ, ҳаракатҳои мардумии "Растохез", "Лаъли Бадахшон", "Носири Хисрав", "Ҷавонон", Қозиёти мусулмонони ҷумҳурӣ, рӯзноманигорони дайдуи пулу молпараст ва ғайра аз Раҳмон Набиев рӯй гардонида, баҳри амалӣ гардидани нақшаи дуюми хеш — барномаи максимум камар бастанду номзадии Давлат Худойназаровро ҷонибдорӣ намуданд. Манфиати маҳал ғолиб баромада ҳамаи ҳизбҳо,

ҳаракатҳои мардумию идораи диниро бо ҳам пайваст. Ҳол он ки Ҳизби наҳзати исломии ҷумҳурӣ ва Қозиёти мусулмонони Тоҷикистон ба Давлат Худойназаро ягон наздикӣ надоштанд. Аз як тараф, Давлат Худойназаров шиамазҳаб буд, ки миёни мазҳаби Имоми Аъзам (ҳанафӣ) ва мазҳаби шиа зиддиятҳои зиёди динӣ мавҷуд аст.

Аз тарафи дигар, ӯ дар хонадони сурх таваллуд ёфа тарбият гирифтааст, ки ҳарду падараш — Меҳрубон Назаров ва Худойназар Маҳмадназаров, ки онҳоро бисёр эҳтиром мекардам, борҳо аз як дастархон нон хӯрда будем, материалисти асил буданд, ба худо ва пайғамбари Оллоҳ таъоло ҳазрати Муҳаммад мустафо дар нишасту бархости зоҳирӣ шак доштанд, ки шояд чашмпӯшии авомфиребона бошад.

Сеюм: Иморати азиму-ш-шаън ва рафеъ-ул-қадри ислом бар ин панҷ сутун (аркони ислом), ки зоти пок зикр мешавад, қоим ва побарҷо аст:

— тавҳиду рисолат (имон ба ягонагии худо ва рисолати пайғомбар);

— дар як шабонарӯз панҷ вақт намоз гузоштан;

— сӣ рӯзи моҳи шарифи рамазон рӯза доштан;

— закот (агар ғанӣ бошӣ, соле як бор закоти мол додан);

— ҳаҷ (агар дунёӣ ба харҷи сафари ҳаҷ кифоя кунад, дар умр як бор ҳаҷ кардан).

Вале то имрӯз Давлат Худойназаров аз ин панҷ аркони ислом якеашро ҳам ичро накардааст ва чи гуна ичро кардани онҳоро шак дорам бидонад! Наузамбиллоҳ!...

Дар муборизаҳои пеш аз интихоботӣ ва дар интихибот қонунҳои ҷумҳурӣ ва башарро зери по намуда, ба ҳама пастиҳо рафтанд, беадолатонаю ноҳаққона Раҳмон Набиев ва ҷонибдорони ӯро бо гуноҳҳои набуда гунаҳкор намуда, тавассути рӯзномаҳои худӣ бо қабеҳтарин суханҳо шахсияташро ба халқи ҷумҳурӣ муаррифӣ карданд. Дар рӯзи интихобот қувваи ҷоҳилонаи ҷисмонию бешарафиро истифода бурданд. Хулоса, ҳар чӣ ки хостанд, ҳамонро содир намуданд. Бо ин тамрини дайдугии "ҳарҷозанакашон" бори дигар ба вуҷуд надоштани рукнҳои давлат комилан боварӣ ҳосил намуданд.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, дар интихоботи умумихалқӣ Раҳмон Набиев аз миёни 9 нафар номзад дар давраи якум ба боварии мардум сазовор шуда, бо аксарияти овозҳо Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон интихоб гардид.

Албатта, имрӯз камбудӣ кофтан, танқид намудани Раиси Ҷумҳур осон аст ва дар ин норасоиҳо танҳо ӯро гунаҳкор донистан аз рӯи адолат нест. Вале ба ҳар ҳол баҳри он ки

дигарон ба чунин камбудиҳо роҳ надиҳанд, ёдовар шудани онҳо воҷиб аст. Ба ақидаи банда аз таҳлили вазъияте, ки ҷумҳуриро фаро гирифт, иштибоҳи нахустини Раиси Ҷумҳур далоил аст. Ин иштибоҳ муҷиби сарнагун гардидани салтанати ӯ гардид:

— Дур будани ӯ аз сиёсати кунунӣ;

— Баҳои саривақтӣ дода натавонистан ба вазъияти сиёсии ба миёномадаи ҷумҳурӣ;

— Сари вақт ҳал накардани масъалаи ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи ҷумҳурӣ, аз ҷумла вазирону раисони кумитаҳои давлатӣ, ба мусоҳилакории бемантиқ роҳ додан дар ҳаллу фасли ин масъалаҳо;

— Фарқ карда натавонистани дӯсту душман;

— Обро лой карда, бо дасти дигарон моҳӣ доштан;

— Тайёр набудан нисбати мустақилона қабул намудани ҳалнома оиди масъалаҳои муҳими сиёсӣ;

— Истифодаи ҳамарӯзаи маслиҳатчиёни зерипардагӣ, ки аз тафаккури нав фарсаҳҳо дур буданду ҷуз манофеъ ва ғаразҳои шахсии худ дигар чизеро қобилияти дарк кардан надоштанд;

— Тақсим намудани кормандони зердаст ба шахсони боваринoку ғайрибоварӣ;

— Коҳи кӯҳнаро бод кардан, қасос гирифтан аз шахсоне, ки дар давраҳои гузашта нисбати ӯ камэътиборӣ зоҳир намуда буданд...;

— Аз ҳама муҳимаш надоштани фаросати амиқи сиёсатмадорӣ ва дигарҳоро баршуморидан лозим аст...

...Ҳамон рӯз касе аз кормандони масъули вилояти Ленинобод бисёр "садоқатмандона хизмат карда", аз сӯҳбати мо бо Раиси ҷумҳур Раҳмон Набиев, аз номи ӯ иншо намудани ариза бохабар гардида, сухани қаблии Рифъат Ҳоҷиев:—"Сафаралӣ Кенҷаев дар вилояти Ленинобод гашта, вилояти оромро "нестабильни" мекунад, эҳтиёт шудан лозим, чораҳо бояд андешид, ки пояш аз вилоят канда шавад"-ро такрор намудааст.

Албатта, чунин суханҳои ноадолатонаро нисбати банда ва марҳум Нурулло Ҳувайдуллоев (Додситони Кулли ҷумҳурӣ) чанде пеш, миёнаҳои моҳи маи соли 1992 собиқ котиби аввали Ҳизби Коммунисти вилояти Ленинобод Рифъат Ҳоҷиев гуфта буд. Мо аз ӯ наранҷида будем, чунки аз рӯзи аввал муқобили тарафдорони Раҳмон Набиеву ҷонибдори Давлат Худойназаров ин кас иқдом дошт. Хайр, ин ақида аст ва баҳри амалӣ гардидани андешааш ҳар кас ҳуқуқ дорад мубориза барад...

Сипас, начаккондаву нарезонда хабари сўҳбати мову Р. Набиев ва аризаи барои ӯ навиштаро ба роҳбари ғайриқонунии давлати Тоҷикистон — Акбаршоҳ Искандаров, ки баъзеҳо ба ӯ имон оварда буданду ҷониби қуллаҳои осмонбўс намоз мехонданд, расонидааст. Ҳоло ӯ ба дили роҳбарони имрўзаи ҷумҳурӣ роҳ ёфта, сазовори яке аз курсиҳои асосии давлат гардидааасту сиёсати иқтисодии ҷумҳуриро пеш мебарад. Пас, чӣ гуна ин давлати соҳибистиқлоли тоҷикон рӯ ба эътидол оварад?...

Шоир фармудааст:

Хун мехўрад чу теғ дар ин давр ҳар кӣ ӯ,
Якрӯю якзабон бувад аз поктавҳарӣ.
В — он кас, ки ҳамчу шона дурўясту дузабон,
Бар фарқи хеш ҷой диҳандаш зи сарварӣ.

Ин хабари хушро Акбаршоҳ Искандаров аз ҷони набаромада ҳазор умед гуфта, ҳамон бегоҳӣ Раёсати Шўрои Олиро даъват намуда, маврида муҳокима қарор додааасту ману Амирқул Азимов ва Назрулло Дўстовро душмани миллат, ташкилкунандаи табаддулоти нави давлатӣ ҳисобида, ба органҳои маъмурии ҷумҳурӣ (ВКД,КАМ, Додситонӣ) фармон додааст, ки фавран моро дастгир намуда, ба ҳабс бигиранд...

Худоё, наход ки мо ҷонибдори оромӣ ва осудаҳолии мардуми шарифи вилояти Ленинобод а ҷумҳурӣ набошем?! Охир, давутози ман, тарки мансабу молу мулк, хонаву зиндагӣ, аз фарзандону дўстон ҷудо, ҳаётамро зери хатар гузошта, назди ҳар касу нокас паст кардани сари баландам магар баҳри таъмини оромию некўаҳволии мардуми ҷумҳурӣ набуд?! Пас, чаро он "дўстон"-и ман вақте ки вазифаи Раиси Шўрои Олиро ба ўҳда доштам, хешро "ғулом" вонамуд мекарданду имрўз "хоҷа" гардида кўтоҳандешонаву ноҷавонмардона нисбатам хулоса бароварда, дар ҳаракати аз хоки вилоят дур намуданам гардидаанд?! Охир, зиёда аз ним миллион ҳамдиёрони мо дар вилояти Ленинобод кору сукунат доранд-ку?! Пас чаро мо одамони бегона будаем?! Соддалавҳиву кўтоҳназарӣ ҳам ҳадду ҳудуд доштагист?!

Чаро фикри онро накарданд, ки агар ҷумҳурӣ орому осуда набошад, мардуми вилояти Ленинобод наметавонад, ки орому осуда гардад. Охир:

Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ фармудааст:

Банӣ одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рўзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.

Шояд ба новоқифон ин мазмуни саъдиёна таъсире биёварад, то бидонанд шаҳрвандони вилояти орому ободи Ленинобод дар вакуум нестанду нахоҳанд буд, балки хешу ақрабо, фарзандони ин мардум дар ҳама гӯшаҳои хоки ҷумҳурӣ ба хусус дар Вахшонзамин, ки маркази набарди мухолифин қарор гирифтааст, сукунат доранд?!

Чаро фикри онро накарданд, ки агар оппозиция (мазҳаби "ваҳҳобия") ғолиб ояд, ҳоли мардуми вилоят чӣ мешуда бошад?! Оё мардуми вилоят метавонист, ки орому осуда зиндагонӣ намояд?! Охир, агар онҳо дурӯяву серӯя бошанд, 99 фоиз мардуми вилоят нангу номус, иродаи пок доранд! Мақсаду маромӣ ба фундаменталистони исломӣ, ба хусус ба намояндагони мазҳаби "ваҳҳобия" ғулом шудан надоранд! Пас ҳоли онҳо, фарзандону наберaҳояшон чӣ мешавад?!...

Чунин чуну чароҳо хеле зиёданд, вале ба пиндори банда посухи он яктост:

— Не, Ҳеч гоҳ не!

Сипас бо Амирқул Азимов ва Назрулло Дӯстов барои ба даст наафтодан роҳи ноҳияи Айниро пеш гирифтем, чунки дар он ҷо метавонистем, ки амниятамонро таъмин намуда, гирифтори дастаи Акбаршоҳ Искандаров нагардем.

Вақте ки бо Амирқул Азимов ва Нарзулло Дӯстов аз роҳи ағбаи Шаҳристон ба шаҳраки Сарводаи ноҳияи Айнӣ мерафтем, пастиву ноодамгарии иддае аз курсинишинони ҷумҳурӣ ва вилояти Ленинободро нисбати Раҳмон Набиев пеши назар оварда, ғайриинсонҳои пасту хабисро аз таҳти дил, ошкоро мегӯям, ки нафрат мекардаму адоват доштам!

Онҳое ки дирӯзакак ба сояаш салом медоданду сулфад "лаббай" гӯён худашонро ҳамшаҳр меҳонданд, имрӯз аз ӯ гурезонанду мавҷудияташро нодида мегиранд.

Бори дигар дар сиёсат ва сиёсатмадорӣ тухми анқо будани дӯстиро эҳсос намудам, ки барои исботаш сандуқҳо далелу бурҳонҳои қотеъ гирдоварӣ намудаам.

Бале, миёни сиёсатмадорон қатъи назар чӣ гуна дӯст набошад, оқибат барои мансаб рақобат ба вуҷуд меояд, зеро то ҳол касе мансабро бад надидааст ва он барояш чизи азизтарин мебошад. Ва он гоҳ бе ягон муболиға (мумкин ангуштшумор бошанд он фардоне, ки мансабро дӯст надоранд) агар дӯстони ҷонӣ буданд, ба душмани қаттол мубаддал мегарданд. Охир, оллоҳ таъоло инсонро чунин офаридааст, ки чашму дили ӯ ҳеҷ гоҳ аз ҳеҷ чиз сер намешавад, ҳама чиз барои ӯ кам аст. Беҳуда нагуфтаанд, ки "Чашми инсонро хоки гӯр сер накунад, дигар чиз наметавонад сер кунад".

Агарчӣ бисёрии онҳо бо забон ба доди худо шукр мекунанд, вале ботинашон дар фикри дигар аст...

Охир, ба ин ҳама носозгориҳову табоҳкориҳо фарди имрӯзаро гунаҳкор ҳисобидан мандон раво нест, зеро ин ҳама номукаммаливу пастиро таърихи кӯҳан ба инсонҳо омӯхтааст.

Вақто ки соли 632-юми мелодӣ ҳазрати Муҳаммад Мустафо саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз олам чашм пӯшид, кори ӯро халифаҳо (ҷонишинҳо, ноибон) идома доданд, ки чор нафари онҳо "хулафои рошидин" Абӯбакр, Умар, Усмон ва Алӣ дар миёни аксари мусулмонон эҳтироми хосаеро сазовор буданд.

Яке аз масъалаҳои хело тезутунди сиёсӣ ва назариявӣ — масъалаи ҳокимияти олӣ буд. Ба ҷои пайғамбар, ки ба кори ӯ бевосита Оллоҳи таъоло роҳбарӣ мекард, аз чор ҷонишин кӣ бояд сарварӣ намояд, ки одамон мувофиқи муқаррароти Қуръони маҷид ва суннати пайғамбар зиндагӣ намоянд.

Саравваал роҷеъ ба ин масъала дар байни чор "ноиб" — халифаҳо ва ҷонибдорони онҳо баҳси сахту шадиде авҷ гирифт. Дар натиҷа халифаи сеюм — ҳазрати Усмон, ки тарафдорони зиёд дошту сари қудрат омаданаш аз амал дур набуд, аз тарафи дигарон ба қатл расонда шуд. Ба муқобили халифаи чаҳорум — ҳазрати Алӣ, ки амакбача ва домоди (шавҳари Бибифотима) ҳазрати Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам буд, хешовандони ҳазрати Усмон — аъзоёни авлоди машҳури маккагии уммавӣ бармехезанд. Писари ҳазрати Алӣ Ҳусейн дар Карбалои Ироқ аз ҷониби тарафдорони умавиҳо ба қатл расонда мешавад...

Магар онҳо мусулмон набуданд? Магар оёти Қуръону ҳадиси пайғамбарро намедонистанд, ки хуни ба ғайри ҳақ резонданд?! Магар онҳо аз оташи дӯзах бехабар буданду наметарсиданд ва намеҳаросиданд?!

Не, онҳо "медонистанд" ва "метарсиданд", вале номардии сиёсат, чашмносерии инсон наздиктарин афроди ҷонибдорони пайғамбарро гумроҳ сохт...

Ё ин ки ҳазору сад сол муқаддам ба чашмони ҳазрати Абӯ Абдуллоҳи Рӯдакӣ мил кашиданд, онҳо аз худо, аз оташи дӯзах натарсиданд? Магар онҳо мусулмон набуданд? Аз оёти Қуръони маҷиду ҳадиси пайғамбар бехабар буданд?

Не, онҳо алҳамдулиллоҳ, мусулмон буданд, аз оёти Қуръону ҳадиси пайғамбар бохабар буданд, вале номардии сиёсат ва марази мансабталошӣ онҳоро гумроҳ сохт, ки сохт!

Аз ин рӯ, агар дӯстону ҳамтабақон ва шогирдони Раҳмон Набиев барои курсии мансаб шуда, нисбати ӯ пастиву номардӣ зоҳир карда бошанд, ҳамон дарди ҷоҳҳоҳист!

Бале, 17 нафар шахсони масъули ҷумҳурӣ, ки созишро дар бораи ба истеъфо гуселонидани Раиси Ҷумҳуре, ки аз тарафи халқ интихоб гардида буд, тартиб доданд ва бе ягон душворӣ ба он имзо гузоштанд, хуб медонистанд, ки Раиси Ҷумҳур Раҳмон Набиев аризаи истеъфоро иҷоран, зери фишори тиру туфанг навиштааст.

Зеро дар як тараф аз захми тири мансабталошон ронандаву ду муҳофизи Раиси Ҷумҳур ҷон меканданд, аз ҷониби дигар, зери пою деворҳои хонаи пазироии меҳмонҳои ҳукуматии фурудгоҳи Душанбешаҳр пур аз хуни инсон буда, садҳо ҷуфт ҷашмони аз косахона бадар омадаи даррандагони дупо ишонро тазйиқу талхакаф менамуд, мана дар чунин лаҳзаҳо аз Раиси Ҷумҳур аризаи ба истеъфо рафтанро ситонида, қарори ғайриқонунии Раёсати Шӯрои Олиро бароварданд. Онҳо киҳо буданд?! Оё одамони бегона буданд?! Раҳмон Набиевро намешинохтанд?! Ё барояш борҳо рост истода кафкӯбиву дастбӯсӣ накарда буданд?! Ё борҳо нону намакашро нахӯрда буданд?!

Не, ҳамаи онҳо аз Акбаршоҳ Искандаров сар карда, то Аслиддин Соҳибназаров шогирдон ва дӯстони Раҳмон Набиев буданд.' Солҳои дароз бо ҳам кор карда, борҳо ҳаққи нону намак гардида буданд, ростӣ ба ҳамаи онҳо Раҳмон Набиев некие расонда буд.

Чӣ гуна метавон он таърифу тавсифе, ки Аслиддин Соҳибназаров,, Моёншоҳ Назаршоев, Абдулло Ҳабибовро дар иҷлосияи Шӯрои Олӣ ҳангоми интихоби Президенти ҷумҳурӣ, нисбати Раҳмон Набиев, ки номзадии мӯҳтарам Қаҳҳор Маҳкамов ва он кас гузошта шуда буд, аз ёд фаромӯш кард.

Чӣ гуна Акбаршоҳ Искандаров метавонад фаромӯш кунад, ки дар иҷлосияи понздаҳуми Шӯрои Олии ҷумҳурӣ шахсан бо талабу ҳоҳиши Раҳмон Набиев маро озод гардонида, ба курсии Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯро гузошт. Вагарна, дар ҳарду дунё бо он ақлу заковат ҳеҷ гоҳ депутатҳои Шӯрои Олӣ ба ҷонибдории ӯ овоз намедоданд...

Вале номардии сиёсатмаобӣ, намакбаҳаромии мансабталошӣ ишонро кӯрдилу аъмо сохт, ки бисёр дардовару таассуфангез аст!

Чуноне ки шоир фармудааст:

Ғарра маншав бад — он, ки ҷаҳонат азиз кард,
Эй бас азизро, ки ҷаҳон кард зуд хор.
Мораст ин ҷаҳону ҷаҳонҷӯй моргир
В-аз моргир мор барорад ҳаме димор.

Аз ин рӯ, дар ин нимароҳи умрам бисёр кам андар кам одамдоне дидаам, ки ботину забону дилашон сидқан ягона

бошад, намакхўрда поси эҳтироми онро солиёни дароз дар андеша бигирад, дар пастиву баландӣ якрўву якзабон бошад, битавонад нафсашро хар карда ба болояш савору лаҷомашро ба даст бигирад, дар ҳама ҳолатҳо хештанро идора бикунад, то зиндагонии ў барои дигарон мояи ибрат гардад, ба бадбахтиву ҳоҷатмандии дигарон ҳамнафас бошад, бидонад, ки мансаб чизи муваққативу муқаддас аст, на барои фароғату роҳат, балки барои хизмат ба халқу миллат аст, ки худои кариму раҳим насибаш гардонидааст. Рости, ман ин гуна одамонро назаркардаи Худои бузург медонам, зеро дар дили халқ эшон маъво гирифта, мардум ба чашми умед аз пасашон равонанд.

Ба чунин сифатҳо танҳо он инсонҳое мушарраф шуда метавонанд, ки худо дар замиру фитрати эшон ақлу хиради фитрӣ ва фаросати ботинӣ ато кардааст. Пас, чунин афрод истеъдоди фитриро бо меҳнати ҳалолу софдилона, азобу машаққати садоқатмандона омезиш медиҳанду пайваста саъй доранд, то ҷанбаи амали хайрандешашон пурқувват гардад. Худо ба дилу дидаи ин гуна инсонҳо раҳм, сабру қаноат, тамкину субот ато карда, нафсҳояшонро куштааст. Онҳо ба дарсҳои илми ботин ғўтаваранд. Таъриху фарҳанги халқу миллати худ ва дигар халқу миллатҳоро хуб шинохтаанд ва маърифатро садоқатмандонаву самимона ҷонибдорӣ менамоянд, ки бароям чунин инсонҳо аз қабили Яъқуби Лайси Саффорӣ, Исмоили Сомонӣ ва дар қарни кунунӣ академик Бобоҷон Ғафурову Абдулаҳад Қаҳҳоров ва Ислом Каримову Нурсултон Назарбоев дар ин ҷода пешгомони ҳаммароманд.

Охир Акбаршоҳ Искандаровро ба вазифаи Раиси Шўрои Олӣ шахсан Раҳмон Набиев пешниҳод карда, раъйи депутатҳои халқи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷонибдораш гардонида буд-ку? Кўрнамакӣ, ноинсофӣ ва ҷоҳилӣ дар арсаи сиёсат ҳам ҳадду канори муайян доштагист?!

АБАРМАРДИ СИЁСАТ

Шукри худои бахшояндаи меҳрубон, ки дар дунёи кунунӣ андар миёни миллатҳои ҳамҷавору ҳаммазҳаб ва ҳамқисматамон фарзандони барўманди соҳибиродаву хуштадбире ба мисли Ислом Абдуғаниевич Каримов — Раиси Ҷумҳури Ўзбекистон, Нурсултон Абишевич Назарбоев — Раиси Ҷумҳури Қазоқистон ва чанд тани дигаре додааст, ки мақсаду мароми иддае душманон ва сиёсатмаобони ҷаҳли мураккаби халқу миллати моро, аз қабили Акбаршоҳ Искандаров ба дидаи фаросат

баракаш намуда, садди чиние гардиданд, то он ҳама фисқу фуҷураш ҷомаи амал напӯшад.

Пӯшида нест, ки нахуст рӯзи бадбахтие ки ба сари миллати тоҷик ва халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон омад, мӯҳтарам Ислом Абдуғаниевич Каримовро бетараф нагузошт. Ин марди тамом бадбахтии ҷумҳурии моро чун бадбахтии халқҳои давлати хеш пиндошта, хешро дар он мусибатҳо ҷавонмардона ҳамнасибу ҳамтақдир донист. Дар замираш оромӣ надошт, чунки зимни андарзи Саъдӣ "Чу узве ба дард оварад рӯзгор, дигар узвҳоро намонад қарор" тафаккур мекарду ба тоҷик, ба мардуме, ки амнияташон аз тарафи давлат таъмин намегардид, дилаш месӯхт. Ҳар гоҳ хабари ба қатл расидани мардуми бекасу бенаво, деҳқонони оддӣ, тифлакону модаронро мешунид, чун моргазида ба худ мепечид. Роҳҳои пеш гирифтан ва боздоштани ҷанги бародаркушро мекофт, чораҳо меандешид. Ҳол он ки дар он шабу рӯз роҳбарони Ҷумҳурии Тоҷикистон оромона ба тӯю рӯзҳои таваллуд мерафтанду айшу нӯш мекарданд ва зери шесъри тару нолаи най дасти нигоре бармегирифтанду қошпаррониву синаҷунбонӣ менамуданд.

Бале, ақлу хирад, нангу номус ва сиёсатмадории И. А. Каримов фитрист. Оллоҳ таъоло дар замири ӯ адлу адолат, раҳму шафқат, меҳру муҳаббатро нисбати халқ, алалхусус, мардуми бекасу мӯҳтоҷи дар роҳ монда ато кардаст.

Таҳлилу омӯзиши далелҳои мавҷуда ба он шаҳодат медиҳад, ки агар фард худодод набошад, аз дастархони волидайн нони ҳалол хӯрда тарбияи хуб нагирифта бошад, ҳеҷ гоҳ наметавонад, ки маҳбуби халқ, алалхусус, халқи ҷумҳурии дигар гардад.

Агар меҳри пок набошад, мардуми Тоҷикистон дар хона, мошинҳояшон ва ҳатто дар кисаашон расми И. А. Каримовро нигоҳ намедоранд. Барои ӯ мақому манзалати миллат ва чорчӯбаҳои муайянгардидаи он фарқе надошт, борҳо дар суханрониҳояш ақидаи ошкорои худро дар ҷамъомадҳо, дар посухи саволҳои мухбирони кунҷкову дурбин ва иддае ғаразнок дар конфронсҳои матбуот нисбати Ҷумҳурии Тоҷикистон хайрхоҳонаву дилсӯзона ва ҷасуронаву суботкорона иброз намуда, тақдири ноҳинҷор ва яъсу навмедии Тоҷикистонро чун ташвиши ҷонкоҳи тамоми ҷаҳон, бахусус, хонадони ҳар шаҳрванди Ӯзбекистон ба диди фаросатзойи сиёсӣ баркаш менамуд. Ҳамин ҷиҳат буд, ки ӯ 7 уми сентябр барои намояндагони воситаҳои ахбори умум, кормандони сафоратхонаҳои дар Тошканд мавҷуд будаи хориҷӣ конфронси таъҷилии матбуот созмон дода, ба саволҳои иштирокчиёни конфронс чунин ҷавоб дод:

НЕ ДОПУСТИТЬ БРАТОУБИЙСТВЕННОЙ ВОЙНЫ!

Остановить пожар

За стол переговоров

На этой земле должен воцариться мир

С надеждой и верой

• Позиция Президента Ислама Каримова по Таджикскому конфликту получила поддержку

• Собрания, организованные в Ташкенте, выразили солидарность своим братским нашей республике

И. Каримов: СУДЬБА ТАДЖИКИСТАНА—БОЛЬ И ТРЕВОГА ВСЕЙ СРЕДНЕЙ АЗИИ

К ПОЛИТИЧЕСКИМ ПАРТИЯМ, ОБЩЕСТВЕННЫМ ДВИЖЕНИЯМ, ПО ВСЕМУ НАСЕЛЕНИЮ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Обращение Президиума Верховного Совета Республики Узбекистан и Кабинета министров при Президенте Республики Узбекистан

Заявление

ПРЕЗИДЕНТОВ РЕСПУБЛИКИ КАЗАХСТАН, РЕСПУБЛИКИ КИРГИЗИСТАН, РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ, РЕСПУБЛИКИ УЗБЕКИСТАН В СВЯЗИ С СОБЫТИЯМИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Гуманитарная помощь Узбекистана

Тамоми Ўзбекистон мутаваччеҳи воқеаҳои Тоҷикистон буд

— Низои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдошударо фақат худи тоҷикҳо метавонанд ҳал кунанд... Вале аз ҷараёнҳое, ки дар он ҷо ба амал меоянд, давлати Ӯзбекистон ва халқи он дар канор монда наметавонад. Сарҳади байни Тоҷикистону Афғонистон дар асл дарвозаи бозро монад, ки дар он ҷо садҳо ҳазор одамони яроқнок ғун гардидаанд. Дар ин минтақаи тӯлонии сарҳадӣ манбаи нави шиддатнокеро ба вуҷуд оварда истодаанд. Аз ҳамин сабаб Ӯзбекистон тарафдори ҳарчи зудтар бо роҳи осоишта ва инсонпарварона ҳал намудани низоъ дар ин минтақа мебошад.

Дар ин вазъият Созмони Миллатҳои Муттаҳид, Маҷлиси машвараттии оид ба бехатарӣ ва ҳамкорӣ дар Аврупо роли ҳалкунанда бозида метавонанд. Биноан, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳарчӣ зудтар намояндагони ташкилотҳои байналхалқӣ оянд ва кӯмаки худро оиди таъмини мӯътадил гардидани он дареғ надоранд. Изҳор бояд кард, ки нақши башардӯстона ва изҳори изтироби Америка лоиқи эҳтиром мебошад, ки ҳукумати он бо тезутунд гардидани низоъ дар ҷумҳурияти кӯҳӣ ба ташвиш омадааст.

Вайрон шудани сарҳад, бесарусомониву бесоҳибӣ, рехтани хуни инсон нафақат ба худи Тоҷикистон, балки ба тамоми ҷумҳуриятҳои Осиёи Миёна, Қозоқистон ва Русия таъсири манфии худро расонда метавонад. Ба ҷои зиндагии осоишта дар диёри ҳамсоягонамон хун мерезад, пиронсолон, занон, кӯдакон ҳалок мешаванд. Хонаҳояшон оташ гирифта, худ фирорӣ мегарданд, рақобат миёни миллатҳои ба ҳам бародар ба миён меояд. Ҷумҳурият ба пиллаҷои гуруснагӣ наздик шудааст. Алҳол аз ҳама муҳимаш хунрезиро бас кардан, сарҳадҳои Тоҷикистонро, ки дар асл сарҳадҳои ҳамаи Мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои мустақил мебошанд, бо ҳамдастии давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Федерацияи Русия мустаҳкам намудан зарур аст. Ӯзбекистон дар бобати мӯътадил гардидани зиндагии ҳамсоягон, мустаҳкамии марзи он, ҳама гуна ёрии заруриро тайёр аст бирасонад.

Охир, 17 нафар роҳбарони ҷумҳурӣ дидаву дониста имзои "муборак"-и худро барои аз сари қудрат дур сохтани Раиси Ҷумҳуре, ки халқ интихобаш карда буд, гузоштанду давлатро ба дасти оппозиция-мазҳаби "Ваҳҳобия" супурданд, ғами миллати тоҷик, халқи ҷумҳурӣ ва давлати навзоди тоҷиконро нахӯрданд.

Фикр накарданд, ки агар мазҳаби "Ваҳҳобия" сари қудрат биёяд, чандин ҳазор фарди бофарҳангро сар мезанад, оё номи Тоҷикону Тоҷикистон боқӣ мемонад?!

Онҳо танҳо дар фикри мансабу беҳбудии худ буданд, ба ибораи "гӯр сӯзаду дег ҷӯшад" маъво доштанд.

Бале, мӯҳтарам Ислом Каримов мақсаду мароми дасисабозиҳои оппозицияи Тоҷикистонро амиқан дарк намуда буд ва худи ҳамон рӯз (7 сентябри 1992) бори вазнин ва масъулияти муҳимеро бар дӯш гирифта, аз номи ҳамаи халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Котиби Генералии СММ ҷаноби Бутрос Ғолӣ ба мазмуни зайл номаи расмӣ фиристод:

БА КОТИБИ ГЕНЕРАЛИИ СММ ҶАНОБИ БУТРОС ҒОЛӢ

Аълоҳазрат.

Шарафмандам, ки ба Шумо бо эҳтиром ва миннатдории самимӣ барои кори бузург муроҷиат намоям, ки Созмони Милали Муттаҳид таҳти роҳбарии Шумо ояди мустаҳкам кардани сулҳ ва ризомандии байни халқҳо ва мамлакатҳо ба амал мебарорад.

Ба ин муносибат диққату эътиборро ба ниҳоят тезутунд гардидани вазъият дар яке аз минтақаҳои сераҳолитарини ҷаҳон — Осиёи Миёна ҷалб намоям.

Ба Шумо нағз маълум аст, ки дар ин мавзеъ воҳаи қадими тамаддуни ҷаҳон истиқомат доранд, соҳиби таърихи бойтарин мебошанд. Онҳо бо решаҳои маънавӣ, анъана ва расму оинҳои фарҳангӣ, робита ва сарнавишти инсонӣ, сарватҳои динӣ ва дастовардҳои миллии қадимтарин бо ҳам зич пайвастаанд.

Муҳимаш он аст, ки дар давоми асрҳо дар Осиёи Миёна ягонагии хешу таборӣ одамону халқҳо ба амал омад, бо тамоми гузаштаи таърихӣ ба ҳам пайванд гардиданд, ки монеъаҳои аз ҳам ҷудокунандаи байни худро чӣ аз ҷиҳати психологӣ ва чӣ аз ҷиҳати ахлоқӣ қабул наменамоянд.

Бояд дар назар дошт, ки ҳама гуна зиддиятҳо, задухӯрдҳо, зуҳуроти антогонистӣ дар муносибати байни ҳамдигарии гурӯҳҳои калони одамон ва халқҳо ҳамеша дар ин ҷо барои тамоми минтақа дар кадом ҷое ки сар назанад, оқибатҳои ниҳоят ҳалокатовар доштанд.

Анқариб ним сол аст, ки аҳолии 50-миллион нафараи минтақи мо бо ҳисси бадбахтии бузург ва ҳаяҷону изтироб ба рафти ҳодисаҳои рӯйдодаистодаи Тоҷикистони бародарӣ менигарад. Ин ҷо оташи задухӯрдҳо хомӯш намегарданд, тирпаронӣ идома дорад. Рӯз аз рӯз фишор ва задухӯрдҳои қувваҳои сиёсию гурӯҳҳои гуногун меафзояд.

Ҳалокати кӯдакон, занон, пиронсолон ва шаҳрвандони бегуноҳ зиёд мешавад. Ҳуқуқ ва озодиҳои ақаллияти миллӣ халалдор мегарданд, теъдоди гурезаҳои гуногунмиллат аз

ноҳияҳое, ки ҷанги бародаркуш ва задухӯрдҳо идома доранд, беш мегарданд. Онҳо маҷбур мешаванд, ки аз дигар кишварҳо паноҳгоҳ ҷӯянд.

Ҳоло дар Тоҷикистон ҳокимияти расмии сохтори давлатӣ аз даст рафтааст. Сохти конституционӣ, имконоти дигаргуниҳои демократӣ зери хатар аст. Хатари воқеии густариш ёфтани мухолифати мулкӣ ва миллӣ, анархия ва бесарусомонӣ ба тамоми минтақа ба вуҷуд омадааст.

Ташвиши тамоми халқҳои Осиёи Миёна ба муносибати он вазъият, ки бо иштирок ва кӯмаки давлатҳои ҳамсоя воридоти силоҳи ҳозиразамони ҷангӣ ба Тоҷикистон давом дорад, зиёд мешавад. Халқи Тоҷикистон ҳуқуқи воқеӣ ва дахлнопазир дорад. Вай метавонад сарҳади байни Тоҷикистон ва мамлакатташро бо салоҳдиди худ муайян кунад. Вале ба халқи далер, меҳнатдӯст ва азиятдидаи ҷумҳурии бародарӣ бояд шароити мусоиди беруна фароҳам овард. Дар навбати аввал, бояд ворид шудани силоҳи ҳарбӣ ба минтақа боздошта шавад.

Дар ин шароит масъалаи барқарор нигоҳ доштани бутунии сарҳадҳо ва ҳудудҳои ҳозираи давлатҳои Осиёи Миёна аҳамияти махсус касб менамояд. Бояд он чиз равшан бошад, ки сарҳадҳое ки байни Тоҷикистон ва мамлакатҳои ҳамсоя вуҷуд доранд, дар айни вақт сарҳадҳои дахлнопазири давлатҳои Осиёи Миёна низ мебошад. Ҳама гуна зӯрзаниҳо дар роҳи вайрон кардани ин сарҳадҳо ба манфиатҳои сиёсӣ, бехатарии миллӣ ва бутунии ҳудудҳои тамоми халқҳои сокини ин минтақа таҳдиди калон мешавад. Ва он ба Оинномаи СММ ва қоидаҳои ҳуҷҷати ҷамъбастии маҷлиси машвараттии бехатарӣ ва ҳамкории Европа зид мебошад.

Халқҳои Тоҷикистон бо бародарону хоҳарони худ, халқҳои бародари тамоми Осиёи Миёна аз ҷиҳати сиёсӣ, иқтисодӣ, маънавӣ, ниҳоят аз ҷиҳати наслу насаби миллӣ бо ҳазорҳо риштаҳои пайванди абадулабад вобаста мебошанд.

Бо таассуфҳои беҳад таъкид менамоем, ки дар минтақаамон қувваҳои беруние ҳастанд, ки дар байни шаҳрвандон тухми адовати миллӣ, зиддиятҳои сиёсӣ пошида, кӯшиш доранд, ки байни онҳо низоъ пайдо кунанд.

Аълоҳазрат, рухсат диҳед умедвор бошам, СММ, Шӯрои бехатарии он диққату эътибори аъзоёни худ, аҳли ҷамъияти ҷаҳонро ба дахолат накардан ба корҳои дохилии Тоҷикистон ҷалб менамоянд. Ҳамаи моҷароҳо ва муаммоҳоро фақат бо роҳи сиёсӣ ҳал намудан лозим. Осиёи Миёна набояд боз як ҷои пуршиддати харитаи ҷаҳон шавад, алангаи навбатӣ, ки одамонро қурбон мекунад, набояд фурӯзон гардад, минтақа набояд як ҷои найрангҳои ҷуғрофию сиёсии дигар давлатҳо шавад.

Ҷаноби котиби Генералӣ, аз Шумо сидқан хоҳиш мекунам, ки аз номи ташкилоти мӯътабаратон барои барқарор намудани вазъияти минтақаи мазкур ва сулҳи пойдор, бо мақсади омӯхтани вазъи ҳақиқӣ ва дидани чораҳои зарурӣ дарҳол комиссияи махсуси СММ-ро ба минтақа равона намоед.

Ёрии пурсамару саривақтии Созмони байналхалқӣ барои дастгирӣ кардани ҷараёни демократӣ, ислоҳоти сиёсӣ ва иқтисодӣ, ки давлатҳои ҷавони мустақили мо ба амал бароварда истодаанд, омили муҳим мешавад.

Эҳтиромӣ маро қабул фармоед.
Бо камоли эҳтиром,
Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом КАРИМОВ

7 сентябри соли 1992,
шаҳри Тошканд.

Вале ҷои таассуфу дареғ аст, ки чунин дилсӯзӣ аз ҷониби ягон вазорату корхонаҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва шахсони маъруфи Тоҷикистон — шоирону нависандагон, олимону ҳуқуқшиносон ва сиёсатмадорон ба мушоҳида нарасид.

Ҳама орому нигарон бар он буданд, ки кадом тараф ғолиб меомада бошаду пасон ишон доираву таблак бардошта, ба дасисабозиву қасидахонӣ ва ҳа, баракаллову аҳсанҳо бипардозанд!

Рӯзи дигар Раиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон И. А. Каримов нисбати бесарусомониҳо ва қонуншиканиҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳорот қабул намуд. Аз ҷумла, дар изҳорот омадааст: "Рӯзҳои охир вазъи Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муташанниҷ гардид. Муборизаи сиёсӣ мамлакатро ба вартаи ҷанги дохилӣ расонд. Бар асари задухӯрдҳои мусаллаҳона хун мерезад, одамони зиёд, пеш аз ҳама аз ҷумлаи аҳолии осоишта, занону кӯдакон, пирону ҷавонон ҳалок мешаванд. Ба сохти конституционӣ ва дигарсозиҳои демократӣ хавфи воқеӣ таҳдид менамояд. Бо боварии нек изҳор мекунем, ки равобити бародаронаи халҳоямон ногусастанӣ, сарҳади ҷанубии мамолики иттиҳод халалнопазир аст ва бояд ба сар задани ҷанги дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳ дода нашавад".

Бо талаби И. А. Каримов Котиби Генералии СММ Бутрос Ғолӣ бо супориши махсус сафир Раймонд Сомеринсро барои омӯхтани вазъияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва андешидани чораҳо баҳри ба эътидол овардани шароит дар Тоҷикистон ба Осиёи Марказӣ фиристод.

Раймонд Сомеринс ба шаҳри Душанбе, вилоятҳои Ленинобод, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб сафар намуда, бо мардум вохӯрда, бо

видеокассетаҳо шинос шуда, вазъияти ҷумҳуриро аз наздик омӯхт. Дар майдони назди бинои комиҷроияи вилояти Кулоб бо мардум мулоқот орост, ки ҳама назди баландгӯяк рафта, фақат як чизро зинҳор ба зинҳор таъкид мекарданд: "Моро халос кунед, ҷанг кардан намехоҳем, ҷанги бародаркушро боздоред!"

Аз ин вохӯриҳо, ба чашми сар дидани қатори ҷасадҳои ҷавонмардон, заифону тифлакон, ки дар вилояти Қӯрғонтепа аз тарафи мазҳаби "Ваҳҳобия" ба қатл расонда шуда буданд, зиндагии 800 ҳазор нафар мардуми Кӯлоб бо 84 ҳазор нафар гурезагон, ки дар муҳосираи иқтисодӣ буданду аз гуруснагӣ бе доруву дармон тифлакон ҷон ба ҷонофарин месупурданд, ҷаноби Раймонд Сомеринс ба хулоса омад, ки "демократҳои исломӣ" чӣ тоифааанду муҳофизаткунандагони конституцияи ҷумҳурӣ кистанд. Ва иллоҳ, ҳақ бар ҷониби кадоме аз онҳост?

Ҷаноби Раймонд Сомеринс фикру андешаи хешро ба Созмони Милали Муттаҳид расонд, ки он мавриди муҳокимаи Шӯрои амнияти СММ гардиду зимни ин пешниҳод қарори дахлдор низ қабул карда шуд. Вақто ки ҳақиқати ҳолро давлатҳои мутамаддини дунё тафаҳҳус намуданд, муносибати давлатҳои Ғарб, қисми зиёди давлатҳои аъзои СММ нисбати давлати Тоҷикистон, роҳбарияти ғайриқонунии он дигар гардид.

Оё ин хизмати бешоибаву беғаразонаи Ислом Абдуғаниевич Каримов саҳлу содда аст? Магар чунин иқдоми ҷонсӯзонаро қадршиносӣ накардан имкон дорад? Магар фарзандони сиддиқи халқи тоҷик чунин ҷавонмардии як тан сиёсатмадори асил, пешвои дурандешу хирадманди давлати бародар — Ӯзбекистонро, ки дар парешонҳолию дармондагиамон камари ҳиммат баста, бо азми дурусту иқдоми нек дастгири ҳақиқату адолат гашту миллати мо аз пошхӯриву нобудӣ вораста гардид, фаромӯш мекунад?

Аз таҳти дил мегӯям, ки не, ҳеҷ гоҳ!!.

Бояд иқрор шуд, ки Ислом Каримов чун сиёсатмадори варзида аз рӯзҳои аввал мақсаду мароми оппозицияро ба диди фаросатмандонаи амиқ хеле хуб ба дарк гирифт, ки он ба ҷуз содир намудани табаддулоти давлатӣ, рехтани хуни инсон ва ба шӯр андохтани мусулмонони дигар марзу буми он, чизи дигаре набуд.

Бинобар ин аз вохӯриҳои майи (соли 1991) сардорони давлатҳо дар шаҳри Тошканд қотеъона аз ишон даъват ба амал овард, ки ҳарчи оҷилтар барои боздоштани ҷанги бародаркуш дар Тоҷикистон чораҳои таъҷилӣ андешанд. Ақидаашро дар

вохўриҳои шаҳрҳои Бишкек, Москва ва Хельсинки бо роҳбарони давлатҳо такрор ба такрор бидуни дудилагӣ изҳор намуд.

Пас аз ин сарварони чор давлат — Нурсултон Назарбоев, Борис Ельцин, Ислом Каримов ва Аскар Акаев дар изҳороти хеш иброз доштанд, ки Қазоқистон, Федерацияи Русия, Ӯзбекистон ва Қирғизистон омодааанд баҳри якпорчагии Тоҷикистон ва боздоштани ҷанги бародаркуш тамоми чораҳоро биандешанд.

Агарчӣ иҷлосияи XVI Шӯрои Олии ҷумҳурӣ ҳукумати қонуниро таъсис намуд, вале Ислом Каримов хуб дарк менамояд, ки вазъият дар Тоҷикистон мӯътадил нест ва ҳаёти мардуми он ҳоло зери хатар аст. Ва бинобар ин, дар давуғеҷи он мебошад, ки вазъи сиёсии ҷумҳурии тоҷикон ҳарчӣ тезтар ба эътидол ояд. Аз ин сабаб 13 марти соли 1993 ба аълоҳазрат, муншии умумии СММ ҷаноби Бутрос Ғолӣ бо мазмуни зайл нома фиристод:

НОМА

БА АЪЛОҲАЗРАТ, МУНШИИ УМУМИИ СММ ҶАНОБИ БУТРОС ҒОЛӢ

Ҷаноби муншии умумӣ!

Шарафмандам, ки ба Шумо барои вокунишатон ба мурочиати ман моҳи сентябри соли 1992 бинобар ҳодисоти Тоҷикистон ва барои ҷидду ҷаҳди пурсамари СММ дар роҳи ба эътидол овардани вазъияти ин мамлакат аз сидқи дил миннатдорӣ баён мекунам.

Ҳукумат ва халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз тадбирҳои СММ ва кӯшишу ғайрати Шумо ҳамчун муншии умумӣ аз чорабиниҳои рафъи ихтилофоти минтақаҳои гуногони сайёра, аз ҷумла минтақаи мо бо диққат ва умеди калон огоҳӣ меёбанд.

Ба ин муносибат, ҷаноби аълоҳазрат, таваҷҷӯҳи Шуморо ба проблемаҳои устувор гардондан ва барқарор намудани сулҳу амонӣ дар Осиёи Марказӣ ва пеш аз ҳама дар Тоҷикистон бори дигар ҷалб кардан мехостам.

Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва соири давлатҳои ҳамсоя тадбирҳои ҳукуматдорони қонунан интихобшудаи Тоҷикистонро дар роҳи барқарорсозии сулҳу амонӣ, тартиботи қонун дар ин мамлакати азияткашида, устувор гардондани вазъи иқтисодиёт, қарин сохтани аҳолӣ, барҳам додани оқибатҳои вазнини ҷанги бародаркушӣ, ки риштаи умри даҳҳо ҳазор одамро гусастааст, хуш мепазиранд.

Кӯмаки башардӯстона ба халқи зарардида аз тариқи СММ, ёрию дастгирии Қазоқистон, Русия, ИМА, Туркия, Чин, Ҳиндустон ва мамлакатҳои дигар ба Тоҷикистон сазовори баҳои баланд мебошанд.

Ўзбекистон аз рӯи дилсӯзӣ ба қурбоншудагони ҷанг ба мамлакати ҳамсояаш маводи хӯрока, сару либоси бачагона, дору, масолеҳи бинокорӣ ва дигар хел молҳои зарурӣ фиристод ва мефиристонад.

Баробари ин, ҳоло дар Тоҷикистон гаронии оқибатҳои вазнини иқтисодию иҷтимоии ҷанги бераҳмонаи хастакунанда, манзилу объектҳои муҳими харобшуда, вазъи ногувори таъминоти сӯзишворӣ, тухмӣ, маводи хӯрока, дору торафт аён мешавад. Эҳтимол дорад, манбаъҳои нави офату муносибатҳои сирояткунанда сар зананд.

Ба нуфузи баланди ҷаҳонии Шумо, ҷаноби муншии умумӣ, мақоми беназири СММ дар ҳаёти байналхалқӣ муроҷиат намуда, хоҳиш мекардам, ки аз рӯи ду масъалаи сазовори баррасии фаврӣ ёрӣ расонед.

Якум. Бо кӯмаки СММ амнияту дахлнопазирии сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Исломии Афғонистон таъмин карда шавад. Ташвишу изтироби зиёди мо дар ин масъала аз он ҷост, ки бинобар инкишофи таърихӣ дар ҳайати ИҶШС-и собиқ сарҳадоти берунии Тоҷикистон ҳамзамон сарҳадоти тамоми мамлакатҳои минтақаи мо ҳисоб меёфтанд. Байни панҷ давлати Осиёи Марказӣ, ки ба қарибӣ соҳибихтиёру мустақил шуданд, он чизе ки сарҳадҳои дохилии онҳоро ақаллан ба таври рамзӣ нишон медод, тамоман вуҷуд надорад. Бинобар ин, оддитарин сӯиқасд ба дахлнопазирии сарҳади Тоҷикистон метавонад ҳамчун сӯиқасди бевосита ба соҳибихтиёрии тамоми давлатҳои Осиёи Марказӣ шумурда шавад.

Зимни ин, тибқи маълумотҳое, ки мо аз сарчашмаҳои боэътимод дар даст дорем, дар хориҷи сарҳади ҷанубии Тоҷикистон дар тарафи Афғонистон бо иштироки бевосита ва дастгирии марказҳои ифротӣ, ки дар қаламрави мамлакатҳои ҳамсоя воқеанд, анборҳои силоҳ, ҳамчунин лагерҳои гурӯҳҳои тахрибкору террористӣ сохта мешаванд, ки ҳадаф аз ин дар қаламрави минтақаи мо харобкорӣ кардан аст.

Ҳамин тариқ, аҳли ҷамъияти байналхалқиро чунин факт ба ташвиш наоварда наметавонад, ки ба шикастани сарҳади Афғонистону Тоҷикистон ва амалиёти қатъии террористӣ дар Осиёи Марказӣ фаъолона тайёрӣ дида мешавад.

Масъалаи дигаре, ки таваҷҷӯҳи Шумо, ҷаноби муншии умумиро ҷалб кардан мехостам, ба қисмати даҳҳо ҳазор одамони бегуноҳ ва бесарпаноҳ — бачаҳо, занон, пирон, ки иҷбӣрӣ, зери азобу шиканҷа ва таҳдид аз Тоҷикистон бурда шудаанд, дахл дорад. Онҳо дар Афғонистон ҳоли табоҳ доранд. Аз зӯроварӣ, гуруснагӣ, беморӣ ҷон медиҳанд ва ба дастгирии

қатъии СММ дар боби бе мамониат баргаштан ба маҳалҳои зисташон эҳтиёҷманданд.

Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар асоси усулҳои инсондӯстӣ дар татбиқи амалиёти махсус таҳти васояти СММ барои ба ватан баргардондани аҳолии зӯран бурдашудаи Тоҷикистон кӯмак карданист ва ҳамчунин имкониятҳо, аз ҷумла қаламравашро истифода бурданист.

Аълоҳазрат!

Он чизро ба эътибор нагирифтан мумкин нест, ки аз нав муташанниҷ шудани вазъияти Тоҷикистон ва атрофи он детонатори пуриқтидори талотумҳои сиёсию иҷтимоӣ дар минтақаи фарохе гардида метавонад, ки дорои силоҳи ядроию муқаррарии бағоят харобиовар мебошад.

Ба ин муносибат аз Шумо хоҳиш мекунам, ки ин номаро ҳамчун муроҷиатномаи расмӣ шуморед ва намояндагони шахсиатонро барои ҳамаҷониба омӯхтани вазъи кор ва ҷамъ овардани фактҳо ба мақсади таҳияи маърӯзаи махсус барои муҳокима дар ҷаласаи Шӯрои амният ба минтақаи мо фиристонед. Шуморо, ҷаноби муншии умумӣ, дилпур мегардонам, ки ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба кори ин намояндагон ҳамаҷониба кӯмак мекунад.

Аз фурсат истифода бурда, ба Шумо, аълоҳазрат, эҳтиромӣ бузургамро такроран изҳор мекунам.

Раиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ислом КАРИМОВ,

шаҳри Тошканд,
13 марти соли 1993

Аз рӯи инсофу адолат назар афканем, чунин ғамхории беғаразонаро нисбати мардуми Тоҷикистон, якпорчагии давлати он зарурат дошт, ки фарзандони Тоҷикистон бикунанд. Вале ин бори гаронро низ сарвари дурандеши ҷумҳурии бародарамон — Ӯзбекистон кард, ки танҳо самимона чунин иқдомашро бо ташаккур ёд кардан метавон...

Аз оғози ҷанги бародаркуш то имрӯз ба ғайр аз ёрии маънавӣ он ёрии моддие, ки Ҷумҳурии бародарии Ӯзбекистон таҳти сарвариии Ислом Абдуғаниевич Каримов ба халқи азиятҳкашидав балодидаи Тоҷикистон расондааст, агар пиёлаи чои кабудро дар пеш гузошта, тоқиро аз сар гирему як лаҳза ҳисоб намоем, мебинем, ки он ба якчанд миллиардҳо сӯм дакка мезанад!

Бо сабаби муташанниҷ гардидани вазъияти ҷумҳурӣ, зафар ёфтани мухолифини хуношом дар ҷангҳои бародаркуш, ҳукумати "муросои миллӣ ва сарвари ҷумҳурӣ дар давоми якчанд моҳ вилоятҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппаро ба муҳосираи

иқтисодӣ гирифт. Роҳҳои мошингарду оҳанро силоҳбадастони мухолифин зери назорат гирифта, намегузоштанд, ки ягон намуди маҳсулоти сӯзишворӣ, пӯшокию хӯрокӣ, коркарди хоҷагии халқ вориди шаҳру ноҳияҳои вилоятҳои номбурда гардад. Аз ин рӯ, бисёр корхонаҳои шаҳру ноҳияҳо кор намекарданд, мардум рӯ ба гуруснагӣ оварда буд. Роҳбарону шахсони маъруфи хоҷагӣ, шаҳру ноҳияҳо, вобаста ба мавқеашон дар ҷамъият баҳри наҷот додани мардум ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон сафар намуда, аз роҳбарони онҳо умедворона кӯмаку дастгирӣ мепурсиданд, ки ҳамеша баҳраманди дасти ёрии бегаразонаю бародаронаи онҳо мегардиданд.

Танҳо моҳҳои сентябр, октябр ва ноябри соли 1992 банда шоҳиди он будам ки бо фармони Раиси Ҷумҳури Ӯзбекистон Ислом Абдуғаниевич Каримов ҳар рӯзе аз вилояти Сурхондарё ба вилояти Кӯлоб ҳамчун кӯмаки бародарона ду чархбол орд, ба ғайр аз сӯзишворӣ, дигар маҳсулоти хоҷагии халқ фиристода мешуд. Таъминоти мардуми ноҳияҳои Шаҳритус ва Қубодиён аз нимаи дуюми соли 1992 ҳаҷ, ки пурра аз ҳисоби ёрии Ҷумҳурии Ӯзбекистон буд. Ва инро ягон инсони солиму бохирад ва маърифатнок инкор намуда наметавонад. Ва агар бо мақсадҳои нопоку сиёсии худ касе дар дил мақсаду мароми инкор кардани он ва теша ба решаи дӯстии ду халқи ба ҳам таъриҳану авлодан ва мазҳабан бародару ҳамхун — ӯзбеку тоҷик задан дошта бошад, бе ягон муболиға бо амри худованди ҳозиру нозир радди маъракаи хоҳад гардид. Иншооллоҳ!!

Боре ҳангоми сӯҳбат раиси Раёсати колхози ба номи И. А. Каримови ноҳияи Шаҳритус Чорӣ Мирзоев изҳори ақида намуд: "Бояд иқрор гардид ва ҷавонмардона дар ҳама вазъият бо ҳақиқат буд. Агар Ҷумҳурии бародарии Ӯзбекистон бо мо ҳамсарҳад намебуду бадбахтии ба сари мардуми ҷумҳурӣ омадаро тақсим намекард, бемуболиға қисми зиёди мардуми бекасу нотавони ноҳияҳои Шаҳритус ва Қубодиёнро аз гуруснагӣ талаф медодем. Борҳо бо илтимоси раисони комичроияи ноҳияи Қубодиён Чорӣ Юлдошев, Шаҳритус Равшан Ҳазратқулов ва банда роҳбарони Ҷумҳурии Ӯзбекистон садҳо тонна орд, сӯзишворӣ, равған ва дигар маҳсулоти хоҷагии халқро бепул, ҳамчун ёрии бародарона фиристониданду мардумро аз марг наҷот доданд. Ва имрӯз, вақто ки душман аз зери бор каме халос гардид, сиёсатмаобони кӯтоҳандеше пайдо гардиданд, ки миёни ҷумҳурии мову Ӯзбекистон суханҳои бемаҳзу аҳмақонаро раво дида, хоҳони мушт ба миёни ду бародари ҳамхуну ҳаммазҳаб зада, онҳоро аз ҳам ҷудо сохтан мебошанд. Вале хаёли онҳо хом асту фикрашон фикри халқ нест!

Илова бар ин, Ислом Каримов 26—28 сентябри соли 1993 ба Нью-Йорк сафар карда, дар иҷлосияи 48-уми Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид нутқ эрод кард. Агарчӣ проблемаҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон кам набуданд, Ислом Каримов хайрхоҳонаву дилсӯзона қисми зиёди баромади худро нисбати вазъияти сиёсию ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳҳои қатъ гардондани ҷанги бародаркуш, ба эътидол овардану аз бӯҳрони шадиди сиёсию иқтисодӣ баровардани он бахшид. Диққати роҳбарони Ассамблеяи Генералӣ ва вакилони давлатҳои аъзои СММ-ро ба ҳалли проблемаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб намуда гуфт:

"Ба ҳамин муносибат кас дар бораи вазъияти Тоҷикистон ва сарҳади тоҷику афғон гап назада наметавонад. Дар бораи манфиати қувваҳои сиёсии дар он иштирокдошта баҳс кардан мумкин, вале ҳаминаш, бешубҳа, маълум аст, ки моҷарои хунини Тоҷикистон дар натиҷаи бо роҳи ғайриқонунӣ — қувваи яроқ ва дӯғу пӯписа ҳокимиятро ғасб кардан хостани яке аз тарафҳо ва ҳамчунин ин задухӯрд ба туфайли аз хориҷа мунтазам аз ҷиҳати моддӣ ва мафкуравӣ таъмин карданҳо ва ҳатто дастгирии рӯирост ба амал омад. Дар натиҷа бисёр қувваҳои сиёй, табақаҳои гуногуни ҷамъият ба ҳам бархӯрданд. Ин задухӯрд аз бисёр ҷиҳат аҳамияти байналхалқӣ низ пайдо намуд. Зеро манбаъҳои бо дастаҳои ҷанговар, пул ва техникаи ҳарбӣ таъминкунандаи қувваҳои зиддиҳукуматӣ берун аз Тоҷикистон воқеъ гашта буданд.

Ҳукумати Ӯзбекистон аз идомати моҷаро дар Тоҷикистон ва сарҳади тоҷику афғон дар ташвиши мебошад. Сабаби ин аввалан дар он аст, ки дар тӯли асрҳо халқҳои Осиёи Марказиро ҷиҳатҳои ягонаи иқтисодӣ, маънавӣ ва маданӣ ба ҳам сахт мепайвастанд. Айни замон дар минтақаи мазкур байни бисёр мамлакатҳо ба маънии томаш сарҳадҳо нестанд. Аз ҳамин боис моҷарое, ки бо сабабҳои ҷуғрофӣ дар ин ё он маҳал ба миён меояд, хавфи ба тамоми минтақа паҳншавӣ дорад.

Дар ҷои содиршавии моҷаро гирд оварда шудани бисёр яроқу аслиҳаи замонавӣ низ моро ба ташвиш меандозад. Ин яроқу аслиҳа аз куҷо меояд ва онҳо ба дасти ҷангиёну террористон чӣ гуна меафтанд? Ҷамъияти ҷаҳон барои гирифтани пеши роҳи овардани яроқ ба минтақаҳое, ки ҷанги бародаркушӣ давом дорад, чӣ корҳо мекунад ва чӣ корҳо карданаш лозим?

Ин саволҳои ба манфиати халқҳо, тақдири миллатҳо ва ҳаёти миллионҳо касон дахлдор ҷавобҳои худро интизоранд.

Муаммои гурезаҳои Тоҷикистон ба алангаи моҷаро равгон рехт. Даҳҳо ҳазор аҳолии осоишта ҷойҳои зисти худро тарк намуда, маҷбуран гурехт. Ӯзбекистон ба Тоҷикистон маводи озуқа, молҳои зарурӣ фиристода истодааст. Барои бозгашти гурезаҳо ёрӣ мерасонад. Ба воситаи бюрои Тирмиз ба муассисаҳои СММ баҳри расондани ёрии башардӯстона ба қадри ҳол кӯмак расонда истодааст.

Ӯзбекистон қатъиян муқобили ҷангу ҷидол, ҳаракатҳои террористӣ, ҳама гуна таассуби динӣ ва ақидапарастӣ мебошад. Мо тарафдори бо роҳи осоишта ҳал намудани моҷароҳои сиёсӣ, музокираҳо байни қувваҳои ба ҳам зид, ба кори дохилии якдигар дахл накардани давлатҳои мустақил буда, тайёрем, ки ба халқи тоҷик ва пеш аз ҳама ба гурезаҳои аз Афғонистон бозгаштаистода минбаъд ҳам ёрдами инсонпарварона расонем.

Ӯзбекистон аз аввали моҷарои Тоҷикистон барои омӯхтани вазъият ва дар доираи СММ бартараф намудани он ду маротиба эътибори Котиби Генералии СММ Бутрос Ғолиро ҷалб намуд. Мо аз СММ,Котиби Генералии он ҷаноби Бутрос Ғолӣ барои баҳри моҷарои Тоҷикистон ташвиш кашидагиаш, ба он эътибор доданаш ва қувваю ғайрат сарф карданаш басо миннатдорем ва боварӣ дорем, ки ҷамъияти ҷаҳон ба ин ҳаракати сулҳ дӯстона баҳои сазовор хоҳад дод. Сафири махсуси Котиби Генералии СММ ҷаноби И. Киттони бо аҳли комиссияаш дар минтақа самаранок кор мебарад. Ба назари мо маводе, ки онҳо ҷамъ кардаанд, имкон медиҳад,, ки дар маҷлиси Шӯрои амнияти СММ дар бораи характери моҷаро ва қувваҳои пешбарандаи он хулосаҳои холисона бароварда шаванд.

Ба ин нигоҳ накарда, дар асоси вазъияти ҳозира гуфтан душвор аст, ки на фақат дар Тоҷикистон, балки дар Афғонистон ҳам ба воқеаҳои сарҳади тоҷику афғон дуруст эътибор медиҳанд. Миқёси ин моҷаро ва оқибатҳои фалокатовари ба тамоми дунё хавфноки он ҳоло ҳам аз байн нарафтааст. Аз фурсат истифода бурда, ман аз иштирокчиёни сессияи Ассамблеяи Генералӣ хоҳиш менамоям, ки барои ҳалли муаммои мазкур фикру мулоҳизаҳои худро баён намоянд..."

Сиёсатмадорони номдор ва рӯзноманигорони ҷаҳон ба нутқи Ислом Каримов оиди масъалаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби ҳаллу фасли онҳо, роҳҳои мӯътадил гардондани ҷумҳурӣ бо риояи принципҳои демократия баҳои баланд доданд.

Дар муддати хело кӯтоҳ ӯ бо Котиби Генералии СММ Бутрос Ғолӣ, Президенти Штатҳои Муттаҳидаи Америка Б.

Клинтон, ҷонишини котиби генералии СММ оид ба масъалаҳои сиёсӣ Н. Гоулдинг вохӯрда, бо онҳо сӯҳбатҳо дошт. Сиёсатмадори намоён ва арбоби ҷамоатии Амрико Г. Киссенҷер Ислом Каримовро дар хонаи худаш ба сифати меҳмони азиз қабул намуд ва дар "Ривер-Клуб" ба шарафи ӯ зиёфат орост. Дар зиёфат тоҷирони машҳур иштирок доштанд.

Дар рафти сафар бо роҳбарони бонкҳои калони ШМА "Морган Гаранти Траст компани" ва "кемикел Бонк" вохӯриҳо гузаронда шартномаҳо ба имзо расонд.

Маросими қабул, ки роҳбарияти ширкати машҳури "Ньюмонт майнинг" дар меҳмонхонаи "Плаза" орост, ба воқеаи фаромӯшнашаванда тадбил ёфт. Дар ин маросим беш аз 60 нафар тоҷирони бонуфузи ИМА ҳузур доштанд. Ва онҳо дар баромадҳояшон борҳо калимаҳои зеринро ба забон оварданд:: "Мо, амрикоиҳоро ба ҳайрат монондан басо мушкил, аммо ҷаноби Каримов ба ҷасурӣ ва қатъияташ эътибори ҳамаамонро ба худ ҷалб намуд", "Вай донандаи комили иқтисодиёт будааст", "Мо то ҳамин вақт кишваратонро дуруст намедонистаем, ба туфайли мулоқот бо Ислом Каримов онро кашф намудем ва дар ниҳоди мо хоҳиши бо шумоён ҳамкорӣ кардан пайдо шуд", "Ӯ нафақат сиёсатмадори бузург, балки каси беҳад нозуктабъ будааст", "Шумоён бо президентатон фахр карда метавонед"... Ҳамаи ин як қисми он суханон мебошанд, ки дар ҳаққи Ислом Каримов ҳангоми қабули тоҷирони бонуфуз ба гӯш расиданд...

Дар ҳақиқат ба Ислом Каримов на танҳо мардуми ҷумҳурии бародарии Ӯзбекистон мефахрад, балки мардуми ҷумҳурии Тоҷикистон шукри Оллоҳ таъолоро мекунад, ки давлати Ӯзбекистонро чунин фарди сиёсатмадори варзида, ки замираш пур аз хираду заковат ва футувват мебошад, сарварӣ менамояд.

Охир, мардиву инсондӯстӣ, ҳамсоягию ҳамдину ҳаммазҳабӣ, кӯмак ба бечорагон аз ин зиёд намешудагист?' Нисбати чунин фардон шоир гуфтааст:

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ!
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ!

Пас, чунин саховати олиҳимматонаи давлати ҳамҷавору Раиси он И. А.Каримов саховати дӯсту бародар аст, ки миллати моро баҳри зинда мондану пойдориаш ба мавриди масраф расида.

Бинобар ин, ёрию дастгирии бародарони ҳамхуну ҳаммазҳаби Ҷумҳурии Ӯзбекистон, шахсан И. А. Каримовро мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замири хеш ва дилу дидаҳо ҷо намуда, ӯро бузургтарин сиёсатмадори Осиёи Марказӣ, родмарди қисматсози миллати худ низ маҳсуб медонанд.

Ба хизмати ҳар фард баҳои объективонаро халқ медиҳад,, воқеан халқ медонад, кӣ кӣ аст, даҳони мардумро натавон баст. Чуноне, ки Хусрави Деҳлавӣ фармудааст:

Бар рӯи муҳит пул тавон баст,
Натвон лаби халқро забон баст.

Аз ин рӯ халқи тоҷик Ислом Абдуғаниевич Каримовро шахси мӯътабар, дӯсти Тоҷикистон ҳисобида, як қатор ҳоҷагиву мактабҳоро ба номи ӯ гузоштаанд. Аз ҷумла дар ноҳияи Қубодиён, Шаҳритуси вилояти Хатлон колхозҳои ба номи Карл Маркс ва "Россия"-ро ба номи Ислом Абдуғаниевич Каримов гузоштанд. Дар ноҳияи Шаҳристони вилояти Ленинобод яке аз хоҷагиҳои калонтарин номи Ислом Абдуғаниевич Каримовро дорост ва ғайра. Ростӣ, ин самимияти замирии мардуми заҳматкаши мо нисбати як тан сиёсатмадори асил аст! Биноан, тамоми мардуми солимфикри Ҷумҳурии Тоҷикистон дасти дуо ба хотири саодату иқболи ҳамин гуна инсони тавоно ва родмарди таърихофарин бардоштанд. Барои боздоштани ҷанги граждани дар Тоҷикистон, ба эътидол овардани вазъи сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ ва муборизаи оштинопазир ба муқобили фундаменталистон ва мазҳаби "Ваҳҳобия" хизмати И. А. Каримов беназир аст, ки ба мукофоти Нобелӣ пешниҳод гардонданаш аз рӯи ҳақиқату адолат мебошад.

НАҚШАҲОИ НАВИ ФРОНТИ ХАЛҚИИ ТОҶИКИСТОН

Бо даъвати мо қумондонҳои Фронти Халқии шаҳрҳои Турсунзода, Душанбе, ноҳияҳои Шаҳринаву Ҳисор ва Ленину Ғозималик, Ҷиликӯлу Қубодиён ва Шаҳритус ба шаҳраки Сарводаи ноҳияи Айнӣ омаданд. Соати 3-и шаб вохӯрӣ гузаронидем, аз вазъияти шаҳру ноҳияҳо, қувваҳои мавҷудаи тарафдору муқобил хабардор гардида, ҳар яки онро таҳлил намуда, супориши қатъӣ додем, коре бикунанд, то он ки оппозиция натавонад аз шаҳру ноҳияҳои онҳо ба вилояти Қӯрғонтеппа ҷанговар бифиристад. Ҳамаи гузаргоҳҳоро бояд зери назорат гирифт ва танҳо бо рухсатномаи Фронти Халқии Тоҷикистон ба марзи ҳамдигар рафту омад кард.

Дар бораи таъсиси Фронти Халқии Тоҷикистон ва ташкил намудани ду фронт: яке дар ноҳияҳои Ғозималик, Ҷилликӯл, Қубодиён ва Шаҳритус, дигаре дар шаҳрҳои Турсунзода, Душанбе, ноҳияҳои Шаҳринав, Ҳисору Ленин ва Варзоб ба таваҷҷӯҳи Файзалӣ Саидов, Сангак Сафаров, Лангарӣ Лангариев, Маҳкамбой Шарифов расонида шуд. Аз онҳо қатъиян хоҳиш намуда будем, ки қувваи мавҷударо аз ноҳияҳои Хатлонзамину Вахшонзамин ҷамъ оваранду коре бикунанд, ки дар давоми 10—15 рӯз худро муҳофизат намуда, мавқеашонро аз даст надиҳанд. Ҷунки дар ин муддат Фронти Халқии Тоҷикистон амалиёти худро бо сатҳи васеъ оғоз менамуд.

Сипас, ҷонишини раиси ФХТ, раиси Фронти 2 Тоғойхон Шукуровро бо якчанд силоҳу лавозимоти ҷангӣ ба назди қумондони ноҳияи Ёвон Восит Самадов гуселонида, хоҳиш намудем, ки ӯ ба дастаи Сангак Сафаров, Лангарӣ Лангариев, Файзалӣ Саидов ҳамроҳ гардида, ҳамлаҳои пайдарҳами оппозицияи хуношомро бигардонад.

Чунин маълумотро ба воситаи телефон ба Рустам Абдураҳимов ҳам расонидам. Восити шуҷоъу далер бо 28 нафар ҷавонмардони сарсупурдаи халқу миллат ба бародарони хатлонию вахшонӣ ҳамроҳ гардида, дар муҳорибаҳо ба муқобили мухолифини ноинсоф кордониву қаҳрамонии беҳамто зоҳир намуд...

Сипас, барои ҳаллу фасли баъзе масъалаҳо ба якчанд шаҳрҳои Русия, Украина, Қазоқистон сафар карда, риштаҳои дӯстиямро истифода намуда, касеро мешинохтам, ки эҳтиромам мекунад, бо онҳо ҳамсӯҳбат гардидаю ақидаю андешаи худро гузарондам, мақсаду мароми оппозиция ва мавқеи ҳукуматдорону халқи меҳнаткашро баён кардам. Фикр мекунам, онҳо маро хуб фаҳмиданд...

Аз он ҷо ба шаҳри Турсунзода баргаштам, бо қумондони шаҳр Ибодулло Бойматов, дӯстони наздикаш Раҳматҷон Холматов, Саъдулло (Сашка) Мирзоев, қумондонони ноҳияи Шаҳринав Абдумалик Солеҳов, ноҳияҳои Ғозималик, Ҷилликӯл, Қубодиён ва Шаҳритус Тағойхон Шукуров вохӯрдам...

Вазъияти ҳар як ноҳияро таҳлил намуда, мавқеи ҷуғрофӣ ва стратегию хоҳиши халқу қумондони шаҳри Турсунзода Ибодулло Бойматовро, ки бисёр ҳам ҷавонмарди боҷасорату шуҷоъ мебошад ва нисбатам садоқати беҳамто дошт, ба ҳисоб гирифта, ба хулоса омадам, ки ситоди

марказии Фронти халқии Тоҷикистонро дар шаҳри Турсунзода ҷойгир намоем.

Шаҳри Турсунзода (Регар) аз рӯйи ҳисоботи то 1.01. 1993 дорои 183.700 нафар аҳолӣ буда, ки 43 миллатро ташкил менамояд.

Аз ин Ӯзбекон 111.110 нафар (60,5 фоиз), тоҷикон 51.000 нафар (27,6 фоиз), миллатҳои дигар 21.600 нафар (11.9 фоиз), ҷавонони синнашон то 30-сола 114,619 нафар (71,5 фоиз). Масоҳаташ 1175,4 ҳазор км. Дар шаҳри Регар заводҳои калонтарини ҷумҳурӣ: истеҳсоли алюминий, лавозимоти чинӣ ва пахта мавҷуд аст.

Регар пеш аз ҳама аз номи касб гирифта шудаст. Дар забони тоҷикӣ (дарӣ) истилоҳҳои заргарӣ, оҳангарӣ, кулолгарӣ, регарӣ, инсонгарӣ ва ғайра мавҷуд мебошанд. Яъне, "гарӣ" чун пайвандакест барои ифодаи пеша ё хислат. Дар фарҳанги забони тоҷикӣ калимаи "рег" дар маънои сангрезаи суфташуда, ҚУМ, гил маънидод шадааст.

Ба пиндори банда, дар асл "Регар" аз қадимулайём "Реггар" будааст ва ҳангоми истифода бурдан як ҳарфи "г" мавқеи худро гум кардааст ё ихтисор гардидааст.

Мафҳуми "Реггар" аз рӯйи далелҳои илмӣ сарукор доштани мардум бо регу шилро ифода менамояд, ки як шакли кулолгарист. Аз рӯйи далелҳои таърихӣ ва тадқиқотҳои илмию археологии ин ҷойҳо гуфтан мумкин аст, ки истилоҳи "Регар" аз номи пешаи "реггарон"гирифта шуда, "Реггар" аст.

Мувофиқи маълумотҳои бойгонӣ (архивӣ) аз 23. 02. 1921 то 23. 08. 1923 тумани Қаротоғи кенти Регари Бухорои Шарқӣ, аз 23. 08. 1923 то 17. IX. 1927 ба ҳайати вилояти Сариосиёи РСС Ӯзбекистон, аз 17. IX. 1927 то 3. XI 1929 ба ҳайати ноҳияи Қаратоғи ҶМШС Тоҷикистон ва аз 3. XI. 1929 то 19. 01. 1935 дар ҳайати ноҳияи Шаҳринав буд. 19-уми январи соли 1935 ноҳияи Регар таъсис ёфт. 17. 02. 1978 ноҳия ва 6. XII. 1979 шаҳр номи Турсунзодаро гирифт...

Мӯҳлати омӯзишу тамрин дар Искандаркӯл ба охир расида буд ва ҳукумат аз амалиёти ин гурӯҳ бохабар гардида, барои нест кардани он ба воситаи қувваҳои ҳавоӣ мақсад гузошта буд. Фавран ҷои онҳоро тағйир додан лозим буд. Бинобар ин, Ибодулло Бойматов, Раҳматҷон Холматов ва Абдумалик Солеҳовро бо сарварии Амирқул Азимов шабона ба воситаи аґбаи Анзоб ва қаторкӯҳҳои Ҳисор ба шаҳри Турсунзода интиқол дода, дар заминаи ситоди назди дарёи Ширканд ситоди мар-

казии Фронтро ташкил кардем. Рӯзи дигар Оинномаи Фронти халқии Тоҷикистон (ФХТ)-ро дар рӯзномаи кумиҷроияи шаҳри Турсунзода бо забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ чоп намуданд...

Вазъияти сиёсии ҷумҳурӣ рӯз ба рӯз ба фоидаи мухолифин тағйир меёфт, дар бисёр ноҳияҳои вилояти Қӯрғонтеппа амалиётҳои пайдарҳами оппозиция бо ҳамдастии ВКД ба зафарҳо ноил мегардид. Дар шаҳри Душанбе шумораи силоҳбадастони ситоди "Наҷоти Ватан" горди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон меафзуд, ки он аз 1500 нафар гузашта буд. Машқҳои ҳарбӣ гузаронида, қисм - қисм ба вилояти Қӯрғонтеппа барои ҷангидан фиристода мешуд. Роҳбарони давлат амалиётҳои ситоди "Наҷоти Ватан"-ро ҷонибдорӣ карда, барои ситоди "Наҷоти Ватан" ҳисоби бонкӣ кушоданд, агарчӣ ҳамчун ташкилоти сиёсӣ, ҷамъиятӣ ё ҳарбӣ аз ҷониби Вазорати адлия ба қайд гирифта нашуда буд. Бо супориши роҳбарият бисёрии корхонаву ташкилотҳо, ҳоҷагиҳо иштиҳона ба ҳисоби бонкии ситоди "Наҷоти Ватан" маблаг мегузаронидаанд, ки он барои харидани яроқу аслиҳа ва ҷанговарони зархарид сарф мегардид. Барои таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар шаҳри Душанбе, гузаронидани амалиётҳои ҷангӣ роҳбарони ситоди "Наҷоти Ватан" кормандони ВКД -ро сафарбар менамуданд. Яъне, иҷрои супориши раиси ситоди "Наҷоти Ватан" Шодмони Юсуф барои роҳбарияти ВКД ва дигар вазоратҳо ҳатмӣ буд.

Аз рӯзи аввал дар фасли 3, банди 3. 10 Оинномаи ситоди "Наҷоти Ватан" пешбинӣ гардида буд: "Барои ба эътидол овардани вазъи ҷумҳурӣ гурӯҳҳои муҳофизи силоҳдор ташкил карда мешавад" ва он барои касе пӯшида набуд. Роҳбарони ҷумҳурӣ, Ҳукумати "муросои миллӣ", мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, муборизаи зидди ҷиноятҳорӣ ва таъмини амнияти ҷумҳурӣ бо Оинномаи ситод шинос буданд, ташкил намудани "горди миллии ҷумҳурӣ" ва бо силоҳу лавозимоти ҷангӣ мусаллаҳ гардонидани онҳоро дар дохили давлат хеле дақиқ мӯдонистанд.

Ҳол он ки ташкили чунин ҷамъияти хунӯшом ва оинномаи он мутлақо ба муқобили ҳамаи қонунҳои ҷумҳурӣ ва башар буд, вале касе, аз ҷумла вазири адлияи ҷумҳурӣ Ф. Абдуллоев нисбаташ чизе нагуфт, пеши роҳи онро нагирифт, сарваронашро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ накашид...

Ба таваҷҷӯҳи хонандаи гиромӣ Оинномаи Ҷабҳаи (ситоди) "Наҷоти Ватан"-ро чун ҳуҷҷати таърихӣ пешкаш менамоям:

ОИННОМАИ

ҶАБҲАИ "НАҶОТИ ВАТАН"

I. Муқаррароти умумӣ

1. 1. Ҷабҳаи "наҷоти Ватан" (минбаъд ҶНВ) Иттиҳоди Нерӯҳои мардумии Тоҷикистон аст, ки бо мақсади муттаҳид намудани ҳамаи қувваҳои ватандӯсти ҷумҳурӣ баҳри нигоҳ доштани давлати миллии тоҷикон, истиқлолияти воқеӣ, якпорчагӣ ва ваҳдати мардумӣ, ба эътидол овардани вазъи фоҷиаангези бавуҷудомада, пешгирии хунрезиҳо, таъмини амният ва осоиштагии шаҳрвандони Тоҷикистон ташкил шудааст.

1. 2. Ба ҶНВ аҳзобу ҳаракатҳои сиёсиву мардумӣ: Ҳизби Демократи Тоҷикистон, Ҳизби наҳзати ислом, Созмони мардумии "Растохез", ҷамъияти "Лаъли Бадахшон", "Созмони ҷавонони озод", ҳамчунин рӯшанфикрон ва ватандӯстони ҷумҳурӣ шомил мегарданд.

II. Ҳадафҳои асосӣ

2. 1. Таъмини якпорчагии ҷумҳурӣ, ваҳдат, осудагӣ ва осоиштагии шаҳрвандони Тоҷикистон.

2. 2. Муборизаи баҳри бунёди ҷомеаи ҳуқуқӣ, озод ва демократӣ.

2. 3. Мусоидат кардан ба таъмини амнияту масъулияти аҳолии ҷумҳурӣ ва ҳуқуқҳои граждании онҳо.

2. 4. Ҳамкорӣ кардан бо органҳои ҳукумат ва идораи давлатӣ, аз ҷумла органҳои ҳуқуқ, муҳофизати ҳуқуқ ва тартибот дар кори барқарор кардани оромию осоиштагии мардум ва ба эътидол овардани вазъи сиёсӣ дар Тоҷикистон.

III. Сохтори ҶНВ

3. 1. Сохтори ҶНВ аз бахшҳою гурӯҳҳои дар вилоятҳо, ноҳияҳо, шаҳрҳо ва деҳаҳо таъсисшуда иборат мебошад.

3. 2. Фаъолияти бахшҳо ва гурӯҳҳои ҶНВ тавассути раёсатҳои он роҳбарӣ мешавад ва фаъолияти ҶНВ дар маҷмӯъ тавассути раёсати Марказии он танзим мегардад.

3. 3. Органи олии роҳбарикунандаи ҶНВ Тоҷикистон — Анҷумани ҶНВ мебошад, ки дар ду сол як бор доир мегардад. Дар ҳолатҳои зарурӣ бинобар қарори раёсати Марказии ҶНВ ва ё аз 1/3 ҳиссаи аъзои он анҷумани ғайринавбатӣ даъват карда мешавад.

3. 4. Дар анҷуман масъалаҳои муҳими ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ, иқисодӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ муҳокима шуда, қарорҳои лозима қабул мегардад.

3. 5. Анҷуман Оинномаи ҶНВ-ро тасдиқ мекунад, ба он тағйироту иловаҳо дохил менамояд.

3. 6. Тағйироту иловаҳо ба Оинномаи ҶНВ дар Анҷумани ҶНВ бо розигии на камтар аз се ду ҳиссаи вакилон дохил карда мешавад.

3. 7. Анҷуман Раёсати Марказӣ, раис ва муовинони онро интихоб менамояд. Ҳамчунон комиссияи тафтишотиро интихоб мекунад.

3. 8. Вазифаҳои Раёсати Марказӣ.

— Дар давраи байни анҷуманҳо фаъолияти ҶНВ-ро роҳбарӣ ва танзим менамояд.

— Амалӣ гардондани қарорҳои анҷуман ва ҳадафҳои ҶНВ-ро таъмин менамояд.

— Масъалаҳои ҷориро баррасӣ намуда, қарорҳои лозима қабул менамояд ва иҷрои онро назорат мекунад.

— Фаъолияти бахшҳою гурӯҳҳои ҶНВ-ро ҳамоҳанг месозад.

— Бо органҳои идораҳои ҳокимият ва аҳзобу созмонҳои дигар робита ва ҳамкорӣ менамояд.

3. 9. Қарорҳои раёсат дар он сурат қабул мешавад, ки агар ба тарафдории он зиёда аз нисфи аъзои он овоз диҳанд.

3. 10. Дар ҳолати зарурӣ барои ба эътидол овардани вазъи ҷумҳурӣ гурӯҳҳои муҳофизи силоҳдор ташкил карда мешавад.

3. 11. ҶНВ дар чаҳорчӯбаи Қонуни асосӣ, Қонуни иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар Қонунҳои Тоҷикистон мутобиқи Оинномаи худ амал мекунад ва зимнан бо органҳои ҳукумат ва идораи давлатӣ, бо созмонҳою аҳзоби сиёсӣ ва тамоми шаҳрвандон ҳамкорӣ мекунад.

IV. Узвият ба ҶНВ

4. 1. ҳаммаи аҳзобу созмонҳои сиёсию ҷамъиятӣ ва шаҳрвандони Тоҷикистон, ки Оинномаи ҶНВ-ро эътироф ва риоя менамоянд ва барои озодию истиқлолияти воқеии Тоҷикистон, якпорагии он, барои вахдати халқи тоҷик ва оромию осоиштагии он, баҳри қатъ намудани бародаркушию хунрезӣ ва таъмини амнияту бехатарии тамоми шаҳрвандони Тоҷикистон талош мекунанд, метавонанд узви ҶНВ шаванд.

4. 2. Узвият ба ҶНВ ва хориҷ шудан аз он ихтиёрӣ мебошад.

4. 3. Аҳзобу созмонҳои сиёсию ҷамъиятӣ ва шаҳрвандони Тоҷикистон ба узвияти ҶНВ таври дастҷамъӣ ва ё инфиродӣ қабул карда мешаванд.

4. 4. Зимнан ҳизбҳо ва созмонҳои сиёсӣ ва ҷамъиятие, ки аъзои дастҷамъии ҶНВ шудаанд, комилан баробарҳуқуқ буда дар фаъолияти созмонии худ соҳибихтиёру мустақил мебошанд ва мутобиқи Оинномаю Барномаҳои худ амал мекунанд.

V. Статус ва моликияти ҶНВ

5. 1. ҶНВ шахси ҳуқуқӣ буда, дорои мӯҳр, варақаи махсус (бланка) ва моликият, аз ҷумла маблағи пулӣ мебошад.

5. 2. Дороии ҶНВ аз ҳисоби хайрияҳои аҳолӣ, муассисаҳо ва корхонаҳо ҳосил мешавад.

5. 3. Истифодаи амвол ва маблағҳои ҶНВ аз тарафи комиссияи тафтишотии ҶНВ назорат карда мешавад.

VI. Тартиби қатъ кардани фаъолияти ҶНВ

6. 1. ҶНВ танҳо бо қарори анҷумани худ барҳам меҳӯрад.

6. 2. Зимнан амвол ва дороии пулии он байни созмонҳою аҳзоби сиёсие, ки аъзои он буданд, тақсими мешавад.

Нишонии ҶНВ:

Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Орҷоникидзе—59
телефонҳо: 24—35—19
24—34—47

Ситоди "Наҷоти Ватан", горди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилона амал мекарданд. Дар асл сохторҳои давлатӣ, мақомоти маъмурӣ, Ҳукумати "муросои миллӣ", Раёсати Шӯрои Олӣ бо сарваронаш ба роҳбарони ситоди "Наҷоти Ватан" ва "горди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон" итоаткунандаю иҷрокунандаи фармонҳои онҳо буданд.

Ҳар ҳуҷҷате, ки аз ҷониби Шодмон Юсуф ва ё чокаронаш ба имзо мерасид, иҷроиши он аз тарафи ҳамаи роҳбарони сохторҳои давлатию ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор ҳатмӣ буд. Барои исботи ин ақида ба хонандаи арҷманд ду мисол меорам:

Ситоди "Наҷоти Ватан" аз моҳи июни соли 1992 бо имзои Шодмони Юсуф ба ронандагони нақлиёти давлатию ҷамъиятӣ ва шахсӣ барои дар ҳудуди Тоҷикистон гаштан рухсатнома

Пролетаркои ҳамаи мамлакатҳо, ин шавед!

Пролетарии всех стран, соединяйтесь!

КОМИЧРОИЯИ СОВЕТИ ДЕПУТАТҲОИ ҲАЛҚИ РАЙОНИ ОРҶОНИКИДЗЕОБОД РСС ТОҶИКИСТОН

ИСПОЛКОМ ОРДЖОНИКИДЗЕАБАДСКОГО РАЙОННОГО СОВЕТА НАРОДНЫХ ДЕПУТАТОВ ТАДЖИКСКОЙ ССР

№ 3/3-1004 Аз «3» декабрь соли 1992 г.

Комичроияҳои шаҳру ноҳияи Кофарниҳон тавсия Чабҳаи мардумии умумичумҳуриявии "Начоти Ватан" ва баҳши Кофарниҳонро онро пурра дастгирӣ менамоянд. Бо кори "Начоти Ватан" дар роҳи пойдоркунии сулҳу осоиши мардуми Тоҷикистон комёбиҳо ҳоҳонем, кумаки ҳаматарафаи худро мерасонем.

Чонишини раиси комичроияи ноҳия : И.ИБОДОВ.

Раиси комичроияи шаҳр : М.БОЛТУЕВ.

Орджоникидзеабадское ПОТ, з. №333 т 2000

Мактуби расмии комичроияи Шӯрои депутатҳои ҳалқи ноҳияи Кофарниҳон шаҳодат ба он медиҳад, ки ҷонибдорони мухолифин киҳо буданд.

Вафоиан шахсан м-к
Содиқов Ҳомиҳкул
Авгоштович шиҳмат
кунанда ва Нодир
Ҳиёрович похиёл в
Шаҳриҳо

Ман Содиқов Ҳомиҳкул
зодаи қишлоқи Н.Ҳиёрови
ноҳияи Ҳаводиён чуҳури
Тоҷикистон соли таваллудам
15 май 1954с. миллатам тоҷик
барои муташаннич будани
ҳуҷҷати чуҳури ихтиёрон
барои озод намудани Модар-
Ватанам бархостам

11.XI.92

II-БНН 609255 8.02.78
ОВД шаҳри Ҷ

Шакли аризаи гумроҳзадагон бо мӯҳри Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон.

БА ВАЗОРАТИ АДЛИИ ЧУМХУРИИ ТОҶИКИСТОН

Бо р. Давлатов Х.

Барои гузоштан

01.02

А Р И З А

барои сабти Ойиномаи иттиҳодиҳои ҷамъиятӣ

1. ШОДМОНИ ҲОҶӢ соли тав. 1959, ш.Душанбе кучаи Маяковский 75/28, тел. 33-62-69.

2. Тоҳири Абдуҷаббор соли тав. 1939, ш.Душанбе кучаи Виноградов 7 хонаи 9, тел 22-60-31.

3. Муҳаммадшариф Ҳиҳматзода соли тав.1953, нох. Кӯҳӣ, маҳаллаи Насри Поен, тел 2-52-97.

Атобеки Аҳмадбек соли тав.1947, ш.Душанбе кучаи Ленин 15, хонаи 22, тел. 32-56-87.

Ойиномаи Чабҳаи Начоти Ватанро барои сабт лешниҳоди мазкурҳо, ки соли 23-юми июни соли 1992 дар ш.Душанбе дар маҷлиси Ҷумҳуриявии ташкили Чабҳаи Начоти Ватан қабул шудаанд.

Чабҳаи Начоти Ватан Ҷумҳуриявӣ мебошад.

Ҳадаф ва мақсадҳои асосии Чабҳаи Начоти Ватан, таҳкими ҳифзи Ҷумҳурӣ, ваҳдат, осудагӣ ва ҳамдиҳтиёрии ҳамаи Тоҷикистон, Ҷумҳурӣ, барои бунёди ҷомеаи ҳуқуқӣ, озод ва демократӣ мебошад.

СУРОГА : ЧАБҲАИ НАЧОТИ ВАТАН ш.Душанбе кучаи Сталинабад,66

АРИЗАДИҲАНДАГОН: ШОДМОНИ ҲОҶӢ.

МУҲАММАДШАРИФ ҲИҲМАТЗОДА.

ТОҲИРИ АБДУҶАББОР.

АТОБЕКИ АҲМАДБЕК.

25 июни 1992.

Б. р. Шукурова Т.

Бурроеро бидо бароед.

Дар асоси Кодекси Конституцияи Ҷумҳурӣ ба қонунгузорӣ ... ба ... ба ... ба

РӮЙХАТИ

АЪЗОЕНИ РАЁСАТИ ЧАБҲАИ "НАҲОТИ ВАТАН"-И ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, КИ ДАР ҶАЛАСАИ МУАССИСИИ 20 ИЮНИ СОЛИ 1992 ДАР БИНОИ КУМИТАИ МУДОФИАИ ГРАЖДАНИИ ДАР ш.ДУШАНБЕ БУДА ИНТИХОБ ШУДАНД

№	Ному насаб	Вазифа	Соли таваллуд	Суроғо	Т
I	2	3	4	5	
1.	Шодиони Юсуф	Раис	1949	ш.Душанбе, кучаи Маяковский 75 х. 28	33
2.	Муҳаммадшариф Ҳиматзода	муовин	1953	н.Кофарниҳон, деҳаи Чархи Ноён	2-
3.	Тоҳири Абдуҷаббор	муовин	1945	ш.Душанбе, Бинокорон 7 х5	2
4.	Атобеки Амирбек	муовин	1950	ш.Душанбе Айни 13 х 47	2
5.	Қомили Шариф	а ъ з о	1948	ш.Душанбе, ноҳиялои 10-ум, 37 х 14	
6.	Саид Абдуллои Нурӣ	а ъ з о	1949	н.Бохтар, к-з Ҳақиқат, уч.1-май	
7.	Аслиддин Сохибназаров	а ъ з о	1934	ш.Душанбе, Ковали 27 х 13	37
8.	Рустам Исҳар	а ъ з о	1953	ш.Кулоб, Борбад, бин.23 х.103	
9.	Ҷумъабеки Абдуроҳим	а ъ з о	1964	ш.Душанбе, Фрунзе 37 "А"	2
10.	Бурӣ Карилов	а ъ з о	1957	ш.Душанбе, Алишер-Навои 17/5	42
11.	Муҳаббат Ҳиноятов	а ъ з о	1931	ш.Душанбе, Рӯдакӣ I х 28	23
12.	Ҷумъабек Саломов	а ъ з о	1947	ш.Душанбе Ленина 75/1 х 74	
13.	Ҷумъа Буйдоқов	а ъз о	1943	ш.Душанбе Бинокорон 10	
14.	Ойниҳол Бобоназарова	а ъ з о	1946	ш.Душанбе, Фирдавси 59 х.27	3

РАИСИ СНБ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН Ш.ШОДИ

Ҳайати раёсати чабҳаи "Наҳоти Ватан".

П Р О Т О К О Л И № 1

АНҶУМАНИ МУАССИСОНИ ҶАБҲАИ "НАҲОТИ ВАТАН"

"20" июни 1992 ш.Душанбе

Президиуми анҷуман дар ҳайати шахсони зерин интихоб карда шуд:

1. Шодмон Юсуф
2. М.Ҳимматалзода
3. Т.Абдуҷаббор
4. Атобеки Амирбек
5. Ҳочӣ Акбар Турачонзода
6. Р.Назаров

Р Ӯ З Н О М А И К О Р И

1. Дар бораи вазъи сиёсии ҷумҳурӣ.
2. Дар борҳои созишҳоии "Ҷабҳаи наҳоти Ватан"
3. Қабул ва тасдиқи Оинномаа.

Оиди масъалаи 1-ум раиси Ҳизби демократии Тоҷикистон Ш.Юсуф баромад карда, вазъи сиёсиро – иҷтиҳоми Ҷумҳуриро таҳлил намуда, қайд намуд, ки Ҳизби демократии Тоҷикистон ва нерӯҳои мардумии ҷумҳурӣ нисбат ба он ҳунрезиҳои силоҳбадастон, ки ҳуқуқи ноҳақ рехта истодаанд, бетараф буда наметавонанд. Раиси Ҷумҳур Р.Набиев барои бозҳалқ кардани Тоҷикистон ягон чораи амалӣ накардааст. Оиди ин масъала М.Ҳимматалзода, Т.Абдуҷаббор, Атобеки Амирбек, Р.Назаров баромад карда вазъи сиёсии ҷумҳуриро таҳлил намуданд.

Оиди масъалаи 2-ум. Ш.Юсуф баромад карда, қайд намуд, ки барои ба эҳтиёҷ овардани вазъи нутқшаниҳии ҷумҳурӣ Ҷабҳаи "Наҳоти Ватан" ташкил карда шавад. Ин таклифро раиси Ҳизби наҳати Исломии Тоҷикистон М.Ҳимматалзода, раиси ҷунбиши мардумии Растохез Т.Абдуҷаббор, ҷамъияти "Лаҳзи Бадахшон" Атобеки Амирбек дастгирӣ намуданд. Ба онҳо ҳулосаи омаданд, ки Ҷабҳаи "Наҳоти Ватан" дар якҷоягии Ҳизби демократии Тоҷикистон, Ҳизби наҳати Исломии Тоҷикистон, Ҷунбиши мардумии Растохез, ҷамъияти "Лаҳзи Бадахшон" ташкил карда шавад.

Ин таклиф ба овоз гузошта шуд ва ҳама якдилона ба тарафдорони ташкили он овоз доданд.

Раёсати Марказии Ҷабҳаи "Наҳоти Ватан" ташкил карда шуд. Бе ҳа-

Муассисони ҷабҳаи "Наҳоти Ватан".

СИТОДИ НАҶОТИ ВАТАН

РУХСАТНОМА

ДОДА ШУДААСТ БА НАКЛИЁТИ №_____

РОНАНДА раф_____

РАИСИ СИТОДИ
ҶАҶОТИ ВАТАН
Ш. ЮСУФ

Дар дохили ҳукумат ҳукумати дигар амал мекард.

Хизби Демократи Тоҷикистон
Демократическая Партия Таджикистана

Гувоҳнома
Билет

№ 5

Р-
ХДТ
правление

ШОДМОН ЮСУФОВ

Зиҳо ва нишони вуруд
Дата и место вступления 07.06.90
ш. ДУШАНБЕ

Раиси ҳизб
Председатель партии

Ҳизб чӣ гуна, раис намуна.

Пиндор дигару гуфтор дигару кирдор дигартар!

11-62 26.10.84

Ба Донишгоҳи Давлатии
Чумҳурии Тоҷикистон
нусхаи Ба Кумитаи иҷроияи
Ҳукумати Чумҳурии
халқии Тоҷикистон
ба Душанбе

Ба Вазорати адлиёи Чумҳурии Тоҷикистон Чаҳаи "Нашриёт Ваҳдат" барои ба ҳаҷм гирифтани оинномаи нуқрочиет ниёзманд аст. Оинномаи он бармасоиб, ки чаҳаи мазкурро барои ба эҳтиёҷоти аҳолии ноҳия, мубориза ва ҳаёти ҳар гуна аҳамиятнокии ҳаётро дар Чумҳурии халқии Кӯлоб ба ҳуҷҷат дар ҳаракат, ки ҳиҳатҳои ҳаёт афзоиш ёбад, қиёфаи ҳидмат ҳоҳад расонд. Аммо бо сабаби ҳуҷ. чуни аҳамиятнокии мусоҳибаи Конуни Чумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи интиҳоботҳои ҳаҳмонии дар Чумҳурии Тоҷикистон", ба интиҳобҳои қонунгузории хоҳ нест, фақат бо ҳамин сабаб ба хайдо оинномаи он рад шуда, ҳаҳ зарур аст, ки баро ҳукумат ва Конгресси халқии Душанбе ба ҳуҷ дастаи мухоҳиҳаи нарҳҳо (нарҳҳо сиёҳҳаҳ) бо тарзи расмӣ ҳиҳасад, аммо Интиҳобҳо ба дар асоси Оинномаи кор ҳиҳаҳ бармоҳа ба тасмим ҳарҳ ҳаҳад.

Ҳисоб мекунам, ки ин ки ҳиҳонҳо ҳарҳ зудтар ба тартиби ҳурҳ ҳоҳ ва баро ҳиҳоҳ ки ҳиҳасад, аммо расмиҳ тартиби ҳуҷҷ, ҳаҳуҳан дар ҳаҳҳ Душанбе, ба ин ҳаҳтаҳо ҳарҳуҳ ба тарзи расмӣ имконҳиҳо ба ҳисоби ярҳ, ҳаҳҳ ҳаҳ, бинҳ ба ҳаҳра ҳоҳ зарур аст.

В А З И Р Ф.А.АБДУЛЛОЕВ

Ба мазмуни мактуби вазири адлияи Тоҷикистон Ф. А. Абдуллоев чуқуртар назар афканеду ба ботини ӯ баҳо диҳед: кй кй аст.

Ин қадар силоҳро, ки дар ин нома зикр шудааст, аз мучоҳидони афгонӣ барои куштани кӣ мегиранд?



Jamiat e Islami Afghanistan

جمعیت اسلامی افغانستان

Хамкории мухолифин бо Ҷамъияти исломии Афғонистон.

بسم الله الرحمن الرحیم

HEZB - I - ISLAMI
AFGHANISTAN
COMMITEE OF WELFARE
SECURITY
DEPARTMENT ۲۱۴
DATE _____ NO _____

حزب اسلامی افغانستان
د امنیتی خدماتو ریاست
د اروندی) آمریت
د (خانگه
نیته: ۱۳۶۳/۲/۲۹

برادر محترم حکم خوانان صاحب شهید حمید الله آغا معاون وزارت جهاد ولایت کنر

السلام علیکم ورحمة الله وبرکاته

به پیوست تسلیم دو نفر از مجاهدین تحت حکمتیار به نام ① عبدالرزاق خان
② و حمید آغا خان به شما معرفی و اعزام گردیده اند.

امید که در رابطه با معرفی ایشان با من همکاری لازم خواهید نمود.

رئیس عمومی استخبارات و امنیت
رئیس خدمات امنیتی

Фармоиши Ҳизби исломии Афғонистон нисбати фиристодаҳои мухолифин.

استاد دانشمند دکتر رکن‌الدین فضیلت حکم رئیس صاحب دولت آکادمی اتحاد شوروی

شما عبدالحکیم و حمیدالله و دیگاه!

آکادمی شهید جمال‌الدین و شهید بهبود یکی از برادران مهاجر تاجیکی مشغول تعلیم و تربیه نهضت آکادمی بهاجین تاجکستان با شمول چهارنفر بهاجین تاجیکی چونیک محترم حمیدالله، عبدالحکیم و عبدالرحمن و شورنگ غرض رفع مشکلات شان خدمت مقام عالی معرفی و ارائه شد و هیچکدام تقاضای دارند که چند کلمه با استاد دانشمند صحبت نمایم.

بدینوسیله موضوع را خاطرنشان ساخته شد در مورد آنچه لازم میدانید قابل تقبیل است. با تقدیم احترام

ای چه تاری رحمت الله
ای دوست کمند

Иртиботи мухолифин бо хорича тавассути шахсони миёнарав сурат мегирифт, ки ин шеваи кори чи гуна ташкилотҳост, ба хонанда равшан аст.

المملكة العربية السعودية
وزارة الخارجية
الإدارة العامة للشرطة

تذكرة مراجعة تأشيرات العمل

إلى ممثلية المملكة العربية السعودية في اسلام اباد اسلام اباد
انتهى

الرقم ٩٢/م/د/ع/ت ٢٨٤ تاريخ ١٠ ذو القعدة ١٤١٢
الجهة الطالبة : عبد العزيز سعد محمد

المطلوبين :- الرضيع القسطاني

العدد	الجنسية	المهنة	جنسية
٢	الشامه فقط باكستاني		باكستاني
٢	الشامه فقط تركي		تركي
X			
X			
X			

ملاحظات

- يأتي من السفارة الشكلية بعد اسبوعين من تاريخ صدور هذه التذكرة
- أي كشط أو تعديل في التذكرة تعتبر لاغية

الموظف المختص

Фармоиш аз Арабистони Саудй.

AL-Mujahid Force

Name .....

Identitification Mark. .....

Color of Eyes ..... Hair .....

Hight.....

Шаҳодатномаи мучоҳидон.

Card No. 886-93-00 1111

AL-Mujahid Force

Desig: .....

Valid up to 1995

Sig. of Holder _____ Sig of issuing Authority _____

DIRECTOR TRAINING
AL-MUJAHID FORCE

Шаҳодатномаи муҷоҳидон

бо мӯҳри раёсати Ҳизби демократи Тоҷикистон медод, ки он барои кормандони ВКД, КАМ, Ҳукумати "муросои миллӣ", Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурӣ ва шахсони мансабдору бемансаб ҳатмӣ буд. Ҳар касе, ки чунин рухсатнома надошт, қатъи назар аз мансабаш аз ҷониби сарбозони горди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгир гардида, нақлиёташон мусодира карда мешуданд.

Мисоли дигар: Мухолифин горди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъсис намуда, мустақилона бо роҳи ташвиқоту зӯрӣ ҷавонони ҷумҳуриро барои хизмат ба сафи худ қабул намуда, аз ҳисоби давлат онҳоро бо сару либос ва яроқу аслиҳа таъмин менамуду мустақилона ба ҷанг мефиристод. Яъне "горди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки дар назди ситоди "Наҷоти Ватан" таъсис ёфта буд, вазифаҳои Комиссариати ҳарбии ҷумҳурӣ, Вазорати мудофиаи ҷумҳурӣ, КАМ, ВКД-и ҷумҳуриро бар дӯши худ дошт. Ҳуҷҷатҳое, ки ба имзо мерасиданд, иҷроиши онҳо барои ҳамаи сохторҳои давлатии Тоҷикистон ҳатмӣ буданд. Ҳол он ки дар он давра Раиси Ҷумҳур Раҳмон Набиев, раиси Ҳукумати "муросои миллӣ" Акбар Мирзоев, и. в. Раиси Шӯрои Олӣ Акбаршоҳ Искандаров дар сари қудрат буданд. Вале касе хоҳони пишаки онҳоро пишт гуфтан надошт. Ҳама дар фикру хаёли он буданд, ки ҳар коре бикунанд, ҳамаро бифурӯшанду дар ин дунёи дурӯза танҳо худи онҳо дар курсии мансаб бимонанд. Афсӯс, ки онҳо боре фармудаи ҳазрати Бедилро ба ёд намеоварданд:

Ашк як лаҳза ба мижгон бор аст,
Фурсати умр ҳамин миқдор аст.

Барои исботи он, ки ситоди "Наҷоти Ватан" чун сохтори роҳбарикунандаи давлатӣ озодона амал мекард, ба таваҷҷӯҳи хонандагони гиромӣ се ҳуҷҷати ситодро ҳамчун ҳуҷҷати таърихӣ пешкаш менамоям:

ШАҲОДАТНОМАИ № 00201

Дода шуд ба Муҳаммадамин Муҳаммадкаримов

дар ин хусус, ки узви ситоди "Наҷоти Ватан"-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Раиси ситоди "Наҷоти Ватан"-и
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЮСУФ

ШАҲОДАТНОМАИ № 0098

Дода шуд ба Абдучаббор Абдуғаффоров дар он хусус, ки аз 29 июни соли 1992 дар "горди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон" бемаош хизмат менамояд.

Раиси ситоди ГМҶТ
оид ба қисми сиёсӣ — ШОДМОН ЮСУФ

Раиси ситоди ГМҶТ
оид ба хизмати ҳарбӣ — ҶУМЪА БӮЙДОҚОВ

Ҷонишини раиси ситоди ГМҶТ — С. ҚУРБОНОВ

Ситоди "Наҷоти Ватан"

РУХСАТНОМА

ДОДА ШУДААСТ БА НАҚЛИЁТИ №_____

РОНАНДА РАФ_____

ҷ. м.
Раиси ситоди "Наҷоти Ватан" — "Ш. ЮСУФ

Дар он шабу рӯз ҳукму супориши ситоди "Наҷоти Ватан" барои ҳаммаи корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ, шахсони мансабдору қаторӣ қонун буду иҷроишаш ҳатмӣ, чунки Ҳукумати "муросои миллӣ" ва Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурӣ зери нақораи ӯ рақс мекард.

Барои исботи ин ақида ва ҳамчун далели таърихӣ якчанд ҳуҷҷатҳои расмиро бе таҳлил ба хонандагони гиромӣ пешкаш мегардонам:

Сарварони ситоди ҷабҳаи "Наҷоти Ватан" ва горди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он шабу рӯз аз ғалабаҳои пай дар ҳам саргаранг гардида, аз рӯйи зарбулмасали "Худам шоҳ, табъам вазир" амал карда, ваколатҳои ВКД, КАМ ва Вазорати мудофиаи ҷумҳуриро ба зиммаи худ гирифта, аъзоёни ҲДТ-и ҷабҳаи "Наҷоти Ватан" ва горди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро сазовори унвону вазифаҳои ҳарбӣ гардониданд, ҳол он ки органҳои номбаргардида ҳамчун структураи давлатӣ амал мекарданд.

Барои исботи ин ақида ҳуҷҷати зеринро, ки ургонҳои тафтишоти пешакӣ ба даст даровардаанд, пешкаши хонандагони гиромӣ хоҳам гардонд:

РӮЙХАТИ
аъзоёни ҲДТ, ки барои додани унвони ҳарбӣ пешниҳод мешаванд

№	Ному насаб	Соли таваллуд	Вазифаи ҳизбӣ	Унвони ҳарбӣ	Касби ҳарбӣ	Эзоҳ
1	Муродов Қудрат	1949	аъзо	сержант	мех. ронанда	Қумондони қувваҳои мусаллаҳи ҲДТ
2	Сироҷов Маҳбуб	1951	мудири шӯбаи ҳуқуқи ҲДТ	капитани ранги III		
3	Раҳими Мусулмониён	1938	ноиби раиси ҲДТ	л-нти калон	—"—	
4	Сатторзода Абдунабӣ	1941	аъзои садорати марказии ҲДТ	л-нти калон	—"—	
5	Шодмони Юсуф	1949	Раиси ҲДТ	ефрейтор		
6	Ҳозор Собир	1938	аъзои садорати марказии ҲДТ	капитан	тирандоз	
7	Табаров Саъдӣ	1949	раиси ҲДТ Кофарниҳон	л-нти калон	алоқачӣ	
8	Нуриддинов Мирзо	1942	Раиси ҲДТ ноҳияи Роҳи Оҳани Душанбе	л-нти калон	алоқачӣ	
9	Саидҷаъфаров Ильёс	1952	Раиси ҲДТ ноҳияи Ғарм	надорад	—"—	
10	Холмуродов Салоҳиддин	1945	Раиси ҲДТ ноҳияи Варзоб	с-нти калон	механик ронанда	
11	Кулулаев Бегҷон	1944	Раиси ҲД ноҳияи Колхозобод	сержант	механик-ронанда	
12	Ключко Александр	1959	Раиси ҲД ноҳияи Рогун	л-нти милиция	разведкачи	
13	Иброҳими Абдуҷаббор	1954	Ҷонишини раиси ҲД вил. Қӯрғонтеппа	(қаторӣ) надорад	тирандоз	
14	Одилбеки Ятим	1957	аъзои раёсати ҲД вил. Қӯрғонтеппа	л-нти калон	ронанда-зенитчӣ	
15	Сафари Салоҳ	195-	аъзои қаторӣ	с-нти калон	—"—	
16	Абдусаттори Тоҳир	1948	ҷонишини раиси ҲД Кубодиён	капитан	қисмҳои умумӣ	

Ҳол он ки мудири шӯъбаи давлат ва ҳуқуқи институти фалсафа ва ҳуқуқи Академияи фанҳои ҷумҳурӣ С. Мирзоев, сардори сарраёсати беяроқкунии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники хизмати дохилӣ Ш. Мирбосхонов ва Додситони Кулли Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири давлатии адлияи дараҷаи III. Н. Ҳувайдуллоев ба таври расмӣ Оиннома ва амалиёти Ҷабҳаи "Наҷоти Ватан"-ро ғайриқонун ҳисобида буданд.

Мутаассифона, аз ҳама нанговараш он аст, ки агар кас ба ин рӯйхат назар афканад, беихтиёр чашмаш ба рақами шушум меафтад. Дар он ҷо омадааст: **"Бозор Собир, соли таваллудаш 1938, аъзои садорати марказии ҲДТ, капитан, тирандоз".** Вале кас аз рӯйи ақлу хиради худододи худ ба чашмонаш бовар накарда, беихтиёр ба дарёи фикр фурӯ мераваду ба худ меандешад:

— Ин кадом Бозор Собир аст, ки дар ин ҷанги бародаркуш соҳиби рутбаи ҳарбии капитан гардида, вазифаи тирандозиро ба дӯш гирифтааст?!

Магар ин ҳамон шоир ва намояндаи халқ дар парлумони ҷумҳурӣ Бозор Собир нест, ки халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбаташ эҳтиромӣ бепоён дошту шеърҳояшро меҳонд, азбар мекард ва падари миллаташ меҳисобид?! Ҳамоне нест, ки ҳамеша дар китоби ашъораш даъвои маънавиёту одаму одамгарӣ мекард?!

Ин ҳамон Бозор Собир нест, ки ҳатто дар Назди Балтик гиряи ҳайкал-модари дар ҷанг фарзандгумкардаро эҳсос намуда, шеъре офарида буд?!

Ин ҳамон бозор Собир нест, ки пантуркизмро танқид намуда, тоҷиконро ба муттаҳидӣ даъват мекард?!

Ин ҳамон Бозор Собир нест, ки...

— Не, бовар намекунам. Наход... шоири соҳир бо чунин қалби пурэҳсоси худ даст ба қуланги силоҳ бараду синаи фарзанди одамро ба нишон гирад.

Беихтиёр шеърҳои давраиҷангии шоири ғурамарги тоҷик Ҳабиб Юсуфиро ба хотир меоварам, ки мегуфт:

Вақти он аст, эй қалам, бурранда тар гардӣ зи теғ,
Вақти он аст, эй сухан, гуррандатар гардӣ зи барқ.

Бале, Ҳабиб Юсуфӣ баҳри дифои халқу Ватан маҷбур буд алайҳи душмани хонумонсӯз, фашизми хуношом ки ҳуҷум оварда буд, қаламро ба теғи бурро мубаддал созад. Зеро ба ҳоки Ватани мо Адолф Гитлери хунхор бо лашкараш ҳамла оварда буд, ки халқи СССР баҳри таъмини амнияти халқу Ватани худ силоҳ ба даст гирифт.

Хӯш, шоири халқи ҷумҳурӣ, "падари миллат" Бозор Собирро, ки маҳбуби ҳар хонадони Тоҷикистон буду ба номаш фахр мекарданд, чӣ маҷбур сохт, ки ба сиёсати давлатдорӣ даст зада, шоириро ба рутбаи капитани ҳарбӣ ва вазифаи тирандозӣ иваз созаду силоҳ ба даст бигирад?!

Охир, Бозор Собир нисбати адлу адолат, дӯстиву бародарӣ, адабу одоб, ҳақиқату мубаррадот (некӣ), сулҳу салоҳ, ваҳдату ягонагӣ, нарехтани ашки модарону хоҳарон, хуни инсон даҳҳо, садҳо мисраъ шеър эҷод кардааст, ки ҳар мисраи он мардумро ба футуввату покӣ ҳидоят менамояд. Аз ҷумла, дар яке аз шеърҳои Бозор Собир дар китоби "Мижгони шаб" омадааст:

Ман модарам,
Маломати дунё кашидаам,
Ман модарам,
Ба кулфати дунё гиристаам,
Ҳарчанд санг бастаам,
Ман зиндаам ҳанӯз,
Ҳар чанд сангҳайкалам,
Ман нола мекунам.
Ман нола мекунам барои ҷигаргӯшаҳои хеш,
Ман гиря мекунам барои шаҳидони навҷавон,
Ман рӯзи растехизе мехоҳам аз худо,
Ман рӯзи додпурсие мепурсам аз ҷаҳон.

Эй номуборакон!
То дар паи шиканҷаи олам нишастаед,
Ин хашми модаронаи ман кам намешавад,
Фарёди модаронаи ман мерасад ба гӯш.

Шабҳо ман аз муҷассамаи мармарини хеш,
Мехезаму ба қасди шумо мешавам равон,
Ку лаҳзае ба сояи ман рӯ ба рӯ шавед,
Эй ҳарзаҳои нохалаф,
Эй душманони ҷон!

Ку лаҳзае, ки аз сари роҳам гузар кунед,
Эй ҳарзаҳо, ки панҷаи хунин кашидаед,
Аз кинаҳо насибаи хунин чашидаед.
Зоти шумо ҳама —
Сӯзандаҳои ҷон,
Созандаҳои маҳкамаҳоро ҳанӯз ҳам
Ман мешиносаму
Бар додгоҳи аҳли башар мекашам ҳанӯз.

Бо айби нанговару бераҳмии шумо
Дар синаҳо намонд ба ҷуз кинаҳои талх,
Дар обу хок ваҳшати хунхоҳиву ачал,
Бар қасди ҷони одаму олам фурӯ нишаст...
То чанд инчунин
Помоли марг мешавад омоли одамон,
Армони модарон?

То чанд зиндагонии ноҷӯр мекунем?
Марговар аст роҳи мо дар рӯзгори мо,

Нохўрда аст ҳиссаи мо дар диёри мо,
Ку баччаҳои ман?...

Ку баччаҳои ман,
Эй сарварони ҷанг,
Эй ахтарони наҳс,
Мепурсам аз шумо?!

Бо он ки санг бастаам,
Ман боз зиндаам,
Аз ашки ман ҳанӯз
Тар мешавад замин,
Аз хашми ман ҳисори худо ларза мекунад.

Пас, чаро, аз рӯйи кадом инсоф шоири халқ, "падари миллат" бар хилофи гуфтораш қаламро як тараф гузошта, даст ба силоҳ зада, вазифаи тирандозиро интихоб кардааст?! Бо он силоҳ синаи киро пора-пора мегардониду сабабгори рехтани ашки кадом модару кадом падар мегардид?! Синаи тоҷик ё ӯзбекро, ё мӯъмину мусулмонро, синаи падар ё бародар, хоҳар ё модари худро пора-пора мегардонад?!

Доғи фарзанд ё шавҳарро, падар ё бародарро дар ҷигари кӣ абад мегузошт?!

Худоё, чӣ носипосгарие содир гардид, ки дар асри XX то дараҷае дар мазғу пайванди бандагонат шайтони лаин раҳ ёфту сангар гирифт, ки шоир баҳри куштани бародарони ҳамхуну ҳамдин, ҳаммиллату ҳаммазҳаби худ қудрат пайдо кардааст?!

Таҳлили ҳуҷҷатҳо ва мушоҳидаи шахсии банда ба он шаҳодат медиҳад, ки иҷрои амру фармоиши роҳбарони ситоди "Наҷоти Ватан" дар ҳама сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятии шаҳри Душанбе, ноҳияҳои тобеи он, Вилояти Ҳудмухтори Бадахшони Кӯҳӣ, ноҳияҳои водии Қаротегин, шаҳри Кофарниҳон ва аксарияти шаҳру ноҳияҳои вилояти Қӯрғонтеппа ҳатмӣ буд. Яъне дар минтақаҳои номбаргардида мухолифин пурра ғалаба карда буданд.

Барои исботи ин фикр ба таваҷҷӯҳи хонандаи азиз аз далелҳои кофие, ки ҷамъ оварда шудаанд, мехоҳам ҳамагӣ дутои онро бетаҳрир пешкаш намоям:

ҚАРОРИ

кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқии ноҳияи Ҷиргатол

"Дар бораи ташкили бахши ҷиҳратолии ситоди "Наҷоти Ватан"

23.06. 1992 № 216 ш. Ҷиргатол

Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи ноҳияи Ҷиргатол бо дарназардошти вазъи муташанниҷи сиёсию иқтисодии

ҷумҳурӣ, қарори раёсати Марказии неруҳои мардумии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 1992 "Дар бораи таъсиси ситоди умумиҷумҳуриявии "Наҷоти Ватан" ва бо мақсади ба эътидол овардани вазъияти сиёсӣ ва иқтисодии ноҳия

ҚАРОР МЕКУНАД:

Бахши ноҳиявии ситоди "Наҷоти Ватан" аз ҳисоби намояндагони ҳукумати маҳаллӣ ва неруҳои мардумӣ дар ҳайати зерин таъсис дода шавад:

Ҳабибов Н — ҷонишини раиси кумиҷроияи ноҳия (раиси ситоди "Наҷоти Ватан"-и ноҳия)

Шарифов Д. — сардори ШКД-и кумиҷроияи ноҳия (ҷонишини раиси ситоди "Наҷоти Ватан"-и ноҳия)

Ғаффоров М — сардори ситоди муҳофизати граждании (МГ) ноҳия

Алибоев Д. — раиси кумитаи ДОСААФ-и ноҳия

Саидов Д. — директори генералии агрофирмаи "Ҷиргатол"

Маҳмадиев М. — раиси ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон (ҲНИТ) дар ноҳия

Абдуллоев Н. — ҷонишини раиси ҲНИТ дар ноҳия

Неъмонов К. — раиси ҳизби демократ дар ноҳия

Ризвонов А. — раиси ҳаракати мардумии "Растохез"

Абдусаломов Н. — ҷонишини раиси ҳаракати мардумии "Растохез"

Халилов С. — вакили қозиёти ҷумҳурӣ

Холбоева Х. — Раиси кумиҷроияи Шӯрои қишлоқи Ҷиргатол

Шарифов Н. — комиссари ҳарбии ноҳия

Ҷамолиддинов Н. — корманди КАМ-и ноҳия

Шомуродов А. — муҳаррири рӯзномаи ноҳияи "Қаротегин"

2. Бо мақсади таъмин гардонидани оромӣ дар ноҳия ба шӯъбаи корҳои дохилии кумиҷроияи ноҳия супориш дода шавад нисбати пункти назоратиро аз деҳаи Заккон ба деҳаи Сайрани ноҳияи Ҷиргатол гузаронидан.

3. Ба амру фармони раиси ситоди "Наҷоти Ватан" аҳамияти ҷиддӣ дода, баҳри таъмини оромию мӯътадилӣ дар ноҳия кумак расонда шавад. Нисбати ҳодисаҳое, ки вазъи ноҳияро ноором мегардонад, фавран ба раиси комиҷроияи ноҳия хабар дода шавад.

4. Бо мақсади таъмини маҳсулоти сузишворӣ, хурокӣ, ёрӣ расондан ба мардуми мӯҳтоҷ ба сардори Агробанки ноҳия раф. Абдусаломов супориш дода шавад ояди фавран кушодани ҳисоби бонкии ситоди "Наҷоти Ватан"-и ноҳия, то он, ки корҳонаҳо, муассисаю ташкилотҳо, кооперативу ассосиасияҳо, шахсони алоҳида тавонанд, ки маблағи ҳадияи худро гузаронанд.

5. Иҷрои супориш, фармону қарорҳои ситоди "Наҷоти Ватан" барои роҳбарони ҳоҷагӣ, корхонаҳо, комиҷроияи қишлоқҳо ҳатмӣ мебошад.

6. Раиси ситоди "Наҷоти Ватан"-и ноҳия фавран дар ситод графики навбатдории шабонарӯзаи автомашинҳои ташкилоту корхонаҳои ноҳия ва аъзоёни ситодро тасдиқ намуда аз паи иҷрои он гардад.

7. Сардори ШКД комиҷроияи ноҳия рафиқ Шариповро вазифадор карда шавад, ки вазифаи хизматчиёне, ки дар КПП меистанд ва ҳар як корманди ВКД аниқу равшан намояд.

8. Барои ситоди "Наҷоти Ватан" бинои ситоди мудофиаи граждании ноҳияро бо телефони 22—482 ҷудо карда шавад.

Раиси комиҷроияи ноҳия Н. ҲАСАНОВ
Котиби комиҷроияи ноҳия К. ҒИЁСОВ

ҚАРОРИ

Маҷлиси Муштаракаи Кумитаҳои ҲДТ, ҲНИТ, Созмонҳои Растохез ва Лаъли Бадахшони шаҳру ноҳияи Кофарниҳон аз 22.06.92.

Бинобар ниҳоят муташанниҷ шудани авзои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва авҷ гирифтани хунрезиҳои беадолатона аз тарафи қувваҳои ифротӣ ва дар ҷумҳурӣ ба амал омадани ҳолати беҳокимиятии том бо мақсади ба эътидол овардани вазъият ва гирифтани пеши роҳи хунрезиҳо маҷлиси муштараки нерӯҳои мардумии шаҳру ноҳияи Кофарниҳон қарор медиҳад:

1. Бахши Кофарниҳонии ситоди умумиҷумҳурии "Наҷоти Ватан" аз ҳисоби нерӯҳои мардумӣ аъзоёни ҳукумати маҳаллӣ таъсис дода шавад.

2. Вазифаи асосии ситоди шаҳрию ноҳиявии "Наҷоти Ватан" иборат аз пешгирии ҷиноятҳои яроқноки қувваҳои ифротии чи беруна ва чи дохила бо истифода аз роҳҳои сиёсӣ ва мусолиҳаомез мебошад.

3. Тамоми амалҳои асосӣ ва ҳалли масоилҳои принципиалӣ дар асоси пешниҳод ва нишондодҳои ситоди умумиҷумҳурии "Наҷоти Ватан" гузаронида мешавад.

4. Раёсати ситоди "Наҷоти Ватан" иборат аз 10 нафарони зерин таъсис дода шавад:

Ибодов И. Х. — ҷонишини раиси комиҷроияи ноҳия, раиси ситод

Табаров С. — раиси кумитаи ҲДТ, ҷонишини раиси ситод

Додариён С. — раиси созмони Растохез

Исматов К. — раиси кумитаи ҲНИТ, ҷонишини раиси ситод
Қурбонбеков О. — раиси созмони Лаъли Бадахшон
Тоиров С. — ҷонишини раиси комиҷроияи шаҳр
Шокиров И. — корманди базаи сабзавот
Собиров И. — аъзои раёсати кумитаи ҲДТ
Ҳусейнов М. — корманди корхонаи "Усто"
Каримов С. — корманди МНА № 28

Раиси кумитаи ҲДТ — ТАБАРОВ С.
Раиси кумитаи ҲНИТ — ИСМАТОВ Қ.
Раиси созмони Растохез — ДОДАРИЁН С.
Раиси созмони Лаъли Бадахшон — ҚУРБОНБЕКОВ О.

* * *

Шӯрои депутатҳои халқи ноҳияи Кофарниҳон кумитаи иҷроия

ҚАРОР

Аз 25 июни соли 1922 №239 ш. Кофарниҳон

Дар бораи ташкили бахши Кофарниҳонии ситоди "Наҷоти Ватан"

Кумитаи иҷроияи Шӯроҳои депутатҳои халқи шаҳру ноҳияи Кофарниҳон бо дарназардошти вазъи муташанниҷи сиёсию иқтисодии ҷумҳурӣ, қарори раёсати Маркази нерӯҳои мардумии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 1922 "Дар бораи таъсиси ситоди умумиҷумҳуриявии "Наҷоти Ватан" ва бо мақсади ба эътидол овардани вазъияти сиёсию иқтисодии шаҳру ноҳия

ҚАРОР МЕКУНАД:

I. Бахши шаҳрию ноҳиявии ситоди "Наҷоти Ватан" аз ҳисоби намояндагони ҳукуматҳои маҳаллӣ ва нерӯҳои мардумӣ дар ҳайати зерин таъсис дода шавад:

1. Ибодов И. Х. — ҷонишини раиси кумиҷроия
2. Тоиров С. З. — ҷонишини раиси кумиҷроияи шаҳр
3. Табаров С. Х. — раиси кумитаи ҲДТ, ҷонишини раиси ситод
4. Исматов Қ. — раиси кумитаи ҲНИТ
5. Қурбонбеков О. — раиси созмони "Лаъли Бадахшон"
6. Додарҷонов С. — раиси созмони "Растохез"
7. Ҷалолиддинов М. — сардори ШКД
8. Маликов В. М. — сардори ДОСААФ
9. Ҳусейнов М. — сардори корхонаи "Усто", ҷон. раиси ситод
10. Искандаров Д. — раиси ҷамъияти матлуботи ноҳия

11.Юнусов Ю. — раиси муассисаи хўроки умумӣ
12. Қосимов Р. — сардори шўбаи алоқа
13. Аҳтамов А. — сардори шабакаи барқ
14. Добиров А. Ш. — комиссари ҳарбии шаҳру ноҳия
15. Собиров И. — аъзои раёсати кумитаи ҲДТ

II. Бо мақсади кори самараноки ситоди "Наҷоти Ватан" дар шаҳру ноҳияи Кофарниҳон аз ҳисоби Хонаи маданияти шаҳр ду утоқ чудо карда шуда бо таҷҳизотҳои зарурӣ таъмин карда шаванд ва масъалаҳои ба миён омадаро ҷиҳати ҳаллу фасл ба кумитаи иҷроияи шаҳру ноҳияи пешниҳод намоянд.

Раиси кумитаи иҷроияи шаҳр: М. БОЛТАЕВ
Котиби кумитаи иҷроияи ноҳия: И. ҲАФИЗОВ

* * *

Чунин қарорҳои ғайриқонуниро кумитаҳои иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ низ қабул карда буданд. Ин ҳуҷҷатҳо ва далелҳои дигар шаҳодати онро доранд, ки дар он шабу рӯз давлат пурра ба дасти мухолифин гузашта, сарварони ҷумҳурӣ зери нагораи онҳо дингилак мезаданд.

Аз ин рӯ, Фронти Халқии Тоҷикистонро, ки акнун таъсис ёфта, қувват мегирифт, хавфу хатари зиёде фаро гирифта буд. Бисёр масъалаҳое, ки ба ваколати конференцияи Фронти Халқии Тоҷикистон тааллуқ дошт, бояд фавран ҳаллу фасли худро меёфт. Вале даъват ва гузаронидани конференцияи Фронти Халқӣ ба иштироки вакилони горди миллии вилояти Кӯлоб ва ситодҳои Наҷоти Вахшу Бохтар, Калининободу Қӯрғонтеппа аз имкон дур буд, вазъияти онҳо рӯз ба рӯз муташаннӣҷ мегардид. Доираи ҷанги хонумонсӯз васею мавқеи мухолифин пурқуввату тавоно мегардид.

Бинобар ин, бо маслиҳати Рустам Абдураҳимов, Сангак Сафаров, Файзалӣ Саидов ва Лангарӣ Лангариев 6-уми октябри соли 1992 дар ситоди Фронти Халқии Тоҷикистон, ки дар соҳили дарёи Ширканти шаҳри Турсунзода воқеъ гардида буд, маҷлиси намояндагони Фронти Халқии Тоҷикистон бо иштироки вакилони ситодҳои Фронти 1 ва 2-и ФХТ таҳти рӯзномаи зерин баргузор гардид:

— қабули Оинномаи ФХТ;
— таъсис намудани сохтори ФХТ;
— масъалаи ташкилӣ;

— масъалаҳои дигар.

Ҷаласаи намояндагони ФХТ оиди масъалаҳои муҳокима гардида қарори мазкурро қабул намуд:

ҚАРОРИ

маҷлиси намояндагони ФХТ

6.10.1992 шаҳри Турсунзода

Маҷлиси намояндагони ФХТ ахбори А. Азимов, Т. Шукуров, И. Бойматов, А. Солеҳов, Ш. Файзалиев, ва С. Кенҷаевро оиди вазъи сиёсии ҷумҳурӣ ва роҳи тайнамудаи кумитаи ташкилии ФХТ-ро шунида,

ҚАРОР КАРД:

1. Оинномаи Фронти Халқии Тоҷикистон қабул карда шавад.

2. То конференцияи умумиҷумҳурӣ кумитаи ташкилии ФХТ ба раёсати ФХТ табдил дода шавад. Сафаралӣ Кенҷаев — раиси ФХТ, Амирқул Азимов, Тағойхон Шукуров — ҷонишинони раиси ФХТ, Ибодулло Бойматов, Абдумалик Солеҳов, Ботурҷон Исҳоқов, Қутфинисо Мирзоева, Шералӣ Файзалиев, Раҳматҷон Холматов, Толибҷон Бобоев аъзоёни раёсати ФХТ интихоб гарданд.

3. Роҳбари маркази матбуоти ФХТ Назар Холназаров интихоб гардид.

4. Шакли шаҳодатномаи Фронти Халқии Тоҷикистонро тасдиқ намуда, ба мазмуни зайл ба мардуми ҷумҳурӣ хабарнома ва эъломия қабул карда шуд:

Раиси ФХТ: С. КЕНҶАЕВ

ҲАМДИЁРОНИ АЗИЗУ ГИРОМӢ!

Мо, як гурӯҳ ватанхоҳон ба шумили намояндаҳои аҳшори мухталифи ҷомеа аз ҳар вилоёту ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз он ҷумла, кормандони органҳои ҳифзи ҳуқуқ дар ин рӯзҳои ниҳоят мудҳишу сангини сарнавишти мардуми наҷиби тоҷик, вазъияти фавқулоддаи аз ҳар лиҳоз бӯҳронии имрӯзаи сарзамини зархезамонро дақиқ таҳлилу баррасӣ карда, ба хулосае омадаем, ки барои берун овардани ҷумҳурии мушфиқамон аз вартаи қашшоқӣ ва ба эътидол овардани вазъи сиёсию иҷтимоии он, пешгирии ҷанги бемақсади бародаркуш, барқарор кардани сулҳу салоҳ, таъмини оромию осоиши тамоми қавму миллатҳо, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои ҳамаи гражданҳо таъсиси Фронти Халқии Тоҷикистонро ба эълон медиҳем.

Аз ин рӯ, аз тамоми мардуми шарифи ҷумҳуриамон хоҳишмандем, ки оромию тартиботро риоя намуда, барои ба

даст овардани аҳдофи болой ба мо ҳамкорй ва ҳамдастй намоянд. Маркази Фронти халқии Тоҷикистон — шаҳри Турсунзода.

Раёсати Фронти Халқии Тоҷикистон.
ш. Турсунзода. 6.X.1992 с.

ЭЪЛОМИЯ

Фронти халқии Тоҷикистон ба хотири боздоштани ҷанги бародаркуш ва дифоъ аз тамомияти арзии давлати соҳибистиқлоли тоҷикон таъсис ёфта, ба ҳамватанони шарифи худ ҳадафҳои зерини хешро ба эълон медиҳад:

Чандест, ки аз касофати дасисакориву найрангбозиҳои созмону гурӯҳҳои сияҳкору хунмаст, ватанфурӯшу хоин Тоҷикистони кӯчаку азизамон ба размгоҳи бародаркушй ва фаноёбии миллат мубаддал гашта, дар асари комилан фалаҷ гаштани хокимияти давлатй ва бесалоҳиятии кишвардорон хусусан дар шаҳри Душанбею навоҳии Вахшонзамин дастаҳои одамкушу ҷиноятпкор, дуздону ғоратгарон ва яғмогарон мардум бенаво, гаштаанд.

Дар натиҷа мардуми бадодомада, маскану манзилҳои ба ҷон баробари худро тарк намуда, рӯ ба ҳиҷрат овардаанд. Имрӯз халқи тоҷик қурбони бозиҳои сиёсй "сиёсатмадорон"-и курситалаб гаштаасту қариб аст чун миллат ному насаби хешро аз даст бидиҳад...

Як идда салтанатхоҳон дини мубини исломро байраҳи худ карда, маҳз ба хотири аҳрози фардй диктатураи наверо ба гардани халқи мо бор карданианд.

Дар чунин вазъият мо барои он бархостем, ки бо мардуми ҷасуру шуҷои Хатлонзамину Вахшонзамин ҳамроҳ гардида, халқи худро аз ҷанголи ин хунхоҳони қӯтоҳандешу тангназар начот бидиҳем. Ба ин мақсад мо арзишҳои ҷолиби диққати демократия ва озодии виҷдону адёнро густариш дода, намегузорем, ки Ватану халқи азизамон мутеъи ин ё он қувваи аҳриманй бошад...

Тамоми васоилу имконияти дар дастамон бударо ба он равона месозем, ки халқамонро аз вартаи бадбахтй берун бурда, ба кулли намояндаҳои миллатҳою қавмиятҳои сокини ҷумҳурй ҳуқуқҳои баробари башарй муҳайё созем.

Мо зидди ҳамаи унсурҳои зӯроварй, ҷиноятпкору ғоратгар, маҳалгарою нажодпараст, ифроткору муртаҷеъ расман ҷанги шадид эълон мекунем. Ба халқи ҷафокашидаи худ савганд ёд мекунем, ки дар як муддати кӯтоҳ сессияи навбатии Шӯрои

Олии ҷумҳуриро даъват намуда, ба ҷанги хонумонсӯз хотима бахшида, амнияту оромии ҳамаи шаҳрвандонро таъмин менамоем, пеши роҳи қашшоқиро мебандем.

Равобити Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо тамоми давлатҳои ҳамсояю хорича мувофиқи қарордодҳои мавҷуда давом медиҳем.

Баъди ба эътидол омадани вазъияти ҷумҳурӯ ва фаъол гаштани органҳои қудрати давлатӣ ҳатман дар сессияи Шӯрои Олӣ роҳҳои дар иртиботи аз бӯҳрон берун овардани ҷумҳурӣ ва гузаронидани интихоботи депутатҳои халқи Тоҷикистон дар асоси бисёрҳизбӣ муҳокима намуда, қарорҳои лозимӣ қабул хоҳем кард.

Барои мо ҳимояи манфиат ва шарафу номуси мардуми Тоҷикистон, принципҳои демократии сохти давлатдорӣ ва эҳтиромии бародарони ҳамсоя дар мадди назари аввал меистад.

Раёсати Фронти халқии Тоҷикистон
Ш. Турсунзода, 6. X. 1992 с.

Ин ҳуҷҷато бо забонҳои ӯзбекӣ ва русӣ тарҷима гардида, дар рӯзномаҳои шаҳру ноҳияҳо дарҷ шуда, дастраси мардуми шаҳру ноҳияҳо гардид. Дар матбааи шаҳри Турсунзода якчанд ҳазор нусхабардорӣ намуда, ба воситаи дастаи алоқачиёну тарғиботгарони ФХТ ба тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ паҳн карда мешуд.

Мардуми водии Ҳисор: шаҳрҳои Турсунзода, Душанбе, ноҳияҳои Шаҳринав, Ҳисор, Варзоб ва қисми ноҳияи Ленин Фронти Халқии Тоҷикистонро бисёр ҳам дилгармонаю садоқатмандона истиқбол гирифтанд, амалиёти хайрхоҳонаи онро пазируфтанд.

Аввалин шуда аз ноҳияи Ҳисор Бобосубҳон Мирзоев, Ҳабибулло Насруллоев, Абдуманнон Зокиров, Тоҳирҷон Исроилов, раиси кумиҷроия Ҷамолиддин Мансуров, аз ноҳияи Варзоб раиси кумиҷроия Абдуваҳҳоб Саидмуродов ва раиси хоҷагии ба номи Куйбишев Иззатулло Бобокалонов иқдоми ФХТ-ро дастгирӣ намуда, ба ситоди марказӣ, ба шаҳри Турсунзода, ба назди Амирқул Азимов, банда ва Ибодулло Бойматов омаданд, супоришҳо гирифта, аз паи иҷроиш камар бастанд. Барои зиёд намудани аъзоёни Фронти Халқӣ, таъсиси ситодҳо, таъмини хӯроку пӯшок, кӯрпаву ҷой, баҳри ба даст овардани яроқу аслиҳа сидқан кӯмак расониданд, пораи нонашонро тақсим намуданд. Батаъкид бояд иброз дошт, ки барои силоҳу лавозимоти ҷангӣ аз водии Ҳисор касе пул надодааст, ҳамаи онро ФХТ ёфта оварда буд...

Бояд иқрор гардид, ки дар ҳар давру замон номбардори ҳар диёр, шаҳру ноҳия, фарзандони ҷасуру асил ва сарсупурдаи он ҳастанд.

Аз ин рӯ, хизмати қумондонҳо: Амирқул Азимов, Ибодулло Бойматов, Раҳматҷон Холматов, Муродулло Сатторов, Шаҳобиддин Кунишев, Саъдулло Мирзоев, Аҳмадҷон Холматов — дар шаҳри Турсунзода; Абдумалик Солеҳов, Шамил Толибов, Рауф Маҳмадалиевич Ўтаев, Орифҷон Ҷўраев, Зокирҷон Наҷмиддинов — дар ноҳияи Шаҳринав; Ҳабибулло Насруллоев, Абдуманнон Зокиров, Тағоймурод Холмуродов, Файзулло Абдуллоев, Нуралӣ Раҳимов, Бобосубҳон Мирзоев, Бобозамон Мирзоев, Тоҳирҷон Исроилов, (ноҳияи Ҳисор); Абдуваҳҳоб Саидмуродов, Иззатулло Бобокалонов (ноҳияи Варзоб); Рауф Солиев, Шералӣ Файзалиев; Ботур Исҳоқов, Давлат Муродов, Қутфинисо Мирзоева, Сўҳроб Раҳимов, Ғайбуллоҷон Орифов, Толибҷон Бобоев (шаҳри Душанбе); Тағойхон Шукуров, Хўҷамурод Хаспаллаев, Эгамбердӣ Бобоҷонов, Қўқан Қодиров, Панҷӣ Холов, Парпӣ Авлиёқулов, Хўҷамурод Каримов, Маҳмадхон Шукуров, Худойқул Кенҷаевич Тошев, Абдусаттор Каримҷонович Умаров, Икром Ҳасанович Юсуфов, Холбой Гулмирзоевич Эшматов, Дониёр Ҳомидов (ноҳияҳои Ғозималик, Ҷилликӯл, Қубодиён ва Шаҳритус) ва чанде дигарон беназир аст. Онҳо бо обрӯю эҳтиром, садоқатмандӣ нисбати халқу миллат битавонистанд мардуми гуногунмиллату мухталифмазҳабро гирди худ муттаҳид намоянд, аз чизе натарсида, ҷони худро зери хатар гузошта, рӯзҳое, ки ба сари халқи бечора мушкилӣ омад, чун дигарон пулу молашонро гирифта дум зери по накарда, тақдиру насибашонро ба халқи худ якҷоя диданд.

Сарсупурдагони миллат рӯзона миёни мардуми шаҳрҳои Турсунзодаву Душанбе ва ноҳияҳои Шаҳринаву Ҳисор, Ленину Варзоб, Ғозималику Ҷилликӯл, Қубодиёну Шаҳритус корҳои ташвиқоту тарғиботӣ мебурданд, тарафдорон ҷамъ намуда, дар ҳар корхонаю ташкилот, колхозу совхозҳо, деҳаҳо ситодҳо таъсис медоданд, шабона аз паи иҷрои вазифаҳои дигар буданд...3-ин сабаб дар давоми ду-се рӯз теъдоди хоҳишмандон барои аъзои Фронти Халқии Тоҷикистон гардидан зиёд шуданд, аз ин рӯ ситоди дуюмро дар меҳмонхонаи "Ширканд"-и шаҳри Турсунзода бо сарварии Раҳматҷон Холматов таъсис намудем...

Вале вазъият дар вилояти Қўрғонтеппа моро ба ташвиш оварда буд, рӯз аз рӯз авзоъ бадтару шадидтар мегардид, дастаҳои Файзалӣ Саидов, Лангарӣ Лангариев, Сангак Сафа-

ров, Маҳкамбой Шарифов, Азим Ғаниев, Бўрихон Ҷобиров, Ёқуб Салимов, Шералӣ Мирзоев, Ҳамдам Воҳидов ва Восит Самадов талафоти зиёд дода, мавқеи худро гум намуда, ақибнишинӣ мекарданд. Дар ин вақт Фронти Халқӣ мавқеи худро пурқувват намуда, ҳаматарафа ба онҳо кўмак мекард, тиру аслиҳа мефиристод, мавқеи оппозицияро заррае ҳам бошад суст менамуд ва намегузошт, ки ситоди "Наҷоти Ватан", Ҳизби наҳзати ислом, Қозиёти ҷумҳуриву ҳукумати лўхтакии Акбаршоҳ Искандаров миёни мардуми водии Ҳисору Ғозималик ва шаҳри Душанбе "босамар" кор баранду гурди миллии оппозицияро дар вилояти Қўрғонтеппа бо ҷанговарони иловагӣ пурқувват намоянд.

Дар Душанбешаҳр шумораи ситодҳои Фронти Халқӣ рўз ба рўз меафзуд ва баҳри муҳофизати шаҳру ноҳияи худ силоҳноку пурқувват гардида, бо ҳамроҳии фронти I ФХТ ба муқобили амалиётҳои ситоди "Наҷоти Ватан", "Южний", "Автобазаи 3" амалиётҳои ҷовобӣ мегузаронд, ки хотири сарварони оппозицияву навдавлатонро парешон, табъашонро нохуш ва авзоашонро тирафому беҷо менамуд.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, дар вилояти Қўрғонтеппа ҳар рўз вазъият тезу тунд мегардид.

Ниҳоят, ҷангҳои пурдаҳшату доманадор, ки қувваҳои оппозицияву давлатӣ дар он техникаи вазнини ҷангӣ — танку мошинҳои зиреҳпўшро истифода мебурд, маҷбур сохт, ки рўзҳои 18—19 сентябри соли 1992 дастаи Файзалӣ Саидов, Лангарӣ Лангариев, Сангак Сафаров, Маҳкамбой Шарифов, Қурбон Чолов, Бўрихон Ҷобиров, Азим Ғаниев баъд аз ҷонбозиҳои зиёде ноилоҷона боз мавқеи худро супурда, ба совхози сабзаворкории ноҳияи Бохтар ақибнишинӣ намоянд.

Дар ин ҷангҳои шадид ҳарду тараф ҳам талафоти зиёди ҷонӣ дод. Оппозиция совхоз — техникуми ба номи Куйбишеви ноҳияи Бохтарро ишғол намуда, хонаҳоро оташ зад, чизу чораи хоҷагӣ ва мардумро ба яғмо бурд, аз хонаи Файзалӣ Саидов қариб, ки нишонае намонда буд. Мардуми зиёдро барои ақидааш шуда, ноинсофона ба қатл расонданд, қисми зиёде фирорӣ гардид.

Танҳо аз Шўрои шаҳраки Куйбишеви ноҳияи Бохтар дар ин ҷанги хонумонсўз даҳҳо ҷавонмардони ҷасуру қаҳрамон ваҳшиёна ба қатл расонда шуданд, ки ҳар кадоми онҳо дар дил ҳазорҳо орзуву ҳавас доштанд, ки имрўз болои оромгоҳашон сабзаҳои ҳасрату надомат мерўянд.

Аз ҷумла, Х. Бобоев, С. Бобоев, Р. Яҳёев, А. Яҳёев, Р. Мўрчаев, И. Мўрчаев, М. Қаюмов, М. Аҳмадов, В. Аҳмадов,

Б. Файзуллоев, И. Файзуллоев, Д. Қурбонов, И. Қурбонов, Б. Қурбонов, К. Қурбонов, С. Қурбонов, Ю. Рунов, М. Эшонқулов, В. Потапенко, Х. Даминов, С. Холматов, М. Холматов, Ю. Боршевский, Р. Галамов, У. Тӯйчиев, А. Саидов, Х. Саидов, К. Саидов, М. Саидов ва дигарон — ҷамъ 92 нафар сарҳоро ба хоби абад бар замин ниҳоданд.

Мухолифин барои ба ғалабаҳои пай дар ҳам ноил гардидан дар фурудгоҳи шаҳри Қурғонтеппа базми ҷамшедӣ орост...

Бо чанде аз фирориён ҳамсӯҳбат шудам, ки гуфтанд:

Неъматҷон Шукуров — 36-сола, корманди идораи хӯроки умумии шаҳри Қурғонтеппа:

— Бо зану 5 фарзандам гурехта ба вилояти Ленинобод омадем, чунки дигар он ҷо истодан худро ба коми аҷал тела додан буд. Гурӯҳи силоҳбадастон омада, одамонро бе пурсиш, танҳо барои кӯлобиву ленинободӣ, зарафшонию ҳисорӣ ва ӯзбекзабон буданашон мепарронданд, хонаҳоро оташ мезаданд, на раҳм ба кӯдакон доштанду на ба зан ва на ба мӯйсафеди барҷомонда. Фашист ҳам шояд ин гуна ваҳшониятро намекард. Хонаамро ғорат карданду баъд оташ заданд.

Самеъ Аҳмадов — рокунда, 32-сола:

— Сару калобаам тамоман гум. Худам гурехтаму се фарзандам ҳамроҳи хоҳарам дар хонаи ӯ монданд. Онҳо зинда монанд ё не, намедонам. Кошкӣ, онҳо ҳам меомаданд...

Муҳиддин Усмонов — 35-сола, иқтисодчӣ:

— Ҳамроҳи зану 4 фарзандам гурехтем. Бе ягон сабаб ноинсофон падари 72-солаамро, мӯйсафеди бечораро парронда куштанд. Вай иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ буд, панҷ сол бо немисҳо ҷангида, то Берлин рафта намурд, вале дар Ватани худаш аз дасти мӯъмину мусулмон дар болои ҷойнамоз, ваҳшиёна кушта шуд. Аламовараш ин, ки мӯйсафедро кушта, сари мурдааш нишаста, арақнӯшӣ карданд. Боз онҳо мусулмон буда, давлати исломӣ месохтаанд?! Барои тозагии дини ислом мубориза мебурдаанд!

Абдураҳмон Раҳимов — 38-сола, ошпаз:

—Аслан аз қишлоқи Ёваи ноҳияи Хуҷанд ҳастам. Падарам солҳои сиюм барои ба водии зарнисор табдил додани Вахшонзамин муҳоҷир шуда буд. Вай он солҳо бо як ҷома рафт, ман акнун баъди зиёда аз 60 сол бо як костюм баргаштам...Хайр, ҷон амон бошад, чиз ёфт мешудагист, лекин ман ягон хеше надорам, ки дар сарпаноҳаш ҷо шавам. Боз бо 6 кӯдак кӣ ҳам маро ба хонааш меҷуфтонда бошад? Ноинсофони худобехабар молу мулкамро ба ягмо бурда, хонаамро оташ заданд...

Умед Хоҷаев — 11-сола, хонандаи синфи 4:

— Дар шаҳри мо ҷанг рафта истодааст. Мо бачаҳоро чанд рӯз модарам ба таҳхона ҷо карда буд, баъд шабона гурехтем. Одамонро мепарронанд, онҳо ҳамаро мепарронанд, ба хонаҳо карасин рехта, алов сар медиҳанд. Хайрият омадем. Ин ҷо нагз, тирпарронӣ нест, ҳеҷ ҷо руст намешавем...

Инобатхон Абдураҳмонова — 35-сола:

— Рӯзҳое, ки мо дидем, душманамон ҳам набинад. 4 фарзанд дорам. Фарзандонам шабҳо аз садои тир қад — қад парида мехестанд. Маро бошад, заррае хоб набуд. Гоҳ инашро ором мекардаму гоҳ ваяшро. "Вой бачаякам, хоб кун, ман паҳлӯят"— мегуфтам. Ҷанг торафт шиддат мегирифт. Хона ба хона гашта, одамонро бепурсиш мепарронанд, зану духтарҳоро бурда, таҷовуз мекарданд. Барои онҳо гунаҳкору бегуноҳ фарқе надошт. Бинобар ин ҳама чизу чораи хонаамро, ки бо хуни ҷигар солҳои дароз ҷамъ карда будам, монда шабона бачаҳоямро гирифта, ба як тележка савор шуда, гурехтем...

Ҳар яке сухан мегуфту ашк мерехт. Ҷабру ситам, ноинсофӣ аз ин зиёд намешавад...

Роҳбарони ғайриқонунии ҷумҳурӣ аз муваффақиятҳо саргаранг гардида, мақсади гузаронидани гуфтушунид, бозгоштани ҷанги бародаркуш ва даъват намудани иҷлосияи Шӯрои Олиро надоштанд. Буҷети ҷумҳуриро ба ҷои пурқувват намудан ба қувваҳои ҷангии ВКД ҳотамвашона харҷ мекарданд. Фармонҳои "Раиси Ҷумҳур" А. Искандаров "Дар бораи тадбирҳои иловагии мӯътадил гардондани вазъи ҷамъиятию сиёсӣ дар ҷумҳурӣ ва пурзӯр намудани муборизаи зидди ҷиноятҳорӣ", "Дар бораи таъин намудани мушовирони калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҳар рӯз болои тахта — тахта қоғазҳо мерехт, ки мақсади он бесилоҳ гардондани гирди миллии вилояти Кӯлоб, гирди "Наҷот"-и Вахшонзамин, дастаи Файзалӣ Саидов ва Фронти Халқии Тоҷикистон буд. Илова бар ин, А. Искандаров мансаби хизматии худро сӯиистеъмол намуда, 17-уми сентябри соли 1992 "Дар бораи таъсиси Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон", 20-уми сентябри соли 1992 "Дар бораи ба ӯҳдаи Абдумалик Абдуллоҷонов муваққатан вогузор кардани иҷрои вазифаи Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва ғайра фармонҳои ғайриқонунӣ баровард.

Аз ин сабаб дар гирди халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан ҷавонони водиҳои Қаротегину Дарвоз ва Бадахшонро, ки тарафдори оппозиция буданду дар гирди миллии мухолифин хизмат доштанд, қабул карда, маошҳои калон муқаррар намуда, ба ҷанг, ба вилояти Ҷурғонтеппа, ба муқобили халқи худ мефиристоданд.

Дар якс аз ҷангҳои шадид, ки қувваи ҳукуматӣ (ВКД) бо ҳамроҳии горди миллии мухолифин бар алайҳи дастаҳои Файзалӣ Саидов, Лангарӣ Лангариев, Сангак Сафаров, Ёқуб Салимов, Азим Ғаниев, Бӯрихон Ҷобиров, Қурбон Чолов, Восит Самадов, Маҳкамбой Шарифов, Рустам Одинаев, Муҳаррама Мирзоалиева, Талъатҷон Мирусмонов (Толики танкист), Тошпӯлод Кавраков, Хӯҷамурод Хаспаллаев, ТаҒойхон Шукуров, Алимаҳмад Кавраков, Ҳамид Воҳидов, Ҳошим Ҳотамов, Ҷумъабой Ҳотамов, Алиҷон Маҳкамов ва дигарон меҷангиданд, командири горди халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадмурод Саидмуродов ҳалок гардид.

ФАРМОНИ

и. в. ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ КОМАНДИРИ ГОРДИ ХАЛҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ТАЪИН НАМУДАНИ КАПИТАН САИДМУРОДОВ М.

Капитан Саидмуродов Маҳмадмурод командири горди халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

и. в. Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон А. ИСКАНДАРОВ

Охир, агар роҳбарияти ҷумҳурӣ мақсаду маромиба сулҳу салоҳ даъват намудани тарафҳои мухолиф, қатъ гардидани ҷанги бародаркуш мебуд, пас чаро командири горди халқии ҷумҳурӣ, капитани ВКД Маҳмадмурод Саидмуродовро бо дастааш ба вилояти Қӯрғонтеппа бо танку БТР барои ҷанг кардан ба муқобили мардуми хайрхоҳи азияткашидаи Хатлонзамину Вахшонзамин мефиристонад?! Пас, чаро имрӯз А. Искандаров ва ҳамфикрони ӯ барои чунин хиёнатҳо бечазо монда, боз соҳиби курсии мансаб гардидааанду вирди забони баъзе аз роҳбарони ҷумҳурӣ мебошанд?!

Гурди миллии оппозиция таҳти роҳбарии саид Абдуллоҳи Нурӣ, қорӣ Муҳаммадҷон Ғафуров, эшони Саидашраф Абдулаҳадов, Шодмони Юсуф, Давлати Исмон, Муҳаммадшариф Ҳимматзода бо дастгирии қувваҳои алоҳидаи ВКД — и ҷумҳурӣ, ки бо яроқу аслиҳа ва техникаи ҷангии ҳозиразамон мусаллаҳ гардида буданд, паи ҳам ба муқобили дастаи Файзалӣ Саидов, Лангарӣ Лангариев, Сангак Сафаров, Бӯрихон Ҷобиров, Ёқуб Салимов, Маҳкамбой Шарифов, Восит Самадов, Азим Ғаниев хуҷум меоварданд, бераҳмона биноҳоро оташ мезаданд, мардуми бекасу бенаворо гаравгон гирифта, дар ҳаммоми совхози "Туркманистон" бо усулҳои ваҳшиёна ба қатл мерасонданд. Аз ҷумла сокинони шаҳри Қӯрғонтеппа

Михаил Емохин, Қобилҷон Умаров, Амир, Файз, Аловиддин Раҳимовҳо, Хайруллову Ҳикмат Мировҳо, Валерий Пак, Одил, Солеҳ, Сафар Маҳмадиевҳо, Акбар, Шукур, Қиём Маҷидовҳо, Халил, Хайриддин, Убайдулло Шарифовҳо, Мирзокарим, Муҳиддин Сафаровҳо, Алимардон, Аҳмад, Маҳмадгулу Саид Сатторовҳо, Ғоиб, Бегиҷон, Қурбон, Сайфулло, Гулъизору Ятим Сафаровҳо, Юнус, Эркину Хуршед Маҳкамовҳо, Владимир ва Юра Костилевҳо, Евгений Горшков, Сергей Волчанкин ва дигарон — ҷамъ 236 нафарро гаравгон гирифта, қисме аз онҳоро ба қатл расониданд. Қисме аз онҳо то ҳол бе ному нишон мебошанд.

Инчунин аз кўчаҳои Ломоносов — 19, Коммунистическая — 22, Свириденко — 15, Хатлон — 14, Павлов — 17, Лермонтов — 13, Молодёжная — 11 нафар ва ғайра марду занро гаравгон гирифта, бисёрии онҳоро бе ному нишон гардониданд.

26—27-уми сентябри соли 1992 ҳомиёни забонии дини мубини "ислом"-и мазҳаби ваҳҳобия, ки даъвои тоза нигоҳ доштани дини мубини ислом мекарданду худро наберагони Рўдакию Сино, Фирдавсию Бедил, Ҷомию Ҳофиз, Саъдию Хайём меномиданд, паи ҳам ба шаҳраки Ломоносов ҳамла оварда, зиёда аз 150 нафар сокинони бегуноҳу бесилоҳи шаҳрчаро ноинсофона гаравгон гирифта, дастҳояшонро бо сим ба пушт баста, бе таҳлилу пурсиш, муайян кардани гунаҳкор будан ё набудани ҳар яки онҳо беномусонаю ваҳшиёна ба қатл расонданд. Сипас, ҷасади мўъмину мусулмононро бе кафану ҷаноза бо булдозер хокпўш карданд...

Пас, ин чи гуна мусулмонӣ?! Аз рўйи кадом сураи Қуръони маҷиду ҳадиси Ҳазрати Муҳаммад мустафо саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст?! Нисбати чунин ҳомиёни дини мубини ислом, ки теша ба дини ислом мезананд, шоир хуб гуфтааст:

Синаи инсофро бо тири ҳиммат дўхтӣ,
Оташи ошўбро мардонавор афрўхтӣ,
Баҳри шавқат кўдаконро зинда — зинда сўхтӣ,
Боракалло! Ин мусовот аз кучо омўхтӣ?!

Марду занро одилона як рақам лат мекунӣ,
Зинда бошӣ, офаринат, хуб хизмат мекунӣ!

Раҳмати ҳақ кардааст бар дасту пои ту нузул,
Дўстӣ бисёр дорӣ бо худову бо Расул,
Бандагиву назру қурбониву хайротат қабул,
Як мусулмон нест аз гуфтору рафторат малул,

Даста — даста халқро роҳии ҷаннат мекунӣ,
Зинда бошӣ, офаринат, хуб хизмат мекунӣ!

Он чй гўянд аз ҷаҳаннам, чавҳари хўи ту аст,
Ояти қаҳру ғазаб ҳусни лабу рўи ту аст,
Хобгоҳи модари иблис паҳлўи ту аст,
Рўзу шаб шабгири ғамгинат дуоғўи ту аст,

Рост дар дўзах равй рўзе, ки реҳлат мекунй,
Зинда бошй, офаринат, хуб хизмат мекунй!

Танҳо 15-уми октябри соли 1992 вақте ки дастаи Файзалй Саидов, Бўрихон Ҷобиров, Сангак Сафаров, Азим Ғаниев, Ёқуб Салимов, Қурбон Чолов, Восит Самадов, Маҳкамбой Шарифов шаҳри Қўрғонтеппаро озод карданд, ҷасади ин шаҳидон: Алавиддин Раҳимов, Мирзо Гулов, Ҳайдар Каримов, Нусрат Юсуфов, Маҳмадулло Маҳмадалиев, Раҳматулло Алимов, Алихон Каримов, Фатҳулло Гулов, Сайдулло Рўзиматов, Гул Ҷабборов, Мирзокарим Сафаров, Рашид Абдураҳимов, Нурулло Шарифов, Сабзалй, Раҳматулло Маҳмадалиев, Шукур, Гулмурод Ҷобиров, Маннон Дўстов, Алиҷон Сатторов, Шамсулло Ҳасанов, Неъматулло Юсуфов, Раҷабмурод Сангинов, Султон Холматов, Убайд Мўъминов ва дигаронро пайдо намуда, сипас дар қабристони деҳа ба хок супурданд. Дар вилояти Қўрғонтеппа задухурд давом мекард...

Барои таъмини амнияти мардуми деҳа, колхозу совхозҳо ва ноҳияи худ аз амалиётҳои хуношомонаи мазҳаби "Ваҳҳобия" мардуми бо нангу номуси водии Ҳисор ва ноҳияҳои Ғозималику Ҷилликўл, Қубодиёну Шаҳритус, вилояти Қўрғонтеппа пул ҷамъ мекарданд, ба ҳар куҷо сафар намуда, аслиҳаву муҳиммоти лозимй ҷамъ меоварданду амнияти мардуми бе силоҳу аслиҳаи ноҳияи худро таъмин мегардониданд. Ҷониби дигар бошад, аз ҳисоби давлат бо силоҳу лавозимоти ҷангии ҳозиразамон таъмин гардида, бо қувваи зархаридон хатти фронтро ба муқобили халқи худ пурқувват мекард. Аз тарафи дигар, онҳо хуб дарк мекарданд, ки ихлоси тамоми халқу миллатҳое, ки дар Тоҷикистон сукунат доранд, аз онҳо пурраву комилан ғашта. Ситоди "Наҷоти Ватан": Ҳизби наҳзати ислом, эшону пешвоёни мазҳаби "Ваҳҳобия" масҷид ба масҷиди шаҳри Душанбе, ноҳияҳои Ленин, Кофарниҳон, Ғарм, Комсомолобод, Тоҷикобод, Ҷиргатол, Рогун, Вилояти Худмухтори Бадахшони Кўҳй ғашта, шикори одам мекарданд, то ба муқобили мардуми Хатлонзамину Вахшонзамин ба ҷанги бародаркуш фиристанд. Хушбахтона, мардум ба худ омада аз онҳо мегурехт, одам намеёфтанд, ки бо маоши калон ба ҷанг фиристонанд. Ҳатто қисми зиёди мардуми водии Қаротегину Дарвоз ва Бадахшон рўз ба рўз ҳақиқатро

дарк намуда, нафрату адоваташон нисбати амалиёти дасисакоронаи "пешвоён" зиёд мегардид.

Дар бисёр ҷойҳо ҷавононро таҳти таъсири автомат ба ҷанг мефиристоданд, шахсони саркашӣ намударо таҳқир мекарданд, ҷарима меситониданд. Вале дар ситодҳои Фронти 1 ва 2-и Фронти Халқии Тоҷикистон ҳар рӯз садҳо ҷавонмардони дилсӯзи миллатҳои гуногун садоқатмандона баҳри аъзо шудан дар навбат меистоданд, туфанг мепурсиданд, ки ба ҷанг, ба муқобили мухолифин ба вилояти Қурғонтеппа раванд. Лекин мақсаду маромі ФХТ мувофиқи Оинномааш аз оппозиция фарсахҳо дур буд, касеро даъват накардааст, ки бародар ё падари худро бикушад...

ГУРЗКӮБИҲОИ РУСТАМОНАИ ФХТ

Мардум бо ҳар роҳ туфангдор мегардид, шумораи ҷавонмардони ярокӯ аслиҳадори Фронти Халқии Тоҷикистон рӯз ба рӯз меафзуд, баҳри таъмини худу мардуми ноҳия ҳар гуна силоҳ меёфтанд, дар байни халқи чумҳурӣ овоза мегардид, ки ба ёрии мардуми Хатлонзамину Вахшонзамин мардумони гуногунмиллату мухталифмазҳаби дигар шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ бо мақсади боздоштани ҷанги бародаркуш ва даъвати сессияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ барои ҳаллу фасли масъалаҳои ҳалталаби ҳаётан муҳим бархостаанд. Аз ҷумла, мардумони ҷасуру сарбаланди водии Ҳисори Шодмон, шаҳри Турсунзода, ноҳияҳои Шаҳринав, Ҳисор, қисман деҳаҳои Ленину Варзоб ва шаҳри Душанбе, ноҳияҳои Ғозималик, Ҷилликӯл, Қубодиён ва Шаҳритус тамоми мардум — тоҷикон, ӯзбекон, арабҳо, туркманҳо ва русзабонҳо буданд. Яъне, ҳамаи мардуме, ки дар ин шаҳру ноҳияҳо сукунат доштанду тарафдори ақидаи Фронти Халқии Ҷумҳурӣ буданд, камари ҳиммат баста, бо азму суботкории ҷавонмардона бархостанд.

Ин ахбор, рости, аввалин гурзи фӯлодини рустамонаи ҳам сиёсиву ҳам низомие буд, ки бар сарҳои тиҳимагзи ҷоҳилонаи пешвоёну роҳбарони оппозиция ва мушовирони дохиливу хориҷии ишону давлати ғайриқонунии эълондоштаи ин тоифаи кӯтоҳандеш фароварда шуд. Ин зарба пайкари бемадорашонро сахт ба ларза оварда, хаёлашонро парешон сохт, ки дар ҷустҷӯи роҳҳои пеш гирифтани он камар бастанд. Чун саззойишудагон намедонистанд сарашонро ба кадом сӯрохӣ зананд, аз кӣ начот талабанд?! Чун моҳие буданд, ки бо шастҳои танидаву бофтаи хеш дасту пойҳои ноҷӯрашон ишкелбанд монда.

Ҳарчанд сарварони давлат роҳбарони шаҳру ноҳияҳоро даъват мекарданд, ба назди онҳо касе намерафт, чунки яке молу зари зиёде зери даст намуда, фирор карда, дигаре бо ФХТ ҳамақида гардида буд. Худи онҳо низ аз тарси ҷон ба он мавзеъҳо ёрои рафта бо мардум ҳамсӯҳбат гардидан надоштанд. Акнун яқинан сару калобаро навдавлатону мухолифин гум карда буданд...

Тарҳи нособиту носанҷидаи мушовирони дохилӣ ва хориҷии ишон, ки ба зархаридонашон: "демократ"-у "Растохез", "Лаъл"-у "наҳзат" ва зумраи созмонҳо бисёр арзон тӯҳфа намуда буданд, ба шаҳрвандони ҷумҳурӣ ва ҷаҳониён бисёр қимат мефурӯхтанду амалиётҳои ҷиноятконаи хешро ба гардани мардуми адолатпарвару ҳақиқатҷӯи Хатлон бор мекарданд ва беҳаёёна гунаҳкорашон менамуданд. Билохира, тарбузҳо чунон аз бағалашон афтид, ки худ бехабар монданд...

Вале ин кӯшишҳои ишон парвози мурғи хонагиро мемонду давидани гӯсоларо то каҳдон!!

Дар рӯзҳои қисматсози мардумон Ҳукумати муваққатии Акбаршоҳ Искандаров тавассути расонаҳои ахбори умум ба дасисаҳои пасттарин даст зада, истилоҳи кӯлобиро бо таҳқиру истеҳзо ба забон меоварду чун шахси ғундагазида ба чаҳор атроф ҷор мезаданд, ки як гурӯҳ кӯлобиҳои сияҳкору ҷиноятконро бо сарварии "душманони миллат" Рустам Абдураҳимов, Сангак Сафаров, Лангарӣ Лангариев, Қурбон Зардак, Файзалӣ Саидов, Муллоҳайдар Шарифзода, Бӯрихон Ҷобиров, Шералӣ Мирзоев, Ёқуб Салимов, Аъзам Ғаниев, Маҳкамбой Шарифов барои мансаб шуда, ба муқобили давлати "қонунӣ" ҷангида истодаанд. Пас аз он, ки Фронти Халқии Ҷумҳурӣ таъсис ёфт ва амалиёташро дар ноҳияҳои водии Ҳисору Ғозималик ва шаҳри Душанбе оғоз намуд, ки сафи онро халқияту миллатҳои гуногун пур макарданд, акнун аз таҳқири кӯлобӣ лаҳзаҳое лаб фурӯ бастанд.

Таъсис ёфтани Фронти Халқии Тоҷикистон дар водии Ҳисору Ғозималик ва шаҳри Душанбе мавқеи сиёсии ҷумҳуриро битамом дар дохилу хориҷ дигар сохт, теша ба решаи сиёсати "демократияи исломӣ"-и А. Искандаров ва думравони ӯ зад, чунки давлати ӯро мардуми гуногунмиллату мухталифкеши шаҳру ноҳияҳои номбаргардида ба таври расмӣ ғайриқонунӣ ҳисобид ва дар атрофи Фронти Халқии Тоҷикистон муттаҳид гардида, бо мақсади .боздоштани ҷанги бародаркуш, ба эътидол овардани вазъи сиёсии ҷумҳурӣ ба тарафдории мардуми ҳақиқатпарасти Хатлонзамину Вахшонзамин барои барқарор

намудани ҳукумати воқеии конституционии ҷумҳурӣ, ки то 7-уми майи соли 1992 амал мекард, бархост. Халқи ҷумҳурӣ ва ҷаҳон хуб дарк кард, ки ҳокимияти А. Искандаров на танҳо мардуми Хатлонзамину Вахшонзамин, балки мардуми водии Ҳисору (шаҳри Турсунзода, ноҳияҳои Шаҳринав, Ҳисор, Ленин, Варзоб, Файзобод) Ғозималик (ноҳияҳои Ғозималик, Ҷилликӯл, Ҷубодиёну Шаҳритус), Душанбе, шаҳру вилояти Ленинобод, ўзбекзабону русзабонон ҳам расман эътироф накарда, ғайриқонунӣ ҳисобиданд. Ин гурзи дуюме буд, ки ба сари ҳукумати ғайриқонунии Акбаршоҳ Искандаров зада, решаашро ковоку маҷрӯҳ гардонд ва пайкари бе ин ҳам пасташро то ба зону ба замин фурӯ бурд.

Вазъияти ба миён омада мавқеи фронти мухолифинро дар вилояти Қӯрғонтеппа каму ноаён бошад ҳам, хеле назаррас сусту парешон сохта, дасташро аз осмону пояшро аз замин канд. Бинобар ин, чормағзҳои пуч аз домани мухолифини ифротӣ пош хӯрд. "Ҳукумат"-и лӯхтакӣ зери хатар монд. Дурӯза шодкомӣ ба нокомӣ, роҳат ба хотирпарешонӣ, хушбахтӣ ба бадбахтӣ табдил ёфт. Сарварону курсинишинон, мушовирони дохилию хориҷӣ бесаранҷом гардида, роҳи гурезу халосӣ мекофтанд. Онҳо хуб дарк карданд, ки дар давлатдорӣ ба хатогии ҷиддӣ роҳ дода, сиёсатро бохтаанд, охир офтобро бо доман пӯшонидан имкон надоштааст. Чуноне ки шоир фармуда:

Ҷафопешагонро нагардон бузург,
Ки ҳаргиз "наёяд шубонӣ зи гург".

Сиёсати пешгирифтаи мухолифинро мардуми ҷумҳурӣ ва ҷаҳониён хуб дарк карданд...ва "дӯстонам", ки аз паи задани панҷа ба ҷонам буданд, муассису ташкилкунандаи Фронти Халқии Тоҷикистонро пай бурданд, ки дар ҷустуҷӯи банда чун мурғи бар дарди тухм гирифторгардида ба давуғеҷ афтоданд. Агарчи аз 7-уми маи соли 1992 касе аз онҳо гирди номи банда намегардиду дар қасди ҷонам буданд ва саломи худояшонро аз ман дареғ медоштанд, паёпай хоҳону шитобони "дидорбинӣ"-ву "аҳволпурсӣ"-ям буданд. Онҳо ба комбинати маъдани кӯҳии Анзоб, шаҳраки Сарвода омаданд, ба роҳбарияти кумиҷроияи ноҳияи Айнӣ ва вилояти Ленинобод сим заданду шиносонамро фиристоданд, ки бо ман сӯҳбат намуда, барои бо онҳо вохӯрдан розигиамро бигиранд. Итминон медоданд, ки тайёранд вазифаи дилхоҳамро бидиҳанд, то ки аз кори оғознамудаам даст бишӯяму ишон дар бистари ноз осуда бимонанд.

Ба хушбахтии бузург, онҳо маро пайдо нанамуданд ва касе ба онҳо чизе нагуфтааст. Аслан, ростӣ онҳоро чашми дидан надоштам, чунки "моргазида аз ресмони ало тарсида"-ву шиканҷаҳои гӯшношунид ва чашмнодид "шири хомхӯрда"-ро ба худ оварда, то андозае "одамшинос" гардонид. Касе намедонист ва воқеан ҳам надонист, ки дар куҷоям. Вале ман танҳо набудам. Шахсони ватандӯст, ҷавонмардони баору номус маро эҳтиёт мекарданд. Ҳарчанд вазифае надоштам, ба ман ва дӯстонам бо чашми умед менигаристанд, начоти халқу миллатро ҳақиқатан дар зиндаву бедору беҷирм мондаанам медиданд...

Сипас, А. Соҳибназаров бо супориши А. Искандаров ва қозикалони ҷумҳурӣ ҳоҷӣ Акбар Тӯрачонзода чун мурғони ба дарди тухм гирифторгардида ба чор тараф давида, дар кофтукуву мулоқотам буданд. Рӯзе бо макру ҳилаи зиёде муовини аввали вазири муҳофизати табиати ҷумҳурӣ Абдукарим Қурбоновро, ки бо ман пайванди дӯстӣ дошт ва инро. А. Соҳибназаров медонист, наздам ба шаҳри Турсунзода фиристода, хоҳиш менамояд: "Агар Сафаралӣ Кенҷаев фронтро барҳам диҳад, ба тарафи ҳукумат гузарад, роҳбарияти ҷумҳурӣ омода аст ба ғайр аз Раисии Шӯрои Олӣ дигар кадом вазифае хоҳад, ба он таъин мегардонад".

Суханҳои А. Қурбоновро шунида гуфтам: "Ба он тиҳимагзони кӯрдилу ҷоҳил ва намакзада бигӯед, ки хобашонро рафта ба лаби об гӯянд, то мавҷҳои Ҷайҳуну Сайҳун ва Хингобу Сурхоб умедашонро бар соҳили номуродиҳо бирасонад. Ҳеҷ гоҳ аз роҳи саркардаам нахоҳам бозпас гардид, ба ман ягон мансаб лозим нест. Ҳарчи хостанд, нисбати ману дӯстонам раво диданд. Мансаби ман осудагиву обрӯмандии халқам ва ғалабаи адолату ҳақиқат аст!! Ақидаи ман ормони халқам аст! Ва дастони онҳо то оринч пур аз хун аст, ки бояд ҳатман сессияи навбатии Шӯрои Олиро даъват намуда, ҳамаи онҳо ба истеъфо бираванду дар назди қонун ҷавоб бигӯянд. Чуноне ки ҳазрати Ҳофиз фармудааст:

Он кист, к-аз рӯи карам бар мо вафодорӣ кунад,
Бар ҷои бадкорӣ чу ман як дам накӯкорӣ кунад.

Иншоолоҳ хашму ғазаби халқ ҷорӯбест, ки он зоғҳои бадмурро чун хаспораҳо аз рӯй замин хоҳад руфт...

Таъкид намудам, ки ин суханҳоро ба он нокорон нарезондаю начакконда расонад!

Алқисса, дар давоми ду-се рӯз дар якчанд ҷойҳо ситодҳои Фронти Халқӣ таъсис ёфтанд, қумондону сардорони ситодҳоро

аз ситоди марказӣ раёсати ФХТ таъин мекард, аъзоёни фронт туфангдор мегардиданд, барои худмуҳофизаткунӣ машқҳою тамринҳои пайваста мегузарониданд. Миёни мардуми колхозу совхозҳо, корхонаю ташкилотҳо кори тарғиботӣ мебурданд ва барои аз дасти мардум ҷамъ овардани силоҳ қувваи мӯйсафедон, собиқадорони ҷангу меҳнат, аъзоёни ҳизби коммунист, диндорон ва муносибатҳои шахсиашонро истифода мебурданд.

Барои босамар гузаронидани ин муҳиммот саҳми қумондони ситоди марказӣ, фронти якум Амирқул Азимов, сардори ситод Давлат Муродов, қумондонҳо Ибодулло Бойматов, Тоҳирҷон Сафаров, Саъдулло Мирзоев, Раҳматҷон Холматов, Шаҳоб Кунишев, Муродуллоҳ Сатторов, Абдумалик Солеҳов, Неъматҷон Кушоков, Орифҷон Ҷӯраев, Зокирҷон Наҷмиддинов, Шаҳим Толибов, Бобосубҳон Мирзоев, Бобозамон Мирзоев, Ҳабибулло Насруллоев, Тоҳирҷон Исроилов, Абдуманнон Зокиров, Тағоймурод Холмуродов, Нуралӣ Раҳимов, Абдуваҳҳоб Саидмуродов, Иззатулло Бобокалонов, Ботур Исҳоқов, Шералӣ Файзуллоев, Рауф Салимов, Қутфинисо Мирзоева, Ғайбуллоҷон Орифов, Толибҷон Бобоев, Тағоймурод Шукуров, Хӯҷамурод Хаспаллаев, Хӯҷамурод Каримов, Эгамбердӣ Бобоҷонов, Панҷӣ Холов, Маҳмудҷон Шукуров, Парпӣ Авлиёқулов, Қуқан Қодиров, Дониёр Ҳомидов, Холмаҳмад Хидиров, Ҷаббор Алланазаров, Маҳмадӣ Холов, Худойқул Тошев, Абдусаттор Умаров ва чанде диґарон бисёр рахшону беназир буд.

Сипас, марзи шаҳру ноҳияҳои фронти 1 ва 2 аз тарафи аъзоёни Фронти Халқии Тоҷикистон комилан баста шуд. Ба марзи шаҳри Турсунзода, ноҳияҳои Шаҳринаву Ҳисор, қисми деҳаҳои ноҳияҳои Ленину Варзоб, ба ноҳияҳои Ғозималику Ҷилликӯл, Қубодиёну Шаҳритус дигар касе аз ҳукуматдорон, ситоди "Наҷоти Ватан", Ҳизби демократ, ҳизби наҳзати ислом, Қозиёти мусулмонони ҷумҳурӣ наздик шуда наметавонист. Ин шаҳру ноҳияҳо оҳиста — оҳиста аз итоати навдавлатон баромада, қонуну қарорҳои Ҳукумати "муросои миллӣ"-ро иҷро накарда, комилан зери назорати Фронти Халқии Тоҷикистон мегузаштанд. Яъне як шаҳру ҳафт ноҳия дар асл аз назорати давлати ғайриқонунии А. Искандаров баромада буданд.

Шахсоне, ки аз ин шаҳру ноҳияҳо ба тарафдории оппозиция ба вилояти Қӯрґонтеппа баҳри идомаи ҷанг мерафтанд, кофтуков ва пайдо намуда, бесилоҳ гардонда мешуданд. Аз як шаҳри Турсунзода бо сарварии эшони Ҳоҷӣ Аллома пайваста аз рӯи ҷадвал ҷиҳил нафар мардон ба вилояти Қӯрґонтеппа баҳри ҷанг мерафтанд ва онҳоро дар даҳ рӯз як маротиба иваз менамуданд. Чунин шакли ба ҷанг фиристодани ҷавонони

гумроҳзада дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо пеш аз таъсис ёфтани Фронти Халқӣ амри воқеии мухолифин гардида буд.

Ёдовар бояд гардид, ки муҳимтарин манбаи неруёбии Гурди миллии оппозиция комилан коста гардида, роҳи сомонпазираш баста шуд. Инчунин гурӯҳҳои оппозиционӣ, ки дар ин шаҳру ноҳияҳо сукунат доштанд, бо роҳи гуфтушунид, бархостани халқ ба муқобилашон қисман бесилоҳ гардонида шуданд. Аз ин лиҳоз, онҳо хатари набударо эҳсос намуда, наметавонистанд ҳамсару фарзандони худро танҳо гузошта, барои ҷангидан ба вилояти Қӯрғонтеппа раванд.

Аз ҷониби дигар, агар хоҳанд ҳам наметавонистанд, ки аз марзи сукунатдоштаи хеш баромада ба ёрии ифротиюни мазҳаби "Ваҳҳобия" барои ҷангидан ба вилояти Қӯрғонтеппа раванд, чунки аз шаҳри Турсунзода то ноҳияҳои Бохтару Қӯрғонтеппа зиёда аз 10 дидбонгоҳи фронтҳои 1 ва 2-и ФХТ истеҳком гирифта буданд, аз онҳо танҳо бо рухсатномаи махсуси роҳбарони ФХТ гузаштан муяссар мегардид. Бо чунин роҳҳо заррае бошад ҳам, Фронти Халқӣ дар давуғеҷи он буд, ки мавқеи фронти оппозиция ва қувваҳои ҳукуматро дар вилояти Қӯрғонтеппа заифу нотавон гардонад. Ва ин гурзи сеюми фӯлодину рустамона буд, ки ба сари ҳукумати ғайриқонунии ҷумҳурӣ, сарварони он ва оппозиция (мазҳаби "Ваҳҳобия" ва "демократияи исломӣ") чун таркидани тундар зад, ки мағзу пайвандашро сахт озурда сохта, андешаи кӯрдилона ва авзои фитнаангези бесаранҷомашро ба боди фано барпошид.

Нахустин рӯзе, ки Фронти Халқӣ амалиёти худро дар шаҳри Турсунзода оғоз намуд, раиси кумиҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи шаҳр Салоҳиддин Маҳмудов, имом — хатиби масҷиди мазҳаби "Ваҳҳобия"-и шаҳри Турсунзода эшони Аллома ва боз силсилаи ҳамфикрони онҳо аз нопокии хеш тарсида, чизу чораашонро гирифта, халқро ба ҳоли худ гузошта, роҳи гурезро пеш гирифтанд.

Вале роҳбарияти кумиҷроияи ноҳияҳои Ҳисор бо сарвари Ҷамолиддин Мансуров ва имом — хатиби масҷид Фатҳулло Шарифов, Шаҳринав — Шаҳоб Шарифов, Варзоб — Абдуваҳҳоб Саидмуродов аз рӯзи ибтидо амалиёти Фронти Халқиро ҳамаҷониба дастгирӣ карданд, ба корҳояш кӯмак расониданд, нотарсона изҳор намуданд, ки ҳукумати Акбаршоҳ Искандаров ғайриқонунӣ мебошад, ба он итоат нахоҳанд кард.

Қумондони шаҳри Турсунзода Ибодулло Бойматов бо ҳамроҳии роҳбарияти ситоди марказии фронти № 1 Амирқул Азимов, Давлат Муродов ва дигарон бо роҳбарияти кумиҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи шаҳри Турсунзода, роҳбарони таш-

килоту корхонаҳо вохӯрӣ гузарониданд, мақсаду мароми оппозиция, ҳокимияти лӯхтакмонанди А. Искандаров ва аз ҷониби дигар маромномаи Фронти Халқии Тоҷикистонро ба онҳо фаҳмониданд. Иштирокиюн бо Оинномаи Фронти халқӣ шинос гардиданд, таърихи пайдоиши мазҳаби ваҳҳобия, фундаменталистони ислом, зиддияти ақидавии онҳо ба мазҳаби Имоми Аъзам, гуфтаҳои Қуръони маҷидро дурусту саҳеҳ мардум дарк намуданд.

Сипас, ҳама пиру барно якдилона ҷонибдории хешро ба кору амалиёти Фронти халқӣ изҳор намуданд. Бо мақсади фалаҷ нагардидани кори хоҷагии халқи шаҳр, босамар ҷамъоварӣ намудани маҳсулоти кишоварзӣ, мӯътадилии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, маданиву маишии шаҳр, бо маслиҳати депутатҳои шаҳр, ҷонишини аввали раиси кумиҷроияи шаҳр Убайдулло Раззоқовро иҷрокунандаи вазифаи раиси кумиҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи шаҳри Турсунзода интихоб намуданд. Кумиҷроияи шаҳри Турсунзода расман тарафдории худро нисбати мақсаду мароми Фронти Халқии Тоҷикистон изҳор намуда, "роҳбарият"-и ҷумҳуриро аз чунин иқдоми бебозгашти хеш воқиф гардонид!

Билохира, Фронти Халқӣ аз роҳбарони кумиҷроия, роҳбарони хоҷагӣ, шахсони масъул хоҳиш намуд, ки аз паси кори хоҷагию хоҷагидорӣ гардида, ба мардуми шаҳр мақсаду мароми Фронти халқиро фаҳмонанд. Мардумро ба меҳнати поку самаранок ва риоя намудани интизоми қатъии меҳнатию давлатӣ даъват намоянд, аз мардуме, ки дар даст силоҳ доранд, хоҳиш ва талаби ҷиддӣ намоянд, ки силоҳашонро ба Фронти халқӣ ва ё шӯъбаи корҳои дохилӣ, комиссариати ҳарбии шаҳр супоранд, зеро мубориза бурдани онҳо манфиатбахш набуда, балки бар зарари худи онҳо ва халқи ҷумҳурӣ мебошад, таъмини амнияти шаҳрвандонро Фронт ба заммаи худ мегирад, миёни мардуми водии Қаротегину Дарвоз ва Бадахшон, ки дар шаҳр сукунат доранд, корҳои ташвиқу тарғиботӣ ба роҳ монанд, то ки ба иқдоми Фронти Халқӣ муқобилият нишон надиҳанду ба фронти оппозиция (мазҳаби "ваҳҳобия"), ки дар вилояти Қӯрғонтеппа ҷангида истодааст, кӯмаки моддӣ ва ҷанговар нафиристонанд.

Ба корҳои тарғиботӣ собиқадорони ҷангу меҳнат, ҳизби коммунист, диндорон, муаллимон, аҳли адаб, роҳбарони хоҷагиҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва мардони бохирадро ҷалб намуданд. Рӯзномаву радиои маҳаллӣ нисбати ин масъалаҳо хуб истифода бурда мешуданд. Чунин шакли корбарии Фронти халқии шаҳри Турсунзодаро дар дигар ноҳияҳо ҳам дастгирӣ

намуданд. Ин дар бедории тафаккури мардуми шаҳри Гурсунзода, ноҳияҳои Шаҳринаву Ҳисор, Ғозималику Ҷилликӯл, Қубодиёну Шаҳритус ва қисми ноҳияҳои Ленину Варзоб ростӣ таҳйироти куллӣ ба вуҷуд овард. Рӯз ба рӯз ақидаи мардум дигаргун гардида, аз ҳукумати навдавлатонаи А. Искандаров дилхунук шуда, ғайриқонунӣ будани онро акнун ҳамагон бе тарсу ҳарос ба забон меоварданд.

Алқисса, ҳукумати маҳаллӣ ва мардуми шаҳру ноҳияҳои номбаргардида марзи худро чудо намуда, расман эътироф накардани ҳукумати ғайриқонунии А. Искандаровро шифоҳӣ ва тавассути расонаҳои ахбори умум ба шаҳрвандони ҷумҳуриву оламиён эълон намуданд. Ва оиди ин масъала роҳбарияти ҷумҳуриро хабардор карданд. Дигар ягон мақомоти давлатии шаҳру ноҳияҳои номбаргардида қарору фармонҳои "ҳукумат"-и ҷумҳуриро иҷро намекарданд, ҳама зери роҳбарияти ҳукумати маҳаллии шаҳру ноҳияҳо ва Фронти Халқӣ амал мекарданд. Дигар касе аз роҳбарияти ҷумҳурӣ, мухолифин бе иҷозати ҳукумати маҳаллӣ ва Фронти Халқии Тоҷикистон ҳуқуқи қадам ба марзи водии Ҳисори шодмон ва ноҳияҳои Ғозималику Ҷилликӯл, Қубодиёну Шаҳритус гузоштан надошт.

Ин чорумин гурзи фӯлодини Рустамона буд, ки ба фарқи сари "ҳукуматдорону" роҳбарияти оппозиция мезаду мағзи пучашонро дар ӯғурак андохта, талқону ҷисми наҳифашро маҷрӯҳ месохт. Аз ин ситоди "Наҷоти Ватан", ҳизби наҳзати ислом, Қозиёти ҷумҳурӣ сари калобаи чигили худро чун андешаҳои барҳам дарҳами маризонаи Шодмон Юсуф гум карданд, ки ин зарбаи марговари дурнамоёна ба фронти оппозиция дар вилояти Қӯрғонтеппа буд!!

Роҳбари ситоди марказии фронти № 1 Амирқул Азимов, роҳбари ситоди шаҳри Турсунзода — Ибодулло Боймэтов, ноҳияи Шаҳринав — Абдумалик Салимов бо раиси кумиҷроияи он Шаҳоб Набиевич Шарифов, Ҳисор — Ҳабибулло Н[illegible]риддинов, Файзулло Абдуллоев, Бобосубҳон Мирзоев, Абдуманнон Зокиров бо раиси кумиҷроия Ҷамолиддин Мансуров, ноҳияи Варзоб — Абдуваҳҳоб Саидмуродов, Иззатулло Бобокалонов, ноҳияи Ленин — Азизбек Фаттоевич Шарифов, Фармонқул Давронович Давлатов корҳои назарраси тарғиботиро ба роҳ монданд, бо кормандони шӯъбаҳои корҳои дохилӣ, кумитаҳои амнияти миллӣ, додситонҳои шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор мақсади Фронтро аз рӯи Оинномаи он фаҳмонда доданд, ки мақсади асосии он таъмини амнияти мардуми водӣ, боздоштани ҷанги бародаркуш дар вилояти Қӯрғонтеппа бо роҳи гуфтушунид, даъват намудан ва гузаронидани сессияи шон-

здаҳуми Шӯрои Олӣ, ҳаллу фасл намудани масъалаҳои сиёсӣ буд.

Ҷомеаи коркунони шӯъбаи корҳои дохилии кумиҷроияи ноҳияи Ҳисор бо сарварии Файзулло Абдуллоев, ноҳияи Шаҳринав бо сарварии Абдувоҳид Мирзоев ва кумитаҳои амнияти миллии ноҳияҳо Оинномаи Фронтро дастгирӣ намуда, комилан ба тарафдории Фронти Халқӣ гузаштанд ва бо ҳамроҳии ситодҳои Фронти Халқӣ амалиётҳои якҷоя гузарониданд. Ба вазири корҳои дохилии ҷумҳурӣ М. Навҷувонов, раиси КАМ А. Солибоев барқия фиристода, изҳор намуданд, ки ба Фронти Халқии Тоҷикистон ҳамроҳ гардида, амалиёти якҷоя мегузаронанд, то барқарор гардидани ҳукумати қонунии то 7-уми маи соли 1992 амалкунанда ба ВКД, КАМ ва ҳукумати имрӯза итоат нахоҳанд кард!

Вале сардори шӯъбаи корҳои дохилии кумиҷроияи шаҳри Турсунзода, подполковники хизмати дохилӣ Самиев Оинномаи Фронти Халқиро дастгирӣ накард. Ба тарафи Фронт нагузашт, дурӯягӣ, тарсончакию буздилӣ зоҳир намуд. Худи ҳамон шаб роҳбарияти ситоди фронти № 1 Амирқул Азимов, Давлат Муродов ва ситоди шаҳри Турсунзода Ибодулло Бойматов, Раҳматҷон Холматов кормандони шӯъбаи корҳои дохилии кумиҷроияи шаҳрро ҷамъ оварданд, мақсаду мароми Фронти Халқиро аз наздик ба онҳо фаҳмониданд. Онҳо якдилона Оиннома ва эъломияи Фронти Халқиро ҷонибдорӣ намуда, изҳори ҳамкорӣ карданд.

Сипас, бо овоздиҳии кушод сардори шӯъбаи корҳои дохилии шаҳри Турсунзода Самиевро аз вазифа сабукдӯш намуда, якдилона подполковники хизмати дохилӣ Аҳмадҷон Холматовро, ки пеш вазифаи ҷонишини аввали сардори ШКД-ро ба ӯҳда дошт, сардори шӯъбаи корҳои дохилии шаҳр интихоб намуданд. Ҷамъомад ба унвони вазири корҳои дохилии ҷумҳурӣ Г. Иброншоев бо мазмуни зайл бақрия фиристод: "Ҷомеаи коркунони шӯъбаи корҳои дохилии кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи шаҳри Турсунзода якдилона сардори ШКД Самиевро аз вазифа сабукдӯш намуда, Аҳмадҷон Холматовро сарвари ШКД-и шаҳр интихоб карданд. Кормандони ШКД-и шаҳр пурра ба тарафи Фронти Халқии Тоҷикистон гузаштанд ва то давраи дар ҷумҳурӣ барқарор гардидани Ҳукумати қонунӣ, ки то 7-уми маи соли 1992 амал мекард, аз итоати ВКД-и ҷумҳурӣ мебароем".

Ин ҳама ҷасорату бузургӣ ва нотарсии кормандони ШКД-и шаҳри Турсунзода ва ноҳияҳои Шаҳринаву Ҳисор нишон медиҳад, ки барои ақидаи халқи худ, якпорчагии ҷумҳурӣ,

таъмини амнияти мардум шуда, аз ҳама чиз, муҳимтараш, аз ҷони худ гузар карда, фарзандону хешу ақрабояшонро зери хавфу хатар моданд. Алалхусус, ҷасурию нотарсии Аҳмадҷон Холматов, Файзулло Абдуллоев ва Абдувоҳид Мирзоевро ба хотир бояд овард, ки онҳо дар он вазъияти муташанниҷи ҷумҳурӣ ба муқобили сохти ҳамонвақтаи давлатӣ баромада, бо яроқу аслиҳа ба тарафи ФХТ гузаштанд.

Охир, онҳо кормандони ҳарбӣ буданд, рутба доштанд, танҳо барои начоти миллат шуда, бар хилофи савганди худ амал намуданд. Онҳо хуб медонистанд, агар мухолифин сари қудрат ояд, ҳар яки онҳоро бо авлоду аҷдодонашон сар аз тан ҷудо месозад...

Аз тобеияти ВКД-и ҷумҳурӣ баромадани кормандони се шӯъбаи корҳои дохилӣ ва Кумитаи Амнияти миллии шаҳру ноҳияҳо, ки дорои зиёда аз 500 нафар афроди обутобёфтаи хизматӣ, дорои садҳо яроқу аслиҳа буд, қувваю ғайрати ФХТ-ро дучанд сохт. Ин гурзи панҷуми фӯлодини рустамона ба каллаи гиҷу гарангшудаи кадушоҳони ҳукумати ғайрқонунии "муросои миллӣ" ва Раёсати Шӯрои Олӣ бо сарварии А. Искандаров зад, ки магзу пайвандашро талқон сохта, пойдор будани сохти давлати лӯхтакии ишонро зери хатари марговар гузошт, ки ин таъсири пурҷилои худро ба камаршикании фронти оппозиция дар вилояти Қӯрғонтеппа амиқан сабт намуд.

Инчунин ситоди ФХТ ба сардорони шӯъбаҳои корҳои дохилии кумиҷроияҳои шаҳрҳои Норак, Рогун, Душанбе, ноҳияҳои Ленин, Варзоб, Кофарниҳон, Файзобод, Марказӣ, Роҳи Оҳан, Фрунзе, Октябр ва рӯзномаҳои "Паёми Душанбе", "Садои мардум" бо чунин мазмун барқия фиристод, ки яке аз онҳоро ба таваҷҷӯҳи хонандагони гиромӣ пешкаш мегардонем:

БА САРДОРИ ШӮБАИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ НОҲИЯИ ЛЕНИН

Рафиқ_____

Мӯҳтарам_____

Фронти Халқии Тоҷикистон бо мақсади боздоштани ҷанги бародаркуш, бесилоҳ намудани мардуми силоҳбадаст ва бо роҳи гуфтушунид ҳал намудани ҳамаи масъалаҳои сиёсии ба миён омада чораҳои зиёде андешида истодааст.

Ба Шумо маълум аст, ки бо гуноҳи якчанд мансабталошу чиноякор ва фундаменталистони ваҳҳобӣ ҷанги бародаркуш ба вуқӯъ пайваст ва ин ҷанг ним сол боз идома дорад. Дар натиҷа даҳҳо ҳазор мардуми бегуноҳ, занону кӯдакон, пирамардон

кушта шуданд, садҳо ҳазор бе хонаю ҷой монда, гуреза аз Ватани худ шуданд, молу мулкашонро ғоратгарон ғорат карданд, вилояти Қӯрғонтеппа ба хок яксон гардид, акнун ин вилоятро вилояти мурдаҳо меноманд. Ҳамаи инро фундаменталисту ваҳҳобиён бо ёрии дастаи махсуси Вазорати корҳои дохилии ҷумҳурӣ таҳти сарварии М. Навҷувонов ва Г. Иброншоев карда истодаанд. Кормандони Вазорати корҳои дохилӣ аз ҳисоби халқ маош гирифтанду бо силоҳу аслиҳа ва техникаи ҳарбие, ки зиёда аз 40 БТР, БМП ва танк ташкил медод ва бо пули халқ харида шуда буд, ба ихтиёри фундаменталистону ваҳҳобиён гузарониданд. Дар натиҷа онҳо бо тиру туфанг ва техникаҳои ҳарбӣ хуни садҳо бегуноҳонро рехта истодаанд.

Ҳамаи ин беадолатию бедодгариро мардуми ҷумҳурии мо бо чашмони худ дид ва мақсади ваҳҳобиёнро хуб дарк кард, ки ин кушта нест кардани тамоми мардуми ҷумҳурӣ будааасту сохтани давлати фундаменталистони исломӣ (ваҳҳобиён). Мусулмонони асил хуб медонанд, ки дини мубини ислом чӣ гуна талабҳо дорад нисбати мӯъмину мусулмонон. Вале мақсади асосии ваҳҳобиён ин задани теша ба решаи дини ислом, ба Қуръони шариф аст.

Бинобар ин, имрӯзҳо тамоми мардуми ҷумҳурӣ — тоҷикону ӯзбекон, қирғизону туркманҳо, арабҳову русзабонҳо ба муқобили фундаменталистони исломии мазҳаби ваҳҳобия бархестанд. Вилоятҳои Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Ленинобод, шаҳрҳои Нораку Турсунзода, ноҳияҳои Ҳисору Шаҳринав, Варзобу Ёвон аз ваҳҳобиён тоза карда шуда истодаанд. Имрӯзҳо дар ноҳияи Кофарниҳон, шаҳру ноҳияҳои вилояти Қӯрғонтеппа ҷанг рафта истодааст. Қувваҳои Фронти Халқӣ аз ноҳияҳои Ғозималику Ҷилликӯл,вилояти Қӯрғонтеппа, ноҳияҳои Ҳисору Турсунзода, Шаҳринав ва вилояти Ленинободу шаҳри Душанбе дар се тарафи шаҳри Душанбе ҷамъ омада истодааанду аз ҳукумати ғайриқонунии А. Искандаров қотеъона талаб карда истодаанд, ки бо мақсади вайрон накардани пойтахти Тоҷикистон — шаҳри Душанбе, нарехтани хуни инсон яроқҳои худро супорида, аз Душанбе бе хунрезӣ бароянд, вагарна ба хок яксон хоҳанд шуд.

Кормандони шӯъбаҳои корҳои дохилии шаҳри Турсунзода, ноҳияҳои Шаҳринав, Ҳисор, вилояти Кӯлобу якчанд ноҳияҳои вилояти Қӯрғонтеппа ҳақиқати ҳолро фаҳмида, пурра ба тарафи Фронти Халқии Тоҷикистон гузаштанд ва якҷоя бо Фронти Халқӣ барои бесилоҳ кардани мардуми силоҳбадаст, таъмин намудани бехатарии мардуми шаҳру ноҳияи худ аксуламалиётҳои зиёде гузаронида истодаанд. Бинобар ин, аз Шумо илтиҷо

дорем, ки ин талаби Фронти Халқии Тоҷикистонро дар ҳузури кормандони шӯъбаи корҳои дохилӣ баррасӣ намуда, ба хотири боздоштани ҷанги бародаркуш, нарехтани хуни инсон, табдил нагардидани ноҳияи Шумо ба майдони ҷанг, аз рӯи ақли солим амал карда, аз давлати ғайриқонунии фундаменталистон даст кашида, ба тарафи халқ — бародарони худ — Фронти Халқии Тоҷикистон гузаред!

Натарсед, ҳокимияти фундаменталистони мазҳаби ваҳҳобия нафасҳои вопасин кашида истодаанд ва онҳо дигар қувваю қудрати аз сари мансаб дур кардани Шумоёнро надоранд.

Мо интизори хабари Шумо ҳастем. Аз натиҷааш ба шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Ҳисор ё шаҳри Турсунзода барқия фиристед.

(Бақрия дар маҷлиси ситоди ФХТ тасдиқ карда шудааст).

Амалиётҳои пайдарҳами Фронти Халқии Тоҷикистон дар водии Ҳисори Шодмону (Турсунзода, Шаҳринав, Ҳисор, Варзоб, Ленин, Душанбе) Ғозималик (Ҷилликӯл, Қубодиён ва Шаҳритус) пайваста нерӯманду нишонрас мегардид ва аз ҷониби мардуми бедордилу соҳибтадбири ҷумҳурӣ ҳаматарафа дастгирӣ меёфт, ки даҳҳо барқияю мактубҳо ба унвони он ворид мегардид. Ҳатто аз дигар ҷумҳуриҳо низ ба унвони ФХТ вагон-вагон хӯрокаю пӯшокӣ ва дигар лавозимоти ҳарбиву муҳофизатӣ ворид мешуд. Дар ҳама шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисору Ғозималик теъдоди ҷавонмардоне, ки майлу хоҳиши ба Фронти Халқӣ аъзо шуданро доштанд, рӯз то рӯз меафзуд. Биноан, ба аъзогии Фронти халқӣ танҳо ҷавонмардони ҷасуру кордида ва аксаран дар муҳорибаҳои Афғонистону Қаробоғи Кӯҳи ширкатварзидаро мепазируфтанд.

Ёдовар бояд гардид, ки ФХТ оиди бисёр масъалаҳо ба сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти ғайриқонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки лӯхтакҳукуматеро мухолифин бабор оварда буд, ҳамақида набуд, аз ин рӯ, бар алайҳи амалиётҳои ҳамарӯзаи он иқдом менамуд. Вазъияте, ки он шабу рӯз дар шаҳри Душанбе ҳукмфармо буд, ҳеҷ гоҳ имконият намедод, ки Ҳукумати "муросои миллӣ" ва роҳбарияти ҷумҳурӣ дар навбати аввал Вазорати адлияи ҷумҳурӣ Оинномаи ФХТ-ро сабти ном гардонад, то ки ин созмони мардона битавонад фаъолияти хешро ҳамаҷониба ба роҳ андозад. Бинобар ин, бо талаби Раёсати ФХТ 16-уми октябри соли 1992 кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи шаҳри Турсунзода зимни қарори хеш № 368 Фронти Халқии Тоҷикистонро, ки пештар дар Искандаркӯли ноҳияи Айнӣ таъсис ёфта буду аксари аъоёни он зодагони тамоми ҷумҳурӣ буданд, номнавис намуда,

РАСМИ ЯК ҚИСМ ҚУМОНДОНҲО ВА АЪЗОЁНИ ФРОНТИ ХАЛҚИИ ТОҶИКИСТОН

Ҳабибулло НАСРУЛЛОЕВ, соли таваллудаш 1945, зодаи деҳаи Алибеки ноҳияи Ҳисор, миллаташ тоҷик, маълумоташ олӣ, Қумондони ФХТ дар ноҳияи Ҳисор.

Бобосубҳон МИРЗОЕВ, зодаи ноҳияи Ҳисор, миллаташ тоҷик, қумондони ФХТ.

Абдуманнон **ЗОКИРОВ**, зодаи ноҳияи Ҳисор, миллаташ тоҷик, қумондони ФХТ.

Тоҳир ИСРОИЛОВ, зодаи шаҳри Конибодоми вилояти Ленинобод, миллаташ тоҷик, қумондони ФХТ.

Маъруф ЭГАМОВ, зодаи ноҳияи Ҳисор, миллаташ тоҷик, қумондони ФХТ.

Маҳмадашӯр ҲОҶИЕВ, зодаи ноҳияи Ҳисор, миллаташ тоҷик, қумондони ФХТ.

Файзалӣ САИДОВ, зодаи ноҳияи Бохтари вилояти Қурғонтеппа, миллаташ тоҷик, маълумоташ миёна. Оиланок, ду фарзанд дорад. Кумондони Горди миллии Қурғонтеппа.

Эгамбердӣ **БОБОЧОНОВ**, соли таваллудаш 10-уми маи соли 1992, зодаи деҳи Даҳанакиик, ноҳияи Ғозималик, вилояти Қӯрғонтеппа, миллаташ ӯзбек, аъзои Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон, роҳбари хоҷагии ба номи Ҷаббор Расулов, дорандаи орденҳои Ленин, Революцияи Социалистии Октябр, чор ордени Байроқи Сурхи меҳнат, се Грамотаи Фахрии Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қумондони Фронти Халқии Тоҷикистон дар ноҳияи Ғозималик.

Баҳри таъмини амнияти сокинони ноҳияи Ғозималик ва барқарор намудани ҳукумати конституционӣ дар ҷумҳурӣ борҳо ба муқобили мухолифин истодагарӣ намуд.

Се маротиба захмин гардид. Қувваю иродаи фулодини ӯ душманро рӯ ба ғурез овард. Афсус ки дар давраи мӯътадилӣ, солгарди амалиёти ҳокимияти навтаъсиси ҷумҳурӣ — 17-уми декабри соли 1993 душман қаҳрамон, фарзанди баномуси халқ Эгамбердӣ Бобочонови 65-соларо дар бинои № 8 беморхонаи Қароболои шаҳри Душанбе яккаву танҳо дарёфт ва бо истифодаи норинҷи тарканда ӯро ба қатл расонд.

Фахриддин СОЛИҲОВ, соли таваллудаш 30. 08. 1971, зодаи шаҳраки Октябри ноҳияи Шаҳринав, миллаташ ўзбек, маълумоташ миёна, аъзои ФХТ. Баҳри таъмини амнияти мардум ҷасурона муборизи бурд. Дар баталиони махсуси шўъбаи корҳои дохилии ноҳияи Шаҳринав кор карда истодааст.

Шаҳобиддин **КУНИШЕВ**, соли таваллудаш 1942, дар шаҳри Турсунзода ба дунёё омадааст, маллаташ ўзбек, маълумоташ олӣ, соҳиби фарзанд, ҳабера, аъзои ситоди ФХТ. Аз рӯзи таъсис ёфтани ФХТ то барқарор гардидани ҳукумати қонунӣ ба муқобили мухолифин мубориза бурда, амнияти мардуми бе силоҳро таъмин намуд. 10. 02. 1993 с. ҷонишини раиси комиҷроиёи шӯрои депутатҳои халқии шаҳри Турсунзода интихоб гардид.

Зокирчон НАҶМУДДИНОВ, соли таваллудаш 1962, зодаи шаҳраки Октябри ноҳияи Шаҳринав, миллаташ ўзбек, маълумоташ миёна, оиладор ва соҳиби се фарзанд, қумандони фронти — 1 ФХТ дар шаҳраки Четтура.

Орифҷон ҶЎРАЕВ, соли таваллудаш 1960, зодаи Шаҳринав, миллаташ тоҷик, маълумоташ олӣ, соҳиби оила ва се фарзанд. Мудири шўъбаи ташкилии комиҷроияи ноҳияи Шаҳринав, сардори ситоди ноҳияи Шаҳринав, фронти — 1 ФХТ.

Неъматҷон ҚУШОҚОВ, соли таваллудаш 1960, зодаи деҳаи Миксаҳи хоҷагии ба номи Ленин, ноҳияи Шаҳринав, милла-таш ўзбек, маълумоташ миёна, соҳиби оила ва се фарзанд, ҷонишини раиси раёсати хоҷагии ба номи Ленин, ҷонишини қумондони ноҳияи Шаҳринав, фронти-1 ФХТ.

Шамил ТОЛИБОВ, соли таваллудаш 1962, зодаи ноҳияи Шаҳринав, миллаташ тотор, маълумоташ олӣ, соҳиби оила ва як фарзанд, ҷои кораш мактаби миёнаи № 4 ноҳия, қумондони шаҳраки Шаҳринав, фронти — 1 ФХТ.

Мустафоқул РУСТАМОВ, соли таваллудаш 1958, мавлудгоҳаш деҳаи Чортоқи ноҳияи Турсунзода, миллаташ тоҷик, маълумоташ олӣ, оиланок дорои 2-фарзанд, ҷои кораш шӯъбаи корҳои дохилии комичроияи шаҳри Турсунзода — сардори шӯъбаи мубориза бар зидди ҷиноятҳои иқтисодӣ, капитани милиция, аъзои ФХТ. 8 ноябри соли 1992 дар шаҳри Турсунзода аз тири мухолифин захмин гардид.

Аҳмадҷон ХОЛМАТОВ, соли таваллудаш 1946, мавлудгоҳаш шаҳри Турсунзода, миллаташ ӯзбек, маълумоташ олӣ, сардори шӯъбаи корҳои дохилии комичроияи шаҳри Турсунзода, подполковники милиция, аъзои ФХТ.

Дониёр ҲОМИДОВ, соли таваллудаш 1961, зодаи ноҳияи Ҳисор, миллаташ тоҷик, маълумоташ миёна, оиланок, соҳиби се фарзанд, коргари хоҷагии ба номи А. Қаландарови ноҳияи Ҷилликӯл, Қумондони Фронти 1 ФХТ дар ноҳияи Ҷилликӯл.

Қӯқан ҚОДИРОВ, соли таваллудаш 1964, зодаи Шӯрои қишлоқи Узуни ноҳияи Колхозобод, миллаташ тоҷик, маълумоташ миёна, оиланок, соҳиби як фарзанд, коргари хоҷагии ба номи А. Қаландарови ноҳияи Ҷилликӯл, аъзои ФХТ, қумондони Фронти 1 ФХТ дар ноҳияи Ҷилликӯл.

Холбой Гулмирзоевич ЭШМАТОВ, соли таваллудаш 1956 зодаи хоҷагии К. Маркс, ноҳияи Ҳисор, миллаташ ӯзбек, маълумоташ олӣ, оиланок, соҳиби 5 фарзанд, қумондони ФХТ.

Икром Ҳасанович ЮСУПОВ, соли таваллудаш 1959, зодаи шаҳри Чкаловски вилояти Ленинобод, миллаташ тоҷик, маълумоташ миёна, оиланок, соҳиби як фарзанд, аъзои ФХТ.

Абдусаттор Каримович УМАРОВ, соли таваллудаш 1955, лодаи ноҳияи Шаҳритус (аҷдодан аз ноҳияи Айнӣ), миллаташ тоҷик, маълумоташ олӣ, соҳиби се фарзанд. Кумондони ФХТ.

Худойқул Кенчаевич ТОШЕВ, соли таваллудаш 1956, зодаи ноҳияи Шаҳритус (аҷдодан аз шаҳри Уротеппа), миллаташ тоҷик, маълумоташ миёна, оиланок, соҳиби 5 фарзанд. Қумондони ФХТ дар ноҳияи Шаҳритус. Аз тарафи мухолифин се бародараш (Любчон, Отақул ва Абдусаттор) ба қатл расонда шудаанд.

Оинномаашро ба қайд гирифт. Ҳоло ба таваҷҷӯҳи хонандаи гиромӣ матни онро чун ҳуҷҷати таърихӣ пешкаш менамоям:

Шӯрои депутатҳои халқи шаҳри Турсунзода
қумитаи иҷроия

ҚАРОР

16.X.1992 с. № 368

"Дар бораи шинохтани Фронти Халқии Тоҷикистон ва ба қайд гирифтани Оинномаи он".

Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи шаҳри Турсунзода Оинномаи Фронти Халқии Тоҷикистон (ФХТ) ва қарори кумитаи ташкилии онро баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки гурӯҳи мансабталошон, фундаменталистони исломӣ, демократҳои дайдую зери ниқоби демократия пинҳонбуда 7-уми маи соли 1992 бо қувваи силоҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон табаддулоти давлатӣ содир намуда, ба сари қудрат омада, ҷанги гражданиро оғоз гардониданд.

Муддати чанд моҳ аст, ки фундаменталистони исломӣ бо ҳамдастии баъзе аз роҳбарони структураи давлатӣ, ВКД-и ҷумҳурӣ хуни ҳазорҳо мардуми бегуноҳро рехта истодаанд. Фронти Халқии Тоҷикистон гирди худ қувваҳои солими ватанпарвар, халқу миллати дорои ақидаи солимро муттаҳид сохта, мақсад гузоштааст:

— бозгоштани ҷанги бародаркуш;

— ҳимояи ҳуқуқу манифиатҳои халқу миллати ҷумҳурӣ;

— бо роҳи демократӣ ҳаллу фасл намудани масъалаҳои сиёсии ба миён омада, даъват намудани сессияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ягон шаҳри вилояти Ленинобод ё Ҷумҳурии бародарии Ӯзбекистон

Бо назардошти он, ки имрӯз Ҳукумати "муросои миллӣ", Раёсати Шӯрои Олии ҷумҳурӣ бозичаи дасти фундаменталистони (экстремистони) исломӣ гардидааанду ба муқобили халқи худ силоҳ бардошта, ҳуқуқу манфиатҳои онҳоро поймол намуда, ба куштори мардуми бенаво даст зада истодаанд, бинобар ин, баҳри таъмини амнияти халқи ҷумҳурӣ, ҳуқуқу манфиатҳои онҳо, якпорчагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бозгоштани ҷанги бародаркуш кумиҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи шаҳри Турсунзода

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Фронти Халқии Тоҷикистон, артиши низомии силоҳбадастони онро расман шинохта, Оинномаи онро ҳамчун ҳаракати оммавии мардумӣ бо номи "Фронти халқии

Тоҷикистон", ки баҳри ҳимояи Конституцияи ҷумҳурӣ, боздоштани ҷанги бародаркуш, таъмини амнияти мардуми ҷумҳурӣ аз силоҳбадастони мухолифин таъсис ёфтааст, ба қайд гирифта шавад.

2. Кумиҷроияҳои Шӯрои депутатҳои халқи деҳаҳо, ҳамаи корхонаю ташкилотҳо, муассисаҳо, хоҷагиҳои давлатию ҷамъиятӣ, вазифадоранд, ки ҳамаҷониба "Фронти халқии Тоҷикистон"-ро дастгирӣ намоянд.

Иҷрокунандаи вазифаи раиси
кумиҷроияи Шӯрои депутатҳои
халқи шаҳри Турсунзода У. РАЗЗОҚОВ.

Илова бар ин, ФХТ чун идораи юридикӣ дар шаҳри Турсунзода ҳисоби бонкӣ, шаҳодатнома, ситодҳо ва мӯҳри худро дошт.

Миёни мардуми Душанбешаҳру ҷумҳурӣ бадгӯёну ҳодисаҷӯён овозаҳо паҳн мегардониданд, ки гӯё имрӯз ё пагоҳ Фронти Халқии Тоҷикистон аз водии Ҳисори Шодмон ба пойтахти ҷумҳурӣ ҳуҷум меоварда бошад. Гӯё он вазъияти Душанбешаҳр — ноҳияҳои Ленин, Варзоб, Кофарниҳон, водии Қаротегину Дарвоз, Бадахшону Вахшонзаминро боз ҳам муташанничу ноорам мегардонида бошад. Воқеан, чунин миш-миш навдавлатони бе ин ҳам тарсидаву хавотирикашидаро безобита менамуд. Гузашта аз он, албатта, пайдо шудани чунин ҷувва ба пӯстини горди "миллӣ"-и оппозиция ва Ҳукумати "муросои миллӣ" кайк андохта, риштаҳои асаби ишонро то ҳадди гусастан тоб медод. Вале амиқан назар афканем, ҳамаи ин заррае ҳақиқати воқеӣ надошт. Зеро мардуми водии Ҳисори Шодмон (Турсунзода, Шаҳринав, Ҳисор) дар ягон давру замон хуношому мансабталаб набуданд ва ҳеч гоҳ ба муқобили бародарони ҳамхуну ҳаммазҳаби хеш барои ҷою курсии мансаб шуда, мушт набардоштаанд ва нахоҳанд бардошт. Аммо ҳақиқати собитгардида он аст, ки нисбати беадолатию бедодгарӣ, нисбати мардумозориву кинхоҳӣ аз ҷониби кадом ҷуввае, ҷамъияте, ки содир нагардида бошад, ин мардум ҳамеша тайёранд, ки баҳри таъмини амнияти халқу миллати ҷумҳурӣ ҷавонмардона ба ҳифзи он бархезанд, то ин ки сари баланду нангу номуси аҷдодони хешро пеши касе паст нанамоянд. Бад-ин маром, Фронти Халқӣ анборҳои яроқу аслиҳаи Вазорати Корҳои Дохилӣ, Мудофаи граждании ҷумҳуриро, ки дар ҳудуди водии Ҳисор (шаҳри Турсунзода, ноҳияҳои Шаҳринав ва Ҳисори Шодмон) воқеъ гардидаанд, зери назорати хеш қарор дода, нагузошт, ки роҳбарияти навдавлатони ҷумҳурӣ, ургонҳои махсуси таъмини горди миллии мухолифин

ва кормандони ВКД-е, ки ба ҷонибдории ишон камари номуборак баста буданд, аз он ҷо силоҳу лавозимоти ҷангӣ бигиранд. Ин иқдоми Фронти Халқӣ бори дигар мавқеи лӯхтакҳукуматеро, ки Акбаршоҳ Искандаров дар он рӯзҳо сарварияш менамуд, заифу нотавон ва забуну бечора сохт. Ин кӯшиш гурзи шашумини камаршикани рустамонае буд, ки дасту пои сарбозони оппозицияро дар якҷоягӣ бо сарваронашон сахт мачрӯҳ сохта, ҷиддияти вазъиятро ба чашми ишон нишон дод ва боқӣ мондани рӯзҳои башумори султонии онҳоро дар рӯ ба рӯяшон ошкоро эълон кард. Сарварони бесари ҷумҳурӣ дар он шабу рӯз худро ба чор тараф зада, девонавор паи ҳам мачлису машваратҳо гузаронда, барои ворастан аз чунин гирдобе, ки ишонро ба вартаи номуродиҳо фурӯ бурда истода буд, дасту по мезаданду талвосаи ҷонканиро хешро ба чашми сар медиданд.

Дар яке аз машваратҳои худ ишон ба чунин қарор омаданд: вақтро ғанимат дониста, ба кадом нарху навое набошад, ҳарчӣ зудтар ҳамаи ҷонибдоронашонро ба мусаллаҳшавии саросар сафарбар намоянд, аз ҳамин сабаб буд, ки саросемавор дар ҷустуҷӯи роҳҳои ба даст даровардани силоҳу лавозимоти ҷангӣ, танку мошинҳои зиреҳпӯш гардиданд. Онҳо тайёр буданд ба ивази яроқу аслиҳа ва техникаи вазнини ҷангӣ ҳар маҳсулоте, ки дар ҷумҳурӣ мавҷуд бошад, бидиҳанд, зеро рӯз аз рӯз таъминоти яроқу аслиҳа дар хатти Фронти мухолифин заифу ночиз ва забуну бечора мегардид.

Собиқ сарвари ғайриқонунии ҷумҳурӣ Акбаршоҳ Искандаров бо ҳамфикрону ҳаммаслаконаш ҷонкоҳона дар давутози он буданд, ки чӣ гуна ва бо кадом роҳ, ҳарчӣ тезтар роҳи ҳаллу фасли масъалаи мубрами ба миён омадаро биёбанду чароғравшанкунии салтанатдориашонро,ки нафасҳои охирини хешро мекашид, лаҳзае ҳам бошад, қувват бахшанд.

Давлатҳои ҳамсоя, ки ҳақиқати ҳолро хеле хуб дарк намуда буданд, нисбати ин масъала хоҳиши бо ин лӯхтаксарвар сӯҳбату ҳарф гуфтанро надоштанд.Боре дар Раёсати Шӯрои Олӣ бо таклифи яке аз аъзоёни Раёсат ба хулоса омаданд, зиёда аз 400 кило тиллои дар Бонки миллӣ мавудбударо, ки Раҳмон Набиев барои хариди ғалла захира карда буд, ба давлатҳои хорича ё собиқ СССР дода, бар ивазаш яроқу аслиҳа харида, тавассути ҳавопаймо ба фурудгоҳи Душанбе интиқол бидиҳанд.

Воқеан, он замон танҳо фурудгоҳи Душанбешаҳр зери назорати навдавлатдорони мухолифин буд. Роҳҳои автомобилгарду оҳан ва фурудгоҳҳои Кӯлобу Хуҷанд, Қӯрғонтеппаву Ҳисор аз назорати давлати Акбаршоҳи Искандар фарсаҳҳо дар канор монда буданд.

Ба ситоди ФХТ хабаре расид, ки гӯё ҳукуматдорон роҳи ҳалли масъаларо ёфтаанд ва дар рӯзҳои наздик мебоист соҳиби яроқу аслиҳа ва техникаи вазнини ҷангӣ (мошини зиреҳпӯш, танку БМП) гарданд. Гӯё онҳо риштаҳои "корӣ"-и ҷонишини аввали КАМ-и ҷумҳурӣ Ҷӯрабек Аминовро истифода бурда, ба яке аз шаҳрҳои Федерацияи Русия оиди фурӯши нахи пахта шартнома баста, ба ивазаш гирифтани яроқу аслиҳа (8 дона танку БТР, 5 000 автомат ва ғайра)-ро дар назар доштанд. Инчунин ба ситоди ФХТ аз сарчашмаҳои дақиқу боварибахш ахборот расид, ки роҳбарият бо ноиби раиси Ҷумҳури Қирғизистон масъаларо доири харидани 20 БТР пазондаанд. Мебоист, онҳо тавассути роҳи вилояти Ленинободу ағбаҳои Шаҳристону Анзоб аз Ҷумҳурии Қирғизистон вориди Душанбешаҳр мегардиданд. Барои ҳарчӣ тезтар ба даст даровардани аслиҳа Ҷӯрабек Аминов ва чанд тани дигар ба шаҳри Маскав ва Қирғизистон парвоз менамоянд. Хотиррасон бояд намуд, ки полковники КАМ Ҷӯрабек Аминов солҳои дароз вазифаҳои масъулро дар КГБ-и собиқ Иттифоқ ба ӯҳда дошт. Ҳангоми аз миён рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ дар Федерацияи Русия вазифаи ҷонишини умури зидди ҷиноятҳои муташаккилонаро бар дӯш дошт. Банда ҳам эшонро хуб медонистам. Борҳо бо ӯ вохӯрда, нисбаташ ҳуҷҷатҳои расмии зиёдро мутолиа намуда, тасаввуроти амиқеро дар худ доштам.

Маҳорати кордонӣ ва алоқаҳои Ҷӯрабек Аминовро бо шахсони алоҳидаи Федерацияи Русия ва хорича низ наҳз медонистам. Бинобар ин, ба хулоса омадам: ӯ аз ӯҳдаи ҳаллу фасли масъалае, ки ба наздаш гузошта шудааст, бо маҳорати тамом баромада метавонад. Аз ин рӯ, дар ситоди ФХТ ин масъалаи муҳим баррасӣ гардид ва ситод чунин қарор қабул кард:

— Роҳи оҳани Москва—Душанбе дар истгоҳҳои Пахтаобод, Регар, Чиптӯра, Хонақо ва Айнӣ;

— роҳҳои нақлиётгарди Сариосиё—Турсунзода, дигар роҳҳои сарҳадии байни Тоҷикистону Ӯзбекистон, ки аз ноҳияҳои Шаҳринаву Ҳисор мегузаранд;

— Нуқтаҳои гуногуни вилояти Ленинобод, ҳамчунин он роҳҳое, ки ба Қирғизистон мебаранд, зери назорат гирифта, ба амалӣ гардидани мақсади нопоки мухолифони дохилӣ набояд имкон дод. Баҳри иҷрои қарори ФХТ нисбати роҳи оҳани берун аз марзи ҷумҳурӣ алоқаҳои пештараи худро истифода бурда, бо дӯстонам гуфтугузор карда, зориву тавалло намудам. Хушбахтона, онҳо сухани маро ба замин намонданд. Зеро солҳои дароз вазифаи муовини додситони нақлиёти Осиёи Миёнаро ба ӯҳда доштам.

Нисбати роҳи нақлиётгарди Хуҷанд—Душанбе бо дӯстону ҳамфикронам, ки дар вазифаҳои масъули додситонию умури дохила адои вазифа мекарданд, (додситони шаҳри Хуҷанд Искандар Тӯрахоҷаев, сардори шӯъбаи корҳои дохилии ҳамин шаҳр Темурҷон Раҳимбоев) супориш додам, ки роҳҳои Хуҷанд—Душанберо зери назорат гирифта, бо роҳбарияти ноҳияи Айнӣ алоқа банданд ва дидбонгоҳи ағбаи Анзобро ба ӯҳда гиранд ва бо ситод алоқаи ҳамешагӣ барқарор намоянд.

Дар роҳи оҳан ва нақлиётгарди Турсунзода—Ҳисор ташкили кор ба зиммаи Ибодулло Бойматов ва Абдумалик Солеҳов гузошта шуд.

Албатта, чунин амалиёти ФХТ ба гӯши роҳбарияти ҷумҳурӣ расид ва авзояшонро бесаранҷому ноором сохт. Мавқеяшон ҳамаҷониба маҳдуд гардиду ваколати давлатдориашон чун пуф-факҳои дамшудаи кӯдакон маъзал ба сӯзан задану кафидан буд. Нисбати чунин қарори ФХТ Акбаршоҳ Искандаров бо ман гуфтугӯи телефонӣ ҳам дошт. Вале ҷавоби қотеъона низ шунид. Аз ҷумла, ба ӯ фаҳмондем, ки ба куштану террори мардуми бегуноҳи ҷумҳурӣ хотима дода, сессияи шонздаҳуми Шӯрои Олиро дар шаҳри Хуҷанд даъват намуда, масъалаи истеъфои ҳукумати "муросои миллӣ" ва Раёсати Шӯрои Олиро бо сарварии худаш ба муҳокимаи депутатҳо гузорад, он гоҳ ФХТ амалиёти ҷангии худро бозмедорад. Ҳукуматдорон боз ба мо дӯғу пӯписа намуда, таъкид намуданд, ки ФХТ-ро ба хоки сияҳ яксон, роҳбаронашро миёни мардум шармсор сохта, ба қатл мерасонанд.

Иқрор бояд шуд, онҳо дар ин роҳи носавобашон қувваи зиёде ба харҷ доданд, вале чун худову халқ бо мо буд, тири нохалафону адувон ва ҳаммаслакони ишон пайваста хок мехӯрду ба пои мо, шукри худо, хоре намехалид.

Аз ин рӯ, барои ишон танҳо як роҳи овардани лавозимоти ҷангӣ вуҷуд дошт, ки он ҳам роҳи ҳавоӣ буд. Аз рӯи ахбори ба ситодамон расида, кормандони КАМ-и Тоҷикистон аз Қирғизистон тавассути тайёраҳо буду шудаш аз 150 зиёдтар автоматро оварда тавонистанду бас. Дигар силоҳу лавозимоти ҷангиро вориди Душанбешаҳр гардонда натавонистанд. Биноан, баҳри боз ҳам суст намудану заиф гардондани қудрати навдавлатдорон оиди ин масъала ФХТ қарори дигар қабул намуд:

— Дар истгоҳҳои Пахтаобод, Регар, Чиптӯра, Хонақо ва Айнии роҳи оҳан ва роҳҳои нақлиётгарди водии Ҳисору шаҳри Душанбе назоратро пурзӯр сохта, нагузоранд, ки маводи

хўрокаву пўшокӣ ва маҳсулоти нафтӣ ба пойтахти ҷумҳурӣ ворид гардад. Оиди ин масъала ба унвони роҳбарони ҷумҳурӣ бо мазмуни зайл нома фиристода шуд:

БА РАИСИ ШӮРОИ ОЛИИ ТОҶИКИСТОН
А. ИСКАНДАРОВ БА САРВАЗИРИ ҶУМҲУРӢ
А. АБДУЛЛОҶОНОВ

Фронти Халқии Тоҷикистон худро вазифадор меҳисобад, ки Шумо ва мардуми шарифи Тоҷикистонро хабардор намояд,бо сабаби он, ки бо фармони беақлонаи Искандаров А., ҷонишини сарвазир Давлати Исмон давоми панҷ моҳ аст, ки роҳи вилояти Кӯлоб баста шудааст ва барои зиёда аз 900 ҳазор мардуми ин ҷо, 100 ҳазор гурезаҳои вилояти Қӯрғонтеппа ва Душанбе ягон чиз дохил намегардад, бо қарори ситоди ФХТ маҳсулоти хӯрока, пӯшокӣ ва сӯзишворӣ аз станцияи роҳи оҳани шаҳри Турсунзода гирифта, ба мардуми Кӯлоб фиристода мешавад.

Чунки дар давоми панҷ моҳ вилояти Кӯлоб аз ҷумҳурӣ ягон кило маҳсулоти хӯрока, сӯзишворӣ ва ғайра нагирифтааст. Ҳиссаи мардуми вилояти Кӯлобро Искандаров ва Давлати Исмон ба вилояту ноҳияҳои ба худ наздик тақсим кардаанд. Бо гуноҳи онҳо имрӯз ҳосили фаровони бо арақи ҷабин парваридаи деҳқон ҷамъ оварда нашудааст, чунки заррае сӯзишворӣ ва дигар лавозимоти хоҷагии халқ ба вилояти Кӯлоб фиристода нашудааст. Ва имрӯз мардуми вилояти Кӯлоб рӯ ба гуруснагӣ овардааст.

Фронти Халқии Тоҷикистон дар назди худ мақсади аз муҳосираи иқтисодӣ баровардани мардуми вилояти Кӯлобро гузоштааст. Ва ин амалиёти Фронти Халқӣ аз рӯи қонуну адолат мебошад.

Ситоди ФХТ. ш. Турсунзода.

Баъди гирифтани ин нома роҳбарияти онрӯзаи ҷумҳурӣ бо ҳар роҳу восита барои сиёҳу бадном кардани Фронти Халқии Тоҷикистон камари номардона баст. Махсусан воситаҳои ахбори умум, пеш аз ҳама садо ва симои ба ном "мардумӣ" аз кафидани чашми рӯз то шом дар ҳаққи аъзоёни Фронти Халқӣ чунон бӯҳтонҳое мебофт, ки на дар хобу хаёл ва на дар қуттии ягон аттор ғунҷоиш меёфт.

Шояд ҳамин дуруғбофиҳо буда бошад, ки иддаи мардум хоҳу нохоҳ ба хавфу хатари ҳанӯз мавҷуд набуда дида дӯхта, ба ҳарос омаданд. Дар асл бошад, мақсаду мароми пешгирифтаи Фронти Халқӣ, ки баҳри дифои якпорчагии Ватани азизамону

қатъи ҷанги бародаркуш камари ҳиммат баста буд, танҳо барои роҳбарияти дурӯғини Ҳукумати "муросои миллӣ" ва қувваҳои мухолифин гурзи навбатии ҳафтуми камаршикане бар сару каллаи пурғурури роҳбарияти ғайриқонунии "демократҳои қалбакӣ ва ваҳҳобиён" зада миёнашонро шикаст. Он чунон шикаст, ки онҳо баъдан сару нӯги калобаашонро гум карданд. Мушовирони дохилию хориҷии ишон лаҳзае биларзиданду ба сукут фурӯ рафтанд ва роҳи ҳарчӣ зудтар ба саломат ворастани ҷонҳои нобакори хешро меҷустанд, то аз вартаи балои андешидан хеш берун монанд.

Ҳукуматдорону мададгорони мухолифинашон паси дарҳои пӯшида борҳо нақшаҳои ба ФХТ ҳуҷум оварданро тарҳрезӣ намуданд. Албатта, қувваи ФХТ-ро бо қувваи хеш муқоиса намуда, ба хулоса омаданд, ки мағлубият хоҳ-нохоҳ насиби ишон хоҳад гардид. Ба ин нигоҳ накарда, аз ҷони нобаромада умед гуфтагӣ барин, мулло Абдуғаффор бо мошинҳои зиреҳпӯши ВКД-и ҷумҳурӣ ва бо қувваи зиёди ҷонӣ ду маротиба ба дидбонгоҳи Шоҳамбарии ФХТ ҳуҷум овард. Ҳар дафъа талофати зиёде дода, рӯбаҳвор рӯ ба гурез меовард...

Асосан, ононе ки мӯҷиби асосии ин хунрезиҳо гардида, дар паҳлӯи мухолифин истода, бар алайҳи ҳукумати қонунӣ ҷангида буданд, ба ҷонашон табларза афтода, пайкарашонро хунукии нобасомонона фаро мегирифт. Дар баъзе деҳаҳои ноҳияҳои Ленину Кофарниҳон, кӯчаю шаҳракҳои Душанбешаҳр, ки тарафдорони оппозиция сукунат доштанд, аз ваҳму ҳарос ситодҳо таъсис медоданду шабу рӯз "чашмаки ман—чашмаки ту" карда, якдигарро "муҳофизат" менамуданд. Ин ҳолат низ як сабаби ҷиддии дигаре буд, ки аз ҷониби лӯхтакҳукумату ифротиюни мухолифин қувваҳои иловагӣ барои ҷангидан ба вилояти Қӯрғонтеппа ворид гардида натавонад.

Бо мақсади тарсу воҳимаро аз дили мардуми деҳаҳои гирду атрофи шаҳри Душанбе, ноҳияҳои Ленину Кофарниҳон дур сохтан, ҳақиқати ҳол, мақсаду маромии Фронти Халқии Тоҷикистонро ба мардум фаҳмонидан, онҳоро ба ягонагию муттаҳидӣ бо ФХТ даъват намудан, дар яке аз ҷамъомадҳои Раёсати ФХТ бо сокинони деҳаҳои колхози "Победа", совхози "Анҷумани XXII Ҳизби Коммунист", колхози "Коммунизм" ва дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ муроҷиатнома қабул намуда, онро бо забонҳои ӯзбекию русӣ низ тарҷума карда, пешкаши мардуми ин хоҷагиҳо гардонидем.

Матни аслии муроҷиатномаҳо, чун ҳуҷҷати таърихӣ, бетаҳрир пешкаши хонандаи гиромӣ гардонида мешавад:

Муроҷиатнома дар ситоди Фронти Халқии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст.

ш. Турсунзода, 16.X.1992 с.

МУРОҶИАТНОМА

ба мардуми қишлоқҳои Учкӯл, Мирзочӯл, Чӯйбодом, Шайнаки Гадо, Испечак, Афғонҳо, Қазоқон

Падарон, модарон, бародарону хоҳарони азиз, ҳамдиёрони гиромӣ!

Фронти Халқии Тоҷикистон Шуморо хабардор менамояд, ки бо гуноҳи якчанд мансабталабу чиноятқор ва ваҳҳобиён, ки мусулмонро бо мусулмон, бародарро бо бародар ҷанг андохтаанд, шаш моҳ аст, ки ҷанги бародаркуш идома дорад.

Зиёда аз 20 ҳазор кушта, садҳо ҳазор мардуми бегуноҳ бехонаю дар монда, гуреза шуданд, вилояти Қӯрғонтеппа ба хок яксон гардид, ки онро вилояти хомӯшон меноманд. Ин ҳама ба мо дарси ибрат будагист. Бинобар ин миёни мусулмонон тафриқаандозию яке мусулмону дигаре кофир, яке биҳиштию дигаре дӯзахӣ гуфтанро бас намоем. Кӣ кӣ аст, ин илми ғайб аст, фардо рӯзи қиёмат соҳиби чӣ гуна мартаба мегардад, танҳо Худои яккаву ягона медонад.

Имрӯз тамоми мардуми ҷумҳурӣ: тоҷику ӯзбек, қирғизу туркман, русзабонону қазоқ ва арабҳои вилояти Қӯрғонтеппа ба муқобили ваҳҳобиён хестаанд.

Вилоятҳои Қӯрғонтеппа, Ленинобод, Кӯлоб, шаҳрҳои Нораку Турсунзода, ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳринав, Варзобу Ёвон, Файзобод аз ваҳҳобиён тоза карда шудааст. Имрӯзҳо дар ноҳияи Кофарниҳон ҷанг идома дорад. Қувваҳои Фронти Халқии Тоҷикистон дар се тарафи шаҳри Душанбе ҷамъ омадааанду аз ваҳҳобиён талаб карда истодаанд, ки аз пойтахт бе хунрезӣ бароянд, вагарна ба хок яксон хоҳанд гардид.

Аз ин рӯ, ҳамдиёрони азиз, бисёрии мо нону намаки якдигарро хӯрдаем, дар як мактаб хондаем, аз Шумо илтиҷо дорем, ақли солими худро кор фармоед, халқи бегуноҳро ба марг набаред, доғи модарону падарон, хоҳарону бародаронро дар сина нагузоред, ба гуфтаи як гурӯҳ мансабпарастону чиноятқорон ва ваҳҳобиён бовар накунед, онҳо нафасҳои охирини худро мекашанд, силоҳҳои худро супурда, ба тарафи Фронти Халқӣ гузаред. Нагузоред, ки қишлоқҳои Шумо ба майдони ҷанг табдил ёбад. Мо намегузорем, ки ба пои касе аз шумоён хоре занад, қишлоқҳои Шуморо зери муҳофизати

худ мегирем. Вакилони Шумо метавонанд оиди ин масъала бо байраҳи сафед ба пости Шоҳамбарӣ биёянд, бехатарии онҳоро ба зиммаи худ мегирем, бо мо гуфтугузор намоянд.

Мурочиатнома дар мачлиси
штаби ФХТ тасдиқ карда шудааст.
16.X. 1992 с.

МУРОЧИАТНОМА

ба мардуми шарифи Душанбешаҳр,
ноҳияи Ленину Кофарниҳон

Падарон, модарон, бародарону хоҳарони азизу гиромӣ, ҳамватанони меҳрубон!

Вазъияти ноҳинчору хунощоми чумҳурӣ моро мачбур сохт, ки бо мақсади боздоштани чанги бародаркуш, ба эътидол овардани вазъи чумҳурӣ, Фронти Халқии Точикистонро таъсис намоем. Аз ин рӯ, ФХТ Шуморо хабардор менамояд, ки бо гуноҳи як зумра мансабталабу чиноятқор ва ваҳҳобиёни беимон, ки бо кӯмаку дастгирии хоричиён битавонистанд мусулмонро ба мусулмон, бародарро ба бародар чанг андозанд ва инак шаш моҳ аст, ки чанги бародаркуш давом дорад.

Зиёда аз 20 ҳазор кушта, садҳо ҳазор мардуми бегуноҳ бехонаву чой монда, аз Ватани худ гуреза шудаанд. Вилояти Қӯрғонтеппа ба хок яксон гардидааст, ки акнун онро вилояти "мурдагон" меноманд.

Бинобар ин, аз рӯи ақли солим, хираду маърифат амал намуда, ба суханбозиҳои фундаменталистони исломӣ, ва "демократ"-ҳои қалбакӣ бовар нанамоед, миёни мардуми мӯъмину мусулмон тафриқаандозӣ, якеро мусулмону дигареро кофир, якеро биҳиштию дигареро дӯзахӣ гуфтанро бас намоед. Кӣ кӣ аст, ин илми ғайб аст, фардо рӯзи қиёмат кӣ соҳиби чӣ гуна мартаба мегардад, танҳо худои яккаву ягона медонаду бас. Имрӯз тамоми мардуми чумҳурӣ сарфи назар аз миллаташ, точику ӯзбек, қирғизу қазоқ, туркману тотор, руезабонону арабҳои вилоятҳои Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Ленинобод ва водии Ҳисори Шодмон ба муқобили ваҳҳобиёну "демократияи исломӣ" ва Ҳукумати "муросои миллӣ"-и Акбаршоҳ Искандаров бархостаанд.

Вилоятҳои Кӯлобу Ленинобод, шаҳри Турсунзода, ноҳияҳои Шаҳринав, Ҳисор, Варзоб, баъзе ноҳияҳои вилояти Қӯрғонтеппа аз ифротиюни ваҳҳобӣ тоза карда шудааст.

Бадбахтона, имрӯзҳо дар ноҳияи кофарниҳон, баъзе ноҳияҳои вилояти Қӯрғонтеппа чанги бародаркуш идома дорад. Қувваҳои ФХТ дар се тарафи шаҳри Душанбе чамъ омадааанду аз ҳукуматдорони ваҳҳобиён ва ситоди "Начоти Ватан" қотеъона

талаб карда истодаанд, ки ҷанги бародаркушро қатъ намуда, аз пойтахти Тоҷикистон бе хунрезӣ бароянд, вагарна бо хок яксон хоҳанд гардид.

Аз ин рӯ, ҳамватанони гиромӣ, бисёри мо ба ҳамдигар шиносой дорему бародар ҳастем, нону намаки якдигарро хӯрдаем, дар як донишкада таҳсил кардаем, аз як ҳаво нафас мегирем, аз Шумо илтиҷо дорем, ақлу хиради солими худро кор фармоед, боре ба худ биандешеду астағфируллоҳ гӯед. Ба гапи шайтонҳо рафта, чӣ кор карда истодаем? Он қадаре, ки инсон беқадру кушта шуд, ашки модарону падарон, хоҳарону бародарон рехта шуд, ба ҳафт пушти миллати тоҷик мерасад. Дигар халқи бегуноҳро ба марг набаред, ғарибу беватан насозед, бе ин ҳам миллати тоҷик ночиз аст! Доғи модарону падарон, хоҳарону бародаронро дар сина нагузоред, миллатро шарманда насозед. ба гуфтаи як гурӯҳ мансабпарастону чиноҳкорон ва ваҳҳобиёни беимон бовар накунед. Онҳо нафасҳои охирину бошумори хешро кашида истодаанд, агар касе силоҳ дошта бошад, супурда, ба тарафи ФХТ гузарад. Нагузоред, ки деҳа ва шаҳри Шумо ба майдони ҷанг табдил ёбад. ФХТ намегузорад, ки хоре ба пои касе аз Шумо, аҳли оилаатон халад, қишлоқу ноҳияҳои Шуморо зери муҳофизати худ мегирем.

Вакилони Шумо метавонанд ба ситодҳои ФХТ муроҷиат намоянд.

Муроҷиатнома дар маҷлиси
ситоди ФХТ тасдиқ карда шудааст.
16. X. 1992 с.

Инчунин Раёсати ФХТ барои равшан намудани фикру ақидаи КАМ, ВКД-и ҷумҳурӣ, УКД-и вилояти Ленинобод нисбати ҳокимияти ғайриқонунии Искандаров, фаҳмондани мақсаду маромии ФХТ ва ба тарафдории он ҷалб намудани кормандони асилу садоқатманди ВКД, КАМ-и ҷумҳурӣ, давлати қонунии то 7-уми маи соли 1992 амалкунанда, муроҷиатнома ва барҳия қабул намуда, ба сардори УКД-и вилояти Ленинобод Ҷ. К. Ӯрунов ва ВКД, КАМ-и ҷумҳурӣ фиристоданд.

Ин ду ҳуҷҷати таърихиро низ пешкаши хонандаи гиромӣ мегардонам:

БА САРДОРИ УМУРИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ
ВИЛОЯТИ ЛЕНИНОБОД РАФИҚ ӮРУНОВ Ҷ. К.

Фронти Халқии Тоҷикистон, бо мақсади боздоштани ҷанги бародаркуш, бесилоҳ намудани мардуми силоҳбадаст ва бо роҳи гуфтушунид ҳаллу фасл намудани ҳамаи масъалаҳои ба миён омада чораҳои лозимӣ андешида истодааст.

Ба касе пӯшида нест, ки бо гуноҳи ваҳҳобиёни мансабталабу ҷинояткор миёни мусулмонон тафриқа паҳн шуда, якеро мусулмону дигареро кофир хондан мавриди гуфтугузори васеъ гардидааст. Бо айби онҳо дар ҷумҳурӣ Табаддулоти давлатӣ ба вуқуъ омад. Бахусус, ҷанги бародаркуш идома дорад.

Дар натиҷа даҳҳо ҳазор мардуми бегуноҳ, аз занону кӯдакон, пирамардону пиразанҳо кушта шуданду садҳо ҳазор бехонаву ҷой монда, гуреза гардиданд, молу мулкашонро ба ғорат бурданд. Вилояти Қӯрғонтеппа ба хок яксон гашт.

Ҳамаи инро ваҳҳобиён бо ёрии Вазорати Корҳои Дохилии ҷумҳурӣ карданд. Кормандони Вазорати мазкур аз ҳисоби халқ маош мегиранду бо тиру аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ, ки бо пули давлат харида шудааст, зиёда аз 40 фоизи онҳо ба тарафи ваҳҳобиён гузашта, ба муқобили халқи худ ҷангида, хуни бегуноҳонро резонда истодаанд.

Ҳамаи ин беадолатию бедодгариро мардуми ҷумҳурӣ дида, мақсади нопоки ваҳҳобиёнро хуб дарк кардааст, ки он куштану нест кардани тамоми мадуми солимақли ҷумҳурӣ ва сохтани давлати фундаменталистони ваҳҳобӣ мебошад. Мусулмони асил хуб медонад, ки мақсади ваҳҳобиён задани теша ва решаи дини ислом аст.

Бинобар ин, имрӯзҳо мардуми ҷумҳурӣ: тоҷикону ӯзбекон, қирғизону туркманҳо, русзабонону қазоқон ба муқобили ваҳҳобиён бархостаанд. Вилоятҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппа, шаҳрҳои Турсунзода, ноҳияҳои Ҳисору Шаҳринав, Варзобу Ленин аз ваҳҳобиён тоза карда шудааст.

Қувваҳои Фронти Халқии Тоҷикистон аз Ҳисору Турсунзода, Варзобу Ленин дар ду тарафи шаҳри Душанбе ҷамъ омадаанд ва аз ваҳҳобиён қатеъона талаб карда истодаанд, ки бо мақсади вайрон нашудани шаҳри Душанбе, нарехтани хуни мардуми бегуноҳи он яроқҳои худро супоранду аз пойтахт баромада раванд, вагарна ба хок яксон хоҳанд гардид.

Кормандони умури дохилаи шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Ҳисор, Шаҳринав, вилоятҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппа ҳақиқати ҳолро фаҳмида, ба тарафи Фронти Халқии Тоҷикистон гузаштанд ва якҷоя бо Фронт кор карда истодаанд. Бинобар ин, аз Шумо хоҳиш дорем, ки талаби Фронтро дар маҷлиси кормандони УКД дида баромада, мавқеи худро муайян намоед.

То ба кай ба он ВКД итоат мекунед?! Искандаровро ҳамчун роҳбари Ҷумҳурии Тоҷикистон мешиносед ё не?! Хоҳиши дастгирӣ кардани амалиётҳои Фронти Халқӣ, бозҳоштани хунрезӣ ва аз сари ҳокимият дур кардани фундаменталистонро доред ё не?!

Нисбати ин саволҳо ақидаи кормандони УКД-и вилоятро баён намоед. Шумоён натарсед, ҳокимияти фундаменталистон нафасҳои башумор кашида истодааст ва онҳо қувваю қудрати аз сари мансаб дур кардани Шуморо надоранд.

Барқия дар ситоди ФХТ
тасдиқ гардидааст.
ш. Турсунзода.

ОБРАЩЕНИЕ

Народного Фронта Таджикистана к Комитету Национальной Безопасности и Министерству внутренних дел республики

В настоящее время Республика Таджикистан находится в состоянии гражданской войны. Примером этому могут служить десятки тысяч потерянных жизней наших соотечественников. При таком развитии ситуации Народный Фронт Таджикистана считает, что правоохранительные органы в лице КНБ и МВД самоустранились от выполнения своих прямых обязанностей по стабилизации внутриполитической обстановки в республике. С их стороны не принимаются должные меры по конкретному ограждению мирного населения от творимых группой мусульманских фанатиков и псевдодемократов бесчинств.

В этой связи Народный Фронт Таджикистана склонен рассчитывать позицию правоохранительных органов как неспособность реализовать на деле возложение на них народом обязанности. Именно поэтому Народный Фронт обращается к разуму руководства и сотрудников КНБ и МВД с тем, чтобы они выразили свою конкретную позицию, на какой стороне баррикады они находятся, куда направляют свои возможности и потенциал.

Со своей стороны Народный Фронт Таджикистана заявляет однозначно — мы за конституционный строй, светское развитие нашего суверенного и независимого государства, мы против псевдодемократии и политического интриганства, исламского экстремизма, эскалации гражданской войны.

На смену нашему лозунгу "Они не пройдут" на данном этапе выходит исторически истинный лозунг — "Кто не с нами — тот против нас!"

Народный Фронт Таджикистана

Муроҷиатномаҳоро ба забонҳои ӯзбекӣ ва русӣ тарҷума намуда, аъзоёни ФХТ ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва ташкилотҳои дахлдор паҳн гардониданд.

Чунин барқияю муроҷиатнома ба унвони сардори шўъбаҳои корҳои дохилии ноҳияҳои Ленин, Варзоб, Кофарниҳон, Файзобод, Рогун, Комсомолобод, Ғарм, Ҷиргатол, ноҳияҳои вилояти Қўрғонтеппа ва шаҳру ноҳияҳои Душанбе ирсол гардид. Муроҷиатномаҳо ба қадри имкон аз тарафи дастаи махсуси аъзоёни ФХТ дар истгоҳҳо, гузаргоҳҳо, симчўбҳо, даромадгоҳҳои хонаҳову корхонаҳо, дар нақлиётҳои умумӣ ва дигар ҷойҳои серодам овехта шуданд ва бо ҳар роҳу восита пешкаши мардуми чумҳурӣ гардонида шуданд.

Бисёри кормандони шаҳру ноҳияҳо ва аппарати марказии ВКД ва КАМ бо муроҷиатномаҳо шинос гардида, мавқеашонро дигар мекарданд ва ҳамақидагии худро ба ФХТ изҳор менамуданд. Ҳамин тавр, қисми зиёди кормандони ВКД, КАМ муроҷиатномаи ФХТ-ро ҷонибдорӣ намуданд. Аз ҷумла, ба ситодҳои ФХТ кормандони зерини КАМ-и ҷумҳурӣ: Алиҷон Ортиқов, Иброҳимҷон Кунишев ва дигарон ҳамкорӣ карданд.

Чунин буд тарзу тариқи кор бо мардуми ноҳияҳои Ғозималик, Ҷилликўл, Қубодиён ва Шаҳритус, ки Фронти 2 ФХТ таҳти сарварии Таҳойҳон Шукуров пеш гирифт... Вазъияти ноҳияҳои Ҳисору Шаҳринав, Варзобу Ленин ва шаҳри Турсунзода ноором мегардид. Паи ҳам афзудани шумораи ситодҳои ФХТ, бо яроқу аслиҳа мусаллаҳ гардидани аъзоёни он дар вуҷуди навдавлатони мухолифин тарсу ҳаросро торафт бештар меафзуд.

Бо мақсади таъмини оромию осоиштагии мардуми чумҳурӣ ситодҳои ФХТ бо ҳамдастии кормандони шўъбаҳои корҳои дохилӣ, Кумитаи Амнияти миллӣ, кормандони комиҷроияҳо, шахсони маъруфу хайрхоҳи шаҳру ноҳияҳо миёни мардум корҳои идеологӣ бурда, мақсаду маромии озодихоҳонаи ФХТ ва ҳадафҳои сиёҳи "демократҳо"— и қалбакӣ, фундаменталистони ваҳҳобиро мефаҳмониданд. Бо чунин роҳҳо тарафдорони мухолифин, ситодҳо ва шумораю миқдори силоҳу лавозимоти онҳоро муайян намуда, баҳри таъмини якдигарфаҳмӣ, барҳам додани ситодҳои мухолифин ва ихтиёран супурдани силоҳу лавозимоти ҷангӣ онҳо бо шўъбаҳои корҳои дохилии шаҳру ноҳияҳо чораҳои судбахш меандешиданд.

Шумораи фиребхўрдагону раҳгумзадагон, ки ба афсуни муллоҳои дар асл худобехабару тарафдорони мазҳаби ваҳҳобия афтода, мухолифинро ошкору ниҳон дастгирӣ мекарданд, дар шаҳри Турсунзода, ноҳияҳои Шаҳринав ва Ҳисору Варзоб зиёд набуд, вале онҳое, ки тайёрии чандсола дида, яроқу аслиҳаи зиёди ҳозиразамонро барои "рўзи мабодо", бо миқдори зиёд

хӯрокаву пӯшокии чандинсола ҷамъ оварда, захира намуда буданд, низ кам набуданд.

Ҳатто дар қисме аз деҳаҳо бо мақсади дар вақти ҷанг истифода бурдани ҳамақидагон ба хонаҳои ҳамдигар ба масофаи то 20—30 метр роҳҳои зеризаминӣ кофта буданд. Ин туннелҳо ба мақсади "рӯзи мабодо", ки тавассути онҳо ба таври манфиатбахш рафтуомад кардан имкон дошта бошад, бунёд ёфта буданд.

Бад-ин манзур дар шаҳру ноҳияҳои номбаршуда, мухолифин аз бесалоҳиятию холабеғамии роҳбарони пешинаи ҷумҳурӣ, ҳизби коммунист, ургонҳои муҳофизати ҳуқуқи инсон — мубоизаи зидди ҷиноятқорӣ, таъмини амнияти давлат истифода бурда, маълум мегардад, солҳои дароз пайваста тайёрии ҷиддӣ дида будаанд.

Бояд зикр намуд, ки барои чунин тайёрии ҳамаҷониба дидани мухолифин дар аввалин фурсати муносиб ба дастгирии иқтисодию идеологӣ зарурати аввалиндараҷаро молик буд. Таҳлили далелу аснод аз он шаҳодат медиҳанд, ки солҳои тӯлонӣ дар шаҳри Турсунзодаю ноҳияҳои Шаҳринаву Ҳисор ва дигар мавзеъҳо вазифаҳои муҳиму "лозима"-ро соҳаи савдо ва дигар корхонаю муассисаҳоеро, ки дорои даромади иловагӣ буданд, дастаи мухолифин таҳти назорати хеш гирифта будааст. Инчунин онҳо аз кӯмаки моддӣ ва маънавии Қозиёти ҷумҳурӣ низ бенасиб намондаанд.

Аз ҷониби дигар, корҳои ташвиқотию тарғиботӣ нисбати ягонагии ақида, садоқат ба пешвоёни худ, содиқ будан ба фикру ақидаи мазҳаби ваҳҳобия ва дастуруламалҳои аз хориҷа воридгардида пардапӯшона, зери парчами дини мубини ислом ва Қуръони маҷид бо сарварии имом-хатибону вакилони қозиёти ҷумҳурӣ ва мутахассисони хориҷӣ бисёр ҳам устуворонаю нуктасанҷона пеш бурда мешуд. Мардуми аз сиёсат дуру аз ҳақиқати ҳол бехабарро аз рӯи нақшаҳои дохилию хориҷӣ зери афсун гирифта, бо суханҳои бофтаю сохта гумроҳ намуда, гирди маромномаи худ муттаҳид сохта, заҳматкашонро ба муқобили ҳам мегузоштанд. Бо ривоятҳои бофтаю сохта ба ҳаққу ҳуқуқи Оллоҳи таъоло шарик гардида, бар хилофи талаботи Қуръони маҷид якеро мусулмони биҳиштию дигареро номусулмони дӯзахӣ эълон карда, ба қатлашон даста-даста фатвои ғайришаръӣ медоданд. Наузамбиллоҳ! Магар гуноҳи азимро ба дӯши хеш гирифтану теша ба решаи дини мубини ислом задан аз ин моҷаро боз ҳам зиёд, аз ин хиёнат боз ҳам азим дасисае мешуда бошад?! Бале, ҳамаи ин аз он сабаб рух дод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати аниқу амиқ ва сиёсатмадори

варзида мавҷуд набуда, гузашта аз он, аз тарафи ягон ургони давлатӣ ва ҷамъиятӣ сиёсати муайян пеш ронда намешуд. Ҳақиқати талх ин аст, ки миёни Ҳизби Коммунистро дасисакоронаву чоплусона саҳлу содда ба осониҳо шикастему ба ҷояш чизе, ки онро воқеан иваз мекарда бошад, насохтем! Бисёр дарег!

Ҳамин тавр, чуноне ки ошкор гардид, ҷонибдорони мухолифин асосан дар деҳаҳои Лоҳутии колхози "Комсомол", Эронбоғи хоҷагии ба номи Калинин, Аскари Сурх, хоҷагии "Дӯстӣ", Чапаеви хоҷагии "Коммунизм", ба номи Свердлов, хоҷагии ба номи Аскаралӣ Мирзоев, Крупская, хоҷагии ба номи Қурбоналӣ Бӯриев, шаҳраки Турсунзода сукунат дошта, дар деҳаҳои хеш постҳои худмуҳофизатӣ таъсис намуда, шабонарӯз бо силоҳу лавозимоти ҷангӣ навбатдорӣ мекарданд. Бадияш ин буд, ки мардумро метарсониданду даст ба корҳои нораво мезаданд.

Чунин вазъияти бамиёномадаро бо чашми сар дида, суханҳои онҳоро нисбати якдигар бо гӯши хеш шунида, беихтиёр ба фикр фурӯ рафта, таърихи кӯҳани соҳибтаъриху соҳибмаърифатии тоҷикро пеши назар оварда меандешидам:

— Худоё, ба ин миллати соҳибфарҳанги тамаддундор, ки таърихан ба сари касе теғу камон набардошта, алайҳи ҳамсояе иқдоми номуборак наварзида буд, чӣ шуд, ки гирифтори ғазаби деву шайтони палид гардид. Охир, то ҳаддалимкон аз ба даст гирифтани камон ҳазар мекард-ку?! Ба камонбадастону ҷангҷӯён бо чашми нафрат менигарист?! Чаро имрӯз тоҷик ба муқобили тоҷик, мӯъмину мусулмон ба муқобили мӯъмину мусулмон, ҳамсоя бар алайҳи ҳамсоя ва ҳатто хешованд бар зидди хешованди хеш теғу камон ба даст гирифта, бо ваҳшонияти чашмнодиду гӯшношунид қасди ҷони ҳамдигар кардааст?!

— Охир, солҳои дароз ин мардум аз дастархони якдигар нону намак хурда, меҳмони азизи якдигар буданд, тӯю сур, мусибату ғами якдигарро бо ҳам медиданд, духтар медоданду келин меоварданд, дар рӯзҳои сахти якдигар миён барбаста, чун бародари ҷонӣ ҳамдигарро ба оғуш гирифта, ба кӯмаки ҳамдигар мешитобиданд?!

— Андаруни як масҷид, бар рӯи як ҷойнамоз саф ба саф баста, қарзи бандагии хешро ба ҷо оварда, арзу ниёз мекарданду ба як имом, сарфи назар аз он, ки ӯ тоҷик буд ё ӯзбек, зодаи водии Қаротегину Ҳисор буд ё Дарвозу Хуҷанд, Хатлон ё Ҷумҳурии Ӯзбекистон нияти намоз фарз мекарданд, панҷ аркони иморати азим-уш-шаън ва рафеъ-ул-қадри ислом ичро мекарданд. Меъёр як, омадану рафтани кулли инсонҳо дар ин

дунёи бӯқаламун, ки пасопеш равонем як, пас оё месазад, ки ба кини ҳамдигар камари номуборак барбаста бошем?!

Пас, кадом сияҳбахт тоҷикони Тоҷикистон, афроди мӯъмину мусулмонро ба ин вартаи бадбахтӣ раҳнамун сохт?! Бале, ҷавоб як аст. Дастомӯзони бегонапарвар, ҳамон нерӯҳои тиратолеи "демократӣ" ва ифротиюни ваҳҳобӣ, ки барои соҳиби ҷоҳу мансаб кайҳо боз тапу талош ва ҷасту хез доштанд, аз озодии ройгон ба даст омада сӯйистифода карданд.

Роҳбарияти ҷумҳурӣ низ аз ин қисматсӯзии ҳузнангези миллат воқиф бошад ҳам, ба ҳалли бисёр масъалаҳо кӯтоҳандешӣ менамуду саҳлангоронаву барҷомонда иқдоми лавандона мекард. Ба таърихи ҷангҳои мазҳабии таърихи тоҷикону Тоҷикистон ва вазъияти ноҳинҷори сиёсии он, ки кишварро саропо чун заҳрпечак фурӯ печида буд, баҳои нодурусти ғаразнокона медод. Роҳи начот додани ҷумҳуриро аз ҷанги бародаркуш ва пешгирии он ҷустуҷӯи воқеӣ намекард.

Аз ин рӯ, оппозиция дар давуғеҷи он буд, ки ҳарчӣ бештар қувваҳои ҷангӣ ва техникаи ҳарбии зиёде ҷамъ оварда, ба вилояти Қӯрғонтеппа ва водии Ҳисори Шодмон раҳнамун намояд. Барои пахш намудану несту нобуд гардонидани дастаҳои Файзалӣ Саидов, Лангарӣ Лангариев, Сангак Сафаров, Восит Самадов, Ёқуб Салимов, Тағойхон Шукуров, Бӯрихон Ҷобиров, Маҳкамбой Шарифов, Азим Ғаниев, Хӯҷамурод Каримов, Қӯқан Қодиров, Хӯҷамурод Хаспаллаев, Бобоҷон Эгамбердиев, Тошпӯлод Кавраков, Худойқул Тошев, А. Умаров, Амирқул Азимов, Ибодулло Бойматов, Абдумалик Солеҳов, Давлат Муродов, Шералӣ Файзалиев, Файзулло Абдуллоев, Ҳабибулло Насруллоев, Субҳон Маҷидов, Раҳматҷон Холматов ва даҳҳо дигарон тамоми роҳу воситаҳоро меҷуст.

Бо ин мақсад "сарвар"— и давлати Тоҷикистон Акбаршоҳ Искандаров чун лӯхтаке дар дасти ҷоҳу мансабталошони мухолифин сари пур аз риёи худро ба суҷуд меовард. Дастадаста қонунҳоро яке паси дигар ба тасвиб мерасонд. Мансаби хизматии хешро сӯиистеъмол мекард. Аз ҳадди ваколати хизматӣ фарсаҳҳо берун баромада, ҳар рӯзу ҳар соат қарору фармонҳоеро ба мавриди имзо мерасонид, ки онҳо хурдтарин заминаи воқеии ҳуқуқӣ надоштанд. Ин шабаҳи таърих чизеро эҳсос накарда, гӯё танҳо имзогузориро ёдаш дода бошанд, ки коғазҳоро сиёҳ мекарду мусибату азияти мардум ва валангории ҷумҳурӣ пинакашро вайрон намекард.!

Аз ҷумла, фармони и. в. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Акбаршоҳ Искандаров "Дар бораи тадбирҳои иловагии мӯътадил гардонидани вазъи ҷамъиятию сиёсии ҷумҳурӣ ва пурзӯр

намудани муборизаи зидди ҷинояткорӣ (22 сентябри соли 1992); қарори Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷрокунандани вазифаи муовини раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани аъзои Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сайфиддин Тӯраев" (22 сентябри соли 1992); "Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи Додситони Кулли Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Солеҳҷон Ҷӯраев" (29 сентябри соли 1992) ва дигарҳо, ки тезотасбу саросемавор, бе санҷиши амиқи ҳаматарафаву ҳаллу фасли дурусти масъала ба мавқеи имзо расида буданд. Албатта, чунин фармонҳои ноҷою нобихрадона, танҳо ва танҳо ҳама фиреби назар буданд, ки дурӯғу фиреб бебақо бувад. Бори дигар таъкид мекунам, мувофиқи талаботи Қонуни Асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тағйироту иловагиҳои то 1-уми феврали соли 1993 фармону қарорҳое, ки дар боло номбар гардид, мутлақо ғайриқонун мебошанд. Зеро масъалаҳое ки Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл намудааст, танҳо ба ваколати сессияи Шӯрои Олии ҷумҳурӣ мансубанд. Мувофиқи моддаи 99 Қонуни Асосии ҷумҳурӣ аз ҷумла масъалаи зайл дар ихтиёри сессияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад:

— бо пешниҳоди Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, розигии Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон таъин намудани Додситони Кулии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Бо қарори Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти ҷумҳурӣ Раҳмон Набиевро, ки аз тарафи мардум ба таври овоздиҳии умумихалқӣ интихоб гардида буд, аз сари қудрат дур сохта, худро Раиси Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ намуд. Бинобар ин, сессияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, оиди аз эътибор соқит намудани қарору фармонҳои мазкур, ки бо имзои Акбаршоҳ Искандаров интишор гардида буданд, қарор қабул намуд.

Бояд иброз дошт, ки пас аз шунидани амалиётҳои ФХТ ҷавонмардони бо нангу номус ва сарсупурдагони миллат, ки ояндаи талхи фундаменталистони "исломӣ" ва демократҳои сохтаю дурӯяро хуб дарк карда буданд, тарки ҷоҳу мансаб намуда, ҷони худу фарзандонашонро зери хавфу хатар гузошта, ба ситоди Фронти Халқии Тоҷикистон ҳамроҳ мегардиданд. Аз ҷумла, аз КАМ — и Ҷумҳурӣ бисёр ҷавонмардони ҷасуру шуҷоъ, ба монанди Алиҷон Ортиқов, Иброҳимҷон Кунишев (холо вазифаи раиси КАМ — и шаҳри Турсунзодаро бар ӯҳда дорад) бо падараш Шаҳобҷон Кунишев (ҳоло вазифаи ҷонишини раиси кумиҷроияи шаҳри Турсунзодаро бар дӯш дорад) ва дигарон аъзои ФХТ гардида, супоришҳои роҳбарияти ФХТ —

ро бисёр ҳам нуктасанҷонаю ҷасурона ба мавриди ичро мерасониданд. Борҳо дар набарду муҳорибаҳо ба муқобили дастаи мулло Абдуғаффор ширкат варзида, аз ҷони ширини хеш натарсида, далерию қаҳрамониҳо нишон додаанд. Бо доной, ҷасурӣ, сидқан боварӣ доштан ба иродаи худ тавонистанд, ки борҳо худу дигаронро аз майдони муҳорибаҳо саломат бираҳонанд. Ҳам ба ҷони дигарон кафил буданду ҳам ҷони хешро маҳфуз медоштанд.

Рӯзе қумондони Фронти I ФХТ Амирқул Азимов ба наздам омада, хабар дод:

— Аз шаҳри Душанбе ҷонишини вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон полковник Тоҳир Сафаров омада, Шуморо пурсон шуд, хоҳиши бо ФХТ ҳамкорӣ кардан дорад. Дар ҷавоб ба ӯ гуфтам: "Ҳоло чизе гуфта наметавонам, пагоҳ баъд аз сӯҳбат бо Сафаралӣ Кенҷаев натиҷаашро бармегардонам!" Суханашро давом дода А. Азимов гуфт: "Он кас пагоҳии рӯзи дигар соати 10- саҳар меоянд, чӣ маслиҳат медиҳед?! Ба ӯ чӣ гӯям?! Агар хоин бошад, ӯро дастгир намуда, тафтиш мебарем?!

Бо табассуми қаъраш ҷиддият дошта, ба чашмони Амирқул Азимов, ки як ҷуфт оташи сӯзони мардонагию ҷасорат ва нафрати бекарон нисбати мухолифин буд, нигариста гуфтам:

— Мулло Амирқул, мебинам, хело хаста шудаед, зиёда аз се моҳ аст, ки аз ҳамсару фарзандон, хонаю ҷой ва бародарону дӯстон ҷудо гардидаед. Чӣ илоҷ? Наққоши азал агар зиндагиномаи ҳаёти моро чунин кашида бошад, месазад, ки ҳар нӯшу нешашро бичашему эҳсос намоем. Ҳеҷ гап не, дунё ба умед гуфтаанд, ноумед шайтон ва илова намудам:

— Тоҳирҷон Сафаровро хуб мешиносам. Ба фикрам, вай одами покиза аст. Аслан зодаи Ӯротеппа ё Ғончӣ бояд бошад. Бо ӯ ҳамкорӣ кардан мумкин, вале танҳо баъд аз гузарондани санҷиш. Ба назарам, ӯ аз ҷумлаи Афшинҳои Истаравшан аст. Амирқул аз шунидани исми Афшин суоломез ба сӯям нигарист. Ҳа-ҳа, Афшин. Охир, шоҳону бузургзодагони Ӯротеппаи бостониро то омади арабҳо ва тасхири ин сарзамин аз ҷониби ғосибони араб бо номи афшинҳо ёд менамуданд. Баъди забт намудани Осиёи Миёна хонадони афшинҳои Истаравшанро тозиён саросар ба қатл расонида, чанд кӯдаки ноболиғи ин хонадонро ба Бағдод бурданду тарбия намуданд. Пасон яке аз ин афшинҳоро ба зодгоҳаш баргардонида, ҳокими он таъин намуданд. Чун хуни тоҷикона, ки дошт дар атрофи хеш тамоми чавонмардони ин сарзамини мардхезро (ба истиснои нобихраде чун Мирбобо Миррахимов) гирд оварда, боз ба муқобили

бегонагон қиём намуд, ки дар таърихи мардумамон бо номи қиёми Афшин машҳур аст. Ман аз худои бузург ҳамехоҳам, ки дар симову сурати Тоҳирҷон шахсияти Афшини таърихи халқамон нубуг дошта бошад. Ба ҳар ҳол, барои он, ки ба мақсуду мароми ӯ комилан боварӣ ҳосил намоед, аз вай пурсон шавед, ки ҳамчун ҷонишини вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Фронти Халқии Тоҷикистон чӣ гуна кӯмаки амалӣ расонда метавонад?

— Бале, чунин саволҳоро аллакай дирӯз ба назди он кас гузошта будам,— гуфт Амирқул Азимов.

— Ӯ чӣ ҷавоб дод? Метавонад, ки ба ФХТ кӯмак расонад?

— Ҳа, метавонанд. Ваъда карданд, ки ду автомошини радиостанциядор ва зиёда аз 100 офицерони ҳарбӣ аз полки мудофиаи граждании дар Қаротоғи ноҳияи Шаҳринав воқеъ гардида барои ба аъзоёни ФХТ омӯхтани муносибат бо яроқу аслиҳаи ҷиҳозонидашуда, метавонад ҷудо карда бидиҳад.

— Бисёр хуб,— гуфтам дар ҷавоб,— агар Тоҳирҷон Сафаров он чизе, ки ваъда кардааст, биёрад, ӯро ба узвияти ФХТ қабул намуда, дар штаб ҷой диҳед. Зарурати ин кор бар он аст, ки аз ӯ бисёр нозукиҳои таълимоти ҳарбиро омӯхтану аз вазъи Душанбешаҳр, қувваи низомии Ҳукумати "муросои миллӣ", ҷойгиршавӣ ва фикру андешаи қувваҳои мухолифин хабардор гардидан мумкин аст.

Бо ҳамин ҷонишини вазири мудофиаи ҷумҳурӣ, полковник Тоҳирҷон Сафаров тарки вазифа намуда, бо ФХТ ҳамроҳ гардида, барои пурқувват гардидани ФХТ кӯмакҳои хеле зиёдеро ба харҷ дод. Таҷрибаи чандинсолаи ӯ дар соҳаи ҳарбӣ ба пешрафту рушди кори ФХТ-и навтаъсис ҳаматарафа кӯмаки амалӣ расонд. Зеро мо аз андарзи рӯзгорону ашъори шоирон воқифем, ки ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд:

Нахоҳӣ, ки зоеъ шавад рӯзгор,
Ба ноозмуда мафармой кор!
Натобад саги сайд рӯй аз паланг,
Зи рӯбаҳ рамад шери нодидаҷанг.

Билохира, ФХТ аз ҳисоби мутахассисони ҳарбию техникӣ ва соҳаҳои мухталифи халқи ҷумҳурӣ рӯз аз рӯз пурқуввату соҳиби силоҳу лавозимоти ҷангӣ ва техникаи ҳарбӣ мегардид. Аъзоёни ФХТ таҳти роҳбарии инструкторони варзидаи ҳарбӣ баҳри таъмини амнияти худу дигарон машқҳои тӯлонии ҳарбию ҷисмонӣ мегузаронидаанд, тавассути радиостанция ба ситодҳои дигар ноҳияҳо алоқа барқарор гардид. Ин ҳама фаъолияти ФХТ-ро парзӯру қавӣ гардонид.

Моҳи сентябри соли 1992 тавассути ахбори умум огоҳ гаштам, ки сессияи ғайринавбатии депутатҳои халқи вилояти Кӯлоб баргузор гардидааст масъалаи ташкилиро баррасӣ намуда, раиси комиҷроияи вилояти Кӯлоб Қурбоналӣ Мирзоалиевро гӯё мувофиқи аризаи худаш аз вазифа сабукдӯш намуда, сардори шӯъбаи 6-уми УКД-и кумиҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Кӯлоб, полковники милиса Ҷонхон Ризоевро раиси кумитаи иҷроияи депутатҳои халқи вилояти Кӯлоб интихоб намудаанд. Вале асли воқеа ва сабаби истеъфои Қурбоналӣ Мирзоалиев ҳанӯз барои бисёриҳову ман торику номуайян буд. Гӯё ӯ бо аризаи худаш ба истеъфо рафтааст. Ва худи ҳамон рӯз аз Тошканд бо воситаи телефон ба Ҷонхон Ризоев гуфтугӯ доштам. Ростӣ, вайро намешинохтам, вале ӯ маро мешинохтааст. Аз ӯ оиди зисту зиндагонии мардуми вилояти Кӯлоб ва задухӯрдҳои тарафҳо дар вилояти Қӯрғонтеппа ва шаҳри Нораку Кофарниҳон пурсон шудам. Дар ҷавоб Ҷ. Ризоев арз намуд: "Аҳволи зиндагии мардуми Хатлон бисёр вазнин мебошад, маводи хӯрокаю сӯзишворӣ намерасад, роҳбарияти ҷумҳурӣ бо сарварии Акбаршоҳ Искандаров ду вилоят (Кӯлобу Қӯрғонтеппа)-ро ба муҳосираи иқтисодӣ гузошта, намегузорад, ки ба вилоят ягон намуди маҳсулоти хӯрокаю пӯшокӣ ва сӯзишворӣ ворид гардад.

Ин лаҳза андарзҳои Носири Хисравро дар ҳаққи чунин лӯхтакроҳбарони бадугуҳару ноҷинси Ҳукумати "муросои миллӣ" ба ёдам овардам, ки гуфта:

Касе к-ӯ умр бо нодон ба сар бурд,
Нашуд доною нодон мурду хар мурд.

Вазъияти ноҳинҷор дар ҳақиқат андар Вахшонзамин рӯз то рӯз мушкил мегашт ва Ҷонхон Ризоев дар охири гуфтугӯи телефонӣ бори дигар бо таассуф ёдовар шуд, ки аҳволи Файзалӣ Саидов, Лангарӣ Лангариев, Ёқуб Салимов дар вилояти Қӯрғонтеппа ва шаҳри Норак бисёр ҳам ногувору сангин мебошад. Ҳар соат вазъият тағйир ёфта, муташаннӣҷ гашта истодааст. Вале бо сабабҳои номаълум номи Сангак Сафаровро дар радифи қумондонҳо ба забон наовард. Он лаҳзаҳо ба оҳанги суханронии Ҷонхон Ризоев ман низ чандон аҳамият надодам, фикр кардам, ки аз саҳву саросемагии телефон аз хотираш фаромӯш гаштааст.

Сипас, роҳбарияти Ҷумҳурии Ӯзбекистон вазъияти вилояти Кӯлобро ба ҳисоб гирифта, супориш дод, ки тавассути роҳи ҳавоӣ аз шаҳри Термез ба вилояти Кӯлоб ҳар рӯзе 20 тонна орд бепул чун ёрии бародарона фиристода шавад.

Аз он ҷо ба шаҳри Термиз омада, аз паи адои вазифа гардидам. Ҳар рӯз аз фурудгоҳи шаҳри Термиз ё Какаватии ноҳияи Ҷарқурғон ба вилояти Кӯлоб ду чархбол маҳсулоти хӯрока интиқол мегашт. Боре дар яке аз чархболҳо ба шаҳри Кӯлоб орд бурдам. Ҳангоме ки чархбол ба Кӯлоб фуруд омад, аз он меҳру шафқати зиёде, ки ба хоки муқаддаси Кӯлобу мардуми ба нангу номуси он доштам, ашк дар чашмонам ҳалқа зад. Замини он ба худ як меҳри хоссае дошт, ки гӯё сина мекушоду маро ба оғӯши қалби худ фурӯ мекашид. Агарчи нахустин бор қадам ба ин хоки азизу таърихии мардуми соҳибиқболи бо нангу номус мегузоштам. Ҷонхон Ризоев ва Рустам Абдураҳимов он рӯз ба истиқболам ба фурудгоҳ баромада буданд.

Дар он ҷо Ҷ. Ризоевро аввалин бор дида, ба диди фаросат дарёфтам, ки шахси бисёр ҳам худбовару устувор ва суханро обу ранг медодагӣ намуд. Рустам Абдураҳимовро, ки аз 7-уми маи соли 1992 рӯ ба рӯ надида будам, чун фарзанди падар ҳамдигарро ба оғӯш гирифта бӯсидему шукри оллоҳи таоло кардем, зеро дида ба дидори ҳам расида, бори дигар ҳамдигарро зинда дарёфтем. Дар фурудгоҳи Кӯлоб маро ҳариб касе нашинохт, чунки дар тан либоси якрангу кӯҳна ва хеле соддаву ордолуди низомии сарбозони қаторипӯш доштам.

То фаровардани бор дар фурудгоҳ ба онҳо ҳамсӯҳбат гардида, дар хусуси ФХТ, мақсад ва ҳадафҳои он ва дигар масъалаҳои муҳими рӯз маслиҳат доштем. Дар бораи сиҳату саломатии Муллоҳайдар Шарифзода, Бӯрихон Ҷобиров, Сангак Сафаров, Лангарӣ Лангариев, Қурбон Зардаков пурсон шудам, чунки онҳо асосгузорони майдони Озодӣ буданд. Баъди фаровардани бор боз баргашта ба фурудгоҳи ноҳияи Ҷарқӯрғон омадам...

Дар фаъолияту пешрафти кори Фронти Халқии Тоҷикистон ҷой, мақом ва саҳми мардуми баномуси водии Ғозималик, ноҳияҳои Ҷилликӯл, Қубодиён ва Шаҳритус хеле бузург ва фаромӯшнашаванда аст.

Аз рӯзи аввал, вақто ки қувваҳои сияҳкори мухолифин (фундаменталистони вахҳобӣ ва "демократҳо"-и навбаромади мансабталаб) дар ҷумҳурӣ ба қонуншиканию бедодгариҳо ва маҳалҷудокунию мансабтақсимкунӣ сар карданд, мардуми асилу баномуси Ғозималик гирди фарзанди боҷасорат ва сарсупурдаи халқу миллати ҷумҳурӣ, раиси додгоҳи ноҳияи Колхозобод Тағойхон (Малик) Шукуров муттаҳид гардида, ба монанди бародарони шуҷою ҳақиқатҷӯи Хатлонзамину Вахшонзамини худ маҷбур гардиданд бар зидди табоҳандешон овоз баланд карда, яроқу аслиҳа ба даст бигиранд.

Иқрор бояд шуд, ки табиат қонунҳои нонавиштаи худро дорад, дар ҳар давру замон, андар ҳар шаҳру ноҳия модарон фарзандони асилу родмардро ба дунё меоваранд, ки онҳо назаркардаи худо буда, номбардори халқу миллати худ мегарданд ва метавонанд ҷамъиятро аз паси хеш ба роҳи росту кирдори нек ҳидоят намоянд. Рости, Тагойхон ва ҳаммаромони ӯ аз ҳамин қабиланд.

Таърихи аҷдодонамон номҳои чунин родмардони сарсупурдаи миллатро аз қабили: Бобаки Хуррамдин, Афшини Истаравшанӣ, Абӯмуслими Хуросонӣ, Сумбоди Габри Марвазӣ, Яъқуби Лайси Саффорӣ, Маҳмуди Туробии Бухорой, Темурмалики Хуҷандӣ, Ҷалолиддини Султон Муҳаммади Хоразмшоҳ ва даҳҳо дигаронро, ки то кунун ҷавонмардии ишон вирди забони мардум гардидаанд, хуб медонанд. Ва имрӯз тавассути номи ин абармардон ҷаҳониён халқу диёри мардхези моро мешиносанд, ишонро ба некӣ ёдовар мешаванд. Дар асри XIX ва XX низ модарони миллат дар ҷабҳаи ҳаёт чунин ҷавонмардони назаркардаи худоро ба дунё оварданд. Вақте ки ба сари халқу миллат бадбахтӣ омад, онҳо камари рустамонаро маҳкам барбастанду худро дар сафи пеши муборизон дарёфта, қувваю ғайратро баҳри наҷот бахшидан ба халқу миллат ба ҳарҷ доданд. Беҳуда нест, ки имрӯз ҳамватанон ба номи ҳар кадоми онҳо мефахрнду наҷотдиҳандаю бахтоварандагони хешро дар симои қаҳрамонони ҷанги дуюми меҳанӣ ба монанди Ҳодӣ Кенҷаев, Неъмат Қаробоев, Чӯтак Ӯрозов, Исмоил Ҳамзаалиев, Сафар Амиршоев, Тӯйчӣ Эрйигитов, Домулло Азизов ва дигарон мебинанд. Шоир маҳз дар васфи чунин мардони ватандӯсту сарсупурдаи халқ боифтихор гуфтааст:

Ҷуръате кун пеши мардон дар набард,
То барояд номат аз мардони мард.

Дар рӯзгори мо чунин қаҳрамониро родмардони Хатлонзамину Вахшонзамин Рустами Абдураҳим, Файзалӣ Саидов, Лангарӣ Лангариев, Бӯрихон Ҷобиров, Сангак Сафаров, Азим Ғаниев, Ёқуб Салимов ва ташкилкунандагони ФХТ: Амирқул Азимов, Тагойхон Шукуров, Ибодулло Бойматов, Абдумалик Солеҳов, Раҳматҷон Холматов, Қутфинисо Мирзоева, Ботур Исҳоқов, Шералӣ Файзалиев, Давлат Муродов, Бобосубҳон Мирзоев, Ҳабибулло Насруллоев, Эгамбердӣ Бобоҷонов, Хӯҷамурод Хаспаллаев, Худойқул Тошев ва дигарон дар рафтору кирдори рустамонаи хеш ошкор намуданд, ки аз ёди номи онҳо кас шоду масрур мегардад.

Аз рӯзҳои нахустини огози набардҳову задухӯрдҳо, ба монанди дигарон борҳо родмарди асили ғозималикӣ Тағойхон Шукуров ҷони худро зери хатар гузошта, садҳо фарсах роҳро тай намуда, ба назди банда ба шаҳраки Сарводаи ноҳияи Айнӣ баҳри начот додани ҳамдиёронаш аз тӯфони балои ба сари мардум омада барои маслиҳат меомад. Дар меҳмонхонаи шаҳраки Сарвода бо тафсири воқеаҳову ҳодисаҳои мубрам ва пешгирии он шабҳоро рӯз мекардем. Он ҷабру ситаме, ки ба сари мардуми Ғозималику Вахшонзамин мухолифин оварда буданд, ёд мекард. Мазҳаби ваҳҳобия ва "демократҳо"-и сатҳӣ, мардуми бегуноҳу бесилоҳро барои он, ки ақидаи майдони Озодиро тарафдорӣ карданд ва баҳри ҳақиқату адолат кору пайкор доштанд, ифротиюни мухолифин ваҳшиёна ба қатл мерасонданду гӯшу биниву забон мебуриданд, нохуну пӯст меканданд, онҳоро сар аз тан ҷудо месохтанд, хонаҳояшонро оташ зада, молу пулашонро ба яғмо мебурданд. Тағойхон Шукуров нақл мекарду ашки ҳасрату ғазаб дар косахонаи чашмони мардонааш ҳалқа мезад ва андаруни оҳҳои пур аз оташи сӯзони ғазаболудаш дуди дарду надомат ба ҳам мепечид. Ҳасрату надомати дӯстонам маро рости, безобита менамуду сабру тоқатамро аз миён мерабуд. Оташи сузандаи ғазабашон ба таҳаммули хунсардонаам маводи таркандаи нафтӣ мепошид. Боре ӯ бо сӯзу гудоз гуфт:

— Бовар кунед, мардум тайёранд, ки ба муқобили он номусулмонону разилон бархезанд. Вале алҳол дар даст чизе надоранд. Охир, мухолифин ҳама намуди силоҳу лавозимоти ҷангии ҳозиразамону хориҷиро дорад, мо бошем, ба ғайр аз калтак ва як-ду силоҳи шикорӣ чизи дигаре надорем. Чӣ бояд кард? Ба ҳама ҷо рафтем, пул ҳам додем, вале илоҷашро намеёбем. Бинобар он, бо маслиҳати мардуми водии Ғозималик ба назди Шумо омадам! Илоҷе бояд ёфту мардумро аз марг начот дод. Мардум ба Шумо умед бастааст... Мухолифин қасам ёд кардааст, ки мардуми аз сесола болоро ба қатл мерасонад. Агар ин даъвои мухолифин рост бошад, на аз миллати тоҷик ном мемонаду на аз давлати он нишон. Мо, ки худро фарзандони ин миллат, ин Ватан меҳисобем, фардо дар назди таърих ва наберагон ва тоҷикони ҷаҳон ҷавобгар ҳастем!! Имрӯз касе ки канорнишинӣ карда истодааасту хештанро бетараф вонамуд менамояд, душмани фарзандону наберагони худ буда, ё аслан тоҷик нест ва ё дар ин сарзамин ормоне надорад!

Бо ҳамин ақидаву андешаҳо, аз меҳмонхонаи шаҳраки Сарвода ба дарёи пуртуғёни Фондарё дида дӯхта, ба худованди кариму бахшояндаи меҳрубон муноҷот мекардем, ки раҳми мардуми бенаво, раҳми мӯъмину мусулмонро хӯрад ва нақшаи

онро мекашидем, ки чӣ гуна ва бо кадом роҳ ба мардуми Хатлонзамину Вахшонзамин кӯмаки амалӣ расонем, фронти нав кушода, пеши роҳи ҷанги бародаркушро боздорем, чунки дар он шабу рӯз танҳо қувваи тавоно метавонист, ки вазъиятро тағйир бисозад. Ақаллан барои муҳофизати худи мардум онҳоро бо силоҳу лавозимот таъмин намоем...

Сипас аз паи иҷрои нақшаҳо мегаштем, ба кӯҷоҳое намерафтем, ба назди ҳар касу нокас сари баланди худро паст мекардем, вазъияти мардуми ҷумҳуриро мефаҳмондем, суханҳои даҒалу таҳқиромез ҳам мешунидем, ки гӯё мо барои курсии мансаб шуда, шабу рӯз дарҳои давлатдоронро мекӯбида бошем. Чӣ илоҷ, берун аз тақдир ҷаҳидан натавон, ки Ҳофиз бисёр шево гуфта:

Маро корест мушкил бо дили хеш,
Ки гуфтан менаёрам мушкили хеш.
Хаёлат донаду ҷони ман аз ҳам,
Ки ҳар шаб бо чӣ корам бо дили хеш.
Зи вопасмондагон ёде кун охир,
Чӣ рониҳ тунд, ҷоно, маҳмили хеш?
Басо гаштам чу Маҷнун кӯҳу саҳро,
Магар ёбам суроҒ аз манзили хеш?
Маро дар аввали манзил раҳ афтод,
Кай омад киштиям бар соҳили хеш?
Чӣ фурсатҳо, ки гум кардам дар ин роҳ,
Зи бахти хобноки ғофили хеш!

Ҳама сахтию пастиро дидем, кулли суханҳои хубу бадро шунидем, ҳукуматдорон барои ба ҳабс гирифтани мо ба ҳама органҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон супоришҳо дода буд, вале танҳо баҳри беҳбудию осудаҳолии халқу миллат шуда, аз ақидаи хеш нагаштем, фикру андешаамонро ба шахсони масъули давлатӣ бо қатъияту истодагӣ гузарондем. Бо далелу аснод ва бурҳони қотеъу раднашаванда ба ишон фаҳмондем, ки бадбахтии Тоҷикистон ин бадбахтии Осиёи Марказӣ ва гузашта аз он Федерацияи Русия низ мебошад. Аммо барои он, ки дӯстони дуру наздик моро дуруст фаҳманд, вақт зарурат дошт. Вале он лаҳзаҳо вақт ба манфиати мухолифин кор мекард. Биноан, ҳар рӯзу ҳар соат боиси рехтани хуни ноҳаҷу фурӯ рехтан ва пош хӯрдани хоки поки Тоҷикистон мегардид. Инро хуб дарк мекардем, вале чӣ илоҷ — замин сахт буду осмон баланд. Бисёр шабҳоро бо Амирқул Азимов ва ТаҒойхон Шукуров дар дохили автомошин гуруснаву ташна рӯз мекардем. Мо ду дасти холӣ доштему шукри офиридгори бузург, ки худо бо мо буд. Душманони миллат бошанд, то зери бинӣ бо силоҳу лавозимоти

ҷанги мусаллаҳ буданду васвасаҳои шайтонӣ ва қабоҳатҳои иблис ёрашон. Вазъият мисли дигар шаҳру ноҳияҳо дар ноҳияҳои Ғозималику Ҷилликӯл, Қубодиёну Шаҳритус бисёр ҳам тезу тунд буд, дар даму нафаси сарварони қувваҳои оппозиционӣ заҳора мепухт. Аз ҷумла дар ноҳияи Ғозималик генерали мардумӣ қорӣ Қиёмиддини Ғозӣ, мулло Файзуллоҳ, мулло Зубайдуллоҳ, ҳоҷи Сироҷиддин, мулло Ёқуб ба тамоми ҳастӣ даст ба сиёҳкорӣ ва ботилмазҳабӣ зада буданд. Онҳо асосгузори аввалин гирдиҳамоиҳои мазҳаби ваҳҳобиён ва демократҳои мансабталаб дар Тоҷикистон буданд, ки ин амалиётро, яъне саҳнаи ҳузнангезро ҳанӯз соли 1978 дар вилояти Қӯрғонтеппа ба мавриди намоиш гузошта буданд.

Бо чунин роҳҳои зӯроварию қонуншиканиҳо ва нисбати иҷрои вазифа бемасъулиятона муносибат кардани роҳбарони ҳамонвақтаи вилояти Қӯрғонтеппа ва ҷумҳурӣ имконият фароҳам оварда буд, ки бародари мулло Зубайдуллоҳ Розиқов — Саидқул Шарифов ба курсии Раиси кумитаи иҷроияи ноҳияи Ғозималик нишинад. Бояд ёдовар шуд, ки ин раиси муллотарошони "худотарс"-у демократиюни "худоҷӯ" С. Шарифов ҳарчанд дар мансаби раисӣ лаҳзаҳое чун ашки сари мижгон ҷилванамой карда бошад ҳам, вале ба муқобили мардуми диёраш корҳои "назаррас"-ро ба сомон расонид. Вай дар рӯзҳои митинги майдони Шаҳидон нормаи орди аҳолии ноҳияро рост ба фонди майдони Шаҳидон гузаронд ва худ ҷорчии ҳамарӯзаи "ҳақиқати исломӣ" гардид. Чунин дурӯяҳо, ки нони халқу давлатро хӯрда, зидди халқи бечора иқдом намуда буданд, мисли ин зоти шариф кам набуданд. Раиси комиҷроия аз ҷумлаи онҳое буд, ки аз тори ришу саллаи муллоҳо ва мазҳаби ваҳҳобия маҳкам дошта, даҳонашро чайқонда-чайқондаву обгардон намуда, баъд номи ишонро "ҳазратам", гӯён вирди забон мекард. Дар ноҳия мазҳаби ваҳҳобия буду сиёсати ин навдавлатон побарҷо, ки онро имом-хатиби масҷиди ноҳияи Ғозималик эшони Зубайдуллоҳ — бародари калонии раиси комиҷроия ба амал мепайваст. Ҳар ҳарфе, ки мулло Зубайдуллоҳ ва қорӣ Қиёмиддини Ғозӣ ба забон меоварданд, аз тарафи ҳукумати ноҳия ҷомаи амал мепӯшид. Бо мазмуни томаш дар ноҳия аз ин ҳодисаҳо хело пеш ҳокимият комилан ба дасти мухолифин гузашта буду аз дару девори хонаҳову иморатҳои ин ноҳия бонги "намозу"зарби"такбири" зоҳиран худоҷӯёнаву ботинан авомфиребона ба гӯш мерасид, ки Имоди фақеҳи ҳамзамони Ҳофизи бузург чокари ин тоифа буд.

Ин ноомадҳову ногуворихои хеле хафакунанда як идда каҷҳисобону зоҳирпарастонро чун тарошапораҳое рӯи об баро-

вард. Албатта, дар ин лаҳзаҳои ногувор дил зимни гуфтаи шоир умедворӣ дошт, ки гуфта:

Даври гардун ғар ду рӯзе бар муроди мо нагашт,
Доимо яксон намонад ҳоли даврон, ғам маҳӯр!
Эй дил, ар сели фано бунёди ҳастӣ барканад,
Чун туро Нӯҳ аст киштибон, зи туфон ғам маҳӯр!
Гарчӣ манзил бас хатарнок асту мақсад бас баид,
Ҳеч роҳе нест к-онро нест поён, ғам маҳӯр!

Ҳамин тавр, рӯз то рӯз вазнину пуршиддат гардидани вазъияти дастаҳои Файзалӣ Саидов, Лангарӣ Лангариев, Сангак Сафаров, Ёқубҷон Салимов, Маҳкамбой Шарифов, Бӯрихон Ҷобиров, Восит Самадов, Азим Ғаниев, дар ноҳияҳои Бохтару Вахш ва шаҳри Қӯрғонтеппа, ки паи ҳам мавқеи худро супурда, ақибнишинӣ мекарданд, қувваҳои оппозиционӣ аз ҳисоби он дурӯяҳо ва чоплусони беимон неруҳои ғосибонаи хешро равнақбахш менамуд ва ба ғалаба бовариашон торафт шиддат мекард.

Онҳо аз ҳеч нохалафӣ ҳазар намекарданд, аз даҳшат рӯй намегардонданд, ҳар коре, ки мехостанд, ҳамоно ба мавриди амал мепайвастанд, дар вуҷуди ҳар кадоми онҳо, наузамбиллоҳ, хурдтарин нишонаҳои мусулмонӣ — раҳму шафқат намонда буд.

Наузамбиллоҳ! Чун гургони гуруснаи вориди рамаи мешон гардида ба чор тараф уллоскашону шеванкунон якеро гӯшу бинӣ мебуриданду дигареро ахта намуда, нохуни дасту по меканданд, сеюмиро сар аз тан ҷудо месохтанд. Қисса кӯтоҳ, даҳшати чашмнодиду гӯшношуниде содир менамуданд. Дар ягон давру замон, дар ҷангҳои якуму дуюми ҷаҳон, ҷангҳои мазҳабии қарнҳои миёна касе чунин ҷаҳолату ҳамоқатро нисбати фарзанди инсон бо ин беқадриву забунии одамӣ надидаву нашунидааст.

Аз ин рӯ, онҳо чашми ҳамаро тарсонда буданд. Хурду калон, пиру барно, тифлони беақлу пирони барҷомонда агар номи "Вовчик"-ро мешуниданд, баданашон ба ларза даромада, маргро гӯё дар рӯ ба рӯи худ медиданд. Бад-ин маънӣ маргу "вовчик" дугоникҳои ҳамзоданд, ки як себи аз заҳр обёришудаи дукафон!

Онҳо бо силоҳу лавозимоти ҷангии ҳозиразамон мусаллаҳ буданд. Ба тамом аз силоҳҳои собиқ Иттифоқ ва хорӣ хуб истифода бурда метавонистанд. Чунки онҳо солиёни тӯлонӣ ба қатли ом худро омода сохта буданд, бо пули Қозиёти ҷумҳурию сармоядорони хорӣ ва як қисм корчаллону мафиозҳои худобехабари Тоҷикистону Ӯзбекистон силоҳу лавозимоти гуногуни истеҳсоли собиқ Шӯравию хорӣ ҷамъ оварда, ба мақсади

нопоки ТАБАДДУЛОТИ ДАВЛАТӢ намудан, дуру дароз ин амри номуборакро тарҳрезиву бурру дӯхт намуда буданд!

Мардуми бечора: коргару деҳқон ва зиёён, ки ба хотири давлати тоҷиконро пурқувват сохтану шиками фарзандонашонро аз хӯроку танашонро аз пӯшок таъмин намудан аз субҳи содиқ то шом дар давву тозиравнаки кори хоҷагиву ҷамъиятӣ буданд, рӯз то шаб аз дохили пахтазору тамокузори пур аз заҳр берун намебаромаданд, аз куҷо силоҳу лавозимати ҳарбӣ меёфтанд?! Охир, онҳо бо кадом пул, аз ҳисоби кӣ ва аз куҷо ҳам маводи аҷалро мехариданд ва чаро ҳам мехариданд?! Касе аз мардуми бечора дар фикру андешаи ҷанги одамкушӣ набуд ва роҳҳои истифодаи силоҳу аслиҳаро аз касе наомӯхта буданд. Касе аз ранҷабарони бечора фикр ҳам намекард, ки рӯзе хоҳад расид, ки як идда чоплусони худобехабару каҷҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки яке худро нерӯҳои "демократӣ"-ву дигаре муборизи "начотдиҳанда"-и дини мубини ислом ва таҳриркунандаи Қуръони маҷид ҳисобида, ба хотири курсии мансаб шуда, мардуми мӯъмину мусулмон ва бародарони ҳамхунии худро ба чунин бадбахтию сарсахтиҳо дучор карда ва ба бародаркушиву ноҷавонмардӣ камар мебандад.

Аз ҷониби дигар, мардуми бечора боварӣ бар он дошт, ки давлату роҳбар дорад, давлаташ соҳиби Қонуни Асосӣ, сарварашон дорои ҳуқуқу ваколатҳои зиёде аст. Биноан, барои пойдории он аз маоше, ки бо арақи ҷабин ёфтааст, фоизи беминнат ба хазинаи давлат медиҳад. Охир давлатдорон, бахусус, дастгоҳҳои он теъдоди зиёди кормандони ВКД ва КАМ, ки тамомашон мусаллаҳанду соҳиби техникаи ҳозиразамон мебошанд, дар ҳама мавридҳо осоиштагию оромии ҳамин ғарибону бечорагони заҳматкашро ҳифз менамоянд. Илова ба ҳамаи ин, ҳимоятгарони қонун савганди ҳарбию касбӣ хӯрдаанд, ки то нафаси охирин ба аҳду вафои хеш устувору пойдор мебошанд, вале дардо, дареғо, ҳасрато, ки ин тавр нашуд! Онҳо ба муқобили халқи хеш оташ кушоданд. Фаридаддини Аттор маҳз да ҳаққи ҳамин гуна мунофиқон гуфтааст;

Он, ки каззоб асту мегӯяд дурӯғ,
Нест ӯро дар вафодорӣ фурӯғ!

Ба ростӣ, теъдоди зиёди кормандони милиса, Кумитаи Амнияти Миллӣ дар рӯзҳои душвори ба сари миллат омада, мунофиқиву дурӯягӣ, чоплусиву даллагӣ ва хуносогарӣ зоҳир карданд. Рафтори онҳоро на афроди асилу на ҷомеа ва аминам, на худо низ ҳеҷ гоҳ намебахшанд, зеро халқу худо гуфтаанд. Таассуфовараш, ҳамин, ки баъзеи онҳо баъди сари қудрат

омадани Ҳукумати Конституционӣ бар рӯи хеш як порча чарми уштурро кашида, аз кардаи хеш пушаймон нестанду ҳанӯз кордашон болои равғани дунба фурӯ хамида, аз мансабҳои баланди меросии хеш савлату давлат менамоянд.

Алқисса, дар он шабу рӯзе, ки Фронти 2-юми Фронти Халқии Тоҷикистон ба тозагӣ ба фаъолият камар мебаст, дастаи мухолифин андар вилояти Қӯрғонтеппа, алалхусус дар ноҳияҳои Ғозималик, Ҷилликӯл, Қубодиён ва Шаҳритус чун гургони гурусна девонавор ҳамла ба ҷону моли мардум мекарданд. Барои тарсондани чашми мардум ашхосеро, ки ҷонибдори ақидаи ишон набуданду ононро тарафдорӣ нанамуда, фикри хешро озодона иброз медоштанд, ваҳшиёна дар пешорӯи дидаи халқ ба қатл мерасониданд. Ин амали табоҳ роҳу равиши фаъолияти ҳамарӯзаи дасисакорони мардумфиреб буд.

Барои тасдиқи ин андеша ба таваҷҷӯҳи хонандаи гиромӣ пешкаш гардонидани як лаҳза аз таърихи даст ба сияҳкориҳо задани қувваҳои мухолифини ифротии "ислом"-и иртиҷоиро ба таври далел ёдрас мегардонам:

Собиқадорони меҳнат: Абдусалом Холов — директори китобхонаи марказии ноҳияи Ғозималик, Тилло Сафаров — сардори идораи ноҳиявии "Тоҷиксоюзпечать" ва Абирқул Абдулҳакимов — ревизори ҷамъияти матлуботи ноҳияро тамоми сокинони ноҳия чун инсонҳои ҳалолкору меҳнатдӯст, меҳрубону ростқавл ва асилу имондор хеле хуб мешинохтанд. Ҳар сеи онҳо узви Ҳизби Коммунист ва фардони имондор буда, ҳар яке аз ишон зиёда аз 30—40 сол ба халқу давлат хизмати шоиста намуда, тамоми қарзу фарзи худованди карим ва ҳадисҳои пайғамбар — Муҳаммади мустафо саллалоҳу алайҳи вассалам ва аркони исломро ба ҷо меоварданд. Ба яккаву ягонагии офаридгори бузург ва Муҳаммад расули барҳаққу китоби осмонӣ — Қуръони маҷид эътиқод доштанду сари саҷда меоварданд.

Рӯзе баъди хондани намози ҷумъа ҷенерали "мардумӣ" эшони ҳоҷӣ қорӣ Қиёмиддини Ғозӣ бо ҳамроҳии мулло Муҳаммадшарифи Қаландар, (ӯ соли 1987 барои нашъамандӣ дар ноҳияи Ғозималик сазовори ҷазои судӣ гардида буд,) мулло Зубайдуллоҳи Розиқ ҳаммаслакони кӯрдили худро ҷамъ намуда, барои аз маркази ноҳияи Ғозималик гирифта партофтани ҳайкали В. И. Ленин машварат менамоянд. Баъди ин ҳаммаслакон ба маркази ноҳия меоянд. Онҳо ба ваҳшиёна кандани ҳайкал камар мебанданд. Ин рафтори онҳоро мардуми зиёде дида, ҳама изҳори норозигӣ менамоянд. Яке мегӯяд, ки ин моли санъат аст, дигаре мегӯяд, ки ин чизи таърихист,

сеюмӣ — ин доҳии пролетариати ҷаҳон аст, набояд нобуд карда шавад. Чорумӣ овоз баланд мекунад, ки чунин рафтори хомхаёлона ба ҳаёту кору зиндагонии фарзандони Тоҷикистон, ки дар Ҷумҳурии Федерацияи Русия, Ҷумҳуриҳои Украинаю Белорус кору таҳсил доранду адои вазифа меварзанд, таъсири манфӣ хоҳад расонду ҳаёти садҳо ҷавонмардони Тоҷикистонро зери хатар хоҳад гузошт. Модоме ки кандани он зарурат дошта бошад, чаро мумкин набошад онро боадабона, дар як вақти муайян аз миён баранд?

Дар ин ҷо қорӣ Қиёмиддини Ғозӣ, ки сарвари ин амали хоинона буд, мегӯяд:

— Ленин ситамкору ҷаллод ва хуношоми мӯъмину мусулмон буд, ҳайкали ӯро бишканед. Коммунистон, духутурон ва муаллимон кофиру номусулмон, занашон талоқу худашон дӯзахиянд! Онҳоро ҷаноза кардан нашояд: нонашон ҳаром аст!...

Ин гуфтаҳои қорӣ Қиёмиддини Ғозӣ — шахсе, ки барои ҷамъият хурдтарин хизмате накардааст, се нафар собиқадорони ҷангу меҳнати бонангу номусро ба ғазаб овард. Онҳо ҳамфикрони худро гирд оварда, рӯзи дигар ба масҷиди ҷумъахонии ноҳия ташриф оварда, аз ҳомиёни мазҳаби "ваҳҳобия" талаб намуданд, ки марҳамат карда, ба онҳо бо фармудаи худову оёту ҳадиси ҳазрати Муҳаммади мустафо саллаллоҳу алайҳи васаллам бифаҳмонанд, дар кадом сураи Қуръони маҷид ва оёту ҳадиси ҳазрати Муҳаммади мустафо саллаллоҳу алайҳи ва саллам омада, ки коммунист, духтур ва муаллим қатъи назар аз миллату мазҳабаш кофир бошад, хонааш ҳарому занаш талоқ, хӯрокаш макрӯҳу ҷанозааш нораво?!...

Охир, алҳамдулиллоҳ, онҳо ҳам мусулмон, ба яккаву ягонагии оллоҳи таъоло ва Муҳаммад расули барҳаق ва 366 пайғамбар сидқан боварӣ доранд, бинои мусулмонӣ, усули дин, нияти ғусл, нияти намозу рӯзаро медонанд ва онро бе каму кост ба ҷо меоранд. Бо меҳнати ҳалолу обилаи кафи даст зиндагонии хоксорона бурда, ҳаққи мардум нахӯрдааанду дурӯғ нагуфтаанд. Пас чӣ гуна онҳо кофир будаанд?!... Дар тамоми тӯли умри бобаракат, ки ҳаёт ба сар бурдаанд, касе онҳоро кофир ҳукм накард. Чаро имрӯз онҳо кофир мебудаанд?!

Кофир ё мусулмон, биҳиштӣ ё дӯзахӣ ҳар як бандаи худоро танҳо фардо рӯзи қиёмат оллоҳи таоло метавонад муайян созад. Пас, чӣ гуна, дар асоси кадом сураи Қуръони маҷид Шумо ба ҳаққу ҳуқуқи худованди карим даст меёзонеду хештанро ҳокими мутлақи имрӯзу фардо эълон менамоед?!

Магар андешаи мавлоно Ҳусайни Воизи Кошифиро, ки дар китоби "Ахлоқи мӯҳсинӣ" нигоштааст, нахондаву нашнидаед, ки фармуда:

"...Амрӯи Лайс якеро ба суханҳои соҳибғаразе маҳбус сохт. Модари он кас арза дошт, навишта бар сари роҳи Амрӯи Лайс биистод ва чун Амрӯ бирасид, пиразан батаъҷил қоғаз боз мекард, ки ба дасти Амрӯ бидиҳад. Маркаби Амрӯ тунд буд ва рамид. Амрӯ мутағаййир шуд ва бифармуд, ки он пиразанро дур карданд. Ва аз он ҷой даргузашт. Боз аҷуза ба сари роҳ омад ва биистод, ки Амрӯи Лайс боз гузашт ва дигарбора пеш омаду такаллум намуд. Амрӯ пурсид, ки ин чӣ кас аст? Гуфтанд: "Модари фалон маҳбус аст". Амрӯ аз ӯ мутанаффир буд. Рӯй бигардонд ва илтифот накард. Пиразан гуфт: "Эй малик! Ҳукми ту дар бораи писари бегуноҳи ман чист?" Гуфт: "Он, ки ӯро сад чӯб бизананд ва рӯяш сиёҳ кунанд ва гирди шаҳр бигардонанд ва нидо кунанд, ки ҳар ки дар ҳазрати султон осӣ шавад, сазои вай он аст". Пиразан гуфт: "Ин ҳукм ту мекунӣ?" Гуфт: "Оре, ман ин ҳукм мекунам". Гуфт: "Пас, ҳукми худо куҷо шуд, агар ҳар ҳукме, ки ту хоҳӣ кунӣ?"

Аз ҳайбати ин сухан ларза бар Амрӯ афтод ва беҳуш шуд, ки ба ҳаққу ҳуқуқи худо панҷа зада ва чун ба худ омад, бифармуд, то маҳбусро аз зиндон берун оваранд ва хилъати хос бар ӯ пӯшонида, ба маркаби хос савор кунанд ва гуфт: "Ӯро дар шаҳру бозор бигардонед ва мунодӣ кунед, ки ҳар ҳукме, ки худо кунад, Амрӯи Лайс, кӣ бошад хилофи он дар хотир гузорад?!"

Ӯ ҳоким асту мо ҳама маҳкуми ҳукми ӯ,
Моро чӣ эътибор бувад, ҳукм ҳукми ӯст.

Абдусалом Холов, шахси софдилу фурӯтан, боинсофу имондор, замираш тозаву беозор буд. Як умр дар хизмати халқ буд, миёни мардуми натанҳо ноҳияи Ғозималик, балки вилоят ва ҷумҳурӣ обрӯву эҳтиромӣ зиёд дошт. Бо меҳнати ҳалол ҳаёт ба сар мебурд. Ҳаққи мардум намехӯрд, фурӯтану худотарс буд. Ҳатто баъди ба нафақа баромадан намехост, ки мӯҳтоҷи касе гардад, биноан, боз кор мекард. Луқмаи поку забони тозаву равони баномусона дошт. Падари фарзандону бобои азизу меҳрубони наберагон ва шафиқи ҳамдиёрон буд. Дорои ақли расову фаросати тамом ва хираду маърифати тавоно буд... Борҳо шуда, ки ваҳҳобиён аз суханҳои ростини ӯ ранҷида, касд ба ҷони азизи пирамарду ҳамфикронаш намудаанд. Дастаи силоҳбадастони хунӣшом дар сар саллаву дар даст тасбеҳҳои хоричӣ "Оллоҳу акбар!" гӯён дар рӯзи равшан ба хонаи

Абдусалом Холов ҳуҷум оварданд. Дар хона ӯро наёфта, додарзодаи Абдусаломро дастгир намуда, зери мушту лагад гирифта, истинтоқ карданд, то ки дар куҷо будани амакашро ифшо созад. Писарак ашк мерезонду чизе намегуфт. Аз афташ вай қаблан эҳсос намуда буд, ки ин муллову "растохез"-иён нияти разилонае доранд... Сипас он ҷаллодон дар назди мардуми ҷамъомада дасту пои писаракро симпеч намуда, назди ғарами коҳбеда оварда, хуб лагадкорӣ карда гуфтанд:

— Агар дар куҷо будани амакатро нагӯй, ту сагбаччаро худи ҳозир оташ мезанем.

Дар ҷавоб ҷавонписари ба хуну хок оғушта сарашро боло гирифта, чунин посух дод:

— Амакам дар куҷост, ман намедонам, вале мо дар назди шумо чӣ гуноҳе содир намудем, ки қасд ба ҷонамон кардаед?!

Ногоҳ овози қорӣ Қиёмиддини Ғозӣ ба гӯш расид, ки нӯёк зад:

— Адаби ин ҳаромибачаи модарбахаторо диҳед! Бубинем, ҳанӯз дар тухму забонаш чун тир нишонрас!...

Яке аз сарбозони қорӣ Қиёмиддини Ғозӣ, ки шахси миёнақаду сергӯшт буду риши дарози сиёҳ дошт, чолокона даст ба пеш бурда, дар ҷавоб гуфт:

— Ҳазратам, ба иҷрои амратон тайёрем.

Панҷшохаро гирифта, бо тамоми қувват дудаста онро ба шиками писарбача халонид, писарбача аз зарби ба танаш бархурдани панҷшоха "оҳ" гӯён ба худ мепечиду хун аз ҷисмаш фаввора мезад, ки боз аскарони қорӣ Қиёмиддини Ғозӣ ҷисми хунолуди ӯро бо пой лагадкӯб мекарданд.

Абдусалом Холов, ки дар он лаҳза дар оғилхона пинҳон шуда буд, ба ҳамаи ин даҳшату ваҳшоният тоқат карда натавониста, ба назди онҳо баромада гуфт:

— Ҳой, ноинсофҳои худобехабар! Барои ман шуда, ҷавони бегуноҳро накушед, ба ҷои ӯ метавонед маро ба қатл расонед. Тайёрам ҷон ба ҳаҚ биспорам. Имрӯз дастболо гардидаед, чӣ илоҷ! Наққоши азал риштаи ҳаёти маро чунин бофта, дар пиронсолагиам онро ба дасти шумо, ноинсофон дода будааст. Вале фаромӯш накунед, поёни шаби сияҳ сафед асту ҳар шом, ки ояд паси он саҳаре хоҳад расид.

Сияҳкорон пирамардро, ки бо пои худаш назди онҳо омада буд, девонавор печонда гирифта, ҳар кадомаш чӣ хеле, ки мехост дашномаш медод, ба қундоқи милтиқу мушту лагад мезадандаш. Ростӣ, даҳшате буд чашмнодиду гӯшношунид. Шахсеро шиканҷа медоданд, ки дар тамоми ҳаёташ пашшаеро озор надодаву муқобили касе мушт набардошта буд. Ӯро дар

назди чашми мардум, зану фарзанд, набераву абераҳояш лату кӯб намуда, зери шиканҷа гирифта буданд.

Бо фармону дастури қорӣ Қиёмиддини Ғозӣ аввало ӯро хуб лагадкӯб карданд, сипас нохунҳои дасту пояшро бо асбобҳои махсус як-як мекашиданд. Ба доду фарёди мӯйсафеди ба хуну хок олуда ва хешовандону ҷигарбандонаш аз ин тоифаи ваҳҳобӣ ҷонзоде гӯш намедод, раҳм намекард, бадбахтона дар он соату дақиқаҳои маргбор касе низ мадад карда наметавонист.

Силоҳбадастони қорӣ Қиёмиддини Ғозӣ чор тарафро иҳота карда, намегузоштанд, ки касе наздик ояду ба мӯйсафед кӯмак расонад, ӯро аз замин бардорад, дар лаҳзаҳои ҷонканӣ қулти обе ба гулӯяш бичаконад. Ҳама аз дур нигариста, ба ҳоли мӯйсафеди Абдусалом ашк мерехтанду, дасти норасо доштанд.

Охир, кӣ ҳам ва чӣ гуна, бо кадом қувва ба назди он даррандагон меомад?! Ҳама сарбозони қорӣ Қиёмиддини Ғозӣ бо силоҳу лавозимоти ҷангӣ мусаллаҳ буданд, дигарон бошанд, бо дасти холӣ нигоҳ карда меистоданд. Рост, он лаҳзаҳо "Мушт бо дарафш рост намеомад". Сипас, бо фармони сарвари дастаи хуношоми мухолифин гӯшу бинии Абдусаломро бурриданд. Ин даҳшате буд, чунин ҳолатро касе надидаву наметавонист, ки ба ӯ бингарад.

Абдусалом Холов ба хуну хок олуда, ӯро шинохта намешуд. Қувваи охирини худро ҷамъ оварда, бо овози хаста канда-канда гуфт:

— Ҳой, ноинсофону худобехабарон! Ҳой, душманони дини мубини ислом ва Қуръони маҷид! Ҳой беимонҳо, чӣ кор карда истодаед?! Барои кадом гуноҳҳоям маро ба ин аҳвол гирифтор кардаед?! Нисбати дини мубини ислом ва Қуръони маҷид кай ва дар куҷо ҳарфе беҷо гуфтам?! Заррае аз худо тарсед!! Як лаҳза фикр кунед. Медонам, Шумо маро мекушед, вале тамоми тарафдорони ҳақиқату адолатро кушта наметавонед! Бо ин амали табоҳатон теша бар решаи дини мубини ислом ва Қуръони маҷид мезанеду халос! Худро дар назди халқу худо шармандаву масхара менамоеду бас!!

— Хайр, ҳеҷ гап не, рӯзе мерасад, ки родмардони ҷасуру шуҷои Ғозималик ва ҷумҳурӣ бар ивази хуни ман садҳо нафаратонро ба ҷаҳаннам мефиристонанд! Нашнидаед:

Ангушт макун ранҷа ба даркӯфтани кас,
То кас накунад ранҷа ба даркӯфтанат мушт!

Дар ин лаҳза тундари қорӣ Қиёмиддини Ғозӣ ба гӯш расид:

— Забони ин кофарро бурред, ки овозаш гушамро нахарошад!!

АКСҲОИ ҚИСМЕ АЗ ШАҲИДОНИ РОҲИ ОЗОДӢ ВА ҚУМОНДОНҲОИ ҶАСУРУ ШУҶОЪРО, КИ АЗ СЕЛБОРОНИ ҲАВОДИС ВА ТАМОМИ ЗАДУХУРДҲО СИҲАТУ САЛОМАТ БАРОМАДААНД, ПЕШКАШИ ХОНАНДАИ ГИРОМӢ МЕГАРДОНАМ

ТаҒоймурод ХОЛМУРОДОВ, соли таваллудаш 1937, зодаи деҳаи Шӯроби ноҳияи Ҳисор, миллаташ ӯзбек, маълумоташ олӣ, соҳиби фарзанду набера, директори идораи хӯроки умумии ноҳияи Ҳисор. Аъзои ФХТ. Қумондон оид ба таъминоти ичтимоии сарбозон. Аз рӯзи дар Душанбе содир гардидани табаддулоти давлатӣ, ҳукумати "муросои миллӣ"-ро ҒайриҚонунӣ ҳисобида дастаи худро таъсис намуд ва муборизаро оҒоз кард.

Иззатулло БОБОКАЛОНОВ, соли таваллудаш 1932, зодаи деҳаи Косатароши шӯрои қишлоқи Лучоби ноҳияи Варзоб, миллаташ тоҷик, маълумоташ олӣ, соҳиби фарзанду набера, директори хоҷагии ба номи Ҳасан Ҳамидов, аъзои ФХТ

Субҳонқул БАҲОВАДДИНОВ, миллаташ точик, зодаи ноҳияи Ғозималик, маълумоташ олй, қумондони ФХТ (ноҳияи Ғозималик). 7. 07. 1993 с. аз тарафи душманон ба қатл расонда шуд.

Муйбулло Сафарович КАРИМОВ, соли таваллудаш 1959, зодаи ноҳияи Шаҳритус, миллаташ точик, аъзои ФХТ. Дар озод намудани ноҳияҳои Шаҳритус, Панч, Қумсангир, Колхозобод ва Ленин аз ваҳҳобистон иштирок намудааст.

Радик Калимович АБУБАКИРОВ, соли таваллудаш 1965, зодаи ноҳияи Шаҳритус, миллаташ бошқирд, аъзои ФХТ. Дар озод намудани ноҳияҳои Шаҳритус, Панч, Қумсангир, Колхозобод ва Ленин аз ҷараёни ваҳобия иштирок намудааст.

Николай Михайлович КУЛЕТНИКОВ, соли таваллудаш 1954, зодаи ноҳияи Шаҳритус, миллаташ рус, аъзои ФХТ. Дар озод намудани ноҳияҳои Шаҳритус, Панч, Қумсангир, Колхозобод ва Ленин аз ваҳҳобияи хунхор иштирок намудааст.

Александр Анатольевич ЮРМАНОВ, соли таваллудаш 1964, зодаи шаҳри Чита, миллаташ рус, маълумоташ олии ҳарбӣ, аъзои ФХТ. Дар озод намудани ноҳияҳои Шаҳритус, Панҷ, Қумсангир, Колхозобод ва Ленин аз мазҳаби Ваҳҳобия иштирок намудааст.

Аличон ҚАҲҲОРОВ, соли таваллудаш 1958, зодаи ноҳияи Шаҳритус, миллаташ ӯзбек, ҷонишини қумондони шӯъбаи Фронти 2-и ФХТ, оиланок ва соҳиби 5 фарзанд.

Исмоил ҚУЛАҲМЕДОВ, соли таваллудаш 1965, зодаи ноҳияи Шаҳритус, корманди ШКД-и ноҳия, қумондони Фронти 2-и ФХТ дар хочагии "Искра".

Рауф Маҳмадалиевич ЎТАЕВ, соли таваллудаш 1967, зодаи деҳаи ОИМИ-1, ҳочагии ба номи В. И. Ленин, ноҳияи Шаҳринав, миллаташ тоҷик. Ҷои кораш фабрикаи паррандапарвории ноҳияи Шаҳринав, аъзои ФХТ.

Рустам ҚУШОҚОВ, соли таваллудаш 1968, зодаи деҳаи ба номи Микояни хоҷагии Ленини ноҳияи Шаҳринав, миллаташ ўзбек, маълумоташ олӣ, соҳиби оила, як писар, ҷои кораш СПТУ № 11, тренер оид ба каратэ, дорандаи унвони "Камарбанди сиёҳ", аъзои ФХТ. Баъд аз барқарор гардидани ҳукумати қонунӣ қумондони таъиноти махсуси назди комиҷроияи ноҳияи Шаҳринав таъин гардид.

Ғайрат Маҷидович СОЛИҲОВ, соли таваллудаш 1968, зодаи ноҳияи Ҳисор, миллаташ ўзбек, донишҷўи факультети забонҳои хориҷии Университети педагогии шаҳри Душанбе, соҳиби оила ва 1 фарзанд, аъзои ФХТ. Ҳоло вазифаи ҷонишини отряди махсуси ноҳияи Шаҳринавро бар ўҳда дорад.

Рачабмоҳ Кенчаевна СОБИРОВА (баъди вафоти Лангарй Лангариев номи Мунира Лангариеваро гирифтааст), соли таваллудаш 1961, зодаи ноҳияи Совет вилояти Кӯлоб, миллаташ тоҷик, маълумоташ миёна, соҳиби 3 фарзанд, Шавҳараш Бекназар Сафаров 28 сентябри соли 1992 дар ҷанги шаҳри Қурғонтеппа аз тарафи гурди миллии мухолифин ба қатл расонда шуд. Дар ин ҷанги хонумонсӯз аз дасти душманони миллат бародарони Рачабмоҳ Собирова: Сафар, Қурбоналй, Сайфулло, Ятим, Иброҳимҷон, амаконаш Ғоибназар Сафаров, Пирназар Сафаров ва Абдуалй Сафаров ваҳшиёна ба қатл расонда шуданд. Сипас Рачабмоҳ Собирова силоҳ ба даст гирифт. Борҳо дар задухурдҳои шадид баҳри барқарор намудани ҳокимияти қонунии то 7. 05. 1992 с. амалкунанда ҷонбозиҳо кард.

Муҳиддин БАҲРОНОВ, соли таваллудаш 1938, зодаи шаҳри Конибодом, маълумоташ олӣ, оиланок, соҳиби 5 фарзанд, қумондони фронти халқии Шаҳритус.

Раим УЗОҚОВ, аъзои Фронти Халқӣ, борҳо дар ҷангҳо бо мухолифии қаҳрамониҳо нишон дод. Дар яке аз ҷангҳо сахт захмин гардида пои росташро гум кард.

Ҳошим Султонович ЧӮРАЕВ, соли таваллудаш 1970, зодаи ноҳияи Шаҳритус, миллаташ тоҷик, аъзои ФХТ. Дар озод намудани ноҳияҳои Шаҳритус, Панҷ, Қумсангир, Колхозобод ва Ленин аз фундаменталистони ваҳҳобӣ иштирок намудааст.

Фахриддин Собирович АЗИЗОВ, соли таваллудаш 1975, зодаи ноҳияи Шаҳритус, миллаташ ӯзбек, аъзои ФХТ. Дар озод намудани ноҳияҳои Шаҳритус, Панҷ, Қумсангир, Колхозобод ва Ленин аз фундаменталистони ваҳҳобӣ иштирок намудааст.

Аҳмадалй МУРОДОВ, соли таваллудаш 1965, зодаи ноҳияи Шаҳритус, миллаташ ўзбек, аъзои ФХТ. Дар озод намудани ноҳияҳои Шаҳритус, Панч, Қумсангир, Колхозобод ва Ленин аз фундаменталистони ваҳҳобй иштирок намудааст.

Ориф ҲАИТОВ, соли таваллудаш 1967, зодаи ноҳияи Шаҳритус, миллаташ тоҷик, аъзои ФХТ. Дар озод намудани ноҳияҳои Шаҳритус, Панч, Қумсангир, Колхозобод ва Ленин аз фундаменталистони ваҳҳобй иштирок намудааст.

Алан Негматович РАҲМОНОВ, соли таваллудаш 1974, зодаи ноҳияи Шаҳритус, миллаташ осетин, аъзои ФХТ. Дар озод намудани ноҳияҳои Шаҳритус, Панҷ, Қумсангир, Колхозобод ва Ленин аз фундаменталистони ваҳҳобӣ иштирок намудааст.

Владимир Анатольевич КИМ, соли таваллудаш 1967, зодаи ноҳияи Шаҳритус, миллаташ кореец, маълумоташ миёна, оиланок. Аъзои ФХТ. Барои таъмини амнияти мардум бархеста ба муқобили мухолифин ҷангид ва барои аз фундаменталистон озод кардани ноҳияҳои Колхозобод, Қумсангир, Ҷилликӯл, Панҷ ва Шаҳритус ҳиссаи арзанда гузошт.

Ваҳҳоб Хидирович БАССАЛИЕВ, соли таваллудаш 1955, зодаи ноҳияи Шаҳритус, миллаташ тоҷик, маълумоташ олӣ, оиланок, раиси Ҷамъияти матлуботи район, аъзои ФХТ. Рӯзе, ки мухолифини мусаллаҳ мардуми бе силоҳи ноҳияро ба қатл мерасонд, ӯ бо дастаи махсус ба муқобили онҳо ҷасурона ба мубориза бархост.

Сергей Григорьевич ЯКОВЕНКО, соли таваллудаш 1965, миллаташ украин, оиланок, аъзои ФХТ. Ба муқобили мухолифин дар ноҳияҳои Шаҳритус, Колхозобод, Чилликӯл, Панҷ ва Ленин мубориза бурдааст.

Ҳамдам ВОҲИДОВ, зодаи ноҳияи Бохтар, аслу насабаш аз Истаравшан, роҳбари яке аз дастаҳои Горди миллии Бохтар. Баҳри таъмини амнияти ҳамватанони худ борҳо часурӣ зоҳир намудааст.

ҶАЛОЛОВ Саидкабир Камолович

$15\frac{03}{1964.}$ $28\frac{09}{1992.}$

бо дӯстонаш Ҳабибулло Ғуломов ва Хӯҷамурод Хочаев аз тарафи дастаи мулло Ҳандулло Мухторов ва аъзоёни ҳаракати мардумии "Лаъли Бадахшон" ваҳшиёна ба қатл расонда шуд.

Ҳабибулло ҒУЛОМОВ, соли таваллудаш 1956, зодаи деҳаи Даштиҷуми ноҳияи Ховалинг, миллаташ тоҷик, маълумоташ олӣ, сардори ПМК-6, соҳиби 4-фарзанд. Аз рӯзи оғоз гардидани ҷанги бародаркуш ба таъмини амнияти ҳамдиёронаш бархест. 28. 09. 1992 с. Ҳабибулло бо Муроду Саидсабуру Абдуваҳҳоб аз тарафи мухолифин ба қатл расонда мешаванд.

Шариф АБДУРАҲМОНОВ, зодаи колхози "Коммунизм"-и ноҳияи Вахш. 7-уми июли соли 1992 дар муҳорибаи совхози ба номи Кирови ноҳияи Вахш ба қатл расонда шуд.

Саидбурҳон НАСРИДДИНОВ, 10. XI. 1969 с. дар деҳаи Бӯрёбофони Шӯрои қишлоқи Қизилқалъаи ноҳияи Ғозималик ба дунё омадааст, миллаташ тоҷик, маълумоташ миёна, аъзои ФХТ. 14. 10. 1992 с. аз тири душман дар қишлоқи Қизилқалъа шаҳид гардид.

Абдусалом ХОЛОВ, соли таваллудаш 1925, зодаи деҳаи Қудуқ, Шӯрои қишлоқи Даҳанакиик, ноҳияи Ғозималик, аъзои ФХТ, Аз тарафи мухолифин ваҳшиёна ба қатл расонда шуд.

Рустамҷон ҚАЮМОВ,
соли таваллудаш 1970, зодаи ноҳияи Шаҳритус, миллаташ тоҷик, маълумоташ миёна, соҳиби 2 фарзанд. Дар яке аз ҷангҳо дар ноҳияи Колхозобод сахт ярадор гардида дасти рост ташро аз китф гум кард.

Талъатҷон МИРУСМОНОВ (Толик танкист), соли таваллудаш 1968, зодаи деҳаи Лакати шаҳри Ӯротеппа, вилояти Ленинобод, миллаташ ӯзбек, маълумоташ олӣ, лейтенанти калони полки ҳарбии шаҳри Қӯрғонтеппа, командири взводи танкҳо. 9. 03. 1994 с. дар ағбаи Фахробод аз тарафи қӯтилони миллат ваҳшиёна ба қатл расонда шуд.

"Ҳазратам, ба иҷрои фармонатон тайёрам!" гуфта, яке аз силоҳбадастон, ки ҷавони қадбаланду ришдори чӯтур буд, кордро аз ғилофаш бароварда, бо як чолокие, ки ҳатто қассобони саллоҳхона надоранд, каллаи Абдусаломро тофта, забони ӯро берун кашида буррид.

Наузамбиллоҳ! Ин ваҳшоният буд!! Чунин муносибати бераҳмонаи инсон нисбати инсонро то бад-ин рӯзгор касе надида ва нашунида.

Он беҳаё забонеро буррид, ки бо он номи худованди кариму ҳазрати Муҳаммади мустафо саллаллоҳу алайҳи вассалам ва сураҳои Қуръони маҷидро Абдусалом такрор мекард.

Забонеро буррид, ки вирдаш мудом калимаи шаҳодат буд!

Забонеро буррид, ки бо он дар ҳаққи мардум дуои нек мекард!

Забонеро, бурид, ки мардум боре ҳарфи нохуш аз он нашунидаанд! Он забоне, ки солҳои дароз ба мардум, фарзандону наберагонаш суханҳои ҷолибу пур аз панду насиҳат мегуфт, ба дасти ҷоҳиле, модарбахатое, беномусе, хунсое буррида гардид! Вале "ҳомиёни" дини мубини "ислом" ва нерӯҳои "демократӣ"-ро ин ҳам ором нагардонд. Онҳо бо фармони мулло Зубайдуллоҳ аз куҷое мошинеро оварданд, тани ба хуну хок оғӯштаи бе забону гӯшу бинии мӯйсафед Абдусаломро, ки нафасҳои охирин мекашид, чун халтаи чакка ба мошин бор карда, онро ба маркази ноҳия, назди ҳайкали В. И. Ленин оварда, сарнишеб ба замин партофтанд.

Ҳамон рӯз хурду калон, пиру барно дар шаҳраки Обикиики маркази ноҳияи Ғозималик аз дуру наздик шоҳиди воқеаи то ҳанӯз гӯшношуниду чашмнодид гаштанд. Онҳо шоҳиди он гардиданд, ки инсон аз дарранда ҳам хунхортар ва табоҳандештар будааст, ки номи инсонӣ барои чунин тоифа ҳаром бод!

Дастаи хуношоми "ҷенерали мардумӣ" қорӣ Қиёмиддини Ғозӣ ҳама ҷаллоду хунхори хақиқӣ будааст. Ин даста, воқеан, ба сурат одамӣ бошанд ҳам, ба сират даду даррандагоне беш набудаанд. Даррандахӯйии ин дастаро кирдори палидонаашон ба исбот мерасонад.

Сокинони маркази ноҳия амалиёти ин тоифаи бадзотро дида хун мегиристанд, вале дар ҷавоби ин даҳшат дар он лаҳзаҳо аз дасташон коре намеомад. Чаро ки ҳанӯз яроқу лавозимоти ҷангӣ надоштанду чун Тағойхон Шукуров ҷавонмардони сарсупурдаи миллат ба мадади онҳо нарасида буд.

Онҳо агарчӣ ҳамон рӯз борҳо ба роҳбарони вилояти Қӯрғонтеппа ва ҷумҳурӣ сим зада, дасти ёрӣ мепурсиданд, вале

арконнишинон гӯшҳои пунбадори хешро манқуртвор зери тоқӣ пахш намуда, гӯё чизеро намедиданду намешуниданд, ки касе аз ишон майлу рағбати ёрии ин аламзадагонро дар дилу дида намепарварид.

Охир, кӣ ҳам меомад, аз кадом давлат? Бо кадом қувва? Қувваҳои асосии давлат комилан таҳти назорати мухолифин гузашта, ба ҳар атса доданаш. "Лаббай, ҳазратам!" гуфта, рӯ ба суқуд меовард. Роҳбарони қумҳурӣ бошанд, зери назорати фундаменталистони ваҳҳобӣ ва "демократ"-ҳои ҷоҳу мансабталаб таҳти садои автомат сарҷунбонандаву дингилакравон рақси шайтононае мекарданд. Ин шабаҳҳои таърихи нангини миллат танҳо дар даву ғеҷи он буданд, ки ҳарчи тезтар ғалабаи мутлақ насиби мухолифин гардаду ба ишон устухони сергӯште бирасад. Ноинсофиву намакбаҳаромӣ аз ин ҳам зиёд мешавад?! Охир, куҷо шуд имону виҷдони арконнишинон?! Барои мухолифин ҳама роҳҳо боз буда, тамоми амалиёташон аз ҷониби палидкурсинишинони қумҳурию вилояти Қӯрғонтеппа бо шодбошиҳову кафкӯбиҳо ва аҳсанҳову боракаллогӯиҳо пазируфта мешуд.

Баъди ин ҳама даҳшат бо фармони "ҷенерали мардумӣ" қорӣ Қиёмиддини Ғозӣ ҳама "шербачаҳо"-и мухолифин рӯ ба рӯи ҳайкали Ленин саф оростанд, сипас аз автоматҳову пулемётҳо ба сӯи ҳайкали В. И. Ленин бенизомонаву даррандаворона борони тирро рехтанд. То даме тирпарронӣ намуданд, ки сари ҳайкал аз тан ҷудо шуда ба замин афтод. Сипас боз ба лагадкӯб намудани сари ҳайкал ва Абдусалом, ки нафасҳои охирин мекашид, шурӯъ карданд.

Галаи ноҷинсони ваҳҳобӣ, экстремизми исломӣ ва "демократия"-и дайду аз кори зишти ба зуҳур пайвастаи худ ба завқу рағбат сархушӣ намуда, бо сару садоҳои даҳшатбор қоҳ-қоҳ механдиданду якдигарро ба оғӯш гирифта мебӯсиданду "кофарро занед!" мегуфтанд. Бо ин ҳам дили онҳо таскин наёфта, ғазабашон паст нагардид. Боз "ҷенерали мардумӣ" қорӣ Қиёмиддини Ғозӣ ба сарбозон рӯ овард, нӯёкзанону шавқункунон сару садо баланд кард:

— Сари ин кофарро аз тан ҷудо сохта, дар назди доҳияш бигузоред!

Дарзамон яке аз ҷаллодони мухолифин, ки риши дарози сиёҳ дошт, "ба чашм, ҳазратам!" гӯён, кордро аз ғилоф кашида, "оллоҳу акбар!" гӯён кордро алвонҷ дода, ба назди тани хунолуди Абдусалом Холов, ки ҷӯлидаи хуну хок буд, омада "Ҳа, ту коммунисти сурх, ту кофири беимон" гӯён, сари ӯро ба мисли сайд аз тан ҷудо намуда, зери ҳайкал ҳаво доду гуфт:

— Ҷазои туву пешвоят ҳамин аст. Қасам ба номи ҳазрати Абдулваҳҳоб, ҳамаи тарафдорони майдони Озодиро чунин тақдири талх интизор аст! Вале аз ёд баровард, ки ҳазрати Мавлавӣ фармуда:

Кулоҳ каж биниҳӣ ҳамчу моҳу нурат нест,
Бирав, бирав, ки гирифтори ришу дасторӣ.
Чӣ гуна барқӣ охир, ки кишт месӯзӣ,
Чӣ гуна абрӣ охир, ки санг меборӣ.
Чу сайди доми худӣ, пас чӣ гуна сайёдӣ,
Чу дузди хонаи хешӣ, чӣ гуна айёрӣ?!

Чунин саҳнаи мудҳишро мардум ба чашми сар диданд. Он ваҳшоният, ки "мӯъмину мусулмон" нисбати мӯъмину мусулмони ҳаммиллату ҳамдини худ раводидаро мушоҳида карданд, он ҳама алфози қабоҳатзоро мардум ба гӯши худ бишниданд, то ба зуҳур пайвастани ваҳшоният касе дар ёду хаёлаш намеовард, ки аз дасти фарзанди инсон чунин нохалафӣ ва қабеҳиву беимонӣ ба амал мепайвандад!

Боз ба дасти чӣ гуна инсон? Ҳамон инсоне, ки худҳоро ҳомии дини мубини ислом, покдорандагони Қуръони маҷид меҳисобанду баҳри тозагии он гӯё муборизa мебаранд. Ҳамон инсононе, ки аз Қуръони маҷид ва тарзи азоби дӯзах "бохабаранд". Бо умеди вориди биҳишту ба ҳурҳои он сазовор гардидану роҳаташро дидан бо заҳмати зиёде Қуръони маҷидро аз бар намуда, қории Қуръон шудаанд...

Ба зиёрати хонаи Каъба, ба умеде, ки ҳаҷҷашон ба даргоҳи худованди карим кабул гардад, рафтаанд. Онҳо тоату ибодат намуда, гӯё ҳар рӯзе ба оллоҳи таъоло панҷ вақт розу ниёз мегӯянд, намози фитр мехонанд, сӣ рӯзи моҳи шарифи рамазон рӯза мегиранду қурбонӣ мекунанд.

Пас, ин чӣ гуна мусулмонист? Чунин куштори ноҳақу ноадолат зимни кадом сураи Қуръон, оёту ҳадиси пайғамбар — Муҳаммади мустафо мувофиқат дорад! Не, бовар намекунам! Ин зумра, наузамбиллоҳ,мусулмон нестанд, хиёнатгари дини мубини ислом ва Қуръони маҷиданд, ки итминон дорам, зимни роҳнамоии корандагони тухми низоъ андаруни мафкураи иддае ватандорони мо ҷойгир шудааст.

Дар ҳадиси 23 пайғамбари Худо-ҳазрати Муҳаммади мустафо саллаллоҳу алайҳи васаллам омадааст: "Иҷтани буссабъал мувбиқати. Ашширку биллоҳи вассиҳру ва қатлун науси аллатий ҳарамаллоҳу илло биҳаққи ва ақлуррибо ва ақлу молил ятими ватаваллий яамал заҳви ва казфул муҳсанатил мӯъминатил ғофилат. Яъне, аз ин ҳафт чизе, ки боиси ҳалокати шумост, парҳез намоед:

— ширк овардан ба худо;
— сеҳру ҷоду намудан;
— ноҳақ одам куштан;
— рибо ва моли ятим хӯрдан;
— ҳангоми муҳориба бо душман аз майдон гурехтан;
— занони мӯъмина ва афифаро ба зино иснод додан.

Баъд аз чанд рӯз аз тарафи дастаи мухолифин Тилло Сафаров ва Абирқул Абдулҳакимов ҳам ваҳшиёна ба қатл расонда шуданд. Тақдири талхи ин сарамардони асил, ки намунаи олии одамгарӣ, ҳалолкориву меҳрубонӣ, адлу инсоф ва меҳру вафо буданд, ба дигарон таъсир овард.

Баъди ин воқеаи мудҳиш хурду калони ноҳияи Ғозималик ба қорӣ Қиёмиддину муридони одамхӯри ӯ лаънат хонданд. Нисбати чунин ваҳшониятгарон шоир хуб гуфта:

Дил зи дастат то ки хатту холи дунё бурдааст,
Ақлу ҳушу илму фаҳматро ба як ҷо бурдааст,
Дину имону тараҳҳумро на танҳо бурдааст,
Балки рӯҳи одамият вақт бечо бурдааст,
Баски дар ваҳшатгарии хеш ҷуръат мекунӣ,
Зинда бошӣ, офаринат, хуб хизмат мекунӣ!

Бедолгариҳои дастаҳои хунхори эшони Қиёмиддину Зубайдуллоҳ ва Маҳмадшариф бо чунин ваҳшоният оғоз ёфта буданд ва дар сафҳаи таърих бо ҳарфҳои сияҳфом навишта хоҳанд шуд. Агарчӣ ин сиёҳкорон ҳам фарзандони ғозималикианд, ба сари халқи худ, мардуми бегуноҳ тирборони қабоҳат рехтанд, онҳо молу мулки одамонро ба ғорат мебурданд, хонаҳоро оташ зада, фарзандони поквиҷдони ин диёрро ваҳшиёна ба қатл расониданд. Қассобҳои хуношоми Қиёмиддину думравони ӯ шахсони мӯътабарро зинда ба зинда пӯст меканданду сар мебурриданд, ки ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳил алиюл азим!! Нисбати чунин ҳомиёни дини мубини ислом, ки бар ғазаби худованди карим, иншооллоҳ, гирифтор хоҳад гардид, дар ҳадиси 90-уми пайғамбари охируззамон ҳазрати Муҳаммад омадааст:

— **Изо шаҳарал муслиму ало ахийҳи салоҳан фало тазолу малоикатиллоҳи таоло талъануху ҳатто яшимуҳу.** Яъне, чун муслиме ба муқобили бародараш силоҳ бардорад, фаришгагони Худо ӯро лаънат мекунанд, то замоне, ки ин силоҳҳоро ба ҷояш барнагузорад.

Дар чунин вазъияти сангин ва шиддатнок гардидани амалиёти мухолифини ифротӣ дар вилояти Қӯрғонтеппа ва ҷумҳурӣ, ки дастаҳои Файзалӣ Саидов, Лангарӣ Лангариев,